АЪЛОХОН АФСАҲЗОД

# АДАБИЁТИ ТОҶИК



Китоби дарсӣ барои синфи 8

АЪЛОХОН АФСАҲЗОД

# АДАБИЁТИ ТОҶИК

Китоби дарсӣ
барои синфи

# 8

*Коллегияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст*

PLEIADES
PUBLISHING Inc.
2001



ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ

БИБЛИОТЕКА

# МУРОҶИАТ
# БА ХОНАНДАИ КИТОБ

*Дӯсти ҷавони ман. Бидон ва огоҳ бош, ки китоб дар радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва хирадмандони гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин арзишҳои зиндагӣ дониста, онро «аниси кунҷи танҳоӣ» ва «фурӯғи субҳи доноӣ» пиндоштаанд.*

*Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати ниҳоят зиёд аз чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зебо ва мазмуни баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳуруфчинон, рассомон, саҳифабандон ваноширон ранҷи бисёре кашидаанд, маблағи зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро азизу муқаддас донед, чун гавҳараки чашм онро эҳтиёт намоед. Китобро бо шавқу завқи беандоза мутолиа созед, аз мундариҷаи он донишатонро афзун гардонед ва бомаърифату соҳибхирад шавед!*

*Бидонед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.*

*Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳо таманно дорам.*

*Бо эҳтиром*
*Президенти Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон*

Э.
Раҳмонов

ББК 83.3тоҷик
А-90

Ин китоб аз тарафи Маркази татбиқи Лоиҳаи таҷдиди сектори иҷтимоӣ бо роҳбарии Барномаи Тараққиёти Созмони Миллали Муттаҳид, тавассути маблағҳои қарзи Бонки Осиёгии тараққиёт ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

*Муҳаррирони махсус:* А. Худойдодов ва Аббос Афсаҳзод.
*Муҳаррир* Баҳодур Раҳматзод.

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |

Муаллимони мӯҳтарам!

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишониии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ 45, Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

**Афсаҳзод Аълохон.**
А-90 АДАБИЁТИ ТОҶИК. Китоби дарсӣ барои синфи 8. - Соли 2001, 304 сахифа.

ISBN 1-931938-00-8

© PLEIADES PUBLISHING Inc., 2001
© НАШРИЁТИ "САРПАРАСТ", 2001

# МУҚАДДИМА

АДАБИЁТ ЧИСТ?

Адабиёт аз калимаи арабии адаб аст. Адаб маъноҳои зиёд дорад. Аз ҷумла, дар ибтидо ин калима маънои тартиб, нигоҳдошти хад ва риояи андозаи ҳар чизро доштааст. Ҳамаи маъноҳои пасин аз ҳамин маънои нахустин ибтидо мегиранд. Адаб, ки дар шакли ҷамъи умумиятёфтаи одоб низ серистеъмол аст, алҳол ба маънои хулқи нек, рафтори писандида, кирдори шоистаи таҳсин, ба ҷо овардани эҳтиром, хулоса, одоби қобили қабули ҳамагон фаҳмида мешавад. Бар замми ин, акнун адаб ба маънои ахлоқи ҳамида, некниҳодӣ, ҳусни муомила, илму дониш ва ҳунарест, ки дар вуҷуди шахсияте ҷамъ омада, ҷамъияти мавҷуда онро аз фазилатҳои беҳтарини инсон шумурда, ба ҷо овардани онро аз аъзои худ талаб менамояд. Дар даврахои пеш илмҳои оид ба адабиётро адаб мегуфтанд, ки аз арӯз, қофия, лугат, маонӣ, баён, бадеъ ва ғайра иборат буданд. Бо фаро гирифтани ин илмҳо шахс метавонист, ки худро дар сухан ва ҳусни калом аз халал ва нуқсон эмин нигоҳ дорад.

Адабиёт ҳамчун истилоҳ ба ду маъно: маънои умумӣ ва маънои ҷузъӣ фаҳмида мешавад. Адабиёт ба маънои умумӣ мафҳумест, ки маҷмӯи осори хаттӣ ва чопии ин ё он халқ, замони муайян ё тамоми инсониятро фаро мегирад. Маҷмӯи навиштаҳои роҷеъ ба ягон соҳаи илму донишро низ адабиёт мегӯянд, чун адабиёти фалсафӣ, адабиёти кайҳоннавардӣ, адабиёт оид ба кимиё, адабиёт роҷеъ ба Рӯдакӣ ва амсоли инҳо. Вале адабиёт ба маънои ҷузъӣ адабиёти бадеиро ифода мекунад ва ин вожа ба ҳамин маъно кор фармуда мешавад.

Тамоми адабиёти бадеӣ дар ду шакл навишта мешавад: наср ва назм. Наср каломи маънидори равон буда, ба он роман, қисса, ҳикоя ва ғайра, ки вазну қофия надоранд, дохил мешаванд. Назм бар замми мазмуну маъно вазну қофия дорад, бо санъатҳои бадеӣ бештар ороста мегардад. Эҷодкорони адабиётро адиб, сароянадагони назмро, ки номи дигараш шеър аст, шоир ва офарандагони насрро нависанда мегӯянд. Адабиёти тоҷик бо назми ҷаҳоншумул ва асарҳои алоҳидаи мансур дар олам машҳур аст.

Адабиёт як навъи ҳунар аст. Ҳунар, ки ҷузъи муҳими фарҳанги инсонист, шакли хоси шуури ҷамъиятӣ ва фаъолияти эҷодии инсонӣ мебошад, ки ба воситаи сувари хаёл зиндагӣ, воқеият ва ҳастиро дар асарҳои санъат инъикос менамояд. Фаъолияти хоси санъатофаринии инсонро эҷодиёт ва касони дорои чунин ҳунарро эҷодкор мегӯянд. Ҳар як намуди санъат барои худ воситаҳои хоси ифода ва тарзи инъикоси зиндагиро дорад. Масалан, рассом андешаи худро ба воситаи рангҳо, ҳайкалтарош ба воситаи таҷассуми пайкар дар ҷисме, бастакор ба воситаи оҳанг ифода менамояд. Ин навъҳои санъат бо дидан ва ё

шунидан дарк мегарданд. Бунёди адабиёт бар сухан гузошта шудааст. Яъне адабиёт хаёт ва ҳастиро дар шакли бадей ба воситаи сухан акс менамояд. Махз бо ҳамин хусусияти худ адабиёт аз намудҳои дигари санъат, масалан, аз мусиқию ҳай-калтарошӣ ва рассомӣ , фарқ дорад. Аз ин рӯ, адабиётро санъати сухан мегӯянд. Бо ёрии сухан тамоми тобишҳои фикр ва эхсосоти инсонро ифода кардан мумкин аст.

Адабиёти бадеъ аз эҷодиёти лафзии халқ-фолклор, ки хеле пештар аз адабиёти хаттӣ пайдо шудааст, оғоз меёбад. Фолклор лафзи англисӣ буда, маънои ҳикмати халқро дорад, зеро дар он зиндагӣ, орзуву омол ва нуқтаи назари халқ нисбат ба воқеият сабт гардидааст. Фолклор пояи адабиёти хаттиро ташкил мекунад. Дар дунё нависандае нест, ки аз ин сарчашма дар эҷодиёти худ баҳра нагирифта бошад. Адибони тоҷик аз Рӯдакӣ то нависандагони имрӯза аз ин ганҷинаи сухан баҳраҳо бардоштаанд.

**АДАБИЁТ ВА ИЛМ** Адабиёти бадей ва илм байни худ алоқаи зич доранд, чунки ҳарду воситаи дарёфти асрори олам, маърифати ҳастӣ, шинохти инсон ва дарки қонунҳои табиату ҷамъият мебошанд. Аммо илм, ки шакли асосии идроки олам аст, бо ёрии саналҳо, рақамҳо, бурҳон, далелҳо ва мафҳумҳои мантиқӣ қонуниятҳои табиат ва ҷамъиятро омӯхта, назария ва амалияи онро ба вуҷуд меоварад. Илм бо роҳи муқоисаю мубодила ва таҳлилу таркиб ба асли ҳақиқат расида, моҳияти ашё ва сиришти ходисаҳоро муайян менамояд. Дар илм ақл ва тафаккур ҳукмрон аст.

Адабиёт низ мисли илм қувваи бузурги маърифатдиҳӣ дошта, қодир аст, ки ба воситаи идроки бадеии олам ба ҳастӣ донишҳои амиқу дақиқ диҳад, дар байни халқ маърифату маданиятро паҳн намояд. Асарҳои барҷастаи адабиёт аз ҷиҳати маърифатомӯзии худ гоҳе аз рисолаи илмӣ паст намеистанд. Танҳо аз рӯи Шоҳномаи Абулқосими Фирдавсӣ эътиқодот, мазҳабҳо, фалсафа, муборизаҳои ғоявӣ ва ҳикмати халқҳои эронинажодро равшан дидан мумкин аст. Ғазалҳои Ҳофиз замони пуршарру шӯр, томоту риё ва орзую мақсади ҳамзамонони ӯро нишон медиҳад. Аз ин мисолҳо метавон фаровон овард.

Бо вуҷуди ин адабиёт аз илм дар тарзи тасвири ашёҳо ва ходисаҳо фарқи куллӣ дорад. Адабиёт ҳар чизеро, ки ба ақлу ирода, зеҳн ва ҳиссу тасаввур мегунҷад, вобаста ба олам мавриди тасвир қарор медиҳад.

Дар адабиёт нишон додани моҳияти инсонии зиндагӣ мақсади аслист. Адабиёт шавқро барангехта, бештар бо ҳис сарукор дорад. Бинобар ин асари бадей ҳар қадар, ки инсонро бо ҷустуҷӯҳои ӯ дар роҳи ишқ, озодӣ, истиқлол, баробарию бародарӣ, дарки моҳияти ҳаёт, расидан ба ҳақиқат, некӣ, адлу инсоф амиқтар тасвир намуда, эҳоси ӯро дар ин ҳолатҳо боварибахш нишон диҳад, ҳамон қадар қувваи таъсир ва қудрати ибратомӯзии он зиёд мешавад. Адабиёти қадим ва зубдаи он, ки дар Шоҳномаи Абулқосими Фирдавсӣ дарҷ гардидааст,

бо асотиру афсонаҳо пайванд буда, дар бораи зиндагии маънавии халқ, эътиқодоту тасаввури мардум роҷеъ ба некию бадӣ, хубию зиштӣ, хайру шар, муборизаи ҳамешагии байни ин ду қувва, беадолатиҳои замон, дунпарвариҳои даврон, ҷаҳонбинӣ, расму одат, хусусан дилбастагии офарандагони неъматҳои моддӣ ба замин, ки модари ҳақиқии инсон аст, маълумот медиҳад. Инъикоси муборизаи аҷдоди мо бар зидди истилогарони хориҷӣ, хусусан ба муқобили истилои юнониҳо бо сардории Искандари Мақдунӣ (асри IV пеш аз мелод) ва арабҳо (асрҳои VII-VIII) аз саҳифаҳои рангини ин адабиёт аст. Адабиёти асрҳои IX-XIX ва ибтидои асри XX бо мазмуни баланди худ, ки ғояҳои ватанпарастӣ, ҳақиқатҷӯӣ, истиқлолиятхоҳӣ, адолатгарой ва инсондӯстӣ мағзи онро ташкил мекунанд, ба маданияти умумиинсонӣ дохил шудааст. Осори намояндагони бузурги он - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино, Носири Хусрав, Умари Хайём, Саноӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Мавлавӣ, Ҳофиз, Ҷомӣ, Сайидо, Бедил, Аҳмади Дониш ва дигарон дар тамоми олам шӯҳрат доранд.

Адабиёти тоҷик, ки ҷузъи ҷудонопазири адабиёти ҷаҳон аст, бо тамоми адабиёти олам қонунҳои умумии пайдоишу инкишоф ва такомулу тараққӣ дорад. Вай сиришти ҷамъиятии одамизод, ангезаҳои ботинӣ, пиндор ва феълу атвори онро дар мисоли намояндагони халқ инъикос менамояд. Азбаски фаъолияти одамон ниҳоят гуногун ва олами маънавию ҳиссии онҳо ғанист, мазмуни адабиёти бадеӣ низ бисёрпаҳлӯст.

Ба ҳамин тариқ, адабиёт аз илм бо хаёлангезӣ, ки хусусияти муштараки тамоми намудҳои санъат аст, фарқ мекунад. Аммо адабиёт, ки санъати сухан аст, аз намудҳои дигари санъат имкони бештар дошта, мафкураи инсон, гуногунрангии олами воқеӣ, моҳияти ҳаёту марг ва рӯйдодҳои зиндагиро вобаста ба инсон тавассути сувари хаёли бадеӣ инъикос менамояд. Ба тарзи дигар гӯем, воситаи хоси ҳаётро таҷассум намудани адабиёт хаёлангезӣ аст, ки онро ба тоҷикӣ бадеият низ мегӯянд. Ҳамин бадеият, ки бо ғоянокӣ сифатҳои ҷудонопазири асарҳои санъатанд, ҷавҳари адабиёт ва санъатро ифода менамояд. Мо то алҳол ин мафҳум ва истилоҳро образнокӣ мегуфтем.

**ҲАҚИҚАТИ БАДЕӢ ВА ҲАҚИҚАТИ ТАЪРИХӢ (СУВАРИ ХАЁЛ ЧИСТ?)**

Сувар ҷамъи сурат буда, якҷоя бо хаёл, суратҳо, манзараҳо ва тимсолҳоеро, ки дар хаёл сохта мешаванд, ифода мекунад. Сувари хаёл воситаест, ки манзараҳои мураккаби зиндагии одамизодро дар асари бадеӣ таҷассум менамояд. Ба воситаи сувари хаёл хусусияти одамон - чеҳраҳои асарҳои бадеӣ, ки иштирок-кунандагони он ҳастанд, тимсоли чизҳо (палосу ҷиҳоз), манзараҳои табиат (пейзаж), ҳайвонот, чирмҳою ҷисмҳои осмонӣ ва ғайраҳо умумият ёфта, пардоз хӯрда, ҷамъбаст мегарданд. Ҳамин тасвири ҳаёт ба воситаи сувари хаёл асоси бадеият, пояи таҷассуми

бадеии зиндагиро ташкил мекунад. Сувари хаёли суруду мусиқӣ ба воситаи шунидан, ҳайкалҳою расмҳо ба василаи дидан, санъати театру синамо ва телевизион ҳам бо дидану ҳам бо шунидан идрок мегарданд. Аммо адабиётро, ки инъикоси ҳастӣ дар сухан аст, бевосита бо дидану шунидан фаҳмидан ғайримумкин аст. Дар ин маврид кас аз хондану шунидан сухан ва маънои онро дарк менамояд. Ҳақиқати бадеӣ маҳз дар образҳо шакли шайъӣ ва мафҳум гирифта, сувари хаёлу хислатҳои асари бадеӣ дар тасаввури кас воқеаҳоро муассиру зинда ҷилва дода, ба ин восита ба ақлу шуури инсон таъсир мерасонад. Дар ин роҳ адиб аз тавсиф, ташбеҳу муболиға, тазоду муқоиса ва санъатҳои бадеии дигар фаровон истифода мебарад.

Сарчашмаи сувари хаёл зиндагӣ буда, хаёлот шакли таҷассуми мазмуни ғоявии асари бадеӣ мебошад. Аз ҳамин сабаб нависанда зиндагиро бодиққат омӯхта, мушоҳидаҳои худро ҷамъбаст менамояд. Лекин ин мушоҳидаҳо ва ҷамъбастҳо на дар либоси далелу мафҳумҳои илмӣ, балки дар сурати тасвири зиндагии фардии одамон ва нигориши лавҳаҳои шартии ҳаёти ҷамъиятӣ сабт гардида, ҳақиқати бадеӣ, дунё ва ҳастиҳои шартиро ба вуҷуд меоранд.

Адабиёт оинаи ҳаёт аст. Аммо он нусхаи хира ва бехаракати зиндагӣ набуда, оинаест, ки манзараҳои саршори ҳастӣ ва ҳаракатро акс мекунонад. Воқеаҳои асарҳои бадеӣ, мумкин аст, ки дар зиндагӣ рӯй диҳанд ва ё такрор ёбанд. Вале рӯйбардори онҳо асари санъат нестанд. Аз ин рӯ нависанда ҳодисаҳои зиндагиро нусхабардорӣ накарда, онро мувофиқи ҷаҳонбинӣ, ният, мақсад, мавқеи ғоявӣ ва маҳорати нависандагии худ аз нав таҷассум менамояд. Санъати сухан ва офаридани хислатҳои инсонӣ фақат дар сурате ба дараҷаи бадеият мерасад, ки агар хусусияти ҷамъбасткунанда, мушобеҳат, умумиятдиҳӣ ва бофтаи бадеӣ ё тахаюли бадеӣ дошта бошад. Агар нависанда зиндагиию чеҳраи як одамро нигорад, ин танҳо нусхаи холиси он хоҳад буд ва аҳамияти маърифатию тарбиявӣ дошта наметавонад. Нависандаи ҳақиқатнигор дар офаридаи худ ҷиҳатҳои мушаххаси хислату рафтор ва андешаю афкори одамони зиёдеро ҷамъбаст намуда, дар шароитҳои типӣ характерҳои типӣ меофарад. Тарзи тасвир, сабки нигориш ва муносибат ба он дар давоми асрҳо тағйир пазируфта, инкишоф ёфта, аз қаҳрамонҳои асотирию мифологӣ ва афсонавӣ то ба дараҷаи инсонҳои воқеӣ расидааст. Рустам рамзи қувваи беназири ҷисмонӣ, паҳлавонию қаҳрамонӣ ва мағлубнопазирии инсон аст. Прометей - тимсоли шахсест, ки ҷонашро аз хизмат барои халқ дареғ намедорад. Заҳҳок - таҷассуми шоҳи золими хунхор мебошад. Дар шахсияти Ҳотами Той халқ дар бораи саховатмандӣ ва ҷавонмардӣ орзуи худро ифода намудааст. Чунон ки мебинед, сувари хаёл бо қудрати бадеии худ аз шахсоне, ки дар зиндагии воқеӣ вомехӯранд, хеле боло истода, ба симоҳои рамзӣ наздик мешаванд. Масалан, саргузашти Лайливу Маҷнунро ба хотир

оред. Онхо дар ишк ва сидку вафо чӣ қадар собитқадам ҳастанд. Дар адабиёте, ки бо методи реализм навишта шудааст, зиндагӣ ба воқеият хеле наздик тасвир мегардад. Масалан С. Айнӣ рӯзгор ва хислати судхӯри мумсик Қорӣ Исматро дар асоси симои Қорӣ Ишкамба гузошта, одат, табъу завқ, гуфтору пиндор ва рафтори тамоми табақаи судхӯрони Бухороро ҷамъбаст намуда, чеҳраи судхӯрони Осиёи Миёнаро ба қалам овардааст, ки хуни меҳнаткашонро мемакиданд.

АҲАМИЯТИ АДАБИЁТ ДАР ИНКИШОФИ ҶАМЪИЯТ

Адабиёти бадеӣ, ки чун оинаи инъикоси ҳаёти воқеӣ ҳодисаҳои ҷамъият, зиндагии иҷтимоии давр, афкор ва ҳаёти маънавии халқро ба воситаи симоҳои бадеӣ таҷассум менамояд, натанҳо донишро зиёд мекунад, балки ба ақлу ҳисси хонанда таъсир мерасонад. Он қодир аст, ки ҳисси шодмонию ҳаяҷон ё баръакс ҳиссиёти нафрату эътироз ва ноқаноатмандиро ба вуҷуд орад. Эҳтиросоти эстетикӣ[1], ки ба туфайли адабиёти бадеӣ ба вуҷуд меояд, барои идроки зебошиносии олам, муносибатҳои гуногуни инсон ба ҷамъияту табиат ва дарки ғояҳои ҷамъиятӣ кӯмак расонда, касро водор менамояд, ки ба ҳодисаҳои зиндагӣ муносибати фаъолона дошта бошад. Адабиёти бадеӣ мадад мерасонад, ки ба воқеаҳо, ашё ва атроф бо меъёри зебоӣ нигариста, дар зиндагии воқеӣ хубиву зиштиро бинад, ба воқеаю рӯйдодҳои мусбат шарик шуда, ба онҳо рағбат ва муҳаббат зоҳир намояд, дар муборизаҳо барои беҳбудӣ далеру тавонотар шавад. Симоҳои манфӣ ва ҳодисаҳои иртиҷоии зиндагӣ нисбат ба тартиботи зиддиинсонии ҷамъият - хусумат, бадию разолат, зулму бандагӣ, ситаму ҷавр, ҷангу хунрезӣ, хиёнату ҷиноят, танбалию бекорӣ, бухлу дурӯғ, ҳасаду рашк, нифоқу низоъ ва қабоҳатҳои дигар адоват парварда, барои аз зиндагӣ берун андохтани онҳо ёрӣ мерасонад. Ба тарзи дигар гӯем, тавассути адабиёт маърифати ҳаётӣ тобиши завқӣ гирифта, хонанда бо таъсири адабиёт, ки таҷрибаи зиндагӣ ва орзуи халқро дар шакли ҳикмати рӯзгорон сабт намудааст, сарвати маънавӣ ва фазилатҳои хешро афзун мегардонад. Адабиёти асил дар тарбияи инсон, адаб омӯзондани он, вазифашиносиву шаҳрвандӣ ва огоҳии шахс, дарёфти идеал, парвардани ҳисси ватандӯстӣ, халқпарварӣ, меҳнатқаринӣ, боинтизомӣ, поквиҷдонӣ, ростқавлӣ ва фурӯтанӣ, хулоса дар тарбияи ахлоқ, ҷаҳонбинии илмӣ, зебописандӣ ва завқи солими одамон мадад мерасонад. Нерӯи завқбахшӣ, тарбиявӣ ва аҳамияти зебописандии адабиёт, ки аз зиндагӣ сарчашма гирифта, дар навбати худ ба пешрафти ҳаёт ва инкишофи ҷамъият мадад мерасонад, аз он иборат аст, ки кас ғояҳои наҷиби онро на танҳо бо ақл, балки бо ҳис ва бо дил қабул менамояд. Таъсири завқии адабиёт ба воситаи қувваи ҳиссии он ҳувайдо мегардад. Таъсири ҳиссӣ мумкин аст, ки аз тамоми асар ва

[1] **Эстетика** - аз калимаи "эстезис", ки маънояш идроку эҳсос буда, илмест оид ба зебописандӣ.

Азбаски вай дар калъаи сарҳадӣ мезист, дар ҷангҳо иштирок мекард, паҳлавониву қаҳрамониҳо нишон медод. Бинобар ин, вакте Ҳаҷири диловар ба дасти Сӯҳроб асир афтоду аз ӯ зинҳор хост,

Чунон нангаш омад зи кори Ҳаҷир
Ки шуд лола рангаш[1] ба кирдори кир[2].

Ва либосҳои ҷанг пӯшида, ба ҷанги Сӯҳроб баромад:

Ба пеши сипоҳ андар омад чу гард,
Чу раъди хурӯшон яке вайла[3] кард,
Ки гурдон кадоманду ҷанговарон,
Далерону корозмуда сарон!

Вай дар ҷанг низ чолокиву чустӣ нишон дода, аввал

Ба Сӯҳроб бар тирборон гирифт,
Чапу рост ҷанги саворон гирифт.

Чун Сӯҳробро дид,

Камони базеҳро ба бозу фиганд,
Самандаш баромад ба абри баланд.
Сари найзаро сӯйи Сӯҳроб кард,
Инону синонро пур аз тоб кард.

Вале Сӯҳроб паҳлавони оддӣ набуд, зӯру тавонаш аз Рустам ҳам бешӣ дошт. Бинобар ин Гурдофаридро

Зи зин баргирифташ ба кирдори гӯй,
Чу чавгон ба захм андар ояд бал-ӯй.

Дар ин маврид Гурдофарид бо чустии тамом тегро аз миён гирифта, найзаи Сӯҳробро ду пора кард ва ба асп савор шуда, роҳи гурезро пеш гирифт. Сӯҳроб аз паси ӯ асп тохта, дарёфт ва хӯдро аз сараш бардошт:

Раҳо шуд зи банди зиреҳ мӯйи ӯй,
Дурафшон чу хуршед шуд рӯйи ӯй.

Сӯҳроб дид, ки ҳарифи ӯ духтар аст, аз духтарони ҷанговари Эрон дар ҳайрат афтоду ба воситаи каманд ӯро ба банд овард. Гурдофарид дид, ки бо зӯрӣ дар муқобили Сӯҳроб истода наметавонад, роҳи фиреброо пеш гирифт. Вай ба Сӯҳроб гуфт, ки агар ман рӯйу мӯямро кушоям, лашкари ту мебинаду туро масхара мекунад, ки бо духтаре ҳамин қадар ҷангид. Беҳтар он, ки оштӣ шавем, дижу лашкар таслимат хастанд, чунон ки дилат мехоҳад, биёву бигир. Ва дар ҳамин вақт чеҳраи худро ба Сӯҳроб боз намуд:

Чу рухсора бинмуд Сӯҳробро,
Зи хушоб бикшод уннобро.
Яке бӯстон буд андар биҳишт,

---

[1] **Лола рангаш** - ранги сурхаш, ранги лолагунаш.
[2] **Кир** - сиёҳ.
[3] **Вайла** - гурридан.

Таърихи адабиёти тоҷик роҳи тайкардаи адабиёти ин халқро ба тарзи мураттаб аз замонҳои қадим то рӯзҳои мо меомӯзад. Адабиётро ба воситаи таҳлили мазмун, ғоянокӣ, воситаҳои тасвири бадеӣ, хусусиятҳои шаклӣ, таносуби ҷузъӣ ва иртиботи он бо зиндагӣ чун санъати инсоншиносӣ таҳқиқ намудан вазифаи назарияи адабиёт аст. Назарияи адабиёт инъикоси шеваҳои хоси зиндагӣ ва таҷассуми ҳаёти иҷтимоӣ ба воситаҳои сувари хаёл, моҳияти шартӣ ва рамзии адабиётро омӯхта, вобастагии ғоянокии онро бо ҷаҳонбинии нависанда ва мафкураи ҳукмрони ҷамъияте, ки эҷодкор дар он ҳаёт ба сар бурдааст, тадқиқ менамояд. Муайян кардани ягонагии шаклу мазмун, маҳорату услуби нависанда, дараҷаи тахайюли офарандагии нигоранда низ вазифаи назарияи адабиёт аст. Танқиди адабӣ моҳияту мавқеи адабиёт ва асарҳои алоҳидаи адабиро мувофиқи талаботи рӯз таҳлил менамояд.

Адабиёти тоҷик шакли мухтасару ибтидоии илми адабиётшиносӣ буда, барои дарки масъалаҳои муҳими адабиёти бадеӣ таъин гардидааст.

# АДАБИЁТИ ҚАДИМ

## МАФҲУМИ АДАБИЁТИ ҚАДИМ

Адабиёти қадими халқи тоҷик адабиётест, ки таърихи беш аз 3000-сола дорад. Ёдгориҳои боқимондаи ин адабиёт аз замони пайдоиши хат ва алифбо дар байни қавмҳои эронинажод арзи вуҷуд намуда, то асрҳои VII-IX мелодӣ ба забонҳои қадими эронӣ эҷод гардидаанд. Ин забонҳои қадими эронӣ ва забонҳои миёнаи эронӣ-паҳлавӣ, порсӣ, сакоӣ, суғдӣ, хоразмӣ ва амсоли инҳо бо мурури замон такмил ёфта, кӯҳна шуда, аз байн рафтаанд, то забони кунунии форсии дарии тоҷикӣ ҷойгузини онҳо шавад.

Адабиёти қадими халқи тоҷик дар тӯли асри XII пеш аз мелод то асри IX мелод таълиф гардида, яке аз қадимтарин адабиётҳои бостонии ҷаҳон аст. Вобаста ба раванди тараққиёти халқ, инкишофи ҷомеа, дараҷаи рушди маънавиёт, сатҳи фарҳанг, такомули забон, пайдоиши хату алифбо ва умуман сайри хоси таърихии ҳар қавму миллат адабиёти қадимии ин ё он халқ ба вуҷуд меояд. Барои муқоиса метавон хотирнишон намуд, ки қадимтарин адабиёти ҷаҳон, ки тақрибан 5000 сол пеш аз ин ба майдон омадааст, ба шумерҳо, аккадҳо, бобулиҳо ва ошӯриҳо тааллуқ дорад. Маҳалли сукунати ин қавмҳо Байнаннаҳрайн, яъне мобайни дарёҳои Даҷла ва Фурот буд, ки акнун хоки Ҷумҳурияти Арабии Ироқ ба шумор меравад. Маҳз ҳамин қавмҳо дар ҳудуди ҳазорсолаҳои чаҳорум ва сеюми пеш аз мелод дар таърихи инсоният нахустин бор хатро ихтироъ намуданд. Мифҳо ва гимнҳои онҳо дар

ҳамон давр навишта шудаанд. Ёдгориҳои куҳансолтарини адабиёти Мисри қадим низ зодаи ҳамон замон буда, инкишофи он то асри III мелод давом кард. Адабиёти қадими Чин дар асрҳои XI-VI пеш аз мелод арзи вуҷуд намуда, ба суннатҳои беш аз 3000-сола соҳиб аст. Адабиёти қадими ҳиндӣ аз ҷиҳати пайдоиш ба адабиёти қадими Чин ҳамзамон буда, намунаҳои бузурги он дар ҳудуди ҳазорсолаҳои дуввум ва якуми қабл аз мелод эҷод гардидаанд. Албатта, шумо Ригведа, Рамаяна ва Маҳабҳаратаро шунидаед. Анъанаҳои адабиёти қадими ҳиндӣ қариб 2000 сол давом намуд. Наметавон аз адабиёти антиқаи Юнони қадим ном набурд. Бузургтарин достонҳои олами мутамаддин Иллиада ва Одиссея дар асри VIII пеш аз мелод дар ҳамин адабиёт ба вуҷуд омадаанд. Гессиод, Эсхил, Софокл, Еврипид, Аристофан, Эзоп намояндаҳои барҷастаи адабиёти антиқаи Юнони қадим мебошанд, ки дар асрҳои VIII-V пеш аз мелод ҳаёт ба сар бурдаанд. Давоми ин адабиёт ба адабиёти бостонии Рими қадим пайваста, то асри V мелод идома ёфт.

Барои ҳар халқ ва ё гурӯҳи халқҳои ҳамаҷдод мафҳуми адабиёти қадим аз ҷиҳати давру замони пайдоиш ва умри худ аз ҳамдигар тафовут дорад. Масалан, адабиёти қадими халқи рус маҳсули асрҳои XI-XVII мелодӣ аст. Ҳарчанд алифбои славянии кириллӣ дар асри IX мелод ихтироъ шуда буд, ин халқ то асри XVII ягон суханвари мумтоз ба камол нарасонидааст. Ҳамаи асарҳое, ки дар тӯли ин 600-700 сол эҷод гардидаанд, ривоятӣ буда, муаллиф надоранд. Асосгузори адабиёти классикии рус А.С. Пушкин (1799-1837) шинохта шудааст. Замони зуҳур ва мавҷудияти адабиёти қадими халқҳои туркнажод асрҳои XI-XV шумурда мешавад. Асосгузори адабиёти навини халқи ӯзбек Алишери Навоӣ (1442-1501) шогирди Абдураҳмони Ҷомӣ (1414-1492) буд. Адабиёти хаттии халқи қирғиз танҳо соли 1924 оғоз гардид. Ҳанӯз ҳам дар ҷаҳон халқҳое ҳастанд, ки адабиёти хаттӣ надоранд.

Ҳамаи халқҳо, қавмҳо ва мардумон адабиёти рангоранги ғании шифоҳӣ доранд. Адабиёти шифоҳӣ дар байни қавмҳо ва қабилаҳо аз замони шуур пайдо намудани инсон ба вуҷуд омада, ба фаъолияти меҳнатии одамон, урфу расм, эътиқодот ва муқаддасоти онҳо зич пайваста буда, бо рақсу суруд робитаи ҷудонопазир дорад. Адабиёти шифоҳӣ ҳамеша қабл аз адабиёти китобатӣ арзи вуҷуд намуда, чун асоси адабиёти хаттӣ хизмат мекунад.

Аз осори хаттии порсии бостони замони Модҳо катибаҳое боқӣ мондаанд, ки бо хати мехии бобулӣ сабт гардидаанд. Катибаҳои давраи Ҳахоманишиҳо низ ба хати мехист. Хати мехӣ аз чап ба рост сабт мегардид.

Катибаҳои зиёди қавмҳои эронӣ ба забони паҳлавии ашконӣ навишта шудаанд, ки он забонро **паҳлавонӣ, паҳлавӣ** ва **порсӣ** низ мегӯянд. Паҳлавӣ забони қавми Парсава, яъне портҳо буд, ки аз асри I қабл аз мелод то асри IV мелод дар Хуросон сукунат дошт. Хати

мазкур дар асоси хатҳои сурёнӣ ва оромӣ мураттаб гардида, аз рост ба чап навишта мешуд. Катибаҳои кӯҳи Бесутун, ки аввалин намунаи осори хаттии мардуми эронинажод аст, дар сари роҳи байни Кирмоншоҳу Ҳамадон, кӯҳи Алванд (наздикии Ҳамадон), нақши Рустам дар Истахри Форс, Шуш (Хузистон) ва Тахти Ҷамшеди наздикии Шероз ҳама ба забони паҳлавӣ эҷод гардидаанд. Ин ёдгориҳои хаттӣ вақоеъномаҳои салтанатӣ, аҳкоми дин, қиссаҳои ишқӣ ва дуоҳои зидди девонро фаро мегиранд. Дар Катибаи Пайкулӣ, ки ба забонҳои форсии миёна ва партӣ дар сарҳади Эрон ва Ироқ сабт шудааст, воқеаҳои шоҳаншоҳи сосонӣ Нарса (293-302) дарҷ гардидааст. Корномаи Ардашери Бобакон, ки дар нақши Рустам сабт гардидааст, саргузашти Дорои I (522-486 қабл аз мелод), Хашиёршоҳ (486-465 қабл аз мелод), Куруши Кабир (558-529 қабл аз мелод), писари ӯ Комбиз (529-522 қабл аз мелод) ва шоҳи нӯҳуми хахоманишӣ Доро (336-330 қабл аз мелод)-ро фаро мегирад.

Забони адабиёти ин давраро ба тарзи шартӣ забони форсии қадим мегӯянд. Гурӯҳи дигари забонҳое, ки ба онҳо адабиёти ғании Эрони бостон аз ибтидои солшумории нав, яъне дар асрҳои I-IX мелодӣ эҷод гардидаанд, низ ба тарзи шартӣ забонҳои форсии миёна хонда мешаванд. Ин забонҳо паҳлавӣ, партӣ, порсик, бохтарӣ, хутании сакоӣ, суғдӣ ва хоразмӣ мебошанд, ки аксар хат, вожаҳои зиёд, сохтори сарфу наҳв, талаффузи муштарак доштанд. Навъҳои адабиёт, мазмунҳо, асотир, достонҳои ҳамосавӣ барои соҳибони ин забонҳо умумӣ буданд. Катибаҳои забонҳои форсии миёна намунаҳои қадимтарини ин адабиёт буда, дар онҳо саргузашти подшоҳон, вақоеъномаҳои аҷдоди онҳо, достонҳои ҳамосӣ, мубориза барои ҷорӣ намудани дин ва амсоли инҳо сабт гардидаанд.

## Асотир

Эрониёни бостон асотири ғанӣ доштанд. Асотир-ҷамъи калимаи устура буда, он бо вожаи русии история як реша ва як манбаъ дорад. Маънои устура таърих ва ривоят аст. Дар ин навъи ривоятҳо афсонаву нақл ва ривоятҳои гузаштагон, тасаввуроти одамони қадим оид ба ҳодисаҳои асрорангези табиат, қиссаҳои хаёлӣ, эътиқодот ва саргузашти бофтаи қаҳрамонҳо инъикос гардидаанд. Раъд, барқ, хоб ва амсоли инҳо дар устураҳо ба тарзи содда, вале асрорангез маънидод карда мешаванд. Махсусан тавчеҳи масъалаҳои пайдоиш ё дурусттараш офарида шудани одаму олам, ҳадафи ин офариниш, оқибати он ва сиришти зиндагӣ дар устураҳо мақоми бузург дорад. Аз куҷо омадаем, чаро омадаем ва ба куҷо меравем? Инҳо саволҳое ҳастанд, ки аз рӯзи пайдо шудани шуури инсонӣ ӯро барои фикр кардан водоштаанд. Дар ин роҳ ниёгони халқи тоҷик низ асрҳо баҳс пайваста, роҷеъ ба хилқати дунёи ҳастӣ, офариниши одам, пайдоиши

рустаниҳо, ҳайвонот, ҳашарот, фулузот, ҷисмҳои осмонӣ ва ғайра ривоятҳои дилангез эҷод намуда, дар хусуси як силсила худоёну нимхудоҳо, фариштаҳо, париён, паҳлавонон ва шаётин пиндори худро баён кардаанд. Хоса, инсон вақте ки дардро эҳсос намуд ва ба бисёр дардҳо дармон ёфт, миқдори асотир афзуд. Ҳамаи ин асотир манбаи кайҳонӣ ва осмонӣ доранд. Онҳо асрорангез будани ҳодисаҳои табиатро мефаҳмонанд. Пояи асотири ниёгони мо дар асоси набарди мутақобили ду нерӯи ба ҳам зид - қувваҳои некӣ ва нерӯҳои бадӣ устувор гардида, муборизаи доимии зидди якдигарии ин ду қувва сиришти ҳастӣ ва моҳияти маргу зиндагиро муайян менамояд. Қувваҳои некӣ дар шакли нур, рӯшноӣ, эзидон ва монанди инҳо зуҳур намуда, офаридгори ҳамаи онҳо Аҳура Маздо (Яздон) аст. Нерӯҳои бадӣ ба сурати торикӣ, зулмот, девҳо, шаётин, дурӯғ, дард, касофат ва дигар офатҳо амал карда, холиқи кулли онҳо Аҳриман аст. Талош бо Аҳриман заминаи тамоми эътиқодоти гузаштагони халқи тоҷикро ташкил мекард.

Минбаъд дар асоси ҳамин пиндор ҷодугарӣ, мазҳаб, ирфон ва фалсафа ба вуҷуд омад. Ҷодугарӣ ба пайдоиш ва инкишофи илмҳои ситорашиносӣ, нуҷум, ҳандаса ва тиб сабаб гардид. Мазҳаб эътиқодот, улуми динӣ, урфу одат, хурофот ва ахлоқи муайянро ба вуҷуд овард. Ирфон бештар доир ба маърифати инсон, шинохтани офаридагор, ҳадафҳои маънавӣ, риёзат, покии бадан, озодии рӯҳ, ҷустуҷӯи ҳақиқат ва баргаштану расидани инсон ба асли хеш баҳс мекунад. Асли инсон худост. Рӯҳи инсон порае аз рӯҳи мутлақ буда, баргаштан ва пайвастан бо ӯ орзуи инсон аст. Модари тамоми донишҳо, кашфи қонуниятҳои илмӣ ва арзиши ҳастӣ баҳси фалсафа буда, бо баланд гардидани сатҳи фаҳмиши фалсафӣ ақоиди одамон таҳаввул меёбад ва рушд мепазирад.

Ниёгони халқи тоҷик Воруна (Осмон), Митра (Меҳр, Офтоб), Андро (Раъд, Тундар), Агнӣ (Оташ), Моруд (Бод) ва амсоли инҳоро мепарастиданд. Воруна падар ва Замин модар дониста мешуд. Митра дар санскрит парвардигори рӯшноӣ ва фурӯғ буда, дорандаи даштҳои фарох ва аспҳои тезрави ҷусту чолок мебошад, ҳаргиз намехусбад, фиреб намехӯрад. Мувофиқи эътиқоди бобоёни мо Миҳра, ки **Миҳра** ва **Меҳр** талаффуз мешавад, маънои офтобу хуршедро дорад, чун фариштаи рӯшноӣ, посбони ростиву паймон ва парвардигори аҳду пайванд шинохта мешавад. Меҳр худованди чарогоҳҳои паҳновар, сухани ақдас ва нигоҳдори осмон аст. Вай ба инсонҳо нур, гармӣ ва ҳаёт мебахшад. Вай чашми Воруна аст.

**ЗАРВОН.** Истилоҳи Зарвон ба маънои худованди замони азалию абадӣ, замони мутлақ ва макони бекарон, парвардигори ақлу ҳаёт ва мамот, офарандаи холиқи хайр Урмузд ва холиқи шар Аҳриманро ифода менамояд. Урмузд, ки баъдҳо ба Ҳурмуз ва сипас ба Аҳура Маздо табдил гардидааст, бо Аҳриман баробар халқ шуда, ҳар ду гавҳари ҳамзод ҳастанд, набарди нур ва зулмот ба василаи ин ду

кувваи азалӣ ва абадӣ амалӣ гардида, казову кадарро ба вуҷуд меоваранд. Қазову кадар омилхои такдирсоз мебошанд.

Монӣ (215-275) Зарвонро худои бузурги худ шинохта, ба Урмузд ҳамчун ба тобеъи Зарвон мегаравад. Зарвон дар ҳамин давра ба мартабаи илоҳӣ, вуҷуди воҷиб ва нахустин офаридгор пазируфта гардида, Урмузд ба ҳайси ҳастии хубу дуруст эътироф шуда, ӯ ки ридои сафеди рӯҳонӣ дар бар дорад, роҳбари рӯҳонии осмон шумурда мешавад. Ҳама корҳои ӯ хубу макбуланд. Аҳриман чун вуҷуди нопок манбаъи бадӣ буда, ҳама ҳаракату амали ӯ зишт ва номатлуб аст. Вай худ саркаш буда, ҷомаи хокистарранги ҳирсу ҳасад пӯшидааст. Ҳама офаридаҳои Ҳурмузро бо ёрии бодҳо, соика, гармо, сармо ва ғайра нобуд кардан мехоҳад.

Офарида шудани Ҳурмуз ва Аҳриман аҷиб буда, Зарвон аз хиради худ Ҳурмуз ва аз шубҳаҳояш Ахирманро халқ мекунад. Онҳо дар шиками Зарвон пайдо гардида, таваллуд мешаванд.

Ба акидаи зарвониҳо, ки пайравони таълимоти Зарвон ҳастанд, комёбиҳо аз бахт буда, сипеҳру кайҳон низ фанопазиранд. Фақат ҷавҳари аслӣ абадӣ буда, аз сурате ба сурате бармегардад ва ин табдили сурат ба воситаи тухма ва ҷанин шакл пазируфта, ҷон аз ҷисме ба ҷисми дигар ҳулул менамояд.

**КАЮМАРС.** Чандин устураҳои кадим дар бораи одами нахустин дар олам Каюмарс ё Говмард (Гайомарт) накл мекунанд. Ин ном аз вожаҳои авестоии **гайа** - зиндагӣ ва **мартийа** миранда таркиб ёфта, маъноящ зиндаи миранда мебошад. Айни ҳамин вожаҳо ба маънои **гов-гайа** ва **мард-мартийа** низ меоянд. Дар ин сурат номи Каюмарс чун Говмард пазируфта мешавад. Аввалин одами поку накӯкоре, ки Ахура Маздо офаридааст, ҳамин Каюмарс буд, ки шакли Говмард дошт.

Ин махлуқ гове буд бо сари одамӣ. Аҳриман бо ёрии кувваи дигари бадӣ фитна барангехта, Говмардро ба марг расонд. Бо ҳамин Аҳриман хост, ки тухми инсонро аз рӯи олам барчинад, тамоми офаридаҳои Ҳурмузро маҳв намояд, то ин ки торикӣ ва зулмот абадӣ ҳукмрон гардад. Мувофиқи хабари китоби “Бундаҳишн” Каюмарс пеш аз марг тухмаи хешро бар замин бимонд. Баъди чихил сол он ҷо ду ниҳоли ривоҷ рӯид, ки ҳар ду баробаркомату ҳамшакл буданд. Сипас онҳо бар сурати одамӣ даромаданд. Онҳоро Машйа ва Машйона гуфтанд, ки шабеҳи Одаму Ҳавво мебошанд. Онҳо мегаштанд, хӯрок мехӯрданд. Баъди панҷоҳ сол онҳо ба ҳам издивоҷ мекунанд. Зоти инсон аз ҳамин ду нафар пайдо шудааст.

Симои Каюмарс дар рафти таърих таҳаввул пазируфта, дар аввал он хислати куллидунёӣ дошт, ниҳоят дар Шоҳномаи Фирдавсӣ чун нахустин подшоҳи силсилаи Пешдодиён тасвир мешавад, ки 30 сол ҳукм ронда, ба одамон шикор, ром кардани ҳайвонот, пӯшидани либос, обёрӣ, парвариши гиёҳҳо ва амсоли инро ёд медиҳад.

**ҶАМШЕД.** Аввал ин ном Йима буд, ки маънои нуру фурӯғро дошт. Баъд ба он вожаи хшаҷа, ки шакли бостонии шед, яъне офтоб ва

хуршед аст, ҳамроҳ карда шуд. Мувофики Авесто ва баъдан Шоҳнома Ҷамшед подшоҳи додгустар буд. Дар замони ҳукмронии ӯ одамон пир намешуданд, бемориӣ ва марг набуд, хунукӣ, гармӣ, офату касофат вуҷуд надошт, инсонҳо бо фарогату осоиш зиндагӣ мекарданд, чорпоёну паррандагон меафзуданд, замин барои онҳо тангӣ мекард. Аҳура Маздо ба Ҷамшед асои тиллоӣ ва тозиёнаи хотамкорӣ бахшид. Бо кӯмаки Анаҳито ва ин асову тозиёна Ҷамшед заминро се баробар васеъ намуд, то бошандагони он бофарогат ҳаёт ба сар баранд. Ин тартиб ҳазор сол давом кард. Баъд Аҳура Маздо хабар дод, ки зимистони хунуке хоҳад омаду ҳама чоро барф хоҳад зер кард. Сипас барфҳо об шуда, ҳама ободониҳоро ба харобазор табдил медиҳанд. Ҷамшед мисли қалъа иҳотае сохт, ки он чоркунҷа буд ва ҳар тарафи он як дави асп дарозӣ дошт. Онро Вара номид. Он ҷо одамон ва аз зоти ҳар ҳайвон, паррандаҳо ва рустаниҳо як ҷуфтӣ ҷинсҳои беҳтаринро ҷой дод, оташи муқаддасро афрӯхт. Андаруни Вара иморатҳо сохт, кӯчаҳо бунёд намуд, гулгашту боғҳо тарҳ афганд, ҷӯйҳо кофт. Бо ин роҳ Ҷамшед мавҷудоти зиндаро аз нест шудан наҷот дод. Вале дар охир Ҷамшед аз ҳукмронии худ мағрур шуд, дурӯғ гуфт, манманӣ кард, худро худо хонд, осӣ шуд, аз фарри эзидӣ маҳрум гардид, ниҳоят Заҳҳок ӯро ба марг расонд.

Ҷамшед дар аввал бар зидди Аҳриман, девҳо ва офатҳо мубориза мебурд, ғолиб меомад, ба мардум бофандагӣ, истифодаи оҳанро омӯзонд. Як айби Ҷамшед он буд, ки ба одамон хӯрдани гӯштро ёд дод.

Баъди Ҷамшед Кова, Рустам, Сиёвуш ва дигар қаҳрамонҳои халқ зуҳур карда, барои тантанаи адолат мубориза мебаранд.

## Авесто

**ТАЪРИХИ ПАЙДОИШ** Яке аз қадимтарин ёдгориҳои адабиёти бостонии халқи тоҷик китоби муқаддаси Авесто мебошад. Аввал он ба тарзи шифоҳӣ аз ҷониби мубадони зардуштӣ аз даҳон ба даҳон мегузашт. Забони авестоӣ аз қадимтарин ва муҳимтарин забонҳои қадими эронӣ ба шумор меравад. Аз сабаби ба ин забон эҷод гардидани Авесто онро забони авестоӣ меноманд. Нахустин бор Авесто дар замони Дорои I (522-486 пеш аз мелод) таҳрир гардида, ба қайди китобат дароварда шуда буд. Аммо аз он таҳрир то замони мо осоре намондааст. Бинобар маълумоти китоби паҳлавии Шаҳристонҳои Эрон бо фармони шоҳ Виштосп Зардушт Авесторо дар 12 000 пӯсти гов бо хати тилло навишта, онро дар хазинаи оташкадаи шоҳаншоҳӣ ҷой дода буд. Он вақт Авесто ба 1200 фрагард, яъне 1200 боб ҷудо мешуд. Искандари Мақдунӣ соли 331-и қабл аз мелод ҳангоми истилои Форс он нусхаро сӯзонда, хокистарашро ба об партофт. Нусхаи дигари Авесто дар тахтачаҳои тилло навишта шуда буд. Онро Искандар ба ватани худ бурда, матнашро ба юнонӣ тарҷума кунонд.

Ниҳоят, дар охирҳои аҳди Хусрави Парвиз (590-628) таҳрири тозаи Авесто ба майдон омад, ки он Занд, яъне шарҳу тафсир номида шуд. Пеш аз ин дар асри IV барои сабти Авесто дар асоси хати оромӣ хати махсус ихтироъ гардида буд, ки **хати авестоӣ** номида мешуд. Он 44 ҳарф ва 3 шакли ду ҳарфи ҷуфтовоз дошт ва монанди хати арабӣ аз рост ба чап навишта мешуд. Ба ҳамин тариқ, Авесто дар тӯли қариб як ҳазору дусад сол чандин бор таҳрир хӯрда, суфта гардида, тағйир пазируфта, шакли мавҷудаи ҳозираро гирифтааст.

Тарзи навишту талаффузи Авесто дар асли паҳлавии он Апастак буда, маъноящ **асос** ва **матн** мебошад. Ин китоби муқаддас маҷмӯаи асотир, матнҳои динию мазҳабӣ ва масъалаҳои илму ахлоқ ва фалсафа буда, ба арзиши бузурги динӣ, адабӣ ва фалсафӣ молик аст.

Авесто бар замми усули дин ва аҳкоми ойини зардуштӣ, русуму воҷиботи он ва дуову ниёишҳо рӯйдодҳои таърихиро низ фаро мегирад. Аз ин ҷиҳат он ба қурби беҳамтои таърихӣ низ соҳиб аст.

Тамоми Авесто бо шеъри ҳиҷоӣ эҷод гардида, ҳар мисраъ аз панҷ то понздаҳ ҳиҷо буда, аглаби фиқраҳо аз бандҳои 3-5 сатрӣ таркиб ёфтаанд, ки аксари ин сатрҳо аз 10-11 ҳиҷо иборатанд. Унсурҳои қофия низ дар он шеърҳо ба назар мерасанд. Аммо санъатҳои ороиши бадеӣ, хусусан, тазод он ҷо зиёд аст.

**ҚИСМАТҲОИ АВЕСТО**

То алҳол ба мо ду таҳрири Авесто маълум аст. Таҳрири якум дар замони Сосониён муназзам гардида, ба 348 боб тақсим шуда, дар 21 китоб гирд оварда шуда будааст. Ин 21 китобро 21 наск мегуфтаанд, ки аз 350 000 калима иборат будаанд. Ин таҳрир то ба замони мо омада нарасидааст.

Нусхаи қадимтарини таҳрири дуввуми Авесто, ки соли 1278 рӯна-вис шуда, то замони мо боқӣ мондааст, чоряки таҳрири сосонии онро фаро гирифта, тамоми илми авестошиносӣ ва дониши инсоният дар хусуси ин ойин дар пояи ҳамин таҳрири Авесто қарор гирифтааст. Ин таҳрир ба панҷ бахши мустақил ҷудо шуда, тақрибан ҳовии 83 ҳазор калима аст. Ин бахшҳо чунин ном доранд: 1. Ясно. 2. Яштҳо. 3. Вандидод. 4. Виспарад. 5. Хурда-Авесто.

**ЯСНО**, ки маъноящ гиромӣ доштан, **ситоиш** ва **парастиш** буда, вожаи **ҷашн**и имрӯзаи тоҷикӣ низ аз он реша ба вуҷуд омадааст. Қисми муҳими Ясно аз Готҳо, яъне сурудҳо ва гимнҳое иборат аст, ки дар Авестои мавҷуда қисмати аз ҳама қадимтарин мебошад. Зардушт эҷодгари Готҳо дониста мешавад. Готро аввал госа мегуфтанд. Госа маънои сурудро дорад. Гот-гос-гоҳ-суруду оҳанг буда, он дар таркибҳои Дугоҳ, Сегоҳ ва ғайра имрӯз ҳам зинда аст.

Дар Готҳо доир ба пайдоиши некӣ ва бадӣ, ҳамчунин мубориза и доимии онҳо бо якдигар, дарбоисти асосии дини зардуштӣ дар бораи **пиндори нек, гуфтори нек** ва **кирдори нек**, Равони **Гов** ва **Офаридагори Гов**, зиндагии он дунё, офариниши инсони нахустин, ситоиши об,

кӯҳҳо, дархости мағлубияти девҳо ва дигар масъалаҳои ойину ахлоқ сухан меравад.

Готҳо баробари дуоҳо вазъи иҷтимоии ҷомеаи онрӯзаро низ хабар медиҳанд. Таркиби иҷтимоии зардуштиёнро ба се гурӯҳи зайл ҷудо мекунанд: 1) Рӯҳониён бо сардории мубади мубадон. 2) Авлод, ки дар ҷамоа ва ё дар ноҳияе қабиларо ташкил мекунад. 3) Иттиҳоди қабилаҳо, ки чун қавм бо сардории пешвоёнашон ва ё сипаҳсолорон дар сарзамине ё кишваре сукунат доранд. Беҳтарин тартиботе, ки ба василаи Ясно тарғиб мегардад, **арта вахишта** ном дошта, барои нерӯманд гардидани ҷомеаи барзгарону чорводорони муқимӣ, ободонии кишвар, ривоҷи кишт, тараққӣ додани чорводорӣ, баргардондани ҳуҷумҳои бодиянишинони роҳзан ва зидди дурӯғ нигаронда шудааст. Шоҳи одил аз ибтидои ҷамъияти синфӣ орзуи халқ буд. Ҳамаи нерӯҳои некӣ барои он офарида шудаанд, ки бо ҳидояти мубадони покниҳод ва сипаҳсолорони қавмҳо ба парастиши Аҳура Маздо, мадад ҷустан аз фариштагони некӯкор ва манфиати барзгарону чорводорон машғул бошанд, бо Аҳриман, Ажи Даҳок (Заҳҳок), мӯбадони дурӯғгӯ, ки карапатҳо ном доштанд, ба муқобили зулм мубориза баранд, барои инсони пок роҳи расидан бо орзуро наздик намоянд.

**ЯШТҲО** аз ҷиҳати мазмун ва сабк ба Ясно қаробат доранд. Аммо фарқи асосӣ он аст, ки ҳар як яшт ба як йазат (Яздон, Эзид) мансуб буда, ба Аҳура Маздо, Ардвисура Анаҳито, Меҳр (Хуршед), Баҳром ва амсоли инҳо хос аст. **Яшт** калимаи хоси авестоӣ буда, маънои **ситоиш ва ниёиш**ро дошта, ҳамагӣ 21 яшт то замони мо омада расидаанд. Дар ин қисмати Авесто низ аз асотиру ривоятҳои қавмҳои эронӣ зиёд ёд карда мешавад. Дар он зикр мегардад: "Худои бузург Урмузд (яъне Ҳурмуз. - *А.А.*) ин ҷаҳонро офаридааст ва заминро офаридааст ва одамро офаридааст".

**ВАНДИДОД** аз калимаи форсии миёнаи **видевдат**, ки аслан шакли вайроншудаи **"ви даево датем"** мебошад, ба вуҷуд омада, маънои **қонуни зидди девонро** дорад. Он аз 22 боб иборат буда, ин бобҳо фаргард ё афргард номида шуда, ба тариқи муколама иншо гардидаанд. Ин қисмати Авесто пурсишҳои Зардушт ва посухҳои Аҳура Маздоро фаро мегирад. Дар Вандидод роҷеъ ба Аҳриман, бод, борон, сармо, гармо, кишварҳои офаридаи Аҳура Маздо, асотир дар бораи Каюмарс, Ҷамшед ва ғайраҳо нақл карда мешавад.

Ба фармудаи Аҳура Маздо "Касе, ки гандум мекорад, тухми некӣ мекорад, вақте ки гандумро барои кӯфтан омода месозад, девонро арақ пахш мекунад, вақте ки онро ба осиёб мебарад, девон безобита мешаванд, вақте ки хамирро барои пухтан таёр мекунад, девон аз тарс ба доду афғон меоянд".

**ВИСПАРАД** аз калимаи авестоии **виспепратаво** гирифта шудааст, ки маъноящро бо тоҷикии имрӯза "ҳамаи доварон" гуфтан мумкин аст.

Аз ҷиҳати мазмун ин қисмат ба Ясно қаробат дорад. Он дуоҳоеро фаро мегирад, ки дар ситоиши Яздон ва ниёиш ба даргоҳи он хос буда, ҳангоми тоату ибодати зардуштиён тиловат мегардид. Виспарад аз 24 боб таркиб ёфта, он бобҳо карда номида мешаванд. Ин қисмати Авесто нисбат ба Ясно ва Яштҳо хеле баъдтар танзим гардидааст. Дар Виспарад Готҳо чун сурудҳои муқаддас ситоиш ёфта, ҳар ҷо-ҳар ҷо мисраъҳо ва бандҳои алоҳидаи Готҳо иқтибос оварда мешаванд.

**ХУРДА-АВЕСТО** аз ду калимаи авестоӣ хвартак (хурдак) ва апастак (Авесто) таркиб ёфта, баргузидаи тамоми Авесто мебошад. Онро дар замони Шопури II Сосонӣ (309-379) мубади мубадон Озарбади Маҳраспандон дар 21 наск тартиб дода буд. Он ба ҳашт бахш ҷудо мешавад. Хурда-Авесто дуоҳоеро фаро мегирад, ки ҳар як пайрави дини зардуштӣ онҳоро бояд бидонад ва ҳангоми ибодат ба забон ронад. Ҳамчунин, доир ба таквим, ҷашнҳо, одоби пӯшидани сару либос хабар медиҳад. Хурда-Авесто фушурдаи донишҳои аҷдоди моро аз таърих, ҷуғрофия, ҳуқуқ, тиб ва монанди инҳо фаро мегирад. Метавон Хурда-Авесторо қонуни ойини зардуштӣ номид.

## Ёдгориҳои хаттии давраи сосониён

Замони Сосониён (224-651) аз дурахшонтарин давраҳои рушду камоли адабиёти қадими халқҳои эронӣ, аз ҷумла ниёгони халқи тоҷик буд. Авесто дар ҳамин замон аз нав гирд оварда шуда, баргузидаи он дар шакли Хурда-Авесто, шарҳи он Занд ва тафсири шарҳи он Позанд тартиб ёфт. Достонҳои даврони ашконӣ Ёдгори Зарирон, Дарахти асурик ва Вис ва Ромин аз нав таҳрир гардиданд. Аз забони ҳиндии санскрит Калила ва Димна тарҷума гардида, асарҳои олими Юнони қадим Арасту Категория ва Аналитика аз юнонӣ ба паҳлавӣ баргардонда шуданд. Маҳз дар ҳамин замон намунаҳои барҷастаи андарзномаву пандномаҳо танзим ёфтанд.

**ЁДГОРИ ЗАРИРОН** Ин достон аслан маҳсули замони ашкониён буда, ба забони портӣ дар шакли шеъри шашҳиҷоӣ таълиф гардида, сипас дар замони Сосониён аз нав таҳрир шудааст. Мазмуни он чунин аст. Шоҳи Эрон Виштосп, ки Балх маркази он буд, дини Зардуштро мепазирад. Шоҳи Тӯрон Арҷосп аз Виштосп дархост менамояд, ки аз дини ботил даст кашад, вагарна бо ҷанг мамлакаташро хароб хоҳад кард. Ин пешниҳоди Арҷоспро Виштосп напазируфта, бо бародари худ Зарир маслиҳат мекунад. Сарлашкари далер Зарир бо лашкари анбӯҳе, ки аз тамоми мардони аз даҳ то ҳаштодсолаи кишвар тартиб ёфта буд, ба муқобили Арҷосп баромад. Аммо ҷодугар Видарафш бо найранг Зарирро кушта, аспи ӯро ба яғмо мебарад. Виштосп ба воҳима афтода, паҳлавонони мамлакати худро даъват менамояд, ки қасоси Зарирро бигиранд.

Писари ҳафтсолаи Зарир Баствар довталабона мебарояд, ки никори падари худро ситонад. Ӯ ба лашкари душман ҳамла оварда, часади падарашро аз иҳотаи душманон бароварда, мувофиқи ойини Зардушт ба роҳи охират мегуселонад. Баствар аспи падарашро низ баргардонда мегирад. Ҷомоспи хирадманд пешгӯӣ мекунад, ки Баствар ҷангро давом диҳад, зеро пирӯзӣ бо ӯст. Баствар дар корзор Видарафшро ба қатл мерасонад. Арҷосп эълон менамояд, ки ҳар касе Бастварро нест кунад, духтараш Зарастанро ба ӯ ба занӣ медиҳад. Виштосп нидо медиҳад, ки ба қаҳрамони корзор духтари худ Ҳумакро хоҳад дод. Баствар ҳамроҳи амакаш Спандат лашкари Арҷоспро мағлуб намуда, дасту пои ӯро шикаста, як чашмашро кофта гирифта, гӯшу биниашро бурида, ба хари бедум савор карда, ба зодгоҳаш мефиристад. "Сазои касе, ки ҷанг мехоҳад ҳамин аст", - мегӯяд ӯ.

Ёдгори Зарирон аз нахустин намунаи достонҳои размӣ ва қаҳрамонӣ буда, барои Дақиқӣ манбаъ ва барои Фирдавсӣ сармашқ шуда хизмат кардааст.

**ДАРАХТИ АСУРИК** Ин достон аз ҷиҳати пайдоиш ҳамзамони Ёдгори Зарирон аст. Дарахти асурик дар шакли мунозира таълиф шудааст. Он баҳси дарахти ошурӣ, яъне хурмо ва бузро фаро мегирад. Достон дар ҳаҷми 800 калима эҷод гардидааст. Дарахти хурмо ва буз дар он хусус баҳс мекунанд, ки кадоме аз онҳо ба одамон бештар нафъ мерасонад. Хурмо дар ситоиши худ мегӯяд, ки он дар кишвари Асурия мерӯяд, танаш хушк, болояш сарсабз, решааш мисли қанд ширин, мевааш ба монанди ангур, ки ҳама пур аз манфиат ҳастанд. Он худро чун ҷорӯбе, ки манзилро покиза мекунад, чун кафши чӯбини деҳқон, чун лонаи парандаҳо, соябони сари шоҳон дар тобистон, камони шикорчӣ муаррифӣ мекунад. Хурмо боз мегӯяд, ки ман қанди деҳқону асали подшоҳам ва боз меафзояд, ки "Чӯб аз ман кунанд, ки он ғарданатро бибӯсад. Мех аз ман кунанд, ки дар он сарнагунат овезанд. Ман дар оташ ҳезуме ҳастам, ки дар он сихкабобат кунанд".

Достон аз маҷоз, киноя ва зарофат шодоб буда, дар адабиёти минбаъда нақши муайян гузоштааст. Посухҳои буз низ кинояомез ва нишонрасанд. Буз ба исбот мерасонад, ки ба одамон аз хурмо камтар манфиат намерасонад: "Ман аз ту баландам ва судмандтар ҳастам. Агар ту бор меовардӣ, мардумони додситон туро ба ҷарогоҳ сар медоданд, ба монанди говон". "Аз ман ҳалво мекунанд, ки он хӯроки бемарг аст". Чунин аст сухани заррине, ки ман пеши ту ниходам, чун пеши хуку гуроз марворид афшонанд, ё ҷанг зананд пеши шутури маст. Доност он ки гӯши шунаво дорад". Ба ҳамин минвол буз голиб баромад.

Намунаҳои хуби мунозираро аз суханварони асри XI Асадии Тӯсӣ офарида, чандин шоирони асри XV низ мунозира навиштаанд.

ХВАТАЙНОМАК (ХУДОЙНОМА) Ин ном баъдтар чун Худойнома маълум гардид. Худо соҳиб, шоҳ, подшоҳ ва шоҳаншоҳ гуфтан аст. Пасон дар забони порсии дарӣ ҷои номи Худойномаро Шоҳнома гирифт. Ин осори таърихи мураттаби Аҷам буда, таърихи воқеӣ ва тасаввурии халқҳои эронинажоди бостонро нақл мекунад. Солҳои 632-651 Донишвар ном донишманде ҳамроҳи гурӯҳи доноён бо супориши шоҳаншоҳи сосонӣ ба забони форсии миёна, яъне паҳлавӣ маҷмӯаи бузурге тартиб дод, ки таърих, муқаддасот, эътиқодот, одобу ахлоқ ва хурофоти бобоёни моро аз офариниши олам ва подшоҳии Каюмрас то охири замони Хусрави Парвиз (590-628) фаро мегирифт. Ин замоне буд, ки дар аҳди шоҳаншоҳи охирини сулолаи Сосониён Яздигурди III (632-651) дар дохили давлати Сосониён кашмакашҳои дохилии байнихудии хонадони шоҳаншоҳӣ авҷ гирифта буд. Онҳо бо якдигар барои соҳиби тахту тоҷ шудан мубориза мебурданд. Ҳамчунин хавфи ҳуҷуми кӯчманчиёни атроф ва махсусан таҳдиди арабҳо аз ҷануб истиқлолияти Сосониёнро ба ларза меовард. Дар ин ҳолат ба Сосониён зарур буд, ки барои ҳифзи обу хоки ватани худ чораҳо андешанд ва бо ҳам муттаҳид шаванд. Ҳадафи гирд оварда шудани Худойнома низ ҳамин буд. Аммо он рисолати таърихии худро иҷро карда натавонист, зеро ҳангоме ки Донишвар онро ба итмом мерасонад, вопасин шоҳаншоҳи Сосониён Яздигурди III (632-651) дар Марв, ки он ҷо паноҳ шуда буд, хоинона кушта гардид. Дар ҳамин вақт истилогарони араб пойтахти Сосониёнро ишғол намуда, он давлати бузургро аз бех решакан карданд.

Худойнома аз ривояту афсона, миф ва панду ҳикмат иборат буда, дар он достонҳои қаҳрамонӣ ва ҳамосавӣ мавқеи асосӣ доранд. Корномаҳои шоҳону набарди паҳлавонон ҳама ба он нигаронда шудаанд, ки сарзаминашон озоду мустақил бошад, адолат тантана кунад, нерӯҳои бадӣ мағлуб карда шаванд. Дар Худойнома Ҳурмуз, Рустам, Сиёвуш, Сӯҳроб, Кова ва амсоли инҳо барои озодии ватан, ободии кишвар ва ахлоқи писандида мубориза бурда, ба муқобили Аҳриман, девҳо, Заҳҳок, дурӯғ, анҷабиён ва разолату хиёнат ҷангида, барои устувор гардидани қувваҳои некӣ ёрӣ мерасонанд.

Матни паҳлавии Худойнома то ба замони мо боқӣ мондааст. Аммо адиби донишманди арабизабони миллатдӯсти эронинажод Абдуллоҳ Ибни Муқаффаъ (724-759) онро аз паҳлавӣ ба арабӣ гардонда буд. Фирдавсӣ ва дигар шоҳноманависон ҳангоми таълифи асарҳои худ аз кори пешиниён истифода бурдаанд.

АДАБИЁТИ СУҒДӢ Аз забонҳои бостоние, ки аз асри II қабл аз мелод то асри X мелод густариш ва ривоҷ доштанд, якеашон забони суғдӣ буд. Суғд ҳавзаи дарёи Зарафшон, Истаравшан, Фарғона, Чоч, Кеш, Насаф, Чағониён ва Ҳисорро фаро мегирифт. Ягнобиҳо аз

авлоди суғдиёнанд, ки то алҳол забони худро нигоҳ доштаанд. Ба ин забон, ки ба гурӯҳи забонҳои шарқии эронӣ ворид мешуд, ёдгориҳои бисёре боқӣ мондаанд. Хати суғдӣ низ дар асоси алифбои оромӣ мураттаб гардида, аз рост ба чап навишта мешавад. Қадимтарин намунаи ёдгориҳои суғдӣ ба асри II қабл аз мелод мансуб аст. Вале ёдгориҳои суғдии асрҳои IV-VIII мелод хеле зиёд буда, дар ин давра забони суғдӣ дар Ҳафтрӯд ва Туркистони Шарқӣ низ густариш ёфта буд. Нахустин навиштаҷоти суғдӣ дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Турфон (Туркистони Ғарбӣ) ба даст омада буд. Сипас, соли 1933 дар кӯҳи Муғи наздикии деҳаи Куми Фалғар архиви ҳокими Панҷакент Деваштич ёфт шуд. Ин ёдгориҳо аз осори буддоӣ, монавӣ, масеҳӣ, навиштаҷоти ғайримазҳабӣ ва адабӣ иборат мебошанд. Достони Рустам, Бӯзина ва Рӯбоҳ ва Моҳи паркар асарҳои адабие ҳастанд, ки ба суғдӣ таълиф шудаанд. Набарди неку бад ва муборизаи нуру зулмат асоси эътиқодоти суғдиён буда, осори суғдӣ имрӯз дар ганҷинаҳои Берлин, Порис, Лондон, Петербург, Ҳелсинкӣ, Чину Ҷопон ва ғайра маҳфуз аст.

## АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ IX ВА X

Пояи адабиёти навини тоҷик дар асрҳои IX-X гузошта шудааст. Чаро адабиёти ин давра адабиёти навин ва пояи тараққиёти минбаъдаи адабиёти тоҷику форс номида мешавад? Чунки то ин замон адабиёти тоҷик ё ба забонҳое, ки баъдан аз байн рафтанд, навишта шудааст, ё ба забони арабӣ таълиф гардидааст, ки он забони барои халқ бегона буд. Аз асри IX сар карда адабиёти тоҷик ба забоне офарида мешавад, ки бо он имрӯз ҳам мардуми мо гуфтугӯ менамоянд. Забони осори Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ Сино ва дигарон аз ҷиҳати таркиби луғавӣ, таъбиру ибораҳо, воситаҳои тасвир, сарфу наҳв ва тарзи талаффуз аз забони ҳозираи адабии тоҷик фарқи куллие надорад. Бар замми ин анъанаҳои асосии адабиёти тоҷик дар ҳамин замон ба вуҷуд омада, минбаъд инкишоф ёфтанд. Асоси назариявии адабиёти тоҷик ва талабҳои эстетикии он дар ҳамин давра гузошта шуд. Жанрҳою навъҳои асосии адабиёти мо дар насру назм - қисса, қисса андар қисса, ҳикоят, қасида, ғазал, рубоӣ, китъа, маснавӣ, хелҳои гуногуни достон маҳз дар ин асрҳо тавлид гардида, ба низом дароварда шуданд ва минбаъд тараққӣ карданд. Вазни арӯз ва тарзи ҳатмии қофиябандии хос барои ҳар як навъи шеъри тоҷикӣ низ дар ҳамин давра устувор гардид. Ҳамаи ин пайвандҳои ногусастание мебошанд, ки адабиёти асрҳои IX-X-ро бо тамоми адабиёти минбаъдаи мо пайваст менамоянд ва тамоми ин адабиётро чун як адабиёти томи дорои қонунҳо, талабҳо, ҳадафҳо ва анъанаҳои устувор ҷилва медиҳанд.

Тавлид, сабзиш ва такомули адабиёти тоҷик дар асрҳои IX-X

заминаҳои хоси таърихӣ дошт, ки муҳимтаринашон аз инҳо иборат буданд: ташаккули халқи тоҷик, таъсиси давлатҳои мустақили тоҷикон, болоравии худшиносии мардум, ҳамчун забони адабиёту илм мақом ёфтан ва чун забони расмии давлатӣ қабул гардидани забони форсии дарӣ, инкишофи шаҳрҳо чун марказҳои илму ҳунар ва савдо, дастгирии ҳокимон аз аҳли адаб ва амсоли инҳо.

**ҲАЁТИ ИЛМӢ ВА МАДАНИИ АСР**

Ташкили давлати мутамарказ, тараққии иқтисодиёт ва равнақи тиҷорат бо мамлакатҳои хориҷӣ дар асри X сабаб шуд, ки илму фарҳанги тоҷик хеле равнақ ёбад. Дар шаҳрҳои калони Мовароуннаҳр, Хуросон ва Хоразм, ки ҳама ба қаламрави Сомониён дохил мешуданд, санъатҳои меъморӣ, мусиқӣ ва ҳунар рӯ ба тараққӣ ниҳоданд. Хусусан Бухоро на фақат чун маркази сиёсӣ ва маъмурии давлати Сомонӣ, балки чун маркази маданию илмӣ ва адабӣ аҳамият пайдо кард. Аҳли илму адаб ва ҳунар аз ҳар гӯшаю канори мамлакат дар он ҷо ҷамъ мешуданд. Дар Бухоро, Самарқанд, Чағониён, Тирмиз, Балх, Ҳирот, Ғазна, Нишопур, Гургон, Урганҷ ва ғайра бисёр биноҳои ҷамъиятӣ-мактабу мадраса, китобхонаҳо, корвонсарою работҳо, кӯшкҳо, бозорҳои пӯшидаи тимдор, масҷиду манораҳо, ҳаммомҳо, бемористонҳо, мақбараҳо, мусофирхонаҳо, ҳавзҳо ва чорбоғҳо сохта шуда буданд. Меъморону бинокорони он замон дар санъати меъморӣ анъанаҳои санъати меъмории суғдиҳо ва бохтариҳоро бо санъати меъмории марказҳои хилофат омезиш дода, биноҳои бошукӯҳ месохтанд. Ёдгориҳои меъмории он замон, хусусан мадарсаи Мағок ва оромгоҳи Исмоили Сомонӣ дар Бухоро бо ороишу шукӯҳи худ касро мафтун мегардонанд. Оромгоҳи Исмоили Сомонӣ бинои чоркунҷаест, ки аз хишти пухта сохта шуда, чор пештоқ дорад. Дар бинои он рангу кошӣ ба кор нарафтааст. Вале хиштҳо ба тарзе чида шудаанд, ки дар баробари шаклҳои ҳандасӣ бурҷҳо, шарафаҳо, лавҳаҳо, равоқҳо ва равоқчаҳоро бо низоми махсусе намоиш дода, санъати баланди ҳайкалтарошӣ ва рассомиро ба хотир меоранд. Дар натиҷаи равнақи санъати меъморӣ дар асри X санъатҳои кандакорӣ дар чӯбу гаҷ, ҳаккокӣ дар санг ва наққошӣ низ хеле ривоҷ ёфт. Посутунҳо ва минбаре, ки аз саргаҳи водии Зарафшон ёфт шудаанд, акнун музейҳои Панҷакент, Душанбе ва Санкт-Петербургро зеб медиҳанд. Ковишҳои бостоншиносии Ҳулбук (наздикии Кӯлоб) ва Лашкарбозор (Афғонистон) нишон медиҳанд, ки анъанаи девори қасрҳоро на танҳо бо дарахтҳою растаниҳо ва ҷирмҳои осмонӣ, балки бо тасвири парандаҳою ҳайвонҳо ва суратҳои хаёлӣ ороиш додан то асри XI давом карда будааст. Дар ҳунари кулолгарӣ, шишарезӣ ва рехтагарӣ низ ин тамоил ҳис карда мешуд.

Таълими ибтидоӣ дар мактабҳои назди масҷидҳо ва дараҷаи баланди омӯхтан дар мадрасаҳо гузаронда мешуд. Мадрасаҳо на фақат дар шаҳрҳои калон, балки дар шаҳракҳои музофотӣ низ вуҷуд доштанд. Дар вилояти Хутталиён, ки марказаш Ҳулбук буд, 20 мадраса

мавҷуд будааст. Мадрасаи Қубодиён низ дар он давра хеле шӯҳрат доштааст. Вале пуршукӯҳтарин мадрасаҳо дар Бухоро амал мекарданд. Мувофиқи ахбороти таърихнависон, дар маркази мадании пойтахти Сомониён шаҳри Бухоро - Ҷӯи Мӯлиён чандин мадрасае вуҷуд доштааст, ки боғҳо ва гулгаштҳо онҳоро иҳота карда будаанд. Ҳамаи мадрасаҳо китобхонаҳои бой доштанд, ротибаи омӯзгорону шогирдон аз даромадҳои вакф дода мешуд. Таълими илмҳои динӣ (қироати Қуръон, тафсир, ҳадис, калом), мантиқ, баён, забони арабӣ дар мадрасаҳо ҳатмӣ буданд. Ба шогирдон ҷуғрофия, таърих, тиб, ҳикмати табиӣ, риёзиёт (математика), ситорашиносӣ ва фалсафа низ омӯзонда мешуданд. Дар мадрасаҳо мунозираҳо ва баҳсҳои илмӣ ривоҷ доштанд. Дар ин мунозира ва баҳсҳо донишмандони юнонӣ, яҳудӣ ва насронӣ низ ширкат меварзиданд. Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Форобӣ, Фирдавсӣ, Берунӣ, Ибни Сино дар чунин мадрасаҳо дониш андӯхтаанд. Муҳити пурқуввати илмию адабӣ сабаб шуда буд, ки ин бузургон дар овони хеле ҷавонӣ (16-18-солагӣ) тамоми илмҳои маъмули замонашонро аз худ намуда, худашон ба кори илму адабиёт сар кунанд. Шавқи саводомӯзӣ ва соҳибмаълумот шудан дар байни намояндагони табақаҳои гуногуни ҷомеа зиёд буд. Аксари донишмандону адибон аз табақаҳои миёнаи аҳолӣ баромадаанд. Эҳтироми халқ нисбат ба илму маърифат ва омилҳои сиёсию иқтисодие, ки дар боло зикр шуданд, ба он оварда расонданд, ки бузургтарин симоҳо дар соҳаҳои гуногуни илму дониш арзи вуҷуд кунанд: Ал Хоразмӣ дар алгебра (алҷабр), Форобӣ дар ҳикмат, Абӯбакри Розӣ дар фалсафа, Абӯалӣ Сино дар фалсафа ва тиб, Абӯрайҳони Берунӣ дар илмҳои гуногун, Абӯмуҳаммади Хуҷандӣ, ки соҳиби расадхона буд, дар фалакиёт, Балъамию Ҷайҳонӣ ва Байҳақӣ дар таърих устодони комил буданд. Ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки аксарияти олимони он замон дар соҳаҳои бисёри илму дониш забардаст будаанд. Аз ин рӯ онҳоро олимони мутабаҳҳир (ба таъбири имрӯза энсиклопедист, яъне донандаи илмҳои зиёд) меномиданд. Ҳаким унвон гирифтани баъзе адибон низ ба ҳамин маънист.

Илми асри Х тоҷик бо илмҳои антиқаи Юнони қадим, Миср, Ҳиндустон, Хитой, инчунин донишҳое, ки ба забонҳои ибрӣ, арабӣ ва лотинӣ мавҷуд буданд, алоқаи наздик дошт.

Равнақи илму адабиёт ба таъсиси бисёр китобхонаҳо сабаб шуд. Дар Бухоро, Самарқанд, Марв, Балх, Нишопур, Рай ва ғайра китобхонаҳои бузург мавҷуд буданд, ки дар онҳо китобҳои нодири зиёде ба забонҳои тоҷикӣ, арабӣ, юнонӣ, яҳудӣ, ҳиндӣ ва ғайра роҷеъ ба соҳаҳои гуногуни илму адаб дар сандуқҳо нигоҳ дошта мешуданд. Бузургтарини онҳо китобхонаи Сомониён буд, ки аз он Абӯалӣ Сино истифода кардааст. Ӯ хабар медиҳад: “Вақте ки ба китобхона дохил шудам, ҳавлие дидам бисёр васеъу калон, ки дорои хонаҳои зиёде буд. Дар ҳар хона сандуқҳои пур аз китоб меистоданд, ки китобҳоро бо

назму тартиб дар онҳо чида буданд. Яке аз хонаҳо махсуси китобҳои арабӣ ва шеър, дигаре оид ба фиқҳ (яъне ҳуқуқшиносӣ. - *А.А.*) ва ҳамчунин ҳар як хона ба китобҳои илмҳои ҷудогона хос буд... Китобҳои гуногуне, ки ман дар он ҷо дидаму хондам, касе ҳатто номи онҳоро нашунида буд. Ман низ то он вақт надида будам ва баъд аз он ҳам дигар надидам".

Аксари ин навъ китобхонаҳо дар вақти ҳуҷуму истилои аҷнабиён, хусусан қабилаҳои бодиянишини турку муғул сӯзонда шуданд.

## ЗАБОНИ ФОРСИИ ДАРӢ - ЗАБОНИ АДАБӢ ВА ДАВЛАТӢ

Дақиқӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Ҳофизи Шерозӣ, таърихшиносону ҷуғрофидонҳои араб ва бисёр дигарон забони адабии асрҳои IX-XV тоҷикиро порсӣ, форсӣ, порсии дарӣ, форсии дарӣ ва дарӣ гуфтаанд. Сабаби чунин номҳо гирифтани он ҳанӯз маълум нест. Вале ҳамин қадараш аниқ аст, ки порсӣ ва форсӣ айнан як чиз буда, форсии дарӣ, ки дарӣ шакли кӯтоҳи он аст, дар байни забонҳо, лаҳҷаҳо ва шеваҳои зиёди забонҳои эронӣ маҳз забони адабӣ будани онро таъкид менамояд. Пайдоишу ташаккул ва такомули забони адабӣ таърихан ба хат вобаста аст. Ба воситаи хат ба забони адабӣ, ки шакли мукаммали забони умумихалқӣ мебошад, асарҳои адабӣ, илмӣ, мазҳабӣ ва фалсафӣ таълиф меёбанд. Забон дар баробари умумияти таърихӣ ва ягонагии сарзамин омили асосии мавҷудияти халқ ва нишонаи асосии миллат аст.

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои хеле қадими дунё буда, таърихи ташаккул ва такомули он беш аз 1500 солро фаро мегирад. Инкишофи он дар асрҳои IX-X ба раванди ташаккули халқияти тоҷик сахт вобаста аст. Таҳқиқоти олимони гуногуни дунё муайян кард, ки маҳалли пайдоиши забони форсии дарӣ Мовароуннаҳру Хуросон ва ибтидои пайдоиши он асри V будааст. Ин забон дар баробари забонҳои паҳлавӣ, портӣ, суғдӣ, бохтарӣ, хоразмӣ ва амсоли инҳо ба гурӯҳи забонҳои эронӣ дохил шуда, дар асрҳои IV-VIII бо ин забон қавмҳо, қабилаҳо ва халқиятҳои эронинажоди зиёде, ки ба ҳам муттаҳид шуда буданд, гуфтугӯ мекарданд. Албатта ин забонҳо ба ҳам хеле наздик буданд. Вагарна барои Бахроми Гӯр (420-438) ҳеҷ зарурате набуд, ки бо аҳли диёри худ ба чандин забон ҳарф занад: "Баҳроми Гӯр ба ҳар забоне сухан гуфтӣ: ба вақти чавгон задан **паҳлавӣ** гуфтӣ ва андар ҳарбгоҳ туркӣ гуфтӣ ва андар маҷлис бо омма **дарӣ** гуфтӣ ва бо мубадон ва аҳли илм **порсӣ** гуфтӣ".

Бо истилои арабҳо дар саросари хилофат забони арабӣ маҷбуран чун забони дину давлат ва илму адабиёт қарор гирифта, дар байни

халқҳои тобеъшуда чорӣ гардид. Дар сарзамини мо низ қариб 200 сол ин сиёсат давом ёфт. Вале ба беҳуқуқии худ нигоҳ накарда забони форсии дарӣ, ки забони оммаи мардуми муқимии маҳаллӣ буд, ба сайри такомули тадриҷии худ давом дода, пойдор монд. Ташаккули халқият, барқарор гардидани давлати мустақили тоҷикон, пешрафтҳои кишоварзӣ, зироаткорӣ, боғдорӣ, чорвопарварӣ, ҳунармандӣ, маишати хос ва муваффақиятҳои илму маданият ба он оварда расонд, ки забони форсии дарӣ аз ибтидои ислом (асри VII) инкишоф ёфта, дар аҳди Сомониён ба дараҷаи забони адабӣ ва расмии давлатӣ бардошта шавад. Асоси ин забони адабиро лаҳҷаю шеваҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Балх, Бадахшон ва Нишопур ташкил мекард. Дар натиҷаи такомули табиӣ ва ба он омезиш ёфтани забонҳои суғдӣ ва бохтарӣ забони форсии дарӣ басе инкишоф пазируфт. Он аз юнонӣ, ҳиндӣ, яҳудӣ ва арабӣ низ бисёр калимаҳо ва таъбирҳоро гирифт. Дар натиҷаи ҳамаи ин забони форсии дарӣ бо пухтагӣ, захираи ғании луғавӣ, сохти сарфу наҳви устувор, нормаҳои муайяншуда, истилоҳот ва воситаҳои гуногуни услубӣ қодир шуд, ки эҳтиёҷоти маънавии халқро қонеъ гардонад. Аз ин ҷиҳат он чун забони расмии давлатӣ дар доираҳои расмӣ, дастгоҳи давлатӣ, мукотибаҳои расмӣ, коргузории девонҳо (вазоратҳо) ва маросимҳои мазҳабӣ ба кор бурда мешуд. Ба ин забон асарҳои илмӣ, адабӣ, мазҳабӣ, таърихӣ ва фалсафӣ таълиф ва тарҷума мешуданд. Табиби шоирпешаи Сомониён Майсарӣ дар илми тиб асари худ Донишномаро ба назм офарид, ки он аз панҷ ҳазор байт иборат аст.

Забони асарҳои улуми дақиқ ҳамоно асосан арабӣ боқӣ монд. Вале оид ба илмҳои дақиқ низ асарҳо ба забони форсии дарӣ навишта мешуданд. Яке аз онҳо, ки то замони мо омада расидааст, Шумор-номаи Айюби Табарист. Ин китоб оид ба илми ҳисоб (арифметика ва алгебраи ибтидоӣ) баҳс мекунад. Дар замони Мансур ибни Нӯҳ (961-977) Абӯмансури Муваффақ бинни Алии Ҳаравӣ оид ба тиб китоби Ал-абния ан ҳақоиқ-ил-адвияро тартиб дод, ки нусхаи соли 1056 китобат кардаи шоир-муаллифи Гаршоспнома Асадии Тӯсӣ то ба замони мо омада расидааст. Ин нусхаи пурарзиш дар китобхонаи Вена нигоҳ дошта мешавад.

Аз асри VIII сар карда барои ифодаи забони форсии дарӣ хат ва алифбои форсии арабӣ истифода мешавад. Ин ҳол барои тоҷикони Мовароуннаҳр то соли 1928 давом кард. Эрониҳо, афғонҳо ва тоҷику форсизабонҳои кишварҳои дигар ҳанӯз аз хату алифбои арабӣ истифода мебаранд. Дар асрҳои IX-X пояи адабиёти оламшумули тоҷику форс ба ҳамин забон гузошта шуд. Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Абӯалӣ Сино, Балъамӣ, Фирдавсӣ, Берунӣ ва бисёр бузургони дигар доди суханро дар ин забон дода, онро боз ҳам суфтаю пухта кардаанд. Сомониён ба ин забон навишта шудани асарҳои илмӣ ва адабиро ташвиқ ва ҳимоят мекарданд.

Ба дараҷаи забони расмии давлатӣ ва адабӣ бардошта шудани забони дарӣ, аввалан, барои суст шудани забони ба мардуми маҳаллӣ бегонаи арабӣ роли муҳим бозида, ба ин восита умуман таъсири хилофатро дар ҳаёти иктисодию сиёсии мамлакат кам мекард. Сониян, муттаҳид гардонидан ва пуркувват шудани истиқлоли халқҳои ҳамнажоди маҳаллӣ, масалан, бохтариҳою суғдиҳо, омили тавоноe буд. Бинобар ҳамин тарғибу ташвиқ ва пуштибонии забони дарӣ барои мустаҳкам шудани мавкеъ ва нуфузи давлати сомонӣ аз вазифаҳои муҳимтарини сиёсӣ ба шумор мерафт.

Минбаъд, забони форсии дарӣ дар Эрон, шимоли Ҳиндустон, Ироқ, Кавказ, Туркия, Туркистон, Қошғар ва ғайра паҳн гардида, ба ин забон мероси муштараки илмию адабии ин халқҳо офарида шуд, ки ифтихори ҷаҳониён мебошад.

## ОҒОЗИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИКӢ

Гузаштагони халқи тоҷик дар тамоми 200 соли ҳукмронии арабҳо ҳеч гоҳ аз давом додани фаъолияти илмию адабии худ даст накашидаанд. Дар аввал адибони эронинажод на фақат дар марказҳои хилофат, балки дар Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон низ ба арабӣ эҷод мекарданд. Саъолабӣ (961-1038) дар асари худ Ятимат-уд-даҳр доир ба 119 шоире, ки дар Мовароуннаҳру Хуросон дар аҳди Сомониҳо ба арабӣ шеър мегуфтанд, маълумот медиҳад. Шоирони забардасти арабизабони тоҷик Ал-Хураймӣ ва Собити Қутнот буданд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки мавзӯъҳои аҷдодии худро ба адабиёти араб ворид намоянд, китобҳои бобоёни худро ба арабӣ баргардонанд. Яке аз онҳо Ибни Муқаффаъ (724-759) буд, ки Худойномак, Калила ва Димна, Маздакнома ва ғайраро аз паҳлавӣ ба арабӣ гардонд. Дар мавзӯъҳои халқи худ ба забони арабӣ асарҳо навиштан ранги як ҷараёни пуркуввати сиёсиро гирифта, дар таърих бо номи шуубия машҳур аст. Маънои шуубия, ки аз калимаи шаъби арабӣ гирифта шудааст, гурӯҳпараст мебошад. Пайравони ин ҷараён дар аввал бар зидди нажодпарастӣ ва қавми худро боло гузоштани арабҳо баромада, ғояи баробармартаба будани ҳамаи халқҳо, хосса мусулмонҳоро тарғиб мекарданд. Вале баъдан бештар ба нишон додани бартарӣ ва фазилатҳои Аҷам бар Араб пардохтанд. Таъсири ин ҷараён ба адабиёти минбаъдаи тоҷик, хусусан адабиёти асрҳои IX-X хеле бузург аст.

Аз шоирони эронинажоди арабизабони ин рӯзгор, ки аҷдоди худро аз тахти дил дӯст дошта, расму ойини он ва кеши зардуштиро ситоиш намуда, арабҳоро бо ҳар роҳ масхара мекарданд, Башшор ибни Бурди Тахористонӣ (714-784) ва Абӯнувос (762-813) буданд. Форсиёти Абӯнувос машҳур аст.

Дар охири асрхои VII, VIII ва ибтидои асри IX аллакай шоирони дузабонае ба камол расиданд, ки дар баробари шеъри арабӣ гоҳе ба форсии дарӣ низ қитъаҳо мегуфтанд. Яке аз аввалин шоироне, ки аз ӯ шеъри форсӣ овардаанд, Язид ибни Муфарриғ (ваф. 688) буд. Ин мисраъҳо аз ӯст:

Об асту набиз аст.
Асороти забиб[1] аст.
Самия[2] рӯсабид[3] аст.

Порчаҳои манзуми дигари тоҷикӣ ба қалами Абулянбағӣ (ваф. 824) тааллуқ доранд. Он пораи шеър дар вазни шашҳиҷоӣ суруда шудааст:

Самарқанди қандманд,
Ба-инат кӣ афганд?
Аз Чоч[4] та беҳӣ,
Ҳамеша та хуҳӣ.

Яъне:

Самарқанди ободон,
Туро ба ин ҳол кӣ афганд?
Аз Шош ту беҳтарӣ
Ҳамеша ту хубтарӣ.

Аз ин ҳам пештар аҳолии Балх гумоштаи истилогарони араб дар Хуросон Асад ибни Абдуллоро, ки соли 726 барои фурӯ нишондани шӯриши мардуми Хатлон рафта буду шикаст хӯрда баргашт, бо шеър ҳавҷ карда буданд. Бачаҳо он шеъри ҳаҷвиро дар кӯчаҳои Балх мехондаанд:

Аз Хуталон омадийе
Ба рӯ табоҳ омадийе,
Овор боз омадийе,
Хашанг низор омадийе.

Яъне:

Аз Хуталиён омадай,
Бо рӯи сиёҳ омадай,
Овора боз омадай
Шармандавор омадай.

Ин қитъа нишон медиҳад, ки адабиёти тоҷик аз ибтидо бо зиндагии иҷтимоӣ ва сиёсии халқ қаробати азим дорад. Он чун оинаи рӯзгор аз аввалин лаҳзаҳои мавҷудияташ дар зинда намудани расму одатҳои худӣ, тарғиби ахлоқу одоби баланд, тасвири гузаштаи пурифтихор, хештаншиносӣ ва ҳимояти обу замини падарон аз аҷнабиҳо хизмати арзанда ба ҷо меорад.

---

[1] **Забиб** - бандагӣ.
[2] **Самия** - номи зане.
[3] **Сабид** - сафед.
[4] **Чоч** - Шош-Тошканд.

Маълумотҳое мавҷуданд, ки ҳанӯз дар асри V милодӣ шеъри форсӣ вуҷуд доштааст. Мегӯянд, ки аз вайронаҳои қасри Ширин, ки яқинан Ширин зани Хусрави Парвиз (590-628) аст, як байти форсии дарӣ ёфт шуда будааст. Он байт ин аст:

Ҳижабро[1] ба кайҳон анӯша[2] бизӣ,
Ҷаҳонро ба дидор тӯша бизӣ.

Дар китобҳои тазкира нақл карда мешавад, ки нахустин касе, ки ба форсӣ девони ашъор доштааст, Баҳроми Гӯр (420-437) будааст. Аз ӯ ин пора шеърро меоранд, ки чаҳор мисраъ ва ё ду мисраъ аст. Ин аз рӯи навишти он аён мегардад:

Манам он шери гала,
Манам он пили[3] яла.
Номи ман Баҳроми Гӯр
Кунятам[4] Бӯҷабала.

Ё:

Манам он шери гала, манам он пили яла,
Номи ман Баҳроми Гӯр, кунятам Бӯҷабала.

Шоироне, ки ба тоҷикӣ шеърҳои баланд гуфта, то ба дараҷаи соҳиби девони ашъор расидаанд, танҳо дар асри IX пайдо шуданд. Аммо тамоми адибони асрҳои IX-X забони арабӣ ва баъзеяшон забонҳои суғдӣ, паҳлавӣ, бохтарӣ, ҳатто юнонӣ ва яҳудиро низ медонистанд. Бисёр шоирон мисли Шаҳид, Робиа, Оғоҷӣ ва дигарон ба форсию арабӣ шеър мегуфтанд. Аз аввалин шоироне, ки ба тоҷикӣ шеъри пухта мегуфтаанд, инҳо маълуманд: Абӯҳафси Суғдӣ, Муҳаммади Васиф, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Бассоми Курд, Шақиқи Балхӣ, Маҳмуди Варроқ, Фирӯзи Машриқӣ, Абӯсалики Гургонӣ, Муҳаммад ибни Муҳаллад ва Масъудии Марвазӣ. Аз шеърҳои ин шоирон фақат порчаҳои алоҳидае ба даст омада, ки дар китобҳои таърих ва луғат чун санад ва мисол сабт гардидаанд. Маълум мешавад, ки шеъри асри IX дар шаклҳои қасида, қитъа, рубоӣ ва маснавӣ навишта шуда, аз ҷиҳати мавзӯъ панд, ахлоқ, мадҳ, ишқ ва таърихро фаро мегирифтааст. Ҳанзалаи Бодғисӣ соҳиби девон буда, **Абӯҳафси Суғдӣ** дар мусиқӣ ҳам моҳир буда, шоҳрӯдро ихтироъ кардааст. Ӯ дар луғат бо номи Рисолаи Абӯҳафс ё Луғати Абӯҳафс китобе доштааст. Тахаллус, мазмун ва сабки байти аз Абӯҳафс боқӣ монда нишон медиҳад, ки ӯ аз кӯҳистони Суғд аст. Ин далели он аст, ки дар инкишофи маданияту адабиёти тоҷик аз худи ибтидо тамоми табақаҳои мардум, ки ҳам аз деҳоти музофот ва ҳам аз шаҳрҳо ба дунё омадаанд, саҳм мегузоштаанд. Байти Абӯҳафси Суғдӣ ин аст:

Оҳуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна бувадо?

---

[1] **Ҳижабр** - шер, шери ғурранда.
[2] **Анӯша** - хушҳол, шодмон.
[3] **Пил** - фил.
[4] **Кунят** - номе, ки аз номи фарзанд ва ё сифате гирифта мешавад.

# АСРИ ДУРАХШИ АДАБИЁТИ ФОРСӢ

Аз ҷиҳати инкишофи назми классикӣ асри X нахустин рӯзгори дурахши адабиёти халқи тоҷикро ташкил медиҳад. Адабиёти ин давра на фақат оғози тараққии адабиёти классикии тоҷик аст, балки дар сайри такомули пасини он чун асос аҳамияти бузурге дорад. Дар ин давр устоди шоирон Рӯдакӣ ва дар охири он суханвари ҷаҳонӣ Фирдавсӣ зиндагӣ ва эҷод мекарданд. Абӯалӣ Сино низ аз нобиғаҳои ин аср буд. Шаҳиди Балхӣ (ваф. 937) аз дӯстону ҳамкорони Рӯдакӣ буда, ба ду забон-арабию тоҷикӣ шеър мегуфт. Ӯ бо олими машҳури соҳаи фалсафа Закариёи Розӣ (ваф. 945) дар масъалаҳои гуногуни илмӣ баҳсҳо ва мунозираҳо ороста, фикрҳояшро дар шакли рисола менавишт. Вай хаттоти пурҳунаре ҳам буд. Аксари адибони дигар, ки дар ин аср рӯзгор ба сар мебурданд, низ соҳиби шӯҳрати хос буда, дар адабиёти тоҷик бо фаъолияти эҷодии худ мақоми арҷмандеро соҳиб шудаанд. Абӯшакури Балхӣ, Кисоии Марвазӣ, Шаҳиди Балхӣ, Дақиқӣ, Муродӣ, Фароловӣ, Хусравонӣ, Абулҳайсами Гургонӣ, Тоҳири Чағонӣ, Мунҷики Тирмизӣ, Абулфатҳи Бустӣ, Майсарӣ ва дигарон намояндагони барҷастаи адабиёти ин давра мебошанд. Бештари онҳо дар Бухоро, Балх, Марв, Самарқанд, Тирмиз, Ҳирот, Сарахс, Гургон ва Нишопур барин шаҳру музофоти Мовароуннаҳру Хуросон ба камол расида, дар Бухоро, ки дар аҳди Сомониён ба маркази бузурги илмӣ ва адабӣ табдил гардида буд, ҷамъ омада буданд. Дар замонҳои баъд кам ба назар мерасад, ки дар як аср ин қадар суханварони соҳибмақоме ба камол расида бошанд, ки табъи салим ва истеъдоди фитрӣ дошта бошанд.

Нахустин шоираи форсу тоҷик Робиа духтари Каъб дар ҳамин аср зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ӯ дар Балхи бостонӣ ба дунё омада, бо Рӯдакӣ ҳамаср буд ва бо номаҳо доду гирифт мекард. Робиа дар ҳусну ҷамол, фазлу камол, зеҳни тез ва қудрати шоирӣ ба форсии дарию арабӣ машҳур буд. Ӯро дар ҷавонӣ бо гуноҳи ишқ бародараш дар ҳаммом буғ карда мекушад. Робиа ба Бектош, ки ғуломи бародараш буд, дил баст. Саргузашти шӯрангези Робиаи Балхӣ бисёр адибонро ба илҳом овардааст. Шоири бузург Аттор (асри XIII), Ризоқулихони Ҳидоят (асри XIX) ва чанд нависандаи Тоҷикистону Афғонистони замони мо дар бораи ӯ асарҳои бадеӣ навиштаанд. Робиа асосан дар сурудани ашъори ошиқона устод буда, шеърҳои ишқии Рӯдакиро сармашқи худ қарор медодааст. Мегӯянд, ки Робиа дар ҳаммом вақти мурдан сари ангушташро хуншор намуда, ба девори ҳаммом шеърҳо навишт, ки ҳама ошиқона ва пур аз сӯзу гудоз ва дарду ҳасрат буданд:

Кошк[1] танам боз ёфтӣ хабари дил,
Кошк дилам боз ёфтӣ хабари тан.
Кошк ман аз ту битарсаме ба саломат,
Эй фусусо[2], куҷо тавонам растан?

Ҳарчанд ки имрӯз аз осори аксарияти адибони асри X намунаҳои кам боқӣ монда бошад ҳам, дар асл онҳо хеле сермаҳсул будаанд. Рӯдакӣ, Аммораи Марвазӣ, Муродӣ, Абулҳасани Оғоҷӣ, Мунҷик ва дигарон соҳиби девон будаанд. Девон маҷмӯаест, ки ашъори лирикии ин ё он шоирро фаро мегирад. Бисёриҳо достонҳо навишта будаанд. Сабабҳои аз байн рафтани осори адибони асри X бисёр аст: кӯҳна шудани мавзӯъҳо, душвории забон, носозгор омадани ақидаҳои адибони ин давр бо ақидаи одамони баъд ва ғайра. Вале бештар онҳо дар натиҷаи ғорати бегонагон ва маҳкум намудани ҳокимони турк нест шудаанд.

Адабиёти асри X аз ҷиҳати мавзӯъ ниҳоят ғанист. Вале мавзӯъҳои асосии он иборатанд аз муборизаи некӣ бо бадӣ, ҳикмат, фалсафа, панд, ҳасби ҳол, мадҳ, ҳаҷв, танқиди иллатҳои ҷамъият, ҳазл, ишқ, ҳамоса, воқеаҳои таърихӣ, достон, қисса, васфи табиат, наврӯз, шодбошӣ ва ғайра. Маҳз дар ин замон талаби зебописандӣ пеш гузошта шуда буд, ки шеър бояд дар суханҳои фаҳмо бо ҷавҳари маънӣ ороста гардида, ҳикмату лаззат дошта бошад. Хусусан мавзӯи муҳофизати ватан, мубориза бар зидди истилогарони хориҷӣ, талоши истиқлол, бо назари ибрат ба гузашта ва собиқаи қавмҳо нигаристан ва ситоиши обу хоки диёр дар адабиёти ин давр баланд садо медиҳанд. Кофист, ки як байти Фирдавсиро ба хотир орем:

Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем.

Панду андарз ва насиҳат, хусусан таълими одоби нек, тарғиби инсофу адолат, ситоиши ҳунар ва васфи илму дониш, тавсифи хирад, тараннуми дӯстӣ қисмати барҷастаи адабиёти асри X-ро ташкил мекунад. Ин мавзӯъ дар осори Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абулмуайяди Балхӣ, Абулҳайсами Гургонӣ, Мунҷик, Абӯшакури Балхӣ бақувваттар ба назар мерасад. Калила ва Димнаи Рӯдакӣ ганҷинаи ҳикмат будааст. Адибони ҳамзамони Рӯдакӣ илму донишро сарвати бебаҳои маънавӣ, наҷотдиҳанда аз тангдастӣ ва маҳрумиятҳо дониста, эътироф мекарданд, ки ҷамъият ҳамеша ба илм эҳтиёҷ дорад. Шахс бояд дар кӯдакию ҷавонӣ илму ҳунарро аз худ кунад ва то замоне, ки зинда аст, аз омӯхтан ғофил нашавад. Мақоми шахс дар ҷамъият ба дониш ва ҳунари ӯ вобаста аст на ба аслу насаб:

Рӯзи кажиҳо дарунсоф бош,
Росттирои раҳи инсоф бош.

*(Абулмуайяд)*

[1] **Кошк** - кошкӣ.
[2] **Эй фусусо** - афсӯс.

Боадабро адаб сипох бас аст,
Беадаб бо хазор кас танхост.

*(Шаҳид)*

Бе ҳунар давлат поянда набошад бас дер,
Давлат он бошад поянда, ки ёбӣ ба хунар.

*(Қамарии Ҷурҷонӣ)*

Танқиди иллатҳои ҷамъиятӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ дар гуфтаҳои Рӯдакӣ, Аммора, Кисоӣ, Шаҳид, Абӯшакури Балхӣ ва Мунҷик бештар ба назар мерасанд. Онҳо аз шикампарастии саркардагон, беадолатии ҳокимон, бемурувватии амалдорон, тангдастии аҳли дониш ва ҳоли низори меҳнаткашон шиква мекунанд. Ба қавли Шаҳиди Балхӣ:

Агар ғамро чу оташ дуд будӣ,
Ҷаҳон торик будӣ ҷовидона.
Дар ин гетӣ[1] саросар гар бигардӣ,
Хирадманде наёбӣ шодмона.

Абӯшакури Балхӣ ва Дақиқӣ ду шоири бузурги асри X мебошанд, ки барои равнақ ёфтани назми он замон саҳми арзандае гузоштаанд. Хизмати Абӯшакури Балхӣ махсусан дар тараққии достонҳои ахлоқӣ ва лирикаи фалсафӣ калон буда, Дақиқӣ чун асосгузори достонҳои қаҳрамонии эпикӣ (ҳамосавӣ) шинохта шудааст.

**АБӮШАКУРИ БАЛХӢ** Яке аз намояндагони пешқадами адабиёти асри X Абӯшакури Балхӣ буд. Вай соли 915 дар Балх таваллуд шуда, дар Бухоро ба воя расидааст. Дар доираи адабии Бухоро Абӯшакур мақоми хеле баланд дошт. Аз наздикон ва шогирдони Рӯдакӣ буд. Аз маҳсули зиёди адабии Абӯшакур порчаҳои ҷудогонаи лирикӣ, байтҳои ҷудогона аз ду маснавии гумном ва қисмате аз достони ӯ Офариннома то ба замони мо омада расидаанд. Абӯшакур бо ифтихор изҳор мекунад, ки аз музди қаламии худ метавонад зару нуқра биёбад:

Чу динор[2] бояд маро ё дирам[3],
Фароз оварам ман зи нӯги қалам.

Абӯшакур бо вуҷуди истеъдод ва мақоми баланди адабии худ шахси фурӯтане будааст, ки доираи беҳудуди илму донишро идрок намуда, ҳамеша дониши худро нокифоя мешуморидааст:

То бад-он ҷо расид дониши ман,
Ки бидонам ҳаме, ки нодонам.

Дар ҳақиқат, инсон ҳар қадар, ки донишу илмро бештар фаро гирад,

---

[1] **Гетӣ** - ҷаҳон.
[2] **Динор** - пули тилло.
[3] **Дирам** - пули нуқра.

хамон қадар ба кашфи нави асрори оламу одам бисёртар шавқманд мешавад. Абӯшакур донишомӯзии паёпаи мақсаднокро, хусусан дар ҷавонию кӯдакӣ, талаб мекунад.

Абӯшакур Офаринномаро дар баҳри мутақориб солҳои 944-947 сурудааст. Аз ин достон, ки ҳама аз ҳикмат ва панду насиҳат иборат аст, дар ҳудуди 300 байт боқӣ мондааст. Ин достон дар таърихи назми ахлоқии тоҷику форс ба аҳамияти хосе соҳиб буда, дар радифи достонҳои Калилаю Димна ва Синдбодномаи Рӯдакӣ меистад.

Офаринннома сужети муайян надорад. Мароми асосии он панд буда, васфи донишу хирад, ситоиши илму ҳунар, талқини ростию некӣ, таърифи шарму ҳаё, нангу номус, тарғиби шуҷоату сабр ва нигоҳ доштани роз, тавсифи дӯстӣ, мазамматти ҷаҳлу бухл, накӯҳиши рашку дурӯғ, хулоса тарғиби ахлоқи пок бо самимият ва танқиди нохирадмандию хӯи бад бо танаффур баррасӣ мешавад. Абӯшакур чун муаллими ахлоқ қадру мавқеъи ҷамъиятии инсонро ба дараҷаи илму дониш ва ҳунари ӯ медонад:

Бад-он кӯш то зуд доно шавӣ,
Чу доно шавӣ, худ воло шавӣ.
На донотар он кас, ки волотар аст,
Ки волотар он кас, ки донотар аст.

Ба ақидаи Абӯшакур донишро дар кӯдакӣ ва ҷавонӣ (барноӣ) фаро гирифтан зарур аст:

Ба ҳангоми барноиву кӯдакӣ,
Ба дониш тавон ёфтан зиракӣ.

Хулоса, касе, ки донишманд мешавад, дар ҷамъият обрӯ ёфта, арҷманд мегардад, зеро дониш аст, ки мушкилиҳои инсонро осон мекунад:

Касе к-ӯ ба дониш барад рӯзгор,
На ӯ боз монад, на омӯзгор.
Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану бофтан.

Шоир хавфи ҳуҷумҳои аҷнабиро ба сарзамини худ ба назар гирифта, панд медиҳад, ки инсони ҳақиқӣ бояд ҳамеша аз душман барҳазар ва нисбат ба он оштинопазир бошад:

Ба душман барат устуворӣ мабод,
Ки душман дарахтест талх аз ниҳод.
Дарахте, ки талхаш бувад гавҳаро,
Агар чарбу ширин диҳӣ мар варо,
Ҳамон меваи талх орад падид,
Аз ӯ чарбу ширин нахоҳӣ мазид[1].

Абӯшакур ҳар қадар душманбадбиниро талқин намояд, ҳамон

---

[1] **Мазидан** - баҳра бурдан.

андоза кадри дӯстӣ ва дӯстро боло мебардорад. Ӯ дуруст мефармояд, ки дӯст ғамгусор, мададгор, пушту паноҳ ва қуввати дили инсон аст. Дар дунё аз дӯстӣ беҳтар неъмати маънавие нест. Хулосаи шоир пандест гуворо бар авлодонаш:

Шавад дӯст аз дӯст ороста,
Чу бо эминӣ мардум аз хоста[1].
Ҳама чиз пирӣ пазирад, бидон,
Магар дӯстӣ, к-он бувад ҷовидон.

Ба ҷиҳати суфтагӣ, пурмазмунӣ ва соддагӣ ҳикматҳои Абӯшакур ҳукми мақолу зарбулмасалҳоро гирифтаанд:

Задан мардро чӯб бар тори хеш
Беҳ аз бозгаштан зи гуфтори хеш.

Ё:

Чунин гуфт Хусрав, ки мурдан ба ном
Беҳ аз зинда, душман бад-ӯ шодком.

"Офариннома" фикрҳои панду ахлоқии халқи тоҷикро, ки ҳатто пеш аз ислом ривоҷ доштанд, ҷамъбаст намуда, дар таърихи минбаъдаи афкори ҷамъиятии мо мақоми бузурге доштааст. Фирдавсӣ ва дигарон анъанаи ӯро пайравӣ кардаанд.

## ДАҚИҚӢ

Абӯмансур Муҳаммад ибни Аҳмад Дақиқӣ аз сухансароёни бузурги асри X мебошад. Соли таваллуди ӯ аниқ маълум нест. Вале азбаски вафоти ӯ соли 978 воқеъ гардида, ба ривояте дар вақти маргаш 47-сола будааст, соли 931-ро замони таваллуди ӯ шумурдан лозим аст. Дар китобҳои таърих ва тазкира, ки шарҳи ҳоли шоиронро фаро мегиранд, ӯро аз Самарқанд, Марв, Тӯс ва Ҳирот гуфтаанд. Аммо олими бузург Абӯрайҳони Берунӣ (973-1048), ки муосири Дақиқӣ буд, Балхро чун зодгоҳи Дақиқӣ ёд мекунад. Бинобар ҳамин соли 1978, ки хотираи Дақиқӣ бо қарори ЮНЕСКО (Муассисаи илмии байналхалқии назди Ташкилоти Давлатҳои Муттаҳид) ба муносибати 1000-солагии рӯзи вафоти ӯ қайд карда шуд, Балхӣ будани ӯ эътироф гардид. Сабаби самарқандӣ, марвазӣ, тӯсӣ ва ҳаравӣ дониста шудани ӯ он аст, ки Дақиқӣ дар Бухоро ва Чағониён, ки ҳамчун вилоят водии Ҳисори имрӯза ва вилояти Сурхондарёи ҳозираи Ӯзбекистонро фаро мегирифт, низ зиндагӣ кардааст.

Дақиқӣ овози хуши сарояндагӣ дошта, аз илмҳои замони худ огоҳ буда, забонҳои арабӣ, паҳлавӣ ва суғдиро хуб медонистааст. Вай пайрави ойини бобоёнаш буда, мазҳаби зардуштӣ доштааст. Парастиши мазҳаби зардуштӣ ва умуман майл ба анъанаҳои маданиии миллӣ он вақтҳо хеле пурқувват шуда буд, дар асри X

---

[1] Хоста - дороӣ.

як навъ истиқлолҷӯии халқ аз таъсири арабҳо ва эътироз нисбат ба мафкураи ҳукмрон буд. Зардуштиёне, ки дар он замон боқӣ монда буданд, чун одамони бомаърифат ба гузаштаи аҷдоди худ - забон, урфу одат, эътиқод ва таърихи он дилбастагии бениҳоят доштанд. Маҳз аз мубадон-пешвоёни ойини зардуштӣ, ки донандаю дар сина нигоҳдорандаи таърихи халқ низ буданд, чандин варианти Шоҳнома навишта гирифта шуда буд. Дақиқӣ низ дар масъалаи аз нав зинда кардан ва ба назм даровардани достонҳои қаҳрамонӣ ва таърихии халқҳои эронинажод, ки тоҷикон ҳам аз он қабиланд, хизмати арзандае кардааст. Вай пеш аз Фирдавсӣ бо супориши амири сомонӣ Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур, ки солҳои 975-997 ҳукумат рондааст, ба назми Шоҳнома сар мекунад. Назми Шоҳнома барои он ба Дақиқӣ супурда шуд, ки Дақиқӣ ҳанӯз дар ҷавонӣ ҳамчун шоири тавоно, донандаи забардасти гузаштаи пурифтихори халқ ва дӯстдори фидоии обу хоки сарзамини худ шинохта шуда буд.

Дақиқӣ аз Шоҳнома қисмати достони Гуштоспро ба назм медарорад, ки он ҳазор байт аст. Мазмуни достонро шарҳи подшоҳии Гуштосп, пайдоиши Зардушт, ҷангҳои мазҳабии Гуштосп ва Арҷосп, ки подшоҳи Турон аст, ташкил мекунад. Дақиқӣ Туронро дар Хитой медонад. Азбаски Дақиқӣ саргузашти Гуштоспро нақл мекунад, Шоҳнома-и ӯро Гуштоспнома низ мегӯянд.

Гуштоспнома ё Шоҳномаи Дақиқӣ бо назми содаю равон ва пурмаънӣ иншо шудааст. Дар он ғояи истиқлоли маънавӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста ба муҳофизати Ватан ва шарафу номуси халқ ба миён гузошта мешавад. Ҳамчунин ғояи ба давлати марказӣ аз рӯи виҷдон итоат кардани гумоштаҳо дар вилоятҳо тарғиб карда мешавад. Ин кори наҷиби Дақиқӣ ба сабаби марги ӯ, ки аз тарафи мухолифони ғоявӣ ва мазҳабиаш ташкил карда шуда буд, қатъ гардид. Аммо назми Шоҳнома қатъ нашуд, зеро манфиати халқ, вазъи сиёсии кишвар, ки дар хавфи таҳдид ва таҷовузи аҷнабиён монда буд, зарурати муҳофизати Ватан ва кӯшиши зинда гардонидани расму ойини гузаштагон талаб мекард, ки назми Шоҳнома давом дода шавад. Ба ин амри пуршараф Фирдавсии бузург камар баста, кори саркардаи Дақиқиро давом дод. Фирдавсӣ қисмати назмкардаи Дақиқиро аз ҷиҳати мазмун, ғоя ва шеърият писандида, онро айнан ба Шоҳномаи худ бо номи соҳибаш Дақиқӣ ҳамроҳ намуд. Фирдавсӣ Шоҳномаро дар вазни интихобкардаи Дақиқӣ давом дод. Ин вазни мутақориби мусаммани мақсур аст. Маънои мусамман ҳаштгона ва маънои мақсур кӯтоҳшуда мебошад. Яъне вазни Шоҳнома ҳар байте аз ҳашт рукни - фа-ӯ-лун иборат буда, рукни охири он дар ҳар ду мисраъ ба тариқи фа-ӯл меояд:

Чу-Гуш-тос-п-ро-до-д-Лӯҳ-ро-с(п) -тахт,
Фу-рӯ-до-ма-даз-тах-ту-бар-бас-т-рахт.
Фа-ӯ-лун фа-ӯ-лун фа-ӯ-лун фа-ӯл
v – – / v – – / v – – / v –

Ин вазн дар асрҳои минбаъда чун вазни достонҳои қаҳрамонӣ, ки онро дар адабиётшиносии умумиҷаҳонӣ достонҳои эпикӣ ва ба тоҷикӣ достонҳои ҳамосавӣ низ мегӯянд, расм шуд. Вазни кӯтоҳ ва рукнҳои баробари он назми ин навъ достонҳоро лангардор ва пурхашамат ҷилвагар менамояд.

Дақиқӣ дар навъҳои дигари шеър низ асарҳои барҷаста офарида, соҳиби девони азиме будааст. Девони Дақиқӣ қасида, ғазал ва қитъа доштааст, ки ҳамаи онҳо ба жанри лирика дохил мешаванд.

Қасидаю ғазалҳои Дақиқӣ намунаҳои беҳтарини назми асри Х тоҷикро ташкил мекунанд. Худи ӯ низ ишорае дорад, ки дар ин ду навъи шеър машҳур буданашро ифода менамояд:

Маро ҷӯяд зи чандин шеъри шоҳон,
Зи чандин ошиқона шеъри дилбар.

Дақиқӣ дар ашъори лирикии худ ишқу муҳаббат, зебоиҳои маъшуқа, шуҷоату далерӣ, ҳусни баҳор, ҷилваҳои табиат ва амсоли инҳоро тараннум мекунад. Ашъори Дақиқӣ бисёр хушоҳанг низ мебошад:

Кошкӣ андар ҷаҳон шаб нестӣ,
То маро ҳиҷрони он лаб нестӣ.
Захми акраб[1] нестӣ бар ҷони ман,
Гар варо зулфи муакраб[2] нестӣ.
В-ар набудӣ кавкабаш[3] дар зеби лаб,
Мӯнисам то рӯз кавкаб нестӣ.
В-ар мураккаб нестӣ аз некӯӣ,
Ҷонам аз ишқаш мураккаб нестӣ,
В-ар маро бе ёр бояд зистан,
Зиндагонӣ кош, ё раб, нестӣ!

Бар замми оҳанги гӯшнавоз ва рӯҳпарвар таъсири эмотсионалии ғазали болоро ниҳоди "кошкӣ" ва "кош", маҷози "захми акраб" (акраб-каждум, тавсифи "муакраб" (каждуммонанд)-и зулф, маҷозан ба маънои дандон истифода шудани "кавкаб" (ситора) кӯмак мерасонад. Ин ҷузвҳо шакли зебои шеърро бо мазмуни дилрабои он хеле мувофиқ кардаанд.

Дақиқӣ дар сурудани ашъори худ аз ташбеҳу истиора, маҷозу киноя ва муқобилгузорӣ зиёд истифода мебарад. Ҳамаи воситаҳои эҷоди бадеии ӯ сода, заминӣ, дидашаванда, фаҳмо ва ба идрок наздик мебошанд.

Мисли:

Шаби сиёҳ бад-он зулфакони ту монад,
Сапеди рӯз ба покии он рухони ту монад.

Ба зулф каж(ж), валекин ба қадду қомат рост,
Ба тан дуруст, валекин ба чашмакон бемор.

[1] **Акраб** - каждум.
[2] **Муакраб** - каҷ мисли думи каждум.
[3] **Кавкаб** - ситора.

Қасидаю ғазалҳои Дақиқӣ дар асрҳои баъд шӯҳрати зиёд доштаанд. Вале ёдгори човидони ӯ ҳамоно Гуштоспномаи вай аст, ки як қисми Шоҳнома ва сармашқи Фирдавсӣ дар асари ҳамноми безаволи ӯ будааст.

## *Навъҳои адабӣ ва хусусиятҳои онҳо*

Адабиёти асри X аз назму наср иборат буд. Вале назм дар он мавқеи бузург дошт. Навъҳои асосии шеъри тоҷикӣ: маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, мусаммат ва ғайра дар ҳамин замон шакл гирифта, инкишоф ёфт. Ин навъҳои шеър аз рӯи хусусиятҳои шаклӣ, яъне аз ҷиҳати ҳаҷм, тарзи қофиябандӣ ва гоҳе аз рӯи вазн аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Масалан, маснавӣ бо байтҳое, ки ҳар ду мисраъ ҳамқофия аст, навишта мешавад. Рубоӣ аз чаҳор мисраъ иборат буда, гоҳе ҳар чаҳор мисраъ ҳамқофия ва гоҳе мисраи сеюм аз қофия озод мебошад. Қасида ва ғазал як хел қофия доранд: байти аввал ҳамқофия ва минбаъд дар байтҳо мисраъҳои ҷуфт бо байти нахуст дар қофия муттаҳид мешаванд. Ҳаҷми қасида дароз аз 12 то 100-150 ва ғазал кӯтоҳ, яъне аз 4 то 12-14 байт аст. Дар қитъа фақат мисраъҳои ҷуфт бо ҳамдигар як хел қофия доранд. Устоди ҳамаи ин навъҳои шеър ва пешвои адибон Рӯдакӣ буд. Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ ва Кисоӣ низ дар чанд навъи шеър маҳорат доштанд.

Қиссаю достонҳо бо навъи маснавӣ навишта мешаванд. Достонҳои қаҳрамонӣ, ҳамосавӣ (эпикӣ), ишқӣ ва ахлоқӣ дар ҳамин навъи назм эҷод гардидаанд. Ҳафт маснавии Рӯдакӣ, аз ҷумла, Калилаю Димна ва Синдбоднома, се маснавии Абӯшакури Балхӣ, ки яке аз онҳо Орифнома аст, Шоҳномаҳои манзум, Юсуф ва Зулайхои Абулмуайяди Балхӣ намунаҳои барҷастаи достонсароӣ ва қиссапардозии он замон мебошанд. Дар таркиби номи аксарияти онҳо омадани ҷузъи "нома" ба достон будани онҳо ишорат мекунад. Маҳз дар асри X аввалин достонҳое, ки мавзӯашон илм аст, ба майдон омад. Асосгузори ин навъи достон низ устод Рӯдакист. Маснавии ӯ Даврони офтоб роҷеъ ба илми нуҷум (астрономия) будааст.

Навъи аз ҳама ривоҷёфтаи назми асри X қасида буд. Мавзӯи қасидаро бештар мадҳу васф, гоҳе ҳикмат, шикоят, ҳасби ҳол ва ғайра ташкил медод. Асосгузори қасидаи мукаммал дар адабиёти тоҷик устод Рӯдакист. Қасидаҳои мадеҳавӣ, шарҳи ҳолӣ аз Рӯдакӣ боқӣ мондаанд. Бисёр шоирони дигар низ қасида навиштаанд. Устод Рӯдакӣ аз аввалин шоиронест, ки аз гуфтани мадҳ пушаймон шудааст. Абулҳасан Кисоии Марвазӣ (993-1049) низ аз устодони бузурги назм буда, дар миёнсолӣ аз маддоҳӣ даст кашида, ба сурудани қасидаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҳикматомез машғул шудааст. Баъзан танҳо қисмати муқаддимавии қасидаҳо мавҷуданд, ки ба васфи баҳор, ишқ, ҷавонӣ, хуш гузаронидани умр, ҷашнҳою идҳо ва амсоли инҳо бахшида шудааст. Ин навъ порчаҳои қасида, хоҳ алоҳида бошанд ва хоҳ дар таркиби қасида, тағаззул номида мешаванд.

Дар қаламрав ва дарбори Саффориҳо низ сурудани қасида расм шуда буд. Мувофиқи хабари Таърихи Систон (асри XI) соли 867 амири Саффорӣ Яъқуб ибни Лайс ба Ҳирот ҳуҷум оварда, зафар меёбад, "шуаро ба шарафи ӯ шеърҳои арабӣ гуфтанд... Яъқуб, ки марди нохондае буд, аз маънӣ огоҳ нашуд... Пас Муҳаммад ибни Васиф шеъри форсӣ гуфтан гирифт ва аввалин касе аз Аҷам буд, ки шеъри порсӣ гуфт".

Ғазал чун навъи латифи лирика инкишоф меёфт. Ин навъи шеър бо мусиқӣ алоқаи зич дошта, асосан бо оҳанг суруда мешуд. Устодони ин навъи шеър дар асри X - Рӯдакӣ, Шаҳид, Дақиқӣ, Робиа, Хусравонӣ, Мунҷик ва дигарон ғазалҳои худро бо мазмунҳои дилписанди ошиқона, васфи баҳор ва лаззатҳои зиндагӣ ороста, дар ифодаи онҳо суханҳои нарм, таъбирҳои намакин ва ташбеҳҳои нозукро истифода кардаанд.

Насри бадеии тоҷикӣ зодаи асри X аст. Маҳз дар ин аср насри тоҷику форс на танҳо тавлид шуд, балки ба пояи инкишоф низ расид. Аммо доираи паҳншавӣ ва тараққиёти он ба дараҷаи назми он замон нест. Се навъи наср дар асри X маълум буд: Аввал, асарҳои мансуре, ки аз гирд овардани ривоятҳо, қиссаю афсонаҳо, таърихномаҳо ва воқеаномаҳои пешин тасниф шуда буданд. Намунаи мумтози он ҳамон Шоҳномаҳои мансуранд. Яке аз онҳо бо супориши Амир Абӯмансур аз тарафи чаҳор донишманди зардуштӣ тасниф шуда буд. Асари дигаре, ки бо ҳамин роҳ ба вуҷуд омадааст, Марзбонномаи Марзбони писари Рустам аст, ки ба лаҳҷаи табаристонӣ таълиф гардидааст. Ин навъи асарҳо бештар дар шакли қисса андар қисса навишта шудаанд. Ҳикоятҳои хурд асосан дар дохили асарҳои қисса андар қисса ва асарҳои таърихӣ ҷой дода мешуданд. Дуюм, китобҳое, ки аз забонҳои паҳлавӣ, арабӣ, ҳиндӣ ва ғайра тарҷима шудаанд. Калила ва Димна, Синдбоднома ва амсоли инҳо аз ин қабиланд. Як намунаи хуби хурди ин навъ асарҳо Зафарномаи мансуб ба Абӯалӣ Сино аст. Асли он аз панду ҳикматҳои Бузургмеҳри Бахтакон (асри VI) иборат буда, Абӯалӣ Сино онро аз паҳлавӣ ба форсии дарӣ гардонидааст. Сеюм, насри илмӣ, яъне асарҳое, ки роҷеъ ба соҳаҳои гуногуни илм, хусусан таъриху ҷуғрофия (география) таълиф гардида, дар онҳо ҳикояту ривоятҳои адабӣ низ нақл карда мешаванд. Таърихи Балъамӣ, Ҳудуд-ул-олам (соли таълифаш 982) ва амсоли инҳо аз ин гурӯҳанд. Насри асри X аз такаллуф ва иборатороии сунъӣ холӣ буд. Дар он ҷумлаҳои кӯтоҳ, ки мағзи суханро ифода мекунанд, бештар ба кор рафтаанд. Калимаҳои арабӣ хеле кам ба назар мерасанд.

Тоза будани мазмунҳо, равонии фикр, соддагии калом, табиӣ будани забон, ба зеҳн гуворо будани воситаҳои тасвир, ки дар якҷоягӣ сабки саҳли мумтанеъро ба вуҷуд меоранд, хоси назми асри X мебошанд. Саҳли мумтанеъ маънои соддагии баландмазмуну зебои душворофаринро дорад. Намунае аз насри асри X:

"То ҷаҳон буд, мардум гирди дониш гаштаанд. Ва суханро бузург дошта ва некӯтарин ёдгорӣ сухан донистаанд. Чӣ андар ин ҷаҳон мардум ба дониш бузургтар ва моядортар. Ва чун мардум бидонист,

к-аз вай чизе намонад пойдор, бад он кӯшад то номи ӯ бимонад ва нишони ӯ гусаста[1] нашавад" (Аз муқаддимаи Шоҳномаи Абӯмансурӣ).

Шоирони ин давра ҳангоми тасвири инсон ва табиат дар байни онҳо иртиботи ҳайратангезеро дарк намуда, барои ифодаи фикри худ аз он моҳирона истифода бурдаанд. Ташбеҳҳо, тазодҳо, васфҳо ва истиораҳои табиӣ ҳама аз ин ду манбаъи ҷаҳони моддӣ гирифта шудаанд. Дар назми ин давра ташбеҳҳои хаёлӣ, тавсифҳои ваҳмӣ, муболиғаҳои аз фаҳм дур, ибораҳои муғлақ дида намешаванд. Танҳо баъзе калимаҳои онҳо кӯҳна шудаанд. Масалан ба ин байт диққат намоед:

Сарв аст он ё боло[2]? Моҳ аст он ё рӯй?
Зулф аст он ё чавгон? Хол аст он ё гӯй?

Ё баръакс:

Абр ҳаме гиряд чун ошиқон,
Боғ ҳаме хандад маъшуқвор.
Раъд ҳаме нолад монанди ман,
Чунки бинолам ба саҳаргоҳ зор.

Шоирони асри Х хусусан дар тавсифи ҷилваҳои баҳор, нигориши манзараҳои тирамоҳ ва тасвири зимистон доди сухан додаанд. Дар ин ҳолатҳо кас табиати зиндаи ҳамеша дар ҳаракатро мебинад. Аз ҳамин нуктаи назар ба барфияи Абулҳасани Оғоҷӣ таваҷҷӯҳ намоед:

Бар ҳаво дарнигар, ки лашкари барф
Чун кунад андар ӯ ҳаме парвоз?
Рост ҳамчун кабӯтарони сафед,
Роҳгумкардагон зи ҳайбати боз.

Адабиёти асрҳои IX-X бо эҷодиёти даҳанакии халқ алоқаи мустаҳкам дошт. Аз он қиссаю афсонаҳо, зарбулмасалу мақолҳо ва таъбирҳои халқиро мегирифт. Оҳангнокии суруду таронаҳо ва чакомаҳои халқ намунаи ибрати адибони бузург буд. Дар навбати худ бисёр асарҳои устодони сухан мазмунан ва ё дар шакли ҳикмат ба фолклор гузашта, моли халқ мешуданд.

## *Маълумоти мухтасар дар бораи вазни арӯз*

Тамоми назми китобии классикии форсу тоҷик (асрҳои IX-XIX) дар вазни арӯз эҷод гардидааст. Шоирони кунунии тоҷик низ асосан бо арӯз шеър менависанд. Арӯз аз калимаи арабии арз гирифта шудааст, ки маънояш арз кардан, яъне баён кардан мебошад.

Арӯз ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ ба ду маъно кор фармуда мешавад: ба маънои вазни шеър ва ба маънои илме, ки вазн ва оҳанги шеърро меомӯзад. Аз он сабаб ин илмро арӯз гуфтаанд, ки шеърро бо

[1] **Гусаста** - кандашуда.
[2] **Боло** - қад, қомат.

он арз мекунанд. Ин чо арз кардан чунин маъно дорад: ба воситаи меъёр, мизон ва андозаҳои илми арӯз дурустӣ ва бонизомии вазну оҳанги шеърро месанҷанд, бо ин роҳ сухани мавзун, яъне сухани вазндорро аз сухани номавзун, яъне сухани бевазн ҷудо мекунанд. Ба воситаи арӯз ҳам ҳусни мавзуни шеър, ҳам сактагиҳо ва нуқсонҳои дар вазни он мавҷуд буда муайян карда мешавад.

Ҳамчун илм ва ҳамчун система тоҷикон онро аз арабҳо қабул кардаанд. Аммо, ба қавли устод Садриддин Айнӣ, "тоҷикон дар вазни шеър аз араб фақат терминҳо ва сангу тарозуро - "афоил"-ро гирифтаанд". Чӣ будани афоилро баъдтар шарҳ медиҳем. Ин ҷо таъкид бояд кард, ки тоҷикон системаи арӯзи арабиро қабул намуда, онро ба забони худ, яъне ба тарзи талаффузи калимаҳо, ибораоройӣ, ҷумласозӣ ва оҳангнокии забони тоҷикӣ мувофиқ гардонидаанд. Ба тарзи дигар гӯем, тоҷикон дар асоси арӯзи арабӣ арӯзи тоҷикии худро ба вуҷуд овардаанд.

Арӯз қоидаҳои махсусе дорад, ки аз рӯи он қоидаҳо вазифаҳои гуногун ба вуҷуд меоянд. Аввалан барои вазни шеърро ёфтан дар арӯз калимаро ба ҳиҷоҳо тақсим кардан лозим аст. Зеро дар арӯзи тоҷикӣ унсури асосии ченаки вазн, мисли вазни ҳиҷоӣ, миқдори ҳиҷоҳо мебошад. Аммо бар замми ин дар арӯз хосияту камияти ҳиҷоҳо ва тарзи мутаносиб омадани онҳо низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Ҳиҷоҳо, чунон ки шумо медонед, дар забони тоҷикӣ аз рӯи хосият ва андозаашон ба ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз ва кушодаю пӯшида тақсим мешаванд. Ҳиҷоҳои кӯтоҳ танҳо овозҳои садоноки кӯтоҳ: **а**, **и**, **у** ва ё таркиби ин овозҳо бо ҳамсадоҳое дар ҳиҷои кушода сохта мешаванд, чун **ба**, **би**, **бу** ва таркиби ин ҳуруфу садо дар ҳиҷоҳои пӯшида таркиб меёбанд: **-аб**, **-иб**, **-уб**. Ҳиҷоҳои дароз аз овозҳои садоноки дароз: **е**, **о**, **ӣ**, **ӯ** омехта шудани ин овозҳо бо ҳамсадоҳо дар ҳиҷоҳои кушода (мисли **бе**, **бо**, **бӣ**, **бӯ**) ба вуҷуд меоянд. Дар давраи классикии шеъри тоҷикӣ садонокҳои дарози и ва у вуҷуд доштаанд. Дар алифбои имрӯза **у-и** дароз ва **у-и** кӯтоҳ як хел навишта мешаванд. **И-и** дароз ва **и-и** кӯтоҳ низ як хел навишта мешаванд. Фақат дар охири калимаҳо **и-и** изофат бо **и** ва **и-и** заданок бо **ӣ** ифода карда мешаванд. Вазни арӯз кӯмак мерасонад, ки мавридҳои кӯтоҳӣ ва дарозии ин садонокҳо фаҳмида шаванд. Дар забони тоҷикӣ ба ғайр аз ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва дароз боз як навъи ҳиҷо мавҷуд аст. Онро ҳиҷои баланд ва дар урфият ба тарзи оддӣ якуним ҳиҷо мегӯянд. Ин навъи ҳиҷо асосан аз ҳамроҳ омадани ду ҳамсадо дар охири ҳиҷои кӯтоҳи баста, гоҳе кашиш ва ҳиҷои пӯшидае, ки дар таркибашон садоноки дароз доранд, ба вуҷуд меояд: **баб**, **биб**, **буб**.

Ҳамаи навъҳои ҳиҷо дар ду байти зерин мавҷуд аст. Онҳоро аз назар мегузаронем.

Кӯш, то халқро ба кор ой,
То ба хулқат ҷаҳон биёрой.

*(Низомӣ)*

Пушти дутои фалак рост шуд аз хуррамӣ,
То чу ту фарзанд зод модари айёмро.

*(Саъдӣ)*

Ҳиҷоҳои кӯтоҳ: ба ча би ти ду и **аз** ра чу ту **да** ри **ай**

Ҳиҷоҳои дароз: то **рой** ҳус нат ҳон о пуш лак шуд хур мӣ фар **зод** мо

Ҳиҷоҳои баланд (якуним ҳиҷо): кӯ-ш хал-қ ко-р рос-т зан-д ё-м

Ҳиҷоҳои кушода: ба ча би ти ду и ра чу ту дар ри то ро й о мӣ мо

Ҳиҷоҳои баста: аз ай ҳус нат хон пуш лак шуд хур фар зод ён кӯш халқ кор рост занд.

Дар шеър ҳиҷоҳои кӯтоҳ ва нимҳиҷоҳо оҳанги паст ва ҳиҷоҳои дароз оҳанги баландро ифода мекунанд. Мутаносиб омадани оҳангҳои пасту баланд, яъне ҳиҷоҳои кӯтоҳу дароз дар тамоми шеър ё манзума талаботи ҳатмии вазни арӯз мебошад. Фақат баъзан дар ҳолати рост наомадни ҳиҷоҳо (аз рӯи қимат ва камияти аслӣ) онҳо ба воситаи кашиш додан ё пайвастани ҷузъӣ ҳиҷое ба ҳиҷое ба оҳанг ва вазн рост карда мешаванд. Дар мисолҳои овардашуда ҳиҷоҳои кӯш ва кор ба воситаи кашиш ба якуним ҳиҷо табдил дода шудаанд. Дар байти якум аз ҳиҷои **кор** ҷузъи **р** бо ҳиҷои баъдина пайваст мешавад. Дар мисраи якуми байти дуввум д-и шуд бо аз ҳамроҳ карда мешавад. Ба ҳамин мақсад шаклҳои гуногуни **роҳ-раҳ, сипоҳ-сипаҳ, моҳ-маҳ, аз-зи** барин калимаҳо низ истифода мешаванд. Пайдо шудани шаклҳои **з-ин, в-он, к-ӯ, к-аз** ва амсоли инҳо низ натиҷаи ба арӯз мувофиқ кунондани калимаҳост. Дар навишти сурати ҳиҷоҳо аломати шартии онҳо чунинанд: барои ҳиҷои кӯтоҳ - v, барои ҳиҷои дароз - тире (-) якуним ҳиҷо (-v). Байтҳои овардашуда чунин ифодаи шаклӣ мегиранд:

Кӯ ш то хал қ ро ба ко ро й
То ба ҳус нат ҷа ҳон би о ро й
– v – – v – v – – –

Пуш ти ду то и фа лак ро с(т) шу даз хур ра мӣ
То чу ту фар зан д зо(д) мо да ри ай ё‿м ро
– v v – – v – – v v – – v –

Ҳиҷоҳои забони тоҷикӣ аз рӯи сохт ба шаш гурӯҳи зерин тақсим мешаванд:

1. Ҳиҷоҳои кӯтоҳе, ки аз як садоноки кӯтоҳ ва як садоноки кӯтоҳу як ҳамсадо сохта мешаванд: **а, и, у, ба, ши, ну** ва ғайра.

2. Ҳиҷоҳои дарози оддие, ки аз як садоноки дароз як садоноки дарозу як ҳамсадо иборатанд: **е, о, ӯ, ӣ, бе, ро, гӯ, гӣ** ва ҳоказо.

3. Ҳиҷоҳои дароз и оддӣ, ки аз як садоноки кӯтоҳ дар байн ва ду ҳамсадо дар ду тарафи он таркиб мёбанд: **тан, дил, шуд** ва монанди инҳо.

4. Ҳиҷоҳои дарози пурра, ки аз як садоноки дароз дар мобайн, як ва ду ҳамсадо дар ду тарафи он ташкил шудаанд: **бор, шӯр, тир, оҳ, моҳ, коҳ** ва амсоли инҳо.

5. Ҳиҷоҳои баланд, ки аз як садоноки кӯтоҳ дар мобайн, як ҳамсадо пеш аз он ва ду ҳамсадо дар охир пайдо мешаванд: **мард, гуфт, хирс** ва монанди инҳо.

6. Ҳиҷоҳои баланде, ки аз ду ҳамсадо дар охир, як садоноки дароз пеш аз он сурат мегиранд. Дар ин навъи ҳиҷоҳо пеш аз садоноки дароз низ метавонад, ки ҳамсадо мавҷуд бошад: **орд, корд, ӯст, пӯст, дӯст, ист, кист, чист, дошт** ва ғайраҳо.

Навъи ҳиҷоҳои 5 ва 6 якуним ҳиҷо буда, аз навъи 4 бо роҳи кашиш додани садонок ва баъди фосилае дакка хӯрдан ба ҳамсадо якуним ҳиҷо ба даст оварда мешавад.

Гоҳе аз ҳиҷоҳои кӯтоҳ бо таъсири талаффуз ҳиҷои дароз ба вуҷуд меояд. Аз ин ҷост ки навишти бисёр калимаҳо дар шеър аз навишти маъмулии онҳо фарқ дорад.

Роҷеъ ба хусусияти вазни арӯз боз ҳаминро дар хотир доштан лозим аст, ки дар арӯз баъди ҳиҷо мизон ва андозаи дуввуме, ки ба назар гирифта мешавад, рукн мебошад. Рукн порчаи муайяни тараннумист, ки аз як то чаҳор ҳиҷо буда, оҳанги шеърро таъмин мекунад. Ҳамин порчаҳои тараннумиро аз ҳам ҷудо карда, онро тақтеъ мегӯянд, яъне ба рукнҳо ҷудо карда шудани байт **тақтеъ** аст. Рукнҳои 3-4-ҳиҷоӣ дар аввалу мобайн ва охири мисраъ омада, рукнҳои 2 ва як ҳиҷоӣ фақат дар охири мисраъҳо меоянд. Ин рукнҳоро аркон ва ё афоили арӯз меноманд. Афоил аз решаи калимаи арабии **фаъала** (кардан) гирифта шудааст. Маҳз ҳамин калимаро дар шаклгириҳои зиёде ченаки вазн қарор додаанд, мисли фоилотун, мафоилун ва ғайра. Барои ҳиҷои кӯтоҳ аломати v, барои ҳиҷои дароз – (тире), ва барои ҳиҷои баланд ва ё якуним ҳиҷо (мад)-ро истифода мебарем, ки ин аломати шартист. Дар мисоли зерин байт ба чор пораи тараннумии баробар тақсим мешавад, ки ҳар кадоми он ба мафоӣлун баробар аст:

На си хат гӯ ш кун ҷо но ки аз ҷон дӯ с(т) тар до ранд
Ҷа во но ни са о дат ман д пан ди пи ри до но ро
v – – – v – – – v – – – v – – –

Тамоми вазнҳои арӯзи тоҷикӣ мувофиқи табиати забони тоҷикӣ ва завқи ин мардум дар асоси шаш рукни аслӣ сохта мешаванд. Ана он рукнҳо: мафоӣлун фоилотун, мустафъилун, мафъӯлоту, мафоилун, мутафоилун, фаъӯлун ва фоилун. Сурати ин рукнҳо ба шакли зерин ҷилва менамояд:

Ма-фо-ӣ-лун = v – – –
Фо-и-ло-тун = – v – –
Мус-таф-и-лун = – – v –
Маф-ӯ-ло-ту = – – – v
Ма-фо-и-лун = v – v –
Му-та-фо-ӣ-лун = v v – –
Фа-ӯ-лун = v – –
Фо-и-лун = – v –

Аз ин ҳашт рукн ба воситаи тарзҳои ҷобаҷогузории онҳо чордаҳ баҳр ташкил меёбад. Баҳр гурӯҳи вазнҳоест, ки унсури ягона дорад. Баҳрҳои арӯзи тоҷикӣ инҳоянд: Ҳазаҷ, раҷаз, рамал, мутақориб, мутадорик, мунсареҳ, музореъ, муқтазаб, муҷтас, сареъ, гариб, кариб, хафиф, мушокил. Аммо баҳрҳои аз ҳама серистеъмол дар ашъори лирикӣ рамалу ҳазаҷ ва муҷтасу музореъ буда, дар маснавӣ вазнҳои шашрукнии ҳазаҷ, мутақориб ва сареъ бештар ба кор бурда мешаванд.

Агар рукнҳои якхела такрор шаванд, баҳрҳо солим ва агар онҳо бо тагъире оянд, баҳр фаръӣ номида мешавад. Фаръ маънои намудро дошта, дар натиҷаи ихтисор ёфтани хиҷоҳои рукнҳои асосӣ ба вуҷуд меоянд. Рукнҳое, ки дар шеъри тоҷикӣ кор фармуда мешаванд, аз як ҳиҷо то панҷ хиҷоро фаро мегиранд. Баҳрҳои ҳазаҷ, раҷаз, рамал, мутақориб ва мутадорик солиманд. Ҳама баҳрҳои дигар фаръӣ. Баҳрҳои фаръӣ аз таркиби аркони гуногун ва бо роҳи кам шудани ҳиҷоҳо, тағйир ёфтани рукнҳо ҳосил мегарданд. Аз ин тағйирпазириҳо даҳҳо баҳрҳои нав пайдо мешаванд. Вале дар тамоми навъҳои баҳрҳои арӯзи тоҷикӣ дар ҳар байте ҳашт, шаш ва ё чаҳор рукн оварда мешавад, ки фосилаи ҳар кадоми онро тақтеъ мегӯянд. Дар арӯзи тоҷикӣ шеърҳое, ки байтҳояшон аз чор рукн сохта мешаванд, мураббаъ (яъне чоргона) номида мешаванд. Шеърҳое, ки байтҳои онҳо аз шаш рукн таркиб ёфтаанд, мусаддас (яъне шашгона) унвон доранд. Шеърҳое, ки байтҳояшон аз ҳашт рукн бунёд шудаанд, мусамман (яъне ҳаштгона) гуфта мешаванд. Бо тақтеъ хондани шеър ба нафси инсон таъсири азим мерасонад.

Суханро роҷеъ ба арӯз беш аз ин дароз намекунем. Фақат барои нишон додани баҳрҳое, ки чор, шаш ва ҳашт рукн доранд, яктой мисол меорем. Баъзе хусусиятҳои дигари вазни арӯзро шумо минбаъд дар вақти омӯхтани эҷодиёти шоирон хоҳед омӯхт.

Баҳри мушокили мураббаъ:

Рӯ з го р/ ха зо наст
Бо ди сар д/ ва зо наст
Фо и ло ту/ ма фо йл
– v – v/ v – –

Баҳри ҳазаҷи мусаддас:

Бо аҳ ли/ ҷа фо ва фо ра во нест
По до ши/ ҷа фо ба ҷуз ҷа фо нест
Маф ъӯ лу/ ма фо и лун фа ӯ лон
– – v/ v – v –/ v – ~

Баҳри раҷази мусаммани солим:

Эй со р бон о хис та рон ко ро ми ҷо нам ме ра вад
Он дил ки бо худ до ш там бо дил си то нам ме ра вад
мус-таф-ъи-лун мус-таф-ъи-лун
мус-таф-ъи-лун мус-таф-ъи- лун
- - v - / - - v -/ - -v -/ - - v -

# РӮДАКӢ
## (858-941)



Таърихи хазорусадсолаи адабиёти навини тоҷик, ки давоми бевоситаи адабиёти қадими он аст, бо номи асосгузори он устод Рӯдакӣ вобаста мебошад. Рӯдакиро муосиронаш ва суханварони баъдина бо унвонҳои ифтихории қофиласолори назми форс, соҳибқирони шоирӣ, устоди шоирон, султони шоирон ва одамушшуаро ёд мекунанд. Дар давоми ёздаҳ асри мавҷудияти адабиёти тоҷику форс анъанаҳои Рӯдакӣ ҳамеша зиндаву ҷовидон буданд. Имрӯз ҳам шӯҳрат, манзалат ва эҳтироми устод Рӯдакӣ оламгир аст.

ЗОДГОҲ ВА АЙЁМИ ҶАВОНӢ

Соли 858 дар яке аз деҳаҳои зебоманзари водии Зарафшон Панҷрӯд, ки маркази ҷамоати Рӯдак буд, модари хушбахте писаре зод, ки номи ӯро Ҷаъфар ниҳоданд. Бо мурури замон ва гузашти айём ин кӯдак ба дараҷаи бузургтарин мардони номвари ҷаҳонӣ шинохта шуд. Номи пурраи Рӯдакӣ ва падару бобоёни ӯ чунин аст: Абӯабдулло Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдураҳмон ибни Одам. Ҷаъфар номи аслии ӯст, ки падару модар ба вай ин номро гузоштаанд. Абӯабдулло номи эҳтиромии ӯст. Ин гуна ном барои одамони баобрӯ, хусусан олимону шоирон баъди ба камол расидан ва шӯҳрат ёфтани онҳо гузошта мешуд. Сабаб он буд, ки мардум якнома гирифтани номи одамони соҳибэҳтиромро аз рӯи одоб намедонистанд. Муҳаммад номи падари Ҷаъфар буд, Ҳаким ва Абдураҳмону Одам бобокалонҳои Ҷаъфар буданд. Рӯдакӣ тахаллуси шоирии устод аст, ки аз номи деҳаи зебои дурдасти худ Рӯдак гирифтааст.

Ноҳияи Рӯдакӣ дар асри X ҷамоатҳои Ворӯ, Рӯдакӣ ва Колхозчиёни имрӯзаро фаро гирифта, дар маркази худ қалъаи миршишин, чанд мактаб ва мадрасачае дошт. Падари Рӯдакӣ, ки аз табақаи боимтиёз ва шахсони обрӯманди ноҳия буд, ба тарбияи фарзанди заковатмандаш

аҳамияти зиёд медод. Аз ин рӯ, Ҷаъфар дар зодгоҳи худ маъмумоти муайяне мегирад.

Рӯдакӣ аз хурдӣ осори истеъдод зоҳир мекунад. Ӯ "чунон закӣ ва тезфаҳм буд, ки дар ҳаштсолагӣ Қуръон тамоман ҳифз кард ва қироат биомӯхт ва шеър гуфтан гирифт ва маонии дақиқ мегуфт, чунон ки халқ бар вай иқбол намуданд ва рағбати ӯ зиёдат шуд" (Муҳаммад Авфӣ). Аз ин хабар маълум мешавад, ки Рӯдакӣ дар бачагӣ саводи комил бароварда, ҳанӯз аз ҳаштсолагӣ шеърҳои пурмаънои аҷоибе мегуфтааст, мардум онҳоро меписандидаанд. Маҳз ҳамин писанду мақбули халқ афтодан дили Рӯдакиро ба гуфтани шеър гарм мекунад.

Ҷаъфари хурдсол дар баробари ақли расо, зеҳни гиро ва хотираи тавоно овози хуш ва савти дилкаше дошт. Ба ин сабаб ӯ дар пайи мутрибӣ меафтад. Вай даставвал ин ҳунарро аз созандагону навозандагони халқ меомӯзад. Дере нагузашта ин ҷавони ташнаи дониш роҳи Самарқандро пеш мегирад. Вай дар мадрасаҳои Самарқанд илмҳои замони худро меомӯзад. Аз осори боқимондаи ӯ маълум мегардад, ки ӯ ба ғайр аз забони арабӣ илми балоғат ва луғат, дар мадраса ё пеши устодони хусусӣ фалсафа, ҳикмат, таърих, фиқҳ (қонуншиносӣ), риёзиёт (математика) ва нуҷум (астрономия)-ро ба дараҷаи аъло аз худ карда будааст. Маснавии Даврони офтоби Рӯдакӣ оид ба илми нуҷум баҳс мекунад. Маҳз дар Самарқанд истеъдоди мутрибии Рӯдакӣ диққати устоди ҳунари мусиқӣ Абулаббоси Бахтиёрро ба худ ҷалб менамояд. Ӯ чанд сол таҳти тарбияи ин устоди омӯзгор навохтани ӯду рӯд, барбату чанг ва танбӯру найро машқ карда, дар мутрибӣ ва ромишгарӣ моҳир мешавад. Худи Рӯдакӣ чандин бор ба мусиқидониаш ишора мекунад:

Рӯдакӣ чанг баргирифту навохт,
Бода андоз, к-ӯ суруд андохт.

Истеъдоди шоирии Рӯдакӣ низ дар ин айём камол меёбад. Шӯҳрати ӯ дар гӯшаю канорҳои кишвар паҳн мегардад. Рӯдакии суханвар ва ромишгар зиндагии серу пур ва сафобахш дошт.

**РӮДАКӢ ВА СОМОНИЁН**

Рӯдакиро даставвал ба дарбори Насри I Сомонӣ, ки солҳои 864-892 ҳокими Самарқанд буд, мекашанд. Ӯ ҳамчунин дар манзилҳои деҳқонон, яъне заминдорони давлатманд ва мулкдор ба сароядагӣ, навозандагӣ ва шоирӣ машғул мешавад. Аммо ин вобастагии Рӯдакӣ бо он даргоҳҳо доимӣ набуд. Ӯ вақти худро бештар дар маҷлисҳо ва маҳфилҳои адабию илмӣ мегузаронд. Баъди ин Рӯдакӣ бо ташаббуси Абулфазли Балъамӣ, ки аз соли 892 то соли 938 вазир буд, ба Бухоро, ба пойтахти Сомониён даъват шуд. Рӯдакӣ дар он замоне, ки авҷи болоравии худшиносии халқи тоҷик буд, даъвати Балъамиро ба ҷон пазируфт. Зеро Сомониён дар сари ин ҳаракат истода, ба эҳёи фарҳанг ва расму одат ва муқаддасоти мардум мусоидат мекарданд. Иштироки Рӯдаки дар ин ҳаракат айни муддао буд.

Ӯ бо дарбори Исмоили Сомонӣ (892-907) ва Аҳмад ибни Исмоил (907-914) беалоқа набудааст. Рӯдакӣ дар дарбори Наср ибни Аҳмади Сомонӣ, яъне Насри II (914-943) ба мартабаи азим соҳиб мешавад. Бинобар ҳамин худи Рӯдакӣ мегӯяд:

Киро бузургию неъмат зи ину он будӣ,
Варо бузургию неъмат зи оли Сомон буд.

Насри I-и Сомонӣ дӯстдор ва ташвиқкунандаи адабиёти дарӣ буд. Худаш ҳам шеър мегуфт. Насри II Рӯдакиро надим, яъне аз наздикони худ мегардонад. Рӯдакӣ бо ӯ дар бисёр сафарҳояш ҳамроҳӣ карда, Нишопур, Марв, Сарахсу Ҳирот ва бисёр шаҳрҳои дигарро дидааст.

Нуфузи Рӯдакӣ дар дарбор ниҳоят бузург буд. Дар назди шахсияти ӯ амир ва вазиронаш сари таъзим ҳам мекарданд. Наср ибни Аҳмад ва сарлашкарону ҳокимони қаламрави ӯ ба шоир барои қасидаву достонҳояш мукофотҳои калон медоданд. Инро аз гуфтаҳои худи Рӯдакӣ, шоири асри XI Унсурӣ ва Муҳаммад Авфӣ (асри XIII) фаҳмидан мумкин аст. Шӯҳрати Рӯдакӣ дар суханварӣ ба дараҷае буд, ки Абулфазли Балъамӣ, ки аз сарпарастони устод Рӯдакӣ буд, гуфтааст: Дар Аҷаму Араб мисли Рӯдакӣ шоире нест.

Рӯдакӣ тарбиятгар ва пешвои тамоми адибони замонаш буд. Шаҳиди Балхӣ, Муродӣ ва Фароловӣ аз ин қабил буданд.

Далелҳои зиёди таърихӣ аз таъсири фавқулоддаи ашъори Рӯдакӣ шаҳодат медиҳанд. Боре Наср ибни Аҳмад ба Ҳирот сафар кард. Ба сабаби хушии обу ҳаво ва зебоии табиати он чор сол он ҷо монд, пойтахти худ шаҳри Бухороро гӯё аз ёд баровард. Вазирону сарлашкарони ӯ, ки муштоқи ёру диёр ва пазмони аёлу фарзандон буданд, майли Бухоро доштанд. Азбаски замони осоишта буд, амир аз фароғат даст намекашид. Саркардаҳо хоҳиши худро ба амир маъқул карда наметавонистанд. Онҳо аз устод Рӯдакӣ мадад ҷустанд, ки чорагарӣ кунад. Рӯдакӣ ба доди онҳо расид. Вай дар васфи Бухоро қасидае навишта, бо самимият, ташбеҳу муболиға шеъри гӯшнавозе эҷод кард. Пагоҳонӣ, вақте ки амир хумори шабонаро мебаровард, он суруди пур аз нишоту шодмониро бо чанг дар пардаи Ушшоқ сароид:

Бӯи ҷӯи Мӯлиён ояд ҳаме,
Ёди ёри меҳрубон ояд ҳаме.
Реги Омуву[1] дуруштиҳои он
Зери поям парниён[2] ояд ҳаме.
Оби Ҷайҳун[3] бо ҳама паҳноварӣ
Хинги[4] моро то миён ояд ҳаме.
Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ!
Шоҳ сӯят меҳмон ояд ҳаме.

---

[1] **Реги Ому** - биёбони регзори канори рости дарёи Ому.
[2] **Парниён** - ҳарир, матои нафис.
[3] **Ҷайҳун** - номи арабии рӯди Ому, Амударё.
[4] **Хинг** - асп, аспи сафеди хокистарранг.

Шоҳ моҳ асту Бухоро осмон,
Моҳ сӯи осмон ояд ҳаме!
Шоҳ сарв асту Бухоро бӯстон.
Сарв сӯи бӯстон ояд ҳаме!

Аз таъсири шеъри олӣ, овози хуш ва нолаи ҷонбахши чанги Рӯдакӣ Наср чунон мафтун гардид, ки мӯзаро напӯшида савори асп шуд ва бо дарбориёну лашкариёни худ роҳи Бухороро пеш гирифт. Рӯдакӣ низ бо ғуломон ва амволи зиёди худ, ки аз чаҳорсад шутур ва дусад ғулом иборат буд, ба Бухоро баргашт.

**ПИРӢ ВА ВАФОТИ ШОИР**

Ба ҳамин минвол замони камолоти эҷодии Рӯдакӣ дар Бухоро гузашт. Ӯ на танҳо дар дарбор, балки дар байни халқ ва хосса гурӯҳҳои равшанфикри аҳли шаҳр низ шӯҳрати тамом ёфта буд. Ин шӯҳрат ва нуфузи шоир хусусан дар замони калонсолӣ ва пирии ӯ афзун гардид. Дар бораи пирӣ ва нотавонии худ Рӯдакӣ аз ҷумла дар қасидаи Модари май ишораҳо дорад. Вале ранҷу азобҳои Рӯдакӣ дар ин айём бо кулфатҳои табиии пирӣ маҳдуд намешуд. Зеро хонадони сомонӣ дар аввали ҳукмронии худ ба пайравони мазҳабҳо, ҳатто динҳо бетараф буданд. Аз соли 919 сар карда дар хоки Сомониён, аз як тараф таблиғоти қарматӣ авҷ мегирад, аз тарафи дигар, дар охирҳои замони Насри ибни Аҳмад (914-943) таассуб ва хурофоти мазҳабӣ хеле боло рафт. Бисёр одамони равшанфикр бо тӯҳмати қарматӣ будан ба ҷазоҳо гирифтор карда мешуданд.

Қарматиҳо кӣ буданд? Қарматиҳо гурӯҳи пурқуввати сиёсие буданд, ки дар асри IX пайдо шуда, деҳқонон, бодиянишинҳо ва аҳли ҳунар, хусусан, онҳоеро, ки аз мазҳаби расмии ислом ва сиёсати нажодпарастонаи халифаҳои аббосӣ, ки худро ҳокими ҳамаи мусулмонҳо мешумориданд, норозӣ буданд, муттаҳид мекарданд. Дар замони Сомониҳо он ҳамчун ҳаракати халқӣ моҳиятан зиддифеодалӣ дошта, бо баъзе хусусиятҳои озодихоҳӣ ва демократиаш эътибор пайдо карда буд. Таъсиру нуфузи он ба дараҷае буд, ки амирону вазирон ва шахсони дигари соҳибэътибор низ ба он майл мекарданд. Наср ибни Аҳмад ҳам ба онҳо таваҷҷӯҳ дошт. Маънои қармат кӯтоҳқад аст. Сабаби чунин ном гирифтани ин ҷараён дар он аст, ки асосгузори он Ҳамдон ибни Ашъас қад ва пойҳои кӯтоҳ дошт. Аммо мухолифати рӯҳониён ва сарлашкарони сомонӣ бо қарматиҳо дар он буд, ки қарматиҳо хавфи таназзули давлати сомонӣ ва ҳуҷуми бодиянишинҳоро пай бурда, мехостанд, ки рӯҳи нажодиро дар байни халқ пурқувват намоянд. Онҳо аз сарлашкарони туркнажоди мамлакати худ низ бим доштанд. Ҳамаи инро ба ҳисоб гирифта, аҳли хирад тадбир меҷуст. Таълимоти қарматӣ, ки бузургии нажоди эрониро нисбат ба арабу турк таблиғ мекард, чун мафкура такягоҳи

хубе буд. Равшанфикрони он замон инро фаҳмида, ба он пайравӣ мекарданд. Аммо рӯҳониёни ислом ва дарбориёни иртиҷоӣ нуфузи рӯзафзуни ин мафкура ва бар зарари худ будани онро дарк намуда, ҳама мухолифони худро қарматӣ меномиданд, онҳоро ба бединӣ, бадмазҳабӣ айбдор мекарданд. Лашкариён бошанд, онҳоро мекӯфтанду ғорат мекарданд. Аз ҷумла соли 938 Абулфазли Балъамӣ бо ҳамин "гуноҳ" аз вазирӣ фуроварда шуд. Балъамӣ дар моҳи ноябри соли 940 вафот кард. Ин воқеа ба тақдири Рӯдакӣ, ки аз наздикони Балъамӣ буд, бетаъсир намонд.

Рӯдакӣ аз фитнаҳо, бетартибиҳо, амалиёти зиддихалқии қувваҳои ҷудоиҷӯи марказгурез ва ривоҷи хурофоти мазҳабӣ, ки ҳаёти шоирро талх карда, ба кори эҷодии ӯ халал мерасонданд, ба танг омада, дар сафи одамони пешқадам, ватандӯст ва халқпарвар меистад. Вай ҳатто аз он пушаймон мешавад, ки дар дарбор хизмат кардааст:

Басе нишастам ман бо акобиру аъён[1],
Биозмудамашон ошкору пинҳонӣ.
Нахостам зи таманно магар, ки дастурӣ[2],
Наёфтам зи атоҳо магар пушаймонӣ.

Ҳукуматдорон ин рафтори бебоконаи шоирро бардошта натавонистанд. Онҳо молу мулки Рӯдакиро мусодира карда, ба чашми ӯ мил кашида, кӯр карданд. Мил кашидан аз қабеҳтарин ҷазоҳои ҳокимони феодалӣ буд, ки бо лӯлачаи оҳанини тасфон гавҳараки чашми одамонеро, ки аз ҷиҳати мафкуравӣ хавфноктарин шумурда мешуданд, доғ мекарданд.

Рӯдакии пири нотавон, озорёфта ва ҷазогирифта ба деҳаи худ баргашт. Ҳамдиёрон ӯро дар оғӯши навозиш ва ғамхорӣ гирифтанд.

Баъди бозгашт ба зодгоҳ Рӯдакӣ зиндагии пурҷӯшу хурӯш ва осудаи худро ба ёд оварда, мулоҳиза меронд, ки чаро ӯро аз майдони мубориза берун карданд? Бале, гуноҳе надошт. Шоири ранҷур навишта буд:

Басо, ки маст дар ин хона будаму шодон,
Чунон ки ҷоҳи ман афзун буд аз амиру мулук[3].
Кунун ҳамонаму хона ҳамону шаҳр ҳамон,
Маро нагӯй, ки аз чӣ шудаст шодӣ сук[4]?

Баъди се соли ба зодгоҳи худ баргаштан, яъне соли 941 Рӯдакӣ аз олам гузашт. Ҷасади ӯро дар саҳни бӯстони Панҷрӯд ба хок супурданд. Оромгоҳи ӯ то имрӯз зиёратгоҳи мухлисони назми пок ва сухани олӣ мебошад.

---

[1] **Акобиру аъён** - ашроф, давлатмандон, мансабдорон.
[2] **Дастурӣ** - иҷозат гирифтан, яъне иҷозат гирифта, аз назди онҳо дур шудан.
[3] **Мулук** - ҷамъи малик, подшоҳон, ҳокимон.
[4] **Сук** - ғам, азо.

## Эҷодиёти Рӯдакӣ

Рӯдакӣ аз шоирони пуркор ва сермаҳсули дунё буд. Эҷодиёти ӯ аз 8-солагиаш сар шуда, қариб 70 сол давом кард. Бар замми ин, Рӯдакӣ чунон истеъдоди бузург дошт, ки асарҳои калонро дар муддати кӯтоҳ эҷод мекард. Соли 932 ӯ бо хоҳиши дӯсташ Балъамӣ Калила ва Димнаро дар 12 ҳазор байт ба назм медарорад. Ҳоло аз он қариб сад байт боқист. Баъди ин достони Синдбодномаро менависад. Соли 933 қасидаи Модари майро дар чанд рӯз мегӯяд, ки он дар шакли боқимондааш аз 94 байт иборат аст. Соҳиби девони бузург будани Рӯдакӣ **аниқ аст. Девон маҷмӯаи ашъори лирикии** ин ё он шоир аст, ки мувофиқи жанрҳо чобаҷо карда мешавад. Вай ба ғайр аз Калила ва Димна ва Синдбоднома боз 5 маснавии дигар доштааст. Яке аз онҳо маснавии Давронй офтоб аст, ки дар бораи ҳаракат ва хосиятҳои табиии офтоб баҳс мекардааст. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки Рӯдакӣ бе ҳеҷ шакку шубҳа аз шоирони пурмаҳсул будааст. Аз ин ҷиҳат Муҳаммад Авфӣ (асри XIII) ҳаҷми ашъори ӯро сад дафтар, яъне сад ҷилд мегӯяд. Шоири асри XI Рашидии Самарқандӣ сездаҳ раҳ сад ҳазор байт будани шеъри Рӯдакиро хабар медиҳад:

Гар сарӣ ёбад ба олам кас ба некӯшоирӣ,
Рӯдакиро бар сари он шоирон зебад сарӣ.
Шеъри ӯро баршумурдам, сездаҳ раҳ сад ҳазор,
Ҳай фузун ояд, агар чунонки бояд бишмарӣ.

Шоири дигари асри XI Асадии Тӯсӣ, ки бо Рӯдакӣ қарибулаҳд ва аз донишмандони забардасти эҷодиёти ӯ буд, яксаду ҳаштод ҳазор байт гуфтани Рӯдакиро таъкид мекунад, ки ин хабар беш аз ҳама ба ҳақиқат наздик аст:

Шоир чу гузин[1] Рӯдакӣ он к-аш бувад абёт
Беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дуру девон.

Аз ин осори беандоза бузурги устод Рӯдакӣ акнун дар ҳудуди ҳазор байт боқӣ мондаасту бас. Вале ҳамин миқдори ками дурдонаҳои ӯ низ нубуғи шоирӣ ва қудрати офаридагории устодро намоиш медиҳад.

**КАЛИЛА ВА ДИМНА** Асли ин достони машҳури ҷаҳонӣ ҳиндӣ буда, дар асри VI аз ҳиндӣ ба паҳлавӣ тарҷима шуда буд. Баъд онро дар асри VIII Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ аз паҳлавӣ ба арабӣ гардонд. Дар аҳли Наср ибни Аҳмади Сомонӣ Калила ва Димнаро Балъамӣ аз арабӣ ба форсии дарӣ бо наср тарҷима карда буд.

Калила ва Димна маҷмӯаи қиссаю ҳикояҳои пандомезест, ки аз забони ҳайвонот нақл шуда, масъалаҳои муҳимми ахлоқию иҷтимоиро дар бар мегирад. Онро ба Рӯдакӣ мехонданд. Чашмони Рӯдакӣ он вақт хира буд. Вай онро аз рӯи тарҷумаи тоҷикии Балъамӣ ба риштаи назм кашид. Дар ин бора Фирдавсӣ чунин хабар медиҳад:

---

[1] **Гузин** - интихобшуда, хоста гирифташуда, писанида.

Калила ба тозӣ[1] шуд аз паҳлавӣ,
Бад-ин сон, ки акнун ҳамебишнавӣ.
Ба тозӣ ҳаме буд то гоҳи Наср,
Бад-он гаҳ, ки шуд дар ҷаҳон шоҳи аср.
Гаронмоя Булфазл дастури[2] ӯй,
Ки андар сухан буд ганҷури ӯй,
Бифармуд то порсии дарӣ
Бигуфтанду кӯтоҳ шуд доварӣ...
Гузорандаро[3] пеш биншонданд,
Ҳаме нома бар Рӯдакӣ хонданд.
Бипайваст гӯё парокандаро,
Бисуфт[4] инчунин дурри огандаро.

Калила ва Димнаи Рӯдакӣ асари панду ахлоқӣ буда, дар он масъалаҳои тарғиби одоби баланд, ахлоқи пок, одамгарӣ, дӯстӣ, рафоқат, дониш ва баръакс мазаммати нуқсонҳои инсонӣ ва иллатҳои ҷамъиятӣ тасвир мешавад. Ба ақидаи устод Рӯдакӣ, барои пеш рафтани инсон ду чиз аз ҳама зарууртар аст: омӯхтани таҷрибаи зиндагӣ ва ба даст даровардани илму дониш. Аммо сарчашмаи муваффақиятҳои шахсии одам ба кӯшиши мақсадноки ҳамешагӣ, сабру тоқат ва солорию бурдборӣ вобаста мебошад. Дар Калила ва Димна устод Рӯдакӣ ягонагии дониши инсоният, иштироки халқҳои гуногуни дунё дар кори ба вуҷуд овардани хазинаи маданият, ҳамеша дар такомул будани илм ва нури маърифат будани онро таъкид менамояд:

То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,
Кас набуд аз рози дониш бениёз.
Мардумони бихрад андар ҳар замон
Рози донишро ба ҳар гуна забон
Гирд карданду гиромӣ[5] доштанд,
То ба санг андар ҳаме бингоштанд.
Дониш андар дил чароғи равшан аст,
В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан[6] аст.

Калила ва Димна ганҷинаи ҳикмат аст. Ин ҳикматҳо ростӣ, хизмат ба мардум, расидани рӯзи хубӣ, камсуханӣ, таърифи хираду дониш ва накӯҳиши афъоли нописанд ва амсоли инро ташвиқ мекунанд:

Кор чун баста шавад, бикшоядо
В-аз паси ҳар ғам тараб афзоядо.

---

[1] **Тозӣ** - арабӣ.
[2] **Дастур** - вазир.
[3] **Гузоранда** - ровӣ, ривояткунанда, гӯянда, нақлкунанда.
[4] **Бисуфт** - шикоф кард, зеб дод, оро дод.
[5] **Гиромӣ** - азиз, мӯътабар.
[6] **Ҷавшан** - навъе аз либоси ҷангии оҳанин, чун зиреҳ.

Ситоиш ва тарғиби дӯстӣ дар Калила ва Димна мақоми сазовор дорад. Шоир дар олам дидори дӯстро бузургтарин шодмонӣ ва ҷудоӣ аз онро ғами ҷонкоҳ мешуморад:

Ҳеч шодӣ нест андар ин ҷаҳон
Бартар аз дидори рӯи дӯстон.
Ҳеч талхӣ нест бар дил талхтар
Аз фироқи[1] дӯстони пурҳунар.

Мағрури дунё, мақом, дорой ва дониши худ набояд шуд, зеро оқибат бе ҳеч чиз танҳо ба гӯр бояд рафт ва дар зери лаҳад омию олим, дорою бебизоат ва аблаҳу хираманд, яъне фарзона баробар аст:

Аблаҳу фарзонаро[2] фарҷом[3] хок,
Ҷойгоҳи хар ду андар як мағок[4].

Достони Калила ва Димнаи Рӯдакӣ дар баҳри рамали мусаддаси максур навишта шудааст. Ҳар мисраи он аз се рукн - фоилотун фоилотун фоилун –v – – /–v– –/–v– – /–v– иборат аст. Он бо ин байти машҳури пурҳикмат шурӯъ мешудааст:

Ҳар кӣ н-омӯхт аз гузашти рӯзгор,
Низ н-омӯзад зи ҳеч омӯзгор!

**МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ЛИРИКАИ ШОИР**

Осори боқимондаи Рӯдакӣ аз қасида, ғазал, китъа, рубой ва маснавӣ иборат аст. Аз қасидаҳои ӯ се қасидаи пурра Модари май, Қасидаи пирӣ, Дер зиёд[5] он бузургвор худованд[6] ва порчаҳои алоҳида боқӣ мондаанд. Мавзӯи асосии қасидаҳои Рӯдакиро мадҳ, масъалаҳои муҳими зиндагии асри X, тасвири лаҳзаҳои ҷудогонаи рӯзгори шахсии шоир, шиква аз замон, ҳаҷв, марсия, фалсафа ва ҳикмат ташкил мекунанд. Шоир дар зимни ин масъалаҳо ба мавзӯъҳои панду насиҳат, шартҳои сабзиши шахсӣ, ҳимояти мазлумон, тарғиби адлу инсоф, нафъ расондан ба халқ ва ташвиқи кӯшишу кор дахл менамояд. Дар қисматҳои муқаддимавии қасида, ки онро ташбиб ё насиб мегӯянд, Рӯдакӣ ба тавсифи баҳор, тараннуми зебоиҳои табиат, тасвири хушгузаронии вақт мепардозад. Баъзе муқаддимаҳои қасидаҳои Рӯдакӣ хос ба мавзӯи ишқ бахшида шудаанд. Ин навъ ташбибҳои қасидаро тағаззул мегӯянд. Навъҳои дигари ашъори боқимондаи Рӯдакӣ, хосса ғазалҳои ӯ, аз ҷиҳати мавзӯъ мисли қасидаҳои ӯ рангоранг ва ғанӣ намебошанд. Маснавиҳои устод дар асл қиссаю афсона, саргузаштҳои ибратомӯз, панду ахлоқ ва афкори ҳакимонаи ӯро фаро мегирифтаанд. Вале порчаҳои боқимонда аз панду насиҳат ва тарғиби илму дониш берун намебароянд.

Ғазалҳои Рӯдакӣ асосан ишқро тараннум мекунанд. Шоир ҳамчун

---

[1] **Фироқ** - дурӣ.
[2] **Фарзона** - оқил.
[3] **Фарҷом** - оқибат.
[4] **Мағок** - гӯр, гӯрхона.
[5] **Зиёд** - зиҳад, зинда бошад.
[6] **Худованд** - соҳиб, подшоҳ.

инсони комил ҳатто дар қасидаҳои мадеҳавиаш бо самимият ва эътиқод масъалаҳои адолатпарварӣ, мазлумнавозӣ, инсондӯстӣ ва муҳаббат доштан ба ватан ва ғояи марказиятҳои ҳокимонро талқин менамояд. Шоир дар як ғазали худ Бухороро, ки бо ҷону дил дӯст медорад, аз пойтахти хилофат Бағдод боло мегузорад, насими онро аз мушки Хутан афзалтар мешуморад. Он ғазал дар яке аз сафарҳои Рӯдакӣ ҳангоми дурӣ аз Бухоро суруда шудааст:

Ҳар бод, ки аз сӯи Бухоро ба ман ояд,
Бо бӯи гулу мушку насими суман ояд.
Бар ҳар зану ҳар мард куҷо барвазад он бод?
Гӯӣ магар он бод ҳаме аз Хутан[1] ояд.

Аммо боди Бухоро аз насими Хутан гуворотар аст, зеро маъшуқаи шоир он ҷост:

Не, не, зи Хутан бод чунин хуш навазад ҳеҷ,
К-он бод ҳаме аз бари маъшуқи ман ояд.

Сирри ишқро пӯшида нигоҳ доштан фарз аст. Лекин ҳайҳот, ки ин кори басе мушкил буда, билохира ин роз пинҳон нахоҳад монд. Шоири дилогоҳ ҳамин маъниро бо суханҳои ширину самимӣ дар байтҳои охири ғазали мавриди баҳс ҷилва медиҳад:

Кӯшам, ки бипӯшам санамо номи ту аз халқ,
То номи ту кам дар даҳани анҷуман ояд.
Бо ҳар кӣ сухан гӯям, ар хоҳаму гар не,
Аввал суханам номи ту андар даҳан ояд.

Васфи Бухоро, ситоиши ёр ва тасвирҳои лаззатбахши обу замини кишвар, яке дигареро пурра ва азизтар гардондан тарзи ифодаи ғояи баланди ватандӯстии устод Рӯдакист. Аммо Рӯдакӣ ба тасвирҳои тараббахш, шодиовар ва дилрабо манзараҳои табиати зебо, сеҳрангез будани баҳору ҳусни табиати мафтункунандаи он айёми хуррамро ба тарзи равшан, эҳсосшаванда ва пеши назар оянда муҷассам менамояд. Вақте ки кас ғазали поёнро мехонад, гумон мекунад, ки филмеро мебинад ё ба нигористоне (музейе) даромадааст, ки расмҳои рассоми чиредасте ба маърази тамошо гузошта шудаанд:

Омад баҳори хуррам бо рангу бӯи тиб[2]
Бо сад ҳазор нузҳату[3] ороиши аҷиб.
Шояд, ки марди пир бад-ин гаҳ шавад ҷавон,
Гетӣ[4] бадил[5] ёфт шабоб[6] аз паи машиб[7].
Чархи бузургвор яке лашкаре бикард,
Лашкар-ш абри тираву боди сабо нақиб[8].

---

[1] **Хутан** - номи вилояти макони мушк дар Чин.
[2] **Тиб** - бӯи хуш.
[3] **Нузҳат** - зебоӣ, фараҳбахшӣ.
[4] **Гетӣ** - олам, ҷаҳон, дунё.
[5] **Бадил** - бадал.
[6] **Шабоб** - ҷавонӣ.
[7] **Машиб** - пирӣ.
[8] **Нақиб** - сардор.

Наффот[1] барқи равшану тундур-ш[2] таблзан[3],
Дидам ҳазор хайлу[4] надидам чунин маҳиб[5],
Он абр бин, ки гиряд чун марди сӯгвор[6]
В-он раъд, бин, ки нолад чун ошиқи каиб[7].
Хуршедро зи абр дамад рӯй гох-гоҳ
Чун он ҳисорие[8], ки гузар дорад аз рақиб.

Акнун тасаввур кунед: баҳор дар шакли олиҳаи зебое меояд, ки лашкари бузурге дорад, ин лашкар ба сурати абри тираи осмони баҳориест, пешопеши он боди сабо чун сарлашкар онро пеш мебарад, барқ гӯё бо силоҳе, ки пури нафти даргирон аст, ба сӯи душман ҳуҷум мекунад, раъд табл менавозад. Аз мушоҳидаи ин манзара марди пир ҷавон мешавад. Чунин лашкари ҷарроррo касе надидааст. Боз абри баҳорӣ чун марди ғамзада ё мотамдоре мегиряд, раъд бошад, чун ошиқи номурод нола мекунад. Офтоб мисли маъшуқаи чодарпӯше, ки аз рақиб бим дорад, гоҳ чеҳраи худро мекушояду гоҳ мепӯшад. Ҳама чиз ба назар намоён ва эҳсосшаванда. Аммо дар ҳамин тасвири зебои фараҳфизо низ хавфи он аст, ки ҳамаи ин шодиҳо ба ғам таблил ёбанд. Аз ин рӯ шоир ҳеч гоҳ зиндагии бади халқ, бенавоӣ ва ғаму кулфтаҳои бечорагонро аз ёд намебарорад. Баръакс, Рӯдакӣ дар як рубоияш эътироф менамояд, ки ҳамаи ситамҳо ва нохушиҳои зиндагӣ насиби ин гурӯҳ мешавад:

Дар манзили ғам фиганда мафраш[9] моем
В-аз оби ду чашм дил пуроташ моем.
Олам чу ситам кунад, ситамкаш моем,
Дасти хуши рӯзгори нох(в)аш моем.

Ӯ таълим медиҳад, ки ҳамаи шодиҳо ва ғамҳо гузаранда буда, бақое надоранд. Инро дониста, бояд аз рӯи ақл ҳаёт ба сар бурд:

Зиндагонӣ чӣ кӯтаҳу чӣ дароз
На ба охир бимурд бояд боз?...
Хоҳӣ андар анову[10] шиддат зӣ
Хоҳӣ андар амон ба неъмату ноз.

Рубоиҳои Рӯдакӣ роҷеъ ба ишқ, фалсафа, ҳикмат ва панду насиҳат баҳс мекунанд. Ин ҷо ҳам Рӯдакӣ ишқро асли ҳастӣ мешуморад. Муҳаббат ба пиндори ӯ эҳсосест, ки торафт нерӯ мегирад. Ишқ ва муҳаббат бо маъшуқ ва маъшуқа иртибот дорад. Шунидани номи дилбар хул ба ошиқ фараҳ мебахшад, дигар ҳама чиз барои ӯ ногувор аст:

---

[1] **Наффот** - партояндаи тӯпи нафтӣ.
[2] **Тундур** - раъд.
[3] **Таблзан** - таблнавоз.
[4] **Хайл** - лашкар.
[5] **Маҳиб** - бадхайбт.
[6] **Сӯгвор** - ғамдор.
[7] **Каиб** - ғамгин.
[8] **Ҳисорӣ** - духтар.
[9] **Мафраш** - палос, шол, намад.
[10] **Ано** - ғам, андӯҳ.

Номат шунавам, дил зи фараҳ зинда шавад,
Ҳоли ман аз иқболи[1] ту фархунда шавад.
В-аз ғайри ту ҳар ҷо сухан ояд ба миён,
Хотир ба ҳазор ғам пароканда шавад.

Дар эҷоди рубоӣ низ рағбати Рӯдакӣ ба тасвири эҳсосшаванда, аёнӣ, зебо ва барангезонандаи ҳиссиёти рӯҳонӣ бештар аст. Ин ҷо низ ашё ба василаи ташхисонидан, монанд кардан ва аз онҳо натиҷа гирифтан шакл мепазирад:

Эй аз гули сурх ранг бирбудаву бӯ,
Ранг аз пайи рух рабуда, бӯ аз пайи мӯ.
Гулранг шавад, чу рӯй шӯӣ, ҳама ҷӯ,
Мушкин гардад, чу мӯ фишонӣ, ҳама кӯ.

Хитобаҳои Рӯдакӣ мисли садои суруши ғайбӣ ва нидои осмонӣ ба гӯш расида, аз пайғоми ҳакимонаи ӯ дарак медиҳанд:

Ҳон Рӯдакӣ, аз қайди ғам озод бизӣ[2]!
Бо хотири хурраму дили шод бизӣ!
Вайронии худ мангару ободии даҳр[3],
Вайронии даҳр бину обод бизӣ!

## Қасидаҳои Рӯдакӣ

Навъи аз ҳама ривоҷёфтаи назми асри X қасида буд. Мавзӯи қасида бештар аз мадҳу васф, гоҳе аз фалсафа, ҳамчунин аз шикояту ҳасби ҳол таркиб меёбад. Қасида дар назми тоҷик ба туфайли эҷодиёти Рӯдакӣ рӯ ба камол ниҳод. Аз ин ҷиҳат асосгузори қасидаи мукаммал дар адабиёти тоҷик бархақ Рӯдакист. Бисёр шоирони дигари муосири ӯ низ қасида навиштаанд. Рӯдакӣ аз аввалин шоиронест, ки дар охири умр аз маддоҳӣ даст кашида, ба сурудани қасидаҳои фалсафӣ, ахлоқӣ ва ҳикматомез машғул шудааст. Аксар танҳо қисматҳои муқаддимавии қасидаҳои ӯ мавҷуданд, ки ба васфи баҳор, ишқ, ҷавонӣ хушгузаронии умр, ҷашнҳою идҳо, хусусан тасвири Наврӯзу Меҳргон ва амсоли инҳо бахшида шудаанд. Ин навъ порчаҳои қасида, хоҳ алоҳида бошанд ва хоҳ дар таркиби қасида тағаззул номида мешаванд. Бо вуҷуди ин бисёр қасидаҳои Рӯдакӣ ва муосирони ӯ қасидаҳои мадеҳавӣ буда, ба ситоишу таърифи пурмуболиға ва мадҳу санои иғрокомези подшоҳону амирон, шоҳзодагону вазирон ва дигар шахсиятҳои олирутба махсус гардонида шудаанд. Рӯдакӣ мадҳро асоси ҷавлон пазируфтани табъ шумурда ашъори мадеҳавии худро аз сари сидқ месуруд, мегуфт, ки "То зиндаам, маро нест ҷуз мадҳи ту дигар кор, - Кишту дурудам[4] ин аст, хирман ҳамину шудгор". Ба мамдӯҳони худ хислатҳои баргузидаро нисбат дода, ба воситаи симои онҳо чеҳраи подшоҳи одилу хирадманд,

[1] **Иқбол** - истиқбол, воҳӯрӣ.
[2] **Бизӣ** - зиндагӣ кун.
[3] **Даҳр** - дунё, олам, ҷаҳон.
[4] **Дуруд** - дravar.

фуқаропарвару мазлумнавоз, душманкӯбу золимгудоз ва сулҳдӯстро дар зеҳни худ идеали иҷтимоии хеш офарида, ба ин васила ҳокимони замони худро ба ғамхорӣ дар ҳаққи табаа, ободонии кишвар ва ҳимояи афтодагону ҷаврдидаҳо тарғиб мекард. Аз қасидаҳои мадеҳавии Рӯдакӣ дуто то ба замони мо пурра маҳфуз мондаанд. Аз инҳо яке **қасидаи муктазаб**, яъне кӯтоҳ аст, ки аз 16 байт таркиб ёфта, бидуни муқаддимаю ташбиб ва ё насибу тағаззул, бевосита аз баёни матлаби асосӣ шурӯъ мегардад. Мамдӯҳи он зикр нашудааст. Вале аз сифатҳое, ки ба мамдӯҳ нисбат дода мешаванд, пай бурдан осон аст, ки онро Рӯдакӣ дар ситоиши Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ гуфтааст:

Дер зиёд он бузургвор худованд,
Ҷони гиромӣ ба ҷонаш андар пайванд.
Доим бар ҷони ӯ бипазирам, зеро-к
Модари озодагон к-аш орад фарзанд.
Аз маликон кас чун ӯ набвад ҷавоне,
Роду сухандону шермарду хирадманд.

Ин қасида ба ҷуз мадҳу дуо ҷузвҳои таркибии дигари қасидаи мукаммал (насиб, гурез, байти тахаллус, талаб)-ро надорад. Дар он шоир санъати раддулматлаъро ба кор бурда, мисраи аввали матлаъро мисраи дуввуми мақтаъ гардондааст:

Охири шеър он кунам, ки аввал гуфтам:
Дер зиёд[1] он бузургвор худованд[2].

Қасидаи мадҳияи дигари Рӯдакӣ, ки пурра ба даст даромадааст, ба сабаби бо калимаҳои Модари май шӯрӯъ шуданаш қасидаи **Модари май** ном гирифтааст. Ин қасида дар ситоиши малики Хуросон, яъне волии Хуросон Абӯҷаъфар Аҳмад ибни Муҳаммад буда. ин малик соли 933 ҳокими исёнҷӯи вилояти Рай Мокон ибни Кокуро, ки бар зидди Насри II шӯрида буд, мағлуб намуда, аз нав ӯро ба итоати ҳукумати марказӣ даровarda буд. Қасидаро Рӯдакӣ бо хоҳиши Наср навишта буд. Ин қасида намунаи мумтози қасидаи комили мадеҳавӣ буда, 94 байтро шомил аст. Он аз ташбиб (байтҳои 1-21), гурез (байтҳои 22-35), мадҳ (байтҳои 36-74), байти тахаллус (Рӯдакиё, барнавард мадҳи ҳама халқ, - Мидҳати ӯ гӯю маҳри давлат бистон) ва дархости мадиди давлату иқбол (байтҳои 75-91) ва дуо (байтҳои 91-94) тарҳ рехта шудааст. Дар ташбиби хамрия шоир ҷараёни сабзишу гуволиш ва расидани ангур дар ток, чидану сара кардан ва нигоҳдошти он дар чархушт, пухтану хобондани май, баъди ранги ёқут гирифтан дар навбаҳор кушодану соф кардани он ва хусусиятҳои дигари шароби ангуриро ба тарзи links - муносибати очаю бача ва талабгорони онҳо ба қалам медиҳад:

---

[1] **Зиёд** - зиндагӣ кунад.
[2] **Худованд** - подшоҳ, соҳиб.

Модари майро бибояд кард қурбон,
Баччаи ӯро гирифту кард ба зиндон.
То нахӯрад шир хафт маҳ ба тамомӣ
Аз сари урдибиҳишт[1] то буни обон[2].
Боз ояд ба ҳушу ҳол бубинад,
Ҷӯш барорад, бинолад аз дили сӯзон.

Қасидаҳои Рӯдакӣ аз он ҷумла Модари май, ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки ғарази шоир аз идеализатсияи мамдӯҳонаш он аст, ки онҳоро ба инсофу диёнат, додгустарӣ, раиятпарварӣ ва ҳимояти Ватан ташвиқ намояд. Албатта, он сифатҳои олиро дар шахсияти ҳокимони замон дидан мумкин набуд. Дар пораҳои боқимондаи қасидаҳои Рӯдакӣ бо роҳҳо, шеваҳо ва усулҳои гуногун ба мамдӯҳон нисбат дода шудани сифатҳои олии инсонӣ ва сиёсатмадорӣ ба назар мерасад. Шоир ба ташбеҳу маҷоз ва истиора, тазоду муболиға ва игроқ, талмеҳ, таҷнис, музораа, иҳом ва дигар санъатҳои бадеӣ кӯристонҳои ҷангии мамдӯҳ, хусусан пирӯзиҳои ӯро бар бадхоҳону бадандешони мулку давлат ситоиш намуда, воломанишию ростӣ, саховату шуҷоат адлу иқтидор, ҳиммат, хирадмандӣ ва амсоли инро ташвиқ менамояд. Қасидаи Дар мадҳи вазир Абӯтайиб Тоҳири Мусъабӣ низ санои ҷӯду аторо фаро мегирад.

Мамдӯҳи асосии Рӯдакӣ Насри II ибни Аҳмади Сомонӣ буд. Насрро Рӯдакӣ чун Рустам роду дар саховат чун Ҳотам ҳатто аз ӯ волотар, заковатманд, дар набард мисли Рустам шердилу мард, балки бартар тасвир мекунад:

Ҳотами Тойӣ тӯӣ андар сахо,
Рустами Дастон тӯӣ андар набард.
Не, ки Ҳотам нест бо ҷуди ту род,
Не, ки Рустам нест дар ҷанги ту мард.

Ба ҳамин тариқ, Рӯдакӣ вазифаи гражданинии адабиётро дуруст дарк намуда, эҷодиёти худ ва пеш аз ҳама асарҳои мадеҳавиашро ба сиёсати давлати замони худ тобеъ гардонда, ба ин васила барои давлати ягонаи мутамаркази миллӣ фаъолият нишон дод.

**ҚАСИДАИ ПИРӢ** Ин қасида шомили 34 байт буда, дар баҳри муҷтасси мусаммани мақсур суруда шудааст.

Аз ҷиҳати мавзӯъ Қасидаи пирӣ шарҳиҳолӣ буда, шоир онро дар айёми пирӣ ва рӯзҳои сахти зиндагӣ навиштааст. Дар ин қасида Рӯдакӣ лаҳзаҳои муҳимтарини ҳаёти худ, хусусан гардишҳо ва баландию пастиҳои онро ба ёд меорад. Аммо ин ба ёд овардаҳо нақли оддии саргузашти шоир, баёни сатҳии ҳоли ӯ ва зикри холии воқеаҳои

[1] **Урдибиҳишт** - моҳи дуюми соли тоҷикӣ (21 апрел - 21 май).
[2] **Обон** - моҳи ҳаштуми соли тоҷикӣ (23 октябр - 21 ноябр).

таърихӣ набуда, аз заминаи мушоҳидаҳо, натиҷагириҳо, баёни ҳаяҷони пурзӯр, андешаҳои амиқ ва тафаккури ҷиддӣ асари асили санъат эҷод гардидааст. Шоир гузаштаи ширини афсонавӣ ва ҳозираи талхи воқеии худро ба муҳокима гузошта, аз тафовути он натиҷаи ибратбахш мегирад. Аз ин ҷиҳат онро хулосаи фалсафӣ ва ҷамъбасти иҷтимоии зиндагии дурудароз, пургардиш ва пурмазмуни устод Рӯдакӣ шумурдан мумкин аст.

**Қасидаи пирӣ** аз ҷиҳати устухонбандӣ ба панҷ қисмат ҷудо мешавад:

1. Дар чор байти аввал шоир хабар медиҳад, ки фалокате ба сараш омадааст ва аз таъсири он дандонҳояш ҳама рехтаанд. Вай қасидаро бевосита аз баёни воқеа сар мекунад. Дар ҳамин ҷо бо ташбеҳҳои олӣ васфи дандонҳои шоир ва бо ҳасрату андӯҳ фалокати расида ба қалам дода мешавад. Вале шоир таъкид менамояд, ки ин аламҳои ҷонкоҳ аз бахти бад, яъне наҳси Кайвон ва пирӣ, яъне рӯзгори дароз набуда, ба қазои Яздон, яъне ба воқеаҳои рӯзгор вобаста аст:

Маро бисуду фурӯ рехт ҳар чӣ дандон буд,
Набуд дандон, ло, бал[1] чароғи тобон буд.
Сапеду симзада буду дурру марҷон буд,
Ситораи саҳарӣ буду қатраборон буд.
Яке намонд кунун з-он ҳама, бисуду бирехт,
Чӣ наҳс[2] буд? - Ҳамоно, ки наҳси Кайвон буд.
На наҳси Кайвон буду на рӯзгори дароз,
Чӣ буд? Ман бигӯям: қазои Яздон[3] буд.

2. Пас аз ин Рӯдакӣ дар чор байти баъдина, ки як навъ ручӯи фалсафист, масъалаи ҳамеша дар ҳаракату тараққӣ будани олам, ҳеҷ гоҳ сукути мутлақ надоштани он, ҳамеша аз шакле ба шакли муқобил ва аз ҳолате ба ҳолати акси он тағйир ёфтани ҳастиро ба қалам медиҳад. Шоир дар натиҷаи амиқ омӯхтани дунёи воқеӣ ба хулосаи амиқу фалсафие расидааст, ки олами моддӣ якхел ва якранг наистода, бо гардиши фалак ва гузашти айём ҳаёт аз сифате ба сифате табдил меёбад. Аз ин рӯ кӯҳна нав мешавад, биёбон гулистон, боғ харобазор ва баръакс. Аз ин маълум мешавад, ки Рӯдакӣ дар ҷаҳонбинии худ то ба дараҷаи фаҳмиши диалектикаи ибтидоӣ расида будааст. **Диалектика калимаи юнонӣ буда, инкишоферо мефаҳмонад, ки бо тамоми мураккабӣ, пуррагӣ ва зиддиятҳои дохилиаш чараён меёбад.** Ба ин байтҳо диққат намоед:

Ҷаҳон ҳамеша чу чашмест, гирд гардон аст,
Ҳамеша то бувад оин-ш гирдгардон буд.
Ҳамон ки дармон бошад, ба ҷои дард шавад
Ва боз дард ҳамон, к-аз нахуст дармон буд.
Куҳан кунад ба замоне ҳамон куҷо нав буд
Ва нав кунад ба замоне ҳамон, ки хулқон[4] буд.

---

[1] **Ло, бал** - не балки.
[2] **Наҳс** - касофат.
[3] **Қазои Яздон** - тақдири азалӣ.
[4] **Хулқон** - куҳан, фарсуда.

3. Қисмати сеюми қасида (байтҳои 9-23) саргузашти шахсии шоирро дар ҷавонӣ нақл мекунад. Дар ин ҷо шоир шахсияти худро чун ҷузви табиат ва ҷамъият мавриди тасвир қарор медиҳад. Аз ин рӯ тазодҳои олам барои зиндагии ӯ низ татбиқшаванда мебошанд. Рӯдакӣ бо хитоби муассир ҳусн ва айёми навҷавонии худро бо шавқ ба ёд меорад: Ӯ ҷавонест бо қомати раъно, рӯяш мисли дебо, мӯйҳояш ба сони қатрон сиёҳ, зулфонаш чун чавгон, дар ҳама ҷо меҳмони азиз аст, чунон шоду хуррам аст, ки чӣ будани ғам, ҳатто ташвиши аёлу фарзандонро намедонад, рӯзҳояшро бо айшу шодмонӣ мегузаронад, дили хубрӯёнро мебарад. Вале сифати асосии шоир дар ин айём он аст, ки ӯ, ки дилаш хазонаи ганҷи сухан буд, дар шоирӣ ном бароварда, маҳз бо шеъри матини худ дили мардумонро нарм мекард, ин ҳунар ӯро бо мардуми сухандон наздик гардонда буд. Ин қисмати шодмонибахши қасидаро суруди ҷавониву комронӣ номидан мумкин аст. Ҳангоми сурудани ин қисмат шоир ғаму кулфати худро тамоман фаромӯш кардааст:

Дилам хазонаи[1] пурганҷ буду ганҷ-сухан,
Нишони номаи мо мӯҳру шеър унвон буд.
Ҳамеша шоду надонистаме, ки ғам чӣ бувад,
Дилам нишоту тарабро фароx майдон буд.
Басо дило, ки ба сони ҳарир[2] карда ба шеър,
Аз он сипас, ки ба кирдори сангу сандон буд.
Ҳамеша чашмам зӣ зулфакони чобук буд,
Ҳамеша гӯшам зӣ мардуми сухандон буд.

4. Рӯдакӣ дар қисмати чоруми қасида (байтҳои 24-33) мақоми ҷамъиятӣ, шӯҳрату азамати шоирӣ ва нуфузу эътибори худро дар дарбори Сомониён ва назди аъёну ашрофи олимартабаи дигар ба хотир меорад. Дар ин қисмат ҷило, шиддат, ҷӯшу валвала ва нишотбахшии қисмати пешин дида намешавад. Шоир акнун гузаштаи гуворои худро ботамкин, ҳатто бо оҳанги каме ғамангез баён мекунад. Вай мисли булбул нағмасаро, унси родмардон, пешкори мирон, мӯътабари подшоҳон, азизи деҳқонони (ашрофзодагони) номвар, ҳатто шоири Хуросон, яъне шоири тамоми кишвар буданашро таъкид менамояд. Ӯ аз оли Сомон тарбия ёфтан ва аз ҳокимон инъомҳои калон гирифтанашро хотирнишон мекунад. Ҳатто боифтихор мегӯяд, ки замоне буд, ки шеъри ӯро тамоми ҷаҳон бо таҳсину офарин мешунид. Вале ҳамаи ин бахти дурӯғину зудгузаре беш набудааст. Аз ин ҷиҳат, аз гуфтори Рӯдакӣ дар ин қисмат оҳанги ҳасрат ба гӯш мерасад:

Шуд[3] он замона, ки ӯ унси родмардон[4] буд,
Шуд он замона, ки ӯ пешкори мирон буд.

---

[1] **Хазона** - хазина.
[2] **Ҳарир** - абрешим, шоҳӣ, матои нозуки абрешимӣ.
[3] **Шуд** - гузашт.
[4] **Родмардон** - одамони олиҳиммат, олиҷаноб, сахӣ.

Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон аст,
Ҳамеша шеъри варо зӣ мулук девон буд.
Шуд он замона, ки шеъраш ҳама ҷаҳон бишнуфт,
Шуд он замона, ки ӯ шоири Хуросон буд.

5. Чаҳор қисмати аввали Қасидаи пирӣ бо роҳи тазод, муқобилгузории ҳодисаҳо, ташбеҳ, такрор ва таъкидҳо роҳи тайкардаи қаҳрамони лирикӣ, яъне шоир, дигаргуниҳои рӯҳию ҷисмонӣ ва мақоми ҷамъиятии ӯро бо тамоми болоравиҳояш нишон медиҳад. Вале дар қисмати панҷум, ки танҳо аз байти охирин иборат аст, натиҷа гирифтан мумкин аст, ки шоир аз ҳамаи ин мақомҳо аллакай афтода, берун аз дарбор ҳаёт ба сар мебурдааст. Ин фикрро радифи "буд" ва чор байти аввали қасида низ қувват медиҳад. Бо ҳама азобу кулфатҳо шоир ба таназзули эҷодӣ роҳ намедиҳад, ӯ боз дар ҷустуҷӯст:

Кунун замона дигар гашту ман дигар гаштам,
Асо бисёр, ки вақти асою анбон буд.

## Пандҳои Рӯдакӣ

Зиндагӣ дар назари Рӯдакӣ якнавохт нест. Ӯ дар кӯҳаншуданҳо, навшавиҳо, ҷои вайрониҳоро гирифтани ободиҳо ва баръакс, ба харобиҳо мубаддал гардидани ободиҳо ва тазоди табиат ҳаракати доимии ҳаёт ва мавҷудотро мебинад. Ӯ қонуни диалектикии пайдоиш ва нест шудани ҳаётро дарк намуда, аз он доир ба моҳияти ҷаҳони моддӣ ва сиришти ҳаёти инсонӣ хулосаҳои ибратбахш мебарорад. Шоир мазмуннокӣ ва ширинии зиндагии одамро дар партави кӯтоҳ будани умр ва ҳатмӣ будани марг ба қалам медиҳад. Аз рӯи ақидаи ӯ, модоме ки шахс наметавонад, ки ҷисман зиндагии ҷовидонӣ ёбад, зарур аст, ки бо амали писандида ва корҳои шоиста номи нек ба даст орад. Ҳамин номи нек барои инсон умри бобақост. Азбаски шодӣ ва хурсандиҳои ҷаҳон низ пойдор нестанд, инсон бояд, ки фурсатро ғанимат шуморад, аз лаҳзаҳои гуворо дуруст баҳра гирад, бо тиниати пок, ахлоқи нек, корҳои хуб, тараҳҳум ба дармондагон, меҳр варзидан ба мардум, хизмат ба халқ ва хуш гузаронидани умр зиндагии худашро пурмазмун гардонад. Тамоми фикрҳои пандомезу ахлоқии Рӯдакӣ аз ҳамин ақидаи ӯ сарчашма мегиранд.

Дар панду андарз ва ҳикматҳои Рӯдакӣ мазмунҳои умумиинсонӣ, аз қабили тарғиби илму дониш, раҳму шафқат, рафоқату дӯстӣ ва кӯшишу кор ҷои асосиро мегиранд. Шоир бо ин роҳ дар тарбия намудани инсони комил ва парвардани ахлоқи хуб то имрӯз ҳисса мегузорад. Вай ақида дорад, ки барои дарки ҳақиқати зиндагӣ кас бояд ақлу донишро кор фармояд. Вай ба воқеаю ҳодисаҳо бо чашми хирад нигариста, кӯшиш намояд, ки моҳияти онро фаҳмад, ба дидани намуди зоҳирӣ маҳдуд нашавад, аз мушоҳидаи воқеаҳо ба хулосаҳои рӯякӣ

фирефта нагардад. Ӯ аклу донишро ба тарзи шоирона чашми дил меномад ва панд медиҳад:

Ба чашми дилат дид бояд ҷаҳон,
Ки чашми сари ту набинад ниҳон.
Бад-ин ошкорат бубин ошкор,
Ниҳонеро бар ниҳонӣ гумор[1]

Азбаски Рӯдакӣ таҷрибаи зиндагиро нахустмуаллим ва роҳбари асосии инсон барои пешрафт ва ҳалли мушкилиҳо мешуморад, даъват менамояд, ки ҳар як шахс онро омӯзад. Шоир таъкид мекунад:

Бирав, зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир,
Ки баҳри дафъи ҳаводис[2] туро ба кор ояд.

Вале таҷрибаи рӯзгорро фақат аз рӯи илму дониш дарк намудан мумкин аст. Бинобар ҳамин, инсон барои он ки хирадманд шавад, даставвал бояд дониш омӯзад. Ба фикри Рӯдакӣ, ки хеле ҳаётист, дониш хирадро сайқал медиҳад, чун чароғи равшанкунандаи роҳи зиндагӣ ба инсонҳо роҳи нек нишон медиҳад, аз ҳама бадиҳо, зарарҳо ва офатҳо ӯро ҳимоят менамояд ва дар чашми мардум шахси донишманд на хирадмандро мӯҳтарам мегардонад. Пас инсони ҳақиқиро зарур аст, ки илм омӯзад, дониш андӯзад ва ҳунар ёд гирад. Ин сифатҳо дараҷаи баланди мақоми ҷамъиятии касро таҷассум мекунанд. Фарҳанг дараҷаи олии пайвастагии ақл, дониш, маърифат, адаб ва маданият мебошад. Рӯдакӣ онро беҳтарин сарвати маънавии инсоният шумурда, аз он ҳар чӣ бештар баҳра бардоштанро талқин мекунад:

Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг[3] беҳ,
То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.

Шоири инсондӯст, чун муаллими ахлоқ тарафдори он аст, ки фарзандон бо одоби писандида, ахлоқи нек, ҳунар ва дараҷаи илму дониш номбардори падару модар, аҷдод, миллат ва халқу ватани худ бошанд. Фарзандон набояд ба аслу насаби худ мағрур шаванд, зеро аз донишу хирад ва обрӯи падарон ба фарзандони ноқобилу нолоиқ нафъе нест:

Эй дареғо, ки хирадмандро
Бошад фарзанду хирадманд не.
В-арчи адаб дораду дониш падар,
Ҳосили мерос ба фарзанд не.

Баръакс, устод Рӯдакӣ ба шахсони ҳамадон, ки мисли дарё ҳамаро аз илми худ шодоб мегардонанд, бо эҳтироми фавқулодда нигариста, аз дониши онҳо шод мегардад:

Тан-т яку ҷон якеву чандин дониш,
Эй аҷабо, мардумӣ ту ё дарёӣ?!

---

[1] **Гумор** - вогузоштан, ҳавола кардан.
[2] **Ҳаводис** - ҳодисаҳо.
[3] **Фарҳанг** - дониш, илм, маърифат.

Дар панду хикматхои Рӯдакӣ масъалаҳои ташвиқи далерию мардӣ, меҳр варзидан ба инсонҳо, муҳаббат ба кишоварзу ҳунарманд, кӯшишу кор, некӣ, саховат, дӯстию рафоқат, шафқату мурувват нисбат ба дармондагон ва амсоли инҳо ҷои муҳимро мегирад. Ин сифатҳоро кас бо роҳи фаъолтар намудани қобилияти худ ва побанд нашудан ба тақдир зиёд мекунад. Аммо шоир қаноат, сабр, бурдборӣ, тавозӯъ, фурӯтанӣ ва хоксориро бо роҳи маҳдуд гардонидани нафс, пешгирии орзую ҳавасҳои беҳуда ва худдорӣ аз бадию зиштӣ тарғиб менамояд:

Гар бар сари нафси худ амирӣ, мардӣ,
Бар кӯру кар ар нукта нагирӣ, мардӣ.
Мардӣ набувад фитодаро пой задан,
Гар дасти фитодае бигирӣ, мардӣ!

Ба ақидаи Рудакӣ, барои инкишофи шахсияти инсон бар замми андӯхтани дониш ва ба кор бурдани таҷрибаи рӯзгор тани сиҳат, феълу атвори нағз, номи нек ва хирад низ зарур аст. Ҳар касе соҳиби ин чаҳор неъмати илоҳӣ бошад, инсони хушбахт аст ва метавонад, ки бе ташвиш зиндагӣ ба сар барад:

Чаҳор чиз мар озодаро зи ғам бихарад:
Тани дурусту хӯи неку номи неку хирад.
Ҳар он кӣ эзидаш ин ҳар чаҳор рӯзӣ кард,
Сазад, ки шод зияд ҷовидону ғам нах(в)арад.

Ҳамаи ин далолат бар он мекунад, ки ҳар як фард бояд пеш аз ҳама барои хештаншиносӣ, муайян намудани мақоми худ дар ҷомеъа ва тақдири ояндаи хеш мубориза барад:

Замона аспу ту роиз[1], барои хешат тоз,
Замона гӯю ту чавгон, барои хешат боз!

Набояд аз хотир баровард, ки дар баробари дороён одамони бенаво ва мӯхтоҷ кам нестанд. Рӯдакӣ аҳволи вазнини аҳли меҳнат ва нодоронро бо зиндагии бофароғати давлатмандон муқоиса намуда, мегӯяд:

Басо касо, ки бара(а)сту фархаша[2] бар хонаш,
Басо касо, ки ҷавин нон ҳаме наёбад сер.

Вале аз ин набояд ғамгин шуд ва ғусса хӯрд, балки шоиста он аст, ки ҳар кас ба бизоати худ қонеъ бошад, ба зиндагии серу пури дигарон ҳасад набарад, ба рӯзгори онҳое нигарад, ки зиндагии аз ӯ бадтар доранд ва шукр намояд, ки хотири ҷамъ ва ҳаёти осоишта дорад:

Бо дода қаноат куну бо дод бизӣ,
Дар банди такаллуф машав, озод бизӣ.
Дар беҳ зи худе назар макун, ғусса махӯр,
Дар кам зи худе назар куну шод бизӣ.

---

[1] **Роиз** - савор, чобуксавор.
[2] **Фархаша** - нони қандине, ки дар мағзаш мавиз ҳам дорад.

Суханвари бузург дӯстӣ ва рафоқатро барои ҳаёти одам эҳтиёҷи табиӣ мешуморад. Вай дӯсти ҳақиқӣ ва беғаразро меписандад. Аммо инсон набояд бо дӯстони мавҷудааш қонеъ шавад. Одами нек ҳамеша хоҳони некию сулҳ аст, вай ба ҷангу фитнаю ғавғо бо нафрат менигарад. Инсони ҳақиқӣ хавфнок будани душманро дониста, на танҳо бо он муросою мадоро ва созиш мекунад, балки кӯшиш менамояд, ки бо рафтори ибратбахш, муомилаи сулҳхоҳона ва суханони нарм душманро ба худ дӯст гардонад. Дар ҳақиқат ҳам, бо душман дӯстӣ ҷустан ва душманро дӯст гардонидан мардонагии шоёни таъриф аст. Дӯст ёру мададгори инсон ва аз бародари ӯ ҳам беҳтар аст. Як душман доштан ҳам, мегӯяд Рӯдакӣ, барои одам зиёдатист, чунон ки ҳазор дӯст камӣ мекунад:

Маялфанҷ душман, ки душман яке
Фузун аст, дӯст ар ҳазор, андаке.

Инсондӯстӣ волотарин ғояест, ки Рӯдакӣ дар тамоми эҷодиёти худ тарғиб мекунад. Нигоҳ доштани хашм, нафрат ба мардумозорӣ, ҳазар аз зулму ситам, мазаммати куштору рехтани хуни ноҳақ, дур будан аз ҳама гуна ахлоқи нописанд мазмуни андарзҳои дигари Рӯдакист. Дар ин қабил андарзҳо таъкид мешавад, ки подоши бадӣ ҳатман бадӣ буда, бадкарда рӯзе ба ҷазо хоҳад расид:

Чун теғ ба даст орӣ, мардум натавон кушт,
Наздики Худованд бадӣ нест фаромушт.
Ин теғ на аз баҳри ситамгорон карданд,
Ангур на аз баҳри набиз[1] аст ба чархушт[2].
Исо ба раҳе дид яке кушта фитода,
Ҳайрон шуду бигрифт ба дандон сари ангушт.
Гуфто, ки киро куштӣ, то кушта шудӣ зор?
То боз кӣ ӯро бикушад-он кӣ туро кушт.
Ангушт макун ранҷа ба дар кӯфтани кас,
То кас накунад ранҷа ба дар кӯфтанат мушт.

Ҳангоми муҳокимаи ҷангу сулҳ Рӯдакӣ ҳамеша ташвиқи сулҳро пеш гузошта, ҷанг, фитна ва ғавғоро чун кори беҳирадон талқин менамояд:

Ҳама наюшан[3] хоҷа[4] ба некӯию ба сулҳ аст,
Ҳама наюшаи нодон ба ҷангу фитнаву ғавғост.

Кам гуфтану забонро аз ҳарза нигоҳ доштан аз сифатҳои беҳтарини одамист ва баръакс забони сурх сари сабзро барбод дода, метавонад, ки ба кас кулфатҳо биёрад:

Замона гуфт маро: "Хашми хеш дор нигоҳ,
Киро забон на ба банд аст, пой дар банд аст".

---

[1] **Набиз** - шароб, май.
[2] **Чархушт** - дастгоҳе, ки шираи ангурро ҷудо мекунад.
[3] **Наюша** - гӯш додан, маслиҳат пазируфтан.
[4] **Хоҷа** - ин ҷо ба маънои донишманд.

Бадтарин шахс сифла, яъне каси бадгавҳари мунофиқ, дурӯя ва бадкирдор аст. Шоир ин қабил одамро ба мор ташбеҳ медиҳад, онҳороислоҳнопазир мешуморад, оқибати дӯстӣ бо онҳо фақат пушаймонӣ буда, дурӣ ҷустан аз онҳо воҷиб аст:

Морро ҳарчанд беҳтар парварӣ,
Чун яке хашм оварад, кайфар[1] барӣ.
Сифла табъи мор дорад бехилоф,
Ҷаҳд кун, то рӯи сифла нангарӣ.

Панду насиҳатҳои Рӯдакӣ дурдонаҳои тобноки ганҷинаи ҳикмати халқи моро ташкил мекунанд. Онҳо аз имтиҳони таърих гузашта, чун ҳикмати рӯзгорон боқӣ мондаанд. Онҳо барои покии ахлоқ, кӯшишу кор, хизмат ба халқ, мудофиаи обу хоки Ватани азиз ва равшан гардонидани дилҳо хизмат мекунанд:

1. Некбахт он касе, ки доду бихӯрд,
   Шӯрбахт он ки ӯ нахӯрду надод.
2. Чӣ хуш гуфт он мард бо он хадеш[2]
   Макун бад ба кас, гар нахоҳӣ ба хеш.
3. Андар балои сахт падид оранд
   Фазлу бузургмардию солорӣ.

Пандҳои Рӯдакӣ бисёр гиро ва пуртаъсиранд. Чунки онҳо баробари ҳикматомез будан бо суханҳои обдор, санъати баланд, афкори фалсафӣ ва ташбеҳҳои равшан эҷод гардидаанд. Бубинед оқибати зиндагии инсонро ӯ чӣ гуна баён мекунад:

Гӯспандему ҷаҳон ҳаст ба кирдори нағил[3],
Чун гаҳи хоб шавад, сӯи нағил бояд шуд.

## Маҳорати шоирии Рӯдакӣ

Барои муайян кардани мақоми таърихии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар шеъри тоҷикӣ ва умуман форсӣ қабл аз ҳама ба чунин савол ҷавоб додан лозим аст: Ҳунари шоирии Рӯдакӣ ва сирри маҳбубияти осори ӯ дар чист? Ҷавоби кӯтоҳи ин савол чунин аст: назми Рӯдакӣ аз ҷиҳати мундариҷа пурра ва аз лиҳози шакл расо буда, тамоми масъалаҳои зиндагии иҷтимоии замони шоир ва орзую омоли халқро инъикос намуда, дониши он давраро таҷассум менамояд ва бо мазмунҳои наҷиби умумиинсонӣ ороста шудааст. Дар баробари ин, тамоми ашъори Рӯдакӣ бо санъати баланди шеърӣ суруда шудааст.

Санъати баланди шеъри Рӯдакӣ дар чӣ зоҳир мегардад? Худи Рӯдакӣ мегӯяд:

---

[1] **Кайфар** - пушаймонӣ.
[2] **Хадеш** - кадбону, соҳибхоназан.
[3] **Нағил** - хобгоҳи рама.

Чу дурпош гардад ба маънӣ забонам,
Расад марҳабо аз замину замонам.

Аз ин порчаи шеърӣ маълум мешавад, ки ашъори Рӯдакӣ ҳанӯз дар замони зиндагии шоир бо бадеияти баланд, зебоию хушоҳангӣ ва фараҳбахшоӣ писанди хосу ом гардида будааст.

Пеш аз ҳама устод Рӯдакӣ маъниҳои бузургро дар шаклҳои осону оддӣ ҷой медиҳад. Ба қавли худи шоир шеъри ӯ шеърест "Лафз ҳама хубу ҳам ба маънӣ осон". Ин услуби эҷодиест, ки баъдҳо **сахли мумтанеъ** ном гирифт. Сахли мумтанеъ равиши эҷодиест, ки шеърҳои бо ин услуб эҷодгардида дар дидан осон, дар ифода соддаю равон, дар маънӣ пургунҷоишу ҳаяҷонбахш, аммо дар офаридан душвор мебошанд. Онро бо ифодаи имрӯза соддагии олӣ гуфтан мумкин аст. Услуби эҷодии устод Рӯдакӣ сахли мумтанеъ буда, ӯ дар шеъри тоҷикӣ бунёдгузори ин услуби эҷодӣ мебошад. Вай аксар аз калимаҳои оддӣ мисраъ ва байтҳои пурмазмун месозад. Аммо ин калимаҳои оддӣ ба воситаи ҷобаҷокунии онҳо, таносубашон бо ҳамдигар аз рӯи истифодаи шоир, ташбеҳу тазод ва муқобилгузорӣ маънои нав касб намуда, ба унсури бадеӣ табдил меёбанд. Мисли "Рух карда ба ноҳунон шудгор", "Кас барнадоштаст ба дасте ду харбуза", "Санҷиду челон ба ду нима шуда", "Зи дидор хезад ҳама орзу", "Сафед барф баромад ба кӯҳсори сиёҳ", "Дилам чун арзане ишқи ту кӯҳе, - Чӣ сойӣ зери кӯҳе арзанеро?", "Бе ту маро зинда набинад, - Ман зарраам, ту офтобӣ" ва ғайра. Аксар Рӯдакӣ ташбеҳу тазод ва муболиғаро ҳамроҳ дар як ҷо (арзан-кӯҳ) кор мефармояд, ки қуввати шеърро ба маротибаҳо меафзояд. Истифодаи муболиғаро низ Рӯдакӣ дӯст медорад:

Ин ғам, ки мрост, кӯҳи Қоф аст, на ғам,
Ин дил, ки туроcт, санги хорост, на дил.

Ин кори Рӯдакӣ ба ибораи худаш аз санги хора байти парниён, яъне шеъри нафис сохтан аст. Устод мефармояд:

К-аз шоирон наванд манаму навгувора[1],
Як байти парниён кунам аз санги хора.

Рӯдакӣ ба воситаҳои бадеии мураккаб кордор намешавад. Ӯ аз лафзбозӣ, дурӯғ ва муболиғаҳои маҳз барҳазар аст. Вай аз рӯи сидқ сухан мегӯяд.

Ҳам дар мадҳ, ҳам дар ашъори ошиқона ва ҳам дар навъҳои дигари назм Рӯдакӣ ташбеҳ ва муқобиларо зиёд ва гуворо ба кор мебарад. Мисли:

Бихандад лола бар саҳро ба сони чеҳраи Лайло,
Бигиряд абр бар гардун ба сони дидаи Маҷнун.
Зи оби ҷӯй ҳар соат ҳаме бӯи гулоб ояд,
Дар ӯ шустаст пиндорӣ нигори ман рухи гулгун.

---

[1] **Навгувора** - шоири бисёргӯй, гӯяндаи суханони наву тоза.

Дар китобҳои таъриху тазкира ривояте ҳаст, ки Рӯдакӣ аз модар нобино ба дунё омадааст. Ин ақидаро баъзе олимони имрӯза ҳам ҷонибдоранд. Аммо шеърҳои манзаравӣ, ташбеҳҳо, тазодҳо ва муболиғаҳои шоир ин фикрро рад менамояд. Рӯдакӣ на фақат бино, балки бисёр мушоҳидакор ва борикбин буд. Дар байти поён дамидани бунафшаҳои навхези баҳорӣ ба мавҷи оташаки гӯгирди навдаргирифта монанд карда мешавад, ки кас онро то набинад, тасаввур ва тасвир карда наметавонад:

Бунафшаҳои тарӣ хел-хел сар баркард
Чу оташе, ки ба гӯгирд бардавид кабуд.

Нигориши **чаман, хазон** ва **ҳусн** дар қитъаи зерин низ ҳамин матлабро далолат мекунад:

Чамани ақлро хазонӣ агар,
Гулшани ишқро баҳор туӣ.
Ишқро гар паямбарӣ, лекин
Ҳуснро офаридагор туӣ.

Маҳорати шоирии Рӯдакӣ танҳо бо тасвири манзараҳои ба чашм намоён маҳдуд намешавад. Ӯ баробари муҷассам намудани ашё салосат, нишотоварӣ, гӯшнавоз ва самимӣ будани шеърро таъмин менамояд:

Зулфи туро ҷим кӣ кард? - Он кӣ ӯ
Холи туро нуктаи он ҷим кард.
В-он даҳани танги ту гӯйӣ касе
Донакаке нор[1] ба ду ним кард.

Майли Рӯдакӣ ба истеъмоли маҷозу киноя ва тавсиф низ зиёд аст. Аммо ӯ истиораро кам истифода мебарад. Ҳамаи санъатҳои лафзию маънавии ашъори Рӯдакӣ ва сувари хаёли ӯро ном бурдан шарт нест. Вале барои тавсиф як мисол меорем:

Бе рӯи ту хуршеди **ҷаҳонсӯз** мабод!
Ҳам бе ту чароғи **оламафрӯз** мабод!
Бо васли ту кас чу ман бадомӯз мабод!
Рӯзе, ки туро набинам, он рӯз мабод!

Рубоии зеринро шоир бидуни истифодаи ягон феъл сохтааст. Вале дар он ба воситаи якто-якто пайдо шудани ашёи тасвиршаванда ва ташбеҳи онҳо ба чизҳои дигар ҳаракати динамикӣ ҳис карда мешавад. Дар ниҳоят ҳам чеҳраи маъшуқа ва ҳам манзараи табиати зинда-баҳри соките, ки омодаи талотум аст, зераш садаф ва киштие оҳистагард дар мобайни мавҷҳои он баҳр пеши назар ҷилвагар мешавад:

Рӯят-дарёи ҳусну лаълат-марҷон,
Зулфат-анбар, садаф-даҳан, дур-дандон.

---

[1] **Нор** - анор.

Абрӯ-киштию чини пешонӣ-мавҷ.
Гирдоби бало-ғабғабу чашмат-тӯфон.

Хотирнишон кардан лозим аст, ки дар рубоии боло дарё на ба маънои имрӯза, балки чунон ки дар пешонӣ, ғабғаб, чашми маҳбуба ва аз сӯи дигар марҷон, анбар, садаф, дур, киштӣ, мавҷ, гирдобу тӯфон ба ҳам басе муносибанд. "Дарё", яъне баҳр дар қитъаи поён ташбеҳкунандаи ҷаҳон буда, аз он фақат бо киштие гузаштан осон аст, ки аз накӯкорӣ сохта шуда бошад:

Ин ҷаҳонро нигар ба чашми хирад,
Не бад-он чашм, к-андар ӯ нигарӣ.
Ҳамчу дарёст, в-аз накӯкорӣ
Киштие соз, то бад-он гузарӣ.

Тасвири аҷӯбакоронаи манзараи саҳни чаман ва табдил шудани зимистон ба баҳор ба воситаи дами сарди дай-зимистон, ки ба нафаси дарандаҳо гургу паланг ташбеҳ дода мешавад, ифода гардида, ороста шудани он ба китоби Монӣ Аржанг монанд карда шудааст:

Он саҳни чаман, ки аз дами дай
Гуфтӣ дами гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст.

Барҷастагии маънӣ, ҳаракати мавзун ва мазмуни пурраи шеър дар рубоии поён ба воситаи саволу ҷавоб чун лаҳзаи драмавӣ дар шакли дилписанд ифода гардидааст:

Омад бари ман. Кӣ? Ёр. Кай? Вақти саҳар.
Тарсанда. Зи кӣ? Зи хасм. Хасмаш кӣ? Падар.
Додам-ш ду бӯса. Бар куҷо? Бар лаби тар.
Лаб буд? На! Чӣ буд? Ақиқ! Чун буд? Чу шакар!

Гоҳе устод Рӯдакӣ бо тағйир додани як ҳарф маъниро тамоман дигар мекунад:

Бо сад хазор мардум танҳоӣ,
Бе сад хазор мардум танҳоӣ.

Шеъри Рӯдакӣ дар баробари мазмуну ғоя аз ҷиҳати шакл, услуб, забон ва воситаҳои балеғӣ аз адабиёти лафзии халқ ибтидо мегирад. Шоир аз ин ганҷ дар ҳақиқат ҳам фаровон истифода мебарад. Ӯ Калилаю Димна ва Синдбоднома барин асарҳои халқиро ба риштаи назм кашидааст. Вай гуфторашро бо ибораю таъбирҳои халқӣ, мақолу зарбулмасалҳо зеб медиҳад. Бисёр ҳикматҳои худи ӯ низ ҳукми зарбулмасалу мақолро гирифта, ба хазинаи эҷодиёти халқ ворид шудаанд. Рӯдакӣ таъриху асотири халқи моро хуб медонист. Ҳамаи инро ӯ барои образофаринӣ ва таъсири эмотсионалии шеъри худ ба кор мебурд. Рубоиҳои Рӯдакӣ таронаҳои халқиро ба хотир меоранд:

Гули баҳорӣ,
Бути таторӣ,
Набид[1] дорӣ,
Чаро наёрӣ?

Набиди равшан[2]
Чу абри баҳман[3]
Ба назди гулшан
Чаро наборӣ?

Чистон навъи адабии фолклорист. Рӯдакӣ аввалин намунаҳои хуби китобии онро додааст. Масалан, дар чистони зайл ба воситаи маҷозу ташбеҳҳо аломатҳои назарраси каламро чунон баён мекунанд, ки кас онро зуд ёфта метавонад:

Ланги равандаст, гӯш нею суханёб,
Гунги фасеҳ аст, чашм нею ҷаҳонбин.
Тезии шамшер дораду равиши мор,
Колбади ошиқону гунаи ғамгин.

Ба ғайр аз ин, латофати шеъри Рӯдакӣ дар тозагии забони суфтаю пухтаи он ҳувайдо мегардад. Рӯдакӣ на ба забони кӯҳнашудаи шоирони асри IX майл мекунад, на дар осораш калимаю ибораҳои арабиро зиёд кор мефармояд ва на ба лаҳҷаи маҳаллӣ шеър менависад. Вай нахустин суханварест, ки забони адабии тоҷикиро дар шеър бисёр мавзун, содда ва ҳамафаҳм кор мефармояд.

## Рӯдакӣ - асосгузори адабиёти тоҷику форс

Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ суханварест, ки ҳанӯз дар замони зиндагиаш ҳамчун саромад ва устоди бузурги шоирон эътироф шудааст. Ӯро муосиронаш ҳангоми дар қайди ҳаёт будан чун пешвои аҳли адаб шинохтаанд. Унвонҳои қофиласолори назм, соҳибқирони шоирӣ, маликушшуаро ва одамушшуаро ба ин далеланд. Дар давоми беш аз ҳазор сол бузургони илму адаб ба устоди устодон, тавонотарин шоир ва некӯсухану матинғуфтор будани Рӯдакӣ қоил будаанд. Чунин рутбаҳои баландро гирифтани Рӯдакӣ фақат гуфтори шоирона ва таърифи маҳз нест. Устод Рӯдакӣ ба ин мақоми баланд дар натиҷаи фаъолиятҳои фидокорона дар устувор гардонидан ва такомулу тараққӣ додани назми форсизабонон сазовор гардидааст.

Хусусан ӯро қофиласолори назм ва асосгузор номидани гузаштагон ҷолиби диққат аст. Ин ҳамон эътирофи умумист, ки имрӯз Рӯдакиро сардафтар ва асосгузори адабиёти тоҷику форс меномем. Ин чӣ маъно дорад?

Гумон набояд бурд, ки асосгузор ва сардафтари адабиёт будани Рӯдакӣ гӯё маънои онро дошта бошад, ки Рӯдакӣ нахустин касест, ки

---

[1] **Набид** - оби ангур, шароб.
[2] **Равшан** - соф.
[3] **Баҳман** - моҳи дуввуми зимистон.

шеър гуфтааст. Ин ақида дар 500 соли охир гаштаю баргашта такрор меёбад. Аммо ин фикр дуруст нест. Зеро пеш аз Рӯдакӣ ҳам шеъри тоҷикӣ вуҷуд дошт. Асосгузор ва сардафтари адабиёт будан аслан маънои пеш аз дигарон асар навиштанро надорад. Рӯдакӣ бо хизматҳои зеринаш ба ин мақоми бузурги таърихӣ соҳиб шудааст:

1. Рӯдаки аввалин устоди сухан аст, ки таҷрибаҳо ва муваффақиятҳои пешгузаштагони худро ҷамъбаст ва нуқсону сустиҳои онро рафъ намуд. Вай адабиёти халқи худро аз ҷиҳати мазмун, ғоя ва шакл ба низом даровардa, мувофиқи таъбири рӯдакишиноси машҳури Фаронса Дармстетер онро аз ҷиҳати бузургӣ ба тахт нишонд ва роҳи тараққиёти ояндаи онро муайян кард. Бо ин хизмати худ Рӯдакӣ нуфузи назми арабиро дар хоки Сомониён ба дараҷаи нестӣ расонда, истиқлоли адабии халқи худро амалӣ гардонд. Бар замми ин, ӯ чунон шеърҳо офарид, ки сухансанҷони араб фасоҳату балоғати онҳоро эътироф карданд.

2. Рӯдакӣ тамоми жанрҳо ва навъҳои адабиёти тоҷикро ба ҳадди такомул ва шакли ниҳоӣ расонд. Қасида, ғазал, қитъа, рубоӣ ва маснавӣ аввалин дафъа дар шаклҳои комили худ дар эҷодиёти Рӯдакӣ намудор мегарданд. Устод бо ибрати шахсӣ, дастурҳо ва талаботи ҷиддӣ ба дигарон намуна буд. Ӯ дар ин соҳа муаллиме буд, ки ҳама ба ӯ пайравӣ мекарданд. Зимнан пайравӣ ба ӯ то имрӯз давом дорад. Марсияву ҳаҷвияҳои вай писанди ҳамагонанд.

3. Рӯдакӣ вазни шеъри тоҷикӣ-арӯзи тоҷикиро ба низом даровард. Ӯро ихтироъкунандаи вазни рубоӣ мешуморанд. Вай вазни нави шеъри тоҷикӣ - вазни арӯзро ба забони форсии дарии тоҷикӣ мувофиқ гардонд. Ба воситаи баъзе ихтисорот ва пайвасткуниҳо, аз қабили **к-аз, з-он, к-ин** ва амсоли инҳо номувофиқатии забон ва вазнро аз байн бурд. Рӯдакӣ анъанаи образофаринии адабиёти моро бунёд гузошт, асосҳои эстетикӣ ва бадеии онро устувор гардонд.

4. Рӯдакӣ мундариҷаи шеърро бо мазмуну мавзӯъҳои иҷтимоӣ, масъалаҳои зиндагӣ, фалсафа, ҳикмат, ахлоқ, ишқу муҳаббат, оҳангҳои ҳаётдӯстӣ ва панду насиҳат ғанӣ гардонд. Гуманизм ва ватандӯстӣ дар адабиёти мо аз беҳтарин анъанаҳои устод Рӯдакист, ки дар давоми ҳазор сол хеле рушду камол ёфт. Ба тарзи дигар гӯем, Рӯдакӣ устоде буд, ки дар назм ғояҳои инсондӯстиро устувор намуда, адабиётро ба инсоншиносӣ табдил дод. Мактаби эҷодии Рӯдакӣ барои ҳамаи адибони пасин қабул гардида, то имрӯз боқист. Ба ашъори ӯ садҳо сухансароёни асрҳои X-XX бевосита пайравӣ кардаанд. Афкори ҳакимонаи устод Рӯдакӣ бо мазмуни бузурги гуманистии худ акнун ба ҷузви таркибии ҳаёти маънавии халқи мо табдил гардидааст.

5. Эътибори Рӯдакӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мислу монанд надорад. Аз нав зинда шудани ӯ ба худшиносии миллати тоҷик вобаста аст. Халқи аз зери шиканҷаю истисмори ҳазорсола озодшуда, мероси

фикрии бобоёнашро низ аз нав зинда кард ва онро ба хизмати халқ гузошт. Ҳамаи ин аз зинда гардидани Рӯдакӣ шурӯъ шуд. Дар соли 1925 дар Тоҷикистон рӯзи Рӯдакӣ таъсис гардида буд. Соли 1958 дар тамоми ҷаҳон 1100-солагии зодрӯзи устод Рӯдакӣ ҷашн гирифта шуд. Осори ӯ борҳо бо ададҳои зиёд ба табъ расид. Ҳоло ҳар сол конференсияи илмии "Ёдбуди устод Рӯдакӣ" гузаронида мешавад. Дар ҷумҳурӣ мукофоти махсуси давлатии ба номи Рӯдакӣ таъсис шудааст, ки барои асарҳои беҳтарин ба адибон, санъаткорон ва меъморон дода мешавад.

## *Назарияи адабиёт*

**Сабки хуросонӣ**. Рӯдакӣ на фақат шаклҳо ва навъҳои назми тоҷикро ба ҳадди аълои такомул расонда, мазмуни онро ғанӣ гардонд ва забонашро ба қолаб даровард, балки бо эҷодиёти пурсарвати хеш ба сабки хуросонӣ ибтидо гузошт, ки онро сабки Рӯдакӣ низ мегӯянд. Асоси эҷодии ин сабкро **саҳли мумтанеъ** ташкил мекард. Талаби ин сабк чунин аст: асари бадеӣ бояд дар шакл содда, дар баён фасеҳу фаҳмо ва дар мазмун балеғу баланд бошад. Он дар тасвир ба воқеагӯӣ ҳидоят мекунад. Сабки Рӯдакӣ дар адабиёти форсӣ то нимаи дуюми қарни XII идома ёфт. Танҳо дар қарни XIII бо нуфузи илму фарҳанг ба шеър сабки ироқӣ бартарӣ пайдо кард. Бо вуҷуди ин дар ҳамаи давру замонҳо сабки Рӯдакӣ диққати адибонро ба худ мекашидааст. Ба вижа, дар нимаи дуюми қарни XIX чи дар Мовароуннаҳр ва чи дар Эрон бозгашт ба сабки Рӯдакӣ мушоҳида мегардад.

Устод Рӯдакӣ бо хизмат ва мақоми таърихии худ натанҳо асоси адабиёти тоҷикро гузошт, балки пояи адабиёти тамоми форсизабонони дунёро тарҳрезӣ кард. Аз ин ҷиҳат Рӯдакиро тамоми форсизабонон барҳақ чун поягузори адабиёти худ мешиносанд ва мӯҳтарам медоранд.

# АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ
## (932–1020)



Абулкосим лақаб ва Фирдавсӣ тахаллуси шоир аст. Вай 18 декабри соли 932 таваллуд шудааст. Волидон ӯро Мансур ном ниҳода будаанд. Зодгоҳи ӯ деҳаи Божи ноҳияи Табарони вилояти Тӯс будааст, ки ҳоло ба вилояти Хуросони Эрон дохил мешавад. Бож деҳе бузург буда, аз он, ба қавли Низомии Арӯзии Самарқандӣ (асри XII), ҳазор мард берун меомадааст. Падари Фирдавсӣ Ҳасан ном дошт ва аз деҳгонон (деҳқонон)-и Тӯс ба ҳисоб мерафт. Дар он замон табақаи давлатманду заминдор ва аъёну ашрофро деҳқон мегуфтаанд. Бинобар ин шароити моддӣ имкон дод, ки Мансури ҷавон ба таҳсили илмҳои гуногун пардозад ва маълумоти хубе гирад. Аз Шоҳнома пайдост, ки Фирдавсӣ ғайр аз забони форсии модариаш боз аз забонҳои арабӣ ва паҳлавӣ огоҳии комил доштааст. Адабиёти форсиву арабӣ, таърих, илоҳиёт, ҳикмат (фалсафа) ва амсоли инҳоро хуб медонистааст. Баъдан, ӯро бо унвони ифтихории Ҳаким ёд кардан гувоҳи он аст, ки Фирдавсӣ то ба дараҷаи донишманди забардасте расидааст.

Баъди таҳсил ба кадом кору вазифаи расмӣ машғул шудани ӯ маълум нест. Аммо ҳамин қадар маълум аст, ки қариби 25-солагӣ хонадор шуд. Ҳамсараш зани босавод ва донандаву хонандаи китобҳои бостон буд, ки бо хоҳиши ӯ соли 365 ҳ. (975 м) достони Бежан ва Манижаро навишт. Ин маъниро худи Фирдавсӣ дар оғози Достони Бежан ва Манижа зикр мекунад. Шоир ҳамсари худро бо сифатҳои зиёд ёд оварда, ҳикоят мекунад, ки ҷуфти меҳрубонаш он қиссаро аз китоби қадими паҳлавӣ ба ӯ хондааст ва сипас шоир онро ба риштаи назм кашидааст.

Инчунин маълум аст, ки дар синни 28-солагии Фирдавсӣ яке аз фарзандони ӯ ба дунё меояд ва баъдтар соли 999 дар синни 37-солагӣ вафот меёбад, ки дар ин вақт Фирдавсӣ 65-сола буд.

Фирдавсӣ дар давраи таҳсил ба навиштани шеър сар кард. Баъзе порчаҳои шеърии китъа, рубоӣ, қасида ва ғазалро ба ӯ нисбат медиҳанд, ки шояд дар ҳамин давра навишта шуда бошанд.

ОҒОЗИ ТАЪЛИФИ ШОҲНОМА, САБАБУ САРЧАШМАҲОИ ОН

Фирдавсӣ ба худ лақаби Абулқосимро (падари Қосим) интихоб намуд, зеро лақаби паёмбари мусалмонон низ чунин буд. Вай асосан рубоӣ, қитъа, ғазал ва қасида месуруд. Ашъори пурэҳсосу хушаш оҳиста-оҳиста ҳаводорони бештаре пайдо мекард, ки аз онҳо рангу бӯйи шеърҳои Рӯдакӣ, Кисоӣ, Абӯшакур, Шаҳид, Муродӣ ва дигар бузургони адабиёти форсӣ ба дилу дида мерасид.

Дар баробари ин Фирдавсӣ ба гирд овардану мураттаб сохтани қиссаву достонҳои мансури бостон шуғл меварзид ва бархе аз онҳоро ба риштаи назм мекашид. Вай бовар дошт, ки ривояту ҳикоятҳои мансури ҷудогона несту нобуд шуда метавонанд, аммо агар шоир, чун Рӯдакӣ онҳоро ба назм оварда, бо ҳам бипайвандад, бо рангу бӯйи тоза ба мағз андар мағзи одамон роҳ меёбад:

Ҳадиси пароканда бипроканад,
Чу пайваста шуд, мағзи ҷон оганад.

Аз ин рӯ, кори худи Фирдавсӣ ба коре, ки устод Рӯдакӣ анҷом дода буд, монанд аст. Бартарии каломи мавзун бар мансур дар сухани мазкури шоир ифода ёфтааст. Яке аз нахустин достонҳое, ки Фирдавсӣ дар асоси устураҳои бостонии эрониён ба назм овард, қиссаи ишқи паҳлавони эронӣ Бежан ба духтари шоҳи Турон Афросиёб бо номи Манижа буд, ки дар бораи он поёнтар тавaққуф хоҳем кард. Дар ин давра дар қаламрави Сомониён таваҷҷӯҳ ба гузаштаи пурифтихори халқ бештар гардид, ки сабабҳои худро дошт, зеро давлати Сомониён пас аз сари Насри дуввум ибни Аҳмад (ваф. 943) рӯ ба сустӣ ниҳода, хавфи ҳуҷуми бодиянишинон ва аз миён рафтани давлати марказӣ сол то сол меафзуд. Вазъи дохилии мамлакат низ хуб набуд. Нерӯҳои марказгурез оромиву якпорчагии кишварро халалдор мекарданд. Дар чунин вазъият тадбире ҷустан мебоист, то нерӯҳои давлативу мардумӣ муттаҳид шаванду ҳангоми зарурат бар душманони дохиливу хориҷӣ зарба зада тавонанд.

Яке аз роҳҳо ташвиқу тарғиби ватандӯстӣ дар байни тӯдаҳо, гирд овардани таърихи халқ пиндошта мешуд. Барои расидан ба ин мақсад фароҳам овардану ба сурати китоб мураттаб сохтани ҳикоёту ривоёти бостон, ки аз ватандӯстии гузаштагони мардум шаҳодат медоданд, зарур мешуд. Бинобар ин табақаи деҳқонон, аъёну ашроф, ҳокимон ва амирони қаламрави Сомониён аз гирдоварандагони ахбори бостон ҷонибдорӣ мекарданд. Дар натиҷа солҳои 40 - 50-уми қарни X чаҳор шоҳномаи манзуму мансур мураттаб гардид, ки Фирдавсӣ ҳангоми эҷоди Шоҳномаи худ дар баробари Худойномаи паҳлавӣ ва тарҷумаҳои арабии он аз ин асарҳо низ чун сарчашма истифода бурдааст. Ӯ худ мефармояд:

Басе ранч бурдам, басе нома хондам,
Зи гуфтори тозию[1] ҳам паҳлавонӣ[2].

Ба ин тарик Фирдавсӣ маводи фаровоне гирд овард, ки барои назми асари бузурге ба ӯ имкон медод. Шарҳи иҷмолии сарчашмаҳои Шоҳнома ба карори зайл аст:

1. Ҳикояту ривоятхое, ки худи Фирдавсӣ аз гӯяндагон ҷамъ овардааст. Вай баъзан чунин киссаҳоро ба шакли достони ҷудогона пеш аз огози назми Шоҳнома навишта буд, ки ба ин гурӯҳ асотири Рустаму Сӯҳроб, Бежан ва Манижа ворид мешаванд.

2. Худойномаи паҳлавӣ ва тарҷумаҳои арабии он. Дар замони Сосониён чандин китобҳои таърихӣ навишта шуданд, ки баробари ҳодисаву рӯйдодҳои таърихӣ як силсила асотири бостони эрониёнро фаро мегирифтанд. Он китобҳоро Хватайномак мегуфтанд. Баъд аз интишори ислом Хватайномакҳоро ба забони арабӣ бармегардониданд, то ки аъроб аз гузаштаи эрониён огоҳ гарданд. То имрӯз нӯҳ тарҷумаи худойномаҳои паҳлавӣ маълум аст. Вале на матни паҳлавӣ ва на тарҷумаҳои арабии Худойнома то замони мо боқӣ намондааст.

Ҷараёни таълифи Шоҳнома ва анҷоми нусхаи аввалини он Фирдавсӣ ва муосирону гузаштагонаш бовар доштанд, ки саросари ахбори Шоҳнома дар ҳақиқат ба вуқӯъ пайваста, рӯйдодҳои таърихи Эронзамин аст. Ба ин маънӣ ӯ ба хонандаву шунавандаи китоб мурочиаткунон навишта буд:

Ту инро дурӯғу фасона мадон,
Ба яксонравиш дар замона мадон.

Бинобар ин, Фирдавсӣ таърихи шоҳаншоҳии Эронро аз замони нахустин подшоҳ (Каюмарс) ба назм овардан гирифт. Дар зимни он достонҳои ҷудогона, ки пештар ба назм кашида буд, ба ҷойҳои лозиму мувофиқ ҳамроҳу пайваст мекард. Масалан, Достони Рустаму Сӯҳробро дар подшоҳии Кайковус пас аз Ҳафт хони Рустам ва Достони Бежан ва Манижаро бар подшоҳии Кайхусрав байни Достонҳои Комуси Кӯшонӣ ва Достони дувоздаҳ рух ҷой дод.

Ба сахтиҳои рӯзгор нигоҳ накарда, Абулқосими Фирдавсӣ дар байни солҳои 992-994 назми Шоҳномаро ба анҷом расонд. Вай бо ҳодисаи забти Эронзамин аз тарафи арабҳо ва кушта шудани охирин шоҳаншоҳи сосонӣ Яздигурди саввум ба охир расид.

Ба ин тарик, дар натиҷаи заҳмати бистсола (975-994) як асари калонҳаҷми пурарзише арзи вуҷуд кард, ки онро чун шиносномаи шахсияти халқҳои форсигӯ номидан мумкин аст. Вай кариб аз 50 подшоҳӣ иборат гардид.

Бо ҳамин подшоҳиҳо як навъ хатти сужети асарро ташкил дода, чун занҷире достону гуфторҳои гуногунро ба ҳам пайванд додаанд.

[1] **Тозӣ** - арабӣ.
[2] **Паҳлавонӣ** - паҳлавӣ.

Ҳамчунин пай дар пай омадани подшоҳиҳо ҷиҳати таърихии китобро ташкил кардааст.

Донишмандон Шоҳномаро шартан ба се бахш ҷудо кардаанд:

1. Бахши асотирӣ (аз Каюмарс то зуҳури Манучеҳр).

2. Бахши паҳлавонӣ (аз сари тахт нишастани Манучеҳр ва рӯи саҳна омадани паҳлавононе чун Соми Наримон, Зол, Рустам то марги Рустам).

3. Бахши таърихӣ (аз Эронро забт кардани Искандар то катли Яздигурди III ва поён ёфтани сулолаи Сосониён). Инҳо бахшҳои асосии Шоҳнома ҳастанд. Ғайр аз ин дар оғози достон қариб 250 байт ҷой дорад, ки аз ҳамд, дар ситоиши хирад, офариниши ҷаҳону мардум, офтобу моҳ, ситоиши пайғамбару ёронаш, фароҳам овардани Шоҳнома, саргузашти Дақиқӣ, бунёд ниҳодани китоб, ситоиши Абӯмансур Муҳаммад, султон Маҳмуду бародари ӯ Наср иборат аст. Дар охир ҳам таърихи итмоми Шоҳнома зикр ёфтааст, ки яке соли таҳрири дуввум ва дигарӣ таҳрири сеюмро нишон медиҳад.

Чунон ки гуфтем, дар замони Фирдавсӣ ва пас аз он низ тамоми ҳодисаҳои Шоҳномаро чун ахбори таърихӣ мепазируфтанд. Ковишҳои бостоншиносӣ ба хакикати масъала равшанӣ хоҳанд андохт.

## ТАҲРИРИ ДУЮМИ ШОҲНОМА ВА САРГУЗАШТИ ПАСИНИ ФИРДАВСӢ

Замоне, ки Фирдавсӣ Шоҳномаро тамом кард, вазъи сиёсиву иқтисодии кишвар ба таназзули амик рӯ ба рӯ буд. Амирони сомонӣ ба ҷангу ҷидолҳои дохиливу хориҷӣ банд буданду барои пуштибонӣ аз адибу адабиёт рағбатеву вакте надоштанд. Ба онон пешкаш кардани шоҳкории бузурге чун Шоҳнома кори беҳуда буд. Дар байни ҳокимони вилоёт низ касони шоиста ба назар намерасиданд. Бинобар ин, шоир Шоҳномаро барои тақдим назди касе набурд. Мунтазир шуд, то шахси сазовор пайдо гардад.

Аммо тиҳидастиву сахтиҳои рӯзгор (соли 999) Фирдавсиро водоштанд, ки боз ба Шоҳнома баргардаду онро ба "бузургону бодониш озодагон" тақдим намояд ва дар муқобил тӯҳфаву бахшишҳои арзанда бигирад. Вале он "бузургон" китобро муфту ройгон навишта мегирифтанд.

Дар 65-солагӣ ду ҳодисаи ногувор Фирдавсиро бо фишору тазйиқи рӯҳониву ҷисмонӣ гирифтор овард. Нахуст писари 37-солаи шоир аз олам чашм пӯшиду падарро ба ғаму дарди фаровон ғӯтавар сохт.

Ҳодисаи дуввум ин аст, ки соли 998 хонадони Сомониён аз сари кудрат дур карда шуд. Дар Хуросон (Шимоли Афғонистон) Маҳмуди Ғазнавӣ ба сари кор омада, шаҳри Ғазнинро пойтахти худ интихоб намуд. Андешаҳои Фирдавсиву Шоҳнома ба фикру андеша ва кору рафтори Маҳмуди Ғазнавӣ мухолиф буданд. Дар Мовароуннаҳр ҳукумат ба дасти туркони Қарахонӣ гузашт.

Бо вуҷуди кашмакашиҳое, ки дар қаламрави Сомониён давом дошт,

Фирдавсӣ тасмим гирифт, ки китобро ба подшоҳи сомонӣ пешкаш намояд. Аз ин хотир вай дар Таърихи итмоми Шоҳнома 15 муҳаррами соли 389 (6 январи соли 999)-ро нишон додааст. (Нӯхум солу ҳаштод бо сесад аст). Ва ҳодисаи аз байн рафтани Сомониён бар амалӣ гардидани андешаи шоир монеъ гардид.

**СУЛТОН МАҲМУД ВА ШОҲНОМА**

Шоир боз интизор шуд. Вай дид, ки Маҳмуди Ғазнавӣ ба муваффақиятҳо ноил меояд. Маҳмуд барои Фирдавсӣ каси ношинос набуд. Ҳанӯз дар охири солҳои 90-ум, вакте Шоҳнома ба итмом нарасида буд, Фирдавсӣ Дақиқиро дар хоб дид. Дақиқӣ баробари дигар суханҳо гуфта буд, ки подшоҳи баргузидааш (яъне Маҳмуди Ғазнавӣ) мувофиқу сазовори тақдим кардани Шоҳнома аст. Зеро ӯ то соли 385 (995) ба муваффақият ноил меояд ва пас аз он ба Чин лашкар мекашаду ҳама бузургон ӯро хуш мепазиранд:

Ки шоҳе гузидӣ ба гетӣ, ки бахт
Бад-ӯ нозаду тоҷу дайҳиму[1] тахт.
Шаҳаншаҳ Маҳмуди гирандашаҳр,
Зи ганҷаш ба ҳар кас расонида баҳр.
Аз имрӯз то соли ҳаштоду панҷ
Бикоҳад-ш ранҷу биболад-ш ганҷ.
В-аз он пас ба Чин-андар орад сипоҳ,
Ҳама меҳтарон баркушоянд роҳ.
Наёяд-ш гуфтан касеро дурушт,
Ҳама тоҷи шоҳонаш ояд ба мушт.
Бад-ин нома арчанд биштофтӣ,
Кунун ҳар чӣ ҷустӣ, ҳама ёфтӣ.

Маҳмуд аз тарафи Сомониён соли 994 волии Хуросон таъин гардиду соли 998 ба ҷои падари худ Сабуктегин нишаст. Вай истиқлолияти давлати Ғазнавиёнро эълон намуда, то соли 1030 ҳукмронӣ кард. Аммо қариб ҳамаи ин солҳоро ба лашкаркашӣ ба вилояту кишварҳои ҳамсоя, қатлу ғорати эрониназодон ба баҳонаи он ки онҳо аҳли ташайюъ ҳастанд, мазҳаби карматӣ доранд, ба кеши исмоилӣ мегараванд ва баҳонаҳои дигар, ҳамчунин ҷиҳод бар зидди Ҳиндустон ва талаву тороҷи он гузаронд. Маҳмуди Ғазнавӣ худро ғозии роҳи ислом вонамуд мекард.

Барои Шоҳномаро ба Маҳмуд ҳадя кардан Фирдавсиро боз он чиз рӯҳ мебахшид, ки Маҳмуд худро чун ҷонибдори Сомониён вонамуд мекард. Ба ин ҷиҳат Фирдавсӣ гумон дошт, ки Маҳмуд сиёсати Сомониёнро пеш мебарад. Зиндагии кашшоқонаву бемориҳои зиёд азми шоирро ҷазм мегардонад. Аммо Шоҳномаро дар шакли тайёри соли 999 ба Маҳмуд бурдан мумкин набуд. Малҳу ситоиши Сомониён

[1] **Дайҳим** - тоҷ, ҷатри тоҷмандон, ки болои сари шоҳ овеҷон мекарданд.

ва баъзе рақибони Маҳмудро аз он дур андохтан ва мадҳи Маҳмуду наздикони ӯро ба китоб дохил кардан лозим буд. Фирдавсӣ ин корро анҷом дод, яъне ғайр аз бахши ибтидои китоб, ки мадҳи ҷудогонаи Маҳмуду бародари ӯ Насрро дорад, дар чанд ҷои дигар дар ҳаққи ӯ суханони нек дохил намуд. Дар бахши иловашуда, ӯ аз ҳоли табоҳи хеш низ лаҳзаҳоеро ба қалам овард. Аз китоб умедвори бахшишу атоҳо будани хешро изҳор дошт. Ин таҳрир, ки таҳрири саввуми Шоҳнома аст, соли 400 (1010 милодӣ) дар 76-солагии шоир анҷом пазируфтааст.

Масъалаи ба султон расонидани китоб пеш омад, зеро Маҳмуд дар Ғазнин буду Фирдавсӣ дар Тӯс мезист. Вай роҳи Ғазнинро пеш гирифт. Дар бораи ба Ғазнин рафтан, бо шоирони дарбор Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ табъозмой кардан, сипас назди Маҳмуд рафтани Фирдавсӣ. Шоҳномаро ба Султон Маҳмуд бахшидани қиссаю ривоятҳои марғубе дар китобҳои таъриху тазкираҳо мавҷуд аст. Худи Фирдавсӣ мефармояд, ки Шоҳномаро дар рӯзгори Сомониён барои онҳо эҷод карда буд. Аммо ба ҳукми тақдир ошӯби замон дасти ин хонадонро аз ҳукумат қатъ гардонд. Дар Хуросон каси сазоворе набуд, ки асарро ба ӯ бахшад:

Надидам ҷаҳондори бахшандае,
Ба гоҳи[1] каён-бар дурахшандае.

Баръакс ҳама ҷо пур аз ҷангу ошӯб ва куштору ғорат буд:

Замона саросар пур аз ҷанг буд,
Ба ҷӯяндагон-бар ҷаҳон танг буд.

Бинобар ҳамин шоир мунтазир шуд, ки шахси сазовори Шоҳнома рӯи кор ояд, то ёдгори ҷовидонро ба вай супорад:

Ба ин гуна якчанд бигзоштам,
Суханро нуҳуфта[2] ҳаме доштам.

Ниҳоят Фирдавсӣ Шоҳномаро ба Султон Маҳмуд тақдим кард. Мувофиқи гуфти Низомии Арӯзии Самарқандӣ, Султон Маҳмуд ба Фирдавсӣ бист ҳазор дирҳам, яъне тангаи нуқра дод. Фирдавсӣ чанде ба дарбори Султон Маҳмуд раву биё кард. Ба қавли муаллифи номаълуми Таърихи Сиистон (асри XII) Абулқосими Фирдавсӣ Шоҳнома бар Султон Маҳмуд чандин рӯз ҳамехонд. Маҳмуд гуфт: Ҳамаи Шоҳнома худ ҳеҷ нест, магар ҳадиси[3] Рустам ва андар сипоҳи ман ҳазор мард чун Рустам ҳаст. Абулқосим гуфт: Надонам андар сипоҳи ту чанд мард чун Рустам бошад, аммо ин донам, **ки ҳеҷ банда чун Рустам офарида нашуд. Ин бигуфту бирафт.** Малик Маҳмуд вазирро гуфт: Ин мардак маро ба таъриз[4] дурӯғзан хонд. Вазираш гуфт: Бибояд кушт. Ҳарчанд талаб карданд, наёфтанд. Роҷеъ ба Шоҳномаро

---

[1] **Гоҳ** - тахт.
[2] **Нуҳуфта** - пинҳон.
[3] **Ҳадис** - гуфтугӯ, қисса.
[4] **Таъриз** - эътироз.

написандидани Маҳмуд, ӯро ҳаҷв кардану гурехтани шоир, ба Табаристону Ироқ рафтану ҳаҷвияро нобуд кардан, барои халифаи Бағдод ба назм овардани қиссаи Юсуфу Зулайхо, ба зодгоҳи худ бозгаштану фавтидан ва аз кардаи худ пушаймон шудани Маҳмуду атоҳо фиристодан ба Фирдавсӣ ҳикояту ривоятҳои дилчаспе дар китобҳои адабиву таърихӣ зикр ёфтаанд, ки ҳисси меҳру шафқатро нисбат ба шоири бузурги чаврдида, нафрату бадбиниро нисбати подшоҳи золими ситамгару бехирад дучанд месозанд, вале қариб ҳамаи онҳо ҷуз ҳикояту ривояти дилпазире беш нестанд. Ҳақиқат танҳо он аст, ки Маҳмуд Шоҳномаро напазируфт, ба қадри он нарасид, ки сабабҳое дошт.

1. Шоҳнома аз бузургдошти Эронзамин иборат буд. Аммо Маҳмуд мехост, ки лашкаркашиҳои худаш васф карда шавад.

2. Дар Шоҳнома нисбат ба ойини **габрон** (зардуштиён), мазҳаби Монӣ, таълимоти Маздак, мубориза̄и Кова бар алайҳи Заҳҳок, ки араб буд ва шӯришҳои зидди шоҳони золим ҳусни таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст. Маҳмуд худро диндори мутаассиб вонамуд ва ҳатто зери шиори ислом ба ғорату куштор даст мезад. Ҳуҷумҳои ӯро ба Ҳинд ба хотир биёред.

Маҳмуди ғуломзодаро чунин китоби бузург дар ситоиши шоҳаншоҳони эронӣ писанд омада наметавонист. Фирдавсӣ ақида дошт, ки шоҳаншоҳӣ авлодӣ буда, фарри эзидӣ онро муҳофиз аст. Ҳеҷ шоиста нест, ки Эрон ба лонаи дарандагон табдил ёбад:

> Дареғ аст Эрон, ки вайрон шавад,
> Куноми[1] палангону шерон шавад.
> Ҳама ҷои ҷангӣ саворон будӣ,
> Нишастангаҳи шаҳриёрон будӣ.
> Кунун ҷои сахтиву ҷои балост,
> Нишастангаҳи тезчанг аждаҳост.

Албатта, Султон Маҳмуд нағз дарк менамуд, ки барои Фирдавсӣ яке аз палангону аждаҳои вайронгари Эрон ҳамон Маҳмуди Ғазнавист. Магар барои ҳокими беназоди ғосиб хондани чунин байт гуворо буд?

> Дар Эрон туро зиндагонӣ бас аст,
> Ки мӯҳру кулаҳ баҳри дигар кас аст.

Писанди Маҳмуд нагардидани Шоҳнома охирин умедҳои шоири бемору муфлисро бар бод афганд. Вай гаҳ-гоҳ шоҳаншоҳи китобҳоро варақ зада, абёте ба он меафзуд, вале аз ин ки на танҳо 35 сол, балки тамоми умри бобаракату пуршӯри хешро ба назми Шоҳнома бахшидааст, ҳеҷ гоҳ пушаймон нашудаву афсӯс нахӯрдааст. Баръакс ифтихор дошта, ки аз назм коҳи баланде афрохтааст, ки аз боду борон газанде намеёбад ва бад-ин васила аз худ ёдгору номи нек боқӣ гузоштааст:

[1] **Куном** - лона ва хафоли вахшиён.

Ба Ғазнин маро гарчи хун шуд ҷигар
Зи бедоди он шоҳи бедодгар,
К-аз ин хеч шуд ранҷи сисолаам,
Шунид аз замин осмон нолаам.

Султон Маҳмуд фармон дод, ки Фирдавсиро ёфта ба зери пои филҳо партоянд. Вале шоир аллакай аз пойтахти Маҳмуд баромада рафта буд. Одамони султон аз пайи Фирдавсӣ то ба Тӯс омаданд, аммо ӯро наёфта ба Ғазнин баргаштанд. Фирдавсӣ бошад, дар Ҳирот дар ҳавлии дӯсти деринааш Исмоили Варроқ пинҳон шуда, баъди шаш моҳ ба деҳаи худ баргашт. Ҳеҷ сӯзи дили Фирдавсӣ паст намешуд. Ӯ дар ҳаққи Султон Маҳмуди беаслу насаб ҳаҷвия навишт, ки чанд байташ ин аст:

Агар шоҳро шоҳ будӣ падар,
Ба сар барниҳодӣ маро тоҷи зар.
Агар модари шоҳ бону будӣ,
Маро симу зар то ба зону будӣ.
Чу андар табораш бузургӣ набуд,
Наёрист номи бузургон шунуд.

Аммо Султон Маҳмуд Шоҳномаро написандида, гумон надошт, ки кораш натиҷаи акс медиҳад. Кори султонро ҷуз чанд тан аз маддоҳонаш каси дигар ҷонибдорӣ накард. Аз он рӯзгорон то имрӯз дар байни халқ даҳҳо қиссаву ривоятҳо ба вуҷуд омаданд, ки аз ҳиммати баланди шоир ва разолату пастии султон баҳс карда, некномии яке ва бадномии дуввумро абадӣ гардонидаанд. Намунаи барҷастаи онҳо китъаи Мавлоно Абдураҳмони Ҷомист, ки дар Баҳористон мазкур аст:

Хуш аст қадршиносӣ, ки чун ҳамида сипеҳр
Сиҳоми[1] ҳодисаро кард оқибат қавсӣ[2].
Бирафт шавкати Маҳмуду дар замона намонд
Ҷуз ин фасона, ки нашнохт қадри Фирдавсӣ.

Ба ин тарик, баъди Шоҳномаро написандидани Маҳмуд Фирдавсӣ боз 6-7 соли дигар умр диду соли 1020 дар синни 88-солагӣ аз олам чашм пӯшид. Аҳли таассуб нагузоштанд, ки ӯро дар қабристони умумӣ дафн кунанд. Бинобар ин ӯро дар боғи падариаш ба хок супурданд. Акнун мазори мӯҳташаме он ҷо барпост.

## Мундариҷаи Шоҳнома

Чунон ки гуфта шуд, Шоҳнома аз муқаддима, се бахш ва таърихи анҷоми он иборат буда, тақрибан 60 ҳазор байт, яъне 120 ҳазор мисраъро фаро мегирад. Ин ҳамосаи беназир аз Каюмарс то Яздигурд

[1] **Сиҳом** - тирҳо.
[2] **Қавсӣ** - омодаи паррондан.

дар бораи 50 подшоҳӣ бо рӯйдодҳои муҳимтарини он ҳикоят мекунад. Бинобар ин, мундариҷаи ҳамаи онҳоро нақл кардан ниҳоят тӯл мекашад. Фирдавсӣ давраи ҳукмронии Ашкониёнро дар бист байт оварда, ҳукмронии ҳар як подшоҳро (ҳашт подшоҳи ашконӣ: Ашк, Шопур, Гударз, Наср, Урмузд, Ораш, Ардувон ва Баҳромро), ки дусад сол ҳукмронӣ кардаанд, танҳо ном бурдаасту бас. Сабабаш камии маводи лозим будааст, яъне дар сарчашмаҳои дастраси Фирдавсӣ аз таърихи сулолаи Ашкониён маълумоте вуҷуд надоштааст. Дар ин бобат худи Фирдавсӣ навиштааст:

Чу кӯтоҳ буд шоҳу ҳам бехашон,
Нагӯяд чаҳондида таърихашон.
Аз эшон ҷуз аз ном нашнидаам,
На дар "Номаи хусравон" дидаам.

Масалан, дар подшоҳии Каюмарс, ки нахустин подшоҳи Аҷам буд, омадааст, ки Каюмарс дар аввали ҳамал ба тахт нишасту ҷои истиқоматаш кӯҳ буду либоси мардум пӯсти паланг (палангина) ва хӯрокашон гӯшти ҷонварон. Каюмарс бо номи Сиёмак писаре дошт, ки ба ҷанги девон рафту кушта шуд. Пас писари Сиёмак Ҳушанг бо дев ҷангиду ӯро куштаву баъди Каюмарс ба подшоҳӣ расид. Дар замони Ҳушанг истеҳсоли оҳан кашф гардид ва аз он сохтани афзоре чун табару теша ба роҳ монда шуд. Ҳушанг аз дарёҳо ҷӯйҳо кашида, даштҳоро об доду кишоварзиро ҷорӣ кард. Оташ ҳам дар замони Ҳушанг кашф гардид, аз ба ҳам задани оҳану санг. Ва оташро парастид. Ба ин муносибат ҷашне тартиб дод, ки Сада ном гирифт. Гову хару гӯсфандро хонагиву ром кард. Аз пӯсти санҷобу қоқуму рӯбоҳу самур, ки мӯи нарм доранд, либос сохтанро ба мардум ёд дод.

Дар замони Таҳмураси девбанд аз пашми гӯсфанду барра риштану бофтан маъмул гардид, сиёҳгӯшу юз, бозу шоҳинро барои шикор истифода бурда, мокиёну хурӯсро ром кард.

Ҷамшед аз оҳан сохтани зиреҳ, хӯд, ҷавшан, хафтон, диръ, баргусувон, риштану тофтану бофтану дӯхтани катон, абрешим, қаз, дебову хазро ба мардум омӯзонд.

Аз се бахши Шоҳнома бахши асотирӣ хеле кӯтоҳ буда, аз нисф зиёди китобро бахши дуввум, яъне бахши паҳлавонӣ ва қаҳрамонӣ ишғол мекунад. Паҳлавонони шӯҳратманди Шоҳнома Золу Рустам аз подшоҳии Манучеҳр сар карда, то подшоҳии Бахман фаъолият мекунанд ва бештари ҳодисаҳои 700-солаи давраи даҳ подшоҳ аз саргузашту корномаҳои онон иборат аст. Бо марги Исфандиёр ва вафоти Рустам ин бахш поён мепазирад.

Бахши сеюми Шоҳнома, қисмати таърихӣ, асосан, замони Сосониёро фаро гирифта, бо қатли Яздигурди сеюм (632-651) ва Эронро забт кардани арабҳо ба охир мерасад. Қувваҳои бадӣ дигар дар сурати истилогарони араб амал мекунанд.

Дар Шоҳнома ҳар як подшоҳӣ, хоҳ кӯтоҳ бошаду хоҳ дароз, қолаби муайяне дорад. Подшоҳ баробари ба тахт нишастан маҷлиси қабул ороста (бор дода), барномаи фаъолияти хешро баён мекунад. Ва қариб ҳамаи онон ваъда медиҳанд, ки барои ободиву озодии Эронзамин тамоми имкониятро истифода мебаранд, ба густариши адлу дод мусоидат мекунанд ва ба хотири кӯтоҳ шудани дасти зулму тааддӣ ҳамаи чораҳоро мебинанд. Бахши асосии ҳар як подшоҳӣ иборат аст аз рӯйдодҳои он давра. Чанд намунааш болотар зикр гардид. Фақат ба онҳо илова кардан лозим аст, ки баъзе подшоҳон бештар ба ҷангҳои озодихоҳона, баъзе ба ҷангу ҷидоли дохилӣ, баъзе ба ободонии кишвару беҳбуди зиндагии мардум шуғл варзидаанд. Ва ҳар як подшоҳ дар арафаи марг ва ё даст кашидани ихтиёрӣ аз тахту тоҷ ба валиаҳду атрофиён васият карда, ононро ба адлу дод мехонад. Ва ниҳоят дар охир худи шоир аз зиндагиву марги подшоҳ хулосаҳо мебарорад, нопойдории ҷаҳонро таъкид мекунад.

## Достони Рустаму Сӯҳроб

Рустаму Сӯҳроб яке аз машҳуртарин достонҳои Шоҳнома аст, зеро ҳодисаҳои пуршӯру фоҷиаангез, саҳнаҳои ҳаяҷонбахши паҳлавониву қаҳрамонӣ, бархӯрдҳои тезу тунди он хонандаву шунавандаро зуд ба худ мекашанд. Аз ин сабаб вақте хориҷиён бахшҳое аз Шоҳномаро тарҷума карданӣ мешуданд, интихоби онҳо бештар ба ҳамин достон меафтод. Аз ин сабаб Рустаму Сӯҳроб бештар ба забонҳои дунё тарҷума ва ба шакли китоби ҷудогона чоп шуда, муаллифи худро маъруфу машҳур гардонидааст.

Ҳаҷми достон аз 1058 (чопи Маскав) то 1458 (чопи Душанбе) байт аст. Ҳодисаҳои он дар замони подшоҳии Кайковус ба амал омадаанд.

**ҒОЯИ ДОСТОН** Андешаи асосие, ки аз мазмуну мундариҷаи достон берун меояд, ин аст, ки ҳар як кори бехирадона ва ҳаматарафа насанҷида бо фоҷиа ва пушаймонӣ меанҷомад. Дар оғоз Таҳминаву Рустам ғайри расму ойини маълум ба ҳамхобагӣ розӣ шудаңду оқибати онро наандешиданд. Албатта, дар Шоҳнома андешаи маъмули замони модархудой акс ёфтааст, ки мувофиқи он зан ҳаққи интихоби шавҳарро дошт. Вале рафтори Рустаму Таҳмина ба ин русум низ мувофиқ намеомад, зеро онҳо пинҳонӣ аз ҳама ва барои як шаб бо ҳам мувофиқа карданду бас. Бинобар ин пайомади он таври ногувору фоҷиавӣ сурат гирифт. Дувум ин, ки Сӯҳроб зоҳиран бо нияти нек - ҷустуҷӯи падар ва ёриву мадад ба ӯ - лашкар меороял, аммо дар амал андешааш хом буду аз адлу инсоф дур, зеро ҳар як ҷангу лашкаркашӣ ҳазорон куштаву вайронаҳо ба бор меоварад. Бар андешаи хому нияти ғаразнок душманиву фитнаангезии подшоҳони Эрону Тӯрон зам

мегардад ва ҳодисаҳоро боз ҳам шиддат мебахшад. Ҳаҷир низ бо нияти нек, ки мабодо зараре ба Рустам нарасад, ӯро ба Сӯҳроб нишон надод. Нияти неки омехта бо дурӯғ оқибати нек нахоҳад дошт, зеро дурӯғ гуфтан аз бадтарин хислатҳои инсонист.

Ба андешаи Фирдавсӣ, Сӯҳроб ҳеҷ гоҳ ба орзуи худ расида наметавонист, зеро вай ғайри қонун зода шуда буд ва ин фарзанди ғайриқонунӣ аз насли Рустам бошад ҳам, аз Рустам зӯртаре бошад ҳам, ҳаққи ба олам ҳукмравоиро надорад, чунки ин тантанаи бедоду бадӣ хоҳад шуд.

Ғайр аз ин, дар Рустаму Сӯҳроб чун дар дигар достонҳои Шоҳнома ғояи ватанпарастӣ мақоми хос дорад. Ин ғоя дар образҳои Рустаму Гурдофарид хеле барҷаста таҷассум ёфтааст. Фирдавсӣ бовар дошт, ки дар сурати зарурат занон низ баҳри ҳифзи нангу номуси кишвар бо силоҳ ба по хеста метавонанд. Бо паҳлавоне чун Сӯҳроб ба ҷанг баромадани Гурдофарид намунаи олии ҳамин гуна ҷонфишонӣ дар роҳи дифоъ аз кишвар аст.

**УСТУХОН - БАНДИИ ДОСТОН**

Рустаму Сӯҳроб монанди бисёр достонҳои дигари Шоҳнома достони мустақилу комилест, ки ба тамоми қонуну қоидаҳои эҷоди достони ҳамосӣ ҷавоб мегӯяд. Вай муқаддимаи кӯтоҳе дорад, ки андешаҳои Фирдавсиро дар боби зиндагиву марг, доду бедод дар бар гирифтааст. Муаллиф дар оғоз ба василаи санъати бароати истеҳлол, анҷоми фоҷиавии достонро хабар медиҳад. Ин сухани дардомез ба он гувоҳӣ медиҳад, ки фоҷиае пеш хоҳад омад:

Агар тундбоде барояд зи кунҷ,
Ба хок афганад норасида турунҷ.
Ситамкора хонемаш ар додгар,
Ҳунарманд донемаш ар беҳунар.
Агар марг дод аст, бедод чист?!
Зи дод ин ҳама шӯру фарёд чист?!

Ва хулосаи оғози достон аз он иборат аст, ки

Ба гетӣ дар он кӯш, чун бигзарӣ,
Саранҷом некӣ бари худ барӣ.

Воқеаҳои достон аз он сар мешаванд, ки рӯзе Рустам ба шикор мераваду аспаш гум мешавад. Оҳиста-оҳиста ҳодисаҳо густариш ёфта, ба задухӯрди Сӯҳробу Рустам оид мегарданд, ки авҷи онҳост. Баъди кушта шудани Сӯҳроб Кайковус ба Эрон бармегардаду Рустам сӯйи Зобулистон роҳ пеш гирифту писарро ба хок супурд. Бо ҳамин достон ба охир мерасад. Ва 5-6 байт дар бораи ошкор намудани рози ҷаҳон бар инсон баҳс мекунанд.

# Образҳои достон

**РУСТАМ** Образи Рустам дар ин достон аз образи ӯ дар дигар достонҳои “Шоҳнома” фарқ мекунад. Албатта, вай чун ҳамеша паҳлавони ҷасуру беҳамто, муҳофизу пушту паноҳи Эрон тасвир ёфтааст. Аммо вай дар ин достон ба чанд коре даст зад, ки боиси пушаймонии ӯ гардиданд. Аввалан, дар ҳолати мастӣ ба Таҳмина сар фаровард, ки оқибат ба фоҷиа кашонид. Дуюм, вақте Гев номаи Кайковусро ба ӯ расонд, дар рафтан ба дифоъи кишвар шитоб наварзид, ки сабаби хашми Кайковус гардид. Ва агар миёнчигарии Гударз намебуд, ӯ ба ҷанги Сӯҳроб намерафт ва Сӯҳроб метавонист Эронро тамоман харобу забт намояд. Сеюм, шабона ба қароргоҳи Сӯҳроб рафта, тағои Сӯҳробро кушт. Агар Жандаразм зинда мемонд, Рустаму Сӯҳробро бо ҳам мешиносонд ва фоҷиа рух намедод. Чаҳорум, бо вуҷуди он ки дар дилаш меҳри Сӯҳроб бештар мешуд, номи худро ҳеҷ ба ӯ намегуфт.

Аз сӯи дигар, дар ин достон чанд хислати дигари Рустам ошкор мегардад. Вай дар бархӯрд бо Ковус ҷасорату далерии худро ошкор месозад. Вақте Ковус ба Тӯс фармуд, ки Геву Рустамро “зинда бар кун ба дор”, Рустам барошуфту ба Ковус хитоб кард:

Ҳама корат аз якдигар бадтар аст,
Туро шаҳриёрӣ на андар х(в)ар аст.
Ту Сӯҳробро зинда бар дор кун!
Барошӯбу бадхоҳро хор кун!

Ва роҳи Зобулистонро пеш гирифт. Ана дар ҳамин вазъияти барои Эрон хатарнок дар натиҷаи хоҳишу зори Гударзу дигар сарони сипоҳ ҳифзи марзу буми ватанро аз ранҷиши шахсӣ боло гузошта, аз роҳ баргашт ва ба ҷанги Сӯҳроб рафт.

Дигар ин, ки вақте Сӯҳроб дар гӯштин ӯро афтонд, бо тадбире аз марг раҳо ёфт, яъне ӯ Сӯҳробро фиреб дод, ки расми мо, паҳлавонон, он аст, ки дар бори нахуст афтондани рақиб ӯро намекушем. Сӯҳроби ҷавони бетаҷриба ба ӯ бовар карду фиреб хӯрд.

Дар ин достон Рустам баъди фаҳмидани шахсияти Сӯҳроб ҳамчун падари меҳрубону ғамхор, мотамзадаву гирифтори ғами бузург зоҳир мегардад. Вай бо ҳар роҳ мекӯшад, ки ба Сӯҳроб мадад расонаду ӯро аз чанголи марг биреҳонад. Бо ин мақсад вай бори аввал Гударзро назди Ковус барои нӯшдору мефиристаду бори дуввум худ равон мешавад. Аммо дер шуда буд. Сӯҳроб ҷон дод. Бо вуҷуди ин Рустам ба Ковус хашм нагирифт, балки ба оромӣ ба Ковус гуфт, ки ба ҳамроҳони Сӯҳроб кин нагираду ҷанг наҷӯяд, то онҳо ба Турон баргашта тавонанд. Нолаҳои зори Рустам ниҳоят муассиру ғамангез садо медиҳанд:

Дареғ он руху бурзи болои ту,
Дареғ он ҳама мардиву рои ту!
Дареғ ин ғаму ҳасрати ҷонгусил,
Зи модар ҷудо в-аз падар доғдил!

Хулоса, образи Рустам дар достони мазкур бо хислату рафтори нав ба нав пурра мегардад, ба вижа сустиҳои шахсияти ӯро ба ҷилва меоварад.

**СӮҲРОБ** Сӯҳроб - писари Рустаму Таҳмина - дар якмоҳагӣ мисли яксола, дар сесолагӣ ба чавгонбозӣ ва панҷсолагӣ тиру камонро ёд гирифт ва дар даҳсолагӣ аз ҳаман паҳлавонон гузашту касе дигар ёрои қувват озмудан бо ӯро надошт. Аз модар нажоди худро пурсид:

Зи тухми киям в-аз кадомин гуҳар?
Чӣ гӯям, чу пурсад касе аз падар?

Чун аз суханони модар фаҳмид, ки ӯ писари Рустами паҳлавон аст, (Ту нури гави пилтан Рустамӣ, - Зи Дастони Сомиву аз Найрамӣ, - мегӯяд дар ҷавоби Сӯҳроб модар), вай лашкар оросту роҳи Эронро пеш гирифт, то падарро ёбаду тахту тоҷи Эронро гирифта ба ӯ диҳад. Таҳмина бародари худ Жандаразмро ба ӯ ҳамроҳ кард, то Рустаму Сӯҳробро бо ҳам шиносонад, аммо ӯ ногаҳон аз дасти Рустам кушта шуд. Сӯҳроб ба Ҳаҷир, ки асираш афтида буд, умед баст ва ба воситаи ӯ падарро шинохтан хост. Вале Ҳаҷир ин корро накард.

Фирдавсӣ дар мисоли Сӯҳроб образи ҷавони пурзӯри бетаҷрибаро нишон додааст, ки ба сабаби сабукмағзиву ғурури ҷавонӣ ба корҳои ғайриодилӣ даст мезанад. Вай мегӯяд:

Чу Рустам падар бошаду ман писар,
Набояд ба гетӣ касе тоҷвар!

Вай аз ғурури зӯри ҷавонӣ лашкар ороста, аз фитнаи Афросиёб бехабар монда, тӯҳфаҳову лашкару паҳлавонони ӯ Ҳумону Бармонро пазируфт, ба фиреби Гурдофариду Рустам бовар карду ҳар дуро раҳо кард ва охирон пушаймон шуд. Гарчи борҳо дилаш гувоҳӣ медиҳад, ки Рустам падари ӯст, бозубанди ӯро нишон намедиҳад. Натиҷаи ҷавониву бетаҷрибагист, ки Ҳаҷир низ ӯро фиреб медиҳад. Вай аз Рустам зӯртар бошад ҳам, мағлуб мешавад. Вай соддалавҳ аст. Бо як дидан ошиқи Гурдофарид мешавад, ғамзаву ишваҳои маккоронаи ӯро рост мефаҳмад ва сайдро аз даст медиҳад. Тақдир Сӯҳробро ба марг маҳкум кардааст, зеро вай, аз як сӯ, ғайри расму ойини маъмули замон зода шудааст, аз сӯи дигар, бетаҷрибаву мағрури зӯри бозувони худ аст, яъне бедонишу хирад ва таҷрибаи рӯзгор танҳо бо зӯри бозувон ба мақсад расидан имконпазир нест.

**ГУРДОФАРИД** Фирдавсӣ шахсияти Гурдофарид - духтари Гаждаҳамро дар ду байт ба қалам овардааст:

Зане буд бар сони гурде савор,
Ҳамеша ба ҷанг андарун номдор.
Куҷо номи ӯ буд Гурдофарид,
Замона зи модар чунин наварид.

Ба болои ӯ сарв деҳқон накишт.
Ду чашмаш - гавазну ду абрӯ - камон,
Ту гуфтӣ ҳаме бишкуфад ҳар замон.

Сӯҳроб мафтуну гирифтори гуфтору чеҳраи зебои ӯ гардид. Бовар кард. Ҳамроҳ сӯйи диж равон шуданд. Вақте Гаждаҳам дарвозаи қалъаро кушод, Гурдофарид даромаду дарвозаро бастанд. Сипас ба болои девори қалъа баромаду ба Сӯҳроби ғамгин бо ханда гуфт, ки ман насиби ту набудаам, ғамгин машав. Лекин фаромӯш макун, ки дар охир аз Рустаму шоҳ шикаст хоҳӣ хӯрд. Хулоса:

Набошӣ бас эмин ба бозуи хеш,
"Хӯрад гови нодон зи паҳлуи хеш".

Бо ҳамин фаъолияти Гурдофарид анҷом мепазирад. Вай хусусияти лаҳзагӣ дошта бошад ҳам, аз нигоҳи аҳамияти ватанпарастӣ бузургу бемонанд аст. Вай на танҳо ватанпарасти бемисолу паҳлавон аст, балки зоҳиран зебову дилрабо ва ботинан хирадмандуботадбир. Дар сухан гуфтан, дар зебоӣ, дар ҷустиву чолокӣ Сӯҳроби ялро тасхир кард. Рафтори ӯро дар майдони ҷанг ва ҳатто гурехтану найранг ба кор бурданашро тамоми бошандагони қалъа писандиданду гуфтанд:

Ки ҳам разм ҷустӣ, ҳам афсуну ранг,
Наёмад зи кори ту бар дудa[1] нанг.

Образи Гурдофарид барҷастатарин образи зан дар Шоҳнома ва умуман адабиёти форсӣ буда, дар адабиёти ҷаҳон низ назири худро надорад. Адиб ва мунаққиди бузурги рус Н.Г. Чернишевский достони Рустаму Сӯҳробро дар тарҷумаи В.А. Жуковский, ки тарҷума аз олмонӣ сурат гирифта буд, хонда, образи Гурдофаридро аз образи Ҷулеттаи Шекспир болотар гузоштааст.

**ОБРАЗҲОИ ДИГАР** Образи **Таҳмина** аз он ҷиҳат ҷолиб аст, ки бо хоҳиши дил ба хобгоҳи Рустам меравад, изҳори муҳаббат мекунад, ком мегирад. Аммо ҳадафи ӯ ҳамсари доимии Рустам шудан набуд. Ӯ фақат мехост, ки аз Рустам фарзанде дошта бошад. Бинобар ин, кори носанҷидаву ниҳонии ӯ оқибати ногуворе бор овард.

**Кайковус** дар ин достон низ чун шоҳаншоҳи худхоҳу сабукфикр тасвир ёфтааст. Вай аввал барои дертар омаданаш аз Рустам меранҷад, ба ғазаб меояд ва ба дор кашидани ӯро мефармояд. Дар охир ҳамчун шахси бадкина ба Сӯҳроб нӯшдору намедиҳад, зеро ба василаи мурдани ӯ ба Рустам зарба задан мехоҳад ва яке аз сабабҳои марги Сӯҳроб мегардад.

**Афросиёб**, ки ҳамеша дар қасди Эрон буд, лашкаркашии Сӯҳробро меписандад, ба ӯ ёрӣ мефиристад. Барои ӯ фарқ надошт, ки дар ҷанг Рустам мемирад ё Сӯҳроб. Дар ҳар ду маврид ҳам ӯ бурд мекард.

---

[1] **Дуда** - авлод, хонадон.

Яке аз образҳои барҷастаи Шоҳнома образи **Гударзи Кашвод** аст, ки дар ин достон низ ширкат варзида, хираду заковати хешро ошкор месозад. Вай Кайковусро ҳангоми хашм гирифтан бар Рустам сарзанишҳо мекунад, Рустамро аз роҳ бозмедорад ва дар масъалаи нӯшдору Кайковусро боз танқид мекунад.

Дар мавзӯи Рустаму Сӯҳроб чандин намоишнома ва филмҳо офарида шудаанд.

## Достони Сиёвуш

Достони Сиёвуш яке аз достонҳои марказии Шоҳнома буда, дар асоси такмили образи асотирӣ ба майдон омадааст. Тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ҳанӯз 4 ҳазор сол пеш мардумони эронинажод Сиёвушро ҳамчун худованди наботот эътироф карда, ба парастиши ӯ мепардохтаанд. Аввалин маълумот оид ба Сиёвуш дар Яштҳо оварда шуда, шоҳи каёнӣ буданаш таъкид мегардад. Сарчашмаҳои баъдинаи фарҳангии то замони зиндагии Фирдавсӣ ба хулқу хӯй ва сурату сирати Сиёвуш иловаҳо намуда, симои ӯро хотирнишину барҷаста намуданд. Ба василаи такмили ниҳоии Фирдавсӣ бошад, образи Сиёвуш ҳамчун шахси росткору ростандеш, зебову заковатманд ва ба ноҳақ шаҳидгашта абадзинда гашт:

Куҳангашта ин достонҳо зи ман,
Ҳаме нав шавад бар сари анҷуман.
Агар дод бояд, ки монад ба ҷой,
Биёрою з-он пас ба доно намой.

**МУНДАРИҶАИ ҒОЯВИИ ДОСТОНИ СИЁВУШ**

Пояи асосии достонро ғояи хиради созандаи инсонӣ, ки баҳри пойдории сулҳу салоҳ равона карда шудааст, ташкил медиҳад. Абулқосим Фирдавсӣ тавассути тимсолҳои офаридааш мубоbooризаи азалии қувваҳои аҳриманиву ҳурмузиро нишон дода, пирӯзии рӯшноиро бар зулмат инъикос менамояд. Маҳз хиради созандаи инсонӣ боиси ободии оламу одам, шукуфоии мамлакат ва пойдории сулҳу ваҳдат буда, абадияти рӯҳи дорандаашро таъмин менамояд. Бехирадӣ бошад, боиси пайдо шудани хулқу хӯйи номатлуб, сифатҳои касифи вайронкор, бухлу ҳасуди нафратовар аст. Меваи он дар калом ҳолате бошад, талху пурзиён, беоқибат мебошад.

Кору кирдори иштирокчиёни достон талқини ин андеша аст.

**СЮЖЕТИ ДОСТОН**

Рӯзе гурӯҳи паҳлавонони дарбор ба шикор мебароянд. Пас аз сайди зиёд ба бешае наздик шуданд. Тӯс ва Гев аз гурӯҳ ҷудо шуда, баҳри идомаи шикор ба он ворид мешаванд. Дар беша ин ду паҳлавон ба духтари соҳибҷамоле рӯ

ба рӯ гашта, аз ӯ ҳол мепурсанд. Духтар қиссаи дар беша пайдо шуданашро нақл мекунад. Аз нақли ӯ маълум мешавад, ки ӯ ашрофдухтар асту бинобар хашму пархоши падар дар ин ҷо паноҳ меҷӯяд. Паҳлавонон аз ҳусну малоҳати ӯ мафтун гашта, барои бар ӯ соҳибӣ кардан бо ҳам ба мунокиша мепардозанд. Пас аз даҳолати миёнарав розӣ мешаванд, ки духтарро ба дарбори Ковус ҳозир кунанд.

Ковус мунокишаро ба фоидаи худ ҳал намуда, духтарро, ки ҳам зебо буду ҳам фаридунзода, ба издивоҷи худ мегирад.

Баъд аз нӯҳ моҳ аз ин издивоҷ писари зебое ба дунё меояд:

Ҷудо гашт аз ӯ кӯдаке чун парӣ,
Ба чеҳра ба сони Бути Озарӣ...

Пас аз фол кушодан, тарбияи кӯдакро Рустам ба ӯҳда мегирад. Таҳамтан бо тамоми масъулият ба тарбияи шоҳзода рӯ оварда, то ба балоғат расидан ӯро дар Зобул бо кору кирдори мулкдорӣ, мардиву мардонагӣ, шуҷоату қадршиносӣ, ростиву росткорӣ ошно сохта, сабақҳо медиҳад:

Савориву тиру камону каманд,
Инону рикобу чиву чуну чанд.
Нишастан гаҳи бодаву майгусор,
Ҳамон бозу шоҳину юзи шикор.
Зи доду зи бедоду тахту кулоҳ.
Сухан рондану ҳам зи кори сипоҳ,
Ҳунарҳо биёмӯхташ сар ба сар,
Басе ранҷ бардошт, к-омад ба бар.

Таълиму тарбияи Сиёвуш бо муваффақият поён мёбад ва ӯ орзуи хидмати содиқонаи падарро ихтиёр мекунад:

Падар бояд акнун, ки бинад зи ман,
Ҳунарҳои омӯзиши Пилтан.

Вале дар дарбори Ковус Сиёвуш ба муроди дил намерасад. Ҳарчанд падар аз ҳунарҳои писар шод шуда бошад ҳам, бинобар дасисаҳои аҳли дарбор ва махсусан модарандари Сиёвуш Судоба, бар садоқату ростии ӯ шак меорад.

Судоба бо Сиёвуш ишқ варзидан хоста, бо ҳар роҳ ӯро ба дом кашиданӣ мешавад. Сараввал, барои он ки Сиёвушро ба худ наздик намояд, масъалаи издивоҷи ӯро пеш мегузораду тибқи одати каён, духтарашро бар Сиёвуш пешниҳод менамояд. Вале чун худ ҳаваси дигаре дошт, ба рафтору гуфтори хеш Сиёвушро аз асли мақсад огоҳ менамояд. Сиёвуш аз ин рафтори ӯ дар ҳайрат мемонад ва ба ҳар роҳе аз Судоба дурӣ меҷӯяд.

Сиёвуш, ки ҷавони соҳибақлу закӣ, росткору покизарафтор, соҳиби ахлоқи ҳамида буд, ба ҳеҷ сурат наметавонист бар шарафу номуси худ, обрӯву эътибор ва муҳаббати падар хиёнат ҷоиз бинад. Вале Судоба

аз роҳ нагашт ва тарики тӯҳмату таҳдидро пеш гирифт. Ҳамаи ин тӯҳмату фитнаангезиҳо сабаб шуд, ки Сиёвуш аз чандин имтиҳон бигзарад. Билохир, ҳатто баҳри исботи ҳақиқат аз байни оташи фурӯзон, ки "аз ду кӯҳ хезум" ташкил ёфта буд, мегузарад. Бо ин амали худ Сиёвуш падари бадгумонро шармсор ва сари сабзи худро сарфароз мекунад. Мардии Сиёвуш боз дар он аён мегардад, ки бо вуҷуди ин қадар фитнаву адоват, хиёнату разолат ва носипосӣ нисбат ба ӯ аз ҷониби Судоба, хашми падарро нисбат ба модарандар фурӯ нишонда, куштанашро боз медорад.

Аз ин пас, Сиёвуши дилафгор аз падар, аҳли дарбор ва атрофиёни падар дилмонда мешавад ва бо ҳар роҳе аз ин муҳити риққатовар дурӣ меҷӯяд.

Шоҳи Турон Афросиёб ин ҳама кашмакашиҳои дарбори Ковусро дида, бо гумони вақти муносиб ва забту истилои осони он, ба Эрон лашкар мекашад. Сиёвуш бо ҳамроҳии дигар ватанхоҳон ба муҳофизати марзу буми кишвари худ ба по мехезад. Ин худ василае буд, ки аз домҳои пешомад раҳо ёбаду, чун муҳофизи Ватан шӯҳратёр гардад. Дар мубориза бар зидди Афросиёб ба Сиёвуш Рустам ҳамроҳӣ менамояд. Набарди наздисарҳадӣ бо ғалабаи эрониён ва мағлубияти турониён анҷом меёбад. Афросиёб барои рахна нашудани марзу буми Турон, бо маслиҳати мӯбадону меҳтарони дарбори хеш, ба Сиёвуш номаи сулҳҷӯёна мефиристад. Сиёвуш, ки худ ақли созанда дошту таманнои ободӣ мекард, сулҳу салоҳро маъқул медорад. Бо мақсади тасдиқи дурустии кирдори хеш Сиёвуш ба падар нома навишта, аз азми худ ӯро огоҳ карданӣ шуда, маслиҳат меҷӯяд. Баробари бо нома дар назди Ковус пайдо шудан Таҳамтан ба зери бороии таънаву надомат меафтад. Рустам бо далелу бурҳонҳои раднашаванда аз мардӣ, шуҷоат, заковат ва дурандешии Сиёвуш дар ин иқдом сухан ронда, қаҳру ғазаби Ковусро меафзояд. Ниҳоят Рустам аз сарлашкарӣ дур карда шуд. Тӯс сарфармондеҳи лашкари Эрон таъин мегардад. Ковус майли ҷанг ва ғалабаи мутлақро дошт, ҳарчанд медонист, ки ин ниятҳояш боиси бадномӣ ва хиҷолати писараш аст.

Чун ҷавоби падар ба Сиёвуш мерасад, ӯ маҳзун мегардаду ба хаёл фурӯ меравад. Бо вуҷуди ҳурмату эҳтиром ва муҳаббати пок нисбат ба падар доштан, Сиёвуш аз фармони падар сар тофта, бо амри дил паймони сулҳро боло мепиндорад. Бо мақсади пойдоршавии ин аҳд Сиёвуш сипоҳи хешро ба Баҳром супорида, дар пайи суроғи ҷое мешавад, ки аз ӯ на ному на нишон бошаду на касе ӯро озор диҳад:

Яке кишваре ҷӯям андар ҷаҳон,
Ки номам зи Ковус гардад ниҳон.
Зи хӯйи бади ӯ сухан нашнавам,
Зи пайкори ӯ як замон биғнавам...

Аз ин фикри Сиёвуш Афросиёб огоҳ гардида, ба ӯ пуштибонии худ ва мулки худро пешниҳод мекунад. Ҳарчанд Сиёвуш аз хулқу хӯйи Афросиёб огоҳ буду хуб медонист, ки

Зи душман наояд магар душманӣ,
Ба фарҷом харчанд некӯ кунӣ.

Бо вуҷуди ин, бо ҳазорон умеду орзу ин пешниҳоди ӯро қабул менамояд. Афросиёб бо маслиҳати Пирон, Сиёвушро хуш мепазирад. Оҳиста-оҳиста Сиёвуш, ки закиву хоксор, хушсухану хушрафтор буд, дарбориён ва хоса Афросиёбро мафтун менамояд. Кор то ҷое мерасад, ки Афросиёб ба ҷуз Сиёвуш бо дигаре ҳатто сухан намекунад:

Сипаҳбуд чӣ шодон будӣ, чӣ дижам,
Ба ҷуз бо Сиёвуш набудӣ ба ҳам.
Зи Ҷаҳну зи Гарсевазу ҳар кӣ буд,
Ба кас роз накшоду шодон набуд.
Магар бо Сиёвуш будӣ рӯзу шаб,
Аз ӯ баркушодӣ ба ханда ду лаб.

Аз ин пас Пирон барои мустаҳкамтар гардидани мавқеи Сиёвуш дар дарбори Афросиёб ва ба пурагӣ фаромӯш кардани ғаму андӯҳ духтарашро ба ӯ никоҳ мекунад:

Ҳаме буд бо ӯ шабу рӯз шод,
Наёмад зи Ковус бар дил-ш ёд.

Муддате нагузашта Пирон боз баҳри таквияти қаробати Сиёвуш бо Афросиёб чораҷӯӣ менамояд. Бо кӯшишу заҳмати ӯ Сиёвуш духтари Афросиёб Фарангисро ба занӣ гирифта, гӯё амнияти худро ба пуррагӣ таъмин менамояд. Баробари бо Афросиёб пайванди хунӣ ёфтан, Сиёвуш мулкҳои зиёдеро ворис мегардад.

Сиёвуш, ки ақлу тамизи созанда дошт, дар ин сарзаминҳо ба корҳои ободонӣ машғул мешавад. Дар андак вакт ду шаҳр-Гангдиж ва Сиёвушгирдро месозад, ки бо ободӣ ва шаҳомату шукӯҳ овозаи олам мешаванд. Дар ин шаҳрҳо мардум осудаву тандуруст буда, дар пайи беҳбуди рӯзгори хешанд. Адолати иҷтимоӣ, табиати хушу гуворо ва умеди фардои босафо мардумро ба корҳои созандагиву пешбар ҳидоят мекунад:

Бино кард ҷое, чунон дилкушой
Яке шорсон андар он хуб ҷой
Бад-ӯ коху айвону майдон бисохт
Дарахтони бисёр-ш андар нишохт.
Бисозид ҷое чунон чун биҳишт
Гулу сумбулу наргису лола кишт...

Пирон овозаи шукӯҳу азамат ва ободиву осудагии шаҳру пойтахти Сиёвушро ба гӯши Афросиёб мерасонад. Афросиёб аз ин огоҳ гашта, бародарашро баҳри тасдиқ ёфтану бо чашми худ дидан ба он ҷо мефиристад.

Гарсеваз ба Сиёвушгирд омада, онро аз овозаҳо садчанд ободтар мебинад ва ҳисси рашку бахилиаш боло мегирад. Ӯ бар созандагиву ободонии Сиёвуш, меҳрпарварии Афросиёб бар Сиёвуш, меҳру муҳаббати аҳли кишвар ба ӯ ҳасад бурда, дар пайи барҳам задани онҳо камар мебандад:

Дилу мағзи Гарсеваз омад ба ҷӯш,
Дигаргунатар шуд зи ойину ҳӯш.
Ба дил гуфт соле дигар нагзарад,
Сиёвуш касеро ба кас нашмарад.
Ҳамаш подшоҳиву ҳам тахту гоҳ,
Ҳамаш ганҷу ҳам буму бар, ҳам сипоҳ,
Ниҳони дили хеш пайдо накард,
Ҳаме буд печону рухсор зард.

Гарсеваз даст ба дасисабозӣ зада, бо тӯҳмату бӯҳтон дар андак вақт Афросиёб ва аҳли дарборро бар зидди Сиёвуш мехезонад. Афросиёб бо лашкари азим бар мулки Сиёвуш ворид мешавад ва ӯро асир мекунад ва билохира ба қатл месупорад.

Афросиёб ҳатто духтараш Фарангиси ҳомиладорро низ аз тахт фуроварда, ба маҳбас мешинонад, то овозаи қатли Сиёвуш ба Эрон нарасад...

Достони Сиёвуш бо он анҷом мепазирад, ки пас аз чанде хабари ноҳақ кушта шудани Сиёвуш ба Рустам мерасад. Рустам бо лашкари зиёд аввал ба дарбори Ковус омада, Судобаро, ки сабабгори асосии нокомиҳои Сиёвуш буд, ба қатл мерасонад, пас ба Турон ҳуҷум намуда, қасоси Сиёвушро меситонад.

**ОБРАЗИ СИЁВУШ** Фирдавсӣ ба симои Сиёвуш диққати махсус дода, аз ибтидо то ба интиҳои достон онро сайқал медиҳад. Тибқи раванди сужет ӯ аз як тифли озодаву дӯстрӯ ба марди оқилу хушрӯ такомул меёбад.

Бо кӯшишу заҳмати Рустам Сиёвуш тарбияи ҷисмонӣ, рӯҳонӣ ва ахлоқӣ ёфта, чун паҳлавони соҳибақл, ҳалиму покизарой ва саховатпеша ба камол мерасад. Ӯ ба зиндагӣ дили гарм дошта, умеди хизмати содиқона кардан ба Ватанро дорад. Бо вуҷуди печу тобҳои зиндагӣ, рашку ҳасад ва ҷангҷӯиву кинаварзиҳои атрофиён, пайваста ба сулҳу субот ва созандагӣ баҳри оқибати хуш кӯшиш ба харҷ медиҳад. Кина, бухлу ҳасад, рашк, қаҳру ғазаб, бехирадиву вайронкорӣ хоси ӯ нест. То лаҳзаи охирин умед ба фарҷоми хуб дорад. Ӯ ҳатто вақте лашкари анбӯҳи ҷангҷӯи Афросиёбро мебинад, ба лашкариёнаш ханҷаркаширо манъ намуда, роҳи мусолиҳа меҷӯяду бори дигар босуботии худро дар роҳи сулҳу сафо исбот менамояд.

Сиёвуш дар мулкдорӣ низ ҳамто надорад. Ҳамеша шаҳр месозаду онро обод мекунад. Аз фароғату заҳмати мардуми кишвараш огоҳ асту

баҳри офияти онҳо кӯшишҳо мекунад. Ин аст, ки ӯро чун шоҳи одилу раиятпарвар дӯст медоранд.

Дар образи Сиёвуш Фирдавсӣ умеду армони худро таҷассум намуда, ба ӯ вафодорию муҳаббат, ростиву самимият, кароматy шафоат, ақлу заковат, мардӣ ва қавиirодагӣ, собитқадамӣ барин хислатҳои наҷиби инсониро арзонӣ медорад.

**ОБРАЗИ ПИРОН**

Пирон пири хирадмандест, ки тамоми хираду дониши худро баҳри ишқу рафоқат ва сулҳу салоҳи омиёну ҳокимон равона мекунад. Маҳз хирадмандиву далолати ӯ буд, ки Афросиёб бо Сиёвуш сулҳ баст, Сиёвушро ба дарбори худ хонд ва ҳурмату иззаташро ба ҷо овард ва ба ҷанги Эрону Турон хотима бахшид. Ҳамчунин, ба туфайли дурандешиву заковатмандии ӯ Сиёвуш дар мулки бегона соҳиби зану фарзанд гардида, шаҳрҳо сохту аз хавф эмин шуд. Маҳз Пирон буд, ки Фарангис аз қатл халосӣ ёфта, Кайхусравро таваллуд кард. Сабаби зинда монда, ба Эрон расидани Кайхусрав ҳам хизмати ин пири хирадманд аст. Пирон аз зумраи он фарзонагоне аст, ки баҳри саодату шукуфоии кишвар ҳама малакаву маҳораташро сарф мекунад.

Дар тимсоли ӯ Фирдавсӣ ақлу хиради созандаи инсониро таранну кардa, бардавомии некию накӯкориро таъкид менамояд.

**ОБРАЗИ РУСТАМ**

Дар Достони Сиёвуш Рустам ба тарзи дигар таҷассум меёбад. Ӯ дар достон ҳамчун мураббии пурдону меҳрубон нишон дода шуда, тамоми ҳунару хиради хешро баҳри тарбияи шогирдаш равона менамояд. Рустам мураббиест, ки баҳри нангу номуси шогирди хеш, барои пойдор намудани азму суботи ӯ, ҳиҷолат накашидани вай бо рақибон пархош мекунад. Барои ҳифозати ҷисму ҷон ва покии ақлу имони Сиёвуш ба ҷанг мебарояд, аз ҳасудону қотилони шогирдаш интиқом мегирад. Образи ӯ образи устоди ҷоннисоре аст, ки баҳри донишандӯзӣ, пойдории ақида ва пешрафти ҳамаҷонибаи шогирд сахт босубот аст.

**ОБРАЗИ ФАРАНГИС**

Фарангис зани покдоману вафодор ва содиқу меҳрубон аст. Ӯ ба шавҳари худ меҳри бепоён дошта, қарзи худро дар маслиҳату ҳамдастӣ кардан ба корҳои ӯ медонад. Барои ҳифзи ҷони шавҳар далерона бо падари хеш ба мунокиша мехезад ва аз ӯ пуштибонӣ карданӣ мешавад. Далериву бебокӣ ва муҳаббати ӯ ҳангоми бо Афросиёб тундӣ кардан ва фарзандашро муҳофизат намудан, хеле барҷаста ҳувайдо мегардад.

Илова бар ин, дар тимсоли хулқу хӯй, сухандониву муҳокимаронихои ӯ бо мусоҳибонаш оқилӣ, дурандешӣ ва нозукбинии занони отифа таҷассум ёфтаанд.

Дар симои Фарангис Фирдавсӣ хислатҳои баргузидаи занону духтаронро инъикос намудааст.

**ОБРАЗИ СУДОБА**

Образи Судоба баръакси Фарангис буда, ҳама хислатҳои манфуру разилона бар худ гирифтааст. Ӯ ҳарчанд зани зоҳиран зебову сухандон бошад ҳам, ботини тираву торик дорад. Ӯ занест, ки барои расидан ба мақсад аз ҳама макру ҳила истифода мебарад. Барои ӯ мафҳумҳои шараф, номус, нанг, покизагӣ, ростиву росткорӣ, иффат, садоқат садое беш нестанд. Ҳаваси болини писарандар кардан ва дар ин роҳ аз "суханбозӣ" ба таҳдид гузаштан, тӯҳматҳои касношунид пеш овардан, меҳри Ковусро ба писар суст намудан, худ гувоҳи ин аст. Разилии Судоба ба вақти тифлони маъсумро қурбонии тӯҳмати худ кардан боз барҷастатар ҳувайдо мегардад. Ӯ аз рехтани хуни ноҳақ боке надорад. Маҳз бадхӯиву фитнагарии Судоба буд, ки душманони Эрон бар зиддаш бархостанд, Сиёвуш ғариб гашту ба ноҳақ ҷон дод, ҷанги Турону Эрон аланга гирифта, садҳо ҷавонмард кушта шуд.

Кушта шудани Судоба аз ҷониби Рустам худ як амри воқеӣ буда, пирӯзии адл бар дод, хайр бар шар, некӣ бар бадӣ аст.

Судоба тимсоли зани бадгуҳар, бевафо, маккор, танпарвари беҳаё, риёкору бадкеш мебошад.

**ОБРАЗИ ГАРСЕВАЗ**

Гарсеваз ҳам мисли Судоба аз зумраи образҳои манфии Достони Сиёвуш аст. Хислатҳои ӯ дар тамоми рафти достон зуҳур карда, нафрати касро бармехезонад. Ӯ марди бадкеш, иғвогар, дурӯғгӯ, ҳасудбар ва бадрашку нотавонбин мебошад. Зӯриву тавоноӣ, шуҷоат, заковат ва созандагии Сиёвушро чашми дидан надораду бар ӯ ҳасад мебарад.

Дар ободонии кишвар-тахтхоҳиву дар раиятпарварӣ-қуввачамъкунӣ мебинад. Бухлу ҳасад ва бадгумонии ӯ ба талаву торочи шаҳрҳои Сиёвуш, қатли Сиёвуш, маҳкумии Фарангис, ятимии Кайхусрав, ҷанги Эрон бо Турон, марги хазорон ҷанговари диловар оварда мерасонад.

Фирдавсӣ дар образи Гарсеваз хислатҳои манфури инсонӣ, аз қабили бухлу ҳасад, ноҷавонмардиву адоват, кинаварзиву иғвогариро таҷассум намуда, беоқибатии онҳоро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ӯ бори дигар таъкид менамояд, ки дар ҳар сурат Хайр бар Шар ғолиб омада, некиву накӯкорӣ боқӣ мемонад.

**ОБРАЗИ КОВУС ВА АФРОСИЁБ**

Дар достони мазкур образҳои Ковус ва Афросиёб ба ҳам қаробат дошта, аз якдигар фарқи зиёде надоранд. Ҳар ду шоҳ ҷоҳталаб, шӯҳратпараст, сабуксар, бемулоҳиза, гаправ, бадгумон ва ҷангҷӯянд. Ҳар ду қадрношинос буда, бо сабуксарии фавқулодда некиву хизмати содиқонаро дар як он фаромӯш мекунанд. Ҳилму шафқат ва сулҳу салоҳро танҳо дар сурати ноилоҷ шудан ба ёд меоранд, вале лаҳзае нафси бадгавҳари худро аз хотир намебароранд. Ҳар ду волидони бемеҳри ситамкор бар фарзандони худ ҷабру зулм, оворагиву уқубатро ҷоиз медоранд. Фарқи

онхо дар он аст, ки дар бадахлоқиву бехирадии яке зан пешдаро буда, дигариро бародар ҳидоятгар аст.

Аҳдшиканиву носипосӣ ҳам аз хислатҳои "баргузидаи" Ковусу Афросиёб мебошад, ки дар достон хеле амиқ нишон дода шудааст.

Муаллиф дар достон ба воситаи хислатҳои манфур, вале побарҷои Ковусу Афросиёб ба шоҳони замони худу пасомад панд дода, беоқибатии сабукфикрӣ, ишрату танпарастӣ, шаҳват, ҷабру ситам, қаҳру ғазаб ва аҳдшиканиро хеле барҷаставу олӣ нишон медиҳад.

## Мундариҷаи ғоявии Шоҳнома

ВАТАНХОҲӢ

Шоҳнома асари бузургест, ки дар замони Сомониён арзи вуҷуд намуда, қариб тамоми соҳаҳои зиндагиро фаро мегирад. Вале чанд ғояи асосиву умда ҳастанд, ки аз оғоз то анҷоми китоб пайваста таъкид мееёбанд. Борҳо зикр гардид, ки Шоҳнома дар замоне офарида шуд, ки ба ин давлати бузург хатари марг ва завол таҳдид мекард. Бинобар ҳамин шоири бузург қабл аз ҳама муҳофизати ягонагӣ ва истиқлоли ин давлатро пеш гузошта, тамоми шаҳрвандони мамлакатро ба мудофиа ва муҳофизати Ватани азизи худ даъват мекард. Аз ин рӯ, сархати ғояҳои Шоҳнома ғояи ватанпарастист. Дигар ғояҳо аз ҳамин сархат ибтидо мегиранд, зеро маҳз андешаи ватанхоҳӣ, нигоҳдории озодиву яклухтии кишвар, ободиву шукуфоии он сабаби офариниши Шоҳнома гардидааст.

Фирдавсӣ чун фарзанди барӯманди Эронзамин пеш аз ҳама бар дифоъи Эрон бармехезад ва аз ҳамнажодони худ инро талаб менамояд. Вай орзу дорад, ки кишвараш ҳамеша мустақилу пойдор, ободу зебо ва дур аз газанди пойи бегонагон бошад, дар ин сарзамин мардум бо шодмониву сурур ва бархӯрдор аз неъматҳои моддӣ умр ба сар баранд. Ба ин хотир подшоҳоне чун Ҷамшед, Кайхусрав, Хусрави Анӯшервон, паҳлавононе чун Сому Зол, Гурдофариду Исфандиёр, Баҳроми Чӯбинаву Рустам (сарлашкари Эрон, ки бо Саъди Ваққоси араб ҷангид), паёмбароне чун Зардушт, Монӣ ва Маздак, пешвароне чун Кова ва дигару дигарҳо тамоми нерӯву тавони хешро дареғ надоштаанд.

Бузургтарин симои Шоҳнома Рустами Дастон чун олитарин намунаи паҳлавони ватанхоҳу посбони кишвар офарида шудааст. Ҳар хатари ҷиддие, ки ба сари Эронзамин меояду онро дигарон бартараф карда наметавонанд, бо тадбиру қувваи бозувону шамшери Рустам аз байн бурда мешавад. Барои ӯ ҳамаи ноҳияҳову вилоятҳои Эронзамин баробар азизу арҷманд буданд. Вай Суғду Бохтару Систону Гургону Сифоҳонро аз ҳам ҷудо намедонист.

Вобаста ба шахсияти подшоҳон Фирдавсӣ зикри ниҳоят муҳимме пеш мениҳад ва онро бо мисолҳои барҷаста тақвият медиҳад. Ба

андешаи ӯ, подшоҳ, ва умуман ҳар як инсон аз дастовардҳои хеш набояд қаноатманд гардад, зеро касе, ки ҳамаи орзуҳояш ҷомаи амал мепӯшад, аз кӯшишу талош бозмемонаду ба нобудӣ маҳкум мегардад ва бо мағрурӣ аз роҳи инсонӣ берун қадам мегузорад. Ҷамшед ба ҳамаи орзуҳояш расид, зиёда аз ин, мамлакат чунон ободу серу пур шуд, ки мардум дарду ранҷро фаромӯш карданд. Марг аз байн рафт. Аз ин ҳол Ҷамшед мағрур шуду худро Худо пиндошт ва даъвои худоӣ кард. Дар натиҷа фарри эзидӣ ӯро тарк кард ва ӯ ба хориву мазаллат кушта шуд.

Ё худ Кайхусрави бузург ба ҳамаи орзуҳояш расид: ба сахтиҳо аз ҷанги Афросиёб раҳоӣ ёфту ҳамроҳи модар ба Эрон омад, ба тоҷу тахт расид, қасоси падараш Сиёвушро аз Афросиёбу Гарсевазу Гурӯӣ гирифт, Эронро аз ҳамаи хатарҳо амон доду ободу зебо гардонид, дар ҳама ҷо адлу додро барқарор намуд. Ӯро дигар ба дунё дилгармие намонд. Худро аз мардум канор гирифт, ба ибодат машғул шуд ва ниҳоят шабе зери барф монду нопадид гардид.

Ин ду мисоли барҷаста гувоҳи онанд, ки Фирдавсӣ ҷонибдори зиндагии ҳадафманд аст. Чун барои зиндагӣ дар пеш ҳадафе нест, он зиндагӣ ба марг баробар аст. Зиндагии ҳадафманд он аст, ки инсон аз муваффақиятҳои худ саргарму қонеъ нашавад.

Ҳамзамон бо эҷоди симоҳои барҷастаи подшоҳони одилу некӯкор Фирдавсӣ ба накӯҳиши подшоҳони бедодгару пешкорони онон мепардозад. Камтарин нишони зулму ҷавр ба бузургтарин эътирози шоир дучор меояд, ки Заҳҳок, Афросиёб, Арҷосп, Кайковус, Гуштасп аз ҳамин қабиланд. Заҳҳок ба тамоми маънӣ подшоҳи золим буда, барои расидан ба мақсади нопоки хеш на танҳо ба куштани падар тайёр аст, балки тайёр аст, ки тамоми мардумро то охирин нафар қурбон созад. Афросиёб ҳамеша фурсат меҷӯяд, то ба Эронзамин ҳуҷум оварда, онро ба хок яксон кунад ва дар ин роҳ аз ҳеҷ гуна макру фиреб, бадаҳдиву паймоншиканӣ даст намекашад. Ва оқибат ҳам ба дасти набераи худ Кайковус ба ҷазои аъмолаш мерасад. Кайковус подшоҳи сабукфикру лофзан, носипосу зудхашм аст, ки пас аз ҳар як рафтори ношоиста ба азобу уқубати ҷисмониву рӯҳӣ дучор меояд, аммо ҳеҷ ислоҳ намешавад. Гуштасп барои ин ки писараш Исфандиёр тахту тоҷро аз ӯ нагирад, ӯро бо макру ҳила ба ҷангҳо мефиристад, ба зиндон мепартояд.

Фирдавсӣ имон дошт, ки подшоҳони бедодгару тундхӯ на танҳо дар зиндагӣ ба ҷазои аъмолашон мерасанд, балки дар охират низ ба гуноҳони худ ҷавоб хоҳанд гуфт.

**МАСЪАЛАИ ҶАНГ ВА СУЛҲ**

Дар пайвастагӣ бо ғояҳои ватанпарастӣ ва подшоҳи одил масъалаи ҷангу сулҳ пеш меояд, ки он ҳам дар саросари Шоҳнома акс ёфтааст. Чун Шоҳнома асари бузурги қаҳрамонист, бештари саҳифаҳои онро тасвири пурғунҷоиши корзорҳову набардҳо баҳри истиқлолу озодии

Ватан, ҷангҳои кинхоҳӣ ташкил медиҳанд. Ҳама ҷангу ҷидолҳо, хусусан талошҳои Рустам, Сӯҳроб ва паҳлавонони дигари Эрону Турон аслан ба хотири барқарор намудани сулҳу салоҳ ва адлу дод сурат мегиранд. Аз ин ҷост, ки шоир қаҳрамонии паҳлавононро бо самимияти тамом ба қалам меоварад. Аммо зимни тасвирҳои пурҷозибаи майдони ҷанг андешаҳое аз забони қаҳрамонон ва аз номи худи шоир ифода гардидаанд, ки аз эътирози шоир нисбат ба ҷангу хунрезиҳо гувоҳӣ медиҳанд. Вақте душман аз сулҳ дам мезанад, ба теғ даст бурдан раво нест.

Фирдавсӣ бо вуҷуди он ки ҷангҳо ва қаҳрамониву паҳлавониҳоро бо шӯру ҳаяҷони бузург тасвир менамояд, худ тарафдори ҷангу хунрезӣ нест. Вай тарафдори ҷангест, ки ба хотири дифоъ аз марзу буми хеш бурда мешавад. Бинобар ин пайваста бартариву беҳтарии сулҳу салоҳро бар ҷанг таъкид намудааст:

Зи ҷанг оштӣ, бегумон, беҳтар аст,
Нигаҳ кун, ки говат ба чарм-андар аст.

### МАСЪАЛАҲОИ АХЛОҚӢ ДАР ШОҲНОМА

Тарбияи шарофатмандонаи фарзандон ва умуман инсони комил дар ҳар давру замон мақоми аввалиндараҷа дорад. Аслан ҳам вазифаи асосии адабиёти бадеъ тарбияи инсон аст. Бинобар ин, Абулқосими Фирдавсӣ низ чун гузаштагони хеш Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшакури Балхӣ ба ин масъала диққати зиёд додааст.

Барои он ки инсон ватанпарасту одилу некӯкор ба камол расад, сифатҳои некро дар ӯ тарбият кардан мебояд. Бо фаро гирифтани маҷмӯи сифатҳои нек инсон хирадаманд мешавад ва маҳз бо ҳамин сифати ҷомеъ аз тамоми мавҷудоти олам боло меистаду фарқ мекунад:

Хирад афсари шаҳриёрон бувад,
Хирад зевари номдорон бувад.
Хирад раҳнамову хирад дилкушой,
Хирад даст гирад ба ҳар ду сарой.

Ба андешаи Фирдавсӣ, аз хирад болотар чизе нест, ба ҷуз Худо.

Донишу хирад инсонро арҷманду тавоно мегардонад, зеро каси хирадманду доно бо тадбири оқилона бар ҳама мушкилоти зиндагӣ пирӯз хоҳад шуд:

Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад,
Ба дониш дили пир барно бувад.

Каси хирадманд меҳрубон, некӯкор, ростгӯ, вафодор, нармсухан, фурӯтану ҷавонмард мешавад. Вай дӯстиву бародарӣ меҷӯяд, сулҳу сафо меоварад, сухани ҳақ мегӯяд ва аз ҳамаи бадиҳо даст мешӯяд. Аз ин рӯ, хислатҳои нек дар якҷоягӣ хирадро ташкил медиҳанд, соҳибхирадро аз ғаму дардҳо дур медоранду рӯзгори ӯро аз шодмониву хушиҳо лабрез мегардонанд. Табиист, ки хирад аз дониш фарқ дорад. Дониш ҳам барои

ташаккули хирад мадад мерасонад. Аммо хирад аз дониш ҳам баландтар аст. Ба ибораи шоиронаи худи Фирдавсӣ хирад чун тоҷ аст бар сари дониш:

Мадоро хирадро бародар бувад,
Хирад бар сари дониш афсар бувад.

Вале дониш, ки беҳтарин натиҷаи хирадмандист, бидуни омӯхтан ба даст нахоҳад омад. Фирдавсӣ панд медиҳад, ки аз андӯхтани дониш лаҳзае набояд ғафлат варзид:

Маёсой аз омӯхтан як замон,
Зи дониш маяфган дил андар гумон.

Аз ин рӯ, хирадмандӣ болотарину волотарин сифати инсон аст. Фирдавсӣ бо ситоиши хирад мардумро ба роҳи рости инсонӣ хондааст.

Дар баробари ин, суханвари бузург хислатҳои бадро сарзаниш намудааст, ки ин ҳам барои камоли инсон шароити мусоид фароҳам меоварад. Зулму ҷавр, кибру ғурур, дурӯғу фиреб, бухлу ҳасад, хашму ғазаб инсонро ба гирдоби балоҳо меафгананд. Фирдавсӣ аз ҳамаи хислатҳои зишти инсонӣ озу озмандӣ (ҳирсу зиёдаталабӣ)-ро дар ҷойи аввал мегузорад, зеро он сарчашмаи ҳамаи разолату кабоҳатҳост.

Ҳирсу оз дар сухани Фирдавсӣ маънии муҷаррад надорад. Шоир ба воситаи образҳои мушаххасу барҷаста таъсири ҳирсу озро ба сарнавишти одамон нишон додааст. Ҳирсу бузургманишӣ ва кибру ғурур Ҷамшеду Кайковусро, ҳирси ҷаҳонгирӣ Афросиёбро, ҳирси шаҳвонӣ Судобаро, ҳирси молу сарват Баҳромро расвову нобуд кард.

Сари бадиҳо, деви раҳзани инсонҳо будани ҳирсу озро Фирдавсӣ дар панди Бузургмеҳр ба Анушервон таъкид кардааст, гарчи ин маънӣ дар саросари Шоҳнома акс ёфтааст. Аз даҳ хислати бад, ки чун аҳримани зӯрманд ҷону хирадро ба зер меоваранд, аҳримани оз қавитар аст:

Бад-ӯ гуфт: - Аз ин шум даҳ пургазанд![1]
Кадом аст аҳримани зӯрманд?
Чунин дод посух ба Кисро, ки оз
Ситамкора деве бувад дерсоз,
Ки ӯро набинӣ ту хушнуд хеч,
Ҳама дар фузуниш бошад басеч[2].

Ва сипас ба тартиб ниёзу рашк, нангу кин, наммомиву суханчинӣ, дурӯягиву бедонишӣ ва носипосӣ омадаанд. Дар муқобили ин девони раҳзан танҳо донишу хирад ҷавшан шуда метавонанд. Ва боз аз корҳои нек ҳамон ҳирсу оз ранҷ мебарад:

В-аз ин гавҳарон оз дидам ба ранҷ,
Ки ҳамвора серӣ наёбад зи ганҷ.

Муборизаи ин ду қутби ба ҳам зид, яъне гавҳарон (корҳои нек)-у аҳриманон (корҳои бад) таҳти шиори некиву бадӣ ҷараён ёфта, дар

---

[1] **Газанд** - осеб, зарар, зиён.
[2] **Басеч** - омодагӣ.

ҳолатҳои гуногун бо тарзу рангҳои мухталиф ба зуҳур мепайвандад.

Масъалаи сифатҳои ахлоқиро ба ин тариқ ҳал кардани Фирдавсӣ дар ҳақиқат ҳам дуруст аст, зеро агар ҳаматарафа фикр кунем, мебинем, ки ҳар як кору рафтори нек ба хирадмандии шахс мебараду зуҳури ҳар як рафтори зишт бавосита ё бевосита аз ҳирсу оз сарчашма мегирад. Ба тасдиқи фикри мазкур байтҳои зерин беҳтарин далел шуда метавонанд:

Хирад дорад, ай пир, бисёр ном,
Расонад хирад порсоро ба ком.

## Санъатҳои бадеӣ дар Шоҳнома

Шоҳнома ҳамчун асари ҳаҷман калон ҳамаи санъатҳои бадеии лафзиву маънавии маъмули замони Фирдавсиро дар бар дорад. Баъзе санъатҳои бадеӣ, ки танҳо ба хотири суханбозӣ ва гаранг кардани хонандаву шунаванда гуфта мешаванд, дар асари Фирдавсӣ ба назар намерасанд. Дар Шоҳнома истифодаи санъатҳои бадеӣ ва умуман воситаҳои тасвир ба мақсади асосии адиби ҳамосасаро - доимо дар ҳолати ҳаяҷону изтироб нигоҳ доштани хонандаву шунаванда тобеъ гардидааст. Адиб тамоми қувваи офаринандагии хешро ба тезутунд сохтану дар ҳолати динамикӣ нишон додани рӯйдодҳо равон мекунад ва ба суханороиву санъатсозӣ аҳамияти зиёд намедиҳад, зеро диққати зиёд додан ба ороиш рӯҳи ҳамосии асарро мекоҳонад. Сухани ҳамосасаро, ки содаву равон бояд бошад, суханорояш низ бояд андешаи зиёдро наталабад. Аз ин сабаб, вай бештар ҳамон ташбеҳу истиораҳо, тавсифу муболиғаҳои маъмулро ба кор мебарад, аз такрори онҳо ичтиноб наметарзад. Аз ин чост, ки рухи Рустам, Сӯҳроб, Бежан, Гурдофарид ба моҳу хуршед, паҳлавониашон ба шеру паланг, суръати ҳаракаташон ба бод ва амсоли инҳо монанд шудааст. Шоир дар тасвири ҳусну ҷамоли Таҳмина гуфтааст:

Ду абрӯ камону ду гесӯ каманд,
Ба боло ба кирдори сарви баланд.

Истиораҳои гул (рух), моҳ, хуршед, паланг, сунбул (мӯй), сарв (қаду қомат) низ пайваста дучор меоянд.

Дар Шоҳнома баробари тавсифҳои сифатӣ (монанди меҳрубон, хирадманд, доно, озод) бисёр тавсифҳои истиоравии осонфаҳме ҳастанд, ки такрор ба такрор омадаанд, чун гулрух, ширинсухан, моҳсимо, сарвқад, паричеҳра, филпайкар, гургпайкар ва ғайра. Дар асарҳои ҳамосӣ муболиға ва иғроқ мавқеи муҳим доранд. Ин ҷо муболиға ва иғроқ на ба маънии дурӯғи маҳз, балки ба маънии тасвирест, ки дар амал ичро шуданаш номумкин, аммо вуқӯи онро кас ба хубӣ тасаввур карда метавонад. Чунин тасвирро иғроқи шоирона метавон гуфт.

Фирдавсӣ ташбеҳ, муболиға, тазод, иғроқ ва санъатҳои дигарро фаровон ба кор мебарад.

Яке аз санъатҳои зебое, ки дар офаридани Шоҳнома зиёд ба кор рафтааст, муколама мебошад, ки ба васила он набарди ғояҳо, низоъи тарафҳои мутақобил ва ҳадафи размандаҳо бар алайҳи якдигар хеле устодона инъикос мегардад. Муколамаи Рустаму Сӯҳробро ба хотир биоваред. Ба муколамаи Рустам ва Комуси Кашонӣ таваҷҷуҳ фармоед, он ҷо, Рустам рақиби худро мехоҳад, ки аввал бо сухан ҳақир гардонад. Аммо ҳарифи вай низ пас намеояд:

Хурӯшид, к-эй марди ҷангозмой,
Ҳамовардат омад, марав боз ҷой.
Кашонӣ бихандиду хира бимонд,
Инонро гарон карду ӯро бихонд.
Бад-ӯ гуфт хандон, ки номи ту чист?
Тани бесаратро кӣ хоҳад гирист?
Таҳамтан чунин дод посух, ки ном,
Чӣ пурсӣ, ки ҳаргиз набинӣ ту ком?!
Маро номи ман ном "марги ту" кард,
Замона маро путки тарки ту кард.

Ё ин ки дар фарҷоми ин мубориза хунин осмону қазо ва малаку фалак ба шуҷоату ғалабаи Рустам офарин мехонанд:

Қазо гуфт: Гиру қадар гуфт: Деҳ!
Малак гуфт: Аҳсан! Фалак гуфт: Зеҳ!
Кашонӣ ҳам андар замон ҷон бидод,
Ту гуфтӣ, ки ӯ худ зи модар назод.

Сухантирозии Фирдавсӣ дар тасвири манзараҳои табиат низ ба авҷи аъло мерасад. Ба шаҳодати муҳаққиқони эҷодиёти Фирдавсӣ ӯ фақат баромадани офтобро ба беш аз сад гуна тасвир намудааст. Чанд намуна:

Чу хуршед барзад зи ҳомун дирафш,
Дили шаб шуд аз ханҷари ӯ бунафш.

Ё

Чу хуршеди раҳшон бигустурд пар,
Сияҳзоғи паррон фурӯ бурд сар.

### САБК ВА ЗАБОНИ ШОҲНОМА

Шоҳнома ба шеваи хоси ҳамосӣ суруда шудааст. Умдатарин хусусияти ин шева он аст, ки шоир диққати асосиро ба динамикаи ҳодисаҳо равон карда, фикрро возеҳу равон баён менамояд. Кӯтоҳсуханӣ ва пурмаъноии калом нахустин вижагии шеваи нигориши Шоҳнома аст. Фирдавсӣ аз тафсилоти воқеаҳо сарфи назар карда, бо як калима ё ибораи ширин як ҷаҳон маъниро ба хонандаву шунаванда мерасонад. Масалан, вақте Манижа дар либоси жанда назди Рустам меояд, худро ба ӯ чунин мешиносонад:

Манижа манам - духти Афросиёб,
Бараҳна надида танам офтоб!

Шояд шоири дигаре шоҳдухтар ва покдоман будани Манижаро бо чандин тавсифу ташбеҳу истиора ва муболиға дар чандин байт ба тасвир меовард. Аммо Фирдавсӣ бо як байт қаноат кардааст.

Ё худ марги Сиёвуш ҳодисаи мудҳишу ғамангез буд, ки Эрону Туронро ба нолаву фиғон овард. Мотами ҳамагониро дар чанд саҳифа баён кардан мумкин аст, аммо Фирдавсӣ бо як байт иктифо кардааст:

Ба марги Сиёвуш сиях пӯшад об,
Кунад зор нафрин бар Афросиёб.

Ҳамин равияи кӯтоҳбаёнӣ дар чеҳрасозӣ, характеристика, манзаранигорӣ ва дигар ҷузъиёти тасвир пурра риоя шудааст. Агар Фирдавсӣ чунин роҳро пеш намегирифт, ҳодисаҳои Шоҳнома дар чандсад ҳазор байт ба зӯр ҷой мегирифт.

Набояд фаромӯш кард, ки гаҳ-гоҳ Фирдавсӣ лаҷоми суханро каме сар медиҳад ва ба тасвири муфассали ҳодиса ё ашё мепардозад, аммо чунин лаҳзаҳо хеле ва хеле каманд.

Шоҳнома манбаи бебаҳои забони форсии тоҷикист. Забони онро забони софу беолоиш номидан мумкин аст, зеро Фирдавсӣ аз вожаҳои бегона ками андар кам истифода бурдааст. Аз ҷумла, мувофиқи ҳисоби донишмандон дар саросари Шоҳнома ҳамагӣ дар атрофи 700 калимаи арабӣ истифода гардидааст, ки дар нисбати ҳамосаи бузург ночиз аст. Ва он калимаҳои арабии Шоҳнома аксаран калимаву ибораҳои маъмулу машҳур ҳастанд. Фирдавсӣ таъбирҳои халқӣ ва ибораҳои рехтаро зиёд ба кор мебарад, ки ибораҳои устувори "гилем андар об афгандан", "гови песа (яъне ало) ба чарм - андар будан", "кори имрӯзро ба фардо мондан", "об аз торак бартар гузаштан", "об зери коҳ будан", "моҳӣ ба хушкӣ бурдан", "табл ба зери гилем кӯфтан", "хишти хом дар об афгандан" аз он қабиланд.

Дар ҳамосаи Фирдавсӣ калимаву истилоҳоти соҳаҳои гуногун дучор меоянд, ки қисме аз онҳоро имрӯз ҳам зинда кардан мумкин аст. Хусусан, истилоҳоти низомӣ хеле зиёданд, ки барои имрӯз ниҳоят муҳим ва заруранд. Ғайр аз ин, Фирдавсӣ зарбулмасалу мақолҳои халқӣ ва китобиро фаровон истифода бурдааст.

Ду гетӣ ба Рустам наҳоҳад фурӯхт,
Касе чашми дилро ба сӯзан надӯхт!

Бар замми ин, бисёр байту мисраъҳои пурмаънои шоир ба ҳукми зарбулмасалу мақол даромада, вирди забон гардидаанд. Монанди:

Пароканда лашкар наёяд ба кор,
Дусад марди ҷангӣ беҳ аз садҳазор.
Ва:
Маёзор мӯре, ки донакаш аст,
Ки ҷон дораду ҷони ширин х(в)аш аст.

Аз ин мисолҳо метавон фаровон овард.

**АҲАМИЯТИ ШӮҲРАТИ ШОҲНОМА**

Шоҳнома чун яке аз шоҳкориҳои адабиёти ҷаҳонӣ китобест, ки бо рӯҳия ва ҳисси бузурги ватандӯстӣ, масъулияти инсонпарварӣ ва назари душманбадбинӣ таърихи эронинажодонро аз ибтидои пайдоиши одам дар замин то замони зиндагии шоирро фаро гирифта, тамоми орзуву умед, муқаддасоту эътиқодот ва пиндори ин қавмҳоро инъикос менамояд. Фирдавсӣ дар навбати аввал талошу мубориза ва қаҳрамониҳои халқро барои озодиву истиқлол, муҳофизати ватан, дӯстиву бародарӣ, ободии кишвар ва амсоли ин муҷассам кардааст. Тарғиби сулҳу оромӣ, талқини донишу хирад, ҷамъ овардани андарзу ҳикмати бостон, васфи манзараҳои дилангези ватан, раҷҷаҳои тарҳу оини давлатдорӣ, ситоиши одобу русум ва инсондӯстӣ, инъикоси ҷаҳонбинӣ ва пайкор дар роҳи офияти мардум дар Шоҳнома мақоми муҳимро мегирад.

**Шоҳнома** шаст ҳазор байт аст. **Аз ҷиҳати ҳаҷм дар дунё ягон асари ҳамосавӣ ва қаҳрамонӣ вуҷуд надорад, ки бо чунин ҳунари воло, ба ин ҳаҷм офарида шуда бошад.** Ин асар намунаи барҷастаи санъати сухан, бузургӣ ва қудрати забони порсии дарии тоҷикиро ба исбот расонда, дар офарида шудани он ҳазорҳо калимаву ибора, таъбирҳои устувор ва мақолу зарбулмасалҳои ноби худи эронинажодон ба кор рафта, танҳо чаҳор ё чаҳору ним дар сади онро вожаҳои арабӣ ташкил мекунанд. Аз ин ҷиҳат, ин асари пурарзиш дар омӯзиш ва пажӯҳиши таърихи забони форсии дарии тоҷикӣ мақоми бузургтареро сазовор аст. Дар илми эроншиносӣ тартибу танзим додани вожаномаҳо ва луғатҳои Шоҳнома худ суннатест, ки собиқаи чандинасра дорад.

Фирдавсӣ чун худованди разм, сарпарасти базм ва омӯзгори ахлоқи нек дар Шоҳнома намунаҳои олии чеҳраи паҳлавонон, шоҳони одили идеалӣ, симои ҳакимони варзида, муҷассамаҳои вазирони ботадбир, саҳми доноён дар пешрафти ҷомеа, нақши занони наҷиба, хиради халқ ва амсоли инҳоро бо чунон муҳаббати саршор нигоштааст, ки ба арзиши баланди тарбиявӣ моликанд. Мазамммати пастӣ, дурӯғ, зиштӣ, ҷинояту хиёнат, буздилӣ, танпарварӣ, коҳилӣ, чоплусӣ ва амсоли инҳо падидаҳои ахлоқи разила ҳастанд, ки шоир дар пайи нест кардани онҳост, то ки инсони ҳақиқӣ аз он айбу нуқсонҳо пок ва мубарро гардад.

Шоҳномаи Абулқосими Фирдавсӣ дар давоми ҳазор соле, ки аз эҷоди он сипарӣ шудааст, рӯз то рӯз арзиш ва шӯҳрати бештаре касб намуда, дар чараёни офариниши хеш дар байни мардум шӯҳрат пайдо мекард. Дӯстодорони шеъру адаб, назар ба шаҳодати худи Фирдавсӣ, достонҳои онро аз шоир хоста, рӯнавис мекарданд, мехонданд ва ба дигарон ба хондан медоданд.

Бо вуҷуди он ки Маҳмуд ва атрофиёнаш ба Шоҳнома мухолифат нишон доданд, аммо роҳи нуфузи онро гирифта натавонистанд. Ин ҳамосаи бузург, ки ҳамчун шиносномаи ақвоми форсигӯ арзи вуҷуд кард, на танҳо ба дилу шуури мардум роҳ ёфт, балки тамоми соҳаҳои

адабиёту санъати форсии тоҷикиро тахти нуфузи худ кашид. Дар пайравии Шоҳномаи Фирдавсӣ даҳҳо достонҳои паҳлавониву таърихӣ (Гаршоспномаи Асадӣ, Барзунома, Сомнома, Бонугушаспнома), достонҳои ишқиву романтикӣ ва ахлоқӣ ба вуҷуд омаданд. Образҳои ҷовидонаи Шоҳнома дар ғазалу қасида, китъаву рубоиҳои адибони пасин то имрӯз мавриди истифода қарор мегиранд.

Андешаҳои инсондӯстонаи Фирдавсӣ ба воситаи шоҳкории бузургаш диққати халқҳои наздику дурро низ ба худ кашид. Аз асри XII сар карда, онро ба забонҳои арабӣ, туркӣ, гурҷӣ, арманӣ баргардониданд. Дар се асри охир Шоҳнома ба бисёр забонҳои Шарқу Ғарб - лотинӣ, фаронсавӣ, олмонӣ, инглисӣ, русӣ, чинӣ, японӣ ва ғайра тарҷума шуд. Ва имрӯз бе муҳобо гуфта метавонем, ки Шоҳнома дастраси тамоми кураи арз қарор гирифтааст. Ҳамаи адибону донишмандони дунё, ки Шоҳномаро хондаанд ва ё таҳқиқ кардаанд, онро яке аз бузургтарин шоҳкорҳои адабиёти ҷаҳон шумурдаанд.

Шоҳнома барои ривоҷу равнақи ҳунарҳои наққошӣ, хушнависӣ, рассомӣ мусоидат кард, зеро дар асоси сужетҳои он китобҳо, зарфҳо, биноҳо оро меёфтанд. Дар асоси сужетҳои Шоҳнома аз асри XIX сар карда, дар Ҳиндустон, Эрон, Тоҷикистон, Афғонистон ва баъзе кишварҳои дигар намоишномаҳо, кинофилмҳо, операву балет ва асарҳои калони мусиқӣ офарида шудаанд.

Дар ҳақиқат, кохи бузурги ёдгор, ки Фирдавсӣ бино ниҳодааст, ҷовидон ва пойдор хоҳад монд.

## *Образҳои барҷаста ва ҷовидонаи адабиёти ҷаҳон*

Образ калимаи русӣ буда, маънои тасвир, муҷассама ё нусхаро дорад. Образ шакли махсуси дарк ва инъикоси ҳаёт аст, ки ба санъату адабиёт хос мебошад. Ба воситаи образҳои бадеӣ идрок кардани ҷаҳон, мисли тафаккури илмӣ, ба фаҳмидан ва аз худ намудани воқеияти одамро ихотакарда равона шудааст. Вале илм ҳаётти воқеиро ба шакли ҷамъбасти мантиқӣ - бо мафҳумҳои муҷаррад, бо қонуният ва категорияҳо инъикос мекунад, образи санъату адабиёт бошад, воқеаҳои умумиро ба шакли мушаххас ва фардӣ аз нав эҳё менамояд. Яъне, мафҳумҳои мантиқӣ хоси илм буда, ягонагию яклухтии эҳсосот хосияти образҳои бадеии санъату адабиёт мебошанд.

Бинобар ин, образи бадеиро фикри ҳисшаванда мегӯянд. Образ, аз як тараф, соҳиби фардияти муайян буда, аз тарафи дигар, хислатҳоеро, ки барои доираи васеи ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва одамони гуногун хосанд, ба андозае дар бар менамояд. Дар асоси ин гуфтан ҷоиз аст, ки образ таҷассуми ҳаёти воқеист, ки ба шакли фардӣ-индивидуалӣ дар асар тасвир меёбад. Образ ҳаётро дар ҳодисаҳои ҷудогонаи он, дар сурати

ашё ва ё шахсе, ки дорои хусусиятҳои хос аст, ҷамъбаст мекунад.

Образҳо маҳсули нуктаи назари объективӣ ва субъективии санъаткоранд. Вале онҳо аз ягон ҷои номаълум пайдо намешаванд. Образ дар натиҷаи омӯхтани ҳаёти воқеӣ ба вуҷуд меояд. Нависанда, пеш аз он ки асаре эҷод кунад, зиндагиро хуб меомӯзад, онро ҳаматарафа дарк менамояд, баъд аз омӯхтани масъалаҳои бисёри ҳаёт муҳимтарини онро интихоб карда, мақсад ва ниятаშро ба воситаи образ ифода менамояд.

Образ ҳамчун маҷмӯи лавҳаҳои ҷудогонаи ҳаёти инсон, пеш аз ҳама, тасвири характери муайяни иҷтимоиро, ки дар марказн ин лавҳаҳо меистад, дар мадди назар мегузорад. Нависанда ба воситаи образҳо зисту зиндагонӣ, кору кирдор, вазъияти рӯҳӣ (хурсандӣ, маъюсӣ) ва дигар лаҳзаҳои ҳаёти одамро инъикос менамояд. Нависанда ҳамеша кӯшиш мекунад, ки ин ҳама хусусиятҳои одамиро дар асари адабиёт ҳаматарафа нишон диҳад. Одам ҳамчун объекти асосии асари бадеӣ дар ҳолате образи адабӣ мешавад, ки рафтори ӯ ҳам дар ҳаёти шахсиаш ва ҳам дар ҳаёти ҷамъиятӣ - дар истеҳсолот, дар соҳаи сиёсат ва ғайра тасвир гардад.

Образҳои санъату адабиёт, ки ифодакунандагони идеяҳои гуногунанд, дорои сифат ва ахлоқу одоби муайян мебошанд. Ин аст, ки дар асарҳои бадеӣ ҳамеша дар қатори образҳои мусбат образҳои манфӣ низ амал мекунанд. Мавзӯъҳои адабӣ дар адабиёти ҷаҳон аз макру муҳаббат, садоқату бевафоӣ, маргу безаволӣ, рашку номус, хасисию ҳотамӣ, интиқом ва ғайра иборатанд. Бо вуҷуди мураккабии мавзӯъоти Шоҳномаи Фирдавсӣ дар ин достон ишқи олии инсонӣ дар муносибатҳои Рустаму Таҳмина, Бежану Манижа, Сӯҳробу Гурдофарид ва дигарон дилписандона тараннум ёфтааст. Дар тӯли асрҳо мавзӯи муҳаббати инсонӣ дар эҷодиёти шоирони форсу тоҷик ва мамлакатҳои Шарқи Миёнаю Наздик вобаста ба номи Рустаму Сӯҳроб, Фарҳод ва Ширин, Лайлӣ ва Маҷнун, Юсуф ва Зулайхо сароида шудааст. Образҳои безаволе, ки аз тарафи бузургони адабиёти ҷаҳонӣ то ба дараҷаи баланди типи адабӣ тасвир шудаанд, ба мисли Дон-Кихот (М. Сервантес), Ҳамлет (В. Шекспир), Андрей Болконский, Наташа Ростова (Л. Толстой), Татяна (Пушкин), Ширин ва Фарҳод (Низомӣ), Лайлӣ ва Маҷнун (Ҷомӣ), Комде ва Мадан (Бедил) ва дигарон ҳақиқати характерҳои конкретӣ, таърихӣ, миллӣ ва иҷимоиро якҷоя бо хислатҳои умумиинсонӣ дар худ омехтаанд.

# АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XI-XII

**ЗАМОНИ ҚАТЛУ ҒОРАТ**

Ҳанӯз дар охири асри Х Мовароуннаҳр ва Хуросон ба майдони ҷанг ва қатлу ғорат табдил ёфта буданд. Дар натиҷаи авҷ гирифтани зулм, аз тарафи табақаҳои меҳнаткаш дастгирӣ нашудани амалиёти амирони сомонӣ, пурзӯр гардидани нифоқу низоъҳои дохилӣ, қувват гирифтани қувваҳои марказгурези дохилии давлати Сомониён ва ба ҳам муттаҳид шуда, пуриқтидор гардидани қабилаҳои кӯчманчии турк давлати Сомониён аз байн рафт. Дар қисми шарқии Афғонистон давлати Ғазнавиён (963-1186) таъсис гардид. Аввал ғуломи турknажод Алптегин соли 961 сарлашкари Хуросон таъин гардида, ба Ғазнин фиристода шуд. Баъди марги ӯ писараш Сабуктегин (977-998) ҷои ӯро гирифт. Аммо фақат ба ном дар итоати Сомониён буд. Ниҳоят писари Сабуктегин худро султон эълон намуд ва Ғазнинро пойтахти давлати худ қарор дод. Соли 992 туркҳои қарохонӣ аз Ҳафтрӯд ба хоки Сомониён ҳуҷум оварданд. Бо кӯмаки Маҳмуд онҳо аз Бухоро ронда шуданд. Соли 999 Қарахониҳо бори дигар Бухороро забт намуда, бо Маҳмуд сулҳ бастанд. Дар Мовароуннаҳр давлати Қарахониён (998-1211) ба вуҷуд омад. Баръакси Сомониён ин давлатҳо забткору истилогар буда, дар аҳди онҳо мардумон ҳеч рӯзи оромиро намедиданд. Маҳмуд тамоми умр ба талаву тороҷи Ҳиндустон машғул буд. Вай Хоразм, Рай, Исфаҳон ва Ҳамадонро низ забт карда буд. Қарахониҳо бештар байни худ ҷанг мекарданд. Пойтахти Қарохониён Самарқанд буд. Дар натиҷаи забткориҳои қабилаҳои бодияншини ғӯз дар Шарқи Миёна ва Наздик давлати Салҷуқиён таъсис шуд (1040-1157), ки пойтахти он Марв буд.

Сипас давлати Хоразмшоҳиён ташкил шуд. Пойтахти ин давлат аввал Қиёт ва баъдҳо Ӯрганҷ буд. Дар ин давлатҳо лашкар ва амалдорони маъмурӣ, ки бонии ҳукуматҳо буданд, аз туркҳо буданд. Вале дафтару девонҳо, вазоратҳо, қозиёт ва илму фарҳанг дар дасти тоҷикон буд. Забони форсии дарӣ дар ҳамаи ин кишварҳо забони давлатӣ ба шумор мерафт ва аз замони Ғазнавиҳо сар карда, дар Ҳиндустон ҳам он ба сифати забони давлатии сулолаҳои мусулмонӣ ҷорӣ гардид. Фақат давлати Ғуриён (1000-1215) давлати соф тоҷикон буда, дар вилояти Ғур воқеъ буд, ки байни Ҳироту Ғазнин ва Кобулу Бомиён ҷой гирифта буд. Аз миёнаҳои асри XII Ғуриён ба лашкаркашиҳои истилогаронаи худ шурӯъ намуда, Хуросон, Афғонистон ва Ҳиндустони Шимолиро фатҳ намуда, он ҷоҳоро дар зери итоати худ нигоҳ медоштанд. Дар суст шудан ва аз байн рафтани давлати Ғазнавиён саҳми Ғуриён калон аст. Соли 1151 лашкари Ғуриён Ғазнинро ишғол намуда, онро тамоман сӯзонд. Ғазнавиён ба Лоҳур гурехтанд. Онро низ соли 1186 Ғуриён забт карданд

ва давлати Ғазнавиёнро аз бунёд бархам доданд. Дар охир лашкариёни турк дар лашкари Ғуриён зиёд шуда, то рафт нуфузи бештаре пайдо карда, билохира ин хонадони ҳокимро аз байн бурданд. Сулолаи Шервоншоҳон дар Озарбойчон худро аз насли подшоҳони Сосонӣ медонистанд.

Хусусияти умумии ин давлатҳо он буд, ки хеҷ кадоме асоси ягонаи мустаҳками иктисодӣ надошт. Хукумати марказӣ ба қобилияти муттаҳидкунанда молик набуда, ҳама ба шахсиятҳо вобаста буд. Агар хуношоми зӯртаре пайдо мешуд, мулкаш вусъат меёфту баъди сари ӯ боз вилоятҳо ҷудо ва мустакил мегардиданд. Аммо ҳамеша ин истило ва ҷудошавиҳо бо рехтани хуни ҳазорон ҳазор бегуноҳон, тааддӣ ба молу ҷони мардум, куштани кӯдакону занон ва пирон, вайрон кардану сӯзондани шаҳрҳо, андозҳои гӯшношунид ва бенизомӣ сурат мегирифт. Бинобар ҳамин, ин ду асрро ба таври куллӣ асрҳои пурталотуму пуризитироби қатлу хунрезиҳо номидан мумкин аст. Чунин воқеаро мисол овардан мумкин аст. Маҳмуди Ғазнавӣ, ки ниҳоят мутаассибу фитнакор буд, бо шиори ғазавот-ҷанги муқаддас барои ҷорӣ намудани ислом ғоратгариҳои худро пинҳон карданӣ мешуд. Вай дар пойтахти худ Ғазнин чандин қасру кӯшкҳо, масҷиду мадрасаҳо ва боғу хиёбонҳо сохт. Маҳмуд 17 бор ба Ҳиндустон ҳуҷум карда, онро ғорат намуд. Фақат соли 1019 дар Ҳиндустон ӯ, вақте ки қалъаи Маҳованро истило намуд, тамоми аҳолии онро аз дами шамшер гузаронд. Дар бозгашт ба Ғазнин ба ғайр аз ғаниматҳои бешумор 350 фил ва 57 ҳазор ғулом овард. Вале вақте ки соли1151 ҳокими Ғуриён Алоуддини Ҷаҳонсӯз (1148-1156) ба Ғазнин ҳуҷум овард, дар давоми як хафта худ ба айшу ишрат ва базм нишаста, шаҳрро ба дасти толонгарону хуношомон дод. Онҳо шаҳрро оташ заданд. Беш аз 70 ҳазор касро ба қатл расонданд, тамоми мардонро куштанд, занону бачагонро асир гирифтанд, ҳатто мурдаҳои Ғазнавиёнро аз гӯрҳо канда сӯзонданд. Аз шаҳре, ки чанде пеш ба ободтарин шаҳр табдил дода шуда буд, ба ҷуз вайрона чизи дигаре боқӣ намонд. Шаҳри худро ҳокими хунхор худаш маҳв кард.

Доро шудани ҳокимон аз ҳисоби ғорату толони шаҳрҳою вилоятҳое, ки истило мешуданд, ба заиф шудани зироаткорӣ, боғдорӣ ва нест шудани иншоотоҳои обёрӣ оварда мерасонд. Савдо низ аз равнақ меафтод. Андозҳо ва корҳои бемузди маҷбурӣ зиёд мешуданд. Истисмор аз ҳад гузашт. Шӯришу исёнҳо ба вуҷуд меомаданд. Соли 1206 дар Бухоро бо сардории оҳангари сипарсоз шӯриши аҳли шаҳр хурӯҷ кард. Баъди як сол онро ҳукуматдорон бо ваҳшоният фурӯ нишонданд.

**ҲАЁТИ ИЛМӢ ВА МАДАНӢ ДАР ИН АСРҲО**

Маркази дигаре, ки дар ин вақт кишварҳои туркҳокимро фаро гирифт, он буд, ки касони зиёди бесавод худро олим тарошида, бо ришваю пора ба мансабҳои динӣ мерасидаанд.

Барои ҳамин дар ин давра, аз як тараф, фасоди ахлоқии ҳукуматдорон ба ҳадди ниҳоӣ расида, аз тарафи дигар, таассуби динӣ

ва мазҳабӣ ба дараҷае авҷ гирифт, ки натанҳо кофир хондани одамони зинда, балки ба ин "гуноҳ" айбдор кардани гузаштагон як амри оддӣ шуда монд. Аввалин бор амирону сарлашкарон бо рӯҳониёни мутаассиб ба дараҷае наздик шуданд, ки ҳар як ҳодисаи зиддидавлатӣ ва мукобили сиёсати ҳукмронро ба куфру бидъат ҳамл мекарданд. Носири Хусрав мегӯяд.

Аз шоҳ зӣ[1] фақеҳ чунон буд рафтанам,
К-аз бими мор дар даҳани аждаҳо шудам.

Дар мадрасаҳо фақат илмҳои динӣ таълим дода шуда, омӯзондани илмҳои фалсафа, ҳандаса ва нуҷум манъ гардид. Илмҳои дақиқу ақлӣ ва фикри солим бо ҳар роҳ таъқиб ва пешгирӣ карда шуда, махсусан ба фалсафаи Юнони қадим, таълимоти Форобию Ибни Сино ҳамлаҳо оварда мешуд. Ҳарчанд дар нимаи аввали асри XI фаъолияти илмии Абӯали ибни Сино, Абӯрайҳони Берунӣ ва баъд фаъолияти илмии Умари Хайём, Абулаббоси Марвазӣ ва Бахманёр, ки шогирди Абӯалӣ ибни Сино буд, давом кард, ин илмҳо умуман дар асри XII рӯ ба таназзул ниҳода, фақат дар баъзе мадрасаҳо муқаддимоти ҳисоб ва тиб омӯзонда мешуданд. Расадхонаи Нишопур бузургтарин маркази илмӣ буд. Дар он Умари Хайём кор мекард. Илми нуҷумро ходимони ҳамин хел расадхонаҳои давлатӣ ба тарзи хусусӣ меомӯхтанд. Дар байни солҳои 1105-1107 олими соҳаҳои арӯз, тиб ва астрономия Қатрони Марвазӣ (1072-1163), ки аслан Бухориюуласл буд, бо номи Кайҳоншинохт асаре навишт, ки дастовардҳои илми астрономияро ҷамъбаст мекард. Аз олимони соҳаи илоҳиёт, ки бо тамоми қувва зидди таълимоти Абӯалӣ ибни Сино ва фалсафаи Юнони қадим мубориза мебурд, Абӯҳомиди Ғазолӣ (1058-1111) буд. Вале ӯ чунон бо ҷӯшу хурӯш ба баёни ақоиди файласуфони қадим ва афкори Абӯалӣ ибни Сино мепардозад, ки баръакси нияти ӯ, ки рад кардани он ақоиду афкор аст, кас метавонад аз рӯи навиштаҳои Ғазолӣ моҳияти ҳақиқии онро аз худ намояд.

Фаъолияти Ғазолӣ ва пайравони ӯ тамоман хилофи таълимоти Ихвонуссафо буд. Ихвонуссафо, ки маънои луғавиаш бародарони пок аст, ҷамъияти махфии мазҳабие буд, ки дар асри X аввал дар Басра ва баъдтар дар Бағдод аҳли шаҳр-косибону ҳунармандон, зиёиёни мунавварфикр, сиёсатмадорон, лашкариён ва унсурони аз тартиботи онрӯза норозиро ба ҳам муттаҳид мекард. Ихвонуссафо як шакли муташаккили оппозитсияи зидди феодалӣ буд. Аъзои ин ҷамъият даъво доштанд, ки диёнати ислом бо хурофоту мавҳумот омехта шуда, тира гардидааст. Онро аз олудагиҳои залолатангез пок бояд кард. Барои ба ин мақсад расидан фақат як роҳ аст: илму фалсафаро ривоҷ додан зарур. Онҳо ҳам тараққӣ додани илмҳои дақиқ ва ҳам пеш бурдани илмҳои ҷаҳоншиносӣ ва инсоншиносиро талаб мекарданд. Аъзои

---
1 - сӯи.

ихвонуссафо ақида доштанд, ки беҳтар намудани зиндагии инсон, озодии фикрӣ, камолоти маънавӣ, аз хоби ғафлат бедор кардани шуур, гуволиш додани истеъдодҳо, ҳаттоислоҳоти иҷтимоӣ ба ривоҷи илм вобаста аст.

Аъзои ихвонуссафо андешаю ақидаҳои худро дар шакли рисолаҳое, ки дастаҷамъӣ менавиштаанд, интишор медодаанд. Дар ин рисолаҳо, ки натиҷаи донишҳои ба даст овардаи инсоният буд, синтези тамоми муваффақиятҳои илми умумибашарӣ дида мешавад.

Пайравони ихвонуссафо бартарии нажодӣ ва қавмии ин ё он халқро қатъиян рад мекарданд. Онҳо тарғибкунандаи дӯстӣ ва бародарии мардумон буданд, ба гузаштаи тамоми халқҳо бо эҳтиром менигаристанд.

Афкори аҳли ихвонуссафо ба гӯшаю канорҳо паҳн шуда, ақлҳоро ба тарафи худ ҷалб менамуд. Китобу рисолаҳои ихвонуссафо дар Испания, Ҳинд, Осиёи Сағир, Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр хеле шӯҳрат доштанд. Абӯалӣ Сино, Берунӣ, Умари Хайём ва дигарон аз таълимоти ихвонуссафо таъсир гирифтаанд.

Таълимоти ҷавонмардӣ ва як навъи он ахӣ-бародарӣ, ки асоси он тарғиби хирад, ростӣ, мардумӣ ва ба кас роҳатрасонӣ аст, бо афкори ихвонуссафо алоқаи зич дорад. Парвардани некӣ, хизмат ба халқ, мусофирпарварӣ, мазлумнавозӣ, сидқ, вафо, сабр, кӯшиш ва хислатҳои дигари ҳамида талабҳои ҷавонмардист. Низомӣ аъзои ташкилоти ахӣ буд. Мағзи талаботи ҷавонмардиро ин байти Аттор (асри XIII) ифода менамояд:

> Гуфт: "Назди ман ҷавонмард он бувад,
> Камтарин кораш фидои ҷон бувад".

Дар асрҳои XI-XII илми таърих ба дастовардҳои бузург ноил шуд.

Дар ин давра дар шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Тирмиз, Урганч, Ғазнин, Балх, Марв, Ҳирот, Нишопур, Исфаҳон, Ҳамадон, Рай, Ганҷа, Лоҳур ва ғайра, ки адабиёти тоҷику форс дар он ҷоҳо ривоҷ дошт, санъати меъморӣ хеле тараққӣ кард. Сохтани коххо, қасрҳо, кӯшкҳо, мадрасаҳо, масҷиду оромгоҳҳо, корвонсароҳо, работҳо, манораҳо, ҳаммомҳо ва қалъаҳо хеле авҷ гирифт. Гунбазҳои зебо, тоқу равоқҳои мунаққаш, гачкорию мармаркорӣ, равоқҳои муқарнас, нақшҳои мавҳум ва сабти навиштаҷоти махсус зеби ин биноҳо буд. Ин гуна иморатҳо аз қудрати бемонанди офаридагории ҳунармандони халқ гувоҳӣ медоданд. Чандин мадраса бо номи Низомия дар шаҳрҳои гуногун (Бағдод, Марв, Ҳирот ва ғайра), ки бо ташаббуси вазири хуросонӣ Низомулмулк сохта шуда буданд, намунаҳои барҷастаи санъати меъмории он даврҳо буданд. Работи Малик дар наздикии Кармина (1069), манори Ҷарқӯрғон (1108), Манори Калони Бухоро (1127), мақбараи Султон Санҷар дар Марв, ки ҳанӯз ҳангоми зинда будани соҳибаш сохта шуда буд, то ҳанӯз боқӣ мондаанд. Дар Қабодиён, Ҳулбук (наздикии Кӯлоб) ва Тирмиз низ биноҳои

бохашамат бунёд гардида буданд. Ёдгориҳои меъмории асрҳои XI-XII дар Регару Исфара ва Шаҳритузу Ашт низ то алҳол мавҷуд мондаанд. Дар сохтмони ин гуна биноҳо ҳунармандон ва деҳқонон бе музд маҷбурӣ кор фармуда мешуданд. Ҳама шаҳрҳои калон чандин китобхона доштанд.

Ҳунарҳои бофандагӣ, кулолӣ, заргарӣ, шишасозӣ, кошипазӣ, конканӣ, маъдангудозӣ, сангтарошӣ, коғазсозӣ ва кандакорӣ низ ривоҷ ёфта буданд.

Дар санъати хаттотӣ ва ҳунари мусиқӣ низ пешравиҳо дида мешавад. Кофист бигӯем, ки бисёр адибони асрҳои XI-XII худашон дар хаттотӣ, мусиқӣ ва баъзе ҳунарҳои дигар моҳир будаанд.

**ДОИРАҲОИ АДАБИИ АСРҲОИ XI-XII**

Баробари аз байн рафтани давлати Сомониён доираи адабии пойтахти онҳо - Бухоро пароканда шуд. Адибону олимон ба чаҳор тараф гурехтанд. Бухорое, ки дар натиҷаи истилою ғорати кӯчманчиён валангор гашта буд, чун маркази илму адабиёт аҳамияти худро аз даст дод. Аз бими истилогарони аҷнабӣ ҳатто Абӯалӣ ибни Сино барин нобиға зодгоҳи худро тарк кард. Вале барҳам хӯрдани давлати Сомониён тараққиёти адабиёти тоҷикро нигоҳ надошт. Ин адабиёт дар асоси омилҳои нав инкишоф пазируфт.

Дар асрҳои XI-XII, аниқтараш дар натиҷаи барҳам хӯрдани давлати Сомониён ва барқарор шудани давлатҳои Ғазнавиён ва ғайра, яъне аз охирин солҳои асри X то панҷяки аввали асри XIII, яъне то замони истилои муғул чандин бор доираҳои нави адабиёт ташкил шуданд ва аз байн рафтанд. Ҳар бор давлате таъсис мешуд ва шаҳреро пойтахти худ интихоб мекард, он ҷо доираҳои адабӣ шакл мегирифт. Адибону олимон дар он марказҳои фарҳангӣ гирд меомаданд. Баробари барҳам хӯрдани давлатҳо пойтахтҳои онҳо чун марказҳои маданӣ ё аз байн мерафтанд ва ё ин ки хеле заиф мешуданд. Албатта, дар вилоятҳо, хусусан дар шаҳрҳои калон ҳамеша конунҳои адабӣ гардон буданд, вале равияи пуркувватро ҳамеша адабиёти марказҳо ташкил мекарданд. Зеро расм шуда буд, ки доираи адабиёти дарборӣ ташкил карда шавад, ҳунармандон, аҳли шаҳр ва зиёиён низ он ҷо ҷамъ меомаданд ва аз байни онҳо адибон ба воя мерасиданд.

Ҳарчанд ки дар ибтидои асри XI Маҳмуди Ғазнавӣ забони форсии дарии тоҷикиро аз корҳои давлатӣ берун карда, коргузории давлатро ба забони арабӣ ҷорӣ намуд, ӯ натавонист, ки нуфуз ва доираи умумии онро коҳонад. Аз ин гузашта, худи Маҳмуд адабиёти дарборашро дастгирӣ мекард, ки он ба тоҷикӣ эҷод мешуд. Таърихнигорони асрҳои миёна ба муболиға хабар медиҳанд, ки дар дарбори Ғазнавиён 400 нафар шоир хизмат мекард.

Дар ин давра адабиёти форсизабон аз доираи кишварҳои тоҷикнишин-Мовароуннаҳр ва Хуросон берун баромада, ба

кишварҳои нав-Эрони Ғарбӣ, Ироқ, Аррону Шервон, Озарбойҷон ва Ҳиндустон доман густурд. Дар инкишофи адабиёти форсии дарии ин кишварҳо саҳми тарбиятёфтагони вилоятҳои тоҷикнишини аслӣ калон аст. Хонадони машҳури хуҷандиён бо номи Оли Хуҷанд дар Исфаҳон мезист, ки ҳама аҳли фазлу адабу шеър буданд. Сараҷдоди ин силсила Имом Абӯбакр Муҳаммад ибни Собити Хуҷандиро Низомулмук чун мударрис ба мадрасаи Низомияи Исфаҳон фиристода буд. Дар асрҳои XI-XII аз ин хонадон ҳафт нафар шоир ба камол расидаанд. Дар Деҳлӣ маҳаллаи самарқандиҳо мавҷуд буд, ки бошадагони он аҳли ҳунару тиҷорат ва илм буда, чандин касон ҳам худ шеър менавиштанд ва ҳам адабиёти ба забони модариашонро пуштибонӣ мекарданд.

Аз асри XI сар карда дар эҷоди адабиёти форсизабон намояндаҳои халқҳои ғайриэронинажод ширкат меварзидагӣ шуданд.

Доираҳои адабии пурқувват дар асрҳои XI-XII дар шаҳрҳои Ғазнин, Марв, Самарқанд, Урганҷ, Исфаҳон, Нишопур, Табрез ва Ганҷа дар фаъолият буданд. Дар Балх, Бухоро, Рай, Лоҳур, Нахҷувон ва амсоли инҳо низ гоҳе маҳфилҳои адабӣ гардон мешуданд.

Намояндагони барҷастаи адабиёти асрҳои XI-XII инҳо буданд:

Унсурӣ (ваф. 1041), Фаррухӣ (ваф. 1040), Манучеҳрӣ (ваф. 1038), Носири Хусрав (1004-1088), Умари Хайём (1040-1123), Масъуди Саъди Салмон (1047-1122), Муиззӣ (1049-1127), Саноӣ (1077-1150), Адиб Собири Тирмизӣ (1078-1147), Анварӣ (1090-1175), Низомии Ганҷавӣ (1141-1209), Аттор (1145-1221) ва дигарон.

#### ТАВСИФИ УМУМИИ АДАБИЁТИ АСРҲОИ XI-XII

Адабиёти асрҳои XI-XII бо вуҷуди он ки дар шароити дигари таърихӣ тараққӣ карда, дар инкишофи он омилҳои нав таъсир мерасонад, бо адабиёти асрҳои IX-X ҷиҳатҳои умумии зиёде дошт. Ин ҷиҳатҳо аз умумияти анъанаҳо, ягонагии забон ва дар асрҳои XI-XII ривоҷ доштани шаклҳо ва жанрҳои адабие, ки дар асрҳои IX-X ба вуҷуд омадаанд, иборат буд. Шоирони ин замонҳо ба анъана, сабк ва мазмуни ашъори Рӯдакию Шаҳид, Дақиқию Фирдавсӣ ва ҳаммуҳитони онҳо пайравӣ мекарданд. Дар адабиёти асрҳои XI-XII кӯшиши демократӣ кунондани забон, ки бо кӯшиши Рӯдакӣ ва наздикони ӯ шурӯъ шуда буд, ба ниҳоят расида, дар натиҷа забони адабии умумихалқие ба вуҷуд омад, ки дар тамоми Мовароуннаҳру Хуросон, Эрону Озарбойҷон, Аррону Шервон, Ироқи Аҷам ва бисёр нуқтаҳои нимҷазираи Ҳиндустон фаҳмо буд. Ин забон дар асрҳои мавриди баҳс ба Осиёи Сағир низ паҳн шуд. Шаклҳои асосии назми асрҳои XI-XII аз маснавӣ, қасида, ғазал, рубоӣ, қитъа ва мусаммат иборат буд, ки ҳама дар асрҳои IX-X ташаккул ёфта буданд. Фақат ин жанрҳо аз нуқтаи назари шакл ва мазмун хеле инкишоф ёфтанд. Дар асрҳои XI-XII нисбат ба асрҳои IX-X наср хеле тараққӣ кард.

Бо вуҷуди риоя шудани соддаанависӣ ва тарзи реалистии тасвир, ки хусусиятҳои намоёни сабки роиҷи нимаи аввали асри XI, яъне сабки

хуросонӣ буд, шеър аз ҷиҳати техника ниҳоят суфта гардида, ноҳамвориҳои лафзӣ, дуруштиҳои байн ва сактаҳои вазни он тамоман аз байн бардошта шуданд. Дар назм истифодаи истилоҳоти илмӣ ва фалсафӣ афзуда (хусусан дар қасидаҳои Хоқонӣ ва Анварӣ), санъатҳои мураккаби шеърӣ бисёр ба кор мерафт. Таваҷҷӯҳи аз ҳад зиёд ба воқеаҳои таърихӣ ва пардоз дар қасидаҳо таровати шеърро халалдор карда, онро ба воқеаномаҳои манзум табдил медоданд. Санъати баланди нигорандагии ин навъ қасидаҳо касро ба ҳайрат мегузорад. Ғазоирӣ мефармояд:

> Чу барқ аз мег[1] бидрахшад, ту пиндорӣ яке зангӣ
> Зи хиргоҳе ба хиргоҳе давонад пораи ахгар.

Хусусияти аввалини адабиёти асрҳои XI-XII он буд, ки ҳаҷм ва нуфузи адабиёти дарбор дар ҳаёти адабӣ зиёд шуд. Хусусан назми дарборӣ хеле инкишоф пазируфта, қасидасароӣ равияи умумӣ гардид. Ҳатто бисёр шоироне, ки ба ягон дарбор вобаста набуданд, мадҳ мегуфтанд. Заҳири Форёбӣ (1156-1201) қасидаро беҳтарин ҷинси шеър меномад. Вале назми дарбор ва шакли шеъри аз ҳама ривоҷёфтаи он қасидаи мадҳия аз ҷиҳати мавзӯъ тангу маҳдуд гардида, мазмуни мадҳияро аз ситоиши иқтидору шукӯҳи шубҳаовар, шӯҳрату дабдабаи дурӯғин ва сафед кардани сиёсати ғосибонаю золимонаи ҳокимон берун намебаромад. Шоирони маддоҳ, ки ҳама девонҳои бузург доранд, дар қасидаҳои худ бо муболиғаю игроқ ва таърифҳои чоплусона ҳокимону саркардаҳо ва соҳибмансабони ғазнавӣ, қарахонӣ, салҷуқӣ, хоразмшоҳӣ ва ғайраро мадҳ мегуфтанд. Шеваи хоси онҳо чунин буд, ки бештар ба тасвири одобу зиндагии дарбор ва тавсифи базму размн ҳокимон мепардохтанд. Шоирони дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ (998-1030) ва писари ӯ Масъуд (1030-1041) Унсурӣ, Манучеҳрӣ ва Фаррухӣ бо тамаллуқ ва тамаъ ҷангҳо ва қатлу ғорати мамдӯҳони худро ҳамчун қаҳрамонӣ ба қалам меоварданд. Аз рӯи нигориши онҳо Маҳмуди ҷаллоду толонгар чун ҳомии дин муаррифӣ мешуд. Маддоҳони Маҳмуд дар ҳама ҷо мунҳӣ-ҷосуси махфӣ гузоштани ӯро камоли хирадмандӣ медонистанд.

Назми дарбор инъикоси сиёсати истилогаронае буд, ки ҳокимон дар соҳаи адабиёт ҷорӣ карда буданд. Аз ин рӯ онро подшоҳон пуштибонӣ мекарданд. Албатта, ин пуштибонии онҳо маънои ғамхорӣ ба адабиётро надошт. Ғарази аслии онҳо мустаҳкам намудани пояи давлат ва шӯҳрати худ буд. Аксари ҳокимон аз бесаводӣ хаваси шеър шунидан надоштанд. Вале ба маддоҳоне, ки манфиати онҳоро ҳимоят мекарданд, атоҳо, мулку мол, зару сим ва унвонҳои баланд медоданд. Унсурӣ, ки маликушшуаро (подшоҳи шоирон) унвон дошт, ба ивази хизматҳои ғуломонааш инъомҳои зиёде гирифта, ба шахси давлатманде табдил ёфт. Хоқонӣ мегӯяд:

---

[1] **Мег** - абр.

Шунидам, ки аз нукра зад дегдон,
Зи зар сохт олоти хон Унсурӣ.

Муиззӣ низ дар ҳамин поя меистод. Ба адибону олимоне, ки муқобили манфиату мафкураи сиёсати ҷорӣ буданд, хатари ҷон таҳдид мекард. Кӯр карда шудани Рӯдакӣ, фирори Фирдавсӣ ва таъқиби Абӯали ибни Синоро ба хотир оред. Ин ҳолат дар асрҳои XI-XII низ давом дошт. Барои фармоннабардорнашон Маъсуди Саъди Салмон ва Ҳоқонӣ солиёни дароз дар зиндон хобиданд. Ба сабаби манфиати рақибашро ҳимоя кардан ҳокими Хоразм Отсиз (1127-1156) Адиб Собири Тирмизиро 23 ноябри соли 1147 ба дарёи Ому партофта, ба марг расонд.

Равияи халқиро дар адабиёт адибони пешқадам давом медоданд. Ҳамдиёрони Фирдавсӣ Абӯмансӯр Алӣ ибни Аҳмад Асадии Тусӣ (1010-1073) солҳои 1065-1066 дар Нахҷувон Гаршоспномаро навишт, ки он қариб нӯҳ ҳазор байтро фаро мегирад. Достони Асадӣ аз корнамоиҳои паҳлавони систонӣ Гаршосп, додарзодаи ӯ Наримон ва таваллуди бобои Рустам Сом нақл мекунад. Мазмуни он аз ривоятҳои пешазисломии халқҳои эронинажод гирифта шудааст. Достони бузургҳаҷми Барзунома (50-60 ҳазор байт)-ро ба Хоҷа Ато ибни Яъқуб (ваф. 1078) нисбат медиҳанд. Барзу (набераи Рустам) паҳлавонест, ки бисёр вақтҳо ба деҳқонӣ машғул мешавад. Ин достон дар Бадахшон бисёр машҳур будааст. Фаромарзнома низ дар асоси қиссаҳои бадахшонӣ ба назм кашида шудааст.Достони ҳамосавии Ҳаким Эроншоҳ Баҳманнома (соли 1106), ки 5500 байт аст, қиссаи қадимиест, ки аз қаҳрамониҳои дастпарвари Рустами Достон Баҳроми писари Исфандиёр ҳикоят мекунад.

Фарқи асосии ин навъ достонҳо аз Шоҳнома он аст, ки дар онҳо масъалаҳои умумихалқӣ-истиқлоли сиёсию давлатӣ, иттиҳоди миллӣ, муҳофизати обу хоки Ватан, ҳимояти ҳукумати марказӣ ва ободонии кишвар ба миён гузошта намешаванд. Онҳо қиссае беш нестанд.

Ҳарчанд ки достонҳои ҳамосавӣ аҳамияти худро аз даст доданд, дар асрҳои XI-XII маснавӣ аз жанрҳои пешбарандаи адабиёт буд. Вале маснавиҳо хусусиятҳои эпикиро гум карда, бештар, ҷиҳатҳои лироэпикӣ мегирифтанд. Яъне, дар достонҳо ба масъалаҳои ҷангу корзор камтар таваҷҷӯҳ мешуд. Дар чунин асарҳо моҷароҳои ишқӣ ҷои асосиро мегирифтанд. Вале дар ҳама маврид қиссаҳои илмӣ ба асос гирифта мешуданд. Мазмуни достони Унсурӣ Вомиқ ва Узро аз таърихи Юнони қадим гирифта шудааст. Достони дигари ӯ Сурхбут ва Хингбут. Варқа ва Гулшоҳи Айюқӣ (2100 байт) ва Вис ва Ромини Фахрддини Гургонӣ урфу одат ва таъриху маишати эронинажодони қадимаро тасвир менамоянд.

Яке аз достонҳои лироэпикие, ки байни достонҳои ҳамосавӣ ва достонҳои ишқии Низомӣ гузаргоҳе шуд, Вис ва Ромини Фахриддини Гургонӣ буд. Он соли 1054 таълиф гардидааст. Асли Вис ва Ромин аз

ёдгорихои қадими паҳлавӣ буд. Ҳаҷми достони Гургонӣ тақрибан даҳ ҳазор байт аст. Достон бо вазни ҳазаҷи мусаддаси максур (мафоийлун мафоийлун мафоил) суруда шудааст.

**ВИС ВА РОМИН** Достони қадимаи халқҳои эронинажод буда, ҳанӯз дар замони ашкониён дар миён халқҳои эронӣ шӯҳрати тамом дошта, дар яке аз Форсиёти Абӯ Нувос (асри VIII) ба шӯҳрати он ишора меравад. Дар асри XI ривоятҳои гуногуни мансуру манзуми паҳлавии он вуҷуд доштааст. Шоири машҳури достонсарои асри XI форсу тоҷик Фахриддин Асъади Гургонӣ (вафоташ тақрибан 466 ҳ. 1073 м) онро ба назм даровардааст. Гургонӣ, ки Фахрии Гургонӣ тахаллус мекард, аз наздикони асосгузори давлати салҷуқӣ Абӯтолиб Туғралбек Муҳаммад ибни Мекоил (1040-1063) буд. Вай замоне дар Марв зиндагӣ дошт. Ҳангоми Исфаҳонро соли 443 ҳ. (1051 м) забт кардани Туғралбек шоир ҳамроҳи ӯ буд. Дар он ҷо аз ҳокими Исфаҳон Хоҷа Амид Абулфатҳ Музаффар бинни Муҳаммади Нишопурӣ ин достонро шунида, онро бо хоҳиши ӯ ба риштаи назм кашид. Ин кор тақрибан соли 446 ҳ. (1054 м) ба охир расида буд.

Достони Вис ва Ромини Фахриддини Гургонӣ яке аз шоҳкориҳои назми форсу тоҷик буда, бо сабки ниҳоят содда ва аз муғлақнависӣ пок нигориш ёфтааст. Дар айни замон бо суханони зебои қадимии форсӣ ва ташбеҳоту истиораҳои дилкаш музайян гардидааст.

Луғатҳои арабӣ хеле кам истеъмол шуда, танҳо луғатҳои арабии дар форсӣ - тоҷикӣ ҳазмгардида дар он ба нудрат истифода шудаанд. Аз мутолиаи достон бармеояд, ки Фахриддини Гургонӣ дар баробари шоири тавоно будан аз аксари улуми замони худ баҳравар буда, махсусан бо фалсафаву ҳикмат ва адабиёти форсиву арабӣ ошноии комил дошта, забони паҳлавиро низ медонистааст.

**Фахриддини Гургонӣ** яке аз асосгузорони жанри эпоси романтикӣ дар адабиёти тоҷик буда, ин достонаш дар таърихи достонсароии форсу тоҷик марҳилаи навине мебошад. Он дар байни Шоҳномаи Фирдавсӣ ва Хамсаи Низомӣ як хати восилаест, ки аз ҳамосаҳои қаҳрамонӣ ба достонҳои ишқӣ роҳ мекушояд, зеро дар Шоҳномаи Фирдавсӣ ва достонҳои дигари ҳамосавӣ бо вуҷуди мавҷудияти базму ишқбозиҳо разму корнамоиҳои паҳлавонону қаҳрамонон дар мадди аввал меистанд. Вале дар достони Фахриддини Гургонӣ Вис ва Ромин саргузашти ошиқу маъшуқа, лаҳзаҳои ишқварзӣ, ва амсоли инҳо хатти асосии сюжетро ташкил мекунад. Ин хусусият дар Хусраву Ширини Низомӣ ва достонҳои ишқии дигар минбаъд ҳукми анъанаро мегирад. Фахриддини Гургонӣ ба идеализатсияи муосирони худ роҳ надода, муҳити феодалии замонашро бекаму кост ва бо тамоми иллатҳояш реалистона ба қалам медиҳад, ки аз беҳтарин муҳассаноти достон аст. Қувваи тавоноӣ фошкунандагии достонро ҳаҷви бурроe ба муқобили айбҳои ашрофи замони шоир ташкил медиҳад, ки дар заминаи халқӣ

ба вучуд омадааст. Дар аввал он ягон қаҳрамони мусбат надорад.

Мазамматн фиску фучур ва танқиди кундзеҳнӣ, золимӣ, авомфиребӣ ва ҳарисиву нобакории аҳли дарборро фош карда, ҳар як иштирокчии Вис ва Роминро чун тимсоли як қабоҳати дарбор таҷассум менамояд. Шоҳаншоҳ Мӯбад бо вуҷуди пири фартут буданаш ғами халқу кишварро намехӯрад. Вай вақти худро ба айшу нӯш мегузаронад. Мӯбад бо ғафлатзадагии худ боиси харобии Хуросон ва хонавайрон гардидани мардуми он шудааст.

Зи Мубад солиён сахтӣ кашиданд,
Пас аз маргаш ба осонӣ расиданд.

Аъзои хонаводаи маликаи Моҳобод ҳам аз ин се бародар мондани надоранд: Шаҳру-модари Вис он қадар ҳарис ва молпараст аст, ки ҳатто духтари ҳанӯз ба дунё наомадаашро ба шоҳаншоҳ Мубад мефурӯшад. Шоир бо ришханд гӯшзад менамояд:

Нигар, то дар чӣ сахтӣ уфтоданд,
Ки нозода арӯсеро бидоданд?!

Ин зани ҳарису бар ивази молу чиз фарзандони худро ҳам қурбон мекунад ва аз ин сабаб ҳадяҳои фиристодаи Мубадро дида, фарзандони худ Вис ва Вируро, ки мувофиқи русуми он замон ба ҳам хонадор буданд, фаромӯш карда, Висро барои Мубад мефиристонад. Шоир ин хислати ӯро чунин баён мекунад:

Чу Шаҳру дид чандин гунагун бор,
Чи аз гавҳар, ки аз дебою динор.
Зи бас неъмат чу мастон гашт беҳуш,
Писарро карду духтарро фаромӯш.

Виру - писари Шаҳру ҳам чандон симои одамӣ надорад. Ӯ дар ҷанги зидди Мубад падарро аз даст дода, бо андаке хунбаҳо гирифтан бо Мубад сулҳ мебандад, ҳатто Висро, ки қаблан завҷааш ҳам буд, барои аз Ромин дил кандан ва ба Мубад сар ҳам кардан насиҳат медиҳад. Вай Роминро каси майзада медонад:

Набинандаш магар масту хурӯшон,
Баҳои ҷома назди майфурӯшон.
Ҷуҳудонаш харифу дӯстонанд,
Ҳамеша з-ӯ баҳои май ситонанд.

Виси моҳпайкари булӯринбозу низ иффате надорад. Вай аввал савганд мехӯрад, ки ба Виру (мувофиқи ойини зардуштӣ додару хоҳар метавонистанд ба ҳам издивоҷ бикунанд) содиқ аст. Баъд боз қасамҳои зиёд ёд мекунад, ки зани вафодори Мубад аст. Вис ҳамеша дар оғӯши додарарӯсаш Ромин мехусбад. Дояи Вис низ даллолаест, ки ҳам Висро ба роҳи бад тела медиҳад, ҳам Роминро тарсонда, аз ӯ коми дил меситонад.

ҳақиқати Саноӣ ва Махзан-ул-асрори Низомии Ганчавӣ мебошанд. Мавзӯи асосии қасида дар асрҳои XI-XII мадҳ буд. Дар он мазмунҳои ватандӯстӣ, халқпарварӣ ва сулҳу дӯстӣ хеле заиф гардиданд. Вале дар зимни мадҳ дар қасида оҳангҳои ҳаётдӯстӣ ва фикрҳои панду ахлоқӣ вусъати тамом доштанд. Дар насибу ташбиби қасидаҳо бошад, тасвири зебоиҳои табиат ҷои асосиро мегирифт. Қасидасароён дар ин қисмати қасида бо ҳавсалаи том байтҳои баҳория, хазония, барфия ва ҷашния мегуфтанд. Қасидаҳои пуррае, ки ба ин мавзӯъҳо хос гардонда шуда буданд, низ вуҷуд доштанд. Ин навъ қасидаҳоро қасидаи васфия мегӯянд. Дар ашъори ҷашния бештар идҳои Наврӯз, Меҳргон, Сада, манзараҳои дилрабои табиат, ҷилваҳои баҳор, виқору ҷалоли сарву шамшод, хониши мурғон, тиллоранг шудани боғ ҳангоми хазон ва симгун гардидани замин баъди боридани барф соҳирона ба қалам оварда мешаванд. Баъзе шоирони дарбори Маҳмуди Ғазнавӣ аз аҷоиботи шаҳрҳои Ҳиндустони афсонавӣ нақл мекунанд. Хусусан Манучеҳрӣ дар ашъори баҳория ва хазонияи худ доди суханро додааст. Дуруст аст, ки баъзеи ин навъ шеърҳои ӯ дар шакли мусаммат суруда шудаанд.

Навъи махсуси ташбиби қасида, ки тағаззул ном дошт, мавзӯъҳои ишқиро дарбар мегирифт. Аз ин гузашта, мавзӯи лирика дар ин давра чунон вусъат ёфт, ки дар натиҷа ишқ аз мадҳ ҷудо шуда, ғазал чун шакли асосии лирикаи ишқӣ имтиёз пайдо кард. Лирикаи ишқӣ бо моҳияти худ ба муқобили мадҳ меистод. Чунки шоирони ишқиясаро эҳсоси инсонӣ ва муносибати эмотсионалии худро нисбат ба зиндагӣ баён мекарданд, онҳо ба ҷои мадҳи подшоҳон васфи маъшуқаро суруда, ҳукми ишқро аз фармоишҳои шариат ва қонунҳои ҷории давлат боло мегузоштанд.

Мисли гузашта, дар асрҳои XI-XII қасидаҳои фалсафию ахлоқӣ, ҳасбиҳолӣ, марсия ва ғайра мавҷуд буданд. Устоди мумтози қасидаҳои ахлоқӣ Носири Хусрав буд.

Асадии Тӯсӣ дар асри XI дар шакли қасида жанри мунозираро эҷод намуд. Аз ӯ панҷ мунозира боқӣ мондааст. Онҳо чунин ном доранд: Мунозираи рӯзу шаб, Мунозираи арабу аҷам, Мунозираи камону найза, Мунозираи габру мусулмон ва Мунозираи осмону замин. Мунозира ба тариқи саволу ҷавоб навишта шуда, тарафҳои мунозиракунанда бештар афзалият ва бартарии худро нисбат ба рақиб баён мекунанд. Шакли мунозира дар адабиёти қадими мо мавҷуд буд. Намунаи он Дарахти асурик мебошад. Ин шакли шеър минбаъд ҳам давом ёфта, дар асри XV хеле тараққӣ кард.

Қасидаи Анварӣ Ашкҳои Хуросон фоҷиаи фитнаи ғузҳо (соли 1153), талаву тороҷ ва қатлу ғорати онҳоро инъикос намуда, мусибати умумихалқиро нишон медиҳад. Хароботи Мадоини Хоқонӣ ҳасратномаест, ки шукӯҳи аз даст рафтаи эронинажодонро ба хотир меорад.

Маъсуди Саъди Салмон дар ин аср ба ашъори ҳабсия асос гузошт. Ин навъ шеърхо дарду нокомӣ, ранҷҳои бепоён ва маҳрумиятҳои зиндонии ӯро ифода мекунанд. Хоқонӣ, Фалакӣ ва шоирони дигар муддате аз умрашонро дар зиндонҳо гузарондаанд, дар пайравии Масъуди Саъд шеърҳои ҳабсия ғуфтаанд.

Дар асрҳои XI-XII қариб ҳамаи шоирон рубоӣ сурудаанд. Абӯсаид Абулхайр (967-1049), Бобо Тоҳири Урён (980-1055), Маҳастии Хуҷандӣ (асри XII), Саид Ашрафи Самарқандӣ ва баъзе шоирони дигар асосан рубоӣ мегуфтаанд. Қуллаи рубоисароии адабиёти тоҷику форсро рубоиёти Умари Хайём ташкил мекунанд.

Рубоӣ аз ҷиҳати мазмун хеле гуногунранг буда, масъалаҳои ишқ, ахлоқу панд, ҳикмат, фалсафа ва иҷтимоиётро фаро мегирад. Масалан, Фаррухӣ мегӯяд:

Ё мо сари хасмро бикӯбем ба санг,
Ё ӯ сари мо ба дор созад ованг.
Алқисса, дар ин замонаи пурнайранг
Як кушта ба ном беҳ, ки сад зинда ба нанг.

Мавзӯи китъа бештар аз зиндагии харрӯза гирифта шуда, ҳаҷв низ дар он мақоми бузург дорад. Лекин ҳаҷви дарборӣ гоҳе аз дараҷаи одоб берун мебароянд. Амъақи Бухороӣ (ваф. 1147) ва Сӯзанӣ (ваф. 1173) устодони ҳаҷв буданд.

**МАСЪУДИ САЪДИ САЛМОН** Ӯ аз бузургони шеъри тоҷикию форсӣ мебошад, соли 1047 дар Лоҳур таваллуд шудааст. Лоҳур аз шаҳрҳои машҳури вилояти Панҷобӣ Ҳиндустони қадимист, ки акнун ба ҳайати Покистон дохил мешавад.

Сайри забони форсии дарии тоҷикӣ ва адабиёт ба ин забон дар нимҷазираи Ҳиндустон таърихи хазорсола дорад. Махсусан дар замони лашкаркашиҳои Ғазнавиён ба Ҳиндустон ин забон дар он ҷо ривоҷ ёфт, ки сабаби ин ҳамоно дар Ҳиндустон муқимӣ гардидани бисёр лашкариёни Ғазнавиён ва забони давлатии Ғазнавиён қарор гирифтани забони форсии дарии тоҷикӣ буд. Дар асрҳои минбаъда нуфуз ва равнақи он дар он кишвар зиёд шуда, дар бисёр шаҳрҳо маҳфилҳо ва доираҳои адабии пурқуввате гардон буд. Сарфи назар аз мақсадҳои воқеии истилогарон, сиёсати истисморгаронаю ғорату куштори онҳо ва зулму тааддии феодалӣ алибони тоҷикзабоне, ки дар тӯли ҳазор сол дар Ҳиндустон эҷод кардаанд, барои мустаҳкам гардидани дӯстӣ ва робитаҳои маданияи халқҳои Ҳиндустон, Эрон, Хуросон ва Осиёи Миёна саҳми арзандае гузоштанд. Онҳо дар асоси омезиш додани маданияти ин халқҳо санъату адабиёти моро бой гардонданд ва зебоиҳои табиат ва наҷобати мардумони Ҳиндустонро дар адабиёти тоҷикзабон ҷилвагар намуданд. Яке аз саромадон ва бузургони ин равия Масъуди Саъди Салмон буд.

Асли хонаводаи Масъуди Саъди Салмон аз Ҳамадон буд. Падари ӯ Саъди Салмон, ки аз аҳли фазл буд, аввал дар Ғазнин мезист. Баъд ӯ бо ҳамроҳии писари Масъуди Ғазнавӣ Султон Маҷдуд, ки соли 1036 аз тарафи падараш ҳокими вилоятҳои ба онҳо тобеи Ҳиндустон таъин гардид, ба он ҷо рафт. Саъди Салмон дар Ҳиндустон иқомат ихтиёр карда, доимӣ дар Лоҳур бимонд. Вай замоне муставфӣ, яъне дафтардор ва сарҳисобчии девон буд, баъзан ба вазифаҳои дигари давлатӣ машғул мешуд. Масъуди Саъди Салмон хабар медиҳад:

Шаст соли тамом хизмат кард
Падари банда Саъд бин Салмон.
Гаҳ ба атроф будӣ аз аъмол,
Гаҳ ба даргоҳ будӣ аз аъён.

Саъди Салмон шахси илмдӯсту донишманд буд. Бинобар ҳамин ба писараш Масъуд маълумоти хуб дод. Масъуд дар мадрасаҳои Ғазнин таҳсил карда, илмҳои маъмулии замони худро ба дараҷаи баланд аз худ карда буд. Вай баъди хатми мадраса ҳам то соли 1076 дар Ғазнин зиндагӣ мекард. Сипас ӯ дар мулозимати Маҳмуд ибни Иброҳими Ғазнавӣ, ки аз ҷониби падараш ба ҳукумати Ҳиндустон мансуб шуда буд, ба он кишвар рафта, дар лашкаркашиҳо ва сафарҳои ӯ ҳамроҳӣ мекард. Вале соли 1087 Масъуд мавриди бадгумонии падар гардида, ба ҳабс гирифта шуд. Маъсуди Саъдро низ ҳамчун одами наздики ӯ ба ҳабс партофта, molу мулкашро мусодира карданд. Ӯ даҳ солро дар зиндон гузаронд. Ҳафт сол ӯ дар зиндонҳои Сӯ ва Деҳак бандӣ буд. Дар зиндони Сӯ Масъуди Саъд бо ситорашиноси машҳур устод Баҳромӣ, ки низ он ҷо маҳбус буд, шинос шуда, аз ӯ илми нуҷумро омӯхт. Баъди ин Масъуди Саъдро ба қалъаи Ной, ки бадтарин зиндоне дар камари кӯҳе буд, гузаронда, ба пояш кундаю ба дастонаш завлона заданд. Худи шоир хабар медиҳад:

Ҳафт солам бикӯфт Сӯву Деҳак,
Пас аз онам се сол қалъаи Ной.

Дар давоми даҳ соли нокомию номуродиҳо Масъуди Саъд натанҳо бо азобу машаққатҳо мардона тоқат кард, балки лаҳзае аз омӯзиш фориғ набуд, ҳеҷ гоҳ аз шеъргӯӣ лаб фурӯ набаст.

Соли 1099 Масъуд ибни Иброҳим ба тахти салтанати Ғазна нишаста, писараш Шерзодро ҳоким ва Абӯнасри Порсоро пешкор ва сипаҳсолори Ҳиндустон гумошт. Абӯнаср шахси донишманди адабиётдӯсте буд. Ба Масъуди Саъд, ки бо ӯ собиқаи ошноӣ дошт, барояш аз гуфтори Фирдавсӣ бо номи Ихтиёроти Шоҳнома китоби махсусе тартиб дод. Абӯнаср ҳукумати яке аз музофотҳои Лоҳур - Ҷолaндарро ба ӯҳдаи Масъуди Саъд гузошт. Шоири азияткашида каме осоиш ёфт. Вале дере нагузашта Абӯнасри Порсӣ ронда шуд. Масъуди Саъдро низ бе ҳеҷ гуноҳ ба зиндони қалъаи Маранҷ партофтанд.

Ин маҳбусии Масъуди Саъд нӯҳ сол давом кард. Фақат соли 1111 бо шарофати Тоҳир ибни Алии Мушкхон ӯ аз ҳабс раҳоӣ ёфт. Ҳамагӣ Масъуди Саъд нуздаҳ солро дар зиндон гузаронд, чунон ки худаш шаҳодат медиҳад: "Нуздаҳ сол будам бандӣ". Ӯ бақияи умри худро сарфи вазифаи китобдорӣ намуда, соли 1122 аз олам гузашт. Қабри ӯ дар Лоҳур то ҳанӯз боқист.

Масъуди Саъди Салмон аз шоирони тавоно ва қасидасароёни дараҷаи аввали адабиёти тоҷику форс аст. Вай аз хурдӣ ба адабиёт шавқ пайдо карда, ба навиштани шеър пардохт. Ӯ дар наср низ моҳир буд. Худ мефармояд:

Ба назму наср касеро гар ифтихор сазост,
Маро сазост, ки имрӯз назму наср марост.
Ба ҳеҷ вақт маро назму наср кам нашавад,
Ки назму насрам дур асту табъи ман дарёст.

Масъуди Саъд бо таърихи гузаштаи адабиёти тоҷик ва арабизабон пурра ошно буд. Эҷодиёти ӯ бо эҷодиёти Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Унсурӣ, Манучеҳрӣ пайванди мустаҳкам дорад. Ӯ бо шоирони забардасти замонаш Саноӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Муиззӣ, Рашидии Самарқандӣ ва дигарон дӯстӣ меварзид. Онҳо дар ҳаққи ӯ мадеҳаҳо месуруданд. Масъуди Саъд ба онҳо атоҳо медод. Нахустин бор девони ӯро Саноӣ тартиб дод. Маликушшуаро Муиззӣ эътироф карда буд:

Он шоири суханвар, к-аз назми ӯ накӯтар
Кас дар ҷаҳон каломе нашнид баъди Қуръон.

Мувофиқи маълумоти Муҳаммад Авфӣ Масъуди Саъд се девон доштааст, яке ба форсии дарии тоҷикӣ, дигаре ба арабӣ ва сеюмаш ба ҳиндӣ. Аз мавҷудияти девонҳои арабӣ ва ҳиндии ӯ хабаре нест. Аммо девони форсии дарии тоҷикии ӯ, ки аз 16 ҳазор байт иборат аст, хеле машҳур аст. Ин девон аз ҷиҳати навъҳои шеър басе ғанӣ буда, қасида (320 адад, 12 ҳазор байт), китъа, рубоӣ, тарҷеъбанд, таркиббанд, маснавиҳои хурд-хурд, шаҳрошӯб ва ғазалро фаро мегирад. Шаҳрошӯб маҷмӯаи шеърҳост, ки ашъори ба ҳунармандон бахшидашудара фаро мегирад. Сабки шоирии Масъуди Саъд чунин аст: ӯ маъниҳои тозаро бо калимаҳои чида гирифта шуда баён намуда, як мазмунро дар чандин сурат ҷилва медиҳад, тозагии забонро ниҳоят пос медорад.

Масъуди Саъди Салмон асосгузори ашъори ҳабсия мебошад. Ин навъ шеърҳои ӯ дарду нокомӣ, ранҷҳои бепоён ва маҳрумиятҳои зиндонии ӯро ифода мекунанд. Вале фарёди ӯ мисли нолаи ятимон ва бечорагон, нолаи оҷизона нест, аз онҳо садои эътироз ва ошӯб бештар ба гӯш мерасад.

Торе аз мӯи ман сапед набуд,
Чун ба зиндон малик маро биншонд.
Мондам андар балою ғам чандон,
Ки яке мӯи ман сиёҳ намонд.

Масъуди Саъд дар ҳабсияҳои худ бо оҳу нола маҳдуд намешавад. Ӯ марди некбин, шодмонеписанд ва умедпарварест, ки бо ҷӯшу хурӯши ҳайратоваре умеду орзу, ҳунару дониш, мардию инсондӯстиро тарғиб мекунад:

То тавонӣ макаш зи мардӣ даст,
Ки ба сустӣ касе за марг нараст.
Ҳар кӣ ӯро баланд мардӣ кард,
То ба рӯзи аҷал нагардад паст.

Эътиқод ва самимияти Масъуди Саъди Салмон дар шеърҳои ишқӣ, баҳория, манзаравӣ ва ба аҳли санъату ҳунар бахшидаи ӯ низ барҷаста ҳувайдо мегардад.

Забони асарҳои Масъуди Саъд соддаю равон ва холӣ аз суханпардозию ибораторой мебошад.

## Наср дар асрҳои XI–XII

Дар ин давра насри бадеӣ хеле тараққӣ кард. Бо вуҷуди аз ҷиҳати мазмун ва сабк гуногун будан хусусиятҳои асосии насри асрҳои XI-XII-ро ин тавр хулоса кардан мумкин аст: 1) Ҳамаи асарҳои насри бадеии ин давра берун аз дарбор навишта шудаанд. Забони асарҳои мансури асри XI холӣ аз такаллуф, хеле равон, содда, зинда ва фасеҳ буда, аз забони насри асри X кам тафовут дорад. Сабки он дунболаи насри асри X буда, дар он матлаб ба тарзи оддӣ, фаҳмо ва барҷаста ифода мегардад. Дар ин қабил асарҳо имкониятҳои забони тоҷикӣ бо ҷилою дурахши нав ҷилва менамояд. Намунаи хуби ин гуна наср Қобуснома мебошад. 2) Оҳиста-оҳиста наср мураккаб гардида, дар он такаллуф, иборапардозӣ ва ороишҳои лафзӣ зиёд шуд. Нависандагон матлабҳои оддиро бо ибораҳои печдарпеч, санъатҳои мураккаб, саҷъ ва ғайра баён мекарданд. Дар ҳамин замон ба наср калимаҳои зиёди арабӣ, ибораҳою ҷумлаҳо, мақолу зарбулмасалҳо, шеърҳои зиёди арабӣ роҳ ёфтанд. Намунаи соддатари ин сабк Калила ва Димна ва намунаи душвортаринаш Мақомоти Ҳамидӣ (1156) мебошад. 3) Насри асрҳои XI-XII бо назм омехта буда, дар асарҳои мансур порчаҳои шеърӣ зиёд иктибос мешаванд. 4) Дар бисёр асарҳои ахлоқӣ, фалсафӣ, таърихӣ ва илмӣ баъди баёни масъалаҳои назарӣ ҳикоятҳои пандомӯзи таърихӣ ва тамсилӣ оварда мешаванд. Намунаи барҷастаи чунин асарҳо Қобуснома, Чаҳор мақола ва Сиёсатнома мебошанд. Дар Чаҳор мақола қисмати назарӣ хеле кам буда, асосан аз ҳикоятҳои таърихӣ иборат аст. 5) Калила ва Димна, Синдбоднома, Абӯмуслимнома ва амсоли инҳо бо услуби қисса андар қисса навишта шудаанд.

Як силсила асарҳои адабиётшиносӣ ва нақди шеър дар ин давраҳо ба вуҷуд омаданд. Алҳол мо асарҳои Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ Тарҷумон-ул-балоғатро дар даст дорем. Дар асри XI Асадии Тӯсӣ бо

номи Луғати фурс фарҳанге тартиб дод, ки он қадимтарин луғати дастраси забони форсии дарии тоҷикӣ буда, шеърҳои зиёди Рӯдакӣ ва муосирони ӯро фаро мегирад.

Баъзе асарҳои барҷастаи насри ин давраро аз назар мегузаронем:

**САФАРНОМА.** Яке аз қадимтарин сафарномаҳои адабиёти тоҷик, ки ба қалами Носири Хусрав тааллуқ дорад. Нависанда мушоҳида ва воқеаҳои сафари тӯлонии худро, ки солҳои 1045-1052 дар кишварҳои Шарқ сурат гирифта буд, баён мекунад.

**ҚОБУСНОМА.** Ин асар аз пурарзиштарин китобҳои ахлоқ аст. Онро вазир Унсурулмаолӣ Кайковус (1020-1099) соли 1083 барои писари худ Гелоншоҳ навиштааст. Китоб 44 бобро фаро мегирад.

Ҳарчанд Қобуснома барои ашрофзодагон таълиф гардидааст, он роҷеъ ба масъалаҳои ахлоқи умумибашарӣ, аз қабили шарафи инсон, ном, касб, хизмат ба мардум, шеър ва илму фарҳанг баҳс мекунад.

**СИЁСАТНОМА.** Ин асар низ ахлоқист. Аммо он масъалаҳои муҳими сиёсат, таърих, усулу тартиби мамлакатдорӣ, афкори ҷомеашиносӣ ва амсоли инҳоро фаро мегирад. Барои тақвияти фикри худ муаллифи Сиёсатнома вазири Маликшоҳи Салҷуқӣ Низомулмук (1017-1092) ҳикоятҳои таърихӣ, тамсилҳои халқӣ, ривоятҳои мардумӣ, нақлҳои воқеӣ, шеър ва амсоли инҳоро оварда, тадбир, адлу инсоф, ҷавонмардӣ, раъиятпарварӣ, одобу муомилаи подшоҳу атрофиёни ӯ, нақши вазиру амалдорон дар корҳои давлатӣ ва мақоми ҳар як фардро дар ин амр баён мекунад.

**КАЛИЛА ВА ДИМНА.** Асли ин китоби қиссаю афсонаҳои пандомӯз ҳиндӣ буда, онро дар асри VI ба паҳлавӣ гардонда буданд. Дар асри VIII онро Ибни Муқаффаъ (724-759) аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума кард. Устод Рӯдакӣ достони манзуми Калила ва Димна дошт. Соли 1144 Абулмаолии Насруллоҳ онро аз нав ба тоҷикӣ гардонд. Вале дар он ибораю ҷумлаҳо ва ашъори арабии зиёдеро ба кор бурдааст. Калила ва Димна боз чандин бор ба тоҷикӣ тарҷума, таҳрир ва танзим шудааст.

**ЧАҲОР МАҚОЛА.** Ин асар аз намунаҳои барҷастаи насри бадеии тоҷикӣ буда, ба воситаи он Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар радифи адибони номдори тоҷик қарор гирифтааст.

Чаҳор мақоларо Низомии Арӯзии Самарқандӣ соли 1157 дар Бомиён навишта ба охир расонд. Бомиён дар наздикии Қобул воқеъ гардидааст.

Чаҳор мақола аз чунин қисматҳо иборат аст: мақолаи аввал "Дар моҳияти дабирӣ ва кайфияти дабири комил ва он чӣ тааллуқ бадин дорад", мақолаи дуввум "Дар моҳияти илми шеър ва салоҳияти шоир", мақолаи саввум "Дар моҳияти илми нуҷум", мақолаи чаҳорум "Дар моҳияти илми тиб ва ҳидояти табиб". Ҳар мақола аз қисмати назарӣ ва ҳикоятҳо таркиб ёфтааст.

**СИНБОДНОМА.** Асли ин китоб низ хиндӣ буда, тарҷумахои арабӣ ва тоҷикии он мавҷуд буд. Соли 1161 Захирии Самарқандӣ, онро аз нав ба тоҷикӣ тарҷумаву таҳрир кард. Синбоднома оид ба занони маккора афсонахои зиёд дорад. Вале мағзи онро орзуи муаллиф ва халқ дар бораи шохи одил ташкил мекунад.

**САМАКИ АЙЁР.** Ин асари бузург аз рӯи вусъати воқеаҳо, бисёрии ҳодисаҳо, моҷароҳои фавқулодда ва сабзиши характери қаҳрамонҳояш ба романҳои асрҳои охир монанд аст. Фаромарз писари Худододи Арҷонӣ қиссаҳои зиёди халқиро аз рӯи ривояти Садақа ибни Абулқосими Шерозӣ ҷамъ оварда, ҳангоми таҳрир онҳоро бо саргузашти муфассали қаҳрамони шуҷоъ ва ботадбири асар Самаки Айёр чунон часпондааст, ки чун як асари том пазируфта мешавад. Воқеаҳои қисса дар Эрон, Арманистон ва кишварҳои араб ба вуҷуд меоянд. Қаҳрамонҳои дигари қисса низ номҳои асили тоҷикию эронӣ доранд: Фаррухрӯз, Суманрух, Меҳрон, Гандумак ва ғайра. Услуби насри ривоятӣ дар Самаки айёр пурра нигоҳ дошта мешавад.

**САРГУЗАШТИ МАҲАСТӢ.** Як асари мансури бисёр ҷолиби диққати ин давра Саргузашти Маҳастӣ мебошад, ки ба қалами Ҷавҳарии Заргари Бухороӣ (нимаи дуввуми асри XII) мансуб аст. Дар ин асар саргузашти шоираю мутрибаи хуҷандӣ Маҳастӣ ва ишқи ӯ бо писари хатиби Ганҷа Амир Аҳмад нақл карда мешавад. Ҳамаи қаҳрамонҳои он ба ҳамдигар бо рубоӣ гуфтугӯ мекунанд.

## Мазмуни ғоявии адабиёти асрҳои XI–XII

Аз ҳама ҷиҳати моҳиятан пешқадами адабиёт халқият аст. Аз ин рӯ, эҷодиёти адиби ҳақиқӣ ҳамеша халқӣ мебошад. Ин хусусият ҳам дар шакл падидор мешавад ва ҳам дар мазмун таҷассум меёбад.

Халқияти адабиёт пеш аз ҳама дар ифодаи армон ва орзуи халқ таҷассум мегардад, ки он вобаста ба ҳаёти иқтисодию сиёсӣ падид меояд. Воқеӣ будани тасвир, фаҳмою дастрас будани шаклу мазмун ва робитаи адабиёт бо тақдири халқ ҷиҳатҳои умуман халқияти адабиёт аст. Ифодаи ғояҳои халқӣ ба мавқеи идеявии нависанда вобаста аст.

Ғояҳои халқиро дар ин замон беш аз ҳама шоироне, ки берун аз дарборҳо мезистанд, тарғиб мекарданд. Адибони аз дарборҳо норозӣ ва ба оппозитсия гузашта низ бо ғайрати хосе ғояҳои зиддифеодалиро тараф мегирифтанд. Дарки нобаробарии иҷтимоӣ, нишон додани покию номуродӣ ва бечорагию мӯҳтоҷии халқ, шиква аз аҳли замон, тасвири харобии мамлакат, танқиди зулм ва даъвати ошкоро бар зидди зулми иҷтимоӣ ва истисмори феодалӣ ҷиҳатҳои наҷиби адабиёти пешқадами асрҳои XI-XII-ро ташкил мекунад. Адибони халқ ба ин иллатҳои ҷамъиятӣ нафрат мепарваранд.

Носири Хусрав теғи танқиди худро бештар ба муқобили сарони дину дунё менигаронад. Ӯ аз танқиди подшоҳ низ ибо намекунад.

Ӯ, махсусан, рибохорӣ, судхӯрӣ ва порахӯрирро ба зери мазамат мегирад. Ӯ мегӯяд:

Раисони сарони дину дунёро яке бингар,
Ки то бинӣ яке гургею дигар бодапаймое.[1]
Набинӣ бар гаҳи[2] шоҳӣ магар ғаддору бебоке,
Наёбӣ бар сари минбар магар зарроқу коное[3].

Мазамммати ҷаҳлу нодонӣ, худписандӣ, ҳасад, кина, ҳирс, бухл, ахлоқи бад ва дигар иллатҳои инсонӣ низ дар адабиёти асрҳои XI-XII амри умумӣ буд.

Баробари тараққии ғояҳои халқӣ дар адабиёти асрҳои XI-XII нописандӣ нисбат ба мадҳ ва таъкиди аз равнақ афтодани назми дарбор ба назар мерасад. Мазмуни пуч, такрори қолабу штампҳо, олудагии маъно бо фаҳшу хубсиёт ин адабиётро ба завол мебурд. Бинобар ин, аз сафи худи шоирони дарбор баъзеҳо аз он рӯ гардонда, ба назми дарборӣ нафрат мепарваранд. Масъуди Саъди Салмон, ки чандин соли умри худро дар ҳабс гузаронда буд, сабаби ба аҳли дарбор писанд наомадани шеъри худро дар паст будани табъи дарбориён медонад:

Шигифт нест агар шеъри ман намедонанд,
Ки табъи эшон пасту шеъри ман волост.

Хоқонии Шервонӣ (1120-1198), ки мисли Масъуди Саъди Салмон чандин сол зиндонӣ буд, рӯйирост мегӯяд, ки майли қасидасароии бардурӯғ надорад:

Накунам мадҳсарой ба дурӯғ,
Ки забони сидқсароист маро.

Аз хизмат ва назми дарбор рӯ гардондани Носири Хусрав, Саноӣ ва Анварӣ ғалабаи қувваҳои пешқадами адабиёти мутараққии асрҳои XI-XII буд.

Ифодаи оштинопазири истеъдоди ҳақиқӣ ва муҳити дарбор эҷодиёти Авҳадуддин Анварӣ (1090-1175) мебошад. Анварӣ, ки беш аз сӣ сол мадҳи пуробу ранги аз ҳақиқат дур мегуфт, аз рақобату дасисаҳои аҳли дарбор хаста гардида, аз гуфтани мадҳи тамаъкорона даст кашид. Албатта, ин танҳо натиҷаи зиндагии ногувор ва тангдастии худи ӯ набуд. Мушоҳидаи нобаробариҳои табақавӣ, вазъияти бади халқ ва ривоҷи бозори зулм ӯро водошт, ки забони мадҳро ба синони ҳаҷву танқид табдил намуда, нӯги онро ба сӯи мамдӯҳони собиқи худ нигаронад. Оҳу фиғони ӯ шикоятҳои шахсӣ нестанд. Онҳо аҳамияти

[1] **Бодапаймое** - арақхӯр.
[2] **Гахе** - тахт.
[3] **Зарроку коно** - маккору чоҳил.

бузурги иҷтимоӣ доранд. Ӯ мардона мадеҳасароиҳои худро амали зишт шумурда, аз он пушаймон буданашро изҳор медорад. Вай шоирони мадлоҳро, ки Носири Хусрав онҳоро шеърфурӯш номида буд, муштге гадои нонталаб мегӯяд:

Эй бародар, бишнав ин рамзе зи шеъру шоирӣ,
То зи мо мушти гадоёнро ба одам нашмарӣ.

Шоистаи қайд аст, ки ғазалу рубоиҳои Анварӣ дар ниҳояти соддагӣ қарор гирифтаанд.

**СЕ ШАКЛИ БАРОМАДҲОИ ЗИДДИ ЗУЛМ**

Ҳаракатҳои оммаи мазлумон бар зидди зулми феодалӣ дар асрҳои миёна лаҳзае ҳам хомӯш намешуданд. Раҳоӣ аз зулм омоли халқ буд. Як шакли пурқуввати он тасаввуф[1] буд, ки аксар бо мазҳаби расмӣ, ки такя ба ҳокимон дошт, дар мухолифат меистод. Гоҳе он бо фалсафа ва оини риндӣ бар зидди мазҳаби ҳукмрон иттифоқ мебаст. Сӯфиён ва пайравони бидъатҳои мазҳабӣ ба Қуръон тафсирҳои хос менавиштанд. Бидъати дигари мазҳабии асрҳои XI-XII исмоилия буд.

Исмоилия аз фирқаҳои шиа мебошад, ки пайравони онро исмоилӣ ва ҷамъашонро исмоилиён меноманд. Ин фирқа ҳанӯз дар нимаи дуввуми асри VIII дар шароити тунду тези зиддиятҳои иҷтимоии хилофати араб ва ихтилофҳои нажодии мардумони он пайдо шуда буд. Аз он ҷиҳат ин фирқаро исмоилӣ мегӯянд, ки пайравони он Исмоил ибни Ҷаъфари Содиқ (ваф. 760)-ро пешвои худ медонистанд. Ин Исмоил дар таърих ягон корномае нишон надодааст. Пайравонаш низ ӯро фақат шахси бегуноҳ ва порсо медонанд. Исмоилиён ӯро барои худ чун воситаи изҳори норозӣ буданашон нисбат ба беадолатиҳои ҷамъияташон истифода мекарданд. Исмоил касе буд, ки падараш ӯро аз ҷойнишинии худ маҳрум карда, ба ҷои ӯ писари хурдиашро барои худ пайгир таъин карда буд. Ба ақидаи исмоилиҳо ҳамаи беадолатиҳо аз ҳамин воқеа сар шудааст.

Ҷунбиши исмоилия, ки шакли бидъати ошкоро дошта, гоҳе ба шӯришҳои мусаллаҳ табдил меёфт, шакли барҷастаи оппозитсияи зиддифеодалӣ буд. Исмоилиён эътиқод доранд, ки фиқҳ, яъне қонунгузории ислом хавою ҳаваси раёсатҷӯён ва шариат танҳо расму таомули зоҳирӣ буда, ба зоҳир маҳдуд шудан ботил аст. Ҳамин ақидаи онҳо пайравони исмоилияро ба озодфикрӣ раҳнамун мекард ва ба решаи ҳар гуна хурофот теша мезад. Ҳамчунин исмоилиён аз ҳаммазҳабони худ омӯхтани ҳама илмҳоеро, ки инсоният ба вуҷуд овардааст ва ҳунарҳоро талаб мекарданд.

Дар ин ойин, ки рӯҳияи зиддиарабии пурқуввате дошт,

---

[1] **Тасаввуф** - як ҷараёни мафкуравие, ки дар ибтидо тарки дунё кардан ва бо сарватмандон душман буданро тарғиб мекард.

нажодпарастии арабҳо маҳкум карда мешуд. Баръакс, онҳо қатлу ғорати халқҳои дигарро амри зишт шумурда, мардумони тамоми қавму нажодҳо ва пайравони ҳама дину мазҳабҳоро баробар медонистанд. Ин ҷиҳат ҳам мазлумонро ба тарафи маслаки исмоилӣ мекашид. Ҳатто соли 1164 имоми Фотимиён ал-Қоҳир шариатро бекор карда, эълон намуд, ки акнун замони ҳақиқат расидааст. Ҳақиқат мувофиқи ақидаи ӯ, он буд, ки кас донишу эътиқод дошта бошад, ба ҷо овардани расмиятҳои динӣ лозим нест. Бекор шудани шариат маънои барҳам додани исломи расмиро дошт.

Дар замони Носири Хусрав ба рӯҳияи зиддиарабии исмоилия рӯҳияи зиддитуркии он замон зам шуда буд. Пайравони исмоилия бо тамоми қувват ва шӯру қаҳрамонӣ ба муқобилияти истилогарони аҷнабӣ мубориза мебурданд. Нест кардани сулолаи Ғазнавиён орзу ва ҳадафи исмоилиён буд. Баъди маҳдуд шудани қаламрави Ғазнавиён онҳо қувваи худро бар зидди Салҷуқиҳо нигаронидаанд. Исмоилиёнро ботиниён низ мегӯянд.

Дар таърихи ислом ягон фирқаи дигар ба мисли исмоилиён ба таъқибу куштори зиёд дучор нашудааст. Соли 1029 Маҳмуди Ғазнавӣ ҳангоми истилои Рай ботиниёнро қатли ом карда, 50 харвор асарҳои онҳоро ҷамъ оварда, оташ зад ва дар алангаи онҳо пешвоёни ботинияро сӯзонд. Низомулмулк тамоми мухолифони Салҷуқиҳоро қарматӣ номида, бо тамоми ҳастӣ бо онҳо душманӣ меварзид. Аз ин навъ мисолҳо боз бисёр овардан мумкин аст. Вале исмоилиён низ хомӯш наменишастанд.

Маҳз исмоилиён буданд, ки дар Байнаннаҳрайн, шимоли Африқо - Миср ва кӯҳистони Дайламон (Эрон) давлатҳои мустақил барқарор намуданд. Пуриқтидортарини ин давлатҳо давлати Фотимиён (909-1171) дар Миср буд. Сардорони ин давлат насаби худро ба Фотима-духтари Муҳаммадпайғамбар бурда мерасонданд. Аз ин рӯ чунин ном гирифта буданд. Давлати пуриқтидори дигар бо сардории Ҳасани Саббоҳ давлати Исмоилиёни Эрон (1090-1256) буд.

Фотимиён мубаллиғони зиёде тайёр карда, ба кишварҳои дигар мефиристоданд. Носири Хусрав аз пешвоёни забардасти ин ҳаракат буд ва унвони ҳуҷҷат дошт. Вай дар байни солҳои 1047-1051 борҳо ба пойтахти Фотимиҳо - Қоҳира сафар карда, он ҷо зиндагӣ ба сар бурдааст.

Дар давлати таъсискардаи Ҳасани Саббоҳ, ки Аламут пойтахти он буд, баъзе андозҳои феодалӣ бекор карда шуда буд. Онҳо бисёр боғ бунёд мекарданд, ба кишту кор машғул мешуданд.

Исмоилиён буданд, ки Маликшоҳи Салҷуқӣ ва вазири ӯ Низомулмулкро соли 1092 ба марг расонданд. Онҳо ба қатлу куштори сардорону ҳокимони турк машғул мешуданд.

Ҷунбишҳои халқӣ, чунон ки ишора шуда буд, танҳо дар шакли

бидъатҳои динӣ ва мазҳабӣ сурат намегирифт. Шакли пурзӯри он шӯришҳои халқӣ буд. Як мисол меорем: Дар охири асри XII ва аввали асри XIII дар Бухоро садри бераҳми тамаъкор Муҳаммад ибни Аҳмад ҳукм меронд. Ӯ худро "рукни олам" меномид. Сиёҳкориҳои ӯ ба дараҷае буд, ки халқ ӯро "рукни дӯзах" мегуфт. Зулму ситами ӯ ба ҳадде расид, ки соли 1206 дар Бухоро шӯриши ҳунармандон ва деҳқонон ба амал омад. Сардори шӯриш косиб Санҷари сипарсоз буд. Шӯришгарон садр ва муқаррабони ӯро аз шаҳр ронданд. Вале соли 1207 ин шӯриш аз тарафи Хорзамшоҳ, ки тамоми Мовароуннаҳр тобеи ӯ буд, бераҳмона пахш карда шуд. Соли 1212 чунин шӯриш дар Самарқанд сар зад. Шӯришгарон бисёр феодалону соҳибмансабонро ба ҷазо расонданд. Аммо лашкари мусаллаҳи Хоразмшоҳ се шабонарӯз шаҳрро тохта, даҳ ҳазор шӯришгаронро аз дами шамшер гузаронд.

Дар асрҳои миёна ҳамеша ҳоли шӯришгарон як хел буд: ё онҳоро ҳокимон торумор мекарданд ва ё баъди он ки онҳо ба ғалаба мерасиданд, сардоронашон худ ба саркардагони феодалӣ табдил ёфта, зулму тааддиро давом мекарданд. Лекин шӯришу исёнҳои халқӣ рӯҳияи зиддифеодалии мардуми меҳнаткашро пурқувват намуда, дар китоби муборизаи халқ саҳифаҳои заррин менавишт.

Дар адабиёти тоҷики асрҳои XI-XII ҳаракатҳои опозитсионии халқ равшан инъикос ёфтааст. Носири Хусрав яке аз тарғиботчиёни исмоилия буд. Тасаввуф паногоҳе буд, ки дар зери пардаи он адибон фикрҳои озодихоҳона мегуфтанд. Гуфтори ҳакҷӯёнаи адибон ва шӯришгарон бетаъсир набуд. Боз ғояҳои шӯришҳо дар адабиёт акси худро меёфтанд.

Адабиёт оинае буд, ки зиндагию муборизаи халқро бо тамоми паҳлӯҳояш инъикос менамуд.

# АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО
# (980–1037)



Яке аз бузургтарин нобиғаҳои ҷаҳонӣ дар ҳамаи давру замонҳо олими мутабаҳҳири тоҷик Абӯалӣ ибни Сино буд, ки дар охири асри X ва аввали асри XI зиста, дар соҳаҳои ниҳоят гуногуни илм, хусусан дар инкишофи фалсафа ва тибби дунё саҳми босазое гузоштааст. Вай парвардаи муҳити фарҳангии Сомониён буд. Вале қисми зиёди умри Абӯалӣ ибни Сино баъди пош хӯрдани давлати мутамаркази Сомониён дар гирдоби ҳодисаҳои мудҳиши нимаи аввали асри XI сипарӣ гардид. Ӯ гоҳ чун табибу файласуф, баъзан ба сифати фақеҳу вазир, ҳатто замоне чун маҳбуси зиндонӣ ҳаёт ба сар бурда, чун надими хоси подшоҳону ҳокимон низ рӯзгор гузаронидааст. Аммо ӯ лаҳзае аз омӯзиш ғафлат наварзида, аз пажӯҳиш ва корҳои илмӣ фориғ набудааст.

## Тарҷумаи ҳол

Баръакси бисёр бузургони гузашта, ки аз зиндагии онҳо чизе маълум нест, санаҳои зиёди ҳаёти Абӯалӣ ибни Сино аниқ маълум аст. Ӯ худ саргузашти хешро ба шогирди вафодораш Абӯубайди Фақеҳи Ҷузҷонӣ имло кардааст. Воқеаву ҳодисаҳои 25 соли охири умри Абӯалӣ ибни Синоро худи Абӯубайд, ки ҳамеша ҳамроҳи устод ва шоҳиди он руҳлодҳо буд, навиштааст, ки ин имло ва навишта ба номи **Рисолаи саргузашт** маълум буда, дар асли арабӣ ва тарҷумаҳо ба забонҳои гуногун чандин бор ба табъ расидааст.

Падари Абӯалӣ Абдуллоҳ ибни Ҳасан ибни Алӣ ибни Сино ном дошт ва аслан аз аҳли Балх буд. Вай дар замони Нӯҳ ибни Мансур (976-997) ба Бухоро омада, дар деҳаи删Хармайсан (Рометани имрӯза) ба кори мулкӣ шуғл варзид. Вай дар деҳаи Афшана бо Ситорабону хонадор шуд. 18 августи соли 980 дар ин оила писаре ба дунё омад, ки ӯро Ҳусайн ном ниҳоданд.

Соли 985 оилаи Абӯали ибни Сино, вақте ки ӯ ба панҷ медаромад, аз Хармайсан ба Бухоро кӯчид. Абдуллоҳ, ки аз одамони фозил ва

маърифатдӯст буд, Ҳусайнро ба мактаб монд. Вай аз 5-солагӣ то 10 солагӣ дар мактаб хонда, хату савод баровард, сарфу наҳви забони арабиро омӯхт, илмҳои адабро аз худ кард. Ба илмҳои адаб, яъне адабиёт, бар замми сарфу наҳв хаттотӣ, маънӣ, қироат, арӯз, қофия, луғат, имло, услубшиносӣ ва амсоли инҳо дохил мешуданд. Ниҳоят Ҳусайн Қуръонро омӯхта, онро ҳифз намуд.

Дигар Абӯалӣ лақаби "шайх" гирифт, зеро ҳар касе, ки Қуръонро аз ёд мекард, ӯро, сарфи назар аз синну солаш, шайх мегуфтанд.

Сипас Абдуллоҳ писари худ Ҳусайнро аз мактаби ибтидоӣ гирифта, назди муаллимони хусусӣ гузошт, ки онҳо асосҳои илмро ба ӯ омӯзонанд. Писарча аз ҷиҳати ҷисмонӣ бенуқс, дар ҳусну хулқ зебо буда, зеҳни гиро ва истеъдоди баланд дошт, ки аз ин омӯзгорон ба ҳайрат мемонданд. Дар он овон Ҳусайнро падараш назди Абдуллоҳи Массоҳ, ки аз донишманди соҳаи ҳисобу ҳандаса буд, ба шогирдӣ гузошт. Абӯалӣ аз Абдуллоҳи Массоҳ дар андак вақт ҳисобу ҳандасаро омӯхта, махсусан, дар ҳисоби ҳинд моҳир шуд. Ҳамон вақтҳо Абӯалӣ дар пеши Исмоили Зоҳид ба омӯхтани тафсири Қуръон, ҳадиси пайғамбар ва фиқҳ мепардозад, ки ин ду сол давом мекунад. Ба ҳамин тариқ, Абӯалӣ ибни Сино то дувоздаҳсолагӣ дар тафсир, ҳадис ва фиқҳ маҳорат пайдо кард. Бо ҳамин гуфтан мумкин аст, ки таҳсили миёнаи Абӯалӣ ибни Сино ба охир расид. Вай ҳамеша аз беҳтарин толибилмон буд. Шеваи баҳс, одоби музокира, тарзҳои эътироз ба ҳариф ва ҳусни муҳовараро нағз омӯхта буд. Истиқлоли фикр, вусъати андеша ва бодалел сухан рондан хоси ин навҷавони дар роҳи илм пешрав буд. Дар масъалаҳои маслаку мафкура ӯ истиқлоли худро ҳатто аз падари хеш ҳам нигоҳ медошт.

Баъди фаро гирифтани маълумоти миёна Абӯалӣ ибни Сино аз пайи он шуд, ки маълумоти худро такмил диҳад. Вай ду бор омӯзгори фалсафаро иваз кард. Он солҳо ба Бухоро, ки пойтахти Сомониён буд, аз шаҳрҳои дигари мамлакат, ҳатто аз кишварҳои гуногун олимону донишмандони зиёде меомаданд, ки дар он миён мубаллиғони исмоилию қарматӣ ва ҷосусон низ буданд. Дар ин миён ба Бухоро Абӯабдуллоҳи Нотилӣ омад. Падари Абӯалӣ ибни Сино ӯро дар хонаи худ ҷой дода, Абӯалиро ба вай шогирд монд.

Абӯалӣ ибни Сино то 15-солагӣ илмҳои табииёт, илоҳиёт, фалсафа, ҳикмати илоҳӣ, нуҷум, мусиқии назарӣ ва амалиро мустақилона омӯхта, дар 16-солагӣ ба омӯхтани илми тиб машғул шуд.

Ба Абӯалӣ ибни Сино илми тибро Абӯмансур Ҳасанн Қамарии Бухороӣ, ки табиби дарбори Нӯҳ, ибни Мансур буд, таълим медод. Абӯалӣ ибни Сино аслан омӯзиши илми тибро дар 12-солагӣ шурӯъ карда буд. Вале он вақт ба маслиҳати Абӯсаҳли Масеҳӣ ба давом додани он шуғл наварзид. Ниҳоят, соли 986 ӯ ба ин илм аз нав рӯ оварл. Ба ҳамин тариқ, Абӯалӣ ибни Сино дар 16-солагӣ чун як табиби ҳозиқ дар тамоми Бухоро шинохта шуда буд. Ҳамчунин, ба такмили

донишии худ дар сохаи илми фикх, мантик, фалсафа, табиатшиносӣ, риёзиёт ва илми илохӣ бартанита, дар муддати якуним соли дигар ин донишхои худро хеле мукаммал намуд.

Абӯалӣ ибни Сино шахси нихоят гӯё, чиддӣ ва мехнатдӯст буд. На фақат ақли расо ва қобилияти баланд боиси пешрафти илмӣ ва маънавии ӯ мешуд. Кӯшиш, сабру тоқат ва чахду чадал низ сабабе буд, ки пирӯзӣ ва комёбихои маънавии ӯро таъмин мекард. Хангоми тахсили илм мегӯяд Абӯалӣ ибни Сино "Ягон шаб пурра нахуфтаам ва рӯзона ба чуз омӯхтани илм ба коре машғул нашудам". Абӯалӣ ибни Сино то 18-солагӣ тамоми донишхои расмӣ ва ғайрирасмии замони худро фаро гирифта, пешсафи бузургтарини олимони сутурги давр эътироф гардид. Шайхурраис худ эътироф мекунад: "Чун ба хабдахсолагӣ расидам, аз омӯхтани хамаи ин илмхо фориғ шудам. Он рӯз дар илм бештар хифзкунанда будам, имрӯз пухтатар шудам, вагарна илм як хел буда, аз он чизе дар ман чизе дигаргун нашудааст". Абӯалӣ ибни Сино хақ дошт, ки он вақт бигӯяд:

Аз қаъри гили сиёх то авчи Зухал,
Кардам хама мушкилоти гетиро хал.
Берун частам зи қайди хар макру хиял,
Хар банд кушода шуд, магар банди ачал.

## Мероси илмӣ ва адабии Абӯалӣ ибни Сино

Абӯалӣ ибни Сино дар чахон аз пурмахсултарин олимон ва адибон аст. Фаъолияти эчодии вай аз 17-18-солагиаш дар солхои 996-997 шурӯъ шуда, расо чихил сол давом кардааст. Ӯ асархояшро бо насру назм хам ба арабӣ ва хам ба тоҷикӣ навиштааст. Сабаби бисёр асархои илмии худро ба забони арабӣ навиштани Абӯалӣ ибни Сино он аст, ки забони арабӣ мисли забони лотинӣ, ки дар тамоми кишвархои насронӣ забони умумии илм буд, дар саросари олами ислом забони илмӣ шинохта шуда буд. Хамчунин, китобхои зиёди илмию ахлоқии юнонӣ, ибронӣ, хиндӣ ва пахлавӣ ба забони арабӣ тарчума шуда, истилохоте, ки мафхумхои илмиро мефахмонданд, дар он забон устувор гардида буданд. Забони арабӣ барои хамаи донишмандони асрхои X-XI фахмо буда, дарси мадрасахо ба ин забон мегузашт.

Осори Абӯалӣ ибни Сино нихоят зиёд аст. Аз рӯи тадқиқ ва хисоби донишманди машхури эронӣ Саид Нафисӣ (1896-1966) миқдори асархои Абӯалӣ ибни Сино, ки алхол маълум шудааст, ба 456 мерасад. Дар китобхонахои давлатӣ ва шахсии олам 162 асари ӯ нигох дошта мешавад. Аз чумла 23 асари вай ба забони модариаш тоҷикист. Бар болои ин як миқдор шеърхои тоҷикии Абӯалӣ ибни Сино низ то ба замони мо боқӣ мондааст. Асархои Абӯалӣ ибни Сино аз чихати хачм

хеле гуногун буда, аз рисолахои мухтасар то асархои чандинчилда иборат мебошанд. Китоб-ул-инсоф, ки аз байн рафтааст, 20 чилд буд. Ал-ҳосил-ва-л-маҳсул-20 ҷилд, Китоб-уш-шифо - 18 ҷилд, Лисон-ул-араб-10 ҷилд, Ал-конун - 5 китоб, Начот - 3 чилд. Ин китобҳо бо Ишорот ва танбеҳот, Донишнома ва ғайраҳо дар инкишофи илми дунё нақши сазовор гузошта, то кунун ба арзиши бузурги таърихӣ, маданӣ ва илмӣ моликанд. Тамоми асарҳои Абӯалӣ ибни Синоро метавон ба чаҳор гурӯҳ тақсим кард: Якум, асарҳо доир ба ҳикмат, фалсафа, ахлоқ ва мантиқ. Дуввум, асарҳо оид ба тиб. Сеюм, асарҳо дар бораи илмҳои дақиқ. Чаҳорум, асарҳо роҷеъ ба забону адабиёт ва санъат. Аммо бисёр асарҳои ӯ чандин илмро фаро мегиранд. Барои мисол Донишномаро бигирем. Он аз қисматҳои Мантиқ, Илоҳиёт, Табииёт, Ҳайъат ва Мусиқӣ таркиб ёфтааст. Шифо илоҳиёт, мантиқ, табиёт ва мусиқиро фаро мегирад.

**Осори фалсафии Абӯалӣ ибни Сино.** Дар дунё Абӯалӣ ибни Сино пеш аз ҳама чун файласуф ва пизишки номӣ шинохта шудааст. Асарҳои машҳури ӯ дар соҳаи фалсафа ва мантиқ Китоб-уш-шифо, Начот, Ишорот ва танбеҳот, Донишнома мебошанд. Ин асарҳо умдатарин масъалаҳои фалсафаро фаро мегиранд. Китоб-ул-инсоф, ки аз 20 ҷилд иборат буда, оид ба 28 ҳазор масъала ва нуктаҳои фалсафӣ баҳс мекард, боқӣ намондааст. Таносуби Худо ва табиат, шаклҳои ҳастӣ, моддаву сурат, нафсу тан, сабабу натиҷа, зарурат, моҳияти ҳаракат, замону макон, моҳияти зиндагӣ ва амсоли инро фаро мегиранд. Доир ба назарияи маърифат фикрҳои аҷоиб пеш рондааст. Ин асарҳои Абӯалӣ ибни Сино дар тӯли асрҳо ба забонҳои лотинӣ, яҳудӣ, инглисӣ, олмонӣ, итолиёвӣ, фаронсавӣ, русӣ, туркӣ ва ғайра тарҷума ва нашр шудаанд. Масъалаҳои ахлоқ, ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ, тарбия ва таълим дар Рисола фӣ-л-ахлоқ, Рисолаи илми пешин ва барин, Рисола дар адли подшох, Мантиқи форсӣ, Рисолаи тилисмоти форсӣ, Тадбири манзил ва амсоли инҳо низ баён карда мешаванд.

**Донишнома**, ки номи пурраш Донишномаи Алоӣ аст, барои Алоуддавла ба тоҷикӣ таълиф гардида, доир ба мантиқ, илоҳиёт, табииёт, ҳайъат ва мусиқӣ баҳс мекунад. Абӯалӣ ибни Сино дар Донишнома ба ҷои бисёр калимаҳо ва мафҳумҳои роиҷи арабӣ муродифҳои тоҷикии онҳоро ба кор бурда, барои устувор гардидани истилоҳоти форсӣ хизмати арзандаеро ба ҷо овардааст.

**АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО - АДИБ**

Шайхурраис Абӯалӣ ибни Сино қабл аз ҳама файласуфи бузург ва пизишки сутург буд. Вай дар инкишофи бисёр соҳаҳои илмҳои дақиқ, мусиқӣ ва ахлоқ низ саҳми пурарзише гузоштааст. Нақши Абӯалӣ ибни Сино дар соҳаи илмҳои вобаста ба забону адабиёт низ хурд нест. Вай пеш аз ҳама истилоҳоти илмии забонҳои арабӣ ва тоҷикиро хеле такмил дод. Ба туфайли Донишнома ва рисолаҳои тоҷикии Абӯалӣ ибни Сино ва асарҳои

алоҳидаи муосирони ӯ исбот шуд, ки забони тоҷикӣ қодир аст маъниҳои амиқи фалсафӣ ва илмиро ифода намояд. Ҳамчунин, Абӯалӣ ибни Сино дар луғати Лисон-ул-араб ном асаре таълиф карда буд, ки мисли он дар луғат дида нашудааст. Асари дигаре бо номи Махориҷ-ул-ҳуруф дар бораи савтиёт (фонетика) баҳс мекунад. Рисолаҳои зиёди Абӯалӣ ибни Сино роҷеъ ба илмҳои дигари адаб ва сураҳои алоҳидаи Қуръон низ маълуманд, ки чанде аз онҳо боқӣ мондаанд.

Як нуктаро таъкид кардан лозим аст, ки дар аксари асарҳои Абӯалӣ ибни Сино масъалаҳои ахлоқ, ки ба адабиёт иртиботи зич дорад, мавриди баҳс қарор мегирад. Бинобар таълимоти ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино мард пеш аз ҳама бояд дар ислоҳи нафси худ биқӯшад, хештанро солеҳу некӯ гардонад, покдину парҳезгор бошад, дар ахлоқу одоб, адолату муруввват, ростӣ ва шуҷоъат намуна бошад. Ин гуна мард барои осоиш ва давом додани насли худ бояд зан бигирад, зане, ки аз ҷиҳати ақл солим ва тандуруст бошад. Мард баъд аз оне, ки ба балоғат расиду соҳиби маълумоту касби хуб шуд, ӯро зарур аст, ки аввал ғами хонаву манзилро бихӯрад, худ ва аҳли хонаводаро бо пӯшок ва хӯрок, ки мояи ҳаёт аст, таъмин намояд.

Абӯалӣ ибни Сино ба арабӣ ва тоҷикӣ шеър ҳам навиштааст. Асарҳои манзуми ӯ ба забони арабӣ аз қасоид, қитъаҳои фалсафӣ, панду ахлоқ, танқид, ишқ ва муҳаббат, ҳамчунин урҷузаҳо иборатанд. Урҷуза ашъоре, ки дар баҳри раҷаз эҷод гардидаанд.

Яке аз асарҳои машҳури Абӯалӣ ибни Сино манзумаи Урҷуза фӣ-т-тиб аст, ки дар ҳаҷми 1326 байт бо шеър ба забони арабӣ таълиф шуда, бисёр нуктаҳои назарӣ ва амалии тиброро, ки дар Ал-қонун мавҷуданд, ба тарзи содда, оммафаҳм ва мухтасар баён мекунад. Дар ин асар доир ба тамоми дарди бадан, мизоҷ ва табъи инсон сухан меравад.

Абӯалӣ ибни Сино бо эҷоди ин манзума анъанаи устод Рӯдакӣ ва Майсариро давом додааст. Манзумаи Рӯдакӣ Даврони офтоб илми нуҷумро бо шеър баён мекард. Майсарӣ бошад, дар замони Рӯдакӣ доир ба илми тиб ба тоҷикӣ манзумае навишта буд, ки 5500 байтро фаро гирифта, имрӯз ҳам боқист. Абӯалӣ ибни Сино боз даҳ урҷузаи дигар доир ба соҳаҳои гуногуни илм навишта будааст. Қасидаи айния, яъне қасидае, ки қофияи он бо ҳарфи “айн” тамом мешавад, мазмуни фалсафӣ дошта, дар он роҷеъ ба сайри ақл, нисбати тану ҷон сухан меравад.

Рисолаҳои Саломон ва Абсол, Ҳай ибни Яқзон, Қадр, Тайр ва Ишқ бо рамзу киноя ба тариқи тамсил эҷод шуда, дар бораи сарнавишт, таносуби ақлу ҷисм, камолоти ақл, ангезаҳои ишқ, тасвири оламҳо, кирдор ва атвори бошандагони он оламҳо, ахлоқи ҳамида, дурӯғ, хиёнат, зулм, ситам, худписандӣ, бухл, тамаъ ва дигар падидаҳои ахлоқи разила ва дурӣ ҷустан аз он баҳс мекунанд. Инсонро дӯст ва ёр бояд. Абӯалӣ ибни Сино мефармояд: “Ёр барои он бояд, бор аз дили ёри худ бардорад ва дӯст аз баҳри он бошад, то ранҷ аз дӯсти худ

баргирад. Аммо дар ин рӯзгор чунин дӯсту ёр кучо ба даст ояд?!"

**Ашъори тоҷикии Абӯалӣ ибни Сино**. Мазмун ва мундаричаи ғоявии шеърҳои тоҷикии Абӯалӣ ибни Сино бо мазмуни осори илмӣ ва ашъори арабиаш робитаи ногусастанӣ доранд.

Соли 1980 дар Душанбе таҳти унвони Авҷи Зуҳал маҷмӯаи ашъори Абӯалӣ ибни Сино ба табъ расид. Дар он 4 ғазал, 5 китъа, 38 рубоӣ ва 2 фард шеърҳои тоҷикии шайхурраис ҷой дода шудааст. Инчунин, дар он маҷмӯа тарҷумаи форсии Қасидаи айния иборат аз 42 байт дар шакли маснавӣ, асли он касида ва чанд порча шеъри арабии аллома нашр гардидааст. Мазмуни ин шеърҳоро фалсафа, ахлоқ, панд, ҳикмат, ишқ, муҳаббат, май ва танқид ташкил мекунад. Ҷустуҷӯ ва дарёфти рози ашёву ҳодисаҳо, умед аз кашфи ҳақоиқи илоҳӣ ва, ниҳоят, ба хулосае омадан, ки асрори ғайб хоси Аллоҳ таъоло буда, барои бандагон кашфнашаванда аст. Абӯалӣ ибни Сино бо афсӯс мегӯяд:

Эй кош, бидонаме, ки ман кистаме?
Гар муқбилам, осудаву хуш зистаме.
Саргашта ба олам аз паи чистаме?
Варна ба ҳазор дида бигристаме!

Ҳангоми зиндагӣ ва баъди марги Абӯалӣ ибни Сино ҳам асрҳо аҳли хурофоту таассуб ӯро ба бединӣ айбдор мекарданд, чунки шайхурраис нотарсона ва бериё бар алайҳи нодонию ҷаҳл хурӯҷ мекард. Ин гурӯҳҳо, ки худро донои ҷаҳон мешумурданд, аксар одамони дар ақида маҳдуд, камдониш ва дар биниш тангназар буданд. Онҳо ба алломаи замон Абӯалӣ ибни Сино бо чашми адоват нигариста, бар зидди ӯ ҳамлаҳои девонавор оварда, ӯро кофир мегуфтанд. Абӯалӣ ибни Сино ҳам ба онҳо ба оҳанги худашон ҷавоб медиҳад:

Бо ин ду-се нодон, ки чунин медонанд,
Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон эшонанд.
Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,
Ҳар к-ӯ на хар аст, кофираш мехонанд.

Абӯалӣ ибни Сино эътироф менамояд, ки ӯ аксари асрори оламро кашф карда бошад ҳам, дар маърифати Ҳақ ва ҳастии Худованд, ки воҷибулвуҷуд аст, натавонистааст, ки чизеро бифаҳмад:

Дар парда сухан нест, ки маълум нашуд,
Кам монд зи асрор, ки мафҳум нашуд.
Дар маърифаташ чу нек фикре кардам,
Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд.

Албатта, ин эътирофи аллома дуруст аст, ки ӯ ба кунҳи вуҷуди Худованд нарасидааст, зеро он аз иқтидори инсон берун ва хоси худи Парвардигор аст. Аммо дар ҳамин ҷо ҳам Абӯалӣ ибни Сино ба дарки бисёр нуктаҳои борики асрори худовандӣ расидааст. Масалан, ӯ кашф кардааст, ки Ҳақ - яъне воҷибтаъоло, ҷони ҷаҳон, боис ва офаридагори

чумла ҳастиҳост, чаҳон гӯё баданест, ки хама мавчудот, яъне одаму малоика метавонанд дарк бинамоянд, ки тамоми чамодоту наботот ва ҳайвоноти чаҳон аз унсурҳои чаҳоргона - хоку обу оташу бод сохта шудаанд, ки ҳамаи инро тавҳид, яъне як будани хилқат, яъне офариниш мегӯянд. Дигар ҳамаи таълимот дар бораи хилқат ва ваҳдати холиқ - офаранда ва махлуқ - офаридашудаҳо дурӯғ буда, қобили пазируфтан нест. Абӯалӣ ибни Сино дар як рубоии худ мефармояд:

Ҳақ - чони чаҳон асту чаҳон чумла - бадан,
Ачноси малоика - ҳавоси ин тан.
Ачром - аносиру mаволид - аъзо,
Тавҳид ҳамин асту дигарҳо ҳама - фан.

Фарқи ашъори Абӯалӣ ибни Сино аз шеърҳои шоирони дигар он аст, ки аксари онҳо аз мазмунҳои фалсафӣ сиришта шуда, андешаҳои файласуфи чаҳониро рочеъ ба нуктаҳои борики ин фан ифода намуда, дар аглаби онҳо кашф нагардидани асрори илоҳӣ таъкид мешавад.

Эй зоти ту мар вучудро буда асос,
Чуз зоти ту нест ҳеч кас зотшинос.
Касро ба камолу кунҳи зотат раҳ нест,
Бар феъли ту мекунад зоти ту қиёс.

Ба андешаи Абӯалӣ ибни Сино олам ва ҳаводиси он ҳамеша дар гардиш буда, ободӣ ва харобӣ доимо якдигарро метавонанд, ки иваз кунанд:

Ҳар хайъату ҳар нақш, ки шуд маҳв кунун,
Дар махзани рӯзгор гардад махзун,
Чун боз ҳамин вазъ шавад вазъи фалак,
Аз пардаи ғайбат оварад ҳақ бурун.

Аммо аз ин тағйироту ивазшавиҳо, ки ҳамеша дар хазинаи рӯзгор маҳфуз аст, тачриба бояд гирифт, зеро Худованд қодир аст, ки харобиҳоро ба ободонӣ ва ободиҳоро ба вайронӣ табдил диҳад. Инро ба чашми ибратбин бояд дид.

Таълимоти ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино ба андӯхтани дониш, омӯхтани ҳунар, гиромидошти дӯстӣ, ситоиши рафоқат, талқини адлу инсоф ва тарғиби некӣ нигаронида шудааст. Ӯ аз хонандагону шунавандагони худ дархост менамояд, ки имрӯз бояд кореро, ки аз дасташон меояд, анчом диҳанд, зеро пагоҳ дер хоҳад шуд:

З-он пеш, ки аз чаҳон фурӯ монӣ фард,
Он беҳ, ки набоядат пушаймонӣ х/в/ард.
Имрӯз бикун, чу метавонӣ коре,
Фардо чӣ кунӣ, ки ҳеч натвонӣ кард.

Панду насиҳатҳои Абӯалӣ ибни Сино мисли ҳикмату андарзҳои Рӯдакӣ ва Фирдавсӣ ба арзиши баланди тарбиявӣ молик буда, ахлоқи шоистаи чамъиятиро тарғиб менамоянд. Дар ғазале Абӯалӣ ибни Сино

хислатҳои бадеро бар мешуморад, ки инсони ҳақиқӣ аз онҳо бояд пок бошад. Ин хислатҳои номатлуб инҳоянд: ҳасад, пастӣ, дурӯғ, талбандагӣ, тарсончакӣ, мумсикӣ, нолидан аз рӯзгор, дунёпарастӣ, аз аҷал тарсидан ва ниҳоят, ғусса хӯрдан аз наздик шудани марги худ:

Ҳаром аст даҳ чиз бар родмард,
К-аз он шаш бувад марди озода фард,
Ҳасад бурдану сифлагию дурӯғ,
Намудан ниёзу заъифию дард.
Чу неъмат бувад, даст бар дӯстон
Бибояд кушудан ба доду ба х/вард.
Чу шиддат бувад, роз пайдо макун,
Биҳил, то шавад рӯят аз дард зард.
Саволе наярзад саросар ҷаҳон,
Чу фарҷом бошад яке охи сард.
Аҷал нардбоз асту мо мӯҳраем,
Фалак каъбатайну ҷаҳон тахти нард.

Аз рӯи фармудаи Абӯалӣ ибни Сино оқибатандеш ва дурустпаймон будан аз хислатҳои хуби одамист:

Бо душмани ман чу дӯст бисёр нишаст,
Бо дӯст набоядам дигар бор нишаст.
Парҳез аз он шакар, ки бо заҳр омехт,
Бигрез аз он магас, ки бар мор нишаст.

Аммо андешаҳои таълимии Абӯалӣ ибни Сино бо тарғиби дӯстӣ ва танқиди душманӣ маҳдуд намегарданд. Ғанимат донистани умр ва онро ба корҳои хайр сарф кардан аз талабҳои ҷиддии ӯст. Дар ин бора мегӯяд:

Рафт он гуҳаре, ки буд пирояи умр,
В-овард замона тоқи сармояи умр.
Аз мӯйи сапедам сари пистони умед,
Бингар, ки сиёҳ мекунад дояи умр!

Масъалаҳои мураккаби фалсафа ва ахлоқро бо суханҳои ширини рӯҳпарвар самимона ифода кардан маҳорати баланди шоирии Абӯалӣ ибни Синоро намоиш медиҳад. Дар рубоии зерин, ки дар он ба инсонҳо панд дода мешавад, ки кас набояд побанди нафс, гирифтори ҳавову ҳавас шавад, дунёталабу ҷоҳхоҳ бошад, ки ин одамро аз дӯстон ҷудо ва ба душманон гирифтор мегардонад, ки инсон нофаҳмида мемонад. Абӯалӣ ибни Сино на ин ки худи инсон, балки нафсро ташхисонда, онро мухотаб қарор медиҳад:

Эй нафс, ки бастаи ҳавову ҳавасӣ,
Биштоб, ки дар ҳимояти як нафасӣ.
Дунё маталаб, ҷоҳ маҷӯ, ишва махар,
К-аз дӯст бароиву ба душман бирасӣ.

Суханро бо санъатҳои баланд адо намудан сабки шоирии Абӯалӣ ибни Синост. Бунёди китъаи зайл саросар ба санъати **ташхис** ниҳода шудааст:

Ба ҳар диёр, ки хашми ту корзор кунад,
Замона бар сари хунобаи ҷигар гардад.
Магар, ки баҳр ба хоки дари ту наздик аст,
Ки рӯзгор аз ӯ даст пургуҳар гардад.

**Корзор кардани хашм - ташхис ва хунобаи ҷигару сари хунобаи ҷигар** маҷоз буда, дар дохили ташхис омадаанд. Ду мисраи охир низ бо ҳамин сабк эҷод гардидаанд. Рубоии зерин низ бо ташхис, суханбозӣ, муболиғае, ки дар дохилаш тазод ҳаст, гуфта шудааст:

Дил гарчи дар ин бодия бисёр шитофт,
Як мӯй надонист, вале мӯй шикофт.
Андар дили ман ҳазор хуршед битофт,
В-охир ба камоли заррае роҳ наёфт.

Баъзе шеърҳои Абӯалӣ ибни Сино бо камтар ороиш ва соддаву фаҳмо иншо гардидаанд. Матлаб бо маҷозҳо, сифатҳо ва истиораҳо баён мегардад, ки гӯё соф даъвати маҳз аст:

Бо ҳар **хасе** зи рӯи **ҳаво** дӯстӣ мадор,
Бо ҳар касе зи **сodaдилӣ** рози худ магӯй.
Бо мардуми **музаввири бадасли балгуҳар,**
**Дар кӯи мардум зи паи дӯстӣ мапӯй.**
Гар боядат, ки **кам нашавад обрӯи ту,**
Фармону ихтилоти фурӯмоягон маҷӯй,
Дар обрӯй кӯш, зеро ки **оби рӯй**.
**Чун кам шавад, бад-ӯ напазиранд обрӯй.**

Шеърҳои Абӯалӣ ибни Сино ҳарчанд аз ҷиҳати миқдор кам бошанд ҳам, дар таърихи назми форсу тоҷик мақоми арҷмандеро ишғол намуда, барои бисёриҳо чун сармашқ будаанд.

**ЗАФАРНОМА.** Он дар асл ба забони паҳлавӣ мавҷуд будааст. Ба қавле, Абӯалӣ ибни Сино ин пандҳоро барои яке аз амирони Сомонӣ - Нӯҳ ибни Мансур (976-997) ва ё Мансури дуввум (997-999) аз паҳлавӣ ба форсии дарии тоҷикӣ гардонда будааст. Ин асар, ки дар шакли саволу ҷавоб таълиф шудааст, гӯё аз ду бахш иборат аст. Бахши аввал пурсишҳои вазири Анушервони Одил (581-579) ва ҷавобҳои устоди вазири ӯ Бузургмеҳри Бахтакон бешубҳа решаи паҳлавӣ дорад. Аммо бахши дуввум, ки кӯтоҳтар аз қисми аввал аст, аз пурсишҳои умумӣ ва посухҳои донишманди афсонавӣ Луқмони ҳаким иборат аст, ки ӯ дар Қуръон ном бурда мешавад. Дар ҳар ду маврид ҳам саволу ҷавобҳо равшану фаҳмо ва ҷумлаҳо соддаву фасеҳ буда, сабки андарзҳои замони сосонӣ нигоҳ дошта мешавад. Анушервон Бузургмеҳрро назди худ хонда талаб мекунад: "Мехоҳам сухане чанд муфид, дар лафзи

андак ва маъонии бисёр ҷамъ созӣ, чунонки дар дунё ва уқбо судманд бошад". Бузурмеҳр як сол мӯҳлат хоста, панду ҳикматҳоеро гирд меорад, ки масоили доғи ахлоқро баён мекард. Онро Зафарнома ном гузошта, ба Анушервон тақдим намуд. Маҷмӯа ба Анушервон хуш омад. "Фармуд, ки ин каламот ба оби зар навиштанд ва доим бо худ медошт" ва онро гаштаву баргашта мехонд. Адиби эронӣ Козим Раҷавӣ онро соли 1938 таҳти унвони Номаи пирӯзӣ ва соли 1954 бо номи Пирӯзнома такроран чоп кард. Ин асар чандин бор дар Тоҷикистон низ ба табъ расидааст.

Дар Зафарнома ба воситаи саволҳо масъалахое пеш гузошта мешаванд, ки ҷавобҳои ҳикматомез ва фалсафаро тақозо мекунанд. Ҷавобҳо ҷамъбасту натиҷа мебошанд ва чун андарзҳои маҳз садо медиханд. Ҳадафи "Зафарнома" барин асарҳо парвардани инсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ солим, аз лиҳози маънавиёт ғанӣ, хусусан, боадаб ва зебост, ки онро ба ҳайси инсони комил пазируфтан мумкин аст. Он одоби шоистаро тарғиб ва ахлоқи разиларо маҳкум менамояд. Масалан: "Гуфтам: Аз кӣ эмин бошам? Гуфт: Аз дӯсте, ки ҳосид набошад. Гуфтам: Чӣ чиз аст, ки биҳиштро сазовор бошад? Гуфт: Илм омӯхтан ба ҷавонӣ ва ба кори ҳақ машғул будан. Гуфтам: Аз ҷавонон чӣ беҳтар ва аз пирон чӣ некӯтар? Гуфт: Ҷавонон шарму далерӣ ва аз пирон донишу оҳистагӣ. Гуфтам: Аз фармонҳо кадом фармонро хор набояд дошт? Гуфт: Се: аввал фармони Худои азза ва ҷалла; дувум - фармони оқилона; саввум - фармони падару модар. Гуфтам: Агар илм омӯзам, чӣ ёбам? Гуфт: Агар хурд бошӣ, бузург ва номдор гардӣ, агар муфлис бошӣ, тавонгар гардӣ ва агар маъруф бошӣ, маъруфтар гардӣ". Аз Луқмони ҳаким пурсиданд: Кадом пироҳан аст, ки ҳаргиз кӯҳна нагардад? Гуфт: Номи нек. Гуфтанд: Кадом баланд аст, ки аз ҳамаи пастиҳо пасттар аст? Гуфт: Кибр ва ғурур. Зафарнома ба арзиши баланди тарбиявӣ ва ахлоқӣ молик аст.

### ШӮҲРАТИ ҶАҲОНИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО

Абӯалӣ ибни Сино аз он доноёни бузург ва мутафаккирони сутургест, ки бо асарҳои тиббию фалсафӣ ва адабии худ дар тӯли ҳазор сол дар кишварҳои зиёди Шарқу Ғарб шӯҳрати бемонанд пайдо кардааст. Ӯ дар тиб олимест, ки таҷрибаи илми ҷаҳонии пеш аз худро ҷамъбаст намуда, бароиояндагон асарҳои арзандае ба ёдгор гузоштааст, ки роҳи минбаъдаи илмро муайян кардаанд. Урҷуза фӣ-т-тиб ва Ал-қонун, ки дар таърихи илми тиб ҳамто надорад, ҳанӯз дар асри XII аз тарафи Ҷерарди Кремонӣ (1114-1187) баргардонида шудаанд. Баъдҳо онро Андрей Алпагус таҳрир ва ислоҳ намуд. Соли 1279 Натан-та-Меатӣ (Ҳамматӣ) Ал-қонунро ба яҳудӣ тарҷума кард. Баъд аз ихтирои дастгоҳи чоп Ал-қонун ба забони лотинӣ нахустин бор соли 1473 дар Венетсия ва соли 1491 дар Неапол нашр гардид. Дар асри XV он боз 15 бор ва дар асри XVI зиёда аз 20 маротиба чоп шуд. Аз ҷиҳати миқдори чоп Ал-қонун бо китоби муқаддаси масеҳиён Библия

баробар меомад. Мукаммалтарин тарҷумаи лотинии Ал-қонун ба қалами Племпий мутааллиқ аст, ки он дар соли 1658 дар Лвов чоп шудааст. Матни аслии арабии он соли 1593 дар Рим (Италиё) нашр шуд. Дар як расми кандакории асрҳои миёна, ки дар Аврупо кашида шудааст, Абӯалӣ ибни Сино тоҷ бар сар ва дар ду паҳлӯяш Буқрот ва Ҷолинус акс ёфтаанд. Ал-қонун ба бисёр забонҳои дигари ҷаҳони мутамаддин низ гаштаю баргашта тарҷума ва нашр шудааст. Онро Данте, Леонардо да Винчӣ, Кант, Андрев Везалий хонда, аз он иқтибосҳо овардаанд. Ал-қонун дар тӯли асрҳо китоби рӯимизии табибони рӯи олам буд. Он ҳоло ҳам аҳамияти илмии худро гум накардааст. Асари дигари шайхурраис Урҷуза фӣ-т-тиб ба забонҳои лотинӣ, яҳудӣ, инглисӣ, фаронсавӣ, немисӣ, руминӣ, ӯзбекӣ, русӣ ва ғайра тарҷума ва чоп шудааст. Охирин тарҷумаи лотинии Антониус Деузингиус соли 1649 дар Нидерландия нашр шуда буд. То имрӯз асарҳои Абӯалӣ ибни Сино ба забонҳои гуногуни олам тарҷума ва чоп мешаванд.

Нақши Абӯалӣ ибни Сино дар таърихи фалсафаи ҷаҳон чунон бузург аст, ки мувофиқи эътирофи умум баъд аз Арасту (384-322 қабл аз мелод) касе дар олами фалсафа монанди Абӯалӣ ибни Сино пайдо нашудааст. Олимони ин соҳа дар Шарқу Ғарб ба ӯ пайравӣ кардаанд. Ибни Рушд, Умари Хайём, Муҳаммади Ҷурҷонӣ, Насируддини Тӯсӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Ҷалолуддини Давонӣ ва дигарон ба таълимоти фалсафаи ӯ пайравӣ кардаанд. Сичери Брабантӣ (асри XIII) асосҳои таълимоти худро аз асарҳои фалсафии Ибни Сино гирифтааст. Ҳанӯз соли 1593 дар Рим тарҷумаи лотинии Наҷот чоп шуда буд. Соли 1951 хонум А. Гуашею онро ба фаронсавӣ баргардонда, интишор дод. Асарҳои адабии Абӯалӣ ибни Сино низ ба бисёр забонҳо тарҷума ва нашр шудаанд. Аз замони зиндагии Абӯалӣ ибни Сино сар карда, мухолифони зиёди ғоявии ӯ ба муқобили вай ҳамла мекарданд. Ғазолӣ, Фахриддин Розӣ, Амир Хисрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Фомаи Аквинӣ ва амсоли инҳо аз он қабил буданд. Аксу миниатураҳои зиёде, ки дар мамлакатҳои мусулмонӣ ва кишварҳои Ғарб роҷеъ ба Ибни Сино кашида шудаанд, аз шӯҳрати ҷаҳонӣ ва муҳаббати халқҳо ба ин нобиғаи оламшумул дарак медиҳанд. Дар Тоҷикистону Эрон дар хусуси зиндагии Абӯалӣ ибни Сино филмҳову намоишномаҳо офарида шуда, ашъори ӯ бо оҳангҳои халқӣ ва Шашмақом суруда мешаванд. Соли 1954 бо қарори Шӯрои умумиҷаҳонии Сулҳ аз рӯи ҳисоби солшумории ҳиҷрӣ ва соли 1980 бо қарори ЮНЕСКО дар тамоми дунё ҷашни 1000-солагии зодрӯзи Абӯалӣ ибни Сино баргузор гардид. Даҳҳо кӯчаву хиёбонҳо, мактабҳо, омӯзишгоҳу донишкадаҳо, корхонаҳо ва бунгоҳҳои нашру табъ дар Тоҷикистону Эрон, Афғонистону Ӯзбекистон, Туркия, Покистон ва кишварҳои дигар ба номи Абӯалӣ ибни Сино гузошта шуданд. Дар Душанбе ва Бухоро ҳайкалҳои бринҷии ин алломаи беҳамто чун нишони абадият қад афрохтанд.

# НОСИРИ ХУСРАВИ ҚУБОДИЁНӢ
# (1004–1088)



**Шарҳи зиндагӣ**. Носири Хусрав соли 1004 дар шаҳри Қубодиён ба дунё омадааст. Азбаски солҳо дар Марв хизмат кардааст, гоҳе худро Марвазӣ низ гуфтааст. Носири Хусрав аз кӯдакӣ ба касби илму адаб машғул гардида, маълумоти ибтидоиро дар зодгоҳи худ шаҳри Қубодиён гирифта, дар мадрасаҳои Қубодиёну Балх сарфу наҳви арабӣ, балоғату фасоҳат, фиқҳ, калом, Қуръон, тафсир, ҳадис, илоҳиёт ва амсоли инро омӯхта, бо роҳи худомӯзӣ ва аз муаллимони хусусӣ арӯз, қофия, бадеъ, ҳикмат, фалсафа, таърих, мусиқӣ, ҳисоб, ҷабру муқобала (алгебра), ҳандаса, нуҷум, тиб, ҷуғрофия, табиатшиносӣ, обуҳавосанҷӣ, забонҳои юнониву ҳиндӣ ва илмҳои дигари дар он замон маълуму маъмулро аз бар намуд.

Баъди ба поён расонидани таҳсили илм, то 26-солагӣ, Носири Хусрав ба даргоҳи Ғазнавиён роҳ ёфта, дар назди Султон Маҳмуд (998-1030) ва Султон Масъуди Ғазнавӣ (1030-1041) хизмати давлатӣ мекард. Худи Носири Хусрав хабар медиҳад, ки "ман боргоҳи мулуку салотини Аҷам дидаам, чун Султон Маҳмуди Ғазанвӣ ва писараш Масъуд". Ин дидор яқин дар Балх бояд ба вуқӯъ омада бошад, зеро Балх пойтахти зимистонии Ғазнавиён ба шумор рафта, Султон Маҳмуд зимистони солҳои 1020, 1026, ва 1029 ва Султон Масъуд зимистони солҳои 1030-1031, 1035 ва 1036-ро дар он ҷо гузаронда буданд.

Дар ҳамин солҳо Носири Хусрав ба сифати шоиру олим ва дабири моҳир ном бароварда, ба корҳои маъмурии молиёт машғул буд. Ин мансабдори ҷавон чун адибу дабир дар дастгоҳи давлатӣ нуфузи назаррасе дошт. Ниҳоят, соли 1037 дар Хуросон табаддулоти давлатӣ сар шуда, соли 1040 сулолаи нав - Салҷуқиҳо Балхро ба зери итоати худ даровярданд. Абӯсулаймон Ҷағрибеки Салҷуқӣ ҳокими Балх шуд. Носири Хусрав, ки он вақтҳо дар Хуросон аввал дар девони молиёти Ғазнавиҳо ва сипас дар идораи андозгундории Салҷуқиён хизмат мекард, аз Балх ба Марв, ки пойтахти Салҷуқиён қарор гирифта буд, кӯчид. Минбаъд нисбаи "Марвазӣ" гирифтани ӯ ба ҳамин сабаб аст.

То тирамоҳи соли 1045 зиндагии Носири Хусрав дар Марв гузашт. Ӯ ҳамоно то 40-солагии худ дар дарбори Султон Ҷағирбек вазифаи гун доштани андозро ба ҷо меовард, ба ҳисобу китоби он машғул гардида, чун "адиб" ва "дабири фозил" зиндагии бошукӯҳе дошт.

Асли насаби Носири Хусрав, ба қавли худаш, аз озодагон, яъне ашрофони заминдори тоҷик буд, ки дар замони Сомониён туркҳо ғулому хизматгорон ва посбонону дарбонҳои онҳо буданд. Аз бахти бад ҷои ғулому хоҷа иваз шуда буд, ки ҳақиқати талху ногувор вуҷуди шоирро месӯхт, аммо ӯ ба ин бадбахтӣ сар фуровардан намехост:

Туркон раҳию бандаи ман будаанд,
Ман тан чӣ гуна бандаи туркон кунам?

Моҳи сентябри соли 1045, ҳангоме, ки ӯ бо корҳои девонӣ аз Марв ба Панҷдеҳ ва аз он ҷо ба Ҷузҷонон, ки акнун бо номи Ҷузҷон чун яке аз вилоятҳои Ҷумҳурии Исломии Афғонистон маълум аст, рафта буд, дар асари хобе, ки дид, ба обрӯ ва шӯҳрати худ нигоҳ накарда, ба Марв баргашта, ҳисобот дод, аз шуғли девонӣ даст кашид, амвол ва чизу чораашро ба бенавоён тақсим карда дод ва рӯ ба тарафи қибла ба сафар баромад.

Дар муддати 7 сол Носири Хусрав шаҳру навоҳӣ ва манзилҳои зиёди Хуросон, Эрон, Озарбойҷон, Арманистон, Ҳинд, Ироқ, Сурия, Миср, Ҳиҷоз, Осиёи Сағир, Нуба, Фаластин, Тунис, Судон, Лубнон, Африқо ва ғайраро сайёҳат карда, 17760 км-ро тай намудааст. Вай қариб се сол дар Қоҳира зиста, бо ақидаи исмоилиён амиқтар ошно гардида, онро пазируфт. Вай он ҷо бо халифаи Фотимиҳо Мустансири Биллоҳ (427-487/ 1036-1094) вохӯрда, ба дараҷаи Ҳуҷҷат, ки яке аз мансабҳои баланди мазҳаби исмоилиён буд, мушарраф гардид. Исмоилиҳо ҷаҳони исломро ба 12 ҷазира (бахш) тақсим мекарданд. Носири Хусрав Ҳуҷҷати замини Хуросон хонда мешуд. Вай вазифадор буд, ки таълимоти мазҳаби исмоилияро дар тамоми сарзамини Хуросон тарғиб намояд.

Соли 1052 Носири Хусрав ба Балх баргашт ва қариб 8 сол ба тарғиби ақоиди Исмоилиён шуғл варзид. Вале ба фишору таъқиби рақибони мазҳабиаш дучор омад.

Ҳакими бузург ба ин вазъияти ногувор тоб оварда натавонист ва соли 1060 тарки ёру диёр кард. Вай аз Балх, ки он ҷо хонаю боғ ва аёлу фарзанд дошт, пинҳонӣ аввал ба Нишопур рафт, сипас дар Мозандарону Табаристон аз шаҳре ба шаҳре гурехта, баъд аз он ҷоҳо ба Сиҷистон рафт ва ниҳоят дар Хатлон таваққуф намуд. Халифаи аббосии Бағдод, шоҳи Сиҷистону мири Хатлон баробари султону ҳокимони Салҷуқӣ Носири Хусравро бо таънаҳои қабеҳ нафрат хонда, намегузоштанд, ки дар мулкашон зиндагӣ кунад.

Носири Хусрав баъди оворагӣ, гурезогурезҳо ва талошҳои сахт бо мухолифони худ соли 1063 ба Юмгон, ки мавзеи дурдасте дар кӯҳистони Бадахшон буд, паноҳ бурд. Муҳимтараш аз ҳама он буд, ки

дасти бадхоҳони шоир ба ин мавзеъ намерасид, мардуми Бадахшон ва амири онҳо Алӣ ибни Асад таълимоти Носири Хусрав ва даъвати исмоилияро пазируфта, ӯро гиромӣ медоштанд. Худи шоири мубаллиғ эътироф мекунад:

Агар хор асту беқадр аст Юмгон,
Маро ин ҷо басе қадр асту миқдор.

Носири Хусрав мири Бадахшон Алӣ ибни Асадро мири мӯъминони олам номида, мардуми Бадахшонро аҳли имон ва озодагони рӯзгор мешуморад. Вале ёди ёру диёр ҳеҷ аз хотири ӯ дур намешуд, вай худро дар ин кӯҳистони дурдаст ғарибу нороҳат ҳис мекард, бо ёди Хуросон умр ба сар мебурд:

Бигзар, эй боди дилафрӯзи хуросонӣ,
Бар яке монда ба Юмгондара зиндонӣ.
Андар ин тангии бероҳат биншаста,
Холӣ аз неъмату зайъату деҳқонӣ.
Бурда ин чархи ҷафопешаи бедодӣ
Аз дилаш роҳату аз тан осонӣ.
Дил пурандӯхтар аз нори пур аз дона,
Тан гудозандатар аз ноли зимистонӣ...
Гашт чун барги хазоне зи ғами гурбат
Он рухи равшан чун лолаи бӯстонӣ.

Тақрибан 25 соли охири умри Носири Хусрав дар Юмгон мегузарад. Вай он ҷо бар ҷону моли мардум фармонраво ва подшоҳвор зиста, беҳтарин асарҳои худро таълиф намудааст:

Зи Ҳуҷҷат ин суханро ёд медор,
Ки дар Юмгон нишаста подшовор.

Вай соли 1088 дар Юмгон аз олам гузашт. Ӯро дар ҳамон ҷо ба хок супурданд. Турбати ӯ то имрӯз боқӣ ва зиёратгоҳ аст. Деҳа табдили ном карда, акнун чун деҳаи Ҳазрати Сайид (яъне, Сайид Носири Хусрав) маълум аст

## Мероси адабии Носири Хусрав

Носири Хусрави Қубодиёнӣ дар таърихи адабиёт ва афкори ҷамъиятии халқи тоҷик яке аз нависандагонест, ки дар давоми умри дурударози худ ба назму наср асарҳои зиёде навиштааст. Ӯ худ дар бораи фаровонии асарҳои хеш мефармояд:

Мангар бад-ин заиф танам, з-он ки дар сухан
З-ин чархи пурситора фузун аст асар маро.

Хусусан баъди ба Юмгон паноҳанда шудан, ки он ҷоро Носири Хусрав ба қонуни таблиғоту ташвиқоти даъвати исмоилӣ табдил дода, мардумро

ба тарзи инфиродӣ аз номи имом ба шинохти ботин даъват мекард, соле китобе менавишт ва ба шаҳру ноҳияҳои гуногуни Хуросон ва берун аз он мефиристод. Худи Носири Хусрав ба ин маънӣ чунин ишорат дорад:

Ҳар сол яке китоби даъват
Б-атрофи ҷаҳон ҳаме фиристам.

**САФАРНОМА** Дар Сафарнома, ки арзиши бузурги маърифатомӯзонанда ва ҷуғрофию таърихӣ дорад, Носири Хусрав бидуни ҳеч гуна суханбозӣ ва таблиғоти мазҳабӣ, ба тарзи равону содда мушоҳидаҳои худро ҳангоми сафари 7-солаи хеш ба қалам медиҳад. Нависанда бо тарзи зиндагии мардумони гуногун, рӯзгори аҳли фазл, маишати деҳқонону ҳунармандон ва сохтори давлатии халқҳои мухталиф аз наздик ошно шуда, дар хусуси дидаҳо ва шунидаҳояш нақл мекунад. Вохӯрӣ ва мулоқотҳои Носири Хусрав бо адибону доноёни машҳур, арбобони ҳунару фарҳанг, намояндагони маданияту санъат ва косибону кишоварзон бисёр ҷолиби таваҷҷӯҳ аст. Масалан, ӯ менависад: "Ба Табрез Қатрон ном шоиреро дидам, шеъре нек мегуфт, аммо забони форсӣ некӯ намедонист. Пеши ман омад, девони Мунҷику девони Дақиқӣ биовард ва пеши ман бихонд ва ҳар маънӣ, ки ӯро мушкил буд, аз ман бипурсид; бо ӯ бигуфтам ва шарҳи он бинавишт ва ашъори худ бар ман хонд".

Тасвири вазъи шаҳру деҳкадаҳо, бехатарии роҳҳо, таъминоти обу хӯрок ва мевачот дар он ҷоҳо, чӣ гунагии хулқу хӯ ва расму одати халқҳо, тарзи давлатдорӣ, ғарибнавозӣ ва бечорапарварии мардумони мамлакатҳои гуногун силсилаи ҳикоятҳои дигарест, ки Носири Хусрав баён мекунад. Вай дар бораи Байтулмуқаддас менависад: "Шаҳрест бар сари кӯҳе ниҳода ва об нест, магар аз борон ва ба рустоҳо чашмаи об ҳаст, аммо ба шаҳр нест ва гирди шаҳр борди ҳасин аст аз сангу гаҷ ва дарвозаҳои оҳанин ва наздики шаҳр ҳеч дарахт нест. Чӣ шаҳр бар сари санг ниҳодааст ва шаҳре бузург аст, ки он вақт ки дидем, бист ҳазор мард дар вай буд, бозорҳое некӯ ва биноҳое олӣ".

Қатлу ғорат, дуздӣ, роҳзанӣ, одамкушӣ ва гуруснагӣ ҳодисаҳое буданд, ки зуд-зуд Носири Хусрав ва ҳамроҳонаш ба онҳо гирифтор мешуданд. Дар Фалҷ, ки наздикии Тоиф аст, Носири Хусрав мегӯяд: "Дар он бодияҳо чизе нест, илло алафи шӯр, ки шутур мехӯрд ва эшон худ гумон мебурданд, ки ҳамаи олам чунон бошад.. Чун ҳамроҳони мо сусмор медиданд, мекуштанду мехӯрданд. Ва ҳар куҷо араб буд, шири шутур меситонданд. Ман на сусмор тавонистам хӯрд, на шири шутур... Ин мардум азим дарвешу бадбахт бошанд. Бо ҳамаи дарвешӣ ҳамарӯза ҷангу адоват ва хун кунанд... Эшон мардуме гурусна, бараҳна, ҷоҳил буданд". Ҳангоми сафар Носири Хусрав дид, ки дар ҳама ҷо аҳволи мардуми бенаво ва халқи мазлум табоҳ аст, касе ба доду фарёди онҳо намерасад, чунонки адиби ҷаҳонгард дар Рӯшноинома мефармояд:

Яке бас беҳунар, мол аз адад беш,
Яке бо сад ҳунар дарвеши дилреш.

**ДЕВОНИ ШОИР.** Носири Хусрав борҳо изҳор мекунад, ки ӯро ду девон ба ду забон, яъне арабию форсӣ мавҷуд аст:

Бихон ҳар ду девони ман, то бубинӣ
Яке гашта бо Унсурӣ Бухтуриро.

Ё:

Ин фахр бас маро, ки ба ҳар ду забон
Ҳикмат ҳаме мураттабу девон кунам.
Ҷонро зи баҳри мидҳати Олӣ Расул
Гаҳ Рӯдакиву гоҳе Ҳассон кунам.

Осори манзуми Носири Хусрав, ки дар девони тоҷикии ӯ ҷамъ оварда шудааст, аксар аз қасида, чанд ғазалу қитъа ва рубоӣ иборат аст. Вале аз мавҷудияти девони арабии ӯ дараке нест.

Носири Хусрав тақрибан дар 25-солагӣ ба гуфтани шеър оғоз карда бошад ҳам, дар нусхаҳои мавҷудаи қаламӣ ва чопии ӯ фақат ашъоре дарҷ гардидааст, ки онҳоро шоир дар Юмгон иншо кардааст. Сарнавишти эҷодиёти ӯ, ки то ин замон иншо гардидааст, маълум нест. Гумон метавон кард, ки шояд худи Носири Хусрав шеърҳои то он вақт навиштаашро нобуд карда бошад. Мумкин аст, ки мухолифони ғоявии ӯ онҳоро маҳв карда бошанд. Вале мувофиқи гуфти Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV) девони Носири Хусрав, ки он вақтҳо дар гардиш будааст, 30 ҳазор байтро фаро мегирифтааст. Девоне, ки онро Ҳоҷӣ Сайид Насруллоҳи Тақавӣ тадвин ва нашр кардааст, шомили 11047 байт аст.

Қариб тамоми шеърҳои Носири Хусрав, ки дар девони ӯ ҷой гирифта, қасида аст. Лекин, баръакси қасидаҳои шоирони маддоҳ, дар қасидаҳои Носири Хусрав мадҳи подшоҳон, васфи баҳору шароб, тавсифи дабдабаву ҷашнҳо, тағаззулҳои ошиқона ва ситоиши воситаҳои барангезонандаи айшу ишрат вуҷуд надорад. Дар ин гуна қасидаҳо нафрати шоир ба таърифҳои иғрокомези подшоҳону ҳокимон, ҳамчунин танқиди беамони шоирони тамаъкори хушомадгӯ ва амсоли ин ифода гардида, ҳатто фикре пеш ронда мешавад, ки подшоҳону ҳокимон ва амалдорони ситамгару золим бояд бо зӯрӣ аз тахту тоҷ ва мансабҳояшон маҳрум карда шаванд:

Бар гоҳ набинӣ магар онро, ки сазо ҳаст,
Аз гоҳ барангезу дар чоҳ нишонаш!

**САОДАТНОМА.** Ин маснавии кӯчак муштамил бар 300 байт аст. Дар он масъалаҳои ахлоқу фалсафа муҳокима шуда, шоир дар бораи фақр, фазилати таслим, некӣ, камозорӣ, бурдборӣ, эҳсон, ҷавонмардӣ, қаноат, ҳаё, вафо ва монанди инҳо фикр ронда, доир ба одамони ҷоҳилу ноҷинс, рибохорон, душманӣ, тамаъ ва ғайра мулоҳизаҳои худро иброз медорад. Васфи кашоварзу косиб, ки офарандагони неъматҳои моддӣ ва ризқу рӯзии мардум ҳастанд, мақоми хос дорад.

**РУШНОИНОМА.** Ин манзумаи кӯтоҳ, ки аз 592 байт иборат аст, дар давоми як ҳафтаи аввали моҳи шавволи санаи 460 (1068) таълиф

гардида, дар он асосҳои фалсафаи исмоилӣ ба тарзи соддаи оммафаҳм баён карда мешавад. Муаллиф дар хусуси тавҳид, пайдоиши оламу Одам, акли кул, нафси кул, офариниши осмону ситораҳо, сифати чаҳор унсур, ҳавоси зоҳиру ботин, фитрату камолоти инсон, сифати анвои мардум, шинохти нафс, бунёд гардидани ҷамъият, пайдо шудани давлат, идора намудани он ва зуҳуроти ҳусну қубҳи ахлоқи инсон андеша меронад.

## Мундариҷаи ғоявии ашъори Носири Хусрав

Носири Хусрав чун мутафаккири варзида дар ашъори худ дар бораи моҳияти олам, сиришти инсон, пайдоиши ашё, чӣ гунағии табиат ва муаммоҳои ҷамъият мулоҳиза меронад. Вале диққати ӯро пеш аз ҳама тақдири инсон ба худ ҷалб менамояд. Дар ин ҷустуҷӯҳо ӯ ба бисёр ихтилофу зиддиятҳое дучор меояд, ки ақли одамӣ ва мантиқ қобили қабули онҳо нест. Бинобар ҳамин ӯ бо офаридагор баҳс пайваста, ин бесомониҳоро аз ӯ медонад:

Ниҳоли фитна дар дилҳо ту киштӣ
Дар оғози халоиқ офаридан.

Зеро ба ақидаи Носири Хусрав, дар ду ҷаҳон, яъне ҷаҳони мавҷуд ва ҷаҳони ғайб ба ҷуз Худо вуҷуди дигаре нест, ки қудрати тағйир додани ҷаҳонро дошта бошад:

Дар ду гетӣ нест чизе ҷуз Худой,
Дар замону дар макону дар макин.

Кашфи рози ҳастӣ мақсади асосии Носири Хусрав буд. Аммо рӯҳониёни расмӣ ва аҳли хурофот, ки наметавонистанд фазлу дониши ӯро инкор намоянд, ӯро рофизӣ, гумроҳ, карматӣ ва мӯътазилӣ хонда, мегуфтанд, ки беҳтар буд, ки ин одамро фазл камтар мебуду дин поктар, яъне аз пайи ҷавобҳои ба чуну чароҳои муаммоҳои ҳастӣ нашуда, кӯркӯрона ҳама фармудаҳои шариатро ба ҷо меовард. Носири Хусрав изҳор медорад, ки мухолифони ғоявии ӯ иқрор кардаанд:

Маро гӯянд: баддин асту ғофил, беҳтар он будӣ,
Ки динаш пок будиву набудӣ фазл чандонаш.

Носири Хусрав дар асари худ Ҷомеъ-ул-ҳикматайн низ аз фуқаҳо ва уламои расмӣ лаб ба шиква кушуда, уламолақабон, яъне ҷоҳилони мадрасахондаро айбдор мекунад, ки "Маҳз ба иллати кофир хондани ин уламолақабон мар касонеро, ки илми офариниш донанд, ҷӯяндагони "чун" ва "чаро" хомӯш гаштанд ва гӯяндагони ин илм хомӯш монданд ва ҷаҳл бар халқ муставлӣ шуд, хосса бар аҳли замини мо, ки Хуросон аст ва диёри Машриқ... Ва ин уламолақабон мар файласуфро кофар гуфтанд, то на дини ҳақ монд бад-ин замин ва на фалсафа".

Бо ҳамаи ин таънаву айбдоркуниҳо Носири Хусрав ҷустуҷӯи ҳақиқати ҳастиро давом дод, чунки мӯътақид буд, ки ҷӯянда - ёбанда аст. Дар натиҷаи пажӯҳишҳои тӯлонӣ ва тадқиқоти амиқ ӯ ба хулосае омада буд, ки маҳз инсон дар силсилаи офариниш сархели ҷумлаи мавҷудот буда, тамоми мавҷудоти дигар ба туфайли он офарида шудаанд. Ин худ дараҷаи баланди инсондӯстии шоир аст, ки ба чунин хулоса омадааст:

Дарахт аст ин ҷаҳону мева моем,
Ки хуррам бар дарахти ӯ бароем.

**МАҚОМИ ИНСОН ДАР ГУФТОРИ НОСИРИ ХУСРАВ**

Беҳтарин сатрҳои навиштаҳои Носири Хусрав ба гиромидошти инсон, эътирофи мартабаи волои ӯ бахшида шудаанд, зеро "ғарази офаридагори олам аз офариниши ин олам мардум аст" ва "муроди оваридагор андар офариниши мардум ҳама некӯию хайр аст".

Ба мақоми волои инсон эътиқод доштани Носири Хусрав дар шеърҳои ӯ, ки ба бузургдошти аҳли меҳнат, ситоиши офарандагони неъматҳои моддӣ - косибу деҳқон бахшида шудаанд, ифода мегардад. Ба ақидаи шоир косиб ва ҳунарманд, ки онҳоро ӯ чун "санъатвар", "сонеъ", яъне офаранда ва "санноъи олам", яъне барподорандаи олам ном мебарад, дар рӯи ҷаҳон, яъне "гетӣ" "муқбил", яъне каси аз ҳама хушбахт аст. Дар воқеъ касбу ҳунар беҳтар аз ганҷу мероси моддии падар буда, каси соҳиби касбу ҳунар на фақат ризқу рӯзии худ ва аҳли аёли хешро аз ҳосили меҳнати ҳалоли бозувони худ таъмин менамояд, балки онро афзун гардонда, ба молу доройяш баракат ато менамояд. Аз ин ҷиҳат косибу ҳунарманд баъди меҳнати рӯзона беғаму ташвиш дар манзили хеш то рӯзи дигар, ки боз аз сари нав рӯзи кораш сар мешавад, чун подшоҳ роҳат мехобад. Носири Хусрав дар ҳаққи санъатварон, яъне косибону ҳунармандон мегӯяд:

Беҳ аз сонеъ ба гетӣ муқбиле нест,
Зи касби даст беҳтар ҳосиле нест.
Ба рӯз андар пайи сомони хеш аст,
Чу шаб дар хона шуд, султони хеш аст.
Хӯрад бешу кам он моя, ки хоҳад,
Ба рӯз афзояд он-ч аз шаб коҳад.
Ба бозу ҳосил орад қути фарзанд,
Ҳӯрад хуш бо аёлу хешу фарзанд.
Расад сад баркат аз касби ҳалолаш,
Биафзояд Худо дар касбу молаш.
Чу шаб шуд, хуфт эмин дар шаби тор,
Чу рӯз ояд, равад боз аз пайи кор.

Он касе, ки аз меҳнат ор намекунад, хор намешавад, - мегӯяд Носири Хусрав. Баръакс, маҳз ба шарофати касбу меҳнати ҳалол каси

соҳибҳунар ҳамеша сарбаланд, Худову халқ аз ӯ розӣ ва салотин, яъне подшоҳон ба ӯ мӯҳточанд:

Ба тоат то зи мустақбал ба мозӣ
Худо розӣ аз ӯ, ҳам халқ розӣ.
Зи касби даст набвад ҳеч оре,
Беҳ аз касбат набошад ҳеч коре.
Сари сонеъ ба гардун бас фароз аст,
Салотинро ба санноон ниёз аст.

Носири Хусрав аз тамоми касбу пешаҳо деҳқониро шарифтарин шуғли инсонӣ мешуморад. Деҳқонони донапош бо араки ҷабин на танҳо рӯзии мардум, балки ризқи ваҳшу тайр, яъне, ҳайвоноти ваҳшӣ ва мурғони осмонро таъмин менамояд, комронии инсон, хуррамии ҷаҳон, ободонии кишвар ва шукӯҳи мамлакат ба касби деҳқон вобаста буда, манзалати деҳқон аз мартабаи малоикаву фариштаҳо бартар ва худи ӯ барои ҳама азизу мӯътабар аст. Аҷибаш он аст, ки Носири Хусрав таъкид менамояд, ки аз ҳунарманду косиб, ки ба мартабаи баланди онҳо қоил буд, неъмати муфт ба даст наояд ҳам, аз ҳосили дасти деҳқон ҳамагон метавонанд, ки муфту ройгон баҳра бигиранд ва файз баранд. Бинобар ҳамин, ба ақидаи Носири Хусрав калиди ризқи оламиён, сарнавишти инсоният ва чароғи дилафрӯзӣ, яъне сафобахши инсоният низ дар дасти деҳқон буда, ҳатто дар охират ҳам мартабаи деҳқон аз ҳама болост.

**АНДАРЗҲОИ НОСИРИ ХУСРАВ**

Дар панду андарзҳои Носири Хусрав ҷавонмардӣ, саховат, шуҷоат, ҳилм ва тамоми сифатҳои хуби инсонӣ тарғиб карда мешаванд, ки ҳамаи онҳоро мафҳуми ҷавонмардӣ муттаҳид менамояд. Шоир ҷавонмардиро далели бахту саодат мешуморад:

Ҷавонмардӣ саодатро далел аст,
Зи ҳар кас ин сифат н-ояд, бахил аст.

Ба василаи андарзҳои хеш Носири Хусрав ба иллатҳои башарӣ ва ҷамъиятӣ неш зада, аз кӯтоҳиҳое, ки қадри инсонро паст мекунанд, менолад.

Носири Хусрав панд медиҳад, ки хизмат ба падару модар, хусусан, ҳангоми пирии онҳо, барои фарзандон воҷиб аст, зеро набояд аз хотир баровард, ки агар аз як тараф, онҳо бо хуни дил онҳоро тарбия карда бошанд, аз тарафи дигар, онҳо низ рӯзе пир мешаванд ва азбаски дунё дайри мукофот аст, касе ба падару модари худ хизмат карда бошад, аз фарзандони худ некӣ мебинад. Носири Хусрав фикри худро чунин иброз медорад:

Ба пирӣ хидмати модар-падар кун,
Ҷавонию чунун аз сар бадар кун.

Сарфи назар аз синну сол, ҷинс, дину мазҳаб, дараҷаи маълумот ва

мавқеи ҷамъиятӣ одам бояд аз бухл, ҳирсу тамаъ(оз), макру шаҳват, нозу нуз ва кибру ҳасад барин палидахон ахлоқи бад халос шуда, саъй намояд, ки тавозӯъ, карам, қаноат, камозорӣ, парҳез, тоат ва ҳикматро омӯзад, ин сифатҳои некро дар нафси худ парвариш диҳад. Он гоҳ ӯ метавонад, ки бо касби сифатҳои дигари ҳамидаи одамӣ инсони хуб гардад.

Дар саросари девони Носири Хусрав дӯстӣ, бародарӣ, яъне васфи бародаре, ки дар рӯзи сахтӣ ба бародари худ мадад мерасонад, ҳамкорӣ, эхсон, мурувват, аҳду вафо, ғамхорӣ ба пирон ва арзишҳои дигар талқин гардида, баробари ин душманӣ, бадаҳдӣ, дағалӣ, ҷафо, бевафоӣ, тундхӯӣ, бераҳмӣ барин хислатҳои ношоиста маҳкум карда мешаванд. Ранҷондани кас осон, аммо дилеро ба даст овардан душвор аст, ту, ки аз мардумӣ зодаӣ, бояд аз мардумон бошӣ, девтабиатӣ туро намезебад. Ин аст зубдаи панду андарзҳои Носири Хусрав:

Фигандан дӯстӣ бо кас салим аст,
Вафо бурдан ба сар кори азим аст.
Маранҷон кас, махоҳаш узр аз он пас,
Ки бадкорӣ бувад ранҷондани кас.
Макун қасди ҷафо, гар бовафоӣ,
Зи сагтабъӣ бувад гургошноӣ.
Чу ранҷонидани кас ҳаст осон,
Ба даст оварданаш набвад бад-ин сон.
Зи мардум зодаӣ, бо мардумӣ бош!
Чӣ бошад дев будан? - Одамӣ бош!

Ба ақидаи Носири Хусрав пояи некӣ ҳам дар илм буда, "то илм наёмӯзӣ, некӣ натавон кард" ва инсон ҳам на бо тану тӯш, балки бо илму маърифат инсон мешавад (Мардум зи рохи илм шавад мардум, - На з-ин тани мусаввари дилдорӣ), қадри инсон низ ба андозаи дониши ӯ вобаста буда (Қимати ҳар кас ба қадри илми ӯст, - ҳамчунин гуфтааст Амиралмӯъминин), илмро шукӯҳ аз амал аст ва дониш бо кӯшиш пойдор:

Илмро ҷуз амал банд надидаст ҳаким, -
Илмро кас натавонад, ки бибандад ба таноб.

Аммо Носири Хусрав эътироф мекунад, ки дар замони ӯ илму тоат ҳарду завол пазируфта буданд:

Ду чиз аст банди ҷаҳон: илму тоат,
Агарчӣ касод аст мар ҳар ду онро.

Дар назари Носири Хусрав илм ҷавҳари биниш буда, бар замми ин, чунон ки тан бо ҷон зиндааст, ҷон ҳам ба илм зинда аст. Аз хондани чизе, ки ба кунҳи он намерасӣ, ҷуз афғон ҳосиле нест (Аз хондани чизе, ки биҳонию надонӣ, - Ҳаргиз нашавад ҳосил чизе ба ҷуз афғон). Ба се байти поён зеҳн монед:

Тан ба ҷон зиндасту ҷон зинда ба илм,
Дониш андар кону ҷонат гавҳар аст.

Илм ҷони ҷони туст, эй ҳушёр,
Гар биҷӯӣ ҷони ҷонро дархур аст.
Сӯи доно, эй бародар, ҳамчунон-к
Ҷон танатро, илм ҷонро модар аст.

Ақлу хирад ба як маъно буда, чун ду калимаи ҳаммаъно як мафҳумро ифода менамоянд. Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Фирдавсӣ ва муосирони онҳо асосан "хирад"-ро ба кор мебурданд. Дар он замон калимаи "ақл" дар забони форсии дарии тоҷикӣ камистеъмол буд.

Мувофиқи таълими Носири Хусрав, хирад аълотарин фазилати инсонӣ буда, шоҳаншоҳи нафси одамӣ ва фармонфармои тамоми эҳсосот аст. Хиради солим амали нек ва қорҳои хайрро талқин намуда, ба бадӣ, ҷаҳл ва мунофиқӣ роҳ намедиҳад, он сарчашмаи дониш ва заковати баланд аст. Аз ҳамин сабаб хирад аз зар беҳтар аст. Кореро, ки бо ақл кардан мумкин аст, бо зар наметавон ба ҷо овард:

Хирад беҳтар бувад аз зар, ки дорӣ,
Ки дар зар кас набинад ҳушёрӣ.

Хирад дар укёнуси ҳастӣ мисли киштист. Барои он ки дар фалокати ин укёнуси махуф ба ҳалокат гирифтор нашавӣ, аз он киштӣ истифода бояд кард:

Киштӣ хирад аст, даст дар вай зан,
То ғарқа нагардӣ андар ин дарё.

Ба ақидаи Носири Хусрав, илм ноёбтарин гавҳари ҳастӣ буда, инсон ба туфайли доштани илм, ки нур аст, аз ҳайвон фарқ мекунад. Худованд инсонро барои дониш омӯхтан халқ кардааст. Аслан ҷаҳон ҳам барои донистани илм офарида шудааст:

Ҷаҳонро бино кард аз баҳри дониш,
Худои ҷаҳондор бе ёру ёвар.
Ту гӯӣ, ки чуну чароро нагӯям,
Ҳамин аст наздики ман мазҳаби хар.

Илм ва тифли нозпарварди он ҳикмат мӯҷиби шодмониҳо мебошанд. Бинобар ҳамин, ҳамеша дар талаби илму ҳикмат бояд буд:

Илму ҳикматро талаб кун, гар тараб ҷӯйӣ ҳаме,
То ба шохи илму ҳикмат пуртараб ёбӣ рутаб[1].

## АФКОРИ ТАНҚИДИИ НОСИРИ ХУСРАВ

Ба ақидаи шоир миёни тамоми бадиҳо пайвандест, ки як манбаъ дорад. Ин манбаъ ҳирс аст, ки зодаи нодонист. Барои устувор гардондани адолат, дарёфти ҳақиқат, ривоҷи илм, равнақи дӯстӣ, пойдор мондан ҷаҳони зебо ва тантанаи ҳиммати баланд даставвал ҳирсро аз решаа

[1] **Рутаб** - меваи тоза.

бояд барканд, то ки одамият ошкоро шавад. Корхои зишт ва рафтори пасте, ки ба зиндагии инсон зараровар ва барои ахлоқи ҷамъият бегонаанд, падидаҳои номатлуб буда, натиҷаи бенизомии ҳукумат, бедодгарии подшоҳону амирон, бесалоҳиятии вазирон ва амалиёти табақаҳои муфтхӯри ҷамъият аз қабили рӯҳониёни мутаассиб, амалдорони горатгару ситамгар ва порахӯрону судхӯрон аст, ки сабабгори бадбахтии мардум ва фатароти кишвар гардидаанд. Шоир подшоҳонро беибо гургу шайтон меномад, ки ин худ ҷасорати бузург буд:

Гургӣ ту, на мир Хуросонро,
Султон набувад чунин, ту шайтонӣ.

Моли мардумро ситондан қабеҳтарин сифати малику султон аст. Султон унвони подшоҳони туркнажоди ғазнавӣ ва салҷуқии замони Носири Хусрав буд. Ба фикри ӯ аз халқ молу чиз хостан гадоист, на подшоҳӣ. Ин маънӣ дар гуфтори Носири Хусрав зиёд такрор мешавад, мисли:

Гар шоҳ туӣ, бубахшу мастон
Чиз аз шаҳрию рустоӣ,
Зеро ки зи халқ хостани чиз
Шоҳӣ набувад, бувад гадоӣ.

Нишонаи нахустини ҷаҳл бедонишӣ аст, ки он ба марг баробар аст, аммо фарқи ҷоҳил аз мурда он аст, ки ҷоҳил мурдаи равандаю хӯранда аст, мурда бошад, дигар аз ҳирси хӯрдан ва ташвиши рафтан халос шудааст. Баръакс, дониш зиндагӣ ва маҳз доноён зиндаи ҳақиқӣ мебошанд:

Марг ҷаҳл асту зиндагӣ дониш,
Мурда нодону зинда доноён.

"Дурӯғ торикии имон аст", - мегӯянд, ки ҳақ аст. Носири Хусрав низ пайрави ин ақида аст. Дар тамоми китобҳои илоҳӣ, осмонӣ ва динӣ Авесто, Таврот, Инҷил, Қуръон ва ғайра, ки як мабдаъ доранду ба қавли Носири Хусрав "китобҳои худой ҳама Қуръон аст бе ҳеч ихтилоф", дурӯғ чун сармояи куфр қабеҳтарин зиштӣ ва бадӣ ҳукм карда мешавад. Ба андешаи Носири Хусрав фаҳшу ҳазл, ки ёварони дурӯғанд, онро тақвият мебахшанд. Шоир аз хонандагони хеш бо қатъият талаб мекунад:

Макун фаҳшу дурӯғу ҳазл пеша,
Мазан бар пои худ зинҳор теша,
Ҳар он касро, ки гуфтораш дурӯғ аст,
Зи рӯи ақл рӯяш бефурӯғ аст.

Рибохорону ришватхӯрон низ аз манҳустарин гурӯҳҳое ҳастанд, ки ахлоқи ҷомеаро бо амалиёти қабеҳи худ фосид мегардонанд. Носири Хусрав рибохурӣ, яъне судхӯриро аз бадтарин иллатҳои ҷамъият мешиноxт. Рибохорон хуни дармондагони бечораю бенаворо мемакиданд. "Шараф дорад басе саг бар рибохор" - чунин аст ҳукми Носири Хусрав. Вай таъкид менамояд:

Маҳӯр нонаш, агар худ нафъи ҷон аст,
Ки гирд оварда хуни муфлисон аст.

Ришватхӯрӣ, яъне порахӯрӣ манфуртарин кирдори дигарест, ки дар байни мансабдорону қонунбадастон ва муҳофизони ҳуқуқ ривоҷ дошта, дар ҷамъият беқонунӣ, бенизомӣ, ҷиноятпӯшонӣ ва беадолатиро ба вуҷуд оварда, на фақат сабаби фасоди ахлоқи ҷамъиятӣ, балки харобии ҳукумату давлат ва тамоми мамлакат шуда, боварии шаҳрвандонро ба дарёфти ҳақиқат ва мавҷудияти ҳақиқат аз байн мебарад. Хусусан порахӯрии фақеҳону қозиён, муфтиҳо ва додгустарони дигар барои ҷомеа хатари бузург дорад. Носири Хусрав мефармояд:

Ин ришватхӯрон, ки фуқаҳоанд шуморо,
Иблис фақеҳ аст, гар онҳо фуқаҳоанд.
Ришват бихӯранд, он гаҳ рухсат бидиҳанд,
На аҳли қазоанд, бал аҳли қафоанд.

**САБК ВА УСЛУБИ НИГОРИШИ НОСИРИ ХУСРАВ**

Эҷодиёти Носири Хусрав дар замоне ҷараён ёфтааст, ки дар адабиёти форсу тоҷик сабки содданависии хуросонӣ давом мекард, ки ба он устод Рӯдакӣ асос гузошта буд. Носири Хусрав аз ривоҷдиҳандагони ин сабк буд. Гуфтори ӯ аглаб соддаву равон, фасеҳ ва салису пандомӯз буда, дар онҳо калимаҳои нофаҳмо, вожаҳои камистеъмол, фикрҳои печида ва баёни мураккаб камтар ба назар мерасанд. Ҳамчунин, набояд аз хотир баровард, ки Носири Хусрав мубаллиғ буд. Аз ин ҷиҳат, шеъри ӯ на барои сурудан, балки барои хондану қироат кардан эҷод гардида, чун хитоба пазируфта мешуд. Бинобар ҳамин, ӯ ба суханбозӣ, санъаттирозӣ ва ибораторозӣ саргарм нашуда, ақлу шуури хонанда ҳадафи муҳокимаҳои мантиқии шоир қарор гирифтаанд. Ӯ худ таъкид мекунад:

Мар маро бар роҳи пайғамбар шинос,
Шоирам нашнос, агарчӣ шоирам.

Оҳанги хитоба, мурочиат ба хонандаю шунаванда ва дар шакли фармоиш баён шудани фикр, ки услуби маъмулии панду андарз аст, дар бисёр байтҳои Носири Хусрав мушоҳида мегардад. Дар ин навъ байтҳо зисту зиндагонии аҳли заҳмат тасвир шуда, рухдодҳои ҷамъиятӣ бо ҳодисаҳои табиат дар омезиш инъикос ёфта, аз онҳо натиҷаҳои ҳакимона бароварда мешавад, монанди ду панди зайл:

Илму амал варз, ки мардум ба ҳашр,
З-оташи ҷовид бад-ин ду раҳост.

Ё:

Ҳазар кун зи макру ҳасад, эй писар,
Ки ин ҳар ду бар ту вуболу вабост.

Барои ифодаи маъниҳои пандомӯз Носири Хусрав ба истифодаи мақолу зарбулмасалҳо, корбасти таъбирҳои халқӣ ва қолабҳои андарзу панд бештар майл дорад. Вай чун муборизи оштинопазир ба муқобили ҷаҳл, нодонӣ, зулм, ахлоқи разила ва густариш пазируфтани ростӣ, адолат, некӣ, ахлоқи писандида ва тарбияи мардум бидуни хастагӣ такрор ба такрор айни як нуктаро бо чандин рангу оҳангҳои гуногун ба кор мебарад. Зарбулмасалу мақолҳои машҳури халқ "Шунидан кай бувад монанди дидан", "Ба кӯрпаат нигоҳ карда поятро дароз кун", "Макаш беш аз гилеми хештан пой", "Абрро бонги саг зиён накунад", "Аз мост, ки бар мост", "Саг дар меҳроб бузург нашавад", "Аз бадон бад шавӣ, зи некон нек", "Аз илм мурод ҷуз амал нест", "Дурӯғ бефурӯғ аст", "Зи нодон гар расад суде, зиён аст", "Ногуфта басе беҳ бувад аз гуфтаи расво" ва назири инҳоро бо чандин насақ[1] истифода мекунад:

Макун бовар суханҳои шунида,
Шунида кай бувад монанди дида?

Ё:

Агар коре кунӣ, музде ситонӣ,
Чу бекорӣ, яқин, бемузд монӣ.

Баёни мазмунҳои баланди ҳикматомез, маъниҳои бикр ва андешаҳои таъсирбахш хусусияти аз ҳама барҷастаи ашъори Носири Хусрав аст. Ин навъ шеърҳо бо роҳи муқоисаву ташбеҳ фикри шоирро чунон устодона ифода менамоянд, ки бо як хондан ё шунидан касро тасхир мекунанд. Ба ду байти зайл диққат гуморед, ки чӣ навъ шоирона тарҳ рехта шудаанд:

Мушк аст сухан, нофаи ӯ хотири доно,
Маънӣ бувад он мушк, ки аз нофа бароранд.

Ва:

Бекор на ҷон аст ҷон, азеро
Бе бӯй на мушк аст мушки соро.

Дар байти дигар ҳилму илм ҳамчун камолу ҷамоли инсонӣ талқин гардида, бо санъати тарсеъ чунин сурат гирифтааст:

Ҷамоли - мардумӣ - дар - ҳилм - бошад,
Камоли - одамӣ - дар - илм - бошад.

Зебу зинати шахс ва калиди дари ҷаннати ҷовидон будани донишро Носири Хусрав ин тавр ба қалам медиҳад:

Туро пироя[2] аз дониш падид аст,
Ки боби хулдро[3] дониш калид аст.

Тавсифи табиат, хусусан васфи ишқ, баҳору хазон, обшору чашмасорон, гулу раёҳин, моҳу хуршед, осмони пурситора, абри гавҳарбор, марғзору кӯҳсор, боғу роғ, ки ҳама барангезандаи шодиву

---

[1] **Насақ** - тариқ, роҳ.
[2] **Пироя** - зебу зинат.
[3] **Хулд** - ҷаннати ҷовидон.

фараханд, дар ташбибу тағаззули қасидаҳои мадеҳавӣ, тасвири маҷлисҳои шаробхӯрӣ, бодапаймоӣ ва ишқварзӣ дар замони Носири Хусрав авҷ гирифта буд. Намунаи барҷастаи ин қасида ва мусамматҳои Манучеҳрӣ ва Фаррухӣ буд. Дар шеъри Носири Хусрав аз ин мазмунҳо дараке нест. Носири Хусрав гоҳе зебоиҳои табиатро мисли як наққоши чирадаст лавҳанигорӣ мекунад, аммо аз он хулосаи фалсафӣ мебарорад. Тавсифи шаби дайҷӯри сиёҳро Носири Хусрав чунин менигорад:

Шаби торе чу бесоҳил дамон пурқир дарёе,
Фалак чун пур зи насринбарг ниландуд саҳрое.

Қитъаи "Чанор ва каду" масалаест, ки тиҳимағзӣ ва манманиро маҳкум менамояд. Хусусан , хулосаи шоир дар бораи он ки ҳар чиз, ки зудрас аст, дерпой ва мустаҳкам нест, хусусияти ҷамъбасткунанда дорад:

Нашнидаӣ, ки зери чаноре кадубуне
Баррусту бардавид бари ӯ - бар ба рӯзи бист.
Пурсид аз он чанор, ки ту чандрӯзаӣ?
Гуфто чанор: Сол маро бештар зи сист.
Хандид пас бад-ӯ, ки ман аз ту ба бист рӯз
Бартар шудам, бигӯй, ки ин кохилет чист?
Ӯро чанор гуфт, ки имрӯз, эй каду,
Бо ту маро ҳанӯз на ҳангоми доварист.
Фардо, ки бар ману ту вазад боди меҳргон,
Он гаҳ шавад падид, ки номарду мард кист.

Ниҳоят қобили зикр аст, ки забони гуфтори Носири Хусрав хеле ҷолиби диққат аст. Вай дар бофти ҳунарии худ аз ҳамаи нақшҳо фаровон истифода мебарад. Забони гуфтугӯи зиндаи халқ, мазмуни оятҳои Қуръони карим, аҳодиси пайғамбар, гуфтори амиралмӯъминин Алӣ ибни Абитолиб, мақолу зарбулмасалҳо ва таъбирҳои мардумӣ нигоришҳои бадеии ӯро шево ҷилва медиҳанд. Дар навиштаҳои Носири Хусрав вожаҳои дар гӯиши тоҷикон серистеъмол бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд, аз қабили: обгир, осиёгар, курта, изор, мурӯд, бодринг, бордон, буна, бихӣ, полез, пайтоба, пешгоҳ, тим, хора, хиргоҳ, дастор, дамак, даҳлез, девлох, шал, зок, зарбафт, суфа, фӯта, шӯх, кал, корез, кунҷора, гусел кардан, метин, мавиз, нағз, ёристан, намози пешин, намози дигар ва ғайраҳо. Дар баробари ин, Носири Хусрав аз алфозу ибороти арабӣ низ ҳазар намекунад.

Азбаски Носири Хусрав гаштаю баргашта дар бораи ахлоқи нек, пиндори нек, гуфтори нек ва рафтори нек ҳарф зада, аз мазамммати нуқсонҳои одамӣ ва айбҳои ҷомеа даме ҳам ғафлат намеварзад, ногузир ба такрори матлабҳо роҳ медиҳад. Ин нуқси шеъри Носири Хусрав нест, ин ҳолати табиии эҷодиёти вай аст. Худи ӯ эътироф мекунад, ки такрори бамаврид дар шеър ҷоиз аст:

Дар шеър зи такрори сухан бок набошад,
Зеро ки хуш ояд сухани нағз ба такрор.

Қасида яке аз шаклҳои маъмултарини адабиёти классикӣ буда, аслан маънои арабиаш мақсад, ният аст. Он дар асоси чакомаҳои пешазисломӣ ва қасидаҳои арабӣ пайдо шуда, аз 15 то ба 200 байтро фаро мегирад. Қофияи қасида шакли аа, ба, ва ва ғайраро дошта, матлаъу мақтаъ дорад. Қасидаи комил ҳатман бояд шомили ташбиб ё насиб, мадҳ, фахрия, талаб ва ҳамд бошад. Қасидаҳоро аз рӯи мазмуну мундарича ва шакл ба мадҳӣ, шикоятӣ, ҳачвӣ, фалсафӣ, баҳория, фахрия, ахлоқӣ ва ғайра чудо мекунанд.

Мавзӯи асосии қасида дар асрҳои XI-XII асосан мадҳ буд. Дар он мазомини ватандӯстӣ, халқпарварӣ ва сулҳу дӯстӣ хеле заиф гардидаанд. Вале дар зимни мадҳ дар он оҳангҳои ҳаётдӯстӣ ва афкори панду ахлоқӣ вусъати калон доштанд. Қасидасароён дар ин қисматҳои қасида бо ҳавсалаи том байтҳои баҳория, хазония, барфия ва чашния мегуфтанд. Чуноне гуфтем, қасидаҳои махсусгардонидашуда низ вучуд доштанд, ки ба пуррагӣ онҳоро васфия меноманд. Дар чашнияҳо бештар идҳои анъанавиву суннатӣ тасвир карда мешаванд. Дар васфияҳо манзараҳои дилрабои табиат, чилваҳои баҳор, виқору чалоли сарву шамшод, хониши мурғон, тиллорангии боғот ба вақти хазон ва симгун гардидани замин баъди боридани барф соҳирона ба қалам оварда мешавад, ки беҳтарин намунаи онҳо дар эчодиёти Манучеҳрӣ дида мешавад.

Навъи махсуси ташбиби қасида, ки тағаззул ном дошт, мавзӯоти ишқиро дарбар мегирифт. Аз ин гузашта, мавзӯи лирика дар ин давра чунон вусъат ёфт, ки дар натича ишқ аз мадҳ чудо шуда, ғазал чун шакли асосии лирикаи ишқӣ имтиёз пайдо кард. Лирикаи ишқӣ бо моҳияти худ дар муқобили мадҳ меистод, зеро чавҳари онро эҳсоси инсонӣ ва муносибати эмотсионалии муаллиф нисбат ба зиндагӣ ташкил медиҳад. Дар чунин ашъор ба чои мадҳи шоҳон тавсифи маъшуқа чой гирифта, ҳукми ишқ аз фармоиши шариат ва қонунҳои чорӣ боло гузошта мешавад.

Дар асри XI Асадии Тӯсӣ дар шакли қасида жанри мунозираро эчод намуд. Мунозира ба тариқи саволу чавоб эчод гардида, аксаран баёни афзалияту бартарии тарафҳои даргирро фаро мегирад.

Дар таърихи адабиёти форсу точик қасидаҳои Ашкҳои Хуросони Анварӣ ва Хароботи Мадоини Хоқонӣ, ки яке аз талаву торочгариҳои ғузҳо (1153) ва дигаре шукӯҳи аз даст рафтаи эронинажодонро инъикос менамоянд, мақому манзалат ва шӯҳрати хос доранд.

# УМАРИ ХАЙЁМ
# (1048–1131)



Умари Хайём дар таърихи фарҳанги мардумони тоҷику форс яке аз бузургтарин шоирону файласуфон ва риёзидонону хайъатшиносон буда, дар соҳаи тиб, мусиқӣ, ҷуғрофия ва илму ҳунарҳои дигар низ аз устодони комил ба шумор меравад. Вай дар Нишопур 18 майи соли 1048 ба дунё омадааст. Номи ӯ Умар, лақаби ифтихориаш Ғиёсуддин ва лақаи маъмулиаш Абулфатҳ аст. Падари ӯ хаймадӯз буд. Тахаллуси адабиаш Хайём аз касби падараш гирифта шудааст. Ӯ то 17-солагӣ тамоми донишҳои фалсафӣ ва ҷамеъи илмҳои маъмул ва ғайримаъмули замонашро аз бар карда, дар ҳамин синну сол чун олиму донишманд шинохта шуд. Умари Хайём ҳангоми калонсолӣ замони таҳсилашро дар назди устодон ба хотир оварда, қайд менамояд, ки худаш низ муддате устод будааст:

Якчанд ба кӯдакӣ ба устод шудем,
Якчанд ба устодии худ шод шудем.
Поёни сухан шунав, ки моро чӣ расид:
Чун абр дар-омадему чун бод шудем.

Соли 1066 падари Хайём фавтид ва ҳамон сол Умар ба саёҳати шаҳру ноҳияҳои Мовароуннаҳру Хурсон баромад. Дар Самарқанд ӯро қозикалони шаҳр Абӯтоҳир Абдураҳмон ибни Алоқ (1039-1091) барои хизмат ба даргоҳи худ даъват намуд. Олими ҷавон бо камоли мамнунӣ ин дархостро пазируфта, ба муҳити илмии Самарқанд ворид шуд. Абӯтоҳир Абдураҳмон барои пешбурди корҳои илмии Умари Хайём шароит фароҳам оварда, сарпарастии коргоҳи илмӣ ва роҳбарии пажӯҳандагони даргоҳи худро ба ӯҳдаи ӯ гузошт. Вай аз соли 1070 то 1073 дар ин ҷо ба корҳои илмӣ шуғл варзида, асарҳои оламшумули риёзии хешро навишт.

Бо вуҷуди пешрафти корҳои илмӣ дар Самарқанд ва аз Абӯтоҳири илмдӯст некӣ дидан Умари Хайём дар орзуи ёру диёри хештан буд. Ӯ мехост, ки ба Нишопур баргардад. Иҷозати рафтан ҳосил шуд. Аммо дар роҳ, охирҳои соли 1073, ҳокими Бухоро Шамсулмулук Наср Тамғочхони Қарохонӣ (1067-1079) Умари Хайёмро ба дарбори худ фуруд оварда, ӯро ниҳоят иззату ҳурмат мекунад. Баъди ба тахти Салҷуқиҳо нишастани Маликшоҳ (1072-1092) Шамсулмулук ихтиёран тобеияти ӯро қабул кард. Баъди тақрибан як соли истиқомат дар Бухоро Умари Хайём ба ватани худ баргашта, дар охирҳои соли 1074 ба Нишопур расид.

Султон Маликшоҳи Салҷукӣ (1072-1092), ки Исфаҳонро пойтахти ҳукумати худ қарор дода буд, соли 1074 дар он ҷо барои сохтмони расадхона фармон дод. Бо пешниҳоди вазири ботадбири ӯ Низомулмулки Тӯсӣ (1018-1092) Умари Хайём, ки синнаш ба 26 расида буд, ба сохтмони расадхона сафарбар шуд. Умари Хайём чун роҳбари сохтмон ва сардори расадхона ба муҳити илмии Исфаҳон дохил гардид. Барои ӯ манзил ва моҳонае муқаррар шуд, ки ӯро кофӣ буд. Ҳамроҳи ӯ чаҳор донишманди дигари ситорашиносу риёзидон ва файласуф Абулмузаффари Ал-Исфизорӣ, Маймун ибни Наҷиби Ал-Воситӣ, Абдураҳмони Хозинӣ ва Абулаббоси Лӯкарӣ ба кор ва пажӯҳиши илмӣ машғул шуданд.

Муҳимтарин дастоварде, ки Умари Хайём ва ёрони ӯ ба он ноил шуданд, ислоҳ ва танзими тақвими солшумории шамсӣ буд. Тақвимҳои мавҷуда камбудиҳои зиёд доштанд. Тақвиме, ки бо роҳбарии Умари Хайём мураттаб ва соли 1079 ҷорӣ гардид, бо номи "Тақвими ҷалолӣ" дар таърих маълум аст, ки он саҳеҳтарин тақвим аст. Фарқи он аз соли табиӣ 17 сония дар як шабонарӯз аст, ки ин фарқ дар 5082 сол як шабонарӯзро ташкил мекунад.

Ҳаждаҳ сол Умари Хайём осуда дар Исфаҳон ба кори илмӣ машғул буд. 16 октябри соли 1092 Низомулмулк бо дасти ҷосусони мазҳаби исмоилия кушта шуд. Баъди ду моҳ Маликшоҳ ҳам вафот кард. Дар мамлакат фитнаҳои сиёсӣ авҷ гирифтанд. Бинои расадхонаро оташ заданд. Доираи илмию адабии дарбори Маликшоҳ пош хӯрд. Умари Хайём ва ёронаш ба таъқиб дучор шуданд. Воситӣ, Исфизорӣ ва Хозинӣ ба ҳар тараф гурехтанд. Умари Хайём чанде дар Исфаҳон ва атрофи он овора гашт.

Зикр кардан лозим аст, ки соли 1097 султони ояндаи салҷуқӣ Санҷар ба дарди гулӯ гирифтор шуд. Он вақт ӯ ёздаҳсола буд. Табибони рӯзгор дар илоҷи дарди Санҷар оҷиз монданд. Барои табобати ӯ Умари Хайёмро даъват карданд. Умари Хайём Санҷарро аз чанголи марг наҷот дод. Аммо ба ҷои сипосу подош бар зидди ӯ фитнаҳо барпо карданд, зеро вақте аз ӯ ҳоли беморро пурсиданд, гуфт, ки ба ӯ марг таҳдид мекунад.

Соли 1097 Хайём ба ҳаҷ рафт, чанде дар Бағдод зист ва соли 1112 ба Нишопур баргашт.

4 декабри соли 1131 Умари Хайём дар зодгоҳи худ шаҳри Нишопур аз олам чашм пӯшид. Дар ин вакт вай 83 сол дошт. Пеш аз вафот Умари Хайём қисмати Илоҳиётро аз китоби Абӯалӣ ибни Сино Шифо мехонд. Чун ба фасли "Воҳид ва касир" расид, додарарӯси худ Имом Муҳаммади Бағдодиро гуфт: "Ҷамоатро бихон, то васият кунам. Ёрону наздикони шоир ҷамъ омаданд. Намози хуфтанро хонд ва рӯй ба қибла оварда гуфт:

Сер омадам, эй худой, аз ҳастии хеш,
Аз тангдилию аз тиҳидастии хеш.
Аз нест чу ҳаст мекунӣ, берун ор
З-ин нестиям ба ҳурмати ҳастии хеш".

Вайро дар қабристони Ҳира ба хок супурданд. Мадфани ӯро аҳли Нишопур бо ҳурмат нигоҳубин мекарданд. Вале авлодони ӯ дар асри мо ба хулосае омаданд, ки он мазор лоиқи номи бузургвори Умари Хайём нест. Бинобар ҳамин, пул ҷамъ карда, соли 1934 дар Шодях барои он нобиға оромгоҳе сохтанд, ки ҷоми сарнагунро мемонад. Санги рӯи қабр ва девораҳои мазор бо рубоиҳои худи шоир ва шаклҳои хандасӣ оро дода шуда, таърихи он бо ин рубоӣ сабт шудааст, ки аз он 1313 шамсӣ мебарояд, ки ба 1934 баробар аст. Атрофи мазор гулпӯшу дарахтзор аст. Ҳар рӯз даҳҳо касон аз аҳли дил онро зиёрат мекунанд. Байти рубоӣ ин аст:

Бар турбати Хайём нишин, ком талаб,
Як лаҳза фароғ аз ғами айём талаб.

**ОСОРИ ИЛМИИ УМАРИ ХАЙЁМ** Умари Хайём аз саромадони илми ҷаҳонист. Асарҳои ӯро метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо кард:

1. Асарҳои риёзӣ ва хандасӣ: Рисола дар исботи масъалаҳои ҷабру муқобала, Рисола дар таҳлили як масъала бо муъодилаи дараҷаи сеюм, Рисола дар шарҳи мушкилоти Уклидус, Мушкилот-ул-ҳисоб.
2. Асарҳои фалсафӣ: Рисола дар куллиёти вуҷуд, Равшании ақлӣ дар ашёи илми кул, Мухтасари табиийёт.
3. Оид ба нуҷум: Зиҷи маликшоҳӣ.
4. Асарҳо доир ба заминшиносӣ ва моддаҳои маъданӣ: Рисола дар маърифати тилло дар ҷисми мураккаб, Мизон-ул-ҳикам.
5. Фӣ-л-кавн ва-т-тиб дар бораи пизишкӣ.
6. Асарҳо дар бораи мусиқӣ ва мардумшиносӣ: Шарҳи мушкилоти мусиқӣ, Наврӯзнома, Лавозим-ул-амкина.

Аслан, номи аксари ин асарҳо ба арабӣ аст. Ин ҷо барои осон шудан тарҷумаи онҳо ба тоҷикӣ зикр гардид. Умари Хайём доир ба луғат, таърих ва адабиёт низ асарҳо доштааст, ки акнун онҳо аз байн рафтаанд.

Рисолаҳои илмии Хайём дар улуми дунявии замони ӯ гардиши тозае ба амал оварда, ба василаи тарҷумаҳо ба забонҳои гуногуни урупоӣ шӯҳрати ҷаҳонии муаллифро афзун гардонданд.

**НАВРӮЗНОМА.** Ин асар яке аз таълифоти илмӣ-таърихии Умари Хайём буда, дар байни солҳои 1095-1098 ба риштаи таҳрир кашида шудааст. Дар оғози китоб роҷеъ ба сабаби пайдоиш ва кашфи ҳақиқат ва бузургдошти ҷашни Наврӯз сухан меравад. Умари Хайём мӯътақид аст, ки ҳисоби солу моҳҳоро Каюмарс ба низом оварда бошад ҳам, рӯзи Наврӯзро Ҷамшед таъин кард. Ҳамчунин, Умари Хайём доир ба урфу одат, расму ойин ва тарзи ҷаҳондории подшоҳони Эрони бостон, маросими ҷашнҳо, таъриху ваҷҳи номгузории моҳҳои эронӣ маълумотҳои муфид медиҳад. Ба гуфти Умари Хайём "Ҳар кӣ рӯзи Наврӯз ҷашн кунад ва ба хуррамӣ пайвандад, то ба Наврӯзи дигар умр дар шодӣ ва хуррамӣ гузорад ва ин таҷрибат ҳукамо аз барои подшоҳон карданд".

Умари Хайём дар Наврӯзнома ҳамчунин дар бораи тақвим, гардиши офтоб, таъин намудани соли кабиса, хосияти маъданҳо, зар, нишонаҳои ганҷҳои пинҳон кардашуда, растаниҳо, парандаҳо, бозҳо ва уқобон баҳс мекунад. Вай оид ба асп, бисёр ҳайвоноти хонагӣ, хусусияту манфиати ҳар кадоми онҳо таҳқиқоти аҷоиб бурда, доир ба тир, камон, қалам ва амсоли инҳо маълумот медиҳад. Тарзи тайёр кардани шароб, хосиятҳои шифобахш ва вақту андозаи истеъмоли он аз мавзӯъҳои муҳими баҳси Наврӯзнома аст.

Масъалаи адлу дод, саховату бахшиш, нашри дониш, заҷри гунаҳгорон, ободон гардондани кишвар, боғистону гулзорҳо ва монанди инҳо дар Наврӯзнома васеъ ба муҳокима гирифта шуда, дар мавқеъҳои мувофиқ барои тақвияту тасдиқи фикри муаллиф ҳикоятҳои дилангези тамсилӣ оварда мешаванд.

Сабки Наврӯзнома равону салис ва бетакаллуф буда, луғатҳои арабӣ кам дорад, ибораҳояш кӯтоҳу мӯъҷаз аст.

Ба ғайр аз асарҳои илмӣ рубоиёти Умари Ҳайём машҳури оламиён аст. Ба қалами ӯ аз 62 ва ҳатто аз 13 то 1200 рубоиро нисбат медиҳанд. Худи Хайём онҳоро ҷамъ ва дар як ҷо китобат накардааст, зеро ӯ намехост, ки дар силки шоирон ҷой бигирад. Ҷамъ овардани ашъори Умари Хайём аз тарафи ҳамзамонони ӯ низ маълум нест. Дар бораи шоир будани ӯ Имодуддини Котиб соли 1176 навишта буд: "Умари Хайём - мисли ӯ дар асри худ пайдо намешуд, дар илми нуҷум ва ҳикмат беназир буд ва дар ин ду ба ӯ масал зада мешавад ва аз шеъри ӯ ин қитъа дар Исфаҳон барои ман хонда шуд".

Соли 1207 мунтахабе аз ашъори Умари Хайём мураттаб гардидааст, ки шомили 251 рубоист. Ниҳоят, Ёраҳмад Рашидии Табрезӣ соли 1462 маҷмӯаеро аз рубоиёти Умари Хайём бо номи "Тарабхона" тадвин кард, ки 559 рубоӣ дорад. Ҳамаи ин нишон медиҳад, ки Умари Хайём асрҳо пеш аз он ки дар Урупо чун шоири рубоисаро машҳур гардад, дар байни тоҷикону эрониҳо ба ҳайси як шоири муқтадир шинохта шуда будааст.

Умари Хайём мазмун, сабк ва суннатҳои рубоинависони пешин ва

муосирони худро амиқ омӯхта, сиришти рубоиёти хешро аз нуктаҳои фалсафа, хикмат, ғояҳои инсонпарварона, мавзӯъҳои ахлоқу одоб, тарғиби ҳаётдӯстӣ, идроки масъалаҳои дунёшиносӣ ва ҳаҷву танқид анбошта, сарнавишти инсон, моҳияти зиндагӣ ва кӯшиши кашфи асрори азалро ба муҳокима гирифта, аз дардҳои башарият огоҳ мегардад. Ӯ аз нодонӣ ва бехабарии инсон ҷигархун гашта, ба хулосае меояд, ки дарки ҳақиқати ашё маҳол аст:

Пеш аз ману ту лайлу наҳоре[1] будаст,
Гарданда фалак низ ба коре будаст.
Зинҳор қадам ба хок оҳиста ниҳӣ,
К-он мардумаки чашми нигоре будаст.

## Мундариҷаи ғоявии рубоиёти Умари Хайём

Ин шоири бузург ва ҳакими тавоно устоди бемонанди рубоисарост. Мӯҳтавои рубоиёти ӯ аз баёни фалсафаи зиндагӣ, рози ҳастӣ, муаммоҳои вуҷуд, масъалаҳои ахлоқ, танқиди кирдорҳои ношоиста ва амсоли инҳо иборат аст. Шоири ҷаҳонӣ пеш аз ҳама масъалаҳои ахлоқро ба маърази муҳокима гузошта, ғояҳои некӣ, дӯстиву рафоқат, номи нек, меҳнати ҳалол, кӯшишу кор, фурӯтанӣ ва қаноатро тарғиб менамояд. Дар баробари ин, Умари Хайём талқин мекунад, ки инсони поксиришт бояд аз зиштӣ, ҳирсу оз, шаҳвату ҳаво, бедодгарӣ, сӯҳбати ноахл, дӯстони тамаъкор, ғурур, хештанпарастӣ, кина, ҷаҳлу нодонӣ ва бадгӯӣ барҳазар бошад, зеро қаноат ба нони ҷавини хеш ҳазор бор авлотар аст аз нони касонро хӯрдан ва дар зери бори миннат афтодан:

Қонеъ ба як устухон чу каргас будан
Беҳ з-он ки туфайли нони нокас будан.
Бо нони ҷавини хеш, ҳаққо, ки хуш аст,
К-олуда ба полудаи ҳар кас будан!

Соҳиби сарпаноҳу воситаи рӯзгузаронии оддӣ будан беҳтар аз он аст, ки кас бо маломату чоплусӣ рӯзгори бодабдаба гузаронад:

Дар даҳр ҳар он кӣ нимноне дорад,
Ё дархури хеш ошёне дорад.
Не ходими кас бувад на махдуми касе,
Гӯ: шод бизӣ, ки хуш ҷаҳоне дорад.

Дар муайян кардани моҳияти ҳастӣ Умари Хайём аз тағйир пазируфтани шакли ашё ва дигар шудани шаклҳои ҷисм ақида ронда, аз образи кӯза ва кӯзагар истифода мебарад, касро ба ҳурмати ҷисм ва гиромидошти хок таблиғ мекунад:

---

[1] **Лайлу наҳор** - шабу рӯз.

Ин кӯзагарон, ки даст бар гил доранд,
Гар аклу хирад нек бар ӯ бигморанд,
Ҳаргиз назананд мушту силию лагад,
Хоки падарон аст, накӯ медоранд.

Ҷаҳон бо тағйиру дигаргуниҳо пеш меравад. Гили кӯзагарон ба забони ҳол мегӯяд, ки ман ҳам мисли ту будам, инро аз ёд набарор. Шоир ҳамин мазмунро дар бисёр рубоиҳои худ ифода менамояд. Вай ба кӯза ишора карда мегӯяд:

Ин кӯза чу ман ошиқи зоре будаст.
Дар банди сари зулфи нигоре будаст.
Ин даста, ки дар гардани ӯ мебинӣ,
Дастест, ки бар гардани ёре будаст.

Май, бода ва шароб дар гуфтори Умари Хайём аз як василаи оддии сархушкунанда болотар аст. Таърифи шароб, кеши бодапарастӣ, шаккокият, лаззатгирӣ ва тарғиби хуш будану ишқ варзидан ҳар дафъа бо зебу ороиши дигар садо дода, чун эътирози сахт бар зидди эътиқодоти хурофотпарастона, бетартибӣ ва бенизомиҳои ҷамъият, ҳамчунин нафрат бар алайҳи зулму ҷавр ифода мегардад. Бо ин навъ гуфтаҳои худ ӯ мавриди кинаи арбобони дин қарор гирифта буд. Аммо ҳамлаи Умари Хайём бар зидди ин гурӯҳи тангназари хурофотпараст густохонатару ҷасуронатар аст:

Он қавм, ки саҷҷодапарастанд, харанд,
Зеро ки ба зери бори солус даранд.
В-ин аз ҳама турфатар, ки дар пардаи зӯҳд
Ислом фурӯшанду зи кофар батаранд.

Шаробе, ки Хайём васф мекунад, бешубҳа, шароби воқеист. Аз ин рӯ шахси бодапаймо бояд аз лояъқилӣ, арбадаҷӯӣ, озори дигарон ва девонагӣ дар ҳазар бошад:

Чун бода хурӣ, зи ақл бегона машав,
Мадҳуш мабошу ҷаҳлро хона машав.
Хоҳӣ, ки майи лаъл ҳалолат бошад,
Озори касе маҷӯю девона машав!

Хулду ҷаҳим, яъне биҳишту дӯзахро касе надидааст ва аз он дунё ҳам касе наомадааст, умеду ҳароси мо ба чизест, ки ҷуз ном нишоне надорад:

Кас хулду ҷаҳимро надидаст, эй дил!
Ку кас, ки аз он ҷаҳон расидаст, эй дил!
Уммеду ҳароси мо ба чизест, к-аз он
Ҷуз ном нишоне на падид аст, эй дил!

Хулосаи шоир он аст, ки ҳама чизро холиқ офаридааст, агар нек аст, фазли ӯст ва агар бад аст, таксир ҳам ӯрост. Дар ин амр бандаро ҷурме нест. Аз ҳамин нуктаи назар ӯ саволомез мефармояд:

Ё раб, ту гилам сириштаӣ, ман чӣ кунам?
Пашму қасабам ту риштаӣ, ман чӣ кунам?
Ҳар неку баде, ки аз ман ояд ба вуҷуд,
Ту бар сари ман набиштаӣ, ман чӣ кунам?

### ШЕВАИ НИГОРИШИ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ

Хусусияти барҷастаи шеваи нигориши рубоиёти Умари Хайём, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки онҳо содда, бероиш, дур аз суханбозӣ ва дар камоли фасоҳату балоғат суруда шудаанд. Ҳар як рубоии латифи файласуфонаи ӯ мазмуни баланду бикрро фаро гирифта, тарзи адои дилангез, оҳанги гӯшнавоз дорад, аҷзо ва унсурҳои шеър мустаҳкам аст. Шоир ташбеҳ, маҷоз, истиора, тазод, талмеҳ ва воситаҳои дигари бадеиро устодона ба кор мебарад, калимаҳои сара, ибораҳои рехта, таъбирҳои халқӣ ва мақолу зарбулмасалҳоро хеле ба мавқеъ истифода мекунад. Дар натиҷа мазмунҳои анъанавӣ ҳам дар рубоиёти ӯ ба тарзи бикр ифода мегарданд. Масалан, мавзӯи тавба дар адабиёти форсу тоҷик аз мавзӯъҳои ом ва фарсуда аст. Умари Хайём ҳам бо аҷзу нола аз Худо дархост менамояд, ки тавбаи ӯро бипазирад:

Бар синаи ғампазири ман раҳмат кун,
Бар ҷону дили асири ман раҳмат кун.
Бар пойи хароботрави[1] ман бахшой,
Бар дасти пиёлагири ман раҳмат кун.

Халқ мегӯяд, ки гуноҳи ин дастро аз он даст намепурсанд. Умари Хайём агар мегуфт, ки Худоё, Худовандо, маро бубахш, ки тавба кардам, як навъ худхоҳӣ мешуд. Ин ҷо шоир нишон медиҳад, ки узвҳои бадан барои содир кардани гуноҳ ихтиёре надоранд. Аз ин рӯ омурзиши онҳо саҳл аст. Баръакс, шоир дар рубоии дигар мисли қаландарони исёнҷӯ густохона ибрози ақида мекунад, ки ваъдаҳои Худо гӯё байъу шарое[2] ҳастанд, ки дар онҳо аз бахшоишу раҳмат дараке нест:

Ман бандаи осиям, ризои ту куҷост?
Торикдилам, нури сафои ту куҷост?
Моро ту биҳишт агар ба тоат бахшӣ,
Он байъ бувад, лутфу атои ту куҷост?

Тазоду пурсиш рубоии фавқро хеле хушмазза гардондааст. Санъати кинояро низ Умари Хайём дӯст медорад. Вай матлабро гоҳе бо шӯхӣ ва мазоҳ дар либоси зарофат чунон ҷилва медиҳад, ки ҷои сад фарёду фиғонро мегирад:

Эй чарх, зи гардиши ту хурсанд наям,
Озодам кун, ки лоиқи банд наям.
Гар майли ту бо бехираду ноаҳл аст,
Ман низ чунон аҳлу хирадманд наям.

---

[1] **Харобот** - майхона.

Ибораҳои халқӣ мисли "нармак-нармак", суханбозӣ (шароб-шар+об ва хайр+об), гӯр - ҳайвони даштӣ ва қабр, майсара - тарафи чап, осудаҳолӣ, дорой ва май сара), истифодаи мақолу зарбулмасалаҳо, аз қабили "Дар хона агар кас аст, як ҳарф бас аст", "Чун дил набувад шод, чӣ ҷои тараб аст?", "Ҳақ талх аст", "Осуда касе, ки худ назод аз модар", "Кач дору марез", "Накӯӣ куну дар об андоз", "Овози дуҳул шунидан аз дур хуш аст" ва ғайраҳо бар ҳусни рубоиҳои Умари Хайём ҳусн афзудааст. Чун талмеҳ истифода шудани номҳои таърихию асотирии Баҳроми Гӯр, Бежан, Искандар, Ковус, Кайхусрав, Ҷамшед, Ҳотами Той, Рустам, Нӯҳ, ҳамчунин ҷирмҳои фалакӣ иртиботи рубоиҳои Умари Хайёмро бо гузашта, коинот ва таърихи башар ифода менамояд.

Хусусияти дигари ин рубоиҳо аз он иборат аст, ки шоир ҳангоми муҳокимаронӣ ва саволу ҷавоб бадоҳатан маънои аксро иброз медорад, ки ин худ он навъ рубоиҳоро басе намакин мегардонад:

> Май мехӯраму мухолифон аз чапу рост,
> Гӯянд: Маҳӯр бода, ки динро аъдост[1].
> Чун донистам, ки май адӯи дин аст,
> Валлоҳ, бихӯрам хуни адӯро, ки равост.

Дар рубоиёти Уари Хайём ташбеҳу истиора, тазоду муқобала, маҷозу киноя, васфу муболиға ва амсоли инҳо хеле устодона ба кор рафтаанд, ки рубоиҳои дар ҳамин боб иқтибос гардида, ин даъворо бо камоли равшанӣ ба исбот мерасонанд.

### ШӮҲРАТИ ОЛАМГИРИ РУБОИЁТИ УМАРИ ХАЙЁМ

Рубоиёти Умари Хайём дар ҳақиқат ҳам ба шӯҳрати оламгир молик буда, қариб ба тамоми забонҳои соҳиби хат ва мутамаддини дунё, ки сернуфустарини он забони хитоӣ ва яке аз забонҳои камсоҳиб қарачаевӣ мебошад, тарҷума ва нашр шудааст. Имрӯз рубоиёти Умари Хайёмро ба забони японӣ, яҳудӣ, ҳиндӣ, русӣ, қариб тамоми забонҳои мардумони шӯравии собиқ, испанӣ, итолиёвӣ, олмонӣ, фаронсавӣ, арабӣ, туркӣ ва ғайра дидан мумкин аст. Дар шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани рубоиёти Умари Хайём хизмати шоир ва мутарҷими Англия Эдвард Фитсҷералд бузург аст. Эдвард Фитсҷералд (1809-1883) 101 рубоии Умари Хайёмро ба англисӣ тарҷума карда, онҳоро дар шакли достони сучетдоре дароварда, соли 1859 дар Лондон ба табъ расонд. Он маҷмӯа гаштаю баргашта нашр шуд. Баъд аз соли 1889 то соли 1926 рубоиёти Умари Хайём дар Англия, Ҳиндустон ва Амрико 152 маротиба ба забони англисӣ нашр гардид. Соли 1895 дар Бостон ва Лондон феҳристи нашрҳои рубоиёт ва адабиёт оид ба Умари Хайём чоп шудааст, ки аз 250 сафҳа иборат аст. Мураттиб хотирнишон мекунад, ки фақат навиштаҳои ба назар намоёнро қайд намудааст. Номгӯи ҳамаи навиштаҳоеро, ки доир ба Умари Хайём дар тамоми

[1] Аъдо - душманон.

забонхо мавҷуданд, фақат Худо медонад. Агар ҳамаи онҳо дар як ҷо гирд оварда шаванд, худашон як китобхонаи тому ғаниро ташкил мекунанд.

## Назарияи адабиёт

Дар таърихи назми форсу тоҷик рубоӣ яке аз навъҳои адабиест, ки хеле пахну маъмул гардида, дорои суннатҳои қадимист. **Дар луғат рубоӣ, ки лафзи арабист, ба маънои чаҳортоӣ ва ё чаҳоргона меояд.** Дар истилоҳи адабӣ шеърero рубоӣ мегӯянд, ки аз ду байт, яъне чаҳор мисраъ иборат аст. Ин чаҳор мисраъ дар як вазн эҷод гардида, аксар мисраъҳои якуму дуввум ва чаҳорум бо якдигар ҳамқофия буда, мисраи сеюм аз қофия озод аст. Баъзан ҳар чаҳор мисраъ ҳамқофия мешаванд. Дар баъзе рубоиҳо радиф истифода мегардад.

Шакли қофиябандии рубоӣ чунин аст: **ааба** ва ё **аааа**.

Вазни рубоӣ яке аз зиҳофҳои баҳри ҳазаҷи мусамман аст, ки ба шаҷараҳои **ахраб ва ахрам** ҷудо мешавад. Рукни аввали шаҷараи ахраб мафъӯлу (– – v) буда, нахустин рукни шаҷараи ахрам мафъӯлун (– – –) аст. Дар ин ду шаҷара фақат ҳамин ду рукн бидуни тағйир устувор монда: рукнҳои дигар ҳама ба тарики 3,6 ва 12 тағйир мепазиранд. Ҳар рукни баъдина ба ду сурат шакл гирифта, ниҳоят ба дувоздаҳ мерасад. Яъне 1,3,6,12 (1=3=6=12). Аксари рубоиҳои китобӣ дар шаҷараи ахраб иншо гардида, рубоиҳое, ки дар шаҷараи ахрам навишта шудаанд, ниҳоят кам ба назар мерасанд. Худи ахраб ва ахрам истилоҳоти арӯзӣ буда, ба асли маънои онҳо иртиботе надоранд.

Дар бораи пайдоиши ин вазн ду ривоят мавҷуд аст. Ба қавли Шамси Қайси Розӣ (асри XIII) онро устод Рӯдакӣ дар шеър роиҷ гардондааст. Мувофиқи ин ривоят Рӯдакӣ рӯзе дар Ғазнин аз роҳе мегузашт, ки бачаҳо чормағзбозӣ мекарданд. Кӯдаке, даҳ-понздаҳсола, вақте чормағзаш ба пиллаҷо афтод, бо садои форамe, ки шунидани он лаззати хос дошт, гуфт:

Ғалтон-ғалтон ҳамеравад то буни кӯ.

Рӯдакиро ин вазни он лаҳн хуш омад. Онро гирифта вазни шеъре қарор дод, ки он аз ду байт таркиб гардида, рубоӣ ном гирифт. Ривояти дигар он аст, ки вазни рубоӣ аз вазни "Ло ҳавла ва ло қуввата илло биллоҳ" гирифта шудааст.

Аммо дар асл рубоӣ аз қадимтарин шаклҳои назми форсу тоҷик буда, бо эҷодиёти даҳанакии халқ алоқаманд аст. Муҳаққиқони зиёд ин матлабро ба исбот расондаанд. Дар адабиёти форсу тоҷик як навъи дигари шеър мавҷуд аст, ки ба рубоӣ монанд аст. Он **дубайтӣ аст.** Фарқи асосии онҳо дар вазн аст. Дубайтӣ асосан бо вазни ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ё мақсур, ки арконаш ба мафоӣлун мафоӣлун мафоӣл ё фаӯлун (v– – – / v– – – / v– – –) баробар аст, эҷод гардида, қофиябандиаш дар суратҳои **ааба, аааа, абаб** ва **аабб** ба кор меравад.

Устоди мумтози дубайтӣ шоири асрҳои X-XI Бобо Тоҳири Урёни Ҳамадонист. Вале дар назми халқӣ дубайтӣ зиёд ба назар мерасад.

Вижагии дигари рубоӣ он аст, ки таркиби аҷзои он матин, суханҳояш форам ва маъниҳояш латиф бошад, дар он санъатҳои зебои шеър моҳирона корбаст гардад:

Хуршеди сипеҳри безаволӣ ишқ аст,
Мурғи чамани хучастафолӣ ишқ аст.
Ишқ он набувад, ки ҳамчу булбул нолӣ,
Ҳар гаҳ, ки бимирию ноолӣ, ишқ аст.
– – v/ v – v –/ v – – –/ –
мафъӯлу / мафоилун / мафоӣлун / фаъ

Лафзу калимаҳои ин рубоӣ ҳама сара, мулоим ва гӯшнавоз буда, таркиби "ишқ аст" радиф, вожаҳои "безаволӣ", "хучастафолӣ" ва "ноолӣ" қофия аст. Мисраи сеюм қофия надорад. "Хуршед", "мурғ" ва "булбул" ташбеҳ буда, "сипеҳр" ва "чаман" маҷоз аст. Тору пуди ин рубоӣ аз мазмуни ишқ бофта шудааст.

Рубоии зерин намунаи рубоиҳоест, ки **ҳар чаҳор мисраи он ҳамқофия буда, онро рубоии тарона мегӯянд,** мазмуни он аз ҳал нашудани аглаби мушкилоти инсонӣ ва ошкоро нагардидани рози ҳастӣ иборат аст:

З-ин даҳр, ки буд муддате **манзили** мо,
Н-омад ба ҷуз аз балову ғам **ҳосили** мо.
Афсӯс, ки ҳал нагашт як **мушкили** мо,
Рафтему ҳазор ҳасрат андар **дили** мо.

Дар рубоиҳое, ки оварда шуданд, маънӣ дар мисраъҳои чаҳорум ҷамъбаст шуда, комил мегардад. Хулласи калом, дар рубоиҳо мазмунҳои ахлоқ, фалсафа, панд, ҳикмат, иҷтимоиёт, ҳаҷву танқид ва амсоли инҳо кӯтоҳу барҷаста ифода карда мешаванд. Рубоӣ дар асри X ривоҷ ёфта, дар эҷодиёти Рӯдакӣ ва муосирони ӯ равнақ пазируфта буд. Дақиқӣ, Абӯалӣ Сино, шоирони сӯфимашраб Абдуллоҳи Ансорӣ ва Абӯсаид Абулхайр ба вижа Умари Хайём устодони шоирони рубоисаро буданд, ки анъанаи устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро давом додаанд. Бо таъсири ин шоирон дар адабиётҳои арабизабон, туркизабон, паштуву урду ва баъзе адабиётҳои урупоӣ навъи рубоӣ ба вуҷуд омада, ривоҷ пазируфт. Масъуди Саъди Салмон мавзӯи рубоиро бо мавзӯъҳои зиндонӣ ғанӣ гардонд. Охирин намунаҳои хуби китобҳои рубоӣ маҷмӯъаҳои рубоиёти шоири эронӣ Муҳаммади Парастиш Ману Хайём ва адиби тоҷик Лоиқ Шерои Хайём мебошанд, ки мухлисони зиёд доранд.

# АСАДИИ ТӮСӢ
## (1005–1073)

Шоир, луғатшинос ва хаттоти машҳур Асадии Тӯсӣ соли 1005 дар зодгоҳи Абулқосими Фирдавсӣ Тӯс таваллуд шудааст. Номи пурраи ӯ Абӯмансур Алӣ ибни Аҳмад аст. Вай айёми таҳсилро дар зодгоҳи худ гузаронда, илмҳои расмии замон, ҳамчунин адабиёти арабӣ, таърих ва хаттотиро омӯхта, аз ҷавонӣ ба гуфтани шеър ва ҷамъ овардани луғат майл дошт. Вай пайрави ҷараёни шуубия ва мазҳаби шеа буд. Тақрибан ҳангоми 30-35-солагӣ дар натиҷаи қаҳтиҳои Хуросон ӯ ба Озарбойҷони имрӯза - Аррон рафта, дар солҳои 50 асри XI хизмати дарбори ҳокими Аррону Нахҷувон Абӯдулафи Дайрониро ихтиёр намуд. Вай моҳи шавволи соли 447/1056 китоби тиббии Абӯмансур Муваффақуддин Алии Ҳаравӣ Китоб-ул- абния ан ҳақоиқ-ил-адвияро нусхабардорӣ намуда, сипас дар давоми ду сол достони Гаршоспномаро ба риштаи назм кашида, онро соли 458/1065-66 ба итмом расонд. Баъди муддате Луғати фурсро таълиф намуд. Ниҳоят аз Нахҷувон ба Онӣ рафта, дар хизмати Шуҷоъуддавла Манучехр ибни Шовури Шаддодӣ, ки аз соли 456/1064 сар карда, 30 сол дар Афғонистон ҳукмрон буд, камар баст. Соли 1072 Асадӣ Мунозираи камон ва найзаро барои ин ҳоким навишт. Билохира ба ватани худ баргашта, соли 1073 дар Тӯс аз олам гузашт.

**ЛУҒАТИ ФУРС**. Нахустин луғати тафсирии забони тоҷикӣ-форсист, ки то ба замони мо омада расидааст. Асадӣ онро тақрибан солҳои 1066-1067 ҳангоми дар Озарбойҷон зистанаш дар асоси ашъори шуаро тартиб дода, мисолҳоро асосан аз шоирони Мовароуннаҳру Хуросон меорад. Дар Луғати фурс абёти беш аз сад шоири асрҳои IX-XI иқтибос шуда, ки намунаҳои дигари эҷодиёти аксарияташон дар дигар ҷое вуҷуд надорад. Аз ин лиҳоз Луғати фурс ба арзиши баланди илмӣ соҳиб аст. Дар он аз ашъори Рӯдакӣ, Шаҳиди Балхӣ, Мунҷик, Дақиқӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Фирдавсӣ ва ғайра мисолҳо оварда мешавад. Инчунин порчаҳои зиёд аз Калила ва Димна ва Синдбодномаи Рӯдакӣ, Офариннома Абӯшакури Балхӣ, Вомиқ ва Узрои Унсурӣ дарҷ гардидаанд. Луғати фурс бештар аз 2000 калимаро фаро мегирад. Дар он калимаҳои душворфаҳму камистеъмол, номи ситораҳои бурҷҳои фалакӣ, ашхосу сарзаминҳо, вожаҳои маҳаллию лаҳҷавӣ, паҳлавӣ, суғдӣ ва як миқдор калимаҳои ҳиндӣ, юнонӣ, арабӣ ва туркӣ эзоҳ дода мешаванд.

Аглаби калимаҳое, ки дар Луғати фурс тафсири кӯтоҳи онҳо дода шудааст, луғатҳое мебошанд, ки бо вуҷуди дар ашъори шоирони то он

замон ба кор рафтан на барои ҳама, хусусан барои мардуми вилояти Озарбойҷон, ки Асадӣ луғати худро барои онҳо таълиф карда буд, фаҳмо будаанд. Барои мисол чанд намуна: **ғужуб** - ғаллаи ангур бошад ва ғужум низ гӯянд; **фартут** - сахт пир шуда бувад, чунонки Рӯдакӣ гуфт: Пири фартут гашта будам сахт, - Боз гаштам ба рӯзи барноӣ; **ангишт** - зугол бошад ва зугол забони дарист ва ба тозӣ фаҳм хонанд ва ба Озарбойчон зувол гӯянд, чунонки Фирдавсӣ гуфт, байт: Ҳар он гаҳ, ки барзад яке боди сард, - Чу зангӣ барангехт з-ангишт гард; **кат** - тахт; **худа** - ҳақ бошад, **бехуда** - ноҳак ва навочиб, яъне ботил, чунонки Рӯдакӣ гуфт: Меҳр хоҳӣ зи ману бемеҳрӣ, - Ҳуда хоҳӣ зи ману беҳудаӣ ва монанди инҳо. Гоҳе чанд маъно доштани калимаҳои ҳамсураву ҳамовоз шарҳ меёбад: Тег - се гуна аст: яке тезии корду шамшер аст ва шамшерро тег низ гӯянд ва ба забони халқ маъруф аст ва дигар шуои моҳу шуои тег ва он чӣ бад-ин монад, ва се дигар сари кӯҳро тег гӯянд. Кисоӣ гуфт:

Дӣ ба дарег андарун, моҳ ба мег андарун,
Ранг ба тег андарун шоҳ заду орамид.

Дар тег, ки шуоъ аст, Кисоӣ гуфт:

Нарм - нармак зи паси парда ба чокар нигарад,
Гуфтӣ аз мег ҳаме тег занад гӯшаи моҳ.

Ин ҳолат дар асnои шарҳу эзоҳи баъзе калимаҳои дигар низ ба назар мерасад.

ГАРШОСПНОМА Қиссаи Гаршосп аз афсонаҳои қадимии Эрони бостон буда, ҳанӯз дар Авесто аз Гаршосп ном бурда мешавад. Дар адабиёти тоҷик ин қиссаро нахустин бор Абулмуайяди Балхӣ, ки аз адибони охири асри X асту дар хизмати дарбори Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ (976-997) буд, бо наср ба риштаи таҳрир кашид. Шаммае аз қиссаи Гаршосп дар Бунадаҳишн ба забони паҳлавӣ ва дар Таърихи Систон ба забони форсии дарӣ оварда мешавад. Он ҷо Гаршосп аз паҳлавонони систонӣ буда, ба Рустами Достон бобокалон мешавад. Ниҳоят Асадӣ достони Гаршоспномаро солҳои 1065-1066 ба назм даровард, ки яқин аз он манбаъҳо истифода кардааст.

Асадии Тӯсӣ достони Гаршоспномаро дар шакли маснавӣ бо вазни Шоҳномаи Фирдавсӣ сурудааст. Он шомили қариб нӯҳ ҳазор байт аст. Мазмуни достон чунин мебошад:

Ҷамшед аз Заҳҳок шикаст хӯрда, даҳ сол овора мегардад. Оқибат ба Зобулистон мерасад. Дар ин ҷо духтари подшоҳи Зобулистон Гуранг - моҳҷабини 17-сола Ҷамшедро дида, ба ӯ дил мебандад ва пинҳонӣ ба никоҳи ӯ медарояд. Падар баъди обистан шудани духтари худ аз сирри ӯ ва кӣ будани домод огаҳ гардида, мехоҳад, ки ӯро дастгир намуда, ба Заҳҳок супорад. Аммо духтар бо лобаю зорӣ падарро аз қасдаш мегардонад. Худованд ба арӯсу домоди нав писаре медиҳад, ки ӯро Тур

ном мениҳанд. Тур нусхаи Ҷамшед буд. Шоҳи Зобулистон ӯро мисли писар дӯст медошт. Дар 15-солагӣ Тур чун паҳлавони зебо ба камол мерасад. Дар ин ҳангом маълум мешавад, ки Ҷамшед пинҳонӣ дар ҳамин наздикиҳо зиндагӣ дорад. Бо маслиҳати Гуранг Ҷамшед аввал ба Ҳиндустон ва аз он ҷо ба Чин мегурезад. Вале дар Чин ӯ ба дасти ҷосусони Заҳҳок меафтад. Заҳҳок амр медиҳад, ки Ҷамшедро ду нима карда, ба қатл расонанд. Аз ин воқеъа зани Ҷамшед хабар ёфта заҳр нӯшида мемирад. Дар ин миён Тур хонадор шуда, соҳиби писаре мегардад, ки ӯро Шидасп ном мениҳанд. Дар навбати худ Шидасп ба воя расида, писардор мешавад, ки номи ӯро Тавург мениҳанд.

Шидасп мехоҳад, ки ба муқобили шоҳи Кобул биразмад. Тавург аз падар хоҳиш менамояд, ки ӯро барои ҷангидан ҳамроҳи худ гирад. Аммо падар ин хоҳиши Тавургро намепазирад:

Бад-ӯ гуфт, к-ин рой пидром нест,
Ту хурдӣ, туро разм ҳангом нест.
Пурожанг рух дод посух Тавург,
Ки гар кӯчакам, ҳаст корам бузург.

Боз аз Тавург Шам ва аз ӯ Асрат таваллуд мешаванд. Ниҳоят аз тухми Асрат Гаршосп ба дунё меояд. Аз замони Тур то таваллуди Гаршосп, ба қавли Асадӣ, ҳафтод сол мегузарад. Гаршосп зуд калон шуда, дар чаҳордаҳсолагӣ бо найзаи сиоршина меҷангид. Азбаски умри Заҳҳок ҳазор сол буд, дар ин вақт ҳам ӯ зинда буд. Заҳҳок, ки ба Ҳиндустон лашкар мекашид, аз мардонагии Гаршосп хабар ёфта, ба манзили Асрат меҳмон шуда, худ шоҳиди шуҷоати Гаршосп мегардад. Аз ӯ хавф бурда, бо найранг мехоҳад, ки ӯро ба марг расонад. Бинобар ҳамин аз ӯ хоҳиш мекунад, ки ба кӯҳи Шикованд рафта, аждаҳоро нобуд созад. Гаршосп баробари ба аждаҳо наздик шудан аввал аз нафаси заҳролуди он беҳуш мегардад. Вале дар ниҳояти кор аждаҳоро кушта, бо ғалаба ба Зобулистон бармегардад.

Дигар, нақл дар бораи ҷангҳои Гаршосп дар Ҳинду Сарандеб, соҳиби тахти Ҳинд шудани Маҳроҷ, ҳокимияти Сарандебро ба Баҳуи номӣ супурдани Маҳроҷ, пайкари Гаршоспро бо бабри жаён, саёҳатҳои ӯ ба баҳру бар, мушоҳидаи аҷоибу ғароиби зиёд, сӯҳбатҳо бо бараҳманони рӯзгордида дар кӯҳи Деҳ ва ғайраҳо қисмати муҳими Гаршоспномаро ташкил мекунанд. Саранҷом Гаршосп бо молу ғаниматҳои зиёд ба назди Заҳҳок бозмегардад. Заҳҳок аз дидори Гаршосп шод гардида, иҷозат медиҳад, ки ба зиёрати падар равад. Вале Заҳҳок аз Гаршосп хоҳиш менамояд, ки барои боқӣ гузоштани авлод зан бигирад, ки аз чунин паҳлавони ҷасур насле бимонад.

Гаршосп ба дидори падари худ расида, як ҳафтаро дар хизмати падар гузаронда, аз пайи иҷрои амри Заҳҳок мешавад. Мешунавад, ки подшоҳи Рум духтаре дорад, ки онро ба касе доданист, ки камони панҷоҳманини дар девор овехташударо бикашад. Гаршосп ин корро ба хубӣ анҷом медиҳад. Вале подшоҳ баҳонаҷӯӣ карда, намехоҳад, ки

духтарро ба Гаршосп дихад. Духтар аз ин рафтори падар норозӣ мешавад ва ҳамроҳи Гаршосп ба диёри ӯ меравад. Подшоҳи Рум аз кардаи худ пушаймон шуда, Гаршоспро даъват менамояд, ки ба Рум баргардад ва тахти он мамлакатро соҳиб шавад. Лекин Гаршосп ин дархостро қабул намекунад. Дар роҳ Гаршосп шерро шикор мекунад, дастаи роҳзанонро торумор намуда, душмани падараш шоҳи Кобулро низ ба қатл мерасонад. Гаршосп инчунин шаҳри Систонро месозад. Заҳҳок муваффақият ва пешравиҳои Гаршоспро таҳаммул карда наметавонад. Бинобар ҳамин Гаршоспро ба ҷанги пурхатари муқобили деви бадтарин Манҳирос мефиристад. Гаршосп бо моҷароҳои зиёд Манҳиросро асир гирифта, ба Эрон бармегардад. Вай духтари шоҳи Рум, ҳамонеро, ки аз он ҷо ҳамроҳ оварда буд, ба никоҳи худ даровардa, деви асирро назди Заҳҳок мебарад ва аз Заҳҳок мукофотҳои зиёд мегирад. Сипас ба зодгоҳи худ бозмегардад.

Падари Гаршосп Асрот дар 285-солагӣ ва додараш Гуранг паси ҳам мемиранд. Писари ятиммондаи Гуранг Наримонро Гаршосп ба писархондӣ мепазирад. Дар ин вақт Заҳҳок ҳазорсола мешавад. Фаридун Заҳҳокро дар кӯҳи Дамованд занҷирбанд мекунад. Вай амр медиҳад, ки Гаршосп ҳамроҳи Наримон ба даргоҳи ӯ ҳозир шаванд. Баъди зиёфати шоҳона Гаршоспро бо ҳамроҳии Наримон ба ҷанги зидди Турон мефиристад. Баъди пирӯзӣ онҳо ба Чин лашкар мекашанд. Наримон писари фағфури Чинро дар ҳарб ба марг мерасонад. Баъд лашкари хоқони Чин торумор гардида, худаш асир меафтад. Ба муносибати ин ғалабаҳо Фаридун Наримонро ба духтари шоҳи Балх хонадор мекунад. Аз ин издивоҷ Сом - бобои Рустам ба дунё меояд. Гаршосп дар ҳафсаду сиюсесолагӣ оламро падруд гуфт. (Чу бар ҳафтсад шуд сию се сол, - Зи тан мурғи умраш бияфганд бол). Дар рӯзи марги Гаршосп офтоб гирифта, ҷонварон ҳам азодорӣ ва сӯгворӣ мекунанд. Бузургони кишвар бо сардории Сому Наримон либоси сиёҳи мотам мепӯшанд.

**ҚАҲРАМОНҲОИ АСОСИИ ГАРШОСПНОМА**. Достони Гаршоспномаи Асадии Тӯсӣ яке аз нахустин достонҳои ҳамосии адабиёти навини форсу тоҷик аст, ки дар пайравии Шоҳномаи Фирдавсӣ навишта шудааст.

Гаршоспнома қаҳрамонҳои зиёд дорад. Аммо Гаршосп, Заҳҳок, Асрат, Ҷамшед, Гуранг, Тавург, Фаридун, Наримон ва душманони Гаршосп қаҳрамонҳои асосӣ мебошанд. Асадӣ ҳарчанд аз корнамоиҳои аҷдоду авлоди Гаршосп қисса кунад ҳам, кӯшиш намудааст, ки чеҳра ва симои Гаршоспро барҷаста офарад.

**ОБРАЗИ ГАРШОСП**. Асадӣ рӯзгори Гаршоспро аз рӯзи таваллудаш то рӯзи маргаш тасвир мекунад. Ҳанӯз аз кӯдакӣ Гаршоспро одат буд, ки ҷангу пайкор ҷӯяд, вай ба ҷои пистони доя меҳост, ки бо шеру паланг сару кор дошта бошад:

Ба ҷои хӯру хоб кин ҷусту ҷанг,
Ба ҷои бари доя шеру паланг.

Аз 14-солагӣ ҷангу размҳои ӯ муфассал ба қалам дода мешаванд. Худи Гаршосп мегӯяд, ки Худо ӯро фақат барои ҷанг офаридааст:

Маро эзид аз баҳри ҷанг офарид,
Ҷӣ поям, ки ҷанг омад акнун падид.

Дигар тамоми умр ӯ ба ҷанг, қатл ва куштор машғул шуда, паҳлавонест, ки на аз ягон рақиби худ ва на аз деву дарандае мағлуб мешавад. Ӯ дар корзору озмунҳо ҳамеша пирӯз мегардад. Бисёр лаҳзаҳои ғалабаи ӯ ҳангоми нақли мазмуни достон ҳикоя карда шудаанд. Гаршосп на фақат дар майдони ҷангу корзор ғолиб меояд, инчунин ӯ роҳзанон, девҳо ва ҳайвоноти дарандаи ба одамони оддӣ зараррасонро нобуд карда, халқро аз зарар ва хавфи онҳо наҷот медиҳад. Бо вуҷуди ҳамаи ин Гаршосп фақат ҷанговар нест. Асадӣ ӯро чун шахси оиладӯсту хушмуомила, бо зану фарзанди худ меҳрубон тасвир мекунад. Вай баробари пайдо намудани номзад ба арӯсӣ шартҳои пеш гузоштаи падари арӯсшавандаи худ кайсари Румро ба ҷо оварда, баъд мувофиқи расму қоидаи ин мардум тӯю тамошо дода, сипас ӯро ба ақди никоҳи худ медарорад ва минбаъд ҳамеша аз зиндагии ҳамсари худ бохабар шуда меистад. Ҳангоми сафарҳои дур бо номаҳо аз аҳволи завҷаи худ огоҳ шуда меистад. Арӯси Гаршосп низ доимо ғамхор ва дар ёди шавҳар аст. Вақте сафари Гаршосп ба Ифриқия тӯл кашида, ҳангоми бозгашт ба Эрон ӯ дар роҳ меҳмони падарарӯси худ қайсари Рум шуда, мехоҳад, ки чанд рӯз он ҷо истироҳату фароғат кунад, вай аз зани худ нома мегирад, ки ӯро пазмон ва интизор аст. Гаршосп ҳамон замон савори асп шуда, ба зодгоҳи худ бармегардад.

Гаршосп марди ободихоҳ аст. Шоҳи Танҷа хиёнаткор, бадаҳд, ҷудоиандоз ва золим буд. Барои корҳои он мамалакатро ба низом овардан Гаршосп он шаҳрро ба хок яксон намуда, шоҳи хиёнаткори қаллобро аз дами теғ мегузаронад. Аммо ба ҷои шаҳри харобкардааш ӯ шаҳри Систонро бино мекунад, ки шаҳрвандонаш аз андозҳои давлатӣ озод буданд. Гаршосп ба Систон шоҳи нави одилу ботадбирро гузошта, ба меҳани худ бармегардад. Гаршосп Наримонро ҳам панд медиҳад, ки ҳамеша дар пайи ободонии кишвар бошад:

Зи беобӣ онро, ки вайрон бибуд,
Нишон марду деҳ созу кишту дуруд.

Вай ҳар қадар солору солхӯрдатар шавад, ба оламу одам бо чашми хирад менигарад. Аз панду насиҳатҳои ӯ ба Наримону Сом дар охири умр ҳувайдо мегардад, ки ӯ дигар зидди хунрезӣ, рақобат, хушомад, чоплусӣ, ҷаҳл, айшу ишрат ва бадахлоқӣ буда, ҳунар, дониш, адолат ва ҳисси масъулияшиносиро талқин мекунад:

Бар он кӯш, к-ат сол то бештар,
Барӣ пойгоҳ аз ҳунар пештар.

Ҷамшед дар Гаршоспнома шоҳи гурезаест, ки аз таъқиби Заҳҳок шаҳр ба шаҳр гурехта мегардад. То оқибат ба Чин паноҳ мебарад. Аммо дар он ҷо одамони Заҳҳок ӯро дастгир намуда, бо арра танашро дуним мекунанд.

Падари Гаршосп Асрат чун падари меҳрубону шахси ботадбир тасвир шуда, ба тарбияи фарзандаш аҳамияти зиёд медиҳад. Вай бо андарзҳои худ низ Гаршоспро дар рӯҳияи ҷасорат, мавридшиносӣ, масъулият ва мулоҳизакорӣ мепарварад.

Образи тамоми муқобилону рақибони Гаршосп чун душмани асосии ӯ ва бар зимми ин чун каллоб, золим, дурӯггӯ, ғоратгар ва ҷоҳил тасвир ёфтаанд. Аз тарафи Гаршосп ва дигар қаҳрамонҳои мусбат нест карда шудани онҳо маънои онро дорад, ки Асадӣ ба ҳамин восита решакан карда шудани онҳоро талқин менамояд.

Дар хусуси образи Заҳҳок ҳаминро гуфтан лозим аст, ки Асадӣ ҳарчанд ӯро рамзи қувваи бадӣ дониста, бо сифатҳои камхирад, ҷоду, нопокдил, хунрез, моркитф, аҳриман ва амсоли инҳо ёд кунад ҳам, разолату бадкирдориҳои ӯро камтар ва хира инъикос менамояд. Заҳҳок дар достони Асадӣ подшоҳи мутлақест, ки Гаршосп хизмати ӯро солиҳона ба ҷо меорад. Ба морони китфони ӯ на мағзи сари бегуноҳон, балки мағзи сари гунаҳгоронро медиҳанд. Фақат зулму ҳасад ва бадандешиҳои Заҳҳок гӯшзад мешавад, аммо он қабоҳатҳо тавир намегарданд. Бинобар ҳамин образи Заҳҳок дар Гаршоспнома хира буда, қувваи фошкунандагии Заҳҳоки Фирдавсиро надорад. Аз тахт барандохтан ва дар кӯҳи Дамованд занҷирбанд шудани ӯ низ фақат ишорат мешавад:

> Ҳамон сол Заҳҳокро рӯзгор,
> Дижам гашту шуд соли умраш ҳазор.
> Биёмад Фаридун ба шоҳаншаҳӣ,
> В-аз он морфаш кард гетӣ тиҳӣ.
> Сарашро ба гурзи кай кӯфт хурд,
> Бибасташ, ба кӯҳи Дамованд бурд.

**САБКИ НИГОРИШИ АСАДӢ**

Гаршоспнома пеш аз ҳама бо фаровонии гуфтори ҳакимона диққатрабост. Асадӣ ба масъалаҳои ахлоқу одоб дахл намуда, дар мавридҳои муносиб ҳам худ ва ҳам аз забони қаҳрмонҳои достон андарзҳои олӣ иброз медорад, ки дар онҳо сифатҳои хуби инсонӣ тарғиб шуда, ба падидаҳои ахлоқи разила неш зада мешавад. Бартарии некӣ аз бадӣ (Бадӣ гарчи кардан тавон бо касе, - Чу некӣ кунӣ, беҳтар ояд басе), аз лутфи душман авлотар будани шаллоқи дӯст (Задан чӯби сахт аз яке дӯстдор - Беҳ аз бӯсаи душмани зишткор), тамаъангез будани хоста, яъне нақдина (Барад хоста ҳар касеро зи роҳ, - Кунад дӯстро душмани кинахоҳ), ибрат гирифтан аз рӯзгори пешиниён (Бубин то зи кирдори шоҳони пеш - Чӣ беҳ буд, ҳамон кун ту ойини хеш), ҳалокатовар будани захми забон (Зи

захми синон беш захми забон, - Ки ин тан кунад хаставу он равон), мавридшиносӣ (Гиристан ба ҳангом бо сӯзу дард - Беҳ аз хандаи нобаҳангоми сард), дӯстӣ, душманӣ ва ғамхорӣ аз ду ҷониб будан (Ғами он касе хӯрдан ойин бувад, - Ки ӯ бар ғамат низ ғамгин бувад) аз андарзҳои марғуби Асадии Тӯсист. Гуфтори ҳакимона, панду андарз дар Гаршоспнома фаровон аст. Мисолҳо:

Тан аз ганҷи дунё маяфган ба ранҷ,
Зи некию номи накӯ соз ганҷ!

Ё:

Ба динор ҳар чизу тимори сахт
Тавон ёфт, ҷуз зиндагонию бахт.

"Бар" дар байти охирин ба ду маъно - ҳам мева ва ҳам чун пешоянд омада, санъати **таҷнис** аст. Асадӣ шеъри худро бо **ташбеҳ, истиора, маҷоз, талмеҳ, тазод, муболиға** ва санъатҳои дигар оро медиҳад. Инчунин ӯ тафсирро истифода мебарад, ки зикри як будани Зардушт ва Иброҳим аз он қабил аст:

Паямбар Бироҳим буд он замон,
Будаш ном Зардушт аз осмон.

Мисол барои **муқобала:**

Ман эдар ба **пайкору** разм омадам,
На аз баҳри **шодию базм** омадам.

Ташбеҳҳои зерин бикр ва нав мебошанд:

Буд аз тиру пайконҳои дурушт
Ҳар афгандае чун яке хорпушт.

Хусусияти забони Гаршоспнома низ қобили зикр аст. Онро намунаи хуби забони шеъри тоҷикии асри XI шумурдан ҷоиз аст. Фақат дар он калимаҳое, ки ҳатто Фирдавсӣ онҳоро ба кор набурдааст, фаровон буда, ин ба достон як навъ тобиши кӯҳнагӣ бахшидааст. Калимаҳои зерин аз он қабиланд: **озаранг** - ғами сахт; **оғолиш** - ду касро ба ҳам ҷанг андохтан; **омеғ** - омехта; **анӯша** - хушҳол, **бож** - боҷ, андоз; **бигмоз** - шароб; **пахч** - пахш; **ташӣ** - ҷайра; **ҷинуд** - пули сирот; **рад** - доно; **раш** - бозу; **ригоша** - хорпушт; **зуфт** - бохир; **ғарча** - нодон; **ғав** - фарёд; **ғувожа** - таъна ва монанди инҳо.

## *Назарияи адабиёт*

Асадии Тӯсӣ нахустин шоирест, ки дар адабиёти форсу тоҷик ба забони тоҷикӣ мунозира навиштааст. Ҳарчанд ҳанӯз дар адабиёти Эрони бостон жанри мунозира мавҷуд буд, ки манзумаи Дарахти асурик машҳур буда, дар асрҳои 2-3 ба забони паҳлавии ашконӣ эҷод гардида, то ба замони мо дар асл боқӣ мондааст. Аз Асадӣ панҷ мунозира ба ёдгор боқист, ки дар шакли қасида ва тарзи баёни баҳси

ду тарафи мутақобил навишта шудаанд. Ин мунозираҳо чунин ном доранд: Мунозираи габр ва мусулмон, Мунозираи араб ва аҷам, Мунозираи замин ва осмон, Мунозираи шаб ва рӯз, Мунозираи камон ва найза.

**МУНОЗИРА.** Хусусияти мунозира он аст, ки ҳар ҳариф фазилату бартарӣ ва фоидаовару нафърасонии худро гӯшзад намуда, камбудӣ, норасоӣ ва айбу нуқсонҳои рақиберо, ки бо он баҳс мекунад, мешуморад. Ниҳоят яке аз ҳарифон бар дигаре ғолиб меояд. Ин ғолибият бо далелу бурҳон ва мантиқи баланд аз тарафи ҳамагон эътироф мегардад. Аксар тарафҳои мутақобил дар охир ба созиш омада, мақсади шоир низ дар хотимаи шеър ҷамъбаст мешавад. Масалан дар Мунозираи араб ва аҷам аввал араб аз аҷдоди арабҳо, пайғамбарон, шоирони номӣ, доноён, тобовар будан дар сахтиҳо, ҷанговарӣ ва лисони ғании арабҳо сухан меронад. Баъд мегӯяд:

Бурҳони ман афъоли Араб чанд намудам,
Бинмой ту бурҳоне аз афъоли Аҷам, ҳон!

Аҷам ҳам дарҳол ба араб сар намефурорад. Вай изҳор мекунад:

Гуфтам-ш чу девона басе гуфтиву акнун
Посух шунав, эй буда чу девони биёбон!

Сипас ӯ ҳамаи қаҳрамонони афсонавӣ, подшоҳони бузург, паҳлавонони таърих, донишмандони эронинажод, аз қабили Закариёи Розӣ (Дар дониши тиб хира чу Ибни Закариё, - Дар ҳукми фалак ҷалд чу Ҷомоспи сухандон), шоирони номӣ Рӯдакӣ (Шоир чу гузин Рӯдакӣ он к-аш бувад абёт - Беш аз саду ҳаштод ҳазор аз дуру девон), Унсурӣ, Асҷадӣ, Кисоӣ, конҳои Бадахшон, меваҳои лазиз, рӯдҳову чашмасорони фаровон, табиати гуворои меҳани худ ва амсоли инро ситоиш намуда, биёбону гирдбод, хористону регзори беҳосил будани мулки Арабро нишон медиҳад. Аҷамӣ ҳатто ба он фахр мекунад, ки ҳар рӯз Хуршед аввал ба Хуросон нур мепошад ва баъд ба сӯи мулки Араб равон мегардад (Бар мо фиганад нур, пас он гоҳ ба шумо - Бар ҳар рӯз нахустин чу хур ояд зи Хуросон). Аҷамӣ аз ёд намебарорад, ки бисёр калимаҳои арабӣ дар асл тоҷикӣ буда, арабҳо он калимаҳоро бо каме тағйири савтӣ аз аҷамиҳо гирифтаанд. Масалан, вожаҳои тоҷикии "сангу гил", "шакар", "найзагӣ", "мушк" ба арабӣ чун "сиҷҷил", "найза", "суккар", "миск" ворид шудаанд. Ниҳоят марди аҷамӣ ба араб мегӯяд, ки дар назди Худо ин тафовутҳо қадре надоранд:

Дар ҳашр на амволу на асбобу на амлок
Ояд ба бар, илло амали некиву имон.

Суннати мунозирагӯӣ дар тамоми давраҳои таърихи адабиёти форсу тоҷик давом кард. Бо таъсири адабиёти форсу тоҷик дар адабиётҳои туркизабон (ӯзбекӣ, озарбойҷонӣ) низ жанри мунозира пайдо шуда, арзи вуҷуд кард.

# НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ
# (1141–1209)



Абӯмуҳаммад Илёс писари Юсуф писари Закӣ писари Муайяд, ки бо тахаллуси Низомӣ машҳур гардидааст, соли 1141 дар Ганҷа чашм ба дунё кушодааст.

Падари Низомӣ аз аҳли фазл буд ва Юсуф писари Закӣ Муайяд ном дошт. Модари шоир аз деҳоти атрофи Ганҷа, ба қавли худи ӯ раисаи курд буд. Курдҳо халқи эронинажод мебошанд.

Илёс дар хурдӣ аз падар ятим монд. Дере нагузашта ӯ аз модар низ маҳрум гашт. Бинобар ҳамин тарбияи минбаъдаи ӯро тағояш Хоҷа Умар ба ӯҳда гирифт. Ин марди ғамхор ва меҳрубон хоҳарзодаи худро натанҳо ба зери ҳимоят гирифт, балки ба ӯ имкон дод, ки илм омӯзад ва дониш андӯзад. Таҳсили ӯ пурра дар зодгоҳаш Ганҷа гузашт. Ӯ дар давоми умри худ фақат як бор бо таклифи султони Ироқ Туғрилшоҳ (1176-1194) ба Табрез сафар кард. Озарбойҷон низ дар итоати Туғрилшоҳ буд. Ӯ пойтахти худро гоҳе дар Ҳамадон ва гоҳе дар Табрез қарор медод. Ин сафари шоир соли 1186 воқеъ гардида буд. Дар ин вохӯрӣ ҳокими маҳаллӣ Қизил Арслон (1186-1191) низ ҳузур дошт. Низомиро султон бо шукӯҳу азамат пешвоз гирифт. Вақте ки Низомӣ ба ҳузури ӯ даромад, дид ки мутрибон ғазалҳои ӯро мехонанд. Ба ӯ тӯҳфаҳо дода мешуд. Вале Низомӣ натавонист, ки аз се рӯз бештар дар даргоҳи ҳокимон монад. Вай ба Ганҷаи азизи худ баргашт.

Сабаби аз даргоҳи ҳукмронон ба Ганҷа баргаштани Низомӣ он буд, ки ӯ бо вуҷуди бо ҳокимон муносибати хуб доштан озодӣ ва сарбаландиро аз шукӯҳу шавкати дурӯғини дарбор боло мегузошт. Вай медонист, ки қаноат, фурӯтанӣ ва бо меҳнати ҳалоли худ баҳри мардум зиндагӣ кардан ҳазорҳо бор аз маддоҳӣ карда, кайфу сафо варзидан беҳтар аст. Аз ҳамин сабаб вақте ки ҳокимон ашъори ӯро писандида, худашро ба дарборашон ҷалб карданӣ мешуданд, ӯ ин навъ даъватҳоро намепазируфт. Вай бо дурӣ ҷустан аз дарбор қонеъ намешуд. Шоир

гардон будани бозори зулмро дида, ба ҳокимони замони худ панд медиҳад, ки аз ин қабоҳат шарм доранд:

Моли ятимон ситадан[1] кор нест,
Бигзар, ин одати аҳрор[2] нест,
Маскани шаҳрӣ зи ту вайрона шуд,
Хирмани деҳқон зи ту бедона шуд.

Шоири назарбаланди натанҳо худаш хизмати подшоҳонро қабул накард, балки писарашро низ насиҳат дод, ки ба кори пасте, ки инсонро аз ҷиҳати рӯҳонӣ мутеъ, хушомадгӯ, тамаллуққор ва хор мегардонад, наравад. Худи Низомӣ қариб тамоми умр дар зодгоҳаш гӯшанишинӣ мекард. Вале ин гӯшанишинии ӯ маънои тарки дунё карданро надошт. Вай дар кунҷи хилват рӯзе бо як мушт писти ҷавин, яъне як мушт талқони ҷав қаноат карда, ба омӯхтани илм ва эҷоди асарҳои ҷаҳоншумул машғул мешуд. Шоир аз гӯшанишиниҳояш борҳо хабар медиҳад:

Гули раъно даруни ғунча ҳазин
Ҳамчу ман гашта эътикофнишин[3].
Ин маънӣ дар байти зер низ таъкид шудааст:
Манам рӯй аз ҷаҳон дар гӯша карда,
Кафе писти ҷавин раҳтӯша карда.

Ӯ гушанишиниро барои ба халқ нафъ расондан ихтиёр карда буд, зеро ақида дошт, ки одамизод на барои хӯрду хоб, балки барои корҳои бузург офарида шудааст:

Одамӣ н-аз пайи алафхорист,
Аз пайи зиракию ҳушёрист.
Саг бар он одамӣ шараф дорад,
Ки чу хар дида бар алаф дорад.
Кӯш, то халқро ба кор ойӣ,
То ба хулқат ҷаҳон биёроӣ!

Ҳокими Дарбанд Байбарс ибни Малик Музаффар (1155-1170), бо мақсади Низомиро ба дарбори худ ҷалб кардан, соли 1169 дар қатори тӯҳфаю ҳадяҳои дигари худ ба ӯ канизакеро, ки Офоқ ном дошт, низ фиристод. Офоқ аз қабилаҳои туркҳои қипчоқ буд. Низомӣ ба ин духтар хонадор шуд. Ӯро "бути қипчоқ" номида, бисёр дӯсташ медошт. Офоқ писаре таваллуд кард. Шоир писари худро Муҳаммад ном ниҳод. Падари хирадманд писари ягонаашро нозпарвар накарда, ба тарбияи ҳартарафаи ӯ машғул шуд. Муҳаммад, ки писараки боадаби зираку ҳушёр буд, бо ҷиддият илм меомӯхт, шеър менавишт, саъй менамуд, ки сазовори номи падари худ бошад. Насиҳатҳои Низомӣ ба писараш дар ганҷинаи афкори ахлоқии мо мисли дурдонаҳо ҷило медиҳанд. Вақте ки онҳоро мехонем, гумон мекунем, ки падари худамон ба мо панди судманде медиҳад, ки

---

[1] **Ситадан** - ситондан.
[2] **Аҳрор** - ҷамъ ҳур - озодагон.
[3] **Эътикофнишин** - гӯшанишин, хилватнишин.

одами боадаб ва сазовори даврони худ бошем, илм омӯзем ва ба мамлакат фоида расонем. Ӯ дар насихати фарзанди худ Муҳаммади Низомӣ мегӯяд:

Он рӯз, ки ҳафтсола будӣ,
Чун гул ба чаман ҳавола будӣ.
В- акнун ки ба чордаҳ расидӣ,
Чун сарв ба авҷ сар кашидӣ.
Ғофил манишин, на вақти бозист,
Вақти ҳунар асту сарфарозист.
Дониш талабу бузурги омӯз,
То беҳ нигаранд рӯзат аз рӯз.
Ному насабат ба хурдсолист,
Насл аз шаҷари бузург холист.
Ҷое, ки бузург боядат буд,
Фарзандии ман надорадат суд.
Чун шер ба худ сипаҳшикан бош,
Фарзанди хисоли хештан бош!...
Мекӯш ба ҳар варақ, ки хонӣ,
К-он донишро тамом донӣ.

Завҷаи Низомӣ Офоқ соли 1180 вафот кард. Шоир аз марги ӯ сахт аламзада шуда, аҳволи рӯҳиашро дар достони Хусрав ва Ширин бо андӯҳ ба қалам медиҳад.

Низомӣ бо адибони номдори ҳамасраш Абулъалои Ганҷавӣ, Муҷири Байлақонӣ, Камол Исмоил ва дигарон ошноӣ дошт. Бо шоири машҳур Хоқонии Шервонӣ (1120-1199) дӯст буд. Аз ин ҷиҳат аз марги ин дӯсти бузургвораш ғусса хӯрда, навишта буд:

Ҳаме гуфтам, ки Хоқонӣ дареғогӯи ман бошад,
Дареғо, ман шудам охир дареғогӯи Хоқонӣ.

Низомӣ 12 марти соли 1209 дар Ганҷа аз олам гузашт. Ҳоло дар болои турбати ӯ мақбараи мӯҳташаме қад афрохтааст.

Халқи Озарбойҷон ба Низомӣ эҳтироми бузурге дорад. Дар Ганҷа ва Боку ҳайкалҳои мӯҳташами шоир гузошта шудаанд. Дар ин ду шаҳр музейҳои Низомӣ мавҷуд аст. Доир ба зиндагӣ ва эҷодиёти Низомӣ бисёр асарҳои илмӣ ва бадеӣ навишта шудаанд.

Барои мардуми тоҷик Низомӣ бисёр азиз аст, зеро Низомӣ дар мактаби бузурги адабиёти тоҷику форс тарбия ёфта, ба забони форсӣ асар эҷод кардааст ва аз ин ифтихор дорад:

Низомӣ, ки назми дарӣ кори ӯст,
Дарӣ назм кардан сазовори ӯст.
Чунон гӯяд ин номаи нағзро,
Ки равшан кунад хонданаш мағзро.

Асарҳои Низомӣ борҳо чоп карда шудаанд. Драмаи тоҷикии Хусрав ва Ширин, балети Лайлӣ ва Маҷнун ва ғайра дар асоси достонҳои Низомӣ ба вуҷуд омадаанд.

## Эҷодиёти шоир

Низомии Ганҷавӣ дар адабиёти ҷаҳон бо достонҳои худ машҳур аст. Вале ӯ ҳанӯз дар овони ҷавонӣ эҷодиёти худро аз сурудани шеърҳои лирикӣ шурӯъ карда буд. Вай аввал ғазалу рубоиҳои ошиқона мегуфтааст.

Ёдгории ҷовидонии Низомӣ ҳамоно Хамсаи безаволи ӯст, ки аз маснавиҳои Махзан-ул-асрор, Хусрав ва Ширин, Лайлӣ ва Маҷнун, Ҳафт пайкар ва Искандарнома иборат мебошад.

**ХАМСА** калимаи арабӣ буда, маъноящ панҷгона аст. Ин ном аз он гирифта шудааст, ки панҷ маснавии Низомии Ганҷавӣ чун як китоби томе, ки иборат аз панҷ қисм аст, дониста мешавад. Маҳз барои панҷ маснавии пурҳикматро фаро гирифтани Хамса онро ба тоҷикӣ Панҷ ганҷ низ мегӯянд. Ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ дар рӯзгори Низомӣ Хамсаро ҷамъ накарда буданд, ҳар як достон ҷудо буд. Баъд ин панҷ китобро дар як ҷилд ҷамъ карданд, аҳли адаб онро Хамса ном ниҳоланд. Баъди Низомӣ навиштани Хамса дар адабиёти тоҷику форс ва баъзе адабиётҳои туркизабон анъана шуд.

Устод С. Айнӣ барҳақ гуфта буд: Хамсаи Низомӣ аз он ҷумла асарҳоест, ки адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ба онҳо фахр мекунад, Хусрав ва Ҷомӣ барин классикҳои мо Низомиро тақлид карда, Хамсаҳо навишта, табъозмоӣ кардаанд". Дар адабиёти форсу тоҷик ба ғайр аз Хусраву Ҷомӣ боз бисёр дигарон ба асарҳои Низомӣ пайравӣ кардаанд. Дар пайравии Махзан-ул-асрор қариб ҳаштод, дар пайравии Хусрав ва Ширин қариб панҷоҳ ва дар пайравии Лайлӣ ва Маҷнун зиёда аз сад асар навишта шудааст.

Баъдтар дар адабиётҳои туркизабон низ дар пайравии асарҳои Низомӣ гоҳе Хамса (Навоӣ) ва аксар достонҳои алоҳида (Қутб, Фузулӣ ва дигарон) ба майдон омадаанд. Ин ҳолатро дар адабиёшиносӣ назирасароӣ ё ҷавобнависӣ мегӯянд. Талаби назирнависӣ аз он иборат аст, ки шоири назирагӯ аксар вазн ва мазмуни асосии достони тақлидшавандаро нигоҳ дошта, маҳорати худро дар сухан, тавчеҳи нави ҷузъиёт ва тарзи нави бандубаст ва шикастурехти асар нишон медиҳад.

**БАХШҲОИ ХАМСА** Нахустин маснавии Хамса Махзан-ул-асрор, яъне Хазинаи сирҳо ном дорад, ки соли 1176 таълиф шудааст. Он яке аз асарҳои ахлоқӣ ва фалсафӣ ба забони форсии дарии тоҷикӣ мебошад, Низомӣ Махзан-ул-асрорро аз ҷиҳати мазмун дар пайравии Ҳадиқат-ул-ҳақиқат (Боғи ҳақиқат)-и Саноӣ навиштааст. Он 2260 байтро фаро гирифта, аз 20 боб иборат аст. Ҳар як бобро шоир мақола меномад.

**Махзан-ул-асрор** сюжети муайян надорад. Мақолаҳои он ба масъалаҳои офариниши олам, ситоиши сухан, ҳақиқати ҳастӣ, ишқ,

адолат, усули мамлакатдорӣ, муносибати фард ва ҷомеа, раиятпарварӣ, некӣ, саховат, сабр, одамият ва амсоли инҳо бахшида шудаанд. Муаллиф зулму ҷавр, нифоқ, хиёнат, ғафлат, рашку ҳасад, худписандӣ, танбалӣ, бадию зиштиро маҳкум менамояд. Мақолаҳои алоҳида ба меҳнат ва аҳамияти он дар зиндагӣ, тараннуми дӯстӣ, тарғиби хизмат ва ғамхорӣ кардан ба одамон, раҳм кардан ба ҷонварон ва таҳқиқи муносибати инсон бо табиат хос гардонда шудаанд. Баъди қисмати назарии ҳар мақола шоир барои тасдиқи фикри худ ҳикоятҳои тамсилӣ меорад. Ҳикоятҳои Подшоҳи ноумед, Нӯшервони одил ва вазир, Подшоҳи золим бар зидди ҷавру зулм нигаронда шудаанд. Ин мазмуни сарзанишомез хусусан дар ҳикояти Достони пиразан ва Султон Санҷар барҷаста ифода гардидааст. Санҷар (1117-1157) аз подшоҳони замони Низомӣ буд.

**Муаллифи Махзан-ул-асрор** ба меҳнат, ки офарандаи бойгарии ҷамъият аст, аҳамияти махсус дода, дар ситоиши меҳнати ҳунарманд, хиштрез, меъмор, олим, муҳандис ва кишоварз (деҳқон) суханро дареғ намедорад. Маснавии дуюми Хамсаи Низомӣ Хусрав ва Ширин аст. Ҳаҷмаш қариб 6500 байт буда, соли 1181 суруда шудааст. Баъди ин Низомӣ соли 1188 достони Лайлӣ ва Маҷнунро навишт, ки он бештар аз 4000 байтро фаро мегирад. Достони чоруми Хамса Ҳафт пайкар аст, ки аз 5200 байт иборат буда, соли 1197 поён пазируфтааст. Азбаски дар он саргузашти Баҳроми Гӯр нақл карда мешавад, он бо номи Баҳромнома низ маълум аст. Ин се маснавии Низомӣ достонҳои ишқӣ мебошанд.

Искандарнома қисмати панҷуми Хамса аст. Он қариб 10500 байт буда, аз ду қисмат иборат аст. Достон аз саргузашти Искандари Мақдунӣ (356-323 пеш аз милод) ҳикоят мекунад. Қисми аввал, ки Шарафнома унвон дорад, саргузашти замони кӯдакӣ, ҷавонӣ, лашкаркашиҳо ва ҷаҳонкушоиҳои Искандарро фаро мегирад. Қисми дуюми достони Искандарнома, ки Иқболнома номида мешавад, асосан аз сӯҳбатҳои илмӣ, таҷрибаандӯзиҳо, маҷлисҳои баҳси донишмандони даргоҳи Искандар ва вафоти ӯ нақл мекунад.

Хамсаи Низомии Ганҷавӣ офаридаи табъи саршору тавоноест, ки бо рангинии мазмун, тозагии санъат, дороии забон, пардози сухан ва маҳорати нигорандагии муаллиф машҳур гардидааст. Дар он масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ ва ахлоқӣ гузошта шуда, шоир дар зимни тасвири вақоеъи достонҳои худ аз маталиби ахлоқу ҳикмат дам зада, панд медиҳад, ки кас набояд коҳилу ғофил ва танпарвару ҷоҳил бошад. Аз ин рӯ, ӯ хоинию беҳунарӣ ва бухлу ҳасадро маҳкум карда, мардумро ба кӯшишу кор, омӯхтани илму дониш, ғанимат донистани умр, покии ахлоқ, шарму ҳаё, ҳақиқат ҷӯиву некӯкорӣ ва ғамхорӣ ба одамон тарғиб намуда, подшоҳонро ба адолатпарварӣ ва саховату раиятпарварӣ ҳидоят мекунад. Вай орзуманди он аст, ки мамлакат ообод, халқ некӯаҳвол, илму дониш пешрав бошад. Мағзи достони

Махзан-ул-асрорро ситоиши адл ташкил карда, тасвири ақли зан, шахсияти бузург, кордонӣ, тарбияттарӣ ва ҳусни ӯ дар симои Ширин ва офаридани чеҳраи ҳунарманди халқӣ Фарҳод дар Хусрав ва Ширин бозёфти бадеии Низомист. Сӯзу гудози ишқ риштаи достони Лайлӣ ва Маҷнунро ба ҳам пайваста, гуволиши Баҳроми Гӯр аз як шахси сабукфикри шикордӯсти моҷарҷӯ то ба дараҷаи як шоҳи одил дар Ҳафт пайкар масоили адлу инсоф ва халқпарварию ватанхоҳиро амиқтар мегузорад. Низомӣ ба васила достонҳои худ ишқро ба ахлоқ табдил медиҳад. Шоир дар бахши аввали Искандарнома, Шарафнома, лашкаркашиҳои ҳарбии Искандарро ба Мисру Эрон, Озарбойҷону Ҳуросон ва Ҳиндустон тасвир карда, шуҷоату мардонагӣ ва кордониву фуқародӯстии ӯро ба қалам медиҳад. Вале дар Иқболнома, ки бахши дуввуми Искандарнома аст, ӯ ба масъалаҳои сулҳу ҷанг, дониш ва хирад бештар аҳамият дода, дар охир аз талқини шоҳи одил ба дараҷаи тасвири кишвари бешоҳу гадо ва ҷамъияти баробарии инсонҳо мерасад. Дар Шарафнома Низомӣ ба ҳам вобаста будани наслҳои гуногуни инсонҳоро ин тавр ба қалам медиҳад:

Зи боге, ки пешинагон коштанд,
Пасояндагон мева бардоштанд.
Чу кишта шуд аз баҳри мо чанд чиз,
Зи баҳри касон мо бикорем низ.
Чу дар кишту кори ҷаҳон бингарем,
Ҳама деҳ кашоварзи якдигарем.

Достонҳои Хамсаи Низомӣ аз шоҳкориҳои адабиёти дунё мебошанд. Мутафаккири бузурги Озарбойҷон Мирзо Фатҳалӣ Охундов гуфта буд: "Назме, ки ҳусни мазмун ва ҳам ҳусни алфоз дошта бошад, мисли Шоҳномаи Фирдавсӣ, Хамсаи Низомӣ ва Девони Ҳофиз аст, ки он назми нишотафзо, ваҷдовар ва мусалламӣ кул аст".

**ЛАЙЛӢ ВА МАҶНУН** Яке аз достонҳои ишқии фоҷиавии ҳузнангези Хамса достони Лайлӣ ва Маҷнун аст. Он аз муҳаббат ва саргузашти ошиқу маъшуқа Маҷнун ва Лайлӣ ҳикоят мекунад. Баъди бобҳои анъанавӣ лавҳаҳои достон бо суръати драматикие, ки фоҷиаро наздик мекунад, аз пеши назар мегузаранд: сардори бадавлати қабилаи банӣ-Омирӣ аз Худо фарзанд металабад. Пас аз назру ниёзҳо писари ӯ Қайс ба дунё меояд. Қайсро ба мактаб медиҳанд. Дар мактаб ӯ ба Лайлӣ дил мебандад. Лайлӣ духтари бисёр хушрӯ, боадаб ва боақл буд:

Лайлӣ, ки ба хубӣ ояте буд,
Ангушткаши вилояте буд.

Лайлӣ ва Маҷнунро аз ҳам ҷудо мекунанд. Лайлиро барои Маҷнун хостгорӣ менамоянд. Аммо падари Лайлӣ розӣ намешавад. Қайс шайдо мегардад, ӯро девона-Маҷнун лақаб мегузоранд. Хешони Маҷнун ба нияти шифо ва наҷот ӯро ба Каъба мебаранд. Ҳангоми

зиёрат Маҷнун мадади ишқашро металабад. Дар ин миён Навфал мехоҳад, ки ба Маҷнун ёрӣ расонад. Аммо наметавонад. Аз ин девонагии Маҷнун меафзояд. Маҷнун сар ба биёбон мезанад. Падари Лайлӣ вайро ба ҷавоне, ки Ибни Салом ном дошт, бар хилофи хоҳиши Лайлӣ ба шавҳар медиҳад. Ин вазъи дилбохтагонро ногувор мегардонад. Аммо шавҳари Лайлӣ ба бемеҳрии вай тоб наоварда, вафот мекунад. Лайлӣ низ, ки аз азобҳои ҷонкоҳ ба ҷон расида буд аз олам мегузарад. Хабари марги Лайлиро шунида, Маҷнун ба сари гӯри вай меояд, онро оғӯш намуда, ҷон медиҳад. Ҷасади Маҷнун як сол дар турбати Лайлӣ мехобад.

Ҳарчанд дар достон аз ибтидо то интиҳо тасвири нокомию ҳирмон, маҳрумию ҳиҷрон ва зорию нолаи ҷонсӯзи дилдодагон бисёр асту иштироккунандагон як-як паси ҳам мемиранд ва анҷоми достон низ ниҳоят ғамангезу ҳузновар поён мепазирад, асар рӯҳияи некбинона дорад. Дар он умед қувваи таҳрикдиҳанда буда, ҳамаи қаҳрамонҳои он бо умеди расидан ба рӯзи нек умр мегузаронанд. Умедро ишқ ато мекунад.

Ишқи Лайлию Маҷнун омехтаи покию иффат, мубарро аз шаҳвату ҳавас ва ҳавою нафс аст, ки ғаммозию дасиса, урфу одат, рақобати аҷдодию табақавӣ ва таънаю бадгӯиро намеписандад. Ишқи онҳо ба ошиқу маъшуқа илҳом мебахшад. Дар ҳамин роҳ хислати Маҷнун ва Лайлӣ ташаккул меёбад.

Маҷнун донишманду шоир, росткору мудаббир аст. Аммо садоқату вафодорӣ ва устуворӣ дар сари аҳд сифатҳои олитарини ӯст. Лайлӣ, духтари зеборӯйи барои Маҷнун ёри мувофиқ аст. Дар аҳду вафо баробари ӯст, дар илму шеър мисли ӯ маҳорат дорад. Вале гоҳе аз Маҷнун бартарӣ дорад, аз вай дида бештар кӯшост, ҷафои атрофиёнро зиёдтар таҳаммул менамояд, бисёртар тадбир меҷӯяд. Хусусан вақте ки ӯ ба Ибни Салом сар нафуроварда, барои муҳофизати шарафу номуси худ ӯро торсакӣ мезанад ва баъдтар Маҷнунро ба мулоқот даъват менамояд, симои ӯ боз ҳам дилработар ҷилвагар мешавад.

Чеҳраи падару модари Маҷнун ва модари Лайлӣ низ чун одамони ба фарзандашон мушфиқу меҳрубон нигошта шудаанд. Аз персонажҳои манфӣ фақат падари Лайлӣ амал мекунад. Лекин тамоми шароити мавҷуда, муҳит, расму одат, оину тартибот ва ақидаи зулмпарвару хафақоновари ҳукмрон бо кирдору рафтори ӯ созгор буда, қувваҳои некӣ дар он шароиту муҳит пахш карда мешаванд. Бузургии Низомӣ дар он аст, ки ғаму андӯҳ, зулму ҷавр ва истибдодро нишон дода истода, яъсу ноумедиро тарғиб намекунад, балки дар ивази қурбониҳо ва фоҷиаҳо афзудани умедро нишон медиҳад.

Бо таълифи достони Лайлӣ ва Маҷнун Низомии Ганҷавӣ дар таърихи достонсароии форсу тоҷик давраи наверо кушод. Ба туфайли ин асар дар адабиёти форсу тоҷик мақоми достонҳои ишқии романтикӣ афзуд. Дар чунин достонҳо мавзӯи ҷангу ҳамоса ба дараҷаи нестӣ

мерасад. Низомии Ганчавӣ бо кувваи тахайюли эчодӣ ва мувофики ниёзи маънавии замони худ, дар асоси ривоятхои парокандаю парешони арабӣ оид ба Лайлӣ ва Мачнун достони мукаммали аз чихати санъати сухан олӣ, мазмунан амиқ ва аз рӯи гоя баланде офарида, ин киссаро дар адабиёти чахон човидон гардонид. Ҳамаи достонхои минбаъдаи хамноми дунё бо достони Лайлӣ ва Мачнуни Низомии Ганчавӣ алоқаманд буда, дар чавоб, пайравӣ, таклид ё дар асоси он навишта шудаанд. Дар қасидаю ғазар ва достонхои дигар низ аксар вакт тачаллие аз Лайлӣ ва Мачнуни Низомии Ганчавӣ дида мешавад.

Достони Хусрав ва Ширин дуввумин маснавии Хамсаи Низомии Ганчавӣ буда, шоир ба сурудани он соли 1177 оғоз намуда, соли 1180 ба итмом расонд. Ҳачми достон 6500 байт аст. Шоир баъди тамом шудани достон онро ба хокими Озарбойчон Атобак Шамсиддин Муҳаммад Чахонпахлавон (1174-1186) бахшида буд. Вале соли 1186 шоир ба хузури бародари Чаҳонпахлавон Қизил Арслон (1186-1191) даъват шуда, ин таклифро пазируфта, ба он чо рафт ва ба сӯхбати Қизил Арслон расид. Баъди баргаштан ба Ганча ӯ чанд байте оид ба ин вохӯрӣ навишта, ба Хусрав ва Ширин илова намуд. Дар хамин порча Низомӣ хабар медихад, ки Чаҳонпахлавон ба ӯ дехаи хамдӯниёнро хадя карда буд, вале ӯ аз он бахрае набурдааст.

Низомии Ганчавӣ мувофики анъанаи достонсароии асримиёнагии точику форс пеш аз накли саргузашти Хусрав ва Ширин ва баъди ба охир расидани он чандин бобро ба он илова кардааст, ки ба мазмуни асосии достон алока надоранд. Дар ин бобхо, ки дар якчояги 1043 байтро фаро мегиранд, шоир акида ва афкори худро оид ба бисёр масъалахои фалсафӣ, ичтимоӣ, сиёсӣ ва ахлоқӣ баён мекунад. Аз ин бобхо махсусан боби "Сухане чанд дар ишқ" шоистаи диккат аст. Дар ин боб Низомӣ ишкро мояи хастию офариниш ва кувваи чозибаи пешбарандае шумурда, таъкид менамояд, ки махз ишқ моҳияту сиришти инсонро муайян карда, хислати ӯро ташаккул медихад. Ишки Хусрав ва Ширин нисбат ба якдигар хамин навъ ишкест, ки мояи зиндагӣ ва хастии онхост.

Ба тарзи дигар гӯем, мавзӯи асосии Хусрав ва Ширини Низомӣ ишк буда, шоир бо сурудани он ба мактаби нави достонхои лироэпикӣ дар адабиёти точику форс асос гузошт.

**ХУСРАВ ВА ШИРИН**

Хусрав ва Ширин намунаи барчастаи достонхоест, ки бо услуби романтикӣ нигошта шудааст, яъне дар он на вокеахои реалистии зиндагӣ, балки саргузаштхои дилхохи шоир ва орзую омоли ӯ доир ба қахрамонхояш чои асосиро мегирад. Вале ӯ хангоме, ки дар бораи вокеахои замони худ сухан меронад, навиштахояш реалистист.

Ба хамин тарик Хусрав ва Ширин достонест, ки аз чандин унсур

таркиб ёфта, чун асари мукаммалу аз ҷиҳати сохт мураккаб сурат гирифтааст.

Қиссаю афсонаҳо ва ривояту воқеаномаҳои зиндагии Хусрав ва зани дӯстдоштаи ӯ Ширин дар китобҳои таърих мавҷуд буданд. Фирдавсӣ нахустин бор онҳоро ба назм даровардa, дар Шоҳнома ҷой дод. Бар замми ин дар адабиёти лафзии халқ, аз ҷумла фолклори халқҳои Кавказ, қиссаю афсонаҳои зиёд мавҷуд буданд. Низомӣ ҳамаи инро медонист ва онҳоро меписандид. Ӯ беҳуда намегӯяд:

Ҳадиси Хусраву Ширин ниҳон нест,
В-аз он ширинтар, алҳақ, достон нест.

Қаҳрамони асосии достони Хусрав ва Ширини Низомӣ Хусрави Парвиз аслан шахси таърихӣ буда, соли 590 ба тахти подшоҳони сосонӣ нишастааст. Соли 628 писараш Шерӯя ӯро кушта буд. Ин подшоҳ дар ҳақиқат ҳам бо номи Ширин зане доштааст, ки аз Бардаъ будааст. Ба ақидаи Низомӣ Фирдавсӣ ҳангоми назми ин достон аз ишқи Хисраву Ширин сарфи назар кардааст:

Ҳакиме, к-ин ҳикоят шарҳ кардаст,
Ҳадиси ишқ аз эшон тарх кардаст.

Низомӣ дар достони худ гуфтаҳои Фирдавсиро такрор намекунад. Фирдавсӣ асосан ба тасвири давлатдорӣ ва тадбирҳои Хусрав дар пойдор нигоҳ доштани давлат ва ҳукумат аз тарафи Хусрав пардохта буд. Низомӣ дар асоси нусхаҳое, ки дар шаҳри Бардаъ - пойтахти Аррону Арманистон, ки дар вақташ аз кишварҳои тобеи Сосониён буд, ба дасташ афтода буданд, маҳз ишқномаи Хусрав ва Ширинро ба риштаи назм кашидааст:

Нагуфтам  ҳар чӣ доно гуфт аз оғоз,
Ки фаррух нест гуфтан гуфтаро боз.
Дар он ҷузве, ки монд аз ишқбозӣ,
Сухан рондам, ният бар марди ғозӣ.

Воқеаҳои достони Низомӣ дар Эрони қадим, ки пойтахташ Мадоин буд, Арманистону Аррон, ки марказаш Бардаъ буд, мегузаранд. Достони Хусрав ва Ширини Низомӣ дар ҳақиқат ишқнома аст. Воқеаҳо ва шахсони таърихӣ барои ӯ воситае шудаанд, ки хислатҳои барҷастаи инсонро нигошта, моҳияти зиндагӣ ва масъалаҳои ахлоқию иҷтимоиро тадқиқ намояд. Мазмуни мухтасари достон чунин аст:

Баъд аз сари Кисро Ҳурмуз ба тахти подшоҳии Сосониён нишаст. Ӯ назру қурбониҳо дода, соҳиби писаре шуд. Ӯро Хусрави Парвиз ном ниҳоданд:

Падар дар Хусравӣ дида тамомаш,
Ниҳода Хусрави Парвиз номаш.

Дар тифлӣ Хусравро чандин доя тарбия карданд. Дар шашсолагӣ падар ӯро ба ихтиёри омӯзгор дод. Хусрав даставвал илмҳои адабиро

омӯхта, дар фасоҳат устод гардид. Дар нӯҳсолагию даҳсолагӣ илми ҷангро аз худ кард. Дар 14-солагӣ илми ҳисобро омӯхт. Баъд аз Бузургмеҳр, ки вазири Ҳурмуз буд, ҳикмату фалсафаро ёд гирифт. Ба ҳамин тариқ Хусрав то 18-солагӣ ҳамаи илмҳоро омӯхта, чун ҷавони зираку чолок ва далеру боақл ба воя расид ва бо ҳамин ин ҷавони зебо барои иҷрои корҳои давлатӣ тайёр шуд.

Баъди аз таҳсили илмҳои зарурӣ фориғ шудан Хусрав ба сайру гашт ва маишат машғул шуд. Боре ӯ субҳгоҳон ба деҳе даромада, ба ишрат пардохт. Аспи ӯ майсаи деҳқонро хӯрда поймол кард. Ғуломону сипоҳиёни Хусрав гӯраҳои боғи деҳқонро ғорат карданд. Ба ҳамин қонуни адолат вайрон карда шуд. Аз ин худсарии Хусрав ба Ҳурмуз хабар доданд. Ҳурмуз Хусравро сиёсат намуда, фармон дод, ки аспи ӯро пой буррида, ғуломонашро ба ҷазо расонанд ва тахташро ба деҳқон диҳанд. Фармон иҷро шуд. Хусрав назди шоҳ тавба кард. Пирон аз ҷониби ӯ узр хостанд. Шоҳ Хусравро авф намуда, валиаҳди худ таъин кард:

Сараш бӯсиду шафқат беш кардаш.
Валиаҳди сипоҳи хеш кардаш.

Боре Хусрав бобояш Нӯшервонро дар хоб дид. Ӯ ба вай башорат дод, ки ба тахт ва ба Шабдез хоҳад расид ва соҳиби арӯси зебо ва мутриби беҳамтое хоҳад шуд, ки Борбад ном дорад.

Хусрав Шопур ном надими хосе дошт. Шопур дар суратгирӣ ва рассомӣ мисли Монӣ устод буд. Вай марди ҷаҳондидае буд. Рӯзе ӯ ба Хусрав нақл кард, ки дар мулки Арман Шумайро ном шоҳзане ҳаст, ки аз Аррон то ба Арман тобеи ӯст. Чун шаҳбонуи бузург аст, ӯро Меҳинбону мегӯянд. Ӯ Ширин ном додарзодае дорад. Ширин дар ҳусну ҷамол бебадал буда, ҳамеша бо ҳафтод духтари рӯйнавозу раққоса, ки канизакони ӯянд, дар гулгашту саҳроҳо сайр карда мегардад. Меҳинбону Шабдез ном аспи бодпои мушкинфоми беҳамтое дорад, ки онро ба Ширин бахшидааст:

На ширинтар зи Ширин халқ дидам,
На чун Шабдез шабранге шунидам.

Аз ин нақл Хусрав ба Ширин ғоибона чунон ошиқ шуд, ки сабру қарорро аз даст дод ва Шопурро барои овардани Ширин ба Арманистон фиристод.

Шопур ба Арманистон рафта, хабар ёфт, ки Ширин дар наздикии кӯҳи Албурз иқомат доштааст ва ҳар рӯз бо ҳамон ҳафтод духтари зебо дар сабзазорон базм ороста мегаштааст. Ин духтаракон на танҳо оҳухиром, балки шерзӯр низ будаанд ва ба шикор ҳам машғул мешудаанд. Шопур макони онҳоро пайдо карда, сурати Хусравро бо устодӣ кашида, дар гузаргоҳи онҳо ба дарахте часпонд ва худ пинҳон шуд. Тасодуфан назари Ширин ба он сурат афтод. Канизакон аз бими он ки мабодо бонуяшон ба он тасвир ошиқ шавад, суратро нест карда, ба ҷои дигар кӯчиданд. Шопур манзили нави онҳоро ёфта, амали худро

такрор кард. Духтарон боз суратро нобуд карда, ҳамроҳи маликаашон ба ҷои дигар кӯчида, дар дашти Анчарак қарор гирифтанд. Сурат боз пайдо шуд. Ширин ин дафъа маҳви тамошои сурат шуда, ба он шефта гардид. Ӯ илоҷе меҷуст, то кӣ будани ҷавони дар сурат акс ёфта, эҷодкор ва сирри онро фаҳмад. Вале он сир дер ошкор нашуд. Ширин дар изтироб афтод. Ниҳоят Шопур рӯзе худро намуд. Ширин аз ӯ дар бораи сурат пурсид. Шопур дар бораи кӣ будани Хусрав ва ошиқи ғоибонаи Ширин будани ӯ хабар дод. Ширин аз нақлҳои Шопур ба ҳаяҷон омада, ғоибона ба Хусрав меҳр баста, тоқату қарорро аз даст дод.

Бо маслиҳат ва раҳнамоии Шопур Ширин аммаашро партофта, савори Шабдез барои дидани Хусрав роҳи Мадоинро пеш гирифт. Аз ин рафтори ӯ Меҳинбону хеле ғамгин шуд. Дар ин миён Хусрав ба номи худ тангаи пӯлодин сикка зад. Ин нишонаи ҳукуматталабии ӯ буд. Падараш аз ин рафтори ӯ хавф бурда хост, ки ӯро ҷазо диҳад. Аз ин нияти падар Бузургмеҳр, ки вазири ӯ буд, Хусравро огоҳ намуд. Хусрав аз бими ҷазои падар ба сӯи мулки Арман гурехт. Дар роҳ Хусрав Ширинро ҳангоми оббозӣ дид. Ширин низ ӯро дид. Вале азбаски онҳо ҳамдигарро нашинохтанд, ҳамгап нашуда, ҳар кадоме роҳи худро давом дод. Ширин ба Мадоин расиду Хусрав ба Арманистон. Азбаски наздикони Хусрав аз ишқи ӯ ба Ширин огоҳ буданд, ӯро ба хубӣ пешвоз гирифтанд. Вале занҳои ҳарамсаро ба ӯ рашк мебурдагӣ шуданд. Ширин талаб намуд, ки барояш қасри алоҳида созанд. Бо дасисаи канизакҳо барои Ширин на дар ҷои хушобу ҳаво, балки дар биёбоне даҳ фарсанг берун аз Кирмоншоҳ қаср сохтанд, ки он ҷо ҳатто барои чорво чарогоҳе вуҷуд надошт.

Хусрав ба Арманистон расида, баъди чанд рӯз меҳмонӣ бо таклифи Меҳинбону ба Бардаъ рафт. Шопур он ҷо пайдо шуд. Вай шабе ҳангоми базм Хусравро аз он огоҳӣ дод, ки Ширин ба Мадоин рафт. Хусрав Шопурро ба аспи дӯстдоштааш Гулгуни Меҳинбону савор карда, барои Ширинро ба Бардаъ овардан ба Мадоин фиристод. Шопур фармонро ба ҷо овард. Вале дар ин миён ҷаври Ҳурмуз ба халқ аз ҳад гузашт. Мухолифонаш ба чашмони ӯ мил кашида куштанд. Хусрав бо шунидани марги падар Ширинро надида, зуд ба Мадоин баргашт ва тахти падарро соҳиб шуд. Овозае шуд, ки Хусрав падарашро кушта, ба тахт нишастааст. Вай подшоҳиро бо адлу дод ва инсоф оғоз намуд. Вале дере нагузашта ба айшу шикор дода шуд. Ширинро низ аз хотир баровард. Яке аз сарлашкарони ӯ Баҳроми Чӯбина бо баҳонаи он ки зулми Хусрав аз ҳад гузашт ва ӯ ноҳақ ба чашмони падараш нил кашида, ӯро куштааст, ба муқобили ӯ шӯриш бардошт. Ба ақидаи ӯ:

К-аз ин кӯдак ҷаҳондорӣ наёяд,
Падаркуш подшоҳиро нашояд.
Бар ӯ як ҷуръа май ҳамранги озар
Гиромитар зи хуни сад бародар.

Хусрав ба исёни Баҳроми Чӯбина тоб оварда натавониста, маҷбур шуд, ки боз ба паноҳи Меҳинбону гурезад. Вай ба Муғони Озарбойҷон, ки аз қаламравӣ Меҳинбону буд, худро расонд.

Дар яке аз шикоргоҳҳои Муғон Хусрав ва Ширин бо ҳам вохӯрданд. Ин лаҳза аз муассиртарин лаҳзаҳои достон аст.

Ширин аммаашро аз омадани Хусрав хабар дода, ӯро ба назди вай меҳмон бурд. Меҳинбону духтару ҷавони сармасти ишқро дида, ба Ширин панд дод, ки мабодо фирефтаи Хусрав нашавад, зеро дар зиндагӣ ҷавонони бадмеҳру бадаҳд ва мағруру бевафо зиёд вомехӯранд. Аз ҳамин сабаб Ширин Хусравро аввал хуб санҷад. Агар эҳсоси ӯ ҷиддӣ бошад, каробатро бо ӯ давом диҳад. Меҳинбону таъкид намуд:

Ту худ донӣ, ки вақти сарфарозӣ,
Заношӯӣ беҳ аст аз ишқбозӣ.

Ширин қасам хӯрд, ки худ чунин фикр дорад. Меҳинбону иҷозат дод, ки дилбохтагон ҳамроҳ бошанд. Онҳо вақташонро ба ҷавгонбозӣ, шикор ва базм мегузарониданд. Боре дар сабзазор ба онҳо шер ҳамла овард. Хусрав аз ҳамият ҷӯшида, бе силоҳу зирех онро бо даст зада афтонда, пӯст канд. Рӯзҳои зиёде ба ин минвол гузаштанд. Боре Хусрав хост, ки аз Ширин ком ситонад. Ширин ишқу ҳавас, ишқу булҳавасӣ, ишқу бемулоҳизагӣ, ишқу шитоб ва ишқу бадномиро оштинопазир шумурда, Хусравро водор намуд, ки дар ин роҳ сабрро пеш гирад. Ширин ба Хусрав шарт гузошт, ки аввал тахти подшоҳиро ба даст даровардa, мулки падарашро аз фитна эмин гардонад. Хусрав ба ҷуз таслим шудан илоҷи дигаре наёфт. Вай барои ёрӣ ҷустан назди қайсари Рум рафт. Қайсар духтари худ Марямро ба Хусрав ба занӣ дода, лашкари бешумореро ба ихтиёри ӯ гузошт. Хусрав бо ин қувва ба Эрон лашкар кашида, Баҳроми Чӯбинаро шикаст дод ва тахти бобоиашро соҳиб шуд.

Вале фироқи Ширин ӯро азоб медод. Ширин ҳам дар ғами Хусрав месӯхт. Вале Меҳинбону ба ӯ панд медод, ки сабр кунад.

Меҳинбону аз олам гузашт. Ширин ба тахти подшоҳии Арман нишаст. Ӯ бо адлу инсоф ҳукм ронда, тамоми зиндониёнро озод кард. Вай як сол салтанат ронд. Аммо ба дарди ҳиҷрони Хусрав тоб оварда натавониста, мулки худро ба мавлое супурда, ба канизакон моли бисёр дода, дар рикобдории Шопур савори Гулгун худро ба Мадоин расонд ва дар қасри пештараи худ маскан гузид. Хусрав аз омадани Ширин хабар ёфта бошад ҳам, аз тарси Марям бо фиристодани паёме ба ӯ қонеъ шуд. Ширинро дар беруни шаҳр дар қасре ҷой доданд, ки домани кӯҳе дар дашти беобу хушк воқеъ гардида буд. Ӯ бо машаққат рӯз ба сар бурда, фақат аз шири гӯспандон ғизо мехӯрд. Чарогоҳ низ аз он ҷо хеле дур буд. Шопур маслиҳат дод, ки Фарҳоди кӯҳканро, ки ҳамроҳи ӯ дар Чин хонда, кӯҳбуриро омӯхтааст, даъват намуда, аз байни кӯҳҳои баланд ҷӯӣ гузаронанд, то ин ки шир бо он ҷӯи сангин

ба манзили Ширин ҷорӣ шавад. Фарҳод таклифи Ширинро бо хушнудӣ пазируфт.

Дар ин асно хабари марги Баҳроми Чӯбина ба Хусрав расид. Хусрав базм орост. Борбад, ки ромишгари овозадорӣ ӯ буд, бо ҳамроҳии мутрибону созандагони дигар садои созу сурудро ба фалак расонданд. Худи Борбад бо барбату рӯд аз "Сад достон" си наворо баргузида, базмро тасфонд. Хусрав баъди базм назди Марям аз Ширин қисса кушода хост, ки Ширинро ба хона орад. Аммо Марям ин хоҳиши ӯро қатъан рад намуда, савганд хӯрд, ки агар Ширин ба даргоҳи Хусрав наздик шавад, худро мекушад. Хусрав ноилоҷ монд.

Ширин аз бепарвоии Хусрав нисбат ба худ ба танг омада, Шопурро назди ӯ фиристод. Хусрав Шопурро фармуд, ки барои хилват гузидан Ширинро пинҳонӣ наздаш орад. Ширин ин таклифро дар ҳаққи худ таҳқир шумурда, рад намуд.

Фарҳод ба кор шурӯъ карда, ошиқи Ширин шуд. Вай дар муддати як моҳ аз чарогоҳ то ба наздикии қасри Ширин, ки дар водии харобе ҷойгир буд, бо тешаи худ ҷӯи сангине канда, дар охири он ҳавзе низ сохт. Ширин ба Фарҳод офарин хонда, ба ӯ чанд гавҳаре шабчароғ бахшид. Фарҳод онҳоро ба пеши пои Ширин партофта, роҳи саҳроро пеш гирифт. Вале шабҳо гирду атрофи қасри Ширин мегашт.

Аз ишқи Фарҳод ба Ширин Хусрав хабар ёфта, дар оташи рашк сӯхт. Вай Фарҳодро ба назди худ хонда, хост, ки тарсонда, ӯро аз ишқи Ширин даст кашонад. Фарҳод табиист, ки ин таклифи нанговарро рад кард. Пас Хусрав роҳи ҳиларо пеш гирифта, ба Фарҳод ваъда дод, ки агар аз кӯҳи Бесутун роҳ кушояд, Ширинро ба ӯ хоҳад дод. Фарҳод ин пешниҳодро пазируфта, ба кандани синаи кӯҳи хоро сар кард. Вай дар дили кӯҳ сурати Ширинро кашид. Ин амали ӯ овоза шуд. Рӯзе Ширин ба дидани ӯ рафт. Вале дар бозгашт аспаш касал шуд. Фарҳод Ширинро рӯи даст бардошта, то ба қасраш бурда расонд. Ин рафтори ӯ рағбати Ширинро бедор кард. Хусрав инро шунида, чораи халосӣ аз Фарҳодро дар хиёнат ёфт. Вай ба Фарҳод бардурӯғ хабар расонд, ки Ширин мурд. Фарҳод аз ин хабар ихтиёр аз даст дода, афтод ва ҷон дод:

> Чу афтод ин сухан дар гӯши Фарҳод,
> Зи тоқи кӯҳ чун кӯҳе дарафтод.

Ширин бо оҳи ҷигарсӯз ва ашкони шашкатор Фарҳодро ба хок супурд. Хусрав дар марги Фарҳод ба Ширин таъзияти киноомез фиристод. Дар ҳамин ҳангом зани Хусрав Марям аз олам гузашт.

Хусрав баъди марги Марям боз ба талаби Ширин афтод. Вале Ширин ба ӯ номаи таънаомезе навишт. Хусрави сустирода аз номаи Ширин ранҷида, дар ҷустуҷӯи ёри дигар шуд. Ӯ васфи моҳрухи исфаҳонӣ Шакарро шунида, ӯро ба никоҳи худ даровард. Ширин ҳоли табоҳе дошт. Вале Шакар низ оташи дили Хусравро паст накард. Фироқи Ширин дар вуҷудаш оташ меандохт:

Дилаш мегуфт: Ширин боядам зуд,
Ки айшамро намедорад Шакар суд.

Рӯзе ба баҳонаи шикор Хусрав назди иқоматгоҳи Ширин рафта, базме орост ва шиpакайф шуда, хост, ки бо Ширин мулоқот кунад. Ширин ӯро ба қасри худ роҳ надод. Мулоқоти онҳо дар ҳолати болои бом будани Ширин ва зери девори қаср аспсавор истодани Хусрав сурат гирифт.

Хусрав ба боргоҳи худ баргашта, аз номеҳрубонии Ширин ба Шопур шиква кард. Шопур ӯро тасаллӣ дод, ки итоби Ширин аз сари ноз аст. Аз таҷрибаи рӯзгор Хусрав натиҷаҳо гирифта, аз гуфтаҳою кардаҳои худ нисбат ба Ширин пушаймон шуд. Аз рафтани Хусрав Ширин низ пушаймон шуд. Хусрав хоб дид, ки дар боғе чароғе дар даст гаштааст. Шопур таъбир мегӯяд, ки Хусрав ба васли Ширин хоҳад расид. Ба ин муносибат дар шикоргоҳе Хусрав базм орост. Ширин низ пинҳонӣ дар он ҳозир шуд. Борбади барбатӣ аз номи Хусрав ва Накисои чангӣ аз тарафи Ширин ғазал мегӯянд. Баъди як ҳафта Хусрав Ширинро ба Мадоин оварда, ба никоҳи худ даровард. Бо ҳамин ошиқу маъшуқа баъди пушти по задани монеъаҳои зиёде ба муроду мақсад расиданд.

Хусрав ва Ширин солҳо бо ҳам дар ширинкомӣ ҳаёт ба сар бурданд. Мамлакат аз адлу доди Хусрав маъмур гашт. Ширин мулки Меҳинбонуро ба Шопур вогузошт. Онро ӯ обод гардонд ва дар он ҷо иморатҳо сохт.

Хусрав аз Марям Шерӯя ном писаре дошт. Ин писар аз нӯҳсолагӣ ба модарандари худ - Ширин ошиқ шуда буд. Вай чун ба синни ҷавонӣ расид падарро дар оташгоҳ гӯшанишин кард. Ба ин ҳам қонеъ нашуда, шабе дар хобаш падарро ба дасти ғуломе кушта, Ширинро барои худ хост. Ширин мегӯяд, ки бо се шарт тайёр аст, ки зани Шерӯя шавад: Ӯ бояд қасри Хусравро сӯзонад, Шабдезро кушад ва ҷасади падарашро бо шукӯҳ дафн намояд. Шартҳои ӯ ба ҷо оварда шуданд. Худи Ширин низ аввал молу доронашро ба бечорагон бахш намуд ва ҳангоми дафни шавҳараш дар дахма, болои ҷасади Хусрав, бо ханҷар ба синаи худ зада, ҷон дод. Достонро Низомӣ чунин ба поён мерасонад:

Зиҳӣ Ширину ширин мурдани ӯ,
Зиҳӣ ҷон додану ҷон бурдани ӯ.
Чунин воҷиб кунад дар ишқ мурдан,
Ба ҷонон ҷон чунин бояд супурдан.

Дар охир шоир фаслҳое дар накӯҳиши ҷаҳон, мавъиза, натиҷаи афсонаи Хусраву Ширин ва насиҳати фарзанди худ Муҳаммад навиштааст. Фаслҳои дигар "Дар хоб дидани Хусрав пайғамбари акрамро", "Нома набиштани пайғамбар ба Хусрав" ва "Меъроҷи пайғамбар" ном доранд. Аз афти кор ин фаслҳоро Низомӣ баъд ба асари тамомшудаи худ илова кардааст. Дар он бобҳо изҳор дошта

мешавад, ки аз рӯи номаи пайғамбари Ислом агар Хусрав исломро напазирад, давлаташ завол хоҳад ёфт. Марги Хусрав ба дасти писари худ исботи он аст.

### ТАҲЛИЛИ ОБРАЗҲОИ АСОСӢ

Сюжети устокоронаи Хусрав ва Ширини Низомӣ муносибати равшани қаҳрамонҳоро нисбат ба ҳамдигар ба вуҷуд овардааст. Албатта, хатти сужет аз рӯи муносибати Хусрав ва Ширин нисбат ба якдигар кашида шудааст, Вале сарнавишти тамоми персонажҳои дигар бо тақдири онҳо сахт вобаста аст. Аз ин сабаб, ҳангоми таҳлили образҳои достон ба ин ҷиҳат аҳамият додан зарур аст.

Дар достони Хусрав ва Ширини Низомӣ саргузашти як силсила қаҳрамонҳо нақл карда мешавад, ки аз онҳо Хусраву Ширин ва Фарҳод қаҳрамонҳои асосӣ буда, Шопур, Меҳинбону, Ҳурмуз, Борбад, Накисо, Қайсари Рум, Баҳроми Чӯбина, Марям, Шакар Бузургмеҳр, Шерӯя ва хизматгорони зиёд персонажҳои лаҳзавӣ мебошанд. Ҳамаи ин қаҳрамонҳо ва персонажҳо, ба истисноп Хусрав, ба ду гурӯҳи ба ҳам муқобил-ба образҳои мусбат ва манфӣ ҷудо мешаванд. Аксари ин қаҳрамонҳо аз ҷиҳати хислат, хулқу хӯ ва забон фардӣ кунонда шудаанд, яъне яке ба дигаре ҳеҷ монанд набуда, зоҳиру ботини хос дорад. Барҷастатарин образҳои мусбати достон Ширин ва Фарҳод мебошанд. Аз образҳои манфӣ Баҳроми Чӯбина ва Шерӯя бо тамоми зиштӣ тасвир карда шудаанд. Аз байни образҳое, ки Низомӣ дар Хусрав ва Ширин офаридааст, образи Хусрав мақоми алоҳида дорад. Дар симо, психология ва ботини ин қаҳрамони Низомӣ ҳам хусусиятҳои хуб ва ҳам хислатҳои бад мавҷуд буда, гоҳ яке ва баъзан дигаре аёнтар ҷилва мекунад. Вале дар охир дар тинати Хусрав бо таъсири Ширин некӣ ғолиб меояд.

### ОБРАЗИ ШИРИН

Дар достон саргузашти Хусрав бештар тасвир ёбад ҳам, Ширинро қаҳрамони асосии он шумурдан лозим аст. Чунки маҳз Ширин дар достон шахсиятест, ки тамоми воқеаҳою ҳодисаҳоро ба ҳам пайваста, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии дигарон дар муносибат бо ӯ ва бо ақидаҳои ӯ зуҳур меёбанд.

Ширин қаҳрамони дӯстдоштаи Низомӣ буда, шоир дар тавсифи ҳусну ҷамол, сиришти пок, ақлу заковат, донишу фаросат ва сабру тоқати ӯ ҳеҷ гуна суханро дареғ намедорад. Ҳанӯз бо Ширин вонахӯрда, хонанда ҳамроҳи Хусрав аз рӯи нақли Шопур мафтуни сурати зебои Ширин мешавад. Шоир ба ӯ чунин сифатҳоро нисбат медиҳад: парипайкар, сиёҳчашм, сарвқомат, мушкингесӯ, марвориддандон, ақиқлаб, норпистон, оҳугардан, моҳи қасабпӯш, латиф, нозук ва ғайра. Ҳатто Низомӣ мефармояд, ки Ширин чунон зебо буд, ки моҳи равшан дар муқобили рухсори пурҷилои ӯ холи сиёҳе беш наменамуд ва шаб пеши сиёҳии холи ӯ ҳеҷ буд:

Маҳ аз хубиш худро хол хонда,
Шаб аз холаш китоби фол хонда...
Рухаш насрину бӯяш низ насрин,
Лабаш ширину номаш низ Ширин.

Вале хубии Ширин бо ҷамоли зоҳирии ӯ маҳдуд намешавад. Баръакс, зебоии аслӣ ва ҳақиқии Ширин дар ҳунар ва ботини ғании ӯст (Ҷамолашро, ки базморои ид аст, - Ҳунар аслию зебой мазид аст). Аз ин гузашта, Ширин духтари хуштарбияи ширинзабону хушрафторест, ки ба шоҳдухтар ва валиаҳди тахти подшоҳии аммааш Меҳинбону будан нигоҳ накарда, шахси басе меҳрубону хоксор ва нисбат ба дугонаҳояш ғамхор аст. Бар замми ин Ширин дар рафти воқеаҳо то рафт камол ёфта, ҳар дафъа сифатҳои нави хуби худро нишон медиҳад. Хонанда аввал ӯро дар рақсу суруд, суханварӣ, чавгонбозӣ ва аспсаворӣ моҳир мебинад. Баъд, ба озодпарастӣ, сарбаландӣ, ирода, мустақилӣ, ғурури намакини духтарона, шарафу нанг, исмату номус ва иффати ӯ қоил мешавад. Сипас, шарму ҳаё, зиракӣ, маълумот, ақлу заковат, тадбиру фаросат, покию самимият, бомулоҳизагӣ, сабру тоқат ва садоқати ӯро санҷида, ба ӯ меҳр мебандад. Вале дар ниҳоди Ширин ишқу вафо мақоми асосӣ дорад. Ишқ барои ӯ эҳсоси муқаддасест, ки роҳи ӯро равшан мекунад, ӯ ишқро мепазирад, ки маънои ҳаёт буда, аз шаҳват, ҳавою ҳавас ва олудагӣ соф бошад. Ширин сурати зебо, чобукӣ, далерӣ ва хушсуханиии Хусравро дида, ба ӯ дил мебандад, тайёр аст, ки зиндагии худро бо зиндагии Хусрав пайвандад, аз ӯ ҷони худро дареғ намедорад. Вале номуси духтаронаи худро қурбон намекунад, нигоҳ доштани ғурури духтаронаро аввалин шарти муҳаббат шумурда, муҳаббату ишқро танҳо дар покӣ мебинад. Ширин маъшуқаи беиродаю беҳуқуқ ва воситаи дилхушӣ нест. Ӯ бераҳму сангдил ҳам нест, ба қадри ишқу ошиқи мерасад. Ширин ҳамеша тайёр аст, ки барои Хусрав ҷони худро фидо кунад, аммо на нангу номус, номи нек ва шарафи худро. Ӯ ба Хусрав мегӯяд:

Ҳадиси он, ки дар бастам, раво буд,
Ки сармаст омадан пешам хато буд.
Чу ман хилватнишин бошам, ту махмур,
Зи тӯҳмат рои мардум кай бувад дур...
Ту имшаб боз гард аз ҳукмронӣ
Ба мастон кард натавон меҳмонӣ.
Хулосаи сухани Ширин ба Хусрав чунин аст:
Машав Ширинпараст, ар майпарастӣ,
Ки натавон кард бо як дил ду мастӣ.

Ширин духтари некбинест, ки дар маъюсию навмедиҳо ба фаро расидани орзӯю мақсади худ боварӣ дорад. Вай чун ҷинси латиф дили нозук дорад, ҳатто аз вафоти рақибаш Марям ғамгин мешавад, аз шафқат чандин бор ба Хусрави забонбози беоқибат гузаштҳо мекунад,

зеро дар дили ӯ ба ҷуз Хусрав барои дигарон ҷой нест. Ҳатто бо вуҷуди эхтироми зиёд ишқи поки Фарҳодро пазируфта наметавонад, зеро ба ақидаи ӯ "Ду дилбар доштан аз якдилӣ нест, - Дудил будан тариқи оқилӣ нест". Бо сабру тоқат ва чораҷӯию тадбир Ширин ғалаба мекунад ва ба орзуҳояш комёб мешавад. Вале аз носозгории муҳит ғалабаи ӯ дер намепояд. Хусрав ва Ширин ба марг мерасанд.

Дар баробари ин, дар образи Ширин идеали адолатхоҳии шоир инъикос ёфтааст. Аввалан, Ширин баъди марги Меҳинбону ба тахт нишаста, мамлакатро ба тартиб оварда, адлу инсоф ва раиятпарвариро сиёсати давлатии худ қарор медиҳад. Ӯ зиндониёнро озод карда, аз мазлумон ҷавр ва аз деҳқонон андозҳоро мебардорад, ободӣ ва сулҳу сафоро устувор мегардонад. Дар натиҷаи кӯшиши ӯ ғалла сад баробар ҳосил медиҳад:

Чу бар Ширин муқаррар гашт шоҳӣ,
Фӯруғи мулк бар маҳ шуд зи моҳӣ.
Ба инсофаш раият шод гаштанд,
Ҳама зиндониён озод гаштанд.
Зи мазлумони олам ҷавр бардошт,
Ҳама оини ҷавр аз давр бардошт.
Зи ҳар дарвозае бардошт боҷе,
Наҷуст аз ҳеҷ деҳқоне хироҷе.
Дар он як сол, к-ӯ фармондиҳӣ кард,
На мурғе, балки мӯреро наёзард.

Дуввум, Ширин натанҳо худаш бо адлу дод ҳукм меронд, балки гумоштаи ӯ ва баъд Шопур, ки ҳукумати Аррону Арман ба ихтиёри онҳо гузошта шуда буд, дар мамлакатдорӣ сиёсати ӯро давом медиҳанд. Сеюм, баъди аз сари роҳаш бардошта шудани тамоми монеъаҳо Ширин ба никоҳи Хусрав даромада, ба васли ӯ мерасад, чунки шарти қатъӣ монда буд, "Ки бе ковин[1] агарчӣ подшоҳӣ, - Зи ман бар н-оядат коме, ки хоҳӣ". Вале ӯ дар ҳамин ҳолат низ Хусравро аз ромиш ба сӯи дониш кашида, ӯро ба адлу инсоф, доду диҳиш ва фақирнавозию инсонпарварӣ водор менамояд:

Ҷаҳонсӯзӣ бад асту ҷаврсозӣ,
Туро беҳ гар раиятро навозӣ!

Албатта, ин орзуҳои ширини Низомӣ пиндоре беш набуд, вале омоли халқро ифода мекард.

Низомӣ худ ба Ширин муҳаббати самимӣ дошта,ӯро аз мардон боло мегузорад, ки ин дар он замон ҷасорати бузурге буд:

На ҳар к-ӯ зан бувад номард бошад,
Зан он мард аст, к-ӯ бедард бошад.
Басо раъно зано, к-ӯ шермард аст,
Басо дебо, ки шераш дар навард аст.

---

[1] **Ковин** - никоҳ, хати никоҳ.

ОБРАЗИ ХУСРАВ

Шохзода Хусрав, ки баъд шохи Эрон мешавад, қаҳрамони марказии достони Хусрав ва Ширини Низомии Ганчавӣ мебошад. Хусрав қаҳрамони мураккабу пурзиддиятест, ки дар достон зиндагии ӯ аз рӯзи таваллудаш то маргу дафн тасвир меёбад. Дар тасвири Низомӣ Хусрав симои мусбат аст. Қабл аз ҳама ӯ чавони хушрӯ, тануманд, шучоъ, далер ва чолокест, ки бо ҳусни расои худ Ширинро мафтун мегардонад. Хулосаи шоир дар хусуси зебоии Хусрав чунин аст:

Чунон машхур шуд дар хубрӯӣ,
Ки мутлақ Юсуфи Мисрист гӯӣ.

Дар аввал Хусрав аз чиҳати ботин низ хуб аст: закӣ, зирак, суханвар, бодониш, муаддаб. Вале ӯ шоҳзодаест, ки тарбияи муҳити дарборро гирифтааст. Бинобар ҳамин, ӯ дар шахсияти худ бисёр хислатҳои манфии фарзандони табақаи ашрофро низ чамъбаст менамояд. Ҳанӯз дар чавонӣ дар хислати ӯ танпарварӣ, маишатдӯстӣ, мағрурӣ ва худписандӣ ба мушоҳида мерасад. Махз ҳамин хислатҳо ӯро ба вайрон кардани интизоми давлатӣ водор карда, сабаби аз тарафи падараш ба чазо расидани ӯ мешавад. Аммо вақте ки ӯ таърифи Ширинро мешунавад, ба вай ошиқи шайдо мешавад, барои ба мақсади худ расидан чаҳд мекунад, Шопурро мефиристад, ки Ширинро биёрад, худ барои Ширин ба Арманистон меравад, маслиҳатпазир аст. Кас гумон мекунад, ки Хусрав ба туфайли ишқи Ширин ба роҳи рост даромад. Вале маҳз баъди ҳамин Хусрав тинати ҳақиқии худро нишон медиҳад: маълум мешавад, ки ӯ на худи Ширин, балки қаду қомати зебо, ҳусну малоҳат ва назокату латофати ӯро дӯст медорад, ташнаи васл аст, ҳавасбозу сабуксар ва тарсончаку сабукфикр аст. Ҳамин хислтаҳои ношосита ӯро ба ғуруру худписандӣ гирифтор намуда, ба пастӣ, беақлӣ, бемулоҳизагӣ, ночавонмардӣ, ҳатто хиёнату чиноят тела медиҳад. Вай дар натичаи булҳавасӣ ва бемасъулиятӣ айшу нӯш, кайфу сафо бо духтарони зебо, лаззатгирӣ ва хурсандиҳои зиндагиро аз манфиати давлат, кишвар ва халқ боло мегузорад, ҳикмат ва ахлоқи олиро поймол менамояд, аз тарси чони худ кишварро партофта мегурезад.

Ҳатто Баҳроми Чӯбина, ки Хусравро аз тахт ғалтонда, ба он соҳиб шуда буд, дар ҳаққи Хусрав мегӯяд:

Бар ӯ як чуръа май ҳамранги озар[1]
Гиромитар зи хуни сад бародар.
Бибахшад кишваре бар бонги рӯде,
Зи мулке дӯстар дорад суруде.

Хусрав майли Ширинро ба тарафи худ дида, даррав аз ӯ ком ситонданӣ мешавад ва бо ҳамин сабабгори изтироби маънавии Ширин

---

1. **Озар** - оташ.

мегардад. Лекин Ширин бо ахлоқи нек, гуфтори маслиҳатомез ба ӯ таъсири мусбат расонда, натанҳо Хусравро аз булҳавасӣ ва ғадр нигоҳ медорад, балки ӯро водор мекунад, ки аз пайи пас гардонда гирифтани тахти бобояш шавад. Аз ҳамин лаҳза сар карда дар ботини Хусрав ду хоҳиш ва эҳсоси мутақобил-хоҳиши шоҳзода ва эҳсоси ошиқ дар мубориза мешаванд.

Бо мадади лашкари Рум Хусрав тахти Эронро ба даст оварда, дар ивази ин духтари қайсари Рум Марямро ба занӣ мегирад. Дар аввал ӯ Ширинро ҳатто аз ёд мебарорад. Баъд аз Марям хоҳиш мекунад иҷозат диҳад, ки Ширинро назди ӯ ба сифати канизак орад. Ва барои овардани Ширин Шопурро назди ӯ мефиристад. Ширин хоҳиши ӯро қатъиян рад мекунад. Дар ин воқеаҳо сустирода, худхоҳ, манфиатҷӯ, муросокор ва бадмаслак будани Хусрав зоҳир мегардад, ки ин худ таҷассуми ахлоқи вайрони мардони булҳавас ва дурӯя мебошад.

Дар ин миён Фарҳод рӯи кор меояд. Хусрав ба гумони он ки Ширин бар ӯ муҳаббати ошиқона дорад, аз рашк бо макр ӯро ба марг мерасонад. Ин ҷо Хусрав чун шахси бадрашк, ки рашк ӯро ба ҷиноят тела медиҳад, намудор мешавад.

Бо марги Марям ва кушта шудани Фарҳод тамоми монеъаҳое, ки ба пайвастани тақдири Хусрав ва Ширин халал мерасонданд, аз миён бардошта мешаванд. Вале Хусрав ҳамоно ба хиёнати худ давом дода, ба Шакар хонадор мешавад, вале аз Ширин ҳам даст кашиданӣ нест. Ӯ ба ивази қурбониҳои Ширин (мамлакатро партофта омадан, ба ёди Хусрав кунҷакнишин шудан, ишқи Фарҳодро напазируфтан ва ғайра) барои ӯ қурбоние намекунад, ҳатто дар ҳолати мастӣ ӯро ба даст овардани мешавад. Лекин Ширин ба муқобили густохиҳо, хиёнату ҷиноятҳои Хусрав ақлу тадбирро ба кор мебарад. Хусрав дар натиҷаи ин чораҷӯиҳои Ширин тағйир меёбад. Натанҳо қонунан тақдири онҳо пайваст мегардад, балки Хусрав дар охир бо маслиҳати Ширин, ки "Ситам дар мазҳаби давлат раво нест, - Ки давлат бо ситамгар ошно нест", - мегуфт, ба адлу дод, мискиннавозӣ, ривоҷи илму маърифат мепардозад. Хусрав дар атрофи худ донишмандонро ҷамъ мекунад. Ширину Хусрав ба мурод расиданд. Хусрав, ки роҳи пурпечу тобро тай кард, бо таъсиру тарбияи Ширин пок шуд. Вале бахти онҳо дер напоид. Барои ин ду сабаб буд: аввал, муҳити дарбори феодалӣ онро намебардошт. Аз ин рӯ, Шерӯя, ки сифатҳои бади падарро дар шакли қабеҳтар ба мерос гирифта буд, ба Ширин ошиқ шуда, падарро кушт. Дуввум, ба марг расидани Хусрав подоше буд, ки барои қатли Фарҳод мегирифт.

Хусрав дар ниҳояти кор ба дараҷаи баланди инсонӣ мерасад. Ӯ барои маҳбуба дар роҳи ишқ фидокорӣ карданро ёд гирифтааст. Аз ин ҷиҳат вақте аз захми марговар бедор шуда, Ширинро дар саҳни оташгоҳ, ки зиндони онҳо буд, масти хоби ноз мебинад, ӯро бедор намекунад, яъне ғаму дарди худро ба ӯ бор намекунад. Ин натиҷаи ниҳони тарбият ва таъсиррасонии Ширин ба Хусрав буд.

Ба ҳамин тариқ образи Хусравро Низомӣ дар такомул ва болоравӣ тасвир менамояд.

Саргузашти Фарҳод дар достон ҷои зиёдеро намегирад. Вале ин қаҳрамон дар ҳалли масъалаҳо, тезу тунд гардидани конфилкт ва кушода шудани хислати Хусрав ва Ширин нақши муҳиме дорад. Низомӣ сифатҳои олӣ, хунар ва дониши Фарҳодро аз рӯи нақли Шопур чунин баён мекунад:

Ки ҳаст ин ҷо муҳандис марди устод,
Ҷавоне номи ӯ фарзона Фарҳод.
Ба вақти ҳандаса ғайратнамое,
Маҷастидону Уқлидускушое.
Ба теша санги хороро кунад мум,
Ҳамеша даст бӯсандаш ҳама Рум.
Ба теша чун сари санъат бихорад,
Заминро мурғ бар моҳӣ нигорад.
Ба санъат сурх гул аз ранг бандад,
Ба оҳан нақши Чин бар санг бандад.
Тавон ҳар санъате кардан ба тартиб,
Зи рӯи ҳандаса бар рои таркиб.

Чунон ки мебинед, Фарҳод муҳандиси устод, яъне инжинери моҳир, дар илми ҳандаса, яъне геометрия ва геодезия буда, сангтарошу ҳайкалтарош аст, дар рассомӣ, наққошӣ ва ҳунарҳои дигар низ мумтоз мебошад. Аз ҷиҳати наҷобат, покӣ ва садоқат Фарҳод бо Ширин наздик аст ва қаробати рӯҳонӣ дорад. Дар ҷоннисорӣ ва фидокорӣ Фарҳод аз Ширин ҳам боло меистад. Вай бо рафтору кирдор аз Хусрав тамоман фарқ дошта, ҳатто ба ӯ муқобил меистад. Низомӣ ба ин қаҳрамони худ меҳри махсус дорад, чунки Фарҳод мисли худи Низомӣ намояндаи халқ, таҷассумкунадаи сифатҳои беҳтарини табақаи эҷодкор, устоди чиредасти чандин ҳунар ва олиму донишманд аст. Шоир чеҳраи ороста ва ниҳоди пиростаи Фарҳодро бо муҳаббат ва самимият тасвир менамояд.

**ОБРАЗИ ФАРҲОД**

Фарҳод ҷавонмардест муҳандису меъмор, рассому ҳайкалсоз, сангтарошу кӯҳкан. Бар замми ин, ӯ паҳлавонест, ки назир надорад, аз зарби тешаи ӯ дили кӯҳ шикоф мешавад, сангҳо пош мехӯранд, бо нерӯи бозувони худ ӯ табиатро ба инсон тобеъ мегардонад. Фарҳод ҳунарманди оддӣ нест, асрори бисёр илмҳо, хусусан илми заминшиносӣ, риёзиёт, алҷабр ва ҳандасаро хуб медонад. Аз ин ҷиҳат кори ӯ самарабахш аст. Фарҳод дар баробари сифатҳои олии маънавӣ чеҳраи зебо ва хусусиятҳои барҷастаи ҷисмонӣ дорад. Ҳангоми ба манзили Ширин ворид шудан тасвири ӯро Низомӣ чунин медиҳад:

Даромад Кӯҳкан монади кӯҳе,
К-аз ӯ омад халоиқро шукӯҳе.

Чу як пил[1] аз ситабрию[2] баландӣ,
Ба миқдори ду пилаш зӯрмандӣ.

Бо ин салобату шуҷоат ва танумандию тавоноӣ симои шаҳбону Ширин Фарҳодро чунон ба шавқ меорад, ки ӯ дар як дидан ошиқи шайдои ӯ мегардад. Ин ишқи поки беғараз ва муҳаббати поки бетамаъ ба қувваи Фарҳод қувваҳо афзуда, ӯро ба корнамоӣ, фидокорӣ ва зафар водор намуда, фаъолияти ӯро пурмазмун ва маънавиёташро ганӣ мегардонад. Аз ин ҷиҳат Фарҳод тавонист, ки дар муддати як моҳ аз чарогоҳи кӯҳистонии Ширин то қасри ӯ як -ду фарсах кӯҳро канда, ҷӯи ширгузар созад:

Чунон тартиб кард аз санг ҷӯе,
Ки дар дарзаш намеғунҷид мӯе.
Агар сад кӯҳ бояд канд пӯлод,
Забун бошад ба дасти одамизод.

Фарҳод тимсоли меҳнату эҷод, фидокорӣ ва ҷонсупорӣ буда, ба воситаи ин образ шоир меҳру муҳаббати худро ба аҳли ҳунар баён кардааст. Вале дар достон ишқи Фарҳод дар ҷои аввал меистад ва маҳз ин ишқ барои боз ҳам ошкоро шудани замири Ширин, бадарғаи Хусрав ва атрофиёни ӯ мадад мерасонад. Ҳусну ҷамол, матонату шуҷоат, покӣ, самимият ва фидокории ӯ Ширинро мафтун мегардонад. Ширин ӯро мефаҳмад ва ҳурмат мекунад,чунки Фарҳод Ширинро чунон ки, Ширин Хусравро нағз мебинад, аз тахти дил дӯст медорад. Аммо дар дили яктопарасти Ширин барои Фарҳод ҷой нест. Ӯ ишқи вайро намепазирад. Ин ҷо агар барои Фарҳод муҳаббат худ мукофот бошад, ишқи ӯ қатъият ва устувории Ширинро боз ҳам пурқувваттар мегардонад. Вале Хусрав аз ишқи Фарҳод ба Ширин хабар ёфта, дар оташи рашк месӯзад. Ба Фарҳод бо ғурур фармон медиҳад, ки аз ишқи Ширин даст кашад. Фарҳод фармону дағдағаи ӯро бо писханд пешвоз мегирад.

Хусрав мехоҳад, ки Фарҳодро бо роҳи дигар ба худ таслим намояд. Бо маслиҳати атрофиёнаш, ки ба ақидаи онҳо ба зар ишқу имони касро харидан мумкин аст. Хусрав мехоҳад, ки Фарҳодро аз ишқи Ширин боз дорад, зеро ӯ низ боварӣ дорад, ки "Ба зар н-аз дилситон, к-аз дил барояд, - Бад-ин ширинӣ[3] аз Ширин барояд" Фарҳод зарро рад мекунад. Хусрав мағлуб мешавад. Баъди ин ӯ мехоҳад, ки бо сухан бар Фарҳод дастболо шавад. Байни Хусрав ва Фарҳод мунозира ба тарзи саволу ҷавоб сурат мегирад, ки бо маҳорати фавқулодда нигошта шудааст. Хусрав савол медиҳад, Фарҳод ҷавоб:

Нахустин бор гуфташ, к-аз куҷоӣ?
Бигуфт: Аз дори мулки ошноӣ.
Бигуфт: Он ҷо ба санъат дар чӣ кӯшанд?
Бигуфт: Андӯҳ харанду ҷон фурӯшанд.

[1] **Пил** - фил.
[2] **Ситабрӣ** - ҷуссамандӣ.
[3] **Ширинӣ** - пора, ришва.

Бигуфто: Ҷонфурӯшӣ аз адаб нест.
Бигуфт: Аз ишқбозон ин адаб нест.
Бигуфт: Аз дил шудӣ ошиқ бад-ин сон?
Бигуфт: Аз дил ту мегӯӣ, ман аз ҷон.
Бигуфто: Ишқи Ширин бар ту чун аст?
Бигуфт: Аз ҷони ширинам фузун аст!..
Бигуфто: Дил зи меҳраш кай кунӣ пок?
Бигуфт: Он гаҳ, ки бошам хуфта дар хок...
Бигуфт: Аз дил ҷудо кун ишқи Ширин.
Бигуфто: Чун зиям бе ҷони ширин?
Бигуфт: Ӯ они ман шуд, з-ӯ макун ёд.
Бигуфт: Ин кай кунад бечора Фарҳод?
Бигуфт: Ар ман кунам дар вай нигоҳе?
Бигуфт: Офоқро сӯзам ба оҳе!
Чу оҷиз гашт Хусрав дар ҷавобаш,
Наёмад беш пурсидан савобаш.
Ба ёрон гуфт, к-аз хокию обӣ
Надидам кас бад-ин ҳозирҷавобӣ.

Хусрав аз ҷавобҳои қатъӣ, ирода ва ҷасорати Фарҳод тамоман мағлуб мешавад ва акнун барои нобуд сохтани Фарҳод танҳо роҳи макру фиребро пеш мегирад. Ба ӯ ваъда медиҳад, ки аз кӯҳи Бесутун ба воситаи нақб роҳ кушояд, Ширин аз они ӯ мешавад. Фарҳод таклифи ӯро пазируфта, корро бо шавқу авҷ давом медиҳад. Хусрав аз хавфи он, ки Фарҳод ин корро анҷом медиҳад, ӯро бо фиреб ба марг мерасонад. Вале дар охир худаш низ кушта мешавад, ки ин ҷазои ӯ барои марги Фарҳод аст.

Фарҳод аз симоҳои маҳбуби халқ аст. Бисёр мавзеъҳоро ба номи Фарҳод вобаста медонанд. Қаҳрамонҳои имрӯзаи сохтмонҳои азимро ба Фарҳод монанд карда, иншоотҳои обёриро ба номи ӯ мегузоранд. Навоӣ, Нозим Ҳикмат ва Самад Вурғун барин адибон дар асарҳои худ Фарҳодро қаҳрамони асосӣ қарор додаанд.

Чеҳраҳои Шопур, Накисо ва Борбад, ки намояндагони аҳли ҳунарҳои мардумӣ ҳастанд, симои Фарҳодро пурра мекунанд. Шопур дар рассомӣ, меъморӣ ва ахиран дар мамлакатдорӣ маҳорат зоҳир менамояд. Накисо ромишгари мумтоз аст. Низомӣ ҳунари волои ӯро меситояд:

Навоҳое чунон чолок мезад,
Ки мурғ аз дард пар бар хок мезад.
Чунон барсохтӣ алҳони мавзун,
Ки Зӯҳра чарх мезад гирди гардун.

Борбад бошад, шахси таърихӣ буда, бо оҳангҳои худ мусиқии тоҷикиро ба пояҳои баланд расондааст. Низомӣ санъати Борбадро ҷонбахш меномад.

Дар достони Хусрав ва Ширин аз аввал то охир шоир чун иштирокчии он амал мекунад. Вале ин иштироки ӯ дар се шакл сурат мегирад: аввал, дар бобҳои анъанавӣ ва хотимаи китоб қаҳрамони асосӣ худи ӯ буда, дар ин қисматҳои достон афкору ақидаи ӯ дар хусуси оламу одам ва ҷамъияту коинот аз номи худи ӯ баён карда шудааст. Дуввум, шоир фикрҳои тараққихоҳонаи худро дар бораи халқпарварӣ, инсондӯстӣ, масъалаҳои ахлоқ, фалсафа, давлатдорӣ, сиёсат ва ғайра ба воситаи образҳои мусбат ифода менамояд. Сеюм, шоир дар аксари мавридҳо аз дунёи хаёлии қаҳрамонҳои худ сухан ронда, ба воситаи руҷӯъҳои лирикӣ ва фалсафӣ онро бо воқеияти замони худ муқоиса менамояд, иллатҳои ҷомеа, хусусан зулму ҷаврро ба зери танқид мегирад. Ин навъ муҳокимаронииҳои муаллиф оҳанги муосирияти достонро пурқувват гардонда, образи шоирро аз рӯи ҷаҳонбинӣ, дунёфаҳмӣ, тамоили ғоявӣ, изтироби рӯҳонӣ ва орзуюю омол чун образи ҷамъбасташудаи одамони пешқадами замони шоир ҷилва медиҳад.

Мулоҳизаҳои Низомӣ дар бораи мақоми сухан, ҳаётро дуруст инъикос намудани адабиёт ва аз дурӯғ барҳазар будани суханвар то имрӯз ҳам аҳамияти худро нигоҳ доштаанд:

Сухан, к-он аз сари андеша н-ояд,
Навиштанрову гуфтанро нашояд...
Сухан бисёр дорӣ, андаке кун,
Якеро сад макун, садро яке кун...
Агарчи дар сухан, к-оби ҳаёт аст,
Бувад оҷиз ҳар он-ч аз мумкинот аст,
Чу битвон ростиро дарҷ кардан,
Дурӯғеро чӣ бояд харҷ кардан.
Зи каҷгӯӣ суханро қадр кам гашт,
Касе к-ӯ ростгӯ шуд, мӯҳташам гашт.

Низомӣ дар образи Ширин беҳтарин хислатҳои завҷаи маҳбубаи ҷавонмаргаш Офоқро таҷассум гардондааст. Инро худи ӯ таъкид менамояд:

Сабукрав чун бути қипчоқи ман буд,
Гумон афтод худ Офоқи ман буд.

## Хусусиятҳои бадеии достони Хусрав ва Ширин

Достони Хусрав ва Ширини Низомӣ бо услуби хос суруда шуда, аз ҷиҳати шакли бадеӣ асари мукаммал аст. Шавқангез будани сюжети пайвастагии қавии воқеаҳо, барҷастагии низоъ, мустаҳкамии рукнҳои шеър, соддагии баён, дараҷаи баланди бадеият ва пухтагии забон, услуби хоси достон ва шакли мукаммали бадеии онро ифода менамояд. Сюжети достон қаблан нақл карда шуда буд. Азбаски

достон дар асоси ривояту вокеаномаҳои қадимӣ таълиф гардидааст, дар он аз аввал то охир услуби накл ва ривоят ба кор бурда шудааст. Ин услуб ҳам дар нақли муаллиф ва ҳам дар саргузаштҳои худ ё вокеаҳоро нақл кардани қаҳрамонҳои достон риоя карда мешавад. Вале дар услуби нигориши достон боз се унсури дигар бисёр ба мушоҳида мерасад: якум, саволу ҷавоб ё муколама; дуввум, баёни ҳоли қаҳрамон аз забони худи ӯ дар ҳолатҳои танҳоӣ (монолог); сеюм, ручӯъҳои лирикӣ ва фалсафии муаллиф. Ин се тарзи баёни бадеӣ барои ифодаи шавқовари вокеаҳо, намоиши ботини қаҳрамонҳо ва муносибати шоир ба масъалаҳо воситаи хубе гардидааст.

Намунаи барҷастаи муколамаи достон ҳамон "Мунозираи Хусрав бо Фарҳод" аст. Ғайр аз ин, муколамаҳои Ширину Хусрав, Ширину Шопур, Хусраву Шопур, Хусраву атрофиёнаш, Ширину наздиконаш, Хусраву донишмандон, Ширину Шерӯя бисёр устодона навишта шудаанд. Ба воситаи ин муколамаҳо шоир шӯру шавқ, ҳаяҷону изтироб, мақсаду орзу, дараҷаи донишу биниш ва кирдори қаҳрамонҳоро тарҷумонӣ карда, мавқеи ғоявӣ ва ҷамъиятии онҳоро бо санъати баланд намоиш медиҳад. Хусусан мунозираҳои Хусрав ва Ширин доир ба ишқу вафо, шарафу номус, давлатдорию сиёсат аҷиб аст. Ҳусни таваҷҷӯҳи Низомӣ ҳамеша ба Ширин бештар аст. Низомӣ дар ин достон як навъи нави муколамаро эҷод кардааст, ки дар адабиёти тоҷику форс пеш аз ӯ мавҷуд набуд: ҳолати рӯҳонии Ширинро Накисо бо суруд баён мекунад ва изтироби қалбии Хусравро Борбад бо ғазал ифода менамояд. Ин ҳолат арияҳои операҳои европоии асрҳои баъдро ба хотир меорад, ки саҳнаҳои лирикиро дилрабо ифода менамоянд.

Монологро Низомӣ бештар барои таҷассуми рӯҳия ва ифодаи психологияи қаҳрамонҳои романтикии худ - Ширин ва Фарҳод истифода мебарад. Бо ин услуб гоҳе Хусрав низ шиддати туғёнҳои ботинашро намоиш медиҳад.

Яке аз хусусиятҳои намоёни услуби достони Хусрав ва Ширини Низомӣ он аст, ки дар зимни нақли вокеаҳо аз масъалаҳои одоб, панду ахлок, фалсафа ва сиёсат фаровон сухан меронад. Вай бо ин роҳ масъалаҳои иҷтимоии замони худро пеш гузошта, гоҳе аз забони қаҳрамонҳояш ва баъзан аз номи худ оид ба қадри инсон, некномӣ, хулқу одоби хуб, донишу бахшиш, покӣ, ҷуду карам, аҳду вафо, адолату дод, сулҳу сафо бо дилгармӣ андеша меронад.

Гуфтори ҳакимона тамоми достонро зеб медиҳад. Дар чунин мавридҳо Низомӣ дӯстӣ, бародарӣ, мардонагӣ, қаҳрамонӣ ва умуман ахлоқи наҷиброн тарғиб менамояд. Қаҳрамонҳои ӯ низ гуногунмиллатанд. Шоир ҳамчунин барои равшантар инъикос намудани кайфияти ботинии қаҳрамонҳои худ ба тасвири зебоии манзараҳои шодибахш ва фараҳангези табиат мепардозад. Низомӣ дар тасвири ҳусни табиат тавсиф, маҷоз, ташбеҳу истиора, тазоду муболиға

ва дигар воситаҳои нигоришро устодона ба кор мебарад. Ягонагӣ ва қаробати инсон бо табиат дар ин достон ба тарзи ҳайратангезе аён мегардад. Дар достони Хусрав ва Ширин образҳои назаррас мақоми асосӣ доранд. Вале баъзан ташбеҳҳои маънавӣ низ ба назар мерасанд. Ӯ хубии манзараеро боре чунин медиҳад:

Бисоте сабз чун ҷони хирадманд,
Ҳавое мӯътадил чун меҳри фарзанд.

Баъзан дар як байт чандин санъати бадеӣ ба назар мерасад ва онҳо дар якҷоягӣ матлабро ифода мегардонанд. Дар байти зерин, ки гузаштани шаб ва дамидани субҳро хабар медиҳад, офтоб маҷозан "шоҳаншоҳи субҳ" номида шуда, уфуқи субҳ ба воситаи истиораи "авранг" (тахт), равшании субҳ бо истиораи "сипоҳи Рум" ва торикии шаб бо истиораи "лашкари Занг" ифода гардида, "Рум" рамзи сафедӣ ва "Занг" символи сиёҳист. Бар замми ин ба тахт нишастани шоҳаншоҳи субҳ маҷоз ва ба лашкари Занг ҳамла овардани сипоҳи Рум ташхис буда, Рум, Занг чун рамзи сафеду сиёҳ тазод мебошанд:

Чу шоҳаншоҳи субҳ омад бар авранг,
Сипоҳи Рум зад бар лашкари Занг.

Ногузир будани камолу заволи умри инсонӣ ба тараққии моҳ то чордаҳрӯзагӣ (бадрӣ) ва костани он баъди ин ташбеҳ дода мешавад, зеро:

Маҳи нав то ба бадрӣ нур гирад,
Чу дар бадрӣ расад, нуқсон пазирад.

Гоҳе маҷоз будани баъзе таъбиру иборахо фақат дар ҳамин матн сурат мегирад, чунон ки дар байти поён "чашмаи нур" Ширинро мефаҳмонд, бо чашмаи аслӣ чашми маҷозии фалак таҷнис шудааст:

Чу қасди чашма кард он чашмаи нур,
Фалакро об дар чашм омад аз дур.

Баъзан Низомӣ бо роҳи истифодаи маъноҳои маҷозии калимаҳо ҳастиҳо ва ҳақиқатҳои бадеие меофарад, ки дар олами имкон вуҷуд надоранд, вале дар олами тахайюли ӯ чун реалияти бадеӣ мавҷуди комилҳуқуқи шеър буда, барои рангинии маъно хизмат мекунанд. Дар байти зерин ду сифати ҳамдигарро радкунанда чун сифатҳои ягона барои ифодаи як маъно кор фармуда шудаанд:

Намак дорад лабаш дар ханда пайваст,
Намак ширин набошад, в-они ӯ ҳаст.

Забони Хусрав ва Ширин ниҳоят рангин, ширадор, фасеҳ ва барои ҳама фаҳмост. Низомӣ чун саррофи сухан дар истеъмоли калимаҳои хушоҳанг, ибораю таъбирҳои рехтаи халқӣ ва мақолу зарбулмасалаҳо ниҳоят борикбин аст. Ин заркориҳои ӯ мусиқавияти дилангези достонро ба вуҷуд оварда, хондани онро гуворо мегардонанд. Шакли достон, ки мувофиқи анъанаи достонсароии тоҷик бо навъи маснавӣ суруда шудааст, барои баёни марғуби шоир мусоидат мекунад.

Маснавӣ аз калимаи арабии "масно" - "дутоӣ" гирифта шуда, навъи шеърие мебошад, ки ҳар банди он аз ду мисраи ҳамқофия (аа бб ва гг ва ғайра) таркиб меёбад. Аксарияти мутлақи достонҳои адабиёти классикии тоҷику форс дар ин навъи назм навишта шудаанд.

Хусрав ва Ширини Низомӣ яке аз шоҳасарҳои адабиёти дунёст, ки бузургӣ ва қудрати инсонро нишон дода, аз ҷиҳати мазмун, ғоя, бадеиёт ва забон аз беҳтарин намунаҳои олии санъати сухан ба шумор меравад. Дар пайравии он дар адабиёти тоҷику форс, туркизабон, урду, пашту ва ғайра даҳҳо достонҳою қиссаҳо таълиф гардида, дар асоси он чандин песаю кинофилмҳо офарида шудаанд. Бузургтарин пайравони Низомӣ дар ин ҷода Амир Хусрави Деҳлавӣ, Навоӣ, Ҳотифӣ, М. Турсунзодаю А. Деҳотӣ, Самад Вурғун, Нозим Ҳикмат ва дигарон будаанд. Достони Низомӣ ба бисёр забонҳо, аз ҷумла ба забонҳои озарбойҷонӣ ва русӣ тарҷима шудааст.

## *Назарияи адабиёт*

**СЮЖЕТ, УСТУХОНБАНДИИ ДОСТОН ВА УНСУРҲОИ ОН**

Сюжет аз калимаи франсавии "sujet" гирифта шуда, маъноаш ашё ва мавзӯъ мебошад. Дар асари бадеӣ рафти силсилаи воқеаҳои ба ҳам алоқаманде, ки мазмуни асосии асарҳои нақлӣ ва драмавиро ташкил медиҳад, сюжет номида мешавад. Вале сюжет мазмуни одӣ набуда, он мазмуни бадеист, ки дар меҳвари тазоди пурқуввати зиндагӣ ва низоъҳои он, яъне конфликти муайян инкишоф ёфта, воситаест, ки барои нишон додани инкишофи воқеаҳо, тасвири муносибати байниҳамдигарии қаҳрамонҳо, ифшои олами ботинии онҳо ва ниҳоят таҷассум намудани хислати онҳо замина ба вуҷуд меорад. Ба тарзи дигар гӯем, сюжетнокӣ майдонест, ки дар натиҷаи амалиёт ва муносибатҳои қаҳрамонҳо нисбат ба якдигар хислат ва характери онҳоро сурат медиҳад. Ин хислату характери қаҳрамонҳо дар шароити конкретии рафти инкишофи воқеаҳою ҳодисаҳо, тадриҷан бартараф намудани монеаҳо ифодаи эҳтиросу хаяҷон, афкору омол, нияту дархост, ҳаракату амалиёт, рафтору кирдор ва гуфтори онҳо таҷассум меёбад. Сюжет дар макону замони муайян амалӣ гардида, воситаест, ки барои ифодаи мазмуни ғоявии асар хизмат мекунад.

Дар асари бадеӣ сюжетро аз композитсия, яъне сохти таркибии он фарқ кардан лозим аст. КОМПОЗИТСИЯ калимаи лотинӣ буда, маънои тасвир кардан, эҷод намудан, ҷобаҷо гузоштан ва тартиб доданро дорад. Композитсия маҷмӯи ҷузвҳои таркибиест, ки дар ягонагии ҷузвҳои таркибӣ, сохти асари бадеиро тарҳ андохта, навбати ба вуқӯъ пайвастани ҳодисаҳо, тартиби нақли воқеаҳо, тарзи ҷобаҷо гузоштани қаҳрамонҳо, муносибатҳои унсурҳои таркибии асар, яъне шакл ва тарзи таҷассуми мазмуни бадеии онро муайян мекунад. Композитсия, сюжет, тасвири манзараҳои табиат, муколамаҳо, симои

қаҳрамонҳо, диди нависанда ва ҳамаи қисматҳои ба асли мазмуни ҳикояҳо дохил намешударо низ фаро мегирад.

Сюжет аз панҷ унсур иборат аст. 1) экспозитсия; 2) гирехбандии воқеа; 3) инкишофи воқеа; 4) авҷ ё кулминатсия; 5) гиреҳкушоии воқеа.

Сюжети Хусрав ва Ширинро аз рӯи ин унсурҳо дида мебароем.

1. **Экспозитсия.** Ин қисмати сюжет шароити пешакии оғози воқеаҳоро шарҳ медиҳад. Низомӣ зиндагии Хусравро аз ҳангоми фарзандхоҳии падари ӯ ва таваллудаш то марги вай ба қалам меорад. Вале ҳадафи ӯ дар достон ишқи Хусраву Ширин мебошад. Воқеаҳои аз таваллуд то ҷазо гирифтани Хусрав экспозитсияи достонро ташкил медиҳад. Дар ин воқеаҳо аз масъалаи асосии достон, ки ишқи дилдодагон аст, дараке нест. Вале хонанда дар ин қисмат бо муҳити оилавии ва феълу атвори ӯ шинос мешавад.

Бо ҳамин экспозитсияи Хусрав ва Ширин ба поён расида, гирехбандии воқеаи он сар мешавад.

2. **Гирехбандии воқеа** - унсури дуюми сюжет буда, онро рабт низ мегӯянд. Дар ин қисмати сужет воқеаҳои асосии асари бадеӣ ва асли воқеа ҳодисаҳои аз Нӯшервонро хоб дидани Хусрав то ошиқ шудани Хусрав ва Ширин ба якдигарро фаро мегирад.

3. **Инкишофи воқеа** - унсури сеюми сюжет буда, қисмати аз ҳама муфассали онро ташкил медиҳад. Дар ин кисмати асарҳои бадеӣ нақли ҳодисаҳо бо шиддат ва тезутунд ба ҳаракат пайваста, моҷаро ва низоъ торафт қувват мегирад ва мавқеим ғоявии қаҳрамонҳо муайян мегардад. Дар Хусрав ва Ширин инкишофи воқеа, талошҳо, ҷудоиҳо ва муборизаҳои онҳо барои ба васл расиданро фаро мегирад ва то марги Марям давом мекунад.

4. **Авҷ** - унсури чаҳорум сюжет буда, онро кулминатсия низ мегӯянд. Кулминатсия аз лафзи лотинии "кулмён" - "баландӣ" гирифта шудааст. Дар ин қисмат воқеаҳои асари бадеии нақлӣ ба авҷ, яъне нуқтаи баланди он мерасад.

5. Унсури панҷум ва охирини сюжет ин гирекушоии воқеа мебошад, ки дар тамоми ҳодисаҳо анҷом меёбад. Дар Хусрав ва Ширини Низомӣ ҳодисаҳо бо марги ошиқу маъшуқ қатъ мегарданд.

# АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРИ XIII

Дар арафаи ҳамлаи муғул дар Осиёи Миёна, Хуросон, Эрон, Афғонистони кунунӣ, Озарбойҷон, Ироқ ва Ҳиндустони Шимолӣ марказҳои бузурги адабӣ мавҷуд буданд. Истилои муғул ба инкишофи маданият ва адабиёти мардуми эронинажод, ки дар асорат афтода буд, зарбаи сахт зад. Аз чоряки аввали асри XIII сар карда ҳаёти маданию адабии Осиёи Миёна ва Хуросон рӯ ба завол ниҳода, то рафт беравнақ шуд. Ин ҳол то нимаи дуввуми асри XIV тӯл кашид. Заъфи адабӣ ба қатлу ғорати чингизиён ва ғасбу тааддии Темури Ланг вобаста буд.

Саркардагони қабилаҳои кӯчманчии муғул, ки ватани аслии онҳо Шарқи Дур буд, дар ҳирси ғорати сарвату кишвари халқҳои бегона ташнаи ҷанг буданд. Онҳо дар қурултойе, ки соли 1206 Темучинро Чингизхон, яъне хони бузург эълон карданд, нақшаи истилои мамлакатҳои бегонаро кашиданд. Чингизиён дар муддати забткориҳои худ империяи Цзинро дар Хитойи Шимолӣ ва империяи Сунро дар Хитойи Ҷанубӣ ба зери итоат даровардa, Тибет, Туркистони Шарқӣ, Ҳафтрӯд, Осиёи Миёна, Хуросон, Эрон, Ироқи Араб, кишварҳои Закавказия, Кавкази Шимолӣ, Рус, Поволже, баъзе кишварҳои Аврупои Шарқӣ ва ғайраро истило карданд.

Ҳуҷуми муғул ба Осиёи Миёна аз соли 1219 шурӯъ шуда, қатлу ғорати он то охири асри XIII давом кард.

Соли 1218 Чингиз ба тарафи Хоразм як корвони савдогаронро фиристод. Ҳайати корвон аз 450 кас иборат буд. Посбонони шаҳри сарҳадии Утрор дар рафтори корвониёни Чингиз амали ҷосусӣ пай бурда, ҳамаро сар заданд. Ин баҳонае шуд, ки Чингиз ба Осиёи Миёна лашкар кашад. Вай бо лашкари дусадҳазорнафара ба сӯи Осиёи Миёна ҳуҷум кард. Моҳи сентябри соли 1219 чингизиҳо ба Утрор расида, тамоми посбону аҳолии шаҳрро аз дами шамшер гузаронданд ва қалъаи онро ба хок яксон карданд. Онҳо бо лашкари муташаккиле, ки бо аслиҳаи ҷангии оташбор, ғӯлӯлаҳои нафт ва манҷаниқ мусаллаҳ буд, солҳои 1220-1222 Самарқанд, Бухоро, Шош, Хуҷанд, Урганч, Тирмиз, Балх, Марв, Ҳирот, Нишопур ва Тӯсро забт намуда, бо ин роҳ тамоми Осиёи Миёна ва Хуросонро ба даст даровурданд. Муғулон то соли 1224 Эрон ва баъди се сол Озарбойҷонро низ тобеи худ гардониданд.

Чингизхон худро балои осмонӣ шумурда, ба мардуми мусулмон мефаҳмонд, ки бо ӯ муқобилат кардан суде надорад, зеро ӯро Худо чун бало фиристодааст. Муаррихи машҳур Атомалик Ҷувайнӣ хабар медиҳад, ки Чингиз дар Бухоро ба онҳое, ки зинда монда буданд, мурочиат карда гуфта буд: "Эй қавм, бидонед, ки шумо гуноҳҳои

бузург кардаед. Аз ман бипурсед, ки ин сухан бо чӣ далел мегӯям: Сабаб ин ки ман азоби Худоям, агар шумо гуноҳҳои бузург накарданди, худой чун ман азобро ба сари шумо нафиристодӣ".

Сайфи Фарғонӣ манзараи кишварҳои истилошударо дар ин байт сабт намудааст:

Дар даври мо зи оташи бедоди золимон,
Чу дуду сел тира шуд обу ҳавои хок.

**ИСТИЛОИ МУҒУЛ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР АДАБИЁТ**

Дастболо шудани муғулҳо дар ҳамаи муҳорибаҳо танҳо натиҷаи қудрати ҳарбии онҳо набуд. Парешонии феодалӣ, бетадбирии ҳокимон, маркази ягона надоштани қувваҳои муборизабаранда, нифоқи аҳли дарбор, мунокишаҳои мазҳабӣ, ихтилофҳои иҷтимоӣ ва ниҳоят хиёнати аҳли дину давлат ба дастболо шудани чингизиён мусоидат карданд.

Ҳангоми ҳамлаи муғул калонтарин давлати қаламрави адабиёти тоҷик -давлати Хоразмшоҳиён (1127-1220), ки қаблан ба Салҷуқиён мутеъ буд, Мовароуннаҳр, Хурсон, Эрон, Афғонистон ва Ирокро дар зери итоати худ нигоҳ медошт.

Охирин подшоҳи ин сулола султон Муҳаммади Хоразмшоҳ (1200-1220) ҳар сол ба вилоятҳои қаламрави худ, Озарбойҷон, Эрон ва ҳатто то вилояти  Форс тохту тоз мекард. Даҳ сол ӯ бо Қарахитоиён ҷангид. Вай қуввai зиёди ҳарбӣ ва иқтисодӣ дошт. Вале ӯ бо моҷароҳои дохилӣ, низоъҳои хонаводагии худ машғул шуда, ба ҷанги зидди Чингиз тайёр набуд. Вай лашкарро ба гурӯҳҳои камшумор тақсим намуда, дар шаҳрҳои алоҳида парешон нигоҳ медошт, мамлакат ба ном ягона буд, ҳукумати марказӣ эътибор надошт. Низоъҳои зиёд пайкари давлатро рахна мекард. Нифоқи аҳли дарбор, хусусан хусумати гурӯҳи калоне бо сардории модари подшоҳ Туркониотун ба муқобили султон Муҳаммад ӯро бемадор карда буданд. Зулми Хоразмшоҳиён ва шӯришҳои халқро бераҳмона поймол кардани онҳо эътиқоди мардумро аз Хоразмшоҳиён гардонда буд.

Ҳангоми ҷанг бо истилогарони одамхор қувваҳои ҳарбии давлатӣ ҷиддӣ муқобилият нишон намедоданд. Рӯҳониён, ки аз тарафи муғулҳо харида шуда буданд, даъват менамуданд, ки халқ ба муғулҳо муқобилият нишон надиҳад, зеро он балои осмонӣ буда, кас пешгираш карда наметавонад. Шаҳрҳоро аҳолӣ, хусусан ҳунармандону толибилмони мадрасаҳо муҳофизат мекарданд. Ҳатто занону бачаҳо дар муҳорибаи зидди душман ҷони худро дареғ намедоштанд. Масалан, бухориҳо ва самарқандиҳо то нафаси охирин ҷангиданд. Хуҷандиҳо бо сардории Темурмалик дар ҷанги зидди чингизиён намунаи олии қаҳрамонӣ нишон доданд. Аҳолии Урганҷ шаш моҳ шаҳри худро мудофиа кард. Яғмогарон ҳар як кӯча ва маҳалларо ба душворӣ ба даст овარданд.

Дар чунин вазъият Муҳаммад Хоразмшоҳ аз мамлакат гурехта, дар яке аз ҷазираҳои баҳри Хазар пинҳон шуд. Вай дар охир бо хорию залилӣ ҷон дод.

Истилогарони муғулу тотор ба сарзаминҳои обод тохта, вайронӣ, фатарот ва нобасомонӣ ба вуҷуд меоварданд. Онҳо дар болои забт кардани сарвату давлат аҳолии шаҳрҳои калон ва деҳаҳои хурдро яксон мекуштанд. Онҳо ба ҳеҷ кас раҳм намекарданд, занону мардон, пирону кӯдаконро мекуштанд. Онҳо иморатҳо, ҷӯйҳо, наҳрҳо ва корезҳоро вайрон мекарданд, боғҳоро аз реша мекананданд, заминҳои обиро ба чарогоҳ табдил медоданд. Хулоса, дар натиҷаи истилои муғул ҳама ободиҳо зеру забар шуда, аз баъзе шаҳрҳо ҷуз номе боқӣ намонд. Дар охири асри XIII танҳо даҳяки заминҳои кишт истифода мешуд.

Истилои чингизиён бо ваҳшоният, хунрезӣ ва разолати худ дар таърих назир надошт. Урдуҳои муғул ҳар ҷо, ки по мениҳоданд, аз ободӣ, фарҳанг ва маданият осоре боқӣ намегузоштанд. Яғмогарон мардумро саросар мекуштанд, кӯдакону пиронро бо шиканҷаҳои гӯшношунид ба қатл мерасонданд, шиками занҳои ҳомиларо чоку пора карда, бачаҳои ҳанӯз таваллуднашударо бо ваҳшоният аз дами теғ мегузарониданд. Онҳо тамоми аҳолии Урганҷро кушта, хоки онро бехта, зери об монданд. Бо қатли оми як миллиону сесад ҳазор нафар аҳолӣ Марвро пурра нест карданд. Аз сад ҳазор хонаводаи Самарқанд фақат бисту панҷ ҳазор хонавода боқӣ монд, ки аксар рӯҳониён буданд. Сӣ ҳазор ҳунарманди самарқандӣ ҳамчун асир ба Муғулистон фиристода шуданд. Дар Балх ҳатто парандаҳоро қир карданд. Ҳангоми забти Бухоро муғулҳо мадрасаҳоро вайрон карда, дар масҷиду мадрасаҳои бебому сақф аспҳои худро бастанд. Онҳо сандуқҳоро ба аспҳояшон охур карданд. Яке аз марказҳои қадимии илму фарҳанг Марв билкул нест карда шуд. Баҳори соли 1221 дар истилои Нишопур муғулҳо тамоми аҳолии шаҳр ва атрофи онро, ба истиснои 400 касе, ки бо худ burданд, аз дами теғ гузаронда, то сагу гурбаҳоро зинда нагузоштанд. Кушташудагони нишопурӣ беш аз як миллион буданд. Баъди қатли оми Ҳирот дар шаҳр ҳамагӣ чиҳил кас ва дар атроф сад нафар зинда монд.

Мусибати дар замони чингизиён ба сари халқ омада адибонро низ дар канор намегузошт. Дар натиҷаи забту куштори чингизиён бисёре аз аҳли ҳунар, санъаткорон, олимону донишмандон ва адибон кушта шуданд. Соли 1221 дар қатли оми Нишопур адиби бузург Фаридуддини Аттор ва соли 1237 дар куштори саросари аҳолии Исфаҳон шоири машҳур Камолиддин Исмоил кушта шуданд. Ҳангоми истилои Бухоро муғулон олимону шайхони номиро маҷбур мекарданд, ки аспҳои онҳоро алаф диҳанд, чодирҳои ифлосашонро рӯбанд. Байти зерин ҳамин вазъиятро инъикос менамояд:

Андар ин айём, к-осоиш намеёбанд аном[1],
Ҳукм бар арбоби илм аҳли ҷаҳолат мекунанд.

---

[1] **Аном** - бузургон.

Адибони зиёде дар асорати муғулон афтодаанд. Аз ҷумла Шамси Қайси Розӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ ба дасти яғмоғарони чингизӣ асир афтода, бо тасодуфҳо гурехта, ҷон ба саломат бурданд. Ҳунармандону эҷодкорони зиёд ҳамчун асир ба марказҳои ҳукуматҳои ғосиб фиристода мешуданд. Ин одатро ворисони Чингиз низ давом доданд.

Дар эҷодиёти шоири муҳоҷир ва ба асорат афтода - Сайфи Фарғонӣ мавзӯъҳои ҷудоӣ аз ватан ва иштиёқи ёру диёр хеле мақоми баланд доранд. Як муаррихи шоҳиди ҳамлаи муғул моҳияти онро бо панҷ калима ифода кардааст: "Омаданду канданду сӯхтанду куштанду бурданд".

Соли 1251 муғулон қурултой карданд, ки истилои худро ба Шарқи Наздик давом диҳанд. Ҳалоку дар Эрон элхон, яъне хони қабила таъин шуда, ба ҳуҷум сар кард. Вай аз Бағдод то Бухороро ба коми истилои худ кашид.

Вай соли 1256 Аламу ва баъди як сол Бағдодро забт кард. Ӯ соли 1272 ба Мовароуннаҳр ҳамла оварда, Кешу Нахшаброро тохт. Вай соли баъдаш аҳолии Бухороро қатли ом фармуда, 50 ҳазор касро аз дами шамшер гузаронда, шаҳрро оташ зад. Як ҳафта дар кӯчаҳои шаҳр хун ҷорӣ буд. Ҳафт сол Бухоро аз даст ба даст гузашта, ғорат мешуд. То ин ки ба қавли воқеанигори шоҳиди истило, дар натиҷа "ҷунон шаҳре муаззам ва вилоёти он ба куллӣ хароб шуд ва муддати ҳафт сол дар он ҳаволӣ ҳеҷ ҷонвар набуд".

Вазъи харобу валангори шаҳрҳои толоншударо Сайфи Фарғонӣ чунин ба қалам медиҳад:

Гуфтам: Андар кунҷи узлат рӯ ба девор оварам,
Чун кунам? Дар шаҳри мо як хонаро девор нест!

Саъдии Шерозӣ хислати лашкари муғулро чунин ба қалам медиҳад:

Ҳама одамизод буданд, лекин,
Чу гургон ба хунхорагӣ тезчанге.

## Пурзӯр шудани қувваҳои зидди зулм

Асрҳои XIII-XVI дар таърихи халқи тоҷик аз пуроштубтарин ва серфоҷиатарин давраҳост, хусусан ҳуҷуми Чингиз ба Осиёи Миёна "фоҷиае буд, ки таърих монандашро нишон надодааст". (С. Айнӣ). Аммо ваҳшонияти истилогарон натавонист, ки рӯҳи озодихоҳ, қувваи эҷодӣ ва қудрати офарандагии халқи тоҷикро маҳв намояд. Дар он талотуми марг муборизаи халқи меҳнаткаш бар зидди истилои бегонагон ва истисмори табақотӣ хомӯш нашуд. Дар ин роҳ ҷунбишҳои халқӣ тазоҳури кушоду равшан ва шакли муташаккили эътирози халқ бар зидди зулму истисмор буд. Халқ ба муқобили истилогарону золимон гаштаю баргашта ба қиём мехест. Соли 1238 дар

Бухоро Маҳмуди Торобӣ шӯриш бардошт. Тамоми ҳунармандон ба по хестанд. Ин шӯриш аввалин бор баъди истилои муғулон нишон дод, ки дар мамлакат қуввае хаст, ки метавонад ба муқобили истилогарон ва косалесони онхо истодагарӣ кунад. Дар натичаи ин шӯриш дастнишондаи ачнабихо Маҳмуди Ялавоч аз ҳокимият дур карда шуд. Баъзе андозҳоро кам карданд. Андозситониҳои такрорӣ расман манъ шуд. Вале дар охир худи шӯриш ҳам пахш гардид.

Шӯриши Маҳмуди Торобӣ ягона набуд. Солҳои 30-80 асри XIV тамоми хоки Мовароуннаҳру Хуросон ва Эронро мавчи шӯришҳои халқӣ фаро гирифт.

Дар беҳтарин шеърҳои танкидии Сайфи Фарғонӣ харобии мамлакат ва зиндагии пурфочиаи аҳли заҳмат инъикос гардидааст. Намунаи барчастаи чунин ашъори Сайфи Фарғонӣ қасидаи Таърихи фасоди замон аст. Истисморкунандагону озордиҳандагони халқро шоир гург, саг, ва каждум мешуморад:

Раият гӯспанданд, ин сагон гургон,
Ҳама дар гӯсфандон уфтода...
Бубин дар нони халқ каждумонро,
Чу андар гӯшт кирмон уфтода.

Байти зерини Сайфи Фарғонӣ вазъияти замонро хеле хуб мефаҳмонад:

Сайфи Фарғонӣ, чу пайдо гашт буми шуми зулм,
Рост чун анқо ниҳон шуд тоири маймуни[1] мо.

Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки муддате асири муғулон шуда буд, чун шоҳиди бисёр чангҳои байнихудии ҳокимони маҳаллӣ аз равнақи бозори зулм, тангии рӯзгор ва бесарусомонии замон лаб ба шиква мекушояд:

Офиятро дар ҳама олам намеёбам нишон,
Гарчи мегардам ба олам, ҳам намёбам нишон.
Одамиятро кучо бар тахтаи тинат кунам.
К-одамиро аз банӣ одам намеёбам нишон.
Мардумӣ чустан зи ҳар номардуме номардумист,
Чун зи мардум дар ҳама олам намеёбам нишон.
Толеам нохуб аз ахтар намебинам асар,
Синаам мачрӯҳу аз маҳрам намеёбам нишон,

ИЛМ

Ба сабаби зеру забар шудани марказҳои илмӣ, хароб гардидани мадрасаҳову китобхонаҳо ва қатли оми донишмандон илм рӯ ба сукут ниҳод. Вале риштаи мавчудияти он гусуста нашуд. Ба сабаби ривочи иртичои мазҳабӣ ва нуфузи рӯҳониён бештар шарҳи илмҳои шаръ - фиқҳ, тафсир, ҳадис ва калом ривоч дошт.

---

[1] **Тоири маймун** - мурғи бахт.

Дар ин замон илми таърихнависии анъанавӣ ба авҷи аъло расид. Ҷувайнӣ, Рашидуддин, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, Сайфии Ҳаравӣ ва Муинуддини Яздӣ бузургтарин олимони соҳаи таърих буданд. Дар соҳаи риёзиёт, нуҷум, тиб, фалсафа, ҳикмат, мантиқ, ахлоқ ва илмҳои адабӣ як зумра олимон ба тадқиқу таълиф машғул шуданд. Насируддини Тӯсӣ (1201-1273), Ибни Нафиси Қаршигӣ (ваф. 1288), Маҳмуд ибни Умари Хуҷандӣ (ваф. 1300) ва дигарон дар чандин илм моҳир буданд. Бо роҳбарияти Насируддини Тӯсӣ дар Мароға расадхонае бунёд шуд, ки наздаш мадраса ва китобхона (20 ҳазор китоб) дошт. Дар он расадхона мунаҷҷимони ҳиндӣ ва хитоӣ низ кор мекарданд. Китоби тоҷикии Зиҷи элхонӣ махсули ин расадахона буд.

Дар соҳаи ҳикмату мантиқ Нафоис-ул-фунуни Шамсуддини Омулӣ ва дар соҳаи илмҳои адабӣ асарҳои зиёд офарида шуданд.

Насируддини Тӯсӣ дар илми ахлоқ Ахлоқи Носирӣ ва дар илми шеър Меъёр-ул-ашъорро навишт. Дар соҳаи адабиёт як силсила асарҳои дигар низ ба майдон омаданд. Муҳаммад Авфии Бухороӣ баъди ҳиҷрат ба Ҳинд дар он ҷо соли 1222 тазкираи Лубоб-ул-албобро таълиф намуд. Дар ин тазкира роҷеъ ба пайдоиш ва таърихи адабиёти беш аз сесадсолаи тоҷик (аз Рӯдакӣ то замони муаллиф) маълумот дода мешавад.

Шамсиддин Муҳаммади Қайсӣ Розӣ асари худ Ал-мӯъҷамро оид ба арӯзу қофия ва илми бадеъ хос гардонда, дар ин соҳа таҷрибаи адабиётшиносони арабу тоҷикро ҷамъбаст намуд. Соли итмоми Ал-мӯъҷам 1233 мебошад.

Аҳамияти бузурги Лубоб-ул-албоб ва Ал-мӯъҷам боз дар он аст, ки маҳз ба туфайли онҳо намунаҳои ашъори бисёр шоирони тоҷики асрҳои IX-XIII боқӣ мондаанд.

Дар натиҷаи тохту този муғул ҳаёти иқтисодии Осиёи Миёна ва Хуросон футур рафт. Барои пешрафти адабиёт низ дар ин сарзаминҳо ягон шароит боқӣ намонд. Бисёр олимону адибон ба шаҳодат расиданд ё асир афтоданд. Гурӯҳи дигар ба хориҷа ҳиҷрат карданд. Дар ватани аслии тоҷикон адабиёт рӯ ба таназзул ниҳод. Вале бо ҳамаи ин тамаддуни бостонии халқи тоҷик барҳам нахӯрд. Аввалан, шахсони аз зулми муғул фирор намуда, баъзе осори фикрӣ ва адабии халқи худро ба Эрон, Ҳиндустон, Осиёи Сағир ва кишварҳои арабӣ бурда, онҳоро аз нобудшавӣ наҷот доданд. Сониян, онҳо дар он кишварҳо ба доираҳои эҷодӣ ворид шуда ба таълифу эҷод машғул шуданд. Онҳо бо ин кори худ нагузоштанд, ки чароғи илму адаби тоҷик хомӯш гардад.

Ҳамин тариқ Сайфи Фарғонӣ ба Рум, адабиётшинос Шамси Қайси Розӣ, ки дар Бухоро ва Марв таҳсил карда, дар Урганч мезист, ба Эрон, Муҳаммад Авфии Бухороӣ, Назлии Бухороӣ, Зиёуддини Нахшабӣ, Бадри Чочӣ ба Ҳинд ҳиҷрат карданд. Падарони Ҷалолиддини Балхӣ ва Амир Хусрав дар ибтидои ҳамлаи муғул ватани худро тарк карда буданд.

Ин адибон дар осори худ анъанаҳои беҳтарини адабиёти тоҷикро давом доданд. Осори онҳо давоми қонунии эҷоди ниёгонашон буд.

Ҷалолиддини Румӣ Маснавии худро дар 36 ҳазор байт суруда, девонашро дар 54 ҳазор байт гуфт. Девони Носири Бухороӣ қариб даҳ ҳазор байтро фаро мегирад. Девони Ибни Нусрати Хуҷандӣ 20 ҳазор байт дорад. Зиёуддини Нахшабӣ асарҳои ҳиндиро ба тоҷикӣ гардонд. Ҳамаи ин адабиёти тоҷикро бо ҳусни нав ҷилва дод. Дар муҳоҷират чандин китобҳои адабиётшиносӣ тасниф шуданд, ки Лубоб-ул-албоб ва Ал-муъҷам аз он қабил мебошанд.

Мавзӯи ғарибӣ, фироқи ёру диёр ва пайванди рӯҳонӣ бо зодгоҳ дар эҷодиёти шоирони муҳоҷир зиёд садо медиҳад. Мисли гуфтори Зиёуддини Нахшабӣ:

Гарчи ранҷ аст эҳтиёт, валек
Ғурбат аз эҳтиёҷ зишттар аст.

Вайронии кишвар, тохтутозҳои мукаррари бодиянишинон дар байни халқ ҳисси навмедиву яъсро бипароканд. Чунин андеша дар адабиёт низ инъикос ёфт. Дар ин шароити хафакунанда шоирони сӯфимашраб ягона тасаллибахши дили ҳазорон ҳазор зулмдидагон гардиданд. Тасаввуф тӯдаҳоро ба оғӯши тасаллият гирифта, ба дили касони ноумед шӯълаҳои умеди рӯзу рӯзгори некро бармеафрӯхт. Мавлонои Балхӣ, Саъдӣ, Фахруддини Ироқӣ, Авҳадуддини Авҳадӣ, Авҳадии Мароғӣ ва бисёр шуарои дигар дар ин роҳ хидмати барозанда анҷом доданд.

Дар асри XIII жанрҳо ва шаклҳои адабие, ки дар асрҳои гузашта сурат гирифта буданд, ривоҷ доштанд. Инҳо аз маснавӣ, ғазал, рубоӣ, қитъа иборат буданд. Мухаммас дар ин давра ба вуҷуд омад. Соқинома ҳам дар ин замон шакл гирифт. Дар асри XIII ба сабаби таваҷҷӯҳ надоштани муғулон ба қасида ва набудани ҳокимони лоиқи ситоиш қасидаҳои мадеҳавӣ қариб аз даҳон монд. Муғулҳо ба таърихнигорӣ бештар аҳамият медоданд. Дар ин давра намунаҳои хуби қасидаҳои иҷтимоӣ (Сайфи Фарғонӣ) ба майдон омаданд.

Навъи аз ҳама бештар доман густурдаи назм ғазал буд. Саъдӣ онро ба пояи баланд расонд. Амир Хусрав панҷ девон тартиб дод. Мавзӯи ғазал ишқ буд. Дар зимни он афкори иҷтимоӣ, хусусан шикоят аз бахти вожгун, ошӯб, риндӣ ва ҳаётдӯстӣ баён мешуд.

Маснавӣ дар асри XIII-XIV бо чандин навъ арзи вуҷуд мекард. Бӯстони Саъдӣ ва Маснавии Ҷалолиддини Балхӣ намунаҳои барҷастаи маснавиҳои ахлоқӣ мебошанд. Пайравӣ ба Шоҳнома давом кард. Аммо беш аз ҳама ашъори ирфонӣ, ахлоқӣ ва инсондӯстӣ ривоҷ ёфт. Зиёи Нахшабӣ мефармояд:

Ҳар кӣ бар хонае кунад зулме,
Хонааш оқибат хароб шавад.

Ба сабаби ҳамлаи муғул ва харобкориҳои он дар Ҳиндустон ва Осиёи Сағир конуни адабиёти форсизабон афрӯхта шуд. Эҷодиёти Сайфи Фарғонӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Мавлонои Румӣ, Авҳадӣ ва дигарон исботи ин даъвост.

# МУҲАММАД АВФӢ
# (1172–1242)

**Садидаддин Муҳаммад Авфии Бухорой** аз нависандагон ва донишмандони забардаст буда, шеър низ менавишт. Падару бобоёнаш аз аҳли илму дониш буданд. Таваллуди Авфӣ соли 1172 воқеъ гардида буд. Кӯдакӣ ва айёми таҳсили Муҳаммад Авфӣ дар зодгоҳаш Бухоро гузашт. Вай илмҳои маъмули замони худ – забони арабӣ, фиқҳ ва каломро дар мадраса омӯхт. Авфӣ хаттоти моҳир низ буд.

Муҳаммад Авфӣ баъди анҷом додани таҳсили илм ба саёҳат баромада, бисёр шаҳру вилоятҳои Мовароуннаҳр, Хуросон ва Систонро сайр намуда, бо донишмандону фозилони он ҷоҳо мулоқотҳо орост. Аввал, ӯ соли 1201 дар Самарқанд рахти иқомат партофта, қариб ду сол он ҷо монда, ба мансаби соҳиби девони иншои ҳокими он ҷо расид. Баъд, дар Марву Хоразм (1203), Ҳироту Нисо (1206), Систон (1207), Нишопур (1210), Қазвин, Исфизор ва ғайра зиндагӣ мекунад. Ӯ ба ваъзгӯӣ бештар машғул шуда, барои китобҳои ояндааш маълумот, нақлу ривоятҳо ва санаду ҳуҷҷатҳо ҷамъ меоварад. Бо вуҷуди дониши фаровон доштан Авфӣ дар сайру саёҳатҳои худ назди донишмандони номдор дониши худро дар баъзе соҳаҳо хеле такмил дод. Вай ниҳоят соли 1219 ба Бухоро баргашт. Вале дар ватанаш осоиш насиби ӯ нагардид. Бухоро ва умуман Мовароуннаҳр гирифтори ҳамлаю ғорати муғулон шуд. Муҳаммад Авфӣ соли 1220 ба Ҳиндустон ҳиҷрат намуд. Вай ба воситаи Ғазнин роҳи Синдро пеш гирифт. Дар Синд Муҳаммад Авфӣ бо дарбори ҳокими он ҷо Носириддини Қубоча робита пайдо карда, бо вазири он Айнулмулук Фахриддин Ҳасан, ки шахси илмдӯсту адабиётписанд буд, дӯст шуд. Авфӣ то соли 1228 дар шаҳрҳои гуногуни Синд-Лоҳур, Баккар, Уч, Канбоат ва ғайраҳо ҳаёт бурд. Ӯро қозии шаҳри Канбоат таъин карданд. Аммо Муҳаммад Авфӣ бештари вақти худро ба таълифу тарҷимаи асарҳои адабӣ ва илмӣ мегузаронд. Ӯ солҳои 1221-1222 тазкираи худ Лубоб-ул-албобро таълиф намуд. Соли 1223 асари ат-Танӯхӣ (асри Х) Ал-фараҷ баъд-аш-шидда (Осоиши баъди сахтиҳо)-ро аз арабӣ ба тоҷикӣ гардонд. Дар ҳамин вақт ӯ ба таснифи Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт машғул буд.

**ОСОРИ АДАБӢ ВА ИЛМӢ**

Аз ишораҳои Муҳаммад Авфӣ маълум мешавад, ки ӯ ба гуфтани шеър ва навиштани асарҳои мансур аз ҷавонӣ сар карда будааст. Ӯ дар пайравии **Ҳадиқат-ул-ҳақиқати** Саноӣ бо номи **Мадоеҳ-ус-султон** маснавие низ доштааст. Вале номи ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик маҳз ба туфайли Лубоб-ул-

албоб ва Ҷавомеъ-ул-ҳикоёт ва лавомеъ-ур-ривоёт сабт гардидааст.

**ЛУБОБ-УЛ-АЛБОБ**. Ин ном аз калимаи "луб", яъне, мағз гирифта шуда, ба тоҷикӣ онро «Мағзи мағзҳо» гуфтан мумкин аст. Лубоб-ул-албоб нахустин тазкираи шоирони тоҷику форс аст, ки то ба замони мо омада расидааст. Тазкира навъи махсуси китобҳои илмӣ аст, ки роҷеъ ба шарҳи ҳоли адибон ё бузургони соҳаҳои дигари илму адабиёт ва санъату ҳунар маълумот дода, аз осори онҳо намунаҳо фаро мегирад. Пеш аз Авфӣ Абӯтоҳири Хотунӣ (асри XII) бо номи Манокиб-уш-шуаро тазкирае тартиб дода будааст, аммо он то замони мо омада нарасидааст. Лубоб-ул-албоб аз ду ҷилд ва дувоздаҳ боб иборат аст. Дар ҷилди аввал (бобҳои I-VII) муаллиф доир ба моҳият ва вазифаҳои шеъру шоирӣ, пайдоиши шеър, хусусан пайдоиши шеъри форсии дарии тоҷикӣ ва хусусиятҳои назму наср андеша ронда, роҷеъ ба 130 ҳаваскори адабиёт маълумот медиҳад. Ин ҳаваскорон амиру вазир, арбобони давлат ва амалдорони олирутба будаанд.

Ҷилди дуввуми Лубоб-ул-албоб (бобҳои VIII-XII) шарҳи ҳол ва намунаи осори 169 шоири касбиро фаро мегирад. Ин шоирон аз даврахои қадимтарин то замони зиндагии муаллиф мезистаанд. Асарҳои бисёрии ин шоирон дар натиҷаи харобиҳо ва вайронкориҳои муғулон аз байн рафтаанд. Тазкираи Авфӣ манбаи ягонаест, ки дар бораи онҳо маълумот медиҳад.

Муҳаммад Авфӣ шоиронро аз рӯи замони ҳукмронии хонадонҳои подшоҳӣ (Сомониён, Тоҳириён, Ғазнавиён ва ғайра) табақа бастааст. Тамоми тазкиранависоне, ки баъди Авфӣ доир ба шоирони асрҳои IX-XIII баҳс кардаанд, аз маълумоти Авфӣ фоида бурдаанд.

**ҶАВОМЕЪ-УЛ-ҲИКОЁТ ВА ЛАВОМЕЪ-УР-РИВОЁТ**, яъне маҷмӯае, ки ҳикоятҳоро фароҳам дорад ва ривоятҳоро намоиш медиҳад, асари аз ҳама калонҳаҷми Авфист. Он аз 4 ҷилд ва 100 боб иборат буда, беш аз 200 ҳикоятро фаро мегирад. Дар он ҳикоятҳои адабию таърихӣ, ривоятҳо, қиссаҳо, масалҳо, латифаҳо ва наклҳои пандомӯз гирд оварда шудаанд. Як силсилаи ҳикоятҳою ривоятҳо ҳаё, тавозӯъ, афв, ҳилм, адаб, шафқат, шуҷоат, карам ва вафо барин хислатҳои ахлоқи ҳамидаро тарғиб мекунанд. Баъзе ҳикоятҳо зиракӣ, солорӣ ва ҳозирамалиро намоиш медиҳанд. Қисмати дигари онҳо ба масъалаҳои мазаммати ҳирс, бухл, тамаъ, дурӯғ, танбалӣ, ҷаҳл, хиёнат ва амсоли инҳо хос гардонда шудаанд. Муаллиф, ки шахси сайёҳ ва ҷаҳондида буд, доир ба шаҳрҳо, вилоятҳо ва аҷоиботи ҳайвоноту табиати онҳо маълумоти маърифатбахш медиҳад. Тамоми ҳикояту ривоятҳо ҷанбаи ибратомӯз доранд.

Ин асари Авфӣ аз ҷиҳати сабки иншо низ ҷолиби диққат буда, ба тарзи содаву равон навишта шудааст. Он насрест, ки гоҳ-гоҳ пораҳои шеърӣ онро зеб медиҳанд. Вале баъзан таркибҳои арабӣ ҳам дорад. Бисёр ҳикояту ривоятҳои он ба китобҳои баъдина ва фолклор гузаштаанд. Он чаҳор бор ба туркӣ тарҷума шудааст.

# АНВАРӢ
## (1100–1186)

Авҳадуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ Анварии Абевардӣ яке аз устодони забардасти адабиёти форсу тоҷик буда, дар таърихи адабиёти форсӣ чун яке аз пайғамбарони шеър, хосса қасида, шинохта шудааст. Устоди беҳамтои қасидасароён будани ӯро Муҳаммад Авфии Бухорой, тамоми тазкиранависони минбаъда, ҳамчунин Имомоии Ҳаравӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Давлатшоҳи Самарқандӣ, В.А. Жуковский, Б.Ғ. Ғафуров ва дигарон эътироф кардаанд. Қитъаи машҳуре, ки нахустин бор дар Баҳористони Абдураҳмони Ҷомӣ омадааст, пояи Анвариро дар сурудани қасида баробари Фирдавсӣ дар эҷоди Шоҳнома ва Саъдии Шерозӣ дар навиштани ғазал медонад. Он қитъа ин аст:

> Дар шеър се тан паямбаронанд,
> Ҳарчанд ки "ло набию баъдӣ"[1].
> Авсофу қасидаю ғазалро
> Фирдавсию Анварию Саъдӣ.

Ба дараҷаи пайғамбари яке аз шӯъбаҳои пурчилон суханварии форсу тоҷик, ки қасида аст, шинохта шудани Анварӣ баландтарин баҳо ба ӯст. Аммо Анварӣ дар эҷоди ғазалу қитъа ва рубоӣ низ устод буда, дар эҷоди ҳаҷв ҳам маҳорати бузург доштааст.

Номи пурраи шоир Авҳадуддин Алӣ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ аст. Анварӣ тахаллуси шоирии ӯст. Соли таваллуди Анварӣ аниқ маълум нест. Тахминан соли 1100 ба дунё омадааст. Зодгоҳаш деҳаи Бадна мебошад, ки дар дашти Ховарони вилояти Хуросон воқеъ гардида будааст. Сабаби нисбаи Абевардӣ гирифтани ӯ ин аст, ки деҳаи зодгоҳи ӯ аз тавобеъи шаҳри Абевард ба шумор рафта, Абевард дар байни Сарахс ва Нисо (Ашқободи Ҷумҳурии Туркманистони кунунӣ) ҷойгир будааст.

Аз сабаби дар дашти Ховарон воқеъ гардидани зодгоҳи шоир Анварӣ дар аввалҳои шеърнависии худ дар ашъораш Ховарӣ тахаллус мекардааст.

Анварӣ саводи ибтидоиро дар зодгоҳи худ бароварда, пас дар мадрасаи Мансурияи Тӯс таҳсил намуда, аксар илмҳои расмӣ ва маъмули замони худро омӯхта, ҳамчунин фалсафа, ҳикмат, мантиқ, илоҳиёт, табиатшиносӣ, риёзиёт, нуҷум, ҳандаса, тиб, мусиқӣ, адабиёт ва ғайраро ба хубӣ аз худ намуда, чун донишманди варзидаи ин соҳаҳо

[1] **"Ло набийю баъдӣ"** - ҳадиси пайғамбари акрам ҳазрати Муҳаммад (с) аст, ки ба тоҷикӣ "баъди ман дигар пайғамбаре нест" мебошад.

шинохта шуда буд. Ҳанӯз дар замоне, ки ӯ шогирди мадраса буд, бо тахаллуси Ховарӣ шеър менавишт. Солҳо баъд Анварӣ дар бораи илму фазилат ва ҳунарҳои худ дар як китъае гуфта буд:

Гарчӣ дарбастам дари **мадху** ғазал якборагӣ,
Зан[1] мабар, к-аз назми алфозу маъонӣ қосирам[2].
Балки дар хар навъ, к-аз акрони[3] ман донад касе,
Хоҳ ҷузвӣ гир онро, хоҳ куллӣ, қодирам.
**Мантиқу мусиқию** ҳайат бидонам андаке,
Ростӣ бояд бигӯям бо насиби вофирам.
В-аз **илоҳӣ** он чи тасдиқаш кунад ақли сареҳ,
Гар ту тасдиқаш кунӣ, бар шарҳу басташ моҳирам.
Нестам бегона аз аъмолу аҳкоми **нуҷум**,
Дар баёни ӯ бағоят устоду моҳирам.
Чун зи Луқмону Фалотун нестам кам дар **ҳикам**,
В-ар ҳаме бовар надорӣ, ранҷа шав, ман ҳозирам.

Падари Анварӣ шахси давлатманд буд. Вай ба писари худ сарвати зиёде мерос монд. Вале Анварӣ ҳаёти лоуболона ба сар бурда, мероси падарро дар андак вақт ба бод дод ва бенавоёна зиндагӣ ба сар мебурд.

Баъди вафоти падар ва бенаво шудан Анварӣ аввал муддате дар Сарахс ва сипас се сол дар Ҳирот зиста, ниҳоят ба Марв омада, ба дарбори Султон Санҷар роҳ меёбад. Нақл мекунанд, ки нахустин касидае, ки Анварӣ дар мадҳи Султон Санҷар навиштааст, қасидае буд, ки бо байти зайл шурӯъ мешавад:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

Хизмати дарбор ба Анварӣ обрӯ, эътибор ва сарвати муайяне оварда, ӯро аз бенавоӣ ва фоқа наҷот дод. Султон Санҷар дар корҳои муҳими давлатӣ аз донишу маслиҳатҳои Анварӣ истифода мекард, ӯро дар сафару лашкаркашӣ ва шикорҳои худ ҳамроҳ мебурд. Соли 542/1147 Анварӣ дар ҳуҷуми Санҷар ба Хоразм ва истилои қалъаи Ҳазорасп ҳамроҳи ӯ буд. Соли 548/1153 қабилаи туркманҳои кӯчии ғузҳо, ки дар Хуросон маскун буданд, ба муқобили Санҷар исён бардоштанд. Санҷар бо мақсади саркӯб кардани онҳо моҳи муҳаррами ҳамон сол (апрели 1153) ба муқобилашон лашкар кашид. Вале худ мағлуб шуда, 6 ҷимодиюлулои ҳамон сол (30 июли 1153) ба дасти ғузҳо афтод. Тохту този ғузҳо ба сари мардуми Хуросон кулфатҳои фаровон оварда, мамлакатро харобу ошуфта гардонд. Анварӣ чун нома қасидае навишта, аҳволи нобасомони Хуросон ва фоҷеаи мардуми онро тасвир намуда, аз ҳокими Самарқанд мадад меҷӯяд, ки ин қасида акнун бо

---

[1] **Зан** - гумон.
[2] **Қосир** - нотавон.
[3] **Акрон** - ҳамкасбон.

номи Ашкҳои Хуросон маълум аст. Фитнаи ғузҳо ба илму маърифат ва ҳунару фарҳанг зарбаи марговар зад.

Анварӣ соли 1153 аз Марв гурехта, дар шаҳрҳои гуногуни Хуросон овора гашта, муддате дар Ҳироту Нишопур қарор гирифт. Соли 1154 ба Балх омад. Дар ин ҷо низ рӯзгори Анварӣ бе ташвиш намегузашт. Бар замми ин Футӯҳӣ ном шоир таҳқирномае дар ҳаққи мардуми Балх навишта, онҳоро авбошу бехирад номида, ин қитъаро ба номи Анварӣ баст. Мардуми Балх ба ғазаб омада, Анвариро ба зери шаллоқу лат гирифтанд. Қариб буд, ки ӯро ба марг расонанд. Баъзе шахсони баобрӯ ба миёна даромада, Анвариро аз марг наҷот доданд. То соли 560/1165 Анварӣ дар Балх мезист. Пасон, ӯ сафаре ба Бағдоду Мосул кард ва боз ба Балх баргашт. Боре ӯ ба Тирмиз ҳам рафта, чанде дар ҳузури ҳокими он вилоят Аҳмади Фирӯзшоҳ истиқомат ихтиёр карда буд. Ниҳоят, ӯ аз маддоҳӣ ва оворагардиҳо дилгир шуда, тарки ин шуғл кард ва гӯшанишиниро ихтиёр намуд. Вай нафрати худро ба ашъори мадҳия дар яке аз гуфтаҳояш чунин иброз медорад:

Касе, ки муддати сӣ сол шеъри ботил гуфт,
Худо бар ҳама комеш дод фирӯзӣ.
Кунун, ки рӯй ниҳад ҷумла дар ҳақиқати шаръ,
Чӣ эътиқод кунӣ, боз гирадаш рӯзӣ?

Мувофиқи гуфтаи худи Анварӣ ӯ дар охирҳои умр на танҳо аз мадеҳасароӣ, балки умуман аз шеънависӣ даст кашида, дигар ғазалу ҳаҷв низ намегуфтааст:

Дӣ маро ошиқаке гуфт: Ғазал мегӯӣ?
Гуфтам: Аз мадҳу ҳиҷо даст бияфшондам ҳам.
Гуфт: Чун? Гуфтамаш: Он ҷо гумроҳӣ буд,
Ҳолати рафта дигар боз наёяд зи адам[1].
Ғазалу мадҳу ҳиҷо[2] ҳар се аз он мегуфтам,
Ки маро шаҳвату ҳирсу ғазабе буд ба ҳам.

Анварӣ дуруст мефармояд, ки шеър баёни ангезаҳои ботинии инсон буда, шаҳвату ҳирсу тамаъ аз эҳсосоти нерӯманди одам аст, ки шоирро ба ибрози шеър водор мекунад. Агар кас аз баҳри ин эҳсосот барояд, маҳол аст, ки шеъре бигӯяд.

Вафоти Анварӣ соли 1186 иттифоқ афтодааст. Ӯро дар Балх ба хок месупоранд.

**ДЕВОНИ АНВАРӢ**

Аз Анварӣ девоне боқӣ мондааст, ки тахмин 15 ҳазор байтро фаро мегирад. Ин девон аз 250 қасида, 337 ғазал, 557 қитъа, 472 рубоӣ ва як маснавӣ иборат аст. Ба ғайр аз ин, Анварӣ доир ба илми нуҷум низ чанд рисола таълиф карда будааст, ки алҳол онҳо ба даст надаромадаанд.

[1] **Адам** - нест.
[2] **Ҳиҷо** - ҳаҷв.

**ҚАСИДАҲОИ АНВАРӢ**

Чунонки ишора шуд, Анварӣ дар таърихи адабиёти форсу тоҷик пайғамбари қасидасароён шинохта шудааст. Вай ба ин кор беш аз сӣ сол шуғл меварзид. Аз ҳамин ҷиҳат бахши назарраси эҷодиёт ва мероси адабии боқимондаи Анварӣ аз қасида иборат аст. Аз ҷиҳати абёт ҳам аз нисф зиёди нусхаҳои қаламӣ ва чопии девони Анварӣ аз қасида таркиб ёфта, бештар аз ҳашт ҳазор байт аст. Ин қасидаҳо ағлаб мадҳ буда, дар онҳо мамдӯҳони шоир, ки подшоҳону ҳокимон, пеш аз ҳама ва беш аз ҳама Султон Санҷар, вазирон ва шахсони мӯътабари дигар мебошанд. Дар ташбибу тағаззулҳои қасоиди Анварӣ васфи баҳор, шукуфтани гулу раёҳин, нағмаи обшорон, боридани абри найсон, ҷӯшиши чашмасорон, сафедии барф, фаровонии неъматҳои тирамоҳ, хулоса ҷилваҳои гуногуни ҳусни табиат моҳирона ба тасвир гирифта шудааст.

Ҳамчунин, зимни мадҳияҳои худ ӯ ба масъалаҳои фалсафаю ахлоқ, зарурати омӯхтани илм, адлу дод, ҳимояти фуқаро, мазамматы зулму дурӯғу дасисабозӣ ва тарғиби ғояҳои инсондӯстӣ даҳолат мекунад. Баъзе сатрҳои қасидаҳои мадҳияи Анварӣ ҳазлу ҳаҷв, панду андарз, накӯҳиши хиёнат ва ҳасби ҳоли худи шоирро фаро мегиранд. Дар рафти мадеҳаҳо ҳаёти иҷтимоӣ, воқеаҳои сиёсӣ, андешаҳои фалсафӣ ва афкори ҷамъиятӣ мавриди баҳс қарор гирифта, таҷрибаи фаровони шоир дар гуфтори ӯ инъикос мегардад.

Анварӣ адолат, шуҷоат, саховат, дониши хирад ва сифатҳои наҷиби дигарро ба мамдӯҳи худ нисбат дода, нафақат ба таърифҳои муболиғаомези ӯ мепардозад, балки ҳадафи асосии вай он аст, ки мамдӯҳаш аз он гуфтаҳо ибрат гирифта, дар воқеъ он тавре шавад ва бошад, ки ситоиш меёбад. Ин хусусияти қасидаҳои Анварӣ аз аввалин қасидаи ӯ, ки ба Султон Санҷар бахшида шудааст, ба мушоҳида мерасад:

Гар дилу даст баҳру кон бошад,
Дилу дасти худойгон бошад.

Минбаъд ҳамин шеваи гуфтор дар қасоиди мадеҳавии Анварӣ то рафт устувор гардида, дар қасидаҳои бисёре Султон Санҷар дар караму ҳиммат аз Ҳотами Той болотар, дар ҳашмату шукӯҳ аз Ҷамшеду Доро бештар, дар адл аз Нӯшервони Одил афзалтар, дар ҷаҳонфотеҳӣ зиёдтар аз Искандари Зулқарнайн ва амсоли инҳо ситоиш карда мешавад. Ҳатто аспи ӯ аз Рахши Рустам монандӣ надорад. Аз ҳамин сабаб дар қаламрави ин хел одилу мӯҳташам шоҳину кабк, гургу меш за душмани ҷонии ҳамдигар дар сулҳу осоиш, бе хавфу ҳарос аз тааддии дастзӯрон зиндагӣ ба сар мебаранд. Анварӣ мегӯяд:

Дасти адлат гар биҳоҳад, ошён донад ниҳод,
Кабкро дар миқлаби шоҳину минқори уқоб.

Адли ту чунон кард, ки аз гург аминтар
Дар ҳифзи рама ёри дигар нест шубонро.

Ниҳоят Анварӣ аз маддоҳӣ дилгир шуда, аз навиштани чунин қасидаҳо даст мекашад, зеро мебинад, ки барои подшоҳу аҳли дарбор ба ҷуз талоши ғорату қабоҳат, тааддиву зулм, ҳасад ва айшу ишрат ҳеҷ мақсади дигаре вуҷуд надорад. Махсусан бухлу тамаъ ниҳоди ин гурӯҳро муайян мекунад. Дар як қасида худи Анварӣ на танҳо гӯшзад менамояд, баъди солҳо мадеҳа сурудан, ниҳоди аҳли ҷоҳро санҷидан ва риёкорона будани суханҳои тамаллуқомези маддоҳонро фаҳмидан аз он даст кашидан, балки аз дигарон талаб мекунад, ки ин навъ шеърро нахонанд ва ба гуфтани он даҳанро наолоянд:

Эй бародар, бишнавӣ рамзе зи шеъру шоирӣ,
То зи мо мушти гадо касро зи мардум нашмарӣ.
Дон, ки аз канноси нокас дар мамолик чора нест,
Ҳоша лиллаҳ, то надонӣ ин суханро сарсарӣ.
З-он ки гар ҳоҷат фитад то фазлаеро кам кунанд,
Ноқиле бояд, ту натвонӣ, ки худ берун барӣ...
Боз агар шоир набошад, ҳеҷ нуқсоне фитад,
Дар низоми олам, аз рӯи хирад гар бингарӣ?
Одамиро чун маунат шарти кори ширкат аст,
Нон зи канносӣ хӯрӣ, беҳ з-он бувад, к-аз шоирӣ.

Каннос фаррошу саргинкашро гӯянд, ки барои шаҳр шахсияти заруриcт. Анварӣ инро эътироф мекунад. Аммо барои каннос илму дониш шарт нест. Анварӣ дар охири умр ба хулосае омадааст, ки шоири маддоҳ барои кишвар лозим нест, барои ободии мамлакат касони ҳикматдону файласуф зарур мебошанд. Шоири маддоҳ ғуломи мамдӯҳ аст, то он гуна шоир ин шуғлро тарк нагӯяд, озод нахоҳад шуд. Аз ин лиҳоз Анварӣ дуруст дарк намудааст, ки то шоири маддоҳ аст, ғулом аст, то аз баҳри он касб нагузарад, аз бандагӣ халосӣ нахоҳад ёфт. Бинобар ҳамин ба худ хитоб мекунад:

Анварӣ, то шоирӣ, аз бандагӣ эмин мабош,
К-аз хатар дарнагзарӣ, то з-ин хато барнагзарӣ.

Оҳангҳои иҷтимоӣ дар аксар қасидаҳои Анварӣ ба гӯш мерасанд. Аммо дар қасидаҳое, ки акнун бо номҳои Ашкҳои Хуросон, Савганднома, Фироқнома, Дар шикояти замон машҳуранд, ин оҳанг баландтар садо медиҳад. Шоир дар қасидаи Дар шикояти замон аз беадолатиҳои замон, ҷафокориҳои чархи ситамгор, хуни дил хӯрдани худ, қариб ба марг расидан ва ниҳоят аз дасти чархи сифлапарвар хор гардидани аҳли илм лаб ба шиква мекушояд:

То омад аз адам ба вуҷуд асли пайкарам,
Ҷуз ғам набуд баҳра зи чархи ситамгарам.
Хун шуд дилам дар орзуи он ки як нафас
Бе хори ғам зи гулшани шодӣ гуле барам.
Паймуда гашт умр ба паймонаи нафас,
Гӯӣ ба коми дил нафасе кай баровaрам?

Ҳастам яқин, ки дар чамани боғи рӯзгор
Бебар бувад ниҳоли умеде, ки парварам.
Дар базмгоҳи меҳнати гетӣ ба ҷоми умр

Ҷуз хуни дил зи дасти замона намехӯрам.

Ин қасида тӯлонист. Махсусан Анварӣ аз он афсӯс мехӯрад, ки дар он муҳити даҳшатбори дурӯғу фитна на аз шеъри ӯ баҳраесту на аз илми андӯхтааш суде:

Хондам басе улум, валекин ба оқубат,
Илмам вубол шуд, ки фалак нест ёварам.

Қасидаи Савганднома бо мисраи "Эй мусулмонон, фиғон аз даври чархи чанбарӣ" шурӯъ шуда, соли 562/1167 дар Балх иншо гардидааст. Дар он Анварӣ ба тӯҳматгарони худ лаънатҳо хонда, Балхро бо ифтихороташ, хоса бо уламо ва удабои он меситояд. Махсусан байти зерин, ки дар он рози шоир баён шудааст, ҷолиби диққат аст.

Ҳаҷв гӯям Балхро? Ҳайҳот, ё раб, зинҳор
Худ тавон гуфтан, ки зангор аст зарри ҷаъфарӣ?

Чунин қасидаҳо дар девони Анварӣ кам нестанд. Яке аз чунин қасидаҳои Анварӣ қасидаест, ки акнун Фироқнома номида мешавад. Онро Анварӣ дар вафоти завҷаи худ навиштааст. Шоир ба фиғону нола аз каҷрафториҳои фалаки бераҳм шиква намуда, изҳор менамояд, ки ҳамсараш барои ӯ ёри меҳрубону шахси мушфику ғамхор буд, замонаи шум ӯро аз ин инсони наздиктарин маҳрум гардонда, рӯзашро ба шаби торик табдил дод. Ин навъ гуфтор дар таърихи адабиёти форсу тоҷик хеле ками дар кам ба назар мерасад. Қасида - марсияи мазкур чунин сар мешавад:

Фиғон, ки аз ҳаракоти сипеҳри каҷрафтор
Фитод тарҳи ҷудоӣ миёнаи ману ёр.
Замона пеши ман овард он чунон рӯзе,
Ки равшанам шуд аз он рӯз маънии шаби тор.
Касе, ки бе рухи ӯ як дамам қарор набуд,
Бирафту кори маро бар фироқ дод қарор.

Фироқи дӯст барои инсон вазнинтарин мусибат аст:

Ба домани мижа рӯфтан зи тарфи хоро хас,
Ба пилки чашм сутурдан зи рӯи хоро хор.
Ба қаъри чоҳ фитодан зи осмони баланд,
Ба фарқи сар шудан аз дашт ҷониби кӯҳсор,
Ҳазор лукма ба дандон рабудан аз дами шер,
Ҳазор уқда ба дандон кушудан аз дами мор,
Аз ин муҳотара[1] гар сад ҳазор ояд пеш
Беҳ аз ҷудоии ёрон ҳазор бор ҳазор.

---

[1] **Муҳотара** - хатар.

Шоири мотамзада ба пайки сабо муроҷиат менамояд, ки розу ниёзи ӯро ба ёри гумшудааш бирасонад. Вай хаёлан бо ёри ғамгусори худ арзи ниёз намуда, аз рӯзҳои хуби сипаришуда ёд мекунад, лаҳзаҳои гувороро ба хотир меорад, ки дар муҳити оилавӣ орому осуда зиндагӣ ба сар мебурданд:

Хушо, ба гӯшае хилват нишастани ману ту,
На доваре зи рақибу на заҳмат аз ағёр.
Хушо, ки бо ману ту кас набуд ҷуз ману ту,
Ҳамин ту будиву ман, бе мухолифони диёр.
Кунун куҷоиву бо кист гуфтугӯи лабат?
Ҳамора наргиси мастат хуш аст ё бемор?

Ниҳоят, Анварӣ изҳор менамояд, ки фақат бо ёди завҷаи фавтидааш шабҳоро ба рӯз ва рӯзҳоро ба шаб мерасонад.

Фироқномаи Анварӣ ғамномаи марди ҳақиқиест, ки беш аз 800 сол боз аз нолаву ҳасрати бепоёни шоири мусибатзада дарак медиҳад.

**АШКҲОИ ХУРОСОН** Ин қасида шомили 73 байт буда, аслан "Номаи аҳли Хуросон ба хокони Самарқанд Рукнуддин Қилич Тамғочхон писархонди Султон Санҷар" ном дорад. Соли 1785 Кирп Патрик онро таҳти унвони Ашкҳои Хуросон ба забони англисӣ тарҷума кард. Ашкҳои Хуросон бо мазмуни ҳасратомези он хеле мувофиқ аст ва бо ҳамин ном машҳур гардид. Дар ин роҳ суннати Анвариро Хоқонӣ (Харобаҳои Мадоин), Сайфи Фарғонӣ, Саъдӣ (дар қасидаи арабии худ оид ба хароб карда шудани Бағдод аз тарафи Ҳалоку), Сабои Кошонӣ, Маликушшуаро Баҳор ва дигарон идома дода, Сайф, Сабо ва Баҳор қасидаҳои худро бевосита дар татаббӯи қасидаи Анварӣ навишта, бар замми мазмун ҳамон вазну қофияро ба кор бурдаанд.

Қасидаи Анварӣ Ашкҳои Хуросон дар он аёме, ки қабилаи ғоратгари ғузҳо ба муқобили Санҷар исён бардошта буданд, эҷод гардидааст. Он дар вазни рамали мусаммани махбуни махзуф навишта шудааст, ки аркони он ба фаилотун (v v – –), фаилотун (v v – –), фаилотун (v v – –), фаилун (v v –) баробар аст. Мувофиқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ин фоҷиъаи мудҳиш аз он сабаб рух дода буд, ки дар замони Султон Санҷар (1118-1157) зулму ҷавр ба ниҳояти худ расида буд.

Ба гуфти Бобоҷон Ғафуров дар асл "сабабгори шӯриш ноинсофиҳои аз ҳад гузарои ҷамъкунандагони хироҷ буд". Аммо қабилаи кӯчманчии ғузҳои туркман бо баҳонаи хуруҷ бар зидди сиёсати бераҳмонаи амалдорони Султон Санҷар дар навоҳии Балх ба муқобили давлати Салҷуқиён исён бардоштанд. Султон Санҷар ба Балх лашкар кашид, ки шӯриши ғузҳоро пахш намояд. Вале худ шикаст хӯрда, ба дасти ғузҳо асир афтод. Баъди ин воқеа ғузҳо шаҳру ноҳия ва деҳкадаҳои зиёди Хуросон ва қисман Мовароуннаҳрро ғорату вайрон карданд, хусусан Нишопур, Марв ба хок яксон шуданд. Ғузҳо ба ҳеҷ кас раҳму шафқат надоштанд. Аҷибаш ин ки ғузҳо Султон Санҷарро шабҳо дар қафас нигоҳ медоштанд, лекин рӯзҳо бо номи ӯ ҳукм меронданд. Анварӣ шоҳиди бевоситаи ин даҳшат буд. Бар

заммн ин, дӯстони шоир, калоншавандаҳои Хуросон ва аҳолии горатдида аз ӯ хоҳиш намуданд, ки аз номи онҳо ба хокими Самарканд Рукнуддин Қилич Тамгочхон, ки писархонди Султон Санҷар буд, номае бинависад ва аз ӯ мадад ҷӯяд. Анварӣ ин пешниҳодро пазируфта, номаро дар шакли қасидаи пур аз сӯзу гудоз иншо карда, ба воситаи вазир Камолуддин онро ба Самарканд фиристод. Матлаи он қасида чунин аст:

Ба Самарқанд агар бигзарӣ, эй боди саҳар,
Номаи аҳли Хуросон ба бари хокон бар!

Дар ин номаи пур аз ғаму дарду сӯзу гудоз зулм, горат, қатл ва оҳу ҳасрат инъикос гардидааст. Шоир баъд аз матлаъ менависад:

Номае матлаи он ранҷи тану офати ҷон,
Номае мақтаи он дарди дилу сӯзи ҷигар.
Номае бар рақамаш оҳи азизон пайдо,
Номае дар шиканаш хуни шаҳидон музмар.
Нақши таҳрираш аз синаи мазлумон хушк,
Сатри унвонаш аз дидаи маҳрумон тар.
Реш гардад мамари савт[1] аз ӯ гохи самоъ[2],
Хун шавад мардумаки дида аз ӯ вақти назар.

Анварӣ баён мекунад, ки Қилич Тамгочро Султон Санҷар писар хонда буд, акнун фурсате расидааст, ки ӯ сӯи Эрон лашкар кашида, кини падар, яъне Санҷарро аз тоифаи ғузҳои қаттол бикашад, зеро хостани кини падар, яъне қасоси падарро аз ғосибон ситондан, барои фарзанди асил воҷиб аст (Боз хоҳад зи ғузон кина, ки воҷиб бошад, Хостан кини падар бар писари хубсияр). Баъд Анварӣ қабоҳати ғузҳои фурӯмояи шумпайи ғоратгарро нисбат хуронсониёни дилафгори дар оташи куштору талаву тороҷ сӯхта хеле пуртаъсир тасвир менамояд:

Хабарат ҳаст, ки аз ҳар чӣ дар ӯ чизе буд,
Дар ҳама Эрон имрӯз намондаст асар?
Хабарат ҳаст, к-аз ин зеру забар шумғузон
Нест як пай зи Хуросон, ки нашуд зеру забар.
Бар бузургони замона шуда хӯрдан солор,
Бар каримони ҷаҳон гашта лаимон меҳтар.
Бар дари дунон аҳрор[3] ҳазину ҳайрон,
Дар кафи риндон аброр[4] асиру музтар.
Шод илло ба дари марг набинӣ мардум,
Бикр ҷуз дар шиками мом[5] наёбӣ духтар.
Масҷиди ҷомеи ҳар шаҳр сутуроншонро
Пойгохе шуда, на сақфаш пайдову на дар.
Хутба накнанд ба ҳар хитта[6] ба номи ғуз аз он-к
Дар Хуросон на хатиб аст кунун, на минбар.

---

[1] **Мамари савт** - роҳи овозшунавӣ.
[2] **Самоъ** - шунидан.
[3] **Аҳрор** - озодагон.
[4] **Аброр** - некон.
[5] **Мом** - модар.
[6] **Хитта** - шаҳр.

Шоир бо як ҷаҳон аламу ҳасрат ба забон меорад, ки модарон аз тарс ҳатто намеёранд, ки дар марги фарзандони худ бигирянд. Пас аз баёни ваҳшонияти ғузҳо Анварӣ ба ҳокими Самарқанд муроҷиат менамояд, ки "Халқро з-ин ғам фарёд рас, эй шоҳнажод, Мулкро з-ин ситам озод кун, эй поксияр". Зеро мардуми Эрон намехоҳанд, ки то абад дар зери зулми ин дуздони ғоратгар бимонад: "Охир Эрон зери зулми ин дуздони ғоратгар бимонад: "Охир Эрон, ки аз ӯ будӣ Фирдавс ба рашк, Вақф хоҳад шуд то ҳашр бар ин шумҳашар".

Ниҳоят шоир ба хулосае меояд, ки Эрон акнун ба мисли шӯразоре шудааст, ки мӯхтоҷ ба нами борон (матар) аст: "Ҳаст Эрон ба масал шӯра, ту абриву на абр, Ҳам бирафшонад бар шӯра чу бар боғ матар". Мардуми заифу бечора чашми он доранд, ки кай аз ақсои Хуросон хабаре мерасад, ки то бо он қавми нопок размида, бар он душманони ҷони халқи Хуросон ғолиб омадай: "Кай бувад, кай, ки зи ақсои Хуросон оранд, Аз футӯҳи ту башорат бари хуршеди башар?" Агар ту, мегӯяд Анварӣ ба хоқони Самарқанд, ба доди халқи ҷигарсӯхта бирасӣ, Худованд подоши ин некиятро дар рӯзи растохез хоҳад дод:

Ба ту, эй сояи ҳақ, халқи ҷигарсӯхтаро
Ӯ шафеъ аст, чунон-к умматро пайғамбар.
Халқро з-ин ҳашари шум агар бирҳонӣ,
Кирдигорат бираҳонад зи хатар дар маҳшар.

Қасидаи Ашкҳои Хуросон, алҳақ, қиссаи ранҷи ғаму андӯҳи мардуми хонасалотшуда ва дарди дили халқи ҷигарсӯхта буда, ин ангезаҳо бо эҳсосоти баланди меҳанпарастӣ эрод гардидаанд. Ин қасида на танҳо дар эҷодиёти Анварӣ ва адабиёти асри XII, балки дар тамоми таърихи беш аз ҳазорсолаи суханварии форсу тоҷик аз ҷиҳати мазмуну ғоя аз беҳтарин қасидаҳост.

**ҒАЗАЛҲОИ АНВАРӢ** Ситоиши ишқу зебоӣ, тавсифи сифатҳои маъшуқа ва ҷаҳони маънавии қаҳрамони лирикӣ тору пуди ғазалҳои Анвариро ташкил мекунанд. То Анварӣ ғазал дар девони шоирон чандон ҷои зиёдеро намегирифт. Ғазале, ки Анварӣ онро ривоҷ дод, хос ишқӣ буда, бо ирфону тасаввуф робитае надорад. Тараннуми ишқи заминии воқеъии инсонӣ бо як назари некбинона дар ғазалиёти шоир ифода гардида, баъзан ҳангоми баёни сӯзу гудози ишқу муҳаббат, ангезаҳои эҳсосоти ошиқ, қаҳру нози маъшуқа, дар мавридҳои муносиб тафаккуроти фалсафӣ, ҳикматҳои муносиб, истилоҳоти илмӣ ва шикоятҳои талх аз рӯзгори ногувор тасвир мешаванд:

Дӯсте яқдилам ҳамебояд,
Агарам хуни дил хӯрад, шояд.
Худ нигаҳ мекунам ба модари даҳр,
То ба умре аз ин яке зояд.
Ҳеҷ кас нест зери чархи кабуд,

Ки аз он бехтарак намебояд.
Даст гирди ҷаҳон баровардам,
Пойи ахле ба даст намеояд.
Анварӣ рӯзгор қахти вафост,
З-ин касон ҷуз ҷафот накшояд.

Аз ибтидо мазмуни ғазал пеш аз ҳама ишқ ва ангезаҳои он аст. Анварӣ азбаски яке аз устворгардонандаҳои ғазал буд, ғазалҳои ӯ аксар аз хамин хамирмоя, яъне ишқ сиришта гардида, салосату ҷаззобият вижагии хоси онхост. Фақат абёти онҳо ба ҳам хеле марбут буда, байтҳои тамоми ғазал аз ҷиҳати мавзӯъ ба ҳам хеле наздиканд. Алфози ширин, калимаҳои сараи чида, оҳанги гӯшнавози гуворо, саволу ҷавоб, ҳамчунин вазнҳои хушоянд ғазалҳои Анвариро аз ин навъ ашъори ҳамасронаш мумтоз гардондаанд:

Аз дур бидидам он париро,
Он рашки бутони озариро.
Бар гӯшаи орази ту кофур
Дарҳам зада зулфи анбариро.
Бар домани ҳаҷр васл баста
Бадбахтию некахтариро.
Тарсон-тарсон ба танз гуфтам
Он мояи нозу дилбариро,
К-аз бахри худойро кирой?
Гуфто: Ба худо, ки Анвариро.

Ғазали зерин чун таронаи ҳақиқии муҳаббати поке садо медиҳад, ки лабрезӣ эҳсосоти самимии ошиқ буда, ҳар ошиқе онро чун андешаҳои худ баён мекунад:

Туро ман дӯст медорам, надонам чист дармонам?
На рӯи ҳаҷр мебинам, на роҳи васл медонам.
Напурсӣ ҳаргиз аҳволам, насозӣ чораи корам,
На бигзорӣ, ки бо ҳар кас бигӯям рози пинҳонам.
Дилам бурдию он гоҳе ба пандам сабр фармоӣ,
Макун таклифи новоҷиб, ки бе дил сабр натвонам.
Агар бо ман нахоҳӣ сохт, ҷонам ҳамчу дил бистон,
Ки бе васли ту андар дил вуболи дил бувад ҷонам.

Аз забони шахси якум дар рӯ ба рӯи маъшуқ, ё ба василаи номае ва ё дар танҳоӣ бо хаёли ҷонона иброз шудани матлаб ғазали болоро хеле дилписанд нишон медиҳад.

Ошиқи нигоштаи Анварӣ дар ишқ устувор ва сахтпаймон буда, аҳд кардааст, ки ба ҳамаи ҷавру ҷафое, ки дар ин ҷода ба ӯ мерасад, ҳозир аст, ки тоб оварад (Дил андар ишқ бастам, в-ар ҳама умр, Ҷафо бинам ҳам, аз ту барнагардам). Вай ҳамеша мустағраки ҷамоли маъшуқа буда (Ман зи савдои ту бар сар мезанам, Ту нишаста фориғу тан мезанӣ), аз ӯ илтифот мехоҳад (Тири мижгонро бигӯ оҳистатар, К-ӯ на андар

рӯи душман мезанӣ), аммо аз ӯ илтифоте надида (Гаҳ-гаҳ ба оби дида хурсанд кардаме дил, Кор он чунон шуд акнун, он ҳам наметавонам), орзуманди он аст, ки аз ҳаҷр раҳое ёфта, ба васл расад (Эй орзӯи ҷонам, дар орзӯи онам, К-аз ҳаҷр як шикоят дар гӯши васл хонам), аммо аз ғам ба ҳолати нестӣ расидааст:

Ҷоно, зи ғами ишқи ту имрӯз чунонам,
К-андар ҳами зулфи ту тавон кард ниҳонам.
Бар чеҳра аён гашт ба як бор замирам,
В-аз дида ниҳон кард ба як бор нишонам.
З-ин беш мамон дар ғами хешам, ки аз ин пас
Донӣ, ки агар бе ту бимонам, бинамонам.
Аз дасти фироқат агарам даст нагирӣ,
Дардо, ки фироқи ту барад даст ба ҷонам.
Ҳарчанд, ки андеша кунам, то ғарази ту
Аз куштани ман чист, ҳаме ҳеҷ надонам?

Гӯё маъшуқа ба доди ошиқ расидааст, ки ошиқи хушбахт аз муяссар шудани васл дар қурта нағунҷида, шодмонӣ мекунад:

Охир ба муроди дил расидем,
Худрову туро ба ҳам бидидем.
Аз зулфи ту тобҳо кушодем,
В-аз лаъли ту шурбҳо чашидем.
Бе он ки фироқ ҳамнафас буд,
Бо ту нафасе биорамидем.
Бар дасти ту тавбаҳо шикастем,
Бар тан зи ту ҷомаҳо даридем.
Нози ту ба табъи дил бибурдем,
Рози ту ба гӯши ҷон шунидем.
Бо мо ба забони расму одат
Зарқе, ки фурӯхтӣ, харидем.
Сар бар хати аҳди ту ниҳодем,
Хат гирди замона даркашидем.

Вале ин соатҳои дилчаспу шодмонибахш дер намепоянд. Маъшуқа меравад. Ӯ ба ҳастии ошиқ оташ зада, чун дуд нопайдо мешавад. Анварӣ агар манзараи васлро фароҳ, бо обу ранг лавҳанигорӣ карда бошад, ҳодисаи баргаштани маъшуқа бо як ранги сиёҳ дар ҳар байт гаштаву баргашта бо сифате ҳамон ҳолатро таъкид менамояд. Яъне дар ҳолати васл як навъ ҳаракати замону васеъ шудани доираи амалиёт мушоҳида гардад, дар вазъияти ҳаҷр воқеа ба тарзи мунҷамид ба вуқӯъ мепайвандад:

Эй дер ба даст омада, бас зуд бирафтӣ,
Оташ задӣ андар ману чун дуд бирафтӣ.
Чун орзуи тангдилон дер расидӣ,
Чун дӯстии сангдилон зуд бирафтӣ.

З-он пеш, ки дар боғи висоли ту дили ман
Аз доғи фироқи ту баросуд, бирафтӣ.
Ногашта ман аз банди ту озод, бичастӣ,
Нокарда маро васли ту хушнуд, бирафтӣ.
Оҳанг ба ҷони мани дилсӯхта кардӣ,
Чун дар дили ман ишқ бияфзуд, бирафтӣ.

Агар амиқ тафаккур варзем, бароямон собит мешавад, ки ғазали Анварӣ аз ҷиҳати мавзӯъ, лафз, маъниофаринӣ, вазнҳои хушоянд то ба ғазали Саъдӣ зинае буда, ҳанӯз дар он гуногунии мавзӯъ ва мустақилияти байтҳо вуҷуд надорад, тахаллус дар ағлаби ғазалҳои Анварӣ мавҷуд нест. Аммо ҳусни матлаъ, ташбеҳу истиораҳо дар онҳо ҷолиби таваҷҷӯҳанд:

Гирди моҳ аз мушк хирман мезанӣ,
В-оташ андар хирмани ман мезанӣ.
Пардаи шабро бад-ин дурӣ чаро
Бар фарози рӯзи равшан мезанӣ?

"Моҳ" истиораи рӯй ва "мушк" истиораи мӯй аст. "Пардаи шаб" ва "рӯзи равшан" низ ба ҳамон маъниҳо ба кор рафтаанд. Агар ғазалҳои иқтибосшударо пайи ҳам гузоред, ҳикояти марғубе мешавад, ки ҳолати ошиқу маъшуқ ва висолу ҳиҷрони онҳоро мураттаб эҳё мегардонад. Ниҳоят шоир мегӯяд:

Бӯсае ман бар кафи поят диҳам,
Муддате он бар сари ман мезанӣ.

**САБКИ НИГОРИШИ АНВАРӢ**

Дар таърихи адабиёти форсу тоҷик Анварӣ аз суханваронест, ки табъи тавоно, фикри муқтадир ва салиқаи хос дорад. Вай маъниҳои дақиқро бо таъбирҳои бикр олимона ва мушоҳидакорона ба қолаби шеър медарорад. Ӯ худ ба неруи эҷодии хеш чунин ишора дорад, ки алҳақ дуруст аст:

Хотире дорам мунқод чунонки андар ҳол
Гӯядам гир, ҳар он илм, ки гӯям, ки биёр.

Ашъори Анварӣ аз ҷиҳати корбасти санъатҳои бадеӣ ҷолиби таваҷҷӯҳ буда, дар ташбиби қасидаҳои мадеҳавӣ тавсифи баҳор, ситоиши Наврӯз, тасвири аҳволи мардум дар ин рӯзҳои нишот, таҳнияти моҳи рамазон, нигориши манзараҳои зимистону тирамоҳ, зебоиҳои шаҳрҳо, аз қабили Бағдоду Тирмиз, баёни сифати базму тараб ва амсоли инҳо мақоми хос доранд. Гоҳе дар ин ташбибҳо зроди нуктаҳои илму фалсафа, мутояба, шӯхӣ ва монанди инҳо низ ба назар мерасанд. **Тавсиф, ташбеҳ, маҷоз, истиора, киноя, тазод, муқобала** рукнҳое мебошанд, ки шоир тавассути онҳо бадеиёти сухани худро ҳувайдо мегардонад. Аз ҳамин рӯ дар китобҳои илми бадеи классикӣ, аз ҷумла дар асари машҳури Шамси Қайси Розӣ Ал-мӯъҷам (асри XIII),

барои исботи бисёр санъатҳои лафзию маънавӣ далелро аз шеърҳои Анварӣ меоранд. Ҳамчунин, барои дарки санъат ва нуктаҳои душвори ашъори Анварӣ рисолаҳои махсус таълиф гардидаанд. Яке аз чунин асарҳо рисолаи Абулҳасан Ҳусайнии Фароҳонӣ Шарҳи мушкилоти девони Анварӣ мебошад, ки чаҳор аср қабл аз ин навишта шудааст. Муаллифи Шарҳи мушкилоти девони Анварӣ хабар медиҳад, ки тақрибан сад сол пеш аз ӯ Муҳаммад ибни Довуд Алавии Шодиободӣ дар Ҳиндустон таҳти унвони Шарҳи қасоиди Анварӣ асари махсусе тасниф карда будааст. Боз чандин рисолаҳои дигар дар шарҳу тафсири гуфтори Анварӣ дар асрҳои баъдина ба вуҷуд омадаанд, ки ҳамаи ин аз таваҷҷӯҳи аҳли илм ба эҷодиёти Анварӣ дарак медиҳад.

Қабл аз ҳама намудҳои гуногуни **ташбеҳ** шеъри Анвариро зеб медиҳанд. Ташбеҳи равшан дар тамоми анвои ашъори Анварӣ вомехӯрад:

Рӯи чун моҳи осмон дорӣ,
Қадди чун сарви бӯстон дорӣ.

Гоҳе ин ташбеҳҳо тафсил дода мешаванд. Масалан, дар байти зайл нозу карашмаи маъшуқа ба хиромидани кабке, ки аз кӯҳсор поин мефарояд, монанд карда шудааст:

Чун ба ногоҳ фуруд омад аз ҳуҷра ба шеб
Ҳамчу кабке, ки хироманда шавад аз кӯҳсор.

Ин байт манзараи ниҳоят гуворо, пур аз нозу адо ва завқбахши рафтори маъшуқаро дар зеҳн эҳё мегардонад, ки махсусан хиромидани кабк аз боло ба поён онро рӯшантар ифода менамояд.

Ташбеҳи машрут, яъне шартӣ:

Агар моҳе сухан гӯяд, ту он моҳи сухангӯӣ,
Ва гар сарве қабо дорад, ту он сарви қабодорӣ.

Ташбеҳи тафзил, ки дар он бо роҳи муқоиса дар ваҷҳе аз ташбеҳкунанда бартарӣ доштани ташбеҳшаванда таъкид мегардад. Дар байтҳои поён ваҷҳи афзалият ва бартарии дасту табъи мамдӯҳ ба абру кон дар он таъкид шудааст, ки абр соиқа, яъне талотуми ногувор ва кон дар эҳтибос, яъне банд шуда истодан аст:

Хостам гуфтан, ки дасту табъи ӯ абр асту кон.
Ақл гуфт: Ин мадҳ бошад низ бо ман ҳампалос.
Дасти ӯро абр чун хонию он ҷо соиқа,
Табъи ӯро кон чаро гӯиву он ҷо эҳтибос.

Баъзан мамдӯҳ ё маъшуқа ба исмҳои маънӣ монанд карда мешаванд, ки онҳо ба чашм наменамоянд, аммо онҳоро дар тасаввур роҳ додан мумкин аст:

Дар ҷаҳонию аз ҷаҳон бешӣ,
Ҳамчу маънӣ, ки дар баён бошад.

Анварӣ дар шеърҳояш мамдӯҳи худро ба Ҷамшед, Юсуф, Актал, Ҳассон, Мӯсо, Исо, аспашро ба рахши Рустам, қадди маъшуқаро ба сарви

баланд, рухашро ба бадри мкунир, мох ва рухи рахшандаи моҳ лаби ӯро ба қанду шакар, чашмашро ба уқоби чоншикор ташбеҳ медиҳад. Ҳамаи сифатҳои ошиқ тазоди сифатҳои маъшуқаанд. Анварӣ дили ошиқро ба анори кафида, ашкашро ба лӯълӯи шахвор, рӯи ӯро ба турунч, ки ранги зард дорад, монанд мекунад. Як хусусияти ташбеҳ он аст, ки аглаб санъатҳои дигари шеърро омехта фаро мегирад, хусусан тавсиф, тазод, талмеҳ ва иғроқ аксар бо он омехта ба кор бурда мешаванд, ки дар байти зерин зардии турунч ва сурхии анор чун тазод истифода шудаанд:

Рухам аз ранч зард ҳамчу турунч,
Дилам аз дард пора ҳамчу анор.

Санъати дигаре, ки Анварӣ дӯсташ медорад, тавсиф аст, ки онро барои афзудани таъсири шеър ба кор мебарад. Дар байти зерин калимаҳои мураккаби "Каюмарсбако", "Манучеҳрлиқо" ва таркибҳои "подшоҳи Кисроадл" ва "Хусрави Афредунфар" тавсифҳоеанд, ки дар якчоягӣ ҳашамат ва адолати мамдӯҳро мефаҳмонанд:

Эй Каюмарсбако, подшоҳи Кисроадл,
В-эй Манучеҳрлиқо, хусрави Афредунфар.

Бар замми ин зикри ин номҳои подшоҳони асотирӣ ва таърихии Эрони бостон **талмеҳ** буда, ҳар кадоме баробари зикр шудан як силсила воқеаҳо ва ривоятҳоро дар зеҳни кас эҳё гардонда, мамдӯҳро ба он далолат мекунад, ки монанди ҳамонҳо бошад. Дар мавриди дигар бузургии мамдӯҳ ва ҳақирии душмани ӯро ба воситаи тамсили "Каду ва чанор" гӯшзад менамояд:

Бадҳоҳи ту худро ба бузургӣ чу ту донад,
Лекин масал аст он, ки чанорею кадуе.

Як воситаи дигари суханофаринии Анварӣ ҳангоми эҷоди қасидаҳояш **иғроқ** аст. Иғроқ ташбеҳест, ки ба ҳадди маҳол расонда шудааст. Анварӣ дар ин бобат гоҳе чунон ба ҳадди ғулув роҳ медиҳад, ки ин хусусияти шеъри вайро ҳатто бадеъшиносони асрҳои миёна мавриди эрод қарор додаанд. Масалан, ӯ мегӯяд:

Насими лутфи ту бо хок агар сухан гӯяд,
Ҳаёту нутқ пазирад аз ӯ изоми рамим!
Самуми қаҳри ту бо об агар итоб кунад,
Пашиза доғ шавад бар масоми моҳӣ шим.

"Изоми рамим" - устухонҳои пӯсида, ки фақат бо изни Худованд фардо рӯзи қиёмат зинда мегарданд. "Масом" - сӯрохҳои ба чашм ноаёни зери мӯи бадан ва "шим" - навъи моҳии хурдест, ки пӯсташ танга-танга менамояд. Ба амал омадани амре, ки дар байти дуввум ба мамдӯҳ мансуб дониста шудааст, низ фақат дархури қудрати Аллоҳтаъолост. Сифати поёнро фақат ба пайғамбари ислом нисбат додан мумкин аст. Ин хусусияти қасидаҳои Анвариро ҳанӯз дар асри XIII Шамси Қайси Розӣ таъкид карда буд.

К-эй коинотро ба вуҷуди ту ифтихор,
Эй беш зи офаринишу кам з-офаридагор!

Чандин байти қасидаҳои Анварӣ бо муҳотаб (хусраво, соҳибо, худойгоно, малико ва ғайра) шурӯъ шуда, бо нидои "бод" тамом мешаванд, ки ифодаи дархостҳои маҳоли муболиғаангезро фаро мегиранд. Як намуна:

Хусраво! Рӯзат ҳама Наврӯз бод,
В-аз тараб шабҳои умрат рӯз бод.
Афсари пирӯзи шоҳӣ бар сарат
Офтоби осмонафрӯз бод!

Анварӣ чун устоди тавонои илмҳои фалсафа, ҳикмат, риёзиёт ва нуҷум дар қасоиди худ истилоҳот ва мафҳумҳои илмиро зиёд ба кор мебарад ва ин худ яке аз хусусиятҳои **сабки ироқӣ** мебошад, ки Анварӣ намояндаи барҷастаи он буд. Бо овардани як мисол иктифо меварзем. Анварӣ дар байте мефармояд:

Чаман магар Саратон шуд, ки шохи настаронаш
Тулӯъ дода ба як шаб ҳазор Шеъроро[1].

Қадри шеъри худро Анварӣ хуб медонист. Вай бо қудрати баланди шеъргӯӣ, андешаҳои дақиқ ва ғазалҳои беҳалали худ аз шоирони ҳамзамони хеш фарқ мекард. Лекин харидору талабгори шеъри ӯ камтар пайдо мешуд. Аслан талабгорони шеъри ӯ пайдо мешуданд, аммо мартабаи суханварии ӯро аз дигарон фарқ карда наметавонистанд. Шоир аз ҳамин ҷиҳат изҳор мекунад:

Хотире чун оташам ҳасту забоне ҳамчу об,
Фикрати тезу закои неку шеъри беҳалал.
Эй дареғо, нест мамдӯҳе сазовори мадеҳ,
Эй дареғо, нест маъшуқе сазовори ғазал!

Ҳамин сабаб шуд, ки Анварӣ бо вуҷуди қудрати тавонои шоирӣ дар охири умр тарки шоирӣ ва гӯшанишиниро ихтиёр кунад. Шеъри ӯро шоирони ҳамзамонаш ва асрҳои минбаъда эътироф намуда, бисёриҳо ба ӯ дар қасида ва ғазал пайравӣ кардаанд. Заҳири Форёбӣ, Асируддини Ахсикатӣ, Сайфи Исфарангӣ, Саъдии Шерозӣ, Сайфи Фарғонӣ, Салмони Соваҷӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Алишери Навоӣ, Абдулқодири Бедил, Маликушшуаро Баҳор, Халилуллоҳи Халилӣ ва дигарон аз гуфтори ӯ илҳом гирифтаанд.

---

[1] Ин байтро ношири чопи Теҳрони девони Анварӣ (1961) чунин шарҳ медиҳад: "**Саратон** - номи бурҷест аз буруҷи дувоздаҳгона ба сурати панҷпояк (яъне харчанг. - *А.А.*) ва **Шеъро** (ба касри шин) - номи ду ситора аст дар бурҷи Саратон, он ки бар ҷониби шимол аст. Шеърои шомӣ ва он ки бар ҷониби ҷануб аст, Шеърои ямонӣ хонанд ва ҳар ду кавкаб тулӯъашон бо Саратон муқорин аст. Маънии байт ин аст, ки чамани боғ магар бурҷи Саратон аст, ки шохи настарони он, ки бар ӯ гулҳои сафед шукуфта, ба як шаб ҳазор кавкаби **Шеъро** пайдо ва зоҳир сохтааст".

# САЪДИИ ШЕРОЗӢ
## (1184–1292)



Муслиҳиддин Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Мушрифиддин ибни Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ соли 1184 дар маркази Форс - шаҳри Шероз ба дунё омадааст. Аз рӯи гуфтаи худи Саъдии Шерозӣ хонаводаи ӯ ба табақаи зиёиён тааллуқ дошта, падару бобоёнаш аз арбобон ва донишмандони дин будаанд:

Ҳама қабилаи ман
олимони дин буданд,
Маро муаллими ишқи
ту шоирӣ омӯхт.

Таҳсили ибтидоии Саъдӣ дар зодгоҳаш гузаштааст. Дар пешравии маънавии ӯ ҳиссаи падараш хеле бузург буд. Баъдҳо суханвари бузург борҳо ба хотир меорад, ки чӣ навъ падараш ӯро ба омӯхтани илм, андӯхтани дониш ва ҳурмати муаллиму устод ташвиқ мекард. Ӯ он лаҳзаҳоро ба хотир оварда, бо камоли фахр мегӯяд:

Ман он гаҳ сари точвар доштам,
Ки сар дар канори падар доштам.
Агар дар вуҷудам нишастӣ магас,
Парешон шудӣ хотири чанд кас.

Мутаассифона, айёми кӯдакии бофароғати Муслиҳиддин дер давом намекунад. Тақрибан дар 12-13 солагии ӯ падараш аз олам мегузарад. Чашидани заҳри ятимӣ тамоми умр ӯро дар хотир мемонад. Ҳатто соли 1257 шоир ба ин мусибати айёми бачагии худ ишорат намуда, навишта буд:

Маро бошад аз дарди тифлон хабар,
Ки дар хурдӣ аз сар бирафтам падар.

Марги падар зиндагии хонаводаро дигаргун сохт. Бародари Муслиҳиддин хонданро партофта, ба дӯкондоре шогирд истод, то маоши оиларо таъмин намояд. Муслиҳиддин баръакс ба хондан бештар меҳр монда, баъди дар таҳсил аз тамоми имкониятҳои Шероз

истифода бурдан барои хонданро давом додан дар охирҳои асри XII роҳи Бағдодро пеш гирифт. Вай ба мадрасаи калонтарини Бағдод Низомия, ки аз тарафи Низомулмулки Тӯсӣ (1017-1092), вазири Салҷуқиҳо сохта шуда буд, дохил шуда, таҳсили худро давом дод. Мадрасаи Низомия аз мадрасаҳои дигари Бағдод бо он фарқ мекард, ки машҳуртарин олимони замон дар он дарс мегуфтанд. Адабиёт дар доираи мударрисон ва донишҷӯёни он мақоми азим дошт. Дар китобхонаи мадраса беш аз 200 000 ҷилд китобҳои қаламӣ нигоҳ дошта мешуд. Дар саҳни мадраса мулоқотҳо, ваъзгӯиҳо ва баҳсҳои аҷоиб барпо мегардиданд. Саъдӣ дар ин муҳит тарбия меёфт ва чун донишҷӯи пешқадам маош (идрор) мегирифт. Ҳангоми таҳсил дар мадраса Саъдӣ ба тасаввуф ва ирфон майл намуда, таълимоти Абдулқодири Ҷелонӣ (ваф. 1127)-ро пазируфт.

Ниҳоят дар солҳои 1215-1216 Саъдӣ аз Бағдод ба саёҳат баромад. Вай аввал роҳи шаҳрҳои муқаддаси мусулмонӣ Маккаю Мадинаро пеш гирифт. Дар ибтидо Саъдӣ фақат нияти ҳаҷ дошт. Вале дар тӯли роҳ ӯ бо мардумони гуногун вохӯрда, дар бисёр маҳфилҳо маҷлисҳои ваъз орост, осори харобию зулмро дида, бо насиҳатҳои хакимонаи худ мехост, ки ба дарди мардум марҳам шавад. Бинобар ҳамин сафари ӯ бо ҳаҷгузорӣ ба охир нарасид. Шоир саёҳаташро қариб чиҳил сол давом дода, пиёда ва ҳамроҳи корвониён Ҳиҷозу Шом, Мисру Фаластин, вилоятҳои Мағрибу Озарбойҷон, Арманистон, Осиёи Хурду Эрон, Мовароуннаҳру Хуросон, Қошғару Ҳиндустон, Ҳабашистону Африқои Ҷанубӣ ва ғайраро давр зад. Ҳангоми ин сафарҳо Саъдӣ аз халиҷи Форс, баҳрҳои Уммону Миёназамин, Сурху Ҳинд ва ғайра низ убур кард. Баъди истилои муғул бисёрии ин кишварҳо ҳолати ҳузноваре доштанд. Вале Саъдӣ ҳангоми истиқоматаш дар шаҳрҳои Балху Бомиён, Исфаҳону Рай, Табрезу Байлақон, Басраю Кӯфа, Димишқу Байтулмуқаддас, Диёрибакру Баълабак, Қоҳираю Ҳалаб, Тароблису Қуния, Қошғар ва ғайра бештар ба гуфтани ваъз машғул мешуд. Дар ин ҷаҳонгардӣ Саъдӣ аз халқҳои гуногун меомӯхт, таҷриба меандӯхт ва донишу таҷрибаи ҳосилкардаи худро ба онҳо меомӯзонд. Дар суханрониҳои Саъдӣ тарғиби донишу ҳунар, ташвиқи омӯхтани илм, талқини одамгарӣ, ситоиши сулҳу сафо ва осоиш мақоми асосӣ дошт. Вай зулм, тааддӣ, ҷаҳолат, хиёнату ҷиноят ва ҷангро маҳкум мекард.

Ин замони қатлу горат ва талаю торочи муғул буд, ки қариб баъди 40 соли сар шуданаш сояи шуми он ба Бағдод низ расида, соли 1258 шаҳрро ба харобазор табдил дод. Саъдӣ натанҳо бо нафрат истилои муғулро маҳкум мекард, балки ниҳоди нопоки хиёнаткорони маҳаллиро низ, ки бо истилогарон зуд забон як мекарданд, фош намуда, халқро хабар медод, ки аз ин турфа мардум барҳазар бошанд:

> Бишӯй, эй хирадманд, аз он дӯст даст,
> Ки бо душманонат бувад ҳамнишаст.

Дар давоми сафари чиҳилсолаи худ Саъдӣ борҳо ба душвориҳою

маҳрумият ва азобу кулфатҳо гирифтор шудааст: Аввалан, ӯ дар сафарҳояш бо дуздону роҳзанон рӯбарӯ шуда, шахсан корвонро аз онҳо наҷот медиҳад. Ғайр аз ин, ӯ дар мадрасаҳо, мусофирхонаҳо ва қозихонаҳои мамлакатҳои гуногун, бо муллоҳои расмӣ, фақеҳон, рӯҳониёни тангназар, шайхон ва дарвештарошон мунозираҳои оштинопазир ороста, гоҳе корро то ба задухӯрд ва дастбагиребонӣ мерасонад. Вале дар ин талошҳо то ғолиб наояд ва рақибашро торумор накунад, аз ӯ даст намекашид. Муҳорибаи то дами ғалаба талаботи ахлоқӣ ва рафтори писандидаи Саъдист. Ин сифати ӯ дар ҳикоятҳои "Фақеҳи кӯҳнаҷомаи тангдаст" (Бӯстон) ва "Ҷидоли Саъдӣ бо муддаъӣ дар баёни тавонгарию дарвешӣ" (Гулистон) барҷаста ҳувайдо мегардад. Аз ин гузашта, ӯ дар Искандарияи Миср баробари тамоми халқ заҳри қаҳтию гуруснагиро мечашад, дар ҷазираи Кеши халиҷи Форс меҳмони савдогари мумсике шуда, ҳангоми сафараш аз Димишқ ба Фаластин дар ҷанги зидди салибдорони фарангӣ иштирок намуда, ба дасти онҳо асир меафтад. Дар Санъо, ки яке аз шаҳрҳои Яман буд, писари ягонаи ӯ дар хурдсолӣ вафот мекунад:

Ба Санъо-дарам тифле андаргузашт,
Чӣ гӯям, к-аз онам чӣ бар сар гузашт!

Нависанда дар миёнаи солҳои 50 асри XIII дар шаҳри Димишқ манзил гирифт. Вай дидаю шунидаҳояшро ба риштаи назм кашида, соли 1257 дар ин гӯшаи ороми дунёи онрӯза бузургтарин асари манзуми худ Бӯстонро ба охир расонда, онро ба ҳокими Форс Абӯбакр ибни Саъди Зангӣ (1226-1260) ва писари ӯ Саъд ибни Абӯбакр, ки баъди 12 рӯзи марги падараш вафот кард, бахшид.

Сабаби Бӯстонро ба ҳокими Шероз бахшидани Саъдӣ он буд, ки Абӯбакр ибни Саъди Зангӣ дар тамоми Осиёи Миёна, Хуросон ва Эрон ягона ҳокиме буд, ки бо тадбире соли 1226 Форсро аз тороҷи муғулон наҷот дода буд. Ин воқеа сабаб шуд, ки натанҳо як қисми Эронзамин, балки як ҳиссаи муҳими мероси фикрии халқҳои эронинажод аз нест шудан раҳо ёбад.

Охири соли 1257 ё аввали соли 1258 Саъдӣ баъди таҳсили илм, сафарҳо, саёҳатҳо ва ғарибиҳои 60-сола ба ватани аслии худ Шероз баргашт. Саъдӣ дур аз ватан бошад ҳам, медонист, ки аз соли 1203 то соли 1223 Шероз шаш бор аз тарафи Хоразмшоҳиён ва атобакони Озарбойҷон истило шуда буд. Хавфи тороҷи муғул низ ба он таҳдид мекард. Вале ӯ чун ба ватан баргашт ва онро дар осоиш ёфт, ниҳоят шодмон шуд:

Чун боз омадам, кишвар осуда дидам
Зи гургон бадар рафта он тезчангӣ.

Саъдии Шерозӣ соли 1258 дар муддати се моҳ шоҳасари ҷаҳоншумули дигари худ Гулистонро навишта, онро низ ба Абӯбакр ибни Саъди Зангӣ бахшид. Вале вақте ки ин ҳоким ба ӯ таклиф намуд, ки дар сафи



дарбориёни вай карор гирад, Саъдй хоҳиши ӯро напазируфт.

Суханвари номӣ ба истисնои як сафари кӯтоҳмуддат ба Арабистону Озарбойҷон расо чиҳил соли бақияи умри худро дар Шероз гузаронд.

Манзили Саъдӣ як фарсах дуртар аз шаҳр воқеъ гардида буд. Орифону фозилон, шоирону адибон ва шогирдон сӯҳбати ӯро барои худ табаррук медонистанд.

Вафоти Саъдии Шерозӣ шаби сешанбеи 9 декабри соли 1292 иттифоқ афтод. Ӯро дар мавзеи Мусаллои Шероз ба хок супурданд. Марқади ӯ акнун тавофгоҳи аҳли дил аст. Азбаски Саъдӣ 108 сол умр дидааст, дар байни халқ ибораи "умри Саъдиёна" машҳур аст. Муроди бисёр одамон ба ин гуна син расидан аст.

## Мероси адабӣ

Эҷодиёти Саъдӣ аз замони донишҷӯи мадрасаи Низомияи Бағдод буданаш шурӯъ шуд. Даставвал ӯ ҳам ба форсӣ-тоҷикӣ ва ҳам ба арабӣ шеър мегуфт. Шеърҳои форсӣ-тоҷикии ӯро, ки дар оғози эҷодиёташ ғазалу қитъа ва навъҳои дигари хурди лирика ташкил мекарданд, ба ҳамаи кишварҳои форсизабон мебурданд. Дар омади гап қайд кардан лозим аст, ки Саъдӣ Форсро чун як вилояти Эронзамин шумурда, тамоми кишварҳои форсигӯ ва тоҷикзабонро бо як калима – тоҷик ифода намуда, онро дар баробари Араб, яъне мамлакатҳои арабизабон, Турк, яъне кишварҳои қавмҳояшон турк ва Рум, яъне сарзаминҳои мардумони руминажод мегузорад:

Араб дидаву Турку Тоҷику Рум,
Зи ҳар ҷинс дар нафси покаш улум.

Ҷои дигар Саъдӣ калимаи "тоҷик"-ро дар баробари "турк", ки

тамоми қабилаҳои омадаро ифода мекард, ба маънои тамоми халқҳои маҳаллии эрониназод, истифода менамояд:

Аз бахри худо, ки моликон ҷавр
Чандин накунанд бар мамолик.
Шояд, ки ба подшаҳ бигӯянд:
Турки ту бирехт хуни тоҷик.

Ғайр аз ин, Саъдӣ аз Самарқанду Марв, Вахшу Балх ва дигар мавзеъҳои тоҷикнишин зиёд ёд мекунад. Дар забони асарҳои Саъдӣ **хурд, нагз, абра, улоғ, андовидан, таъна, тунук, хоиск, сунбидан, сияҳгӯш, мағок, майда** ва амсоли ин калимаҳое, ки бештар дар гӯиши тоҷикӣ мустаъмаланд, истифода шудаанд.

Саъдӣ дар мактаби бузурги адабие, ки ба он Рӯдакӣ асос гузошта буд, тарбия ёфта, бо эъҷодиёти Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Дақиқӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Носири Хусрав, Саноӣ, Аттор, Анварӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Низомӣ ва бисёри дигарон ошноӣ дошт.

Аз рӯи он ки шеъри Саъдӣ бо зиндагии ӯ зич вобаста буда, воқеаҳои муҳимтарини замонро таҷассум мекард, зуд ба дили хонандагон ва шунавандагон роҳ меёфт. Ба ин маънӣ шоири муосираш гуфтааст:

Басе намонд зи ашъори ошиқонаи ту,
Ки шоҳбайти суханҳо шавад фасонаи ту.

Саъдӣ дар тамоми лаҳзаҳои ҳаёти бошуурона ва марҳилаҳои зиндагии қаҳрамононаи худ ҷаҳони зиндаро тасвир намуда, чун сароянда ҳаёт ҳама нафъи маънавии дар сайру сафарҳо ба даст овардаашро дар асарҳои худ дарҷ намудааст. Ӯ ин дурҳои маъниро дар асарҳои лирикиаш дар сурати абёти латиф, ки ашъори ишқию пандро ба вуҷуд меоранд, шакл медиҳад. Вале дар Бӯстон ва Гулистон онҳо чун ҳикоятҳои таърихию воқеии пандомӯз, ҳикматҳои олӣ ва мақолу зарбулмасалҳо тарҳ рехта шудаанд. Рисолаҳои Саъдӣ матнҳои оммавии сӯҳбатҳои гарму ҷӯшони воизонаи ӯро сабт кардаанд.

Ба ҳамин тариқ, Саъдии Шерозӣ дар навъ ва намудҳои гуногуни назму наср асар офаридааст. Вай ҳанӯз дар замони зиндагии худ чун машҳуртарин аллома ва номвартарин адиби форсизабон ном баровардa буд. Аз рӯи навиштаҳои ӯ нусхаҳо бардошта, онро ба атрофу акнофи кишварҳои тоҷикзабон мебурданд. Худи Саъдӣ чандин бор девон ва куллиёташро тартиб дода буд. Куллиёти ӯ аз бахшҳои зерин иборат аст:

Панҷ рисолаи мансур оид ба масъалаҳои гуногуни ҳаёти маънавии замони шоир; Бӯстон, Гулистон, Тайибот, Хавотим, Бадоеъ, Қасоиди форсӣ, Қасоиди арабӣ, Рисолаи ақл ва ишқ, Тарҷеот, Насиҳат-ул-мулук, Соҳибия, Маҷлиси ҳазл, Муқаттаот ва рубоиёт.

Куллиёти Саъдӣ баъдтар сурати дигарро гирифт. Ин корро Алӣ ибни Аҳмад ибни Абӯбакри Бесутун анҷом дод.

# Девонҳои Саъдӣ

Саъдии Шерозӣ дар тамоми даврaи эҷодиёти худ ғазал менавишт. Аз ин рӯ, ғазалҳои ӯ қисмати бузурги эҷодиёти ӯро ташкил мекунанд. Миқдори умумии ғазалҳои Саъдӣ ба 700 адад расида, ҳаҷми он дар ҳудуди 7000 байт аст. Ашъори дигари лирикии ӯ ҳаҷман камтар аст. Дар гузашта Саъдиро маҳз пайғамбари ғазал гуфтаанд.

Ғазалҳои Саъдӣ дар чор девони ғазалиёти ӯ фароҳам оварда шудаанд. Ин девонҳо чунин ном доранд: Тайибот, Бадоеъ, Хавотим ва Ғазалиёти қадим.

Калонтарин девони ғазалиёти Саъдӣ, ки 400 ғазал (беш аз 4000 байт)-ро дарбар мегирад, Тайибот ном дорад. Тайибот – покиҳо, тозагиҳо гуфтан аст. Ин девони худро Саъдӣ соли 1263 тартиб додааст. Аз ҷиҳати ҳаҷм дар байни девонҳои Саъдӣ Бадоеъ (Тозапардозиҳо) ҷои дуввумро мегирад. Дар ин девон, ки соли 1260 мураттаб гардидааст, қариб 200 ғазал гирд оварда шудааст. Он тақрибан 2000 байт дорад. Девони Хавотим девони ғазалҳои даврaи охир. Он то соли 1260 тадвин шуда, ин ҷо Хавотим шакли ҷамъи калимаи "хотам" – нигин буда, он бо хотима алоқае надорад. Яъне хотимаи эҷодиёти Саъдӣ нест. Девони Ғазалиёти қадим бо номи худ мувофиқат надорад. Дар он ғазалҳое низ ҷой дода шудаанд, ки баъди таҳия шудани се девони аввал суруда шудани онҳо аниқ аст.

Девонҳои чаҳоргонаи Саъдӣ дар якҷоягӣ хазинаи бузурги эҳсосоти латиф ва маъниҳои бикр буда, шоирро чун устоди мумтози ғазал нишон медиҳанд.

Мавзӯи асосии ғазал аз аввали пайдоиши он ишқ буд. Саъдӣ низ анъанаҳои беҳтарини ғазалнависони асрҳои X-XII-ро давом дода, дар ғазалҳои худ қабл аз ҳама шӯру шавқи ҷавонӣ, сӯзу гудоз, нозу ниёз, васлу ҳиҷрон, лутфу қаҳр ва беқарориию шикебоӣ барин кайфиятҳои ботинии дилдодагон, лаззатбахшии ишқ, ҷилваҳои ҳусн, хубии рафиқ ва зиштии рақиб ва нишоту хуррамиҳои ҳаётро таҷассум менамояд. Бузургии Саъдӣ дар он аст, ки дарду ҳасрати ошиқро шабеҳи нолаҳои мардуми хонабардӯши аз зулми муғул ба ҷонрасида ва маҳрумиятҳои дилбохтаи номуродро ба ғами гирифторони панҷаи зулм монанд ба қалам медиҳад, орзую муроди ошиқони покбозро бо суханони сеҳрангез ва ибораю таъбирҳое адо менамояд, ки ормону умедҳои дерини мазлумонро ба хотир меоранд. Ҳамаи ин гуфтори шоири дилогоҳи дардошноро ба дилу шуури мардуми ситамкаш наздик мегардонад. Маҳз аз ангезаҳои ботинӣ шодоб шудани ғазалҳояшро худи Саъдӣ низ таъкид менамояд:

> Оташкада аст ботини Саъдӣ зи сӯзи ишқ,
> Сӯзе, ки дар дил аст, дар ашъор бингаред.

Одамият дар осори Саъдӣ мафҳуми бузурги фалсафию ҷамъиятӣ дошта, тарғиби ин мафкура шоҳрохи эҷодиёти шоирро ташкил

мекунад. Саъдӣ дар ғазале, ки "одамият"-ро барои он радиф интихоб кардааст, моҳияти ин мафҳумро хеле муфассал ва ҳадафрас тавзеҳ дода, таъкид менамояд, ки камоли инсонӣ на дар сурату либоси зебо, на дар доштани даҳону чашму бинӣ, на дар хӯрду хобу шаҳват, на дар ибрози ғазаб аст, балки дар одамият буда, одами ҳақиқӣ бояд аз зиштию бадӣ ва худписандию дарандахӯӣ барҳазар бошад. Ҳамин навъ инсон метавонад, ки дар ҳама кор пешрав ва дар зиндагӣ комёб бошад:

Тани одамӣ шариф аст ба ҷони одамият.
На ҳамин либоси зебост нишони одамият...

Ҳамаи ин Саъдии Шерозиро чун вассоф ва ситоишгари ишқ нишон медиҳад. Аз ҳамин ҷиҳат ғазалҳои ӯ шӯҳрати ҷаҳонӣ доранд. Ҳанӯз сайёҳи араб Ибни Батута (асри XIV) хабар медиҳад, ки маллоҳони чинӣ ҳангоми сафари соҳилҳои ҷанубии Хитой дар киштӣ баробари сурудҳои хитой ва арабӣ ғазалҳои Саъдиро месароиданд.

## Бӯстон

Бузургтарин асари манзуми Саъдӣ Бӯстон мебошад. Чунон ки гуфта шуд, Саъдӣ Бӯстонро соли 1257 дар Димишқ ба назм оварда, онро ба ҳокими Форс Абӯбакр ибни Саъди Зангӣ тӯҳфа фиристода буд.

Бӯстон аз чаҳор ҳазор байт иборат буда, дар баҳри мутақориби мусаммани максур суруда шудааст. Рукнҳои ин вазн ба фаӯлун фаӯлун фаӯлун фаӯл баробар аст:

Қа-но-ат та-вон-гар ку-над мар-д-ро
Ха-бар деҳ ха-ри-си ҷа-ҳон гар-д-ро!
Фа-ӯ-лун фа-ӯ-лун фа-ӯ-лун фа-ӯл
v – – v – – v – – v –

Шоҳномаи Фирдавсӣ ва достонҳои қаҳрамонии дигар бо ин вазн навишта шудаанд. Маснавии Саъдӣ дар аввал Саъдинома унвон дошт, зеро қаҳрамони асосии он худи шоир буда, на фақат бисёр ҳикоятҳо аз саргузашти худи Саъдӣ гирифта шудаанд, балки тамоми асар намоёнгари афкору андеша ва ифодакунандаи мавқеи ғоявии ӯст. Баъди таълифи Гулистон Саъдинома номи Бӯстонро гирифт.

Саъдӣ чун қаламкаши дунёозмуда дониши дар мадрасаҳо омӯхта, таҷрибаи дар сафарҳо андӯхта, одобу расму одати писандида, ҳикмати гирдоварда ва афкору андешаҳои пешниҳод мекардагиашро дар асарҳои худ, аз ҷумла дар Бӯстон бо ибораҳои рангин ва суханҳои намакин дар либоси шеъри шево ҷой кунондааст. Ҳангоми бозгашт ба Шероз адиб ин колои худро ба ҳамватанони азизаш чун ҳадя армуғон оварда:

Дар аксои[1] олам бигаштам басе,
Ба сар бурдам айём бо ҳар касе.
Таматтуъ[2] зи ҳар гӯшае ёфтам,
Зи ҳар хирмане хӯшае ёфтам.
Чу покони Шерози покиниход
Надидам, ки раҳмат бар ин хок бод!
Таваллои мардони ин хокбум
Барангехтам хотир аз Шому Рум.
Дареғ омадам з-он ҳама бӯстон
Тиҳидаст рафтан бари дӯстон.
Бари дӯстон армуғонӣ баранд,
Ба дил гуфтам аз Миср қанд оваранд.
Маро гар тиҳӣ буд аз он қанд даст,
Суханҳои ширинтар аз қанд ҳаст.
На қанде, ки мардум ба сурат хӯранд,
Ки арбоби маънӣ ба коғаз баранд.

Дар Бӯстон Саъдӣ масъалаҳои адлу дод, некию хубӣ, эҳсону ҷавонмардӣ, тавозӯъу хоксорӣ, қаноату офият, тани дуруст, шафкату муруввват, ҳаё, номи нек ва амсоли инро пеш гузошта, бар зидди зулму ситам, худписандию ғурур, такаббур, ҷаҳлу нодонӣ ва хиёнат исён мебардорад. Ӯ мардумро ба фаъолиятмандӣ ва ғамхорӣ нисбат ба аҳли меҳнат даъват намуда, дар ҳама маврид ҳимояти манфиати халқро фарз мешуморад. Ин гуна мулоҳизаҳо ва таълимоти Саъдӣ, ки қадри баланди инсонро ситоиш намуда, ифодаи орзую омоли халқ буданд, имрӯз ҳам аҳамияти худро нигоҳ дошта меоянд.

Бӯстон аз муқаддима ва даҳ боб иборат аст. Бобҳои он чунин ном доранд: боби аввал - "Дар адл ва рои ҷаҳондорӣ", боби дуввум - "Дар эҳсон", боби сеюм - "Дар ишқ", боби чаҳорум - "Дар тавозӯъ", боби панҷум - "Дар ризо", боби шашум - "Дар қаноат", боби ҳафтум - "Дар олами тарбият", боби ҳаштум - "Дар шукр бар офият", боби нӯҳум - "Дар тавба" ва боби даҳум - "Дар муноҷот".

Ғояи асосии боби аввалро шарҳи мақоми ҳокиму раият, муносибати ин ҳар ду ба якдигар ва ӯҳдадорию вазифаи онҳо ба ҳамдигар ташкил мекунад. Ба андешаи Саъдӣ раият мисли рамаву подшоҳ шубон ва султон дарахту шаҳрвандон бехи он дарахтанд:

Раият чу беханду султон дарахт,
Дарахт, эй писар, бошад аз бех сахт!

Бинобар ҳамин, эҳтиёт намудани раият, дар ҳаққи он ғамхорӣ кардан, нисбат ба он адлу инсоф варзидан, пушту паноҳи деҳқону косиб будан, ба доди мӯҳтоҷон расидан, амалдорони худотарсу ҳалолкорро гумоштан,

[1] **Аксо** - гӯшаю канорҳо.
[2] **Таматтӯъ** - фоида, баҳра.

дасти ғосибону қаллобон ва дуздону ҳаннотонро кӯтоҳ гардондан фарз аст. Ҳифзи ном ва нангу номуси мардум вазифаи подшоҳу ҳоким аст. Барҳазар будан аз зулму ситам, аҷала накардан дар куштан, ҷустани сулҳ бо мухолифон, карам, мурувват, шафқат ва андешаву тадбир бар шукӯҳу шавкати ҳокимон меафзояд. Дарвешпарварӣ ва илмдӯстӣ ҳар ҳокимеро насиб гардад, ӯ зафарманд хоҳад буд. Тамоми ҳикояту тамсилҳои ин боб ҳамин ғояро талқин мекунанд. Хазинаи давлат на барои подшоҳ, балки барои ободии кишвар аст:

Шунидам, ки фармондеҳи додгар
Қабо[1] доштӣ ҳар ду рӯй остар.
Яке гуфташ: "Эй хисрави некрӯз,
Зи дебои[2] чинӣ қабое бидӯз!"
Бигуфт: "Ин қадар сатру[3] осоиш аст,
В-аз он бигзарӣ зебу ороиш аст.
На аз баҳри ин меситонам хироҷ,
Ки зинат кунам бар худу тахту тоҷ.
Агар ҷун занон ҳулла[4] дар тан кунам,
Ба мардӣ куҷо дафъи душман кунам?
Маро ҳам зи сад гуна озу[5] ҳавост,
Валекин хазина на танҳо маровст.
Хазоин[6] пур аз баҳри лашкар бувад,
На аз баҳри озину[7] зевар бувад.

Ҳар боби Бӯстон бо муқаддимаи манзуми назарие оғоз меёбад, ки асли мақсад, ғоя ва мазмуни бобро баён мекунад. Сипас шоир барои тақвияти фикри худ роҷеъ ба мавзӯъ ҳикояту тамсилҳое меорад, ки натиҷаи таҷрибаҳо, мушоҳидаҳо, мутолиаҳо ва хулосабарориҳои шоир мебошанд. Аммо ҳар кадоми ин ҳикоятҳо чун асари мустақили санъат дорои сюжет, қаҳрамонҳо, низоъҳо ва натиҷагириҳои хос мебошанд. Саъдӣ зимни ин "ҳикоятҳо ва шеърҳои кӯтоҳ-кӯтоҳ, ҷаҳон-ҷаҳон маъниро ифода карда, хонандаро бо ғизои маънавӣ сер мекунад" (С. Айнӣ). Саъдӣ эҳсонро бузургтарин фазилати инсон мешуморад. Ҷуду карам, саховатпешагию хайрандешӣ, ғарибнавозию ятимпарварӣ, шуҷоату ҷавонмардӣ, хушгӯӣ, нармӣ ва донишу тақво сифатҳои писандидае ҳастанд, ки Саъдӣ онҳоро ташвиқ менамояд. Дар баробари ин шоир ҷаҳолат, мумсикӣ, кибру ғурур, ғафлат ва амсоли инро ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Раҳму шафқат на фақат нисбат ба одамон, балки ба ҳайвонҳо низ воҷиб аст. Ба ақидаи Саъдӣ дар назди ятим ҳатто навозиши фарзанди худ раво нест. Ӯ мефармояд:

Чу бинӣ ятиме сар афганда пеш,
Мадеҳ бӯса бар рӯи фарзанди хеш.

---

[1] **Қабо** - ҷомаи рӯпӯш.
[2] **Дебо** - ҳарир.
[3] **Сатр** - пӯшиш.
[4] **Ҳулла** - либоси абрешимӣ.
[5] **Оз** - ҳирс.
[6] **Хазоин** - хазинаҳо.
[7] **Озин** - зебу зинат.

Мурувват, бахшиш, авф ва маърифат хислатҳои ҳамидаи инсонанд. Аммо ба бадхоҳон, золимон, ситамгарон ва мардумозорон раҳму шафқат раво нест:

Бигуфтем дар боби эҳсон басе,
Валекин на шарт аст бо ҳар касе.
Бихӯр мардумозорро хуну мол,
Ки аз мурғи бад канда беҳ парру бол...
Барандоз бехе, ки хор оварад,
Дарахте бипарвар, ки бор оварад.

Бояд ба касе мансабу амал супурда шавад, ки ғами хурдонро хӯрад:

Касеро бидеҳ пояи меҳтарон[1],
Ки бар кеҳтарон[2] сар надорад гарон.

Раҳм бар золимону шафқат бар дуздон гуноҳи азимест, ки бар одамони бегуноҳ, беозор ва нек ҷавр аст:

Мабахшой бар ҳар куҷо золимест,
Ки раҳмат бар ӯ ҷавр бар олимест.
Ҷаҳонсӯзро кушта беҳтар чароғ,
Яке беҳ дар оташ, ки халке ба доғ.
Ҳар он кас, ки бар дузд раҳмат кунад,
Ба бозуи худ корвон мезанад.

Хулосаи Саъдӣ чунин аст, ки ситамгор бояд нест карда шавад, зеро бо ситам ҷазо додани ситамгар худ адолат аст:

Ҷафопешагонро бидеҳ сар ба бод,
Ситам бар ситампеша адл асту дод.

Дар Бӯстон Саъдӣ инсонро чун мукаррамтарин офаридаи худованд ба қалам дода, дар бораи модарону падарон ва занон бо эҳтиром сухан меронад. Вай ба мақоми зан дар оила то ба дараҷае эътиқод дорад, ки мефармояд:

Зани хуби фармонбари порсо
Кунад марди дарвешро подшо...
Диловом бошад зани неккхоҳ,
Вале аз зани бад, худоё паноҳ!

Ҳикоятҳои зиёди Бӯстон, ки ба тарзи шӯхӣ, ҳаҷв ва мутоиба иншо гардидаанд, ба адабиёти лафзии халқ гузашта, чун моли халқ шинохта шудаанд. Бӯстон дар адабиёти тоҷику форс мақоми бузург дорад ва ба забонҳои зиёди дунё тарҷума ва нашр шудааст. Он дар тӯли қарнҳо ҳамчун намунаи барҷастаи асари ахлоқӣ дар адабиёти халқҳои Шарқ назираҳои бисёреро ба вуҷуд овардааст.

---

[1] **Меҳтарон** - калонон, раисон.
[2] **Кеҳтарон** - хурдон, одамони мутеъ.

# Гулистон

Гулистон бузургтарин ва маъруфтарин асари ҷаҳоншумули Саъдии Шерозӣ мебошад. Он аз китобҳои машҳуртарини насри бадеии классикии тоҷикист, ки чун дурдонаи тобнок ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ ворид шудааст. Ба қавли шоире:

Булбули табъи ӯ сафире зад,
Ҳама офоқ Гулситон бигрифт.

Гулистон асари комилан адабӣ, тарбиявӣ ва ахлоқист. Вале масъалаҳои тарбия ва ахлоқ дар он ба тарзи хулосаҳои илмӣ баён карда намешаванд. Ин мазмун аз тору пуди бадеии он ҳувайдо мегардад. Саъдӣ дар Гулистон бо се роҳ андешаҳои ҳакимонаи худро ба қалам оварда, афкори инсондӯстонаи хешро талқин менамояд. Якум, бо роҳи тасвири амалиёту ҳаракати мушаххаси қаҳрамонҳои ҳикоятҳояш. Хонанда аз хислатҳои неки қаҳрамонҳои мусбат ибрат мегирад, кирдори ношоистаи персонажҳои манфиро маҳкум намуда, ба зуҳуроти номатлуб ҳисси оштинопазирӣ пайдо мекунад. Дуввум, Саъдӣ масъалаҳои тарбия ва ахлоқро дар Гулистон ба воситаи натиҷагирӣ аз воқеаҳои ибратбахши зиндагӣ ва хулосабарорӣ аз рафтори қаҳрамонҳои ҳикоятҳо баён мекунад. Ин натиҷагириҳо ва хулосабарориҳо дар шакли муколамаҳои кӯтоҳ, шеър ва мақолу зарбулмасалҳо сурат мегиранд. Сеюм, нависанда фалсафаи зиндагиро дар шакли ҳикматҳои барҷаста ба миён мегузорад. Дар ин мавридҳо ба назар чунин мерасад, ки гӯё нависанда аз нақли ҳикоятҳо сарфи назар карда, фақат натиҷаю хулосаро гирифтааст.

Дар Гулистон ҳикоятҳои кӯтоҳи пурмазмуни воқеӣ, нақлу ривоятҳои таърихӣ, латифаҳои дилангези ахлоқӣ, мутоибаҳои зариф, тамсилҳои марғуби иҷтимоӣ, панд ва мавъиза ҷамъ оварда шудааст. Ин ҳикояту ҳикматҳо сиёсат ва одоби зиндагиро меомӯзонанд. Муаллиф дар Гулистон бар замми мушоҳидаҳои шахсии хеш аз қиссаю ривоятҳо ва маълумотҳои таърихие истифода бурдааст, ки онҳоро ба тарзи ёддошт тамоми умр ҷамъ мекардааст ва ё дар хотир нигоҳ медоштааст. Аз ин ҷиҳат дар Гулистон ба ғайри ҳикоятҳое, ки соф зодаи тахайюли нависанда мебошанд, навъҳои дигари ҳикоятҳо низ ҳастанд. Як қисми онҳо ҳикоятҳои воқеие мебошанд, ки бо мазмунҳои баланди иҷтимоӣ ва ахлоқӣ ороста шуда, саргузашту ёддоштҳои худи муаллифро фаро мегиранд. Ривояту мутоибаҳое, ки асоси халқӣ доранд, низ дар асар кам нестанд. Ривоятҳо ва ҳикояҳои таърихие, ки ба саргузашту шахсони таърихӣ вобастаанд, шояд манбаъҳои китобӣ дошта бошанд. Ҳамаи инро Саъдӣ ба як маром даровардa, ба риштаи таҳрир кашидааст. Саъдӣ дар баробари офаридаҳои тахайюлии худ ривоятҳои таърихӣ ва мазмунҳои халқиро чунон дар банду баст, пуррагӣ, маҳкамӣ, забон, тарзи баён ва ғоя аз нав кор кардааст, ки алҳақ тамоми ҳикоятҳои Гулистон моли ҳалоли ӯ мебошанд. Бар замми ин, Саъдӣ

ривояту ҳикоятҳоеро нақл мекунад, ки воқеаҳои монанди онҳо борҳо аз мушоҳидаю таҷрибаи худи ӯ гузаштаанд.

Гулистон аз дебоча, ҳашт боб ва хотима иборат аст. Бобҳои он чунин ном доранд:

Боби аввал - "Дар сирати подшоҳон"
Боби дувум - "Дар ахлоқи дарвешон"
Боби савум - "Дар фазилати қаноат"
Боби чаҳорум - "Дар фавоиди хомӯшӣ"
Боби панчум - "Дар ишқ ва ҷавонӣ"
Боби шашум - "Дар заъф ва пирӣ"
Боби ҳафтум - "Дар таъсири тарбият"
Боби ҳаштум - "Дар одоби сӯҳбат".

Номи бобҳои Гулистон ба мавзӯъҳои асосии онҳо ишорат мекунад. Дар асл мазмуни ҳар кадом боб аз мавзӯе, ки дар сарлавҳа хотирнишон карда шудааст, хеле васеътар ва бою рангоранг аст. Онҳо дар бобҳои Гулистон бо тобишҳои нав ба нав ҷилвагар мешаванд. Адиби одамшинос ба масъалаҳои ғанимат шумурдани умр ва онро сарфи кори хайр кардан бисёр аҳамият медиҳад.

Саъдӣ дар Гулистон баробари ситоиши ҳусни маънавӣ ва ахлоқи ҳамида ҷавру зулм, хислатҳои зишти инсонӣ ва ахлоқи разиларо маҳкум менамояд. Вай дар Гулистон роҷеъ ба некӣ ва бадӣ ақидаҳои мухталифи намояндагони табақаҳои гуногунро ба қалам медиҳад. Халқияти Гулистон пеш аз ҳама дар тарғиби ғояҳои инсондӯстӣ ва мавқеи халқии муаллифи он ҳувайдо мегардад.

Мароми умумии Гулистон панд аст. Ҳамаи ҳикоятҳо ва ҳикматҳоро мазмуни ахлоқӣ ва тарбиявӣ ба ҳамдигар муттаҳид мегардонад. Вале чунон ки гуфтем, панди Саъдӣ панди урён нест. Ӯ дар ҳама мавридҳо доруи талхи насиҳатро чунон бо шаҳди зарофат омезиш медиҳад, ки аз шунидани онҳо хотири кас малол намегирад. Баръакс, табъи шунаванда ба қабули он моил мешавад. Нависанда ақидаи худро ба хонандаю шунаванда бор намекунад. Радду қабулро ӯ ба ихтиёри худи онҳо мегузорад:

Муроди мо насиҳат буду гуфтем,
Ҳаволат бо Худо кардему рафтем.

## Ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Саъдӣ дар Гулистон

Меҳру муҳаббати Саъдӣ ба халқи ситамкаши ҷафодида ва табақаҳои меҳнаткаши ҷамъият бузург аст. Ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии нависанда дар Гулистон низ аз ҳамин мавқеъ баён шудаанд.

Саъдӣ ҷамъиятро ба золимону мазлумон тақсим мекунад. Ӯ

пуштибон ва хайрхохи мазлумон аст. Вай зулму ҷавр ва беадолатиҳои замони худро дида, тағйир додани онҳоро тарафдорӣ мекунад. Ӯ тарафдори подшоҳи одили маърифатпарвар мебошад. Боби якуми Гулистон, ки «Дар сирати подшоҳон» ном дорад, моҳияти адлро аз рӯи фаҳмиши Саъдӣ дуруст мекушояд. Мувофиқи ақидаи муаллифи Гулистон адолат беҳтарин сифати подшоҳон аст. Инсондӯстӣ, раиятнавозӣ ва фуқаропарварии подшоҳон ҳама ба адли онҳо вобаста аст. Подшоҳи одил бояд зулмро барҳам занад, бадонро гӯшмол диҳад, амалдорони мардумозорро аз вазифа фуроварда, ба ҷазо расонад, додраси ситамдидагон бошад. Аз рӯи талаби Саъдӣ подшоҳи одил бояд барои ободии кишвар кӯшад, хазинаро эҳтиёт кунад, дар қаламрави худ илму ҳунарро равнақ диҳад. Подшоҳи одил вазифадор аст, ки мададгори пирону бевазанон ва дастгири ятимону мӯҳтоҷон бошад. Подшоҳи одил бояд аз хашму ғазаб парҳез намояд, аз қаҳру худписандӣ барҳазар бошад, чунки ин сифатҳо ӯро ба хирасарӣ ва ҷафокорӣ бурда, боиси сар задани зулм ва ривоҷи тааддӣ мегардонад.

Ҷолиби диққат аст, ки Саъдӣ дар замони худ ягон подшоҳи одилро наёфта, барои мисол подшоҳони бостонро намунаи ибрат нишон медиҳад, ки дар байни халқ чун подшоҳони орзуии дилхоҳи одил шинохта шудаанд. Саъдӣ Искандару Нӯшервон ва Фаридуну Ҳорунаррашидро чун подшоҳони додгустар боэҳтиром ёд мекунад. Вале ба хотир овардан лозим аст, ки ин подшоҳон, ки Саъдӣ онҳоро чун подшоҳони одил намунаи ибрат нишон медиҳад, дар асл дар хунхорӣ, истилогарӣ, золимӣ, аҳдшиканӣ ва номардӣ аз ҳамтабақаҳои дигари худ фарқ намекарданд. Фақат бо гузашти айём халқ, ки ба адолат эҳтиёҷи зарурӣ дошт, ба воситаи нақлу ривоятҳо образи идеалии онҳоро офарид.

Инсониятро Саъдӣ аз рӯи нажод, оину мазҳаб ва забону кишвар ҷудо намекунад. Дар пеши марг ҳамаи онҳо баробаранд. Вале муаллифи Гулистон дар зиндагӣ одамонро ба хубу бад тақсим менамояд. Одами хуб шахси некниҳоди ҳамидакирдор, фидоии роҳи хайр, мубаризи некӣ, нафърасони кишвар, осоишдеҳи халқ аст. Одами бад шахси золим, хунхор, бадтинат, разилахлоқ, мардумозор, каллоб, дузд, муфтхӯр, коҳил ва ҷоҳил аст. Ин навъ одам аз ҳайвон фарқ намекунад, ҳатто аз сагу гург ва дигар дарандаҳо бадтар аст. Саъдӣ таълим медиҳад, ки фақат инсони соҳибхирад аз ҳайвон авлотар буда, инсоне, ки халқро азоб медиҳад, аз ҳайвони даранда, яъне дад бадтар аст:

> На ҳар одамизод аз дад беҳ аст,
> Ки дад з-одамизодаи бад беҳ аст.
> Беҳ аст аз дад инсони соҳибхирад,
> На инсон,ки дар мардум афтад чу дад.

Саъдӣ бо бадон бадӣ варзиданро таълим медиҳад. Ин ақида гувоҳи он аст, ки дар масъалаҳои хайру шар, неку бад, хубу зишт дар мавқеи гуманизми фаъол меистад. Ӯ бо чандин роҳ ақидаи худро баён ва талқин мекунад:

Аввал, фақат таъкид менамояд: "Раҳм овардан ба бадон ситам аст бар некон ва авф кардан бар золимон ҷавр аст бар мазлумон". Ин ҷо нависанда ҳалли масъаларо ба худи иҷрокунанда вогузор менамояд. Аз ин ҳикмат маълум мешавад, ки Саъдӣ ҳарчанд лутфу тараҳҳумро беҳтарин хислатҳои инсон шумурад ҳам, фақат мазлуму меҳнаткашро ба он мустаҳиқ мешуморад. Ҷафокорону золимон ва бадкирдорон сазовори авфу марҳамат нестанд. Зеро:

Тараҳҳум бар паланги тездандон
Ҷафокорӣ бувад бар гӯсфандон.

Дуввум, ӯ катъан талаб мекунад:

Бо бадон бад бошу бо некон накӯ,
Ҷои гул гул бошу ҷои хор-хор.

Сеюм, ба ақидаи Саъдӣ, ҷазо додани гунаҳгор айни савоб аст. Лекин ҷазо ҳатман бояд, ки ба андозаи гуноҳ бошад. Ин нуктаро Саъдӣ дар боби дуввуми Бӯстон, ки "Дар эҳсон" ном дорад, хеле барҷаста ифода карда буд. Ҳукми ӯ чунин аст: Ситам бар ситамгар адлу дод буда, бар золими ҷафопеша некӣ раво нест:

Чу андар саре бинӣ озори халқ
Ба шамшери тезаш биёзор ҳалқ!

Бадтарини бадон, хунхортарини хунхорон ва золимтарини золимон дар замони Саъдӣ ғоратгарони муғул буданд. Саъдӣ дар ҳаққи онҳо мегӯяд:

Ҳама одамизода буданд, лекин
Чу гургон ба хунхорагӣ тезчанге.

Муаллифи Гулистон шоҳиди фатароти кишварҳо ва вазъи тоқатшикани халқҳо буд. Ӯ ҳамчунин бо чашми худ медид, ки рехтани хуни бегуноҳон ва ғурриши раъди ситам иттиҳоди мазлумонро низ мустаҳкам мекард. Бадбахтӣ мардумонро ҳамдард мекард. Ситам онҳоро тифоқ мегардонад. Дар ниҳоди онҳо оташи мубориза аланга мезад. Онҳо ба қасосу интиқом бармехостанд. Саъдӣ ба қувваи иттиҳоди мазлумон боварии куллӣ дошт.

Вай табақаи ҳокимро аз ғазаби халқ огоҳ менамояд ва бидуни тарсу харос мегӯяд, ки агар мӯрчагон иттифоқ кунанд, барои интиқом шери жаёнро пӯст мекананд, аз ин панд бояд гирифт ва душманро набояд ҳақиру бечора шумурд:

Пашша чу пур шуд, бизанад пилро,
Бо ҳама сахтию салобат, ки ӯст.
Мӯрчагон гар бикунанд иттифоқ,
Шери жаёнро бидаронанд пӯст.

Саъдӣ ба бебақо будани пояи истибдод ва заволи зулму тааддӣ эътиқод дорад. Вай хитоб менамояд:

Намонад ситамгори бадрӯзгор,
Бимонад бар ӯ лаънати кирдигор!

Бидуни мулоҳиза ба куштан додани худро Саъдӣ намепазирад. Ӯ насиҳат мекунад, ки дар ҳолати ногузир будани мағлубӣ бо душман муросо кардан лозим аст. Ин навъ муросо то расидани фурсати мувофиқи интиқом бояд давом кунад. Ҳамин, ки фурсат расид мағзи душманро ба коми дӯстон баровардан шарт аст.

Аз масъалаи муросо бо душман масъалаи ҷангу сулҳ пеш меояд. Саъдӣ чун шахси ватанпарвар ақида дорад, ки дар корзор фақат қаҳрамонӣ бояд нишон дод. Ҷонро дар муҳофизати Ватан набояд дареғ дошт. Аз ин ҷиҳат хоини Ватан, ки аз ҷанг мегурезад, бояд кушта шавад, зеро нанги ӯ ба ҳамаи лашкар мерасад:

Якеро, ки дидӣ чу да р ҷанг пушт,
Бикуш, гар адӯ дар масофаш[1] накушт.
Муханнас беҳ аз марди шамшерзан,
Ки рӯзи ваго[2] сар бипечад чу зан.

## Саъдӣ – гуманист

Саъдӣ натанҳо куштани хоини Ватанро воҷиб мешуморад, балки ҷосусӣ ва хиёнатро маҳкум намуда, нисбат ба ин хусусияти қабеҳтарини одамони нопок нафрат мепарварад, зеро ӯ эътиқод дорад: "Ҳар кас хиёнат варзад пушташ аз ҳисоб биларзад".

Тамоми эҷодиёти Саъдӣ ба ситоиши инсон нигаронда шудааст. Дар афкори инсондӯстонаи Саъдӣ ақидаи ӯ дар бораи мақоми инсон дар олами мавҷудот басе ҷолиби диққат аст. Дар замоне, ки инсон хору залил буд ва хуни бегуноҳон заминро рангин мекард, Саъдӣ қадру манзалати инсонро ба осмонҳо мебардорад. Ӯ таълимотеро пайравӣ мекунад, ки инсон зубдаи мавҷудот ва гули офариниш аст. Ҳамаи инсонҳо аз як ҷавҳар офарида шудаанд. Онҳо бояд бародар ва ғамхори якдигар бошанд. Тамоми неъмати дунё барои инсон аст. Инсон бо ақлу тамиз ва илму ҳунар, ки онро Саъдӣ фазл меномад, мукаррам аст. Саховату ҷавонмардӣ ва лутфу карам ба ҳусни шахс ҳусн мебахшанд. Ҳамаи инро нависанда эҳсон мегӯяд. Маҳз бо фазлу эҳсон инсон аз нақши зебо фарқ мекунад.

Чу инсонро набошад фазлу эҳсон,
Чӣ фарқ аз одамӣ то нақши девор?

Модоме ки сурати зебо барои инсон аҳамият надорад ва бо ин хусусияти худ аз он нақши девор фарқ намекунад, ӯро сирати зебо мебояд. Саъдӣ дар Бӯстон гуфта буд:

Сурати зебои зоҳир ҳеҷ нест,
Эй бародар, сирати зебо биёр!

---

[1] **Масоф** - майдони ҷанг, майдони муҳориба.
[2] **Ваго** - ҷанг.

Сирати зебо маънои васеъ дорад. Он қабл аз ҳама одамият, ҳиммати баланд, меҳнатдӯстӣ, ҷавонмардӣ, озодӣ ва истиқлоли рӯҳониро фаро мегирад. Чӣ будани одамият аз назари Саъдӣ пештар шарҳ дода шуда буд. Озодӣ ва истиқлоли рӯҳонӣ чист? Ин иззату обрӯи худро нигоҳ доштан, бо қувваи бозувон ё ҳунару илми худ нон хӯрдан, бори миннати касеро накашидан, аз рӯи тамаъ мутеи касе набудан ва аз рӯи ғараз тамаллуккорӣ ва бандагӣ накардан аст. Инсони бетамаъ, ки аз чунин пойбандҳои рӯҳонӣ озод аст, сарбаланд мебошад. Бо ин гуна ақидаҳои худ Саъдӣ манфиати халқи меҳнаткашро ҳимоят намуда, ба масъала аз мавқеи гуманизми умумиинсонӣ наздик мешавад. Ин ғоя дар ҳикояти "Ҳотами Той ва хоркан" барҷаста таҷассум ёфтааст. Ба ҳикоят таваҷҷӯҳ намоед:

"Ҳотами Тойро гуфтанд: Аз худ бузургҳимматтар дар ҷаҳон дидаӣ ё шунидаӣ? Гуфт: Бале, рӯзе чиҳил шутур қурбон карда будам умарои[1] арабро. Пас гӯшаи саҳрое ба ҳоҷате берун рафтам. Хорканеро дида, пуштае хор фароҳам оварда. Гуфтамаш: Ба меҳмонии Ҳотам чаро наравӣ, ки халқе бар самоти[2] ӯ гирд омадаанд. Бихандиду гуфт:

Ҳар кӣ нон аз амали хеш хӯрад,
Миннат аз Ҳотами Тойӣ набарад.

Мар ӯро ба ҳиммату ҷавонмардӣ аз худ бартар дидам"

Хоркан дар ҳикояте, ки оварда шуд, аз нони муфт даст мекашад. Ӯ наметавонад, ки бори миннати касеро бардорад. Саъдӣ, ки дасисабозиҳои аҳли дарборро нағз медонист, хизмати дарборро низ рад мекунад. Ин маъниро ӯ аз забони қаҳрамони мусбати ҳикояти "Ду бародар" баён менамояд. Муаллиф ва инсонҳои покниҳод низ бо ӯ ҳамақида мебошанд. Дар ҳақиқат меҳнати ҳалол садҳо бор аз тамаллуқ ва хушомадгӯӣ афзалтар аст. Тамаллуқу хушомадгӯии ихтиёрӣ ба одамони пасти амалдор мухторияти шахсии худро аз даст додан буда, одаме, ки аз меҳнат обрӯ мегирад, соҳибиззат аст. Ҳикояти Саъдӣ чунин аст:

"Ду бародар буданд. Яке хидмати султон кардӣ ва дигар бо зӯри бозувон нон хӯрдӣ. Боре тавонгар гуфт дарвешро, ки чаро хидмати подшоҳ накунӣ, то аз машаққати кор кардан бираҳӣ? Гуфт: Ту чаро кор накунӣ, то аз мазаллати[3] хидмат раҳоӣ ёбӣ, ки хирадмандон гуфтаанд: Нони худ хӯрдану нишастан беҳ, ки камари заррин ба хидмат бастан.

Ба даст оҳаки тафта кардан хамир,
Беҳ аз даст бар сина пеши амир!"

Яке аз сифатҳое, ки дар хулқи инсон писанди Саъдист, қаноат мебошад. Вай боби сеюми Гулистонро ба ин мавзӯъ хос гардондааст.

---

[1] **Умаро** - амирон, сардорони қабилаҳо.
[2] **Самот** - атроф.
[3] **Мазаллат** - хорӣ, пастӣ.

Вале ин боб "Дар фазилати каноат" ном дошта бошад ҳам, аз ситоиши қаноат хориҷ мешавад. Нависанда дар ҳикоятҳои он боб ҳиммати баланд, инсоф, сабр ва тавозӯъро тарғиб менамояд. Аз рӯи фаҳмиши Саъдӣ қаноат маънии ҳокими нафси худ буданро дорад, яъне шахс бояд ба каму беши худ қонеъ бошад, дар сахтӣ мурданро аз ҳоҷат пеши касе бурдан авло донад, чизи заруриро ҷӯё бошад, дар баробари хоксорию фурӯтанӣ шаъну шарафи худро нигоҳ дорад. Ин сифатҳо ҳусни маънавӣ ва ахлоқи ҳамидаи инсони ҳақиқиро намоиш медиҳанд. Ин матлаб дар ҳикоятҳои "Ҳотами Той ва хоркан" ва "Ду бародар" барҷаста инъикос ёфтааст. Кам хӯрдан ва кам хуфтан ҷузвҳои таркибии қаноат мебошанд. Саъдӣ насиҳат медиҳад, ки дар хӯрдан ҳадди эътидолро нигоҳ доштан зарур аст:

На чандон бихӯр, к-аз даҳонат барояд!
На чандон, ки аз заъф ҷонат барояд!

Баробари ситоиши қаноат Саъдӣ неши қаламн худро ба мазаммати ҳирсу тамаъ, ғуруру худписандӣ, пурхӯрию танбалӣ, тамаллуқу коҳилӣ ва дигар иллатҳои одамони бадтинат нигарондааст. Ӯ ба қазою қадар боварӣ дошт. Вале ӯ ба сарнавишту қисмат тан доданро намеписандад. Ӯ саъю кӯшиш, азму ирода ва амалро мепарастад. Нависанда эътиқод дорад, ки бо фаъолияту меҳнат метавон зиндагиро беҳтар кард. Вай панд медиҳад: "То ранҷ набарӣ, ганҷ барнадорӣ ва то ҷон дар хатар нанихӣ, бар душман зафар наёбӣ ва то дона парешон накунӣ, хирман барнагирӣ.

Гарчи беруи зи ризқ натавон х(в)ард
Дар талаб коҳилӣ нашояд кард".

Ҳамин нуктаро ӯ боз дар шакли дигар ба қолаб мерезад:

Ризқ агарчанд бегумон бирасад,
Шарти ақл аст ҷустан аз дарҳо.
Гарчи кас бе аҷал нахоҳад мурд,
Ту марав дар даҳони аждарҳо.

Саъдӣ ба меҳнати аҳли захмат – барзгару косиб, хоркашу пинадӯз ва олим эҳтироми бузург дорад. Вале барои инсони ҳақиқӣ шудан кор кардану аз самараи меҳнати хеш рӯз гузарондан кам аст. Наҷибтарин хислати инсони ҳақиқӣ некист. Мафҳуми некӣ тамоми ҷиҳатҳои хуби инсонро фаро мегирад. Аммо Саъдӣ дар зери мафҳуми некӣ қабл аз ҳама накӯкориро ташвиқ менамояд. Накӯкорӣ талаби ахлоқие мебошад, ки аҳамияти иҷтимоӣ дорад.

Ба ақидаи муаллифи Гулистон, инсони накӯкор бояд ҷорагари бечорагон, дастгири дармондагон, ҳоҷатбарори мӯҳтоҷон ва мададгори пирону ятимон ва бевазанон бошад. Накӯкор одамест, ки бо ранҷи худ ба мардум роҳат мерасонад, дарду алами мазлумонро камтар мекунад. Чунин шахс ҳамеша дар пайи осоиши халқ ва манфиати мардум аст. Саъдӣ хизмат ба халқро аз ибодату намозхонӣ

ва тасбеҳгардонӣ бартар мешуморад. Ин фикри ӯ дар он замон хеле ҷасурона буд. Хулосаи ӯ чунин аст:

Ибодат ба ҷуз хизмати халқ нест,
Ба тасбеҳу саҷҷодаву[1] далқ нест.

Инсонпарварии Саъдӣ бо ин маҳдуд намешавад. Ӯ тамоми башариятро чун пайкари ягона мешуморад, ки тамоми навъи одам узви ҷудонопазири он мебошанд. Аз ин ҷиҳат ғамхорӣ ба тамоми фарзандони одам, сарфи назар аз нажоду ирқ ва дину мазҳаби онҳо, дараҷаи баланди инсондӯстист.

Саъдӣ инсони аз ғами дигарон бепарворо одам намешуморад:

Бани одам аъзои як пайкаранд,
Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.
Чу узве ба дард оварад рӯзгор,
Дигар узвҳоро намонад қарор.
Ту, к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,
Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.

Ин қитъаи Саъдӣ бо фикру зикри одамони пешқадами асри мо чунон ҳамсадост, ки онро метавон чун шиор ба забон ронд.

## Андешаҳои панду ахлоқӣ дар Гулистон

Муаллифи Гулистон Саъдии Шерозӣ дар таърихи афкори ҷамъиятии халқҳои тоҷику эронӣ чун муаллими ахлоқ, шахси сиёсатдон ва ҳакими зиндагидӯст шинохта шудааст. Саъдӣ адибест, ки масъалаҳои сиёсат, нуктаҳои иҷтимоӣ ва муаммоҳои зиндагиро бо меъёри ахлоқ чен мекунад. Аз нуқтаи назари Саъдӣ ахлоқ ба ҷо овардани расмиятҳо ва урфу одат нест. Ахлоқ ниёзи ботинӣ буда, хулқу хӯ ва рафтору кирдорест, ки аз одоб, дониш ва дараҷаи тарбияи кас ба вуҷуд меояд. Ахлоқ талаботи маънавист, ки онро шахс бошуурона ба ҷо меорад. Ахлоқ ду навъ мешавад: ахлоқи нек ва ахлоқи бад. Дар замонҳои пеш ахлоқи некро алоқи ҳамида ва ахлоқи бадро ахлоқи разила мегуфтанд.

Гулистон асарест, ки ахлоқи ҳамида ва одоби баландро талқин менамояд. Саъдӣ хусусан дар бобҳои сеюм, чорум, ҳафтум ва ҳаштуми Гулистон ахлоқи покизаро ҳимоят мекунад ва ахлоқи бадро танқид менамояд.

Саъдӣ ҳусни ахлоқро дар одоби нек, кирдори шоиста, рафтори писандида ва иффату покдоманӣ мебинад. Ӯ ақида дорад, ки ба воситаи тарбия, омӯзондану омӯхтан, машқ ва худтарбиякунӣ ахлоқро нек, дуруст ва комил гардондан зарур аст.

Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар Гулистон ба одоби сӯҳбат аҳамияти хос медиҳад: Боби ҳаштуми китоб "Дар одоби сӯҳбат" ном дорад. Боби чаҳорум "Дар фавоиди хомӯшӣ" низ бештар роҷеъ ба

[1] **Саҷҷода** - ҷойнамоз.

ҳамин мавзӯъ баҳс мекунад. Шартҳои одоби сӯҳбат мувофиқи гуфти Саъдӣ чунин мебошанд: кас дар сӯҳбат бояд, ки хушмуомилаю ширинзабон бошад, бо лутф ва хубии сухан майли шунавандаро ба худ ҷалб намояд. Хубии сухан дар кӯтоҳу далелнок ва мантиқию бамаънӣ будани он падидор мешавад. Гӯянда бояд, ки аввал андеша кунад, баъд сухан ба миён оварад, мағзи гапро гӯяд, ҳар нуктаро бомавриду баҷо гӯяд. Дар вақти сӯҳбат шунаванда набояд, ки сухани касро буррад. Сухангӯ пеш аз он ки шунавандаҳо дилбазан шуда, ӯро аз гуфтан боздоранд, худаш гапро тамом кунад. Аз сухани бад хомӯшӣ авлотар аст. Вале хомӯшӣ на ҳама вақт хуб аст. Дар зарурат суханро гуфтан шарт аст. Саъдӣ дар ин хусус равшан ақида меронад:

Агарчӣ пеши хирадманд хомӯшӣ адаб аст,
Ба вақти маслиҳат он беҳ, ки дар сухан кӯшӣ.
Ду чиз тираи ақл аст: дам фурӯ бастан
Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ.

Албатта, касе, ки дашном медиҳад, таҳсину дуо нахоҳад шунид. Вале хирадманд ба дашном бо дашном ҷавоб намедиҳад. Баръакс, саъй менамояд, ки дашномдиҳандаро аз ин айб пок гардонад. Саъдӣ мефармояд:

Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,
Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд.

Шарти дигари сухан ростгӯист. Сухани рост таҷассуми кирдори рост аст. Бояд гуфтору кирдори кас баробар рост бошад, балки кирдор беҳтар аз гуфтор мебояд. Қатъан дурӯғ гуфтан мумкин нест. Саъдӣ таълим медиҳад, ки кас хоҳ дар болои дор бошаду хоҳ дар зери теғ бояд рост гӯяд, зеро:

Гар рост сухан гӯиву дар банд бимонӣ,
Беҳ з-он ки дурӯғат диҳад аз банд раҳоӣ.

Ҳурмати падару модарро Саъдӣ фарз мешуморад:

Эй тифл, ки дафъи магас аз хеш надонӣ
Ҳарчанд, ки болиғ наӣ, охир на ҳамонӣ!
Шукронаи зӯроварии рӯзи ҷавонӣ
Он аст, ки қадри падари пир бидонӣ!

Эҳтиром ба гузашта низ як навъ эҳтиром ба падарону бобоён мебошад. Аз ин рӯ бадгӯии бузургони гузаштаро аҳли хирад бузург нахоҳанд шумурд:

Бузургаш нахонанд аҳли хирад,
Ки номи бузургон ба зиштӣ барад.

Саъдӣ ба бисёр масъалаҳои ҳаррӯзаи зиндагӣ диққат мегуморад. Ӯ таълим медиҳад, ки шахс бояд сирри худ, сирри рафиқу оила ва сирри давлатиро нигоҳ дорад. Вай сарфаю сариштакориро тарғиб менамояд: "Ба нониҳода даст нарасад ва ниҳода ҳар куҷо, ки ҳаст, бирасад".

Муаллифи Гулистон боз бисёр масъалаҳои зиндагиро аз рӯи ҳикмат ҳал мекунад. Ӯ ақида дорад, ки тадбири бе қувват макру фусун буда, қуввати бетадбир ба чаҳлу девонагӣ монанд аст. Ӯ ҳатто мегӯяд:

Онро, ки ақлу ҳиммату тадбиру рой нест,
Хуш гуфт пардадор, ки кас дар сарой нест.

Саъдӣ дар ҳама кор, ҳатто дар сабру тоқат, тавозӯъ, хоксорӣ ва амсоли инҳо низ нигоҳ доштани ҳадди эътидолро дуруст мешуморад. Масалан, ӯ ҳар қадар тавозӯъро ситоиш намояд ҳам, аз ҳад гузарондани онро маслиҳат намедиҳад:

Тавозӯъ гарчи маҳбуб асту фазли бекарон дорад,
Набояд кард беш аз ҳад, ки ҳайбатро зиён дорад.

Харҷ низ бояд ба дахли кас мувофиқ бошад, вагарна оқибати он пуртаассуф хоҳад буд. Ин матлабро Саъдӣ ба воситаи ташбеҳе ба як ходисаи маълуми табиат ифода мекунад:

Чу дахлат нест, харҷ оҳистатар кун,
Ки мегӯянд маллоҳон суруде:
Агар борон ба кӯҳистон наборад,
Ба соле Даҷла гардад хушкрӯде.

Ҳамият аз сифатҳоест, ки Саъдӣ дар таълифи он суханро дареғ намедорад. Ҳамият аз рӯи таълимоти ӯ он аст, ки кас тавонад, ки шаъну шарафи худро нигоҳ дорад, муҳофизати Ватанро таъмин намояд, падару модар, аҳли оила ва зану фарзандро ба сахтӣ нагузорад. Саховату инъомро низ Саъдӣ таъриф мекунад. Вале ӯ хотирнишон менамояд:

Чу инъом кардӣ, машав худпараст,
Ки ман сарварам, дигарон зердаст.

Саъдӣ ситоишгари дӯстони ҳақиқӣ ва рафоқати самимист. Ӯ панд медиҳад: "Хонаи дӯстон бирӯб, дари душманон макӯб". Вай дӯстони беғарази ҳақшинос, ёрони содиқ ва рафиқони мувофиқро меписандад. Ба ақидаи Саъдӣ дӯсти ҳақиқӣ шарики ранҷу роҳат аст. Махсусан дар вақти мусибат, дармондагӣ ва ҳоҷат дӯстро шинохтан мумкин аст. Саъдӣ аз номи ҳакимони адабомӯз мефармояд: "Дӯстон ба зиндон ба кор оянд, ки бар сурфа ҳама душманон дӯст намоянд.

Дӯст машмор он кӣ дар неъмат занад
Лофи ёрию бародархондагӣ.
Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст
Дар парешонҳолию дармондагӣ".

Иттифоқу иттиҳод шарти дигари дӯстӣ буда, қувваи дӯстӣ маҳз дар ягонагӣ ва муттаҳидии ёрон ҳувайдо мегардад. Дӯстони муттаҳид аз ҳеҷ душмане боке надоранд, зеро ягон душман наметавонад, ки онҳоро мағлуб созад. Саъдӣ ин маъниро бо чандин тарз ифода менамояд. Ба ақидаи ӯ инсони танҳо мисли ришта (хайт)-е мебошад, ки кандани он

ҳеҷ душворие надорад. Аммо агар риштаҳо ба ҳам тофта шаванд, касе, ҳатто агар мисли яке аз қаҳрамонҳои Шоҳнома Исфандиёр зӯр дошта бошад ҳам, онҳоро пора карда наметавонад:

Дӯстони сахтпаймонро зи душман бок нест,
Шарти ёр он аст, к-аз пайванди ёраш нагсалад.
Сад ҳазорон хайти яктавро набошад қуввате,
Чун ба ҳам бартофтӣ, Исфандиёраш нагсалад.

Айбҷӯиро Саъдӣ мазаммат мекунад ва онро амали ношоиста мешуморад. Вале айби дӯстонро дидан ва рӯирост онро танқид кардан шарти дӯстист. Бо машварату маслиҳат дӯстонро аз айбу нуқсон эмин гардондан фарз аст. Агар дӯст ин таклифро напазирад, ӯро душманӣ варзидан лозим меояд:

Оини бародарию шарти ёрӣ
Он нест, ки айби ман ҳунар бишморӣ.

Саъдӣ нуқсонҳои дигари маънавии инсонро низ маҳкум менамояд. Шахси сустирода ва беҳамиятро Саъдӣ ҳурмат намекунад. Баръакс, панд медиҳад:

Аз он беҳамият бибояд гурехт,
Ки номардияш оби мардон бирехт.

Нависандаи бузург хешовандони бевафоро низ наменисандад:

Ҳар кӣ бо аҳли худ вафо накунад,
Нашавад дӯстрӯю давлатманд.

## Тарғиби илму ҳунар дар Гулистон

Дар Гулистон ва умуман дар эҷодиёти Саъдӣ тавсифу тарғиби илму ҳунар ҷои намоёнро мегирад. Саъдӣ дар илму ҳунар воситаҳоеро мебинад, ки мамлакатро равнақ дода, дунёи маънавии инсонро сафо мебахшанд. Азбаски ривоҷи илму ҳунар ба фаъолияти инсон вобаста аст, Саъдӣ ба тарбия ва сабзиши олимону ҳунармандон аҳамияти махсус медиҳад. Ба ақидаи Саъдӣ, қадру эътибори илму ҳунар ба иззату обрӯи соҳибони онҳо вобаста аст. Ҳар қадар олим ё ҳунарманд нисбат ба касби худ ҷиддӣ ва бо ҳисси масъулият муносибат намуда, онро пок нигоҳ дорад у равнақ диҳад, қисмати дониш ва аҳамияти ҳунари ӯ афзун мегардад. Аз ин ҷиҳат олим ва ҳунарманд вазифадоранд, ки пеш аз ҳама дараҷаи илмӣ ва маҳорати касбии худро баланд бардоранд. Дар он сурат шахси боилм ва соҳибҳунар ҳар ҷо равад, иззату эҳтиром мебинад. Ин ғоя дар ҳикояти ду амирзода хеле барҷаста ифода гардидааст.

Талаботи Саъдӣ аз ҳунармандон дида ба олимон бештар аст. Зеро олимон қувваеро доранд, ки дар пешравии ҷамъият, инкишофи мамлакат ва балоғати маънавии инсон ҳамто надорад. Илм шакли

олии фаъолияти инсон буда, чароғест, ки мардумро ба пеш мекашад, онҳоро ба роҳи рост ҳидоят менамояд. Олим бояд аз ҳар ҷиҳат ба атрофиёни худ намунаи ибрат бошад. Хусусан ахлоқи пок, одоби шоиста, ширинзабонӣ, нисбат ба одамон ғамхор будан шарти олимист. Саъдӣ олими соҳиби ин гуна фазилатҳоро мӯҳтарам мешуморад. Ба қавли ӯ "олиме, ки бо мантиқи ширину қувваи фасоҳат ва мояи балоғат ҳар ҷо, ки равад, ба хизмати ӯ иқдом намоянд ва икром кунанд:

Вуҷуди мардуми доно мисоли зарри тилост,
Ки ҳар куҷо биравад, қадру қиматаш донанд.
Бузургзодаи нодон ба шаҳраво[1] монад,
Ки дар диёри ғарибаш ба ҳеҷ настонанд".

Саъдӣ ҳамеша таъкид менамояд, ки қадру қимати инсон дар илму ҳунари ӯст, на дар аслу насабаш. Аммо илму ҳунар бидуни таълиму тарбия ҳосил намешавад. Аз ин ҷиҳат Саъдӣ ба масъалаҳои тарбия ва таълим аҳамияти зиёд медиҳад. Вай боби ҳафтуми Бӯстонро "Дар олами тарбият" номида, ба боби ҳафтуми Гулистон "Дар таъсири тарбият" унвон гузоштааст. Мувофиқи ақидаи Саъдӣ инсон аслан гавҳари қобилест, ки дар натиҷаи таълиму тарбия комил мегардад. Муаллиму омӯзгор бояд ҷиддӣ, серталаб ва тарбиятгар бошанд, зеро:

Устоду муаллим чу бувад беозор,
Хирсак бозанд кӯдакон дар бозор

Ҳар кас, ки аслаш аз азал зишт бошад, бо тарбият онро нек гардондан ғайри мумкин аст. Ин кӯшиш ба он мемонад, ки одам гирдакон, яъне чормағзро болои гунбаз партояд, ки биистад:

Партави некон нагирад ҳар кӣ бунёдаш бад аст,
Тарбият ноаҳлро чун гирдакон дар гунбад аст.

Ҳамин ақидаро Саъдӣ ба навъҳои дигар боз чандин бор такрор мекунад, мисли:

Абр агар оби зиндагӣ борад,
Ҳаргиз аз шохи бед бар нахурӣ.
Бо фурӯмоя рӯзгор мабар,
К-аз найи бӯрё шакар нахӯрӣ.

Аз файзи борони баҳор бебаҳра будани хасу хошок ва шӯразор барои Саъдӣ образест, ки ба воситаи диққатро ба он ҷалб кардан, бо тарбият кас нашудани нокасони бадгуҳарро мефаҳмонад:

Оқибат гургзода гург шавад,
Гарчи бо одамӣ бузург шавад.

Ҳамин тарбиятнопазир будани ҷавҳари бад дар як ҳикояти Гулистон чунин баён шудааст: "Яке аз вузароро[2] писаре кавдан[3] буд. Пеши яке

[1] **Шаҳраво** - пули мисини камарзиш, ки фақат дар як шаҳр ё вилоят равост, аммо дар беруни он қурбу арзиш надорад.
[2] **Вузаро** - вазирон.
[3] **Кавдан** - кундзеҳн.

аз донишмандон фиристод, ки мар инро тарбияте мекун, магар оқил шавад. Рӯзгоре таълим кардаш ва муассир набуд[1]. Пеши падараш кас фиристод, ки ин писар оқил намешавад ва наздик аст, ки маро девона кунад.

Чун бувад асли гавҳаре қобил,
Тарбиятро дар ӯ асар бошад.
Ҳеҷ сайқал накӯ наёрад кард
Оҳанеро, ки бадгуҳар бошад.
Саг ба дарёи ҳафтгона машӯй,
Ки чу тар шуд, палидтар бошад.
Хари Исо[2] гараш ба Макка баранд,
Чун биёяд, ҳанӯз хар бошад.

Саъдӣ дар бадгавҳарӣ ва нокасӣ писарони подшоҳону вазирон ва фарзандони сарватмандонро намуна нишон медиҳад. Ин ҷо ду фикри Саъдӣ аҳамияти бузург дорад: Аввал он ки илму дониш, ҳунар ва адаброро наметавон бо пулу мол ба даст овард, яъне онро харидан мумкин нест. Дуввум, ақлу ҳунарро Саъдӣ аз ганҷи падар авло мешуморад. Ба ақидаи ӯ ҳунар аз ному насаб ҳам боло меистад. Ин ақидаро Саъдӣ тамоми умр тарғиб мекард. Дар ҳамаи бобҳои Гулистон ин матлаб мавриди тасвир қарор гирифтааст. Муаллиф меорад: "Аъробиеро дидам, ки писарро ҳаме гуфт: Туро пурсанд, ки ҳунар чист, нагӯянд, ки падар кист!"

Барои он Саъдӣ ҳунарро аз молу сарват боло мегузорад, ки ҳунарро ҳунарвар ҳар қадар бештар харҷ кунад, он ҳамон миқдор зиёдтар сайқал мёебад ва такомул мепазирад. Аммо пулу мол бо харҷ кардан рӯ ба костан мениҳад.

## Сабки Гулистон

Шоҳасари Саъдии Шерозӣ Гулистон ҳамчун намунаи барҷастаи насри классикии тоҷик хусусиятҳое дорад, ки онро аз китобҳои насри тоҷикӣ мумтоз мегардонанд. Гулистон бо насри мусаҷҷаъи ба назм омехта навишта шудааст. Ин ду таркиб, яъне насру назм дар Гулистон на фақат аз ҷиҳати маънӣ, балки аз лиҳози сабк ва услуб низ дар камоли ягонагӣ қарор гирифтаанд. Насри зебои шоиронаи Гулистон маззаи назмро дорад. Он мисли шеър кӯтоҳсухан, хушбаён ва бонизом буда, ҳатто саҷъу қофия дорад. Он насрест, ки дар ниҳояти хубию маҳкамӣ, фасоҳату балоғат ба дараҷаи шеърҳои баланд истода, хеле пурҳикмату мақоломез мебошад. Назми Гулистон мисли наср содаю равон ва аз ҷиҳати мазмун заминӣ ва реалӣ буда, дар маънӣ насри онро

[1] **Муассир набуд** - таъсир намекард.
[2] **Хари Исо** - мувофиқи Инҷил харе, ки ҳазрати Исои Масеҳ бо он ба Байтулмуқаддас рафта буд.

такмил медиҳад. Муаллиф дар Гулистон аввал ҳикоят, вокеа ё андарзҳоро бо насри мусаҷҷаъ баён мекунад. Баъд дар хотимаи наклҳо ё охири гуфтори қаҳрамонҳо байту китъа, рубой, зарбулмасалу ҳикмати манзум ва ё порчаҳои дигари шеърӣ меорад. Ин воситаест, ки нависанда фикрашро мантиқан ва ё аз ҷиҳати фалсафӣ хулоса ва ҷамъбаст менамояд. Ба назар чунин мерасад, ки хулосаҳои адиб маҳз шакли шеърро тақозо менамоянд ва маъниҳои порчаҳои мансурро тавзеҳ медиҳанд. Ҳамаи порчаҳои шеърии Гулистон ба қалами худи Саъдӣ тааллук доранд. Фақат 5-6 ҳикояти Гулистон пурра дар шакли назм навишта шудаанд. Ҳикоятҳои манзуми Гулистон ҳикматомез набуда, зарофатангезанд.

Ягонагии ғоявӣ ва санъати баланди насру назми Гулистонро тамоми ҳикоятҳои он намоиш медиҳанд. Барои намуна як ҳикоятро аз назар мегузаронем. Дар он назму наср чунон ба ҳам омезиш ёфтаанд, ки онҳоро наметавон аз якдигар ҷудо кард. Ҳикоят: Луқмонро гуфтанд: Адаб аз кӣ омӯхтӣ? Гуфт: Аз беадабон – ҳар чӣ аз эшон дар назарам нописанд омад, аз он парҳез кардам.

Нагӯянд аз сари бозича ҳарфе,
К-аз он панде нагирад соҳиби ҳуш.
В-агар сад боби ҳикмат пеши нодон
Бихонанд, оядаш бозича дар гӯш".

Пайванди насру назм дар тамоми Гулистон ба ҳамин минвол аст.

Ҳикоятҳои Гулистон тарзе таълиф гардидаанд, ки гӯё ду кас сӯҳбат доранду яке бар дигаре онҳоро нақл мекунад. Худи Саъдӣ ҳам онҳоро дар маҷлисҳои ваъз ҳангоми суханрониҳояш истифода мебурд.

Аз ҷиҳати ҳаҷм ҳикоятҳои Гулистон гуногунанд. Ҳикоятҳои "Муштзан ва сафари ӯ" ва "Ҷидоли Саъдӣ бо муддаӣ дар баёни тавонгарӣ ва дарвешӣ" ҳар кадоме аз нӯҳ-даҳ саҳифа иборатанд. Аммо аксарияти ҳикоятҳои Гулистон гоҳе як-ду саҳифа ва баъзан ду-се сатр ва пораи шеъриро ташкил мекунанд. Дар ин навъ ҳикоятҳо на ба рафтор, балки асосан ба гуфтор ва нақли воқеаҳо аҳамият дода мешавад. Ҳикоятҳои калонҳаҷм бештар ба новелла монанд буда, хусусиятҳои ин жанрро доранд. Ҳикоятҳои хурд асосан аз муколимаҳои кӯтоҳ ва хулосаи манзум иборатанд, мисли: "Ранҷуреро гуфтанд: Дилат чӣ мехоҳад? Гуфт: Он ки дилам чизе нахоҳад.

Меъда чу пур гашту шикам дард хост.
Суд надорад ҳама асбоби рост".

Яке аз хусусиятҳои услубии Гулистон аз он иборат аст, ки Саъдӣ ҳангоми баёни андешаҳои худ роҷеъ ба адолат, раиятпарварӣ, саховат, ҳамият ва амсоли инҳо барои образнок баён кардани ҳикоят ва афзудани таъсири он аз гузашта мисолҳо меорад. Ин ду сабаб дошт: Аввал он ки нависанда дар ин соҳаҳо аз зиндагии воқеии замони худаш қаҳрамонони мусбат ёфта наметавонист. Дигар ин ки дар тасаввури

халқ баъзе шахсиятҳои таърихии гузашта (Искандар, Анушервон, Ҳотам ва ғайра) чун образҳои идеалӣ мақом доштанд. Дар таълифи чунин ҳикоятҳо Саъдӣ услуби нақлу ривоятро истифода мебарад. Одатан ин қабил ҳикоятҳо бо иборатҳои "овардаанд, ки", "шунидам, ки", "ҳикоят кунанд, ки" ва монанди инҳо шурӯъ мешаванд. Дар ҳикояти поён нависанда идеали сиёсию иҷтимоии худро оид ба подшоҳи одил дар шахси Нӯшервон таҷассум менамояд:

"Овардаанд, ки Нӯшинравони Одилро дар шикоргоҳе сайд кабоб карданд. Намак набуд. Ғуломе ба русто[1] рафт, то намак орад. Нӯшинравон гуфт: Намак ба қимат биситон, то расме нашавад ва деҳ хароб нагардад. Гуфтанд: Аз ин қадар чӣ халал ояд? Гуфт: Бунёди зулм дар ҷаҳон аввал андак будааст, ҳар кӣ омад, бар ӯ мазиде[2] кард, то бад-ин ғоят расид.

Агар зи боғи раият малик хӯрад себе
Бароваранд ғуломони ӯ дарахт аз бех.
Ба панҷ байза[3], ки султон ситам раво дорад,
Зананд лашкариёнаш ҳазор мурғ ба сих".

Муаллифи Гулистон дар бисёр ҳикоятҳои он аз воқеаҳои замони кӯдакию ҷавонӣ ва саргузаштҳои худ дар Балху Бағдод, Димишқу Миср, Уршалиму Макка, Ҳалабу Диёрибакр ва ғайра нақлҳо меорад. Ин ҳикоятҳо барои омӯхтани шарҳи ҳоли нависанда, тарзи зиндагӣ, одоби баҳси ӯ ва мавқеаш дар ҷомеъаи онрӯза маълумоти гаронбаҳо медиҳанд. Дар ин мавридҳо воқеаҳои аз забони шахси яқум баён шуда, услуби ҳикоят нигоҳ дошта мешавад. Дар ин бора махсусан ҳикояти тӯлонии "Ҷидоли Саъдӣ бо муддаӣ дар баёни тавонгарӣ ва дарвешӣ" аҳамияти хос дорад.

Он ҳикоят назарияҳои Саъдиро доир ба сиёсат, тарзи давлатдорӣ, ҷангу сулҳ, мавқеи инсон дар ҷамъият, боигарӣ, дарвешӣ ва ғайра ифода менамояд.

Баъзе ҳикоятҳои Гулистон бо услуби ҳаҷв ва зарофат (юмор) таълиф шудаанд. Барои ба вуҷуд овардани вазъи хандаовари қаҳрамонҳо Саъдӣ аз муболиға ва киноя зиёд истифода мебарад. Намунаи хуби ин навъ ҳикоятҳои Гулистон "Дуои дарвеш Ҳаҷҷоҷро", "Бозаргон" ва "Байтор" мебошанд, ки шумо онҳоро медонед.

Услуби умумии Гулистон панд буда, нависанда ба одамони оддӣ бо нармӣ насиҳат медиҳад. Аммо "забони панду насиҳатҳои Саъдӣ нисбат ба подшоҳон ва табақаҳои ҳукмрон қаҳрамонона ва нотарсона аст" (С. Айнӣ).

Дар "Гулистон" чанд ҳикояти тамсилии хурде низ мавҷуд аст, ки қаҳрамонҳои онҳо ҳайвонот буда, ба воситаи ташхисонидани онҳо ба тариқи рамз хислатҳои бади инсонӣ мазаммат карда мешаванд.

---

[1] **Русто** - деҳа.
[2] **Мазид** - зиёдатӣ.
[3] **Байза** - тухм.

Масалан: "Каждумро гуфтанд: Чаро ба зимистон берун наёӣ? Гуфт: Ба тобистон чӣ хурмат дорам, ки ба зимистон биёям". Ин навъ ҳикоятҳои тамсилӣ, ки мазмуни баланди ичтимоӣ доранд, гоҳе андаруни ҳикоятҳои дигар меоянд. Яъне Саъдӣ дар Гулистон услуби ҳикоят андар ҳикоятро низ ба кор мебарад.

Сабки боби ҳаштум, ки "Дар одоби сӯҳбат" ном дорад, аз услуби бобҳои дигари Гулистон фарқ мекунад. Дар ин боб асосан андарзу ҳикмат, панду насиҳат ва афоризмҳо ҷой дода шудаанд. Вале дар ҳамин ҳолат ҳам насри мусаҷҷаъ ва хулосаи манзум нигоҳ дошта мешавад:

1. "Ду кас душмани мулку дананд: подшоҳи **беҳилму зоҳиди беилм.**
   Бар сари мулк мабод он малик фармондеҳ,
   Ки худоро набувад бандаи фармонбардор"
2. "Хабаре донӣ, ки диле **биёзорад**, ту хомӯш бош, то дигаре **биёрад.**
   Булбуло, муждаи баҳор биёр,
   Хабари бад ба бум бозгузор!"
3. Гадои **неканҷом** беҳ аз подшоҳи **бадфарҷом**.
   Ғаме, к-аз пояш шодмонӣ барӣ,
   Беҳ аз шодие, к-аз пасаш ғам хӯрӣ.

## Шӯҳрат ва мақоми Саъдӣ дар адабиёти ҷаҳон

Саъдии Шерозӣ дар адабиёти тоҷик, чунон ки гуфта шуд, бо се хизмати худ мақоми арзандаеро ишғол менамояд. Аввалан, ӯ ғазалро дар шаклу мазмун ба ҳадди аъло расонд. Аз ҳамин ҷиҳат барҳақ ӯро устод ва пайғамбари ғазал меноманд. Ғазалҳои Саъдӣ роҳи минбаъдаи ин навъи шеъри лирикиро муайян намуд. Ҳофизи Шерозӣ, Носири Бухороӣ, Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ, Ҳилолӣ ва даҳҳо ғазалсароёни дигар анъанаи ғазалнависии Саъдиро давом ва инкишоф доданд. Дуввум, Саъдӣ бо танзими Бӯстон дар адабиёти тоҷик достони ахлоқиро ба пояи баланде бардошт. То Саъдӣ Саноӣ, Низомӣ ва дигарон масъалаҳои ахлоқро вобаста ба масъалаҳои дигар (масалан, тасаввуфу ирфон) баён мекарданд. Дар Бӯстон Саъдӣ масъалаҳои ахлоқро дар мадди аввал гузошта, тарзи давлатдорӣ, сиёсат ва ичтимоиётро бо он алоқадор медонад. Сеюм, Саъдӣ бо таълифи Гулистон дар адабиёти тоҷик мактаби тамоман навро кушод. Ӯ намунаи бузурги насри ахлоқиро офарид, ки ғояи асосии он аз тасвири ҳаракату рафтори қаҳрамонҳои ҳикоятҳо ва хулосаҳои мантиқии муаллиф аён мегардад. Бинобар ҳамин баъди Саъдӣ бисёр адибон дар пайравӣ ва тақлиди Гулистон асарҳо навиштанд. Машҳуртарини онҳо Хористони Маҷди Хофӣ, Нигористони Ҷувайнӣ (ҳардуяш асри XIV), Баҳористони Ҷомӣ (асри XV), Мулистони Тамкини Бухороӣ (ибтидои асри XX) ва амсоли инҳо ҳастанд.

Таъсири эҷодиёти Саъдӣ ба адабиётҳои халқҳои ҳамсояи мо - ӯзбакҳо, озарбойҷониҳо, туркманҳо, қазоқҳо, паштуиҳо, урдуҳо ва ғайра хеле калон аст. Бузургтарин адибони ин халқҳо - Насимӣ, Саккокӣ, Навоӣ, Фузулӣ, Махтумкулӣ, Хаттак, Ғолиб, Абай ва дигарон дар ғазал Саъдиро пайравӣ намуда, дар асарҳои худ аз мазмунҳои Бӯстону Гулистон истифода бурдаанд. Ҳатто як нависандаи югославӣ дар пайравии Гулистон бо номи Булбулистон китоб эҷод кардааст. Гулистонро ба туркӣ, тоторӣ, бошкирдӣ ва арабӣ шарҳ баста, онро дар асл мехонанд.

Сабаби маҳбубияти Гулистонро барои мардумони Европа донишманди Фаронса Барбиэ Мейнор чунин шарҳ медиҳад: "Бузургии Саъдӣ дар Гулистон он аст, ки ба мо хонандагони аврупоӣ зарофати Горатсий, соддагии Овидий, ҳаҷви истеҳзоомези Рабле ва нармдилии Лофантенро ба хотир меорад". Гёте, Пушкин, Есенин низ ба эҷодиёти Саъдӣ пайравӣ кардаанд.

Саъдӣ бо даҳои офарандагӣ ва мазмуни умумиинсонии гуманистии эҷодиёти худ дар адабиёти дунё чунон мақоми бузурге дорад, ки ӯро барҳақ адиби рӯйиҷаҳонӣ шумурд. Ҳақ ба ҷониби худи ӯст, ки гуфта буд:

Ҳафт кишвар намекунанд имрӯз
Бе мақолоти Саъдӣ анҷумане.

## Назарияи адабиёт

**Сабки ироқӣ.** Сабки ироқӣ дар охирҳои асри 10, дар қисмати ғарбии Эрон, бар ивази сабки хуросонӣ ба майдон омад. Он, баракси сабки хуросонӣ, ки моҳияташро "шакли содда, баёни фаҳмо ва мазмуни баланд" ифода мекард, аз муаллиф печидагиву санъаторойӣ ва пардапӯширо талаб мекунад. Сабки ироқӣ шомили шакли маснӯъ (сохташуда, сунъӣ), калимаҳои сермаъноию арабӣ, вожаву истилоҳоти фаннӣ, диниву мазҳабӣ ва фалсафиву ахлоқӣ буда, хусусияти рамзию тамсилӣ дорад.

# АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ
# (1253-1325)



Сарзамини афсонавии Ҳиндустон дар тӯли қариб ҳазор сол садҳо суханварони нозукадои тоҷикзабонро дар оғӯши гарми худ парвардааст. Осори ин гурӯҳи устодони сухан беҳтарин эътиқодномаест, ки дӯстии халқҳои Ҳиндустон, Эрон, Афғонистон ва Тоҷикистонро бо ҳам ифода менамояд. Маҳз бо кӯшиши ин гурӯҳ намунаҳои барҷастаи адабиёти классикии ҳиндӣ - афсонаҳои тӯтӣ, Рамаяна, Маҳабҳарата ва амсоли инҳо ба забони форсии дарии тоҷикӣ баргардонда шуданд. Аз адибони тоҷикзабони Ҳиндустон Масъуди Саъди Салмон, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Мирзо Абдулқодири Бедил суханварони соҳибмактаб буда, дар тамоми кишварҳои тоҷику форсизабон пайравон доштанд.

Сайри забони форсии дарии тоҷикӣ ва адабиёт бо ин забон дар нимҷазираи Ҳиндустон таърихи ҳазорсола дорад. Махсусан, дар замони лашкаркашиҳои ғазнавиён ба Ҳиндустон ин забон дар он ҷо ривоҷ ёфт, ки сабаби ин ҳамоно дар Ҳиндустон муқимӣ гардидани бисёр лашкариёни Ғазнавиён, афзудани муҳоҷирони эрониназжод ва забони давлатии Ғазнавиён қарор гирифтани забони форсии дарии тоҷикӣ буд. Дар асрҳои минбаъда, ки ҳамеша ин забон ҳамчун забони давлатии сулолаҳои исломӣ дар Ҳиндустон хизмат менамуд, нуфуз ва равнақи он дар нимҷазираи Ҳиндустон то рафт зиёд шуда, дар бисёр шаҳрҳо маҳфилҳо ва доираҳои адабии пурқувват гардон буд. Сарфи назар аз мақсадҳои воқеии истилогарон, сиёсати истисморгаронаю ғорату куштори онҳо ва зулму тааддии эшон адибони тоҷикзабон, ки дар тӯли ҳазор сол дар Ҳиндустон эҷод кардаанд, барои мустаҳкам гардонидани дӯстӣ ва робитаҳои маданиии халқҳои Ҳиндустон, Эрон,

Хуросон ва Осиёи Миёна сахми арзандае гузоштанд. Онхо дар асоси омезиш додани маданияти ин халкхо санъату адабиёти моро ганӣ гардониданд ва зебоихои табиат ва начобати мардумони Ҳиндустонро дар адабиёти точикзабон чилвагар намуданд.

Яминуддин Абулхасан Амир Хусрави Деҳлавӣ соли 1253 дар канори рӯди муқаддаси Ганг, дар шаҳри Патёлӣ, ки 300 км дуртар аз Деҳлӣ чой гирифта буд, ба дунё омад. Падари ӯ Сайфиддин Махмуд аз кабилаи лочин буд. Ин кабила дар гирду атрофи шаҳри Кеш (Шаҳрисабзи вилояти Қашқадарёи имрӯзаи Чумхурии Ӯзбакистон) мезистанд. Падари Амир Хусрав бо як гурӯҳ ҳамқабилахои худ дар замони ҳамлаи муғул (тақрибан солҳои 20 асри XIII) ватани аслии худро тарк карда, аввал ба Балх ва баъд аз он чо ба Ҳиндустон хичрат намуданд. Сайфиддин Махмуд, ки марди шучоъ ва чанговар буд, дар Ҳиндустон ба дарбори Илтутмиш (1211-1236) ном хоким ба хизмат даромад. Ӯ зуд чун марди далер ва мубориз шӯҳрат ёфта, дар набарди халқҳои Ҳиндустон бар зидди истилогарони муғул фаъолона иштирок варзид. Вале соли 1261 ҳангоми ҳафтсолагии Амир Хусрав дар яке аз муҳорибаҳои зидди муғулон кушта шуд. Модари Амир Хусрав Давлатноз аз точикони Деҳлӣ буд. Ӯ соли 1299 аз олам гузашт.

**ШАРҲИ ҲОЛ** Яминуддинро дар хурдӣ ба мактаб доданд. Ӯ бо ақли расо, зеҳни тез ва қобилияти дарсазхудкуниаш омӯзгорон ва ҳамсабақҳои худро ба ҳайрат мегузошт. Бинобар ҳамин падараш ва баъди марги ӯ бобои модариаш Имодулмулк ба дарсҳои расмии мактаб маҳдуд нашуда, ӯро хаттотӣ ва мусиқӣ омӯзониданд.

Ҳанӯз дар айёми кӯдакӣ Яминуддин ба мутолиаи адабиёти точику форс машғул шуда, хусусан осори Рӯдакӣ, Шоҳномаи Фирдавсӣ, Хамсаи Низомӣ ва девонҳои Саноию Анвариро бисёр мутолиа мекард. Баъдҳо ӯ асарҳои Саъдиро бисёр мехонд. Худаш аз 7-8 солагӣ ба машқи шеър сар карда, дар 12-солагӣ аллакай шеърҳои пухта мегуфт. Чавонии ӯ ба замони ҳокимияти Ғиёсиддин Балбан (1265-1287) рост омад. Вай дар 20-солагӣ таҳсилро хатм намуда, ба хизмати давлатии дарбори ҳокими Мултон даромад ва дар 39-солагиаш унвони "амир"-ро гирифт. Умуман хизмати давлатии Амир Хусрав дар дарбор 52 сол давом кард. Ӯ дар дарбори ҳокимони мусулмони Мӯлтон, Бангола, Ауд ва Деҳлӣ хизмат кардааст.

Амир Хусрав соҳиби оила буда, фарзандони зиёде дошт. Номи духтарони ӯ Афифаю Мастура ва писаронаш Масъуд, Хизр, Рукниддин, Муборак, Муҳаммад ва Малик Аҳмад маълум аст. Ҳамчунин ӯ бо Низомиддин Авлиё Ҳасани Деҳлавӣ, Зиёуддини Баронӣ барин аҳли фарҳанг дӯстӣ дошт.

Замони Амир Хусрав замони пурталотуми фочиаборе буда, лашкариёни муғул заминро сӯхта, шаҳрҳою воҳаҳои сабзу хуррамро ба харобаҳо табдил медоданд. Фатароти лашкари муғул офати ягона

набуд. Ҷангҳои ҳокимони маҳаллӣ ва низоъҳои мазҳабии ҳиндувону мусулмонон боиси садҳо мусибату фалокатҳо мешуд. Амир Хусрав низ шахсан соли 1285 дар ҷанги зидди муғулҳо иштирок намуда, ҳамроҳи дӯсташ шоир Ҳасани Деҳлавӣ ба дасти муғулҳо асир афтода, бо тасодуфе наҷот меёбад. Амир Хусрав шоҳиди бисёр кушторҳои ҳокимони хунхори маҳаллӣ буд.

Адиб ҳокимону амалдоронро ба сулҳу салоҳ ва адлу дод даъват менамуд. Аммо сухани ӯ камтар шунида мешуд. Аз ин рафтор ба танг омада, шоир хост, ки тарки хизмат кунад ва дигар ба хизмати дарбор барнагардад. Вале соли 1286 Султон Алоуддин Муҳаммади Хилҷӣ ӯро ба хизмати дарбори худ ҷалб намуд. Аммо муҳити носолими дарбор, иғвою дасисабозиҳо ва рақобати мансабхоҳон Амир Хусравро водошт, ки соли 1271 ба ҳалқаи муридони шайхи машҳури фирқаи Чиштия Низомиддин Авлиё (1236-1325) ворид гардад. Шайх шоирро бисёр дӯст медошт. Муршид барои шоир намунаи ахлоқи баланд, одоби писандида ва инсони комил буд. Ашъори ба шайх бахшидаи шоир ҳамин маъниро ифода мекунад.

Амир Хусрав 27 сентябри соли 1325 вафот кард. Қабраш дар Деҳлист.

**ЭҶОДИЁТИ ШОИР**

Амир Хусрав аз сермаҳсултарин суханварон буда, чандин китобҳои бадеии назму наср ва асарҳои илмӣ дорад. Адади умумии онҳо ба 50 мерасад. Баробари шоири беҳамто будан ӯ дар мусиқии амалӣ ва назарӣ маҳорат доштааст. Дар Ҳиндустон то имрӯз оҳангу навоҳои "Муҷир", "Созгорӣ" , "Ушшоқ", "Мувофиқ", "Фарғона", "Нигор", ва ғайраро аз эҷоди ӯ медонанд. Рисолаҳои ӯ оид ба мусиқӣ шӯҳрат доштанд. Ҳамватанони шоир ихтирои дилрубо, соранг, сато ва сетор барин асбобҳои мусиқиро низ ба ӯ нисбат медиҳанд. Хусусияти умдаи оҳангҳои Амир Хусрав он аст, ки ӯ дар асоси дарки асрор ва пайвасти мусиқии ҳиндии замони худ, мусиқии ҳиндии қадимӣ ва мусиқии халқҳои Эрону Осиёи Миёна ва Афғонистон савту оҳангҳои пурмазмун ва тозае офарид, ки барои наздик шудани мусулмонҳо ва ҳиндуҳо мусоидат мекард.

Амир Хусрав яке аз аввалин сухансароёни Ҳиндустон аст, ки ба назми урдузабон, ки дар он вақт забони он "рехта" ном дошт, асос гузошт.

**ДЕВОНҲОИ ХУСРАВ**

Суханвари номӣ ва мутафаккири бузурги Ҳиндустон Амир Хусрави Деҳлавӣ яке аз пурмаҳсултарин шоирони лирики адабиёти тоҷику форс буда, дар таърихи адабиёт аз худ осори басе гаронбаҳо боқӣ гузоштааст. Ӯ нахустин шахсест, ки аз худ панҷ девони мукаммали ашъори лирикӣ боқӣ гузоштааст. Дар эҷоди ашъори лирикӣ Амир Хусрав суннати Рӯдакӣ, Хоқонӣ, Масъуди Саъди Салмон, Анварӣ ва хусусан Саъдии Шерозиро устувор гардондаю ғазалро ба ҳадди аъло расонд.

Девонҳои Амир Хусрав аз ҷиҳати навъҳои шеърӣ ниҳоят ғанӣ буда, шоир қасидаю ғазал, китъаю рубой, мусаммат ва маснавиҳои худро бо камоли устодӣ эҷод кардааст. Нусхаҳои ҷомеи девонҳои панҷгонаи Амир Хусрав фақат аз ҷинси ғазал то 2200 шеърро дарбар мегиранд. Тавсифи мухтасари девонҳои Амир Хусрав чунин аст:

1. Тӯҳфат-ус-сигар (Тӯҳфаи замони наврасӣ) - соли 1273 тартиб дода шуда, тақрибан 3000 байт шеърҳои дар синни 16-19 солагӣ навиштаи шоирро дарбар мегирад.

2. Васат-ул-ҳаёт (Миёнаи зиндагӣ) - соли 1283 мураттаб гардида, маҳсули лирикии дар синни 20-30 солагӣ офаридаи муаллифро фароҳам овардааст. Ҳаҷми онро худи шоир 8401 байт зикр мекунад:

Чорсаду як асту ҳашт ҳазор
Ҳама байт аз ҷумла кушода ниқоб.

3. Ғуррат-ул-камол (Оғози камол) - соли 1297 ҷамъ оварда шуда, шеърҳои дар синни 31-43 солагӣ сурудаи шоир дар он ҷой дода шудааст. Он аз 800 байт иборат аст. Дар ин девон қасидаҳои фалсафӣ ҷои зиёдро мегиранд.

4. Бақияи нақия (Бақияи пиронсолӣ) - соли 1318 омода гардида, аз 8360 байт таркиб ёфтааст.

5. Ниҳоят-ул-камол (Ниҳояти камол) - соли 1325, якчанд моҳ пеш аз фавти шоир, тартиб дода шудааст. Ҳаҷми умумии ин девони Амир Хисрав аз 4084 байт иборат аст.

Ҷамъан девонҳои панҷгонаи Амир Хусрав аз 32645 байт фароҳам оварда шудаанд. Вале Амир Хусрави Деҳлавӣ боз бисёр ғазалҳое дорад, ки ба девонҳои панҷгонаи ӯ дохил нашудаанд. Адади чунин абёти ӯ аз 5000 зиёдтар аст. Хулоса, мероси лирикии маълуми ӯ алҳол аз 37500 байт бештар аст.

Амир Хусрав, ки муосири Саъдии Шерозӣ буд, дар инкишофи ғазал равияи ғазали Саъдиро давом дода, дар ширинӣ, суфтагӣ ва нозукӣ дар такомули он саҳми арзандае гузоштааст. Ғазалҳои ӯ аз ҷиҳати соддагии баён, зебоии сухан ва маҳками аҷзо хеле барҷаста мебошанд. Вале аз ҷиҳати мавзӯъ маҳдуд буда, аз мавзӯъҳои ишқ, тасаввуф, ирфон ва маю мутриб хеле кам хориҷ мешаванд. Шоир дар васфи маъшуқа, сӯзу гудоз, ҷазабаи ишқ ва розу ниёзи ошиқ доли суханро додааст. Аҳли таҳқиқ Амир Хусравро аз ин ҷиҳат барҳақ аз такмилдиҳандагони ғазали равияи Саъдӣ шинохтаанд. Беҳуда нест, ки худи Амир Хусрав иртиботи ғазалҳои худро бо ғазалҳои Саъдӣ эътироф менамояд:

Ҷилди суханам дорад шерозаи шерозӣ.

Ё ин ки:

Хусрави сармаст андар соғари маънӣ бирехт
Шира аз хумхонаи мастӣ, ки дар Шероз буд.

Албатта, Саъдии Шерозӣ аз шоири сеҳрбаёни Ҳинд Амир Хусрав хабар дошт. Лекин онҳо бо ҳам вонахӯрдаанд.

Гохе мешавад, ки кас барои мисоли мувофике девони шоирро чандин бор тагурӯ мекунад, то ин ки намунаи дилхохе пайдо шавад. Амир Хусрав дар ин бобат имтиёз дорад, тамоми ғазалҳои ӯ аъло ва гуворо мебошад:

Эй туро дар дидаи ман ҷои хоб,
Дидаи бехобам аз ту ҷон об.
Шаб, ки хобам нест, баҳри диданат
Чанд созам хешро амдан[1] ба хоб?
Чашмам, эй ҷон бо хаёли рӯи ту
Нимае абр асту ниме офтоб.
З-он лаби майгун, ки ҳуш аз ман бибурд,
Хун ҳамегирям чу бар оташ кабоб.
Бо лабат дорам саволе, чун кунам,
Танг меояд даҳонат дар ҷавоб.
Маст гаштам, баски хӯрдам хуни дил,
Чун нагардам маст бо чандин шароб?
Гул шуд аз акси рухат дар чашми ман,
З-оташи дил мекашам з-он гул гулоб!
Ҳаст хуршеди қиёмат рӯи ту,
Хатти мушкин дафтари явмулҳисоб[2]
З-он қиёмат оламе дар ҷаннат аст,
Банда Хусрав то қиёмат дар азоб.

Дар ин ғазал ҳам ишқ, ҳам сӯзу гудоз, ҳам тасвири ҳусни маҳбуба ва ҳам ҳолати рӯҳонии ошиқ бо маҷоз, ташбеҳ, тазод, муболиға ва ғайра ифода гардидааст.

Дар тамоми таърихи минбаъдаи адабиёти тоҷикзабонон ашъори лирикии Амир Хусрав мавриди пайравӣ қарор гирифта, бисёр ғазалҳои ӯ дар ҷузви Шашмақом ва бо оҳангҳои халқӣ суруда мешаванд. Ҷомӣ, Навоӣ, Мушфиқӣ ва дигарон анъанаи ӯро давом дода, ҳар қадоме аз 3 то 5 девон тартиб додаанд.

**Қасида** дар осори Амир Хусрав мавқеи калон дорад. Ҳаҷми умумии қасидаҳои ӯ беш аз 10000 байт аст. Аксари қасидаҳои ӯ мадеҳавӣ буда, шоир онҳоро дар давоми 52 соли хизмати дарбориаш дар ситоиши ҳокимон ва шоҳзодагон навиштааст. Аммо ӯ он гуна қасидаҳоро на аз сари шавқ, балки аз рӯи маҷбурият мегуфтааст. Бинобар ҳамин худ эътироф мекунад:

Аз гуфтани мадҳ дил бимирад,
Шеър арчи тару фасеҳ бошад.
Гардад зи нафас чароғ мурда,
Гар худ нафаси Масеҳ бошад.

Қасидаҳои фалсафӣ ва ирфонии ӯ аз ин гурӯҳ мустасно буда, дар ин

---

[1] **Амдан** - қасдан.
[2] **Явмулҳисоб** - рӯзи ҳисоб, рӯзи қиёмат.

бобат ӯ анъанаи Хокониро такмил дода, дар ин навъи қасидаҳои хеш масъалаҳои ахлоқ, таълиму тарбия ва мафкура дар шаклҳои хуби шоирона баён карда мешаванд. Аз ҳамин ҷиҳат чунин қасидаҳои Амир Хусрав дар тӯли асрҳо ҷавобҳои зиёдеро ба вуҷуд овардаанд. Масалан ба қасидаи машҳури ӯ Дарёи аброр беш аз 50 шоири асрҳои XV-XIX ҷавоб гуфтаанд, ки Ҷомӣ ва Навоӣ низ аз он қабиланд. Ба матлаи ин се қасида тавaҷҷӯҳ фармоед:

Дарёи аброри Амир Хусрав:

Кӯси шах холию бонги ғулғулаш дарди сар аст,
Ҳар кӣ конеъ шуд ба хушку тар, шаҳи баҳру бар аст.

Луҷҷат-ул-асрори Ҷомӣ:

Кунгури айвони шаҳ, к-аз кохи Кайвон бартар аст,
Рахнаҳо дон, к-аш ба девори ҳисори дин дар аст.

Тӯҳфат-ул-афкори Навоӣ:

Оташин лаъле, ки тоҷи хусравонро зевар аст,
Ахгаре баҳри хаёли хом пухтан дар сар аст.

**Хамса.** Дар адабиёти тоҷику форс Амир Хусрави Деҳлавӣ нахустин шоирест, ки дар пайравии Хамсаи Низомӣ Хамсаи пурра навиштааст. Ӯ ба Низомӣ эҳтироми бузурге дорад:

Назми Низомӣ ба латофат чу дур,
В-аз дури ӯ сар ба сар офоқ пур.

Хамсаи Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки аз 17896 байт иборат аст, дар муддати дуним сол эҷод гардидааст. Ҳамаи онҳо бо достонҳои Низомӣ ҳаммавзӯъ буда, Амир Хусрав воқеаҳо, ҷузъиёт ва хислати қаҳрамонҳоро ба тарзи нав нигоштааст. Достонҳои Хамсаи Амир Хусрав инҳоанд:

1. Матлаъ-ул-анвор, ки аз 3310 байт иборат аст. Шоир онро 9 октябри соли 1298 шурӯъ карда, 27 сентябри соли 1299 ба итмом расондааст. 2. Ширин ва Хусрав аз 4124 байт таркиб ёфта, соли 1299 суруда шудааст. 3. Маҷнун ва Лайлӣ 2660 байт аст соли 1299 анҷом ёфтааст; 4. Оинаи искандарӣ 4450 байтро фаро гирифта, соли 1300 таълиф гардидааст. 5. Ҳашт биҳишт 3352 байтро дарбар намуда, соли 1301 ба риштаи назм кашида шудааст.

Мағзи афкори ахлоқӣ ва таълимии Амир Хусравро фаро гирифтани илм, тарғиби одоби писандида, дурӣ ҷустан аз зиштиҳо ташкил мекунад:

Шарафи одамӣ чу аз илм аст,
Ҳар кӣ доност, бандаи ӯям.
В-он ки беилм мансабе ҷӯяд,
Мансаби ӯст мабразе гӯям.

Ба ғайр аз ин, Амир Хусрави Деҳлавӣ чандин достоне дорад, ки аз ҷиҳати мавзӯъ бесобиқа буда, зиндагӣ, таърих, иқлиму табиат, оину

русум ва вокеаҳои Ҳиндустони замони шоирро инъикос менамоянд. Дар ин кабил достонҳои ӯ Қирон-ус-саъдайн, Мифтоҳ-ул-футӯҳ, Нӯҳ сипеҳр, Туғлуқнома ва Дувалронӣ ва Хизрхон хеле машҳур гардидаанд. Ҳар як сипеҳри Нӯҳ сипеҳр бо вазни дигар навишта шуда, дар Дувалронӣ ва Хизрхон ишку муҳаббати ҳиндудухтар Дувалронӣ ва мусулмонписар Хизрхон бо як самимияти хос тасвир ёфтааст. Ин мавзӯъ, ки дӯстии халқҳои Ҳиндустон ва баробарии дину мазҳабҳоро тарғиб менамояд, ҳанӯз ҳам аҳамияти худро нигоҳ медорад. Драманависи тоҷик Ғанӣ Абдулло дар асоси ин достони Амир Хусрав бо номи Фарёди ишқ (1975) фоҷиае таълиф намуд, ки онро тамошобинон писандиданд.

Амир Хусрави Деҳлавӣ дар баробари доштани истеъдоди бузурги фитрӣ шахси хеле меҳнатдӯст буд. Вай аз сари шавқ ва сӯзи дил шеър мегуфт, зеро ақида дошт:

Як сафҳаи пур аз шарораи шавқ
Беҳтар зи дусад китоби безавқ.

Гуфтори Амир Хусрав касро ба мардонагию шуҷоат, покӣ, инсоннавозӣ, омӯхтани илму ҳунар, сулҳу сафо ва дӯстию иттиҳод даъват менамояд. Қаҳрамонҳои мусбати достонҳои ӯ дар мавқеи халқ қарор гирифтани ӯро мефаҳмонанд. Маҳбубияти адиб дар замони мо низ дар ҳамин аст.

Осори таърихии Амир Хусрав Хазоин-ал-футӯҳ, Таърихи Деҳлӣ ва амсоли инҳо ба арзиши баланди илмӣ молик мебошанд.

## Дувалронӣ ва Хизрхон

Ба навиштани ин достон Амир Хусрави Деҳлавӣ 21 сентябри соли 1315 шурӯъ намуда, 1 феврали соли 1316 ба охир расондааст. Ҳаҷми он 4519 байт мебошад. Мавзӯъи достон ишқи пургудози мусулмонписар Хизрхон ба хиндудухтар Дувалронӣ аст, ки ба тафриқаи динӣ, мамониатҳои нажодӣ ва адовати рӯҳониёни мусулмону ҳинду нигоҳ накарда, муҳаббати покро аз ҳама гуна мавҳумот ва расму ойини маҳдудкунанда боло гузошта, барои ба висоли якдигар расидан талош мекунанд. Вале муҳити носозгор ва русуми фитнакор қаҳрамонҳои асосии достонро ба марг мерасонанд.

Достонро шоир дар асоси ҳодисаҳои таърихии замони худ - ишқи писари подшоҳи сулолаи Хилҷии Ҳиндустон Алоуддин Муҳаммадшоҳ (1296-1316) - Хизрхон ва духтари роҷаи Гуҷарот Рой Каран - Дувалронӣ навиштааст. Вале услуби таълифи ӯ киссапардозӣ ва афсонанигориро мемонад. Оғозу анҷоми он ҳам ба киссаю афсонаҳо шабеҳ аст ва барои ҳамин достони Дувалронӣ ва Хизрхон дар асоси воқеаҳои реалӣ нигошта шуда бошад ҳам, на асари реалистӣ балки анъанавии романтикӣ мебошад.

Дувалронӣ ва Хизрхон дар шакли маснавӣ ба риштаи назм кашида шуда, вазнаш бахри ҳазаҷи мусаддаси максур ё махзуф аст:

| | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ги- | ро | -мӣ | гав- | ха | ре | шуд | о | да | -ми | -зод, |
| Зи- | хӣ | гав | ҳар | ки | нӯх | дар | -ё | а- | зӯ | зод |
| Ма- | фо- | ӣ- | лун | ма | -фо | ӣ- | лун | ма | -фо | -йл |
| v | – | – | – | v | – | – | – | v | – | – |

Рукни охир метавонад, ки дар шакли фа-ӯ-лун (v – –) низ ояд. Хизрхон худ саргузашташро навишта монда будааст. Амир Хусрав ҳангоми ба риштаи назм кашидани достон аз он ёддоштҳо дар созмони хати сюжет истифода бурда, ба ин нукта борҳо ишора кардааст. Инчунин, дар асли ҳиндӣ номи Дувалронӣ Девалдӣ (Девалдавӣ) будааст. Шоир ба сабаби дар таркиби он ном мавҷуд будани ҳиҷои "дев" он исмро аз "Девалдӣ" ба "Дувалронӣ" тағйир додааст. "Дувал" шакли ҷамъи "давлат" мебошад. Дар ин бора худи муаллифи маснавӣ менависад:

Дувалронӣ, ки ҳаст андар замона
Зи товусони Ҳиндустон ягона,
Ба расми ҳиндуӣ аз мому бобаш
Дар аввал буд Девалдӣ хитобаш.
Ба номи он парӣ чун дев раҳ дошт,
Фусуни банда аз деваш нигаҳ дошт.
Чунон расми бадал кардам муроот,
Ки он ҳиндӣ алам барзад зи ҳиндот.
Яке иллат дар ӯ афкандам аз хор,
Ки "девал"-ро "дувал" кардам ба ҳинҷор.
"Дувал чун ҷамъи "давлатҳо"-ст дар самъ
Дар ин ном аст давлатҳо басе ҷамъ.
Чу "ронӣ" буд соҳибдавлату ком,
Дувалронӣ мураккаб кардамаш ном.

Дувалронӣ ва Хизрхон бо бобҳои анъанавӣ - ҳамд, наът, меъроҷ, мадҳи муршид (яъне пири рӯҳонии шоир) ва ҳукмрони замон, сабаби назми китоб ва ғайра оғоз мегардад. Бахшҳои таърифи забони ҳиндӣ, тавсифи соҳибҷамолони ҳинду, зикри матоъҳои хос ва васфи табиати зебои Ҳиндустон аз меҳри беандозаи шоир нисбат ба он кишвар гувоҳӣ медиҳанд.

Нақли саргузашту моҷароҳои қаҳрамонҳои асосии достон ба чаҳордаҳ боб тақсим шуда, ҳар боб аз се қисмат таркиб ёфтааст Дар ҳар боб аввал суханҳо ба тарзи умумӣ баён гардида, сипас шоир ба баёни асли матлаб мепардозад ва дар охир ҳар бобро бо ду ғазал - яке аз забони ошиқ ва дигаре посух аз лаби маъшуқа ҷамъбаст менамояд. Вале ин ғазалҳо бо мазмуни умумӣ, шакл ва вазн аз қисматҳои дигари достон тафовуте надоранд ва фақат ба ном ғазал унвон гирифтаанд. Амир Хусрав дар Дувалронӣ ва Хизрхон ҷо-ҷо барои тамсил

ҳикоятҳои халқӣ меорад, ки арзиши баланди тарбиявӣ ва ибратомӯз доранд. Инҳо ҳикоятҳои халқии "Муш хоб мебинад, ки уштур шудааст", "Бузу меш", "Маҳмуду Аёз", "Ҳиндуи оташпараст" ва ғайра мебошанд.

**МУНДАРИҶАИ ДОСТОН** Султон Алоуддин Муҳаммадшоҳи Хилҷӣ соли 695 ҳиҷрӣ, ки ба 1296 мелодӣ баробар аст, бо лашкари зиёд ба Деҳлӣ ҳуҷум оварда, ба тахти он ҷо менишинад. Сипас мулкҳои Синд, Кӯҳистон, Дарё, Сумиот, Молва, Самона, Таланг, Маъбар низ ба қаламрави Султон Алоуддин пайваста мешавад. Алоуддин бо муғулҳо меҷангад. Ниҳоят Чатрорро забт намуда, онро ба писари худ Хизрхон мебахшад ва ба ин муносибат номи онро ба Хизробод табдил медиҳад.

Вақте ки Хизрхон даҳсола буд, ба дарбори Султон Алоуддин ҳиндудухтари ҳаштсола Дувалрониро меоранд. Ин ду бача дар як ҷо бо ҳамдигар бозӣ карда мегарданд. Ниҳоят онҳо ба якдигар дил мебанданд. Лекин падару модари Хизрхон ба тӯи онҳо монеъ шуда, модари Хизрхон Дувалрониро дар қалъаи Лаъл маҳбус мекунад. Волидайни Хизрхон ба ин ҳам қонеъ нашуда, Хизрхонро маҷбуран 23 рамазони соли 711 ҳиҷрӣ ба духтари тағояш Алапхон хонадор мекунанд. Вале Хизрхон ба зани маҷбурии худ дил баста наметавонад.

Дувалронӣ ба Хизрхон пайғом фиристода, ғаму ҳасрати ҷудоии хешро бо сӯзу гудоз шарҳ дода, Хизрхонро сарзаниш мекунад, ки ӯ ёри дигар баргузидааст. Хизрхон ба пайғоми дӯстдоштаи худ ҷавоб навишта, дар он ба Дувалронӣ ҳамеша содиқ будани худро изҳор менамояд.

Баъди ҳиҷрони зиёд ошиқу маъшуқа ба висоли ҳам мерасанд. Хизрхон зани маҷбуриашро талоқ дода, Дувалрониро чун рафиқаи ягонаи ҷонии худ мепазирад. Дувалронӣ аз Хизрхон обистан мегардад. Дар ҳамин ҳангом падари Хизрхон бемор мешавад. Хизрхон ният мекунад, ки агар падараш шифо ёбад, ҷойҳои муқаддасро зиёрат хоҳад кард.

Дар тани Алоуддин нишонаҳои беҳбудӣ падидор мегардад. Хизрхон бо чанд нафар ёрони худ пиёда сӯи Ҳатнопур роҳ пеш мегирад. Ноиби султон Малик Кофур дар набудани Хизрхон назди Султон Алоуддин нисбат ба ӯ бадгӯӣ менамояд, ки гӯё ӯ дар қасди ҷони падар аст. Баъди баргаштани Хизрхон ба Деҳлӣ падараш ӯро дар қалъаи Гаволиёр ба зиндон мепартояд. Дар зиндон низ Дувалронӣ Хизрхонро танҳо намегузорад. Зиндон барои онҳо гӯё гӯшаи наҷот буд:

Ҳам ӯ ёру ҳам ӯ мӯнис, ҳам ӯ дӯст,
Ҳам ӯ ҷону ҳам ӯ мағзу ҳам ӯ пӯст.

7 шавволи соли 715 ҳиҷрӣ, ки баробари 4 январи соли 1316 аст, Алоуддин вафот мекунад. Идора намудани мамлакат ба ихтиёри Малик Кофур мегузарад. Бо фармони ин шахси баттол Сунбул ном кас

ба чашмони Хизрхони маҳбус мил мекашад. Вале Малик Кофур низ билохира ба ҷазои худ мерасад. Ӯро ба сабаби бадкориҳояш ба марг мерасонанд. Ба тахт бародари хурдии Хизрхон Мубораакшоҳ менишинад. Вай ба назди Хизрхон вакил фиристода, аз ӯ хоҳон мешавад, ки аз баҳри Дувалронӣ баромада, ба дарбори ӯ фиристад:

Дувалронӣ, ки дар пешат каниз аст,
Каниз, ар моҳ бувад ҳам, саҳл чиз аст.

Табиист, ки Хизрхон чунин талаби ҳақоратомези Мубораакшоҳро қатъиян рад мекунад. Мубораакшоҳ аз ин рафтори Хизрхон ба ғазаб омада, ӯро ба қатл мерасонад.

Дувалронӣ аз марги Хизрхон зери бори ғаму андӯҳи бепоён дар азоб монда, мехоҳад, ки мувофиқи расму ойини ҳиндуҳо баробари қатли шавҳараш худро сӯзонад. Аммо аз сӯхтан худдорӣ намуда, бо роҳҳои дигар худро нобуд кардан мехоҳад. Вале сурати воқеии ин ҳодиса дар достон тасвир нашуда, бо ҳамин мундариҷаи мухтасари достони Дувалронӣ ва Хизрхон поён мепазирад.

**Ғояи асосии достони** Дувалронӣ ва Хизрхон дӯстии халқҳои ҳиндуву мусулмон аст, ки барои мардумони нимҷазираи Ҳиндустон асрҳо боз мисли обу ҳаво зарур буд. Ҳанӯз ҳам ин масъала аҳамияти худро гум накардааст. Дар зимни масъалаҳои дӯстӣ баланд нигоҳ доштани қадри одам, сарфи назар аз пайрави кадом дину мазҳаб будан, адолату инсонгарӣ, ахлоқи шоиста ва амсоли инҳо низ тарғиб гардида, бадӣ, игво, зиштӣ, ҳасаду рақобат ва падидаҳои дигари ахлоқи ношоиста маҳкум карда мешавад:

Одамӣ аст аз пайи коре бузург,
Гар накунад, ҳаст химоре бузург.

**ЧЕҲРАИ ҚАҲРАМОНҲОИ АСОСИИ ДОСТОН**

Дар достони Дувалронӣ ва Хизрхон як силсила чеҳраҳои ҷолиби диққат мавҷуданд. Аз қаҳрамонҳои мусбат Дувалронӣ ва Хизрхон ва аз персонажҳои манфӣ Малик Кофуру Мубораакшоҳ, аз аввал то охир дар рафтору кирдор ва хулқу хӯ муқобили якдигаранд. Дувалронӣ ва Хизрхон чун образҳои мусбат фақат ҷиҳатҳои хуби сурату сирати худро паёпай, зина ба зина ва тадриҷан зоҳир менамоянд. Онҳо дар ниҳоят ҳамчун ошиқу маъшуқаи вафодор, инсонҳои хуб, шахсони писандида ва одамони лоиқи ибрат пурра таҷассум мегарданд. Амир Хусрави Деҳлавӣ инсони дар тасаввури ӯ идеалиро то андозае дар симои Дувалронӣ ва Хизрхон тасвир намудааст. Бар хилофи Дувалронӣ ва Хизрхон Малик Кофур ва Мубораакшоҳ чун шахсони золим, бераҳм, ҳасадхӯр, ҷоҳпараст ва ҳатто барои наздикони худ бешафқат инъикос гардидаанд. Низоъҳо, афкори мухталиф, бархӯрдҳои ахлоқӣ, андешаҳои муқобили иҷтимоӣ, дунёфаҳмӣ, ҷаҳонбинӣ, масъалаҳои инсондӯстӣ, усулҳои

мамлакатдорӣ, муносибат бо мафкураҳои гуногун ва мавқеи граждании умумӣ ба воситаи талошу набарди ин ду тарафи ба ҳамдигар зид ба миён гузошта шуда, ҳал карда мешаванд.

Барои тақдири Хизрхон пеш аз ҳама падару модари ӯ ва тарзи ҳукмронии падараш Алоуддин нақши муайяне доранд.

Алоуддин дар достон чун ҳокими мағрури забткор, айёш, хуношом, ҳаромхӯр, золим, ғоратгар ва бераҳм нигошта шудааст. Вай аввал барои забту ғорати вилоятҳои гуногуни Ҳиндустон сарлашкарҳои худро мефиристонад. Агар он вилоятҳо ба воситаи амалиёти сарлашкарон ба ӯ тобеъ нашаванд, худаш шахсан бо миқдори зиёдтари сипоҳиён ба он ҷойҳо ҳамла оварда, раияти бисёртареро аз дами шамшер гузаронда, мардумро ба воҳима меандозад. Бо ҳамин одамон аз тарси ҷони худ итоати ӯро маҷбурӣ ихтиёр мекунанд. Лаҳзаи ибратомӯзи ҳукмронии Алоуддин фақат он аст, ки ӯ бар зидди муғулҳо ҷангида, истиқлолияти Ҳиндустонро аз таҷовузи он хунхорони ваҳшӣ ҳимоят карда буд. Дигар дастони худи ӯ ҳамеша хунолуд буданд.

Малик Кофур ва Муборакшоҳ тасвири Алоуддинро пурра мегардонанд. Малик Кофур бо иғво, хабаркашӣ ва дасисабозиҳо Хизрхонро дар чашми падараш бад карда, Алоуддинро водор менамоянд, ки аз Хизрхон гумони бад бурда, ӯро ба зиндон партояд. Бо иғвои ҳамин марди манфур тағои Хизрхон Алапхон низ ба қатл расонда мешавад. Малик Кофур рақибони худро бо'дасти Алоуддини худписанду худхоҳ кушонда, иқтидори дарборро суст мегардонад. Чун шахси мунофиқ ва дурӯя Малик Кофур худро рӯякӣ дӯсти ғамхори Алоуддин вонамуд карда, дар асл ба решаи салтанати ӯ теша мезанад. Дар натиҷа баъди марги Алоуддин, ки ҳама наздикони худро нест у нобуд карда буд, инони умури мамлакатро ба даст гирифта, барои боз ҳам гармтар шудани бозори зулму ситам имкониятҳои нав фароҳам меорад. Вай ба чашми Хизрхони маҳбус мил кашида, ӯро кӯр мекунад. Амалдоронаш то метавонанд халқро ғорат мекунанд. Аммо дар ниҳоят худи Малик Кофур низ мувофиқи таъбири халқии "чоҳканро чоҳ дар пеш" дар ивази бадиҳо ва ситамгариҳояш кушта шуда, ба ҷазои худ мерасад:

Замона сохт теғе з-оҳи мазлум,
Сари шумаш фиганд аз гардани шум.

Ин тарзи сурат гирифтани воқеа, ки заминаи воқеии таърихӣ дошт, ба маслаки инсондӯстии шоир низ созгор буд.

Ҳамин ғояи оқибат ба ҷазо расидани бадкору золим аз ормонҳои наҷиби халқ аст, ки бисёр бузургони адабу фарҳанги форсу тоҷик ба он эътиқод доштанд. Амир Хусрав низ аз онҳо буд.

Муборакшоҳ дар бераҳмӣ ва ситамгарӣ аз падари худ Алоуддин ҳам мегузаронад. Тамоми рафтори қабеҳи ӯро такрор менамояд. Барои соҳиби тахту тоҷ шудан ӯ низ аз ҳеҷ гуна хиёнату ҷиноят рӯ наметобад. Нисбат ба бародари худ Хизрхон ягон зарра шафқату тараҳҳум

надорад. Хизрхонро маҳз ӯ ба қатл расонда, мехоҳад, ки бешарафона зани қонунии ӯ Дувалрониро ба воситаи дилхушии худ табдил диҳад. Вай ба хешовандони дигари худ низ раҳме надорад. Имону виҷдони ӯ тахту тоҷ аст. Шарафи инсониро ба ҷоҳпарастӣ иваз кардааст. Бо вуҷуди кабоҳатҳои зиёд агар дар ниҳоди Алоуддин баъзе муғчаҳои инсонӣ (масалан, истиқлолиятхоҳии ӯ) боқӣ монда бошад, дар тинати Муборакшоҳ заррае ҳам аз ин хислатҳо мавҷуд нест. Вай фақат сазовори нафрат аст.

Модари Хизрхон ба дигарон монанд нест. Вай фақат бо ранги сиёҳ ва ё ранги сафед тасвир нашудааст. Дар ботини ӯ гоҳе муғчаҳои меҳру муҳаббати модарӣ бедор шуда, бахти Хизрхонро мехоҳад. Аммо чун зани мусулмони асри миёна намехоҳад, ки фарзандаш ҳиндудухтар Дувалрониро ба занӣ гирад. Барои духтари Алпхонро гирифтан ва аз Дувалронӣ дар ибтидо ҷудо шудан сабабгори асосӣ ҳамин зан аст. Вай дар ин маврид нисбат ба фарзанди худ Хизрхон, ҳатто бешафқат аст. Вале азобу кулфатҳои ҳиҷрони ӯро дида, ба он тоб намеорад. Ниҳоят розӣ мешавад, ки Дувалронӣ ва Хизрхон чун зану шавҳар ҳамроҳ бошанд.

Амир Хусрав чун рӯҳшинос нозук будани дили модарро хубу марғуб ба қалам медиҳад.

Дар тасвири Амир Хусрави Деҳлавӣ Дувалронӣ духтарест, ки зоҳири ороста ва ботини пироста ӯро зеб медиҳад. Ӯ пеш аз ҳама духтари соҳибҷамолест, ки чеҳраи зебову ҳусни оламоро дорад. Ӯ чун товусони Ҳиндустон хиромон аст. Вай хандонрӯ, хушқомат ва пуришваю ноз мебошад. Бо чашмони фаттону мижгони хунрез дили Хизрхонро сайд мекунад. Аз ҳама муҳимаш ин ки дар аввал Хизрхон инро пай намебурд. Баъди тухми муҳаббат дар дили ӯ пайдо шудан рӯз то рӯз ҷамоли Дувалронӣ дар назари ӯ баркамолтар ҷилвагар мешавад. Азбаски тухми муҳаббат дар дили Хизрхон нумӯ ёфта, ба ишқ мубаддал мегардад, барои ошиқ дар ботини ӯ ҷуз ба маъшуқа барои дигарон ҷое боқӣ намемонад.

Вафодорӣ, ғамгусорӣ, ҷонсупорӣ ва сабру тоқат аз сифатҳои барҷастаи хислати ин духтари парирӯ ва сарвари ҷумла хубони гуландом аст. Ҳанӯз ҷосусони Алоуддин ба ӯ хабар дода буданд, ки Карн "Ба парда духтаре дорад нуҳуфта, Гуле пӯшида, рӯе нокушуфта". Покӣ, исмат ва ҷиддият дар роҳи ишқ аз эътиқодоти виҷдони Дувалронист, зеро ба пиндори ӯ:

Чу набвад домани исмат намозӣ,
Ҳавасбозист он, не ишқбозӣ!

Аз тамоми образҳои офаридаи Амир Хусрав Дувалронӣ яке аз зеботарин образҳоест, ки бо ҷиҳатҳои хубтарини умумиинсонии худ, хусусан одамдӯстӣ, раҳмдилӣ ва садоқати худ ба маҳбубаш, хонандаро мафтун мекунад, чун намунаи ибрат ӯро дар ин роҳ тарбият менамояд.

Хизрхон зодаю парвардаи Алоуддин ва муҳити ӯст. Вай дар тарбия

аз бародари худ Муборакшоҳ фарқ намекунад. Аммо табиатан ӯ инсони некниҳод аст. Падару модари худро самимона дӯст медорад, бародараш Муборакшоҳро эҳтиром мекунад, бадии онҳоро намехоҳад. Ҳол он ки падар ӯро бо гумони бад, барои он ки мабодо тахту тоҷи ӯро соҳиб нашавад, ба ҳабс мегирад. Муборакшоҳ бошад, бо ҳамин ғараз Хизрхони маҳбусу кӯркардашударо ба қатл мерасонад. Ин ду мард - Алоуддин ва Муборакшоҳ шахсоне ҳастанд, ки хунашон мувофиқи қонунҳо ва одоб ва сиёсати гуногуни ҷамъияти синфӣ шах шудааст. Онҳо барои ба мақсадҳои ғаразноки худ расидан ва соҳиби ҷоҳу ҷалол шудан ҳама чиз, ҳатто зану фарзанд, хоҳару бародар ва шарафу номуси худро қурбон мекунанд.

Чаро Хизрхон аз онҳо фарқ мекунад? Ишқу муҳаббат ӯро аз атрофиёнаш мумтоз гардонидааст. Чӣ навъ? Муҳаббат дили ӯро нарму раҳмин намуда, давлати ишқ тоҷу тахт, салтанату ҳукмронӣ ва ҳатто русуму оини маҳдудкунандаро дар назари ӯ беарзиш кардааст:

Агар худ ҳаст ганҷи бешуморам,
Баҳои ним ҷав иззат надорам.

Сарвати волотарини ӯ ишқ аст. Аммо ишқи ҷоннисорона, на ишқи булҳавасона ва воситаи дилхушӣ. Маҳз барои ҳамин Хизрхон вақте ки духтари Алапхонро барои занӣ ба ӯ дода, ҳусну ҷамолашро таъриф мекунанд, дар ҷавоби насиҳатгарони худ мегӯяд:

Басо тан, к-он ба ҳам дар атрсоист,
Даруни дил ба сад манзил ҷудоист.
Агар худ сурати боғи биҳишт аст,
Чу майли дил ба сӯяш нест, зишт аст.

Ҳангоме ӯро бародараш Муборакшоҳ аз ҳама дорой, истиқболи нек ва озодӣ маҳрум намуда, Дувалрониро низ мехоҳад, ки ба ҳарами худ барад, Хизрхон инро барои худ азимтарин бадбахтӣ мешуморад. Ин ҳолат барои ӯ сахттар аз аҷал аст. Вай изҳор мекунад:

Чу бахтамро даромад хуфтанӣ сахт,
Магар дар хоб бинам з-ин пас он бахт.
Вале чун бо Дувалронист хобам,
Яқин, к-он бахту давлат боз ёбам.

Бо ин ҳам садоқату муҳаббати Хизрхон ба Дувалронӣ маҳдуд намешавад. Ишқу муҳаббат ба Хизрхон қуввату шуҷоат ва устуворӣ мебахшад, дилашро нарм мегардонад, дар вуҷуди ӯ ангезаҳои инсондӯстиро пурқувват менамояд, оламро дар назари ӯ зеботар ҷилва медиҳад. Муҳимтар аз ҳама ишқ ошиқро аз тарсу ваҳм мубарро мегардонад. Алҳақ, ӯ дуруст мефармояд:

Чу меҳри дӯст дилро шуд инонгир,
На аз шамшер бим ояд, на аз тир!

Азобҳо ва ранҷҳо пайкари Хизрхонро аз ҳар сӯ мефишоранд ва ӯро

оқибат ба марг мерасонанд. Аммо ӯ чун шахси идеалӣ торафт тараққӣ карда, на ин ки худ ба касе зулму ситам ва бадиро раво намебинад, балки ба дигарон низ таълим медиҳад, ки аз бадӣ дур бошанд. Ӯ имони комил дорад, ки:

Чу некиву бадӣ бечустуҷӯ нест,
Накӯӣ кун, ки бад кардан накӯ нест.

Ҳамаи ин симои Хизрхонро басе наҷиб ва лоиқи пайравӣ ҷилвагар менамояд. Ба қавли шоир одамони нек ва хуб мисли шамъу чароғ аз манбаъҳои дигар нур бигиранд ҳам барои пешравии ҷамъият роҳи онро дар алоқа бо ҳам нурбор мегардонанд:

Ду шамъ арҷӣ бувад аз якдигар дур,
Вале пайванд ёбад нур бо нур.

Дувалронӣ ва Хизрхон достонест, ки саршори панду насиҳат ва моломоли андарзу ҳикмат мебошад. Шоир дар он аз худ ва аз забони қаҳрамонҳои мусбат ахлоқи шоистаро тарғиб мекунад. Донистани дараҷаи иқтидору қудрати худро Амир Хусрав воҷиб мешуморад:

Ба қадри хеш бояд кор бардошт,
Ба қадри зӯрмандӣ бор бардошт.

Амир Хусрав дар хотимаи достони Дувалронӣ ва Хизрхон ба фарзанди худ панд медиҳад, ки боадаб, хушахлоқ, донишманд, ҷӯёву пӯё ва аз тамоми хислатҳои зишт дур бошад. Ӯ ҳатто ба ҷазо парвардани чунин хислатҳоро раво медонад:

Адаб шарт аст, агар фарзанд шӯх аст,
Саги девонаро дору кулӯх аст.
Ба пушти беадаб раҳмат бувад кӯб,
Фарас чобук маҳон бе зарбати чӯб.

Шоир ҷасорат ва бебокиро таълим медиҳад:

Наҳанге шав, ки бо дарё кунад зӯр,
Кунад зеру забар дарё ба як шӯр.

Ҳамеша писанди доноён мебояд буд ва шуғли одамон бояд дар зиндагӣ меъёр бошад:

Равиш он кун, ки доноён писанданд,
На оине, ки нодонон биханданд.

Ба ҳамин тариқ Амир Хусрави Деҳлавӣ дар асоси воқеаҳои таърихии замони худ достони мукаммалу марғубе офаридааст, ки асрҳо боз чун оинаи дӯстии халқҳои мусулмону ҳинду бидуни ианг ба авлодони ӯ хизмат мекунад.

# АДАБИЁТИ АСРИ XIV

Асри XIV дар таърихи халқи тоҷик аз замонҳое буд, ки дар ибтидо кишвар ба подшоҳигариҳои хурд-хурд тақсим мешуд. Фақат дар нимаи дуввуми асри XIV халқҳои Осиёи Миёна, Эрон ва Закавказия дар натиҷаи муборизаҳои озодихоҳонаи худ ба муқобили ҳукуматдорони муғул аз асорати 150-солаи чингизиён озод шуданд. Шаҳрҳо, ҳунар, санъат ва адабиёт то андозае рӯ ба тараққӣ ниҳоданд. Дар Мовароуннаҳру Хуросон, Озарбойҷон ва Эрону Шарқ, ки қаламрави адабиёти тоҷику форс буданд, беш аз понздаҳ давлати ноустувор пайдо шуд. Ҳокимони саркаши ин давлатчаҳои камбақо ҳамеша байни худ меҷангиданд. Бенизомию харобкорӣ ҳукмфармо буд. Дар чунин вазъият ҳанӯз оқибатҳои ҳамлаи харобиовари муғул рафъ нагардида, ин кишварҳо ба балои дигар - ғасбу тохтутозҳои Темури Ланг (1370-1405) гирифтор шуданд. Лашкаркашиҳои Темур низ мисли истилои муғул ба ҷуз ғорат ҳадафи дигар надошт. Темур дар тороҷу яғмои ваҳшиёнаи кишварҳо, оташ задани шаҳрҳо, маҳв намудани ободиҳо, харобазор гардонидани воҳаҳо ва куштор аз хешовандони муғули худ фарқ намекард. Вай бо зӯри шамшер Мовароуннаҳр, Афғонистон, Хуросон, Эрон, Қавқоз ва як қисм вилоятҳои Ҳиндустонро ба худ тобеъ намуд.

Темур дар Исфаҳон аз сари ҳафтод ҳазор нафар қатлшудагон каламанор сохт. Дар Шероз чаҳорсад кӯдакро зери суми аспон поймол кунонд. Вай хоки пойтахти Хоразм - Урганчро бехта, он ҷо ҷав корид. Ҳангоми истилои Исфизор ду ҳазор марди зиндаро болои ҳам гузошта, бо хишту лой аз онҳо девори манора сохт.

Темур шахси ниҳоят маккор буд. Макри Темур сабаби шӯришу исён мешуд.

Шӯриши аз ҳама калони давомдор шӯриши сарбалорон буд. Он аз Самарканд то Кирмон доман густурда, панҷоҳ сол давом кард. Ин шӯриш аввал соли 1237 дар Сабзавор сар шуд. Дар он кулли табақаҳои ҷамъият иштирок меварзиданд. Соли 1365 дар Самарканд низ бо сардории шогирдони мадраса Мавлонзода, Мавлоно Хурдаки Бухороӣ ва калобарес Абӯбакри Калвӣ чунин шӯриш бархост. Шӯришчиён шаҳрро аз дастаҳои мусаллаҳи муғул озод карданд. Фақат Темур бо макр сарбадорони Самаркандро ба марг расонд. Темур аввал бо сардорони шӯришгарон аҳд баст, ки ба онҳо ҳамкор аст, баъд сарони шӯришро ба қатл расонда, шӯришчиёнро торумор кард.

Ваҷҳи **сарбадор ном** гирифтани иштирокчиёни ин ҳаракат он буд, ки онҳо мегуфтанд: ҷамъе аз бадкорон истило ёфта, бар халоиқ ситам

мекунанд. Аз таҳаммули бори зиндагӣ, зулму ситам ва дар зери нанг мурдан сари худро ба дор додан беҳтар аст. Агар дар ин роҳ тавфиқ ёбем, зулми золимонро дафъ менамоем ва илло сари худ бар дор бинем, ки дигар таҳаммули тааддӣ ва зулм надорем. Ба ин сабаб онҳо худро сарбардор мегуфтанд.

Сарбадорон бар муғулон зафар ёфта, дар Хуросон давлати худро таъсис намуданд, ки он қариб панҷоҳ сол пойдор буд. Дар қаламрави сарбадорон баъзе андозаҳо бекор карда шуданд. Як қисми заминҳое, ки аз муғулҳо рӯёнда шуда буданд, мулки деҳқонон гардиданд. Давлати сарбадорон, ки дар охир ба давлати маъмулии феодалӣ табдил ёфта буд, аз тарафи Темур барҳам дода шуд.

Пурзӯр шудани қувваҳои зидди зулм боиси он гардид, ки ғояҳои зидди зулм ва рӯҳи эътироз дар адабиёт қувват пайдо кунад. Адибони пешқадам барои ифодаи нафрат ва қаҳру ғазаби халқ шеърҳои исёнӣ (Сайфи Фарғонӣ, Ҳофиз) ва ҳаҷвияҳои нишонрас (Саъдӣ, Убайди Зоконӣ) менавиштанд.

Зулму истибдоде, ки истилогарони муғул ба мардуми маҳаллӣ раво медиданд, дар ҳақиқат ҳам чашми адибонро кушод. Онҳо бо ғаму андӯҳи халқ ошно гардида, ба оламу одам бо чашми ибрат менигаристагӣ шуданд. Дар адабиёт фикри танқидӣ ва ғояҳои зидди зулм пурзӯр гардид. Ҳарчанд ки дар адабиёт тасвири ҳодисаҳои мудҳиш ва тақдири фоҷиавии инсон бештар ба назар мерасид, мағзи адабиёти пешқадамро афкори инсондӯстӣ ташкил мекард. Ғояҳои гуманистӣ дар адабиёти тоҷику форси асри XIV ба чандин ранг ва дар чандин шаклу қолабҳо ифода меёфт. Бузургтарин адиби инсондӯсти асри XIV Ҳофизи Шерозист. Камоли Хуҷандӣ, Носири Бухорой, Ибни Ямин ва дигарон низ аз ибрози дарди халқ дар канор набуданд. Шоири номаълуме аз тарафи Малик Муизиддин (1331-1370) соли 1342 мағлуб кардани лашкари Сарбадоронро бо сӯзу гудоз ба қалам меорад:

Гар Хусрави Карт бар далерон назадӣ,<br>
В-аз теғи ялӣ гардани шерон назадӣ,<br>
Аз бими синони Сарбадорон то ҳашр<br>
Як турк дигар хайма дар Эрон назадӣ.

Ҳодисаи дигаре, ки хеле авҷ гирифта буд, паҳн гардидани ақидаи тасаввуфии нақшбандия дар хоки Мовароуннаҳр, Хуросон ва Ҳиндустон буд. Шоирону нависандагон ва аҳли илму фалсафаи ин аср бисёрашон пайрави ҳамин маслак буданд.

Таърихнигорон Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ва Шаҳобиддин Абдуллоҳи Шерозӣ, мусиқидонҳо Яҳё ибни Аҳмади Кошӣ ва Абдуллоҳи Сайрафӣ, забоншиносҳо Саъдиддини Тафтазонӣ ва Мирсаид Шарифи Ҷурҷонӣ, адабиётшинос Шарофуддини Ромӣ ва дигарон соҳаҳои худро хеле пеш бурданд.

Дар соҳаи адабиёт жанру навъҳои нави адабиёт ба вуҷуд омаданд, ки қасидаҳои маснӯъ (Масъуди Саъди Салмон), мухаммас, рисолаҳои

ҳаҷвӣ (Убайди Зоконӣ) ва ғайра равнақ пазируфтанд. Адабиёти динӣ инкишоф ёфт:

Илми дин фиқҳ асту тафсиру ҳадис,
Ҳар кӣ хонад ғайри ин гардад хабис.

*(Имоди Фақеҳ)*

Китобҳои мансури Бахтиёрнома, Тӯтинома ва амсоли инҳо насри асри XIV-ро хеле пеш бурданд. Навъи Соқинома дар ҳамин аср пайдо шуд, ки соқиномаҳои Ҳофизи Шерозӣ намунаҳои аълои он аст.

Носири Бухороӣ, ки дар ғарибиҳо (аксар дар Бағдод) мегашт, ба боди сабо мурочиат менамояд:

Саломи ман бирасон, эй сабо, Бухороро,
Бигӯй таҳнияти Мачнун диёри Лайлоро.
Зи Кӯҳкан хабаре сӯи қасри Ширин бар,
Ки дил гирифт ба кӯҳ он ғариби шайдоро.

Носири Бухороӣ аз шоирони тавоно буд. Аввалин бор вақте ки ӯ дар Бағдод, дар лаби рӯди Дачла бо Салмони Совачӣ вохӯрд, Салмон кӣ буданашро пурсид, ӯ гуфт, ки шоирам. Салмон барои имтиҳони дарачаи шоирии Носир ба Дачла нигариста, мисрае гуфт ва талаб кард, ки Носир мисраи сониро гӯяд.

*Салмон:* Дачларо имсол рафторе ачаб мастона буд,
*Носир:* Пой дар занчиру каф бар лаб, магар девона буд.

Мисраи Носир, ки манзараи туғёни дарёи баҳорӣ ва лангарпартоии киштиҳоро шоирона ба тасвир гирифтааст, бисёр олист. Худи ҳамин далели хуби иқтидори шоирии Носири Бухороӣ мебошад.

Сомномаи Хоҷу ба корнамоиҳои бобои Рустами Достон - Сом бахшида шудааст. Маснавии хурдакаки Ибни Ямин, ки аз 115 байт иборат аст, Пандномаи Анӯшервон ном дорад. Он ба Зафарномаи Абӯалӣ ибни Сино ва бахши ҳамноми Шоҳнома иртибот дорад. Ба қавли Авҳадии Мароғӣ:

Зулм торику дилсияҳ кунадат,
Адл рахшандатар зи маҳ кунадат.

Ибни Ямини Фарюмадӣ дар бораи тамаъи хом мефармояд:

Касеро, ки беш аз кафоф орзуст,
Хирад поймол аст дар поймол.
Нишеман ту дар сояи ақл чӯй,
Ки ақл офтобе бувад безавол.

Достони Убайди Зоконӣ Муш ва гурба дар адабиёти точик аз рӯи мазмун ва шакл тамоман нав аст. Он аз 94 байт иборат буда, бо рамзи мазҳакавӣ риёкории саркардагони чангчӯро ифода менамояд. Чаҳор байти аввали он, ки муқаддима аст, дар шакли маснавӣ бо вазни ҳазачи мусаддаси маҳзуф навишта шудааст. Рукнҳои он баҳр чунин аст:

Мафойлун мафойлун мафойл
v – – – v – – – v – –

Қитъаю рубой аз ҷиҳати мавзӯъ ва шакл инъиксокунандаи анъанаҳои пешин буданд. Нисфи зиёди девони Ибни Яминро, ки аз 16 ҳазор байт иборат аст, қитъа ташкил мекунад.

Насри асрҳои XIII ва XIV дар пояи хеле баланд меистад. Гулистони Саъдӣ дар таърихи наср саҳифаи нав кушод. Муҳаммад Авфӣ ва Убайди Зоконӣ дар инкишофи наср саҳм гузоштанд. Тӯтиномаи Наърӣ ва Гулрези Зиёи Нахшабӣ хеле ҷолиби диққатанд. Дар наср анъанаи истифодаи порчаҳои шеърӣ давом кард. Ба сабаби фишори рӯҳонӣ ва ривоҷи иртиҷоъ, ки навмедӣ, шикастадилӣ ва мавҳумотро ба вуҷуд меовард, мазмуни каломи бадеӣ то андозае тағйир пазируфт. Дар адабиёт (ҳам дар назм ва ҳам дар наср) асарҳои дорои мазмуни мазҳабӣ зиёд шуданд. Вале шоҳроҳи адабиётро асарҳои адибони пешқадам ташкил мекард. Онҳо дар адабиёт бехтарин анъанаҳои гуманистии адабиёти гузаштаро давом медоданд. Ибни Ямин, ки худ аз деҳқонони Сабзавор буд, деҳқониро касби шариф шумурда, рафтори ӯро барои дигарон намунаи ибрат медонад:

Тарики деҳканат омад гузида,
Ки деҳқон надравад ҷуз он ки корад.

Адабиёти асрҳои XIII-XIV бо тамоили реалистона нигошта шуда, ин тамоил дар ҳақиқати мазмун, хусусан ҳангоми тасвири вазъи замон, воқеӣ будани воситаҳои тасвир ва реалияти ҳодисаҳо ва зинда будани забон ифода мегардад. Ҳақиқати илмӣ дар байти поён дар шакли хеле фаҳмо ба қолаби назм дароварда шудааст:

Об аз ҷӯшиш ҳамегардад ҳаво,
Он ҳаво гардад зи сардӣ обҳо.

Дар асрҳои минбаъда адибони гуногун ба беҳтарин асарҳои асрҳои XIII-XIV пайравӣ мекарданд.

# УБАЙДИ ЗОКОНӢ
# (1270–1370)



Низомиддин Убайдуллоҳи Зоконӣ, ки бо тахаллусҳои Убайд, Убайди Зоконӣ ва Убайдуллоҳи Зоконӣ машҳур аст, соли 1270 дар деҳаи Зокони музофоти Қазвин дар оилаи вазири собиқ ба дунё омадааст.

Аз забони Убайди Зоконӣ
Бираву бар хатиби шаҳр бигӯй!

Таҳсили ибтидоии Убайди Зоконӣ дар зодгоҳаш ва шаҳри Қазвин сурат гирифта, дониши мадрасагиро ӯ дар Шероз ба даст овард. Инчунин ӯ дар хат, иншо, нуҷум ва амсоли инҳо моҳир гашт, бар замми забони модарии худ дар арабӣ ҳам устод буд ва туркиро низ хуб медонист.

Убайди Зоконӣ баъди ба охир расондани таҳсили мадраса дар Шероз ба Қазвин баргашта, қозӣ таъин мегардад ва ҳамчунин дар мактаб кӯдаконро таълим медиҳад.

Тақрибан соли 1327 Убайдро дар Бағдод мебинем, ки ба вазири Султон Абӯсаиди Элхонӣ (1317-1335) Хоҷа Алоуддин Муҳаммад дар хизмат аст. Дар ҳамин сол Убайд дар Бағдод асари худ **Наводир-ул-амсолро** ба забони арабӣ навишта, ба ин вазир тақдим менамояд. Вай ҳангоми вуруди худ ба Бағдод, яъне соли 1327, хос барои подшоҳи он кишвар Султон Абӯсаид дар илми балоғат бо номи **Илми маъонию баён** рисолае навишта, хостааст, ки онро ба ҳокими мазкур пешкаш намояд. Муқаррабони ин подшоҳи муғул гуфтаанд, ки шоҳи мо ба чунин рисола илтифоту эҳтиёҷ надорад. Убайд қасидаи ғаррое эҷод намуда, меҳоҳад, ки онро дар ҳузури Абӯсаид қироат кунад. Ба ӯ мегӯянд, ки шоҳи мо тоқати шунуфтани дурӯғи маддоҳони тамаъкор надорад. Ин ҳол Убайдро музтариб месозад. Дар ин ҳолат ӯ ба гуфтани алфози рақик шурӯъ мекунад.

Убайди Зоконӣ дар Бағдод зиндагии ғамангезу ногуворeро аз сар мегузаронд. Дур аз ёру диёр, муфлису бечора, дар чанги бебизоатӣ,

нодорӣ ва эхтиёҷ ба балои қарз ғӯтида, аз дасти қарзхоҳон ҷои гурез надошт. Худи ӯ мефармояд:

Маро қарз ҳасту дигар хеҷ нест,
Фаровон маро харҷу зар хеҷ нест.

Вай **Наводир-ул-амсол**ро бо умеди он навишта буд, ки вазир Хоҷа Алоуддин ӯро ба подшоҳ тавсия кунад, то ки тарбият бинад ва ба ин восита аз қарзҳо раҳо шавад. Аммо вазири мазкур ин мақсади шоирро ба амал наоварда, ӯро ноумед кард. Адиби ҳаҷвнигор Хоҷа Алоуддинро дар яке аз шеърҳояш бо таҳқир ёдоварӣ кардааст:

Ин вазирак надод мар судам,
Гӯ, мадеҳ, з-ӯ ба ман зиён нарасад.

Баъди тахти Шерозро соҳиб шудан ва дар караму ҷавонмардӣ ва тарбияи суханварону донишмандон ном баровардани Шайх Абӯисҳоқ Убайди Зоконӣ тақрибан соли 1346 аз Бағдод роҳи Шерозро пеш гирифта, ба хизмати вазири Абӯисҳоқ (1341-1357) Амидулмулк камар баст ва дар ин вазифа 10-12 сол хизмат кардааст.

Убайд соли 1350 маснавии Ушшоқномаро барои Абӯисҳоқ навишта, дар ашъори дигараш ҳам ин амиру вазирро ба некӣ ёд мекунад.

Соли 1357 амири Кирмон Муборизиддин Шерозро истило намуда, Абӯисҳоқро ба қатл расонд. Муҳити адабии Шероз пароканда шуд. Ва шоир ноҷор Шерозро тарк намуда, боз роҳи Бағдодро пеш гирифт:

Рафтам аз хиттаи Шерозу ба ҷон дар хатарам,
Ваҳ, к-аз ин рафтани ноҷор чӣ хунинҷигарам!

Мувофиқи навиштаи Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV) Салмон, ки дар дарбори Султон Увайс эътибор ва обрӯи калон дошт, бо сабабе аз Убайди Зоконӣ ранҷида, ӯро ҳаҷв, балки таҳқир мекунад:

Ҷаҳаннамию ҳиҷогӯ Убайди Зоконӣ,
Муқаррар аст ба бедавлатию бединӣ!
Агарчи нест зи Қазвину рустозод аст,
Валек мешавад андар ҳадис казвинӣ!

Ин китъа ба гӯши Убайд расида буд. Дар Бағдод мулоқоти нахустини Убайд ва Салмон дар канори Даҷла воқеъ гардидааст. Салмон он ҷо дар иҳотаи наздикони худ бо фароғат истироҳат мекард. Маҷлиси аҳли завқро дида, Убайд он ҷо дохил мешавад. Салмон аз Убайд пурсид, ки аз куҷост. Убайд гуфт: Аз Қазвин. Салмон боз пурсид: Номи Салмон оё дар Қазвин маъруф ва аз ашъораш чизе машҳур аст ё на? Убайд гуфт: Қитъае аз ашъори ӯ бисёр машҳур аст ва ин бихонд:

Ман хароботияму бодапараст,
Дар хароботи муғон ошиқу маст.
Мекашандам чу сабӯ дӯш ба дӯш,
Мебарандам чу қадаҳ даст ба даст!

Он гаҳ гуфт: Агарчи Салмон марде фозил аст ва метавон ин қитъаро ба вай нисбат дод, аммо гумони ғолиби ман он аст, ки ин қитъа аз зани ӯ бошад. Албатта, ин китъа дар накизаи рубоии машҳури Салмон эчод гардидааст, ки ин аст:

Дидам санаме харобу маст афтода,
Дар дасти муғони майпараст афтода.
Аз май чу сурохӣ шуда афтону хазон,
В-он гаҳ чу қадаҳ даст ба даст афтода.

Салмон аз ҳозирчавобӣ, зарофат ва лутфи сухани гӯянда пай бурд, ки назди ӯ Убайд аст, мақдамашро ғанимат шумурд ва узри ҳичои вай бихост. Убайд гуфт: Эй Салмон, бахтат ёварӣ кард, ки зуд ба эътироз икдом намудӣ ва аз шарри забонам растӣ.

Дар ин миён писарони Амир Муборизиддин - Шоҳ Шучоъ ва Шоҳ Маҳмуд бар алайҳи падари худ исён бардошта, падарро аз тахт дур карда, ба чашмонаш мил кашиданд. Шоҳ Шучоъ, ки то ин вақт ҳокими Кирмон ва Абаркӯҳ буд, соли 1358/59 ба тахти салтанати Шероз нишаст ва то соли 1383 ҳукумат ронд. Убайди Зоконӣ хабари маъзул шудани Муборизиддин ва чулуси Шоҳ Шучоъро шунида, тақрибан соли 1360 ба Шероз баргашт ва дар ҳакки Шоҳ Шучоъ қасида гуфт. Охири умри Убайди Зоконӣ дар хидмати Шоҳ Шучоъ дар Шероз ва Кирмон гузаштааст. Соли 1365 Шоҳ Шучоъ аз дасти бародараш шикаст хӯрда, ба Кирмон гурехт. Ӯ Убайдро низ ҳамроҳи худ бурд. Убайд худ менависад:

Ба юмни давлату иқболи шоҳи банданавоз
Маро ба чониби Кирмон кашид бахт инон.

Таҳайюроварaш он аст, ки Убайди Зоконӣ, ки дар ин вақт пирамарди 96-сола буд, дар 87-солагӣ аз Шероз ба Бағдод рафт, тақрибан дар 90-солагӣ аз Бағдод боз ба Шероз баргашт, то садсолагӣ дар сафарҳои подшоҳону ҳокимон ба онҳо ҳамроҳӣ мекард, дар базму размҳо ширкат меварзид, базлагӯву ҳазлкаш буд, ба хаттотӣ машғул мешуд. Аз чумла дар фатҳи Исфаҳон, ки соли 1367 ба вукӯъ пайваст, Убайд ҳамроҳи Шоҳ Шучоъ буд. Убайди Зоконӣ дар ин давра низ аз қарз ва қарзхоҳон менолад. Ин шикваҳо баробари аҳволи шахсии Убайди Зоконӣ кисмати талхи аксари аҳли илму ҳунарро дар замони ӯ ифода менамоянд.

Нақл мекунанд, ки ҳангоми марг Убайд ба фарзандонаш мегӯяд, ки дар фалон чо ганче дорад пинҳонӣ. Баъди ба хок супурдан он "ганч"-ро мекушоянд, ки ин байт будааст:

Худой донаду ман донаму ту ҳам донӣ,
Ки як фулус надорад Убайди Зоконӣ!

Вафоти Убайди Зоконӣ соли 1370 вокеъ гардидааст. Часади Убайдро дар Шероз ба хок супурданд.

# Мероси адабӣ

Машҳуртарин аз таълифоти Убайди Зоконӣ **Ахлоқ-ул-ашроф**, яъне ахлоқи бузургон ё ахлоқи ашрофзодагон буда, онро муаллиф соли 1340 дар танбеҳ ва танқиди ахлоқу одоби бузургон ва аъёну ашрофи замони худ дар сабку равияи китобҳои машҳури ахлоқ нигоштааст. Фақат ин ҷо услуб оҳанги киноя ва тамасхур дошта, тамоми масъалаҳои ба маърази баҳс гузоштаро ба рангу сурати акс ҷилва медиҳад. **Ахлоқ-ул-ашроф** аз муқаддима ва хафт боби зерин иборат аст: боби аввал - дар ҳикмат, боби дуввум - дар шуҷоат, боби сеюм - дар иффат, боби чаҳорум - дар адолат, боби панҷум - дар саховат, боби шашум - дар ҳилму виқор ва, ниҳоят, боби ҳафтум - дар ҳаёву силқ ва раҳмату шафқат.

Шеваи нигориши рисола он аст, ки муаллиф матлаби худро бо киноя ва тамасхур баён намуда, оятҳои Қуръон, аҳодиси набавӣ, абёти Фирдавсӣ, Низомӣ ва Саъдӣ, мақолу зарбулмасал ва ҳикматҳо, нақлу ривоятҳо - ҳамаро ба тарзи киноя истифода мебарад. Дар ривояти поён адлу дод бо истеҳзо ва баръакси ҳақиқати он тавҷеҳ ёфта, матлаби нависандаро барҷаста ҷилва медиҳад:

"Дар таворихи муғул ворид аст, ки Ҳалокухонро чун Бағдод мусаххар шуд, ҷамъеро, ки аз шамшер бозмонда буданд, бифармуд то ҳозир карданд, ҳоли ҳар қавм мепурсид. Чун бар аҳволи маҷмӯъ воқиф шуд, гуфт, ки аз мӯҳтарифа ногузир аст, эшонро рухсат дод, то боз сари кори худ рафтанд. Туҷҷорро моя фармуд додан, то аз баҳри ӯ бозаргонӣ кунанд, ҷуҳудонро фармуд, ки қавме мазлуманд, ба ҷиззият аз эшон қонеъ шуд ва муханнасонро ба ҳарамҳои хеш фиристод. Содоту қуззот ва машоиху сӯфиён ва ҳоҷиёну воизон ва муаррифону қаландарон ва ғӯштингирону шоирон ва қиссахононро ҷудо карда фармуд, ки инҳо дар офариниш зиёдатанд ва неъмати Худо ба зиён мебаранд. Фармуд, то ҳамаро дар Шом ғарқ карданд ва рӯи замин аз хубси эшон пок кард". Сабаби пойдор мондани давлати Ҳалокуро Убайд натиҷаи ҳамин қатлу ғорат мешуморад. Ба гуфтаи ахли ҳикмат Заҳҳоки Морон ва Яздигурди базаҳкор, яъне бадкирдор бо зулм ҳазорсолӣ ҳукм ронданд, аммо аз адолати Нӯшервон кунгураҳои айвонаш биафтод, ҳазрати Умар хишт мезаду нони ҷав мехӯрд, Муовия ба баракати зулм ҳукуматро аз ҳазрати Алӣ гирифт.

Ба ҳамин тариқ, дар хафт боби **Ахлоқ-ул-ашроф** чун ҳафт ойинаи равшани тамом номаи ҳақиқати замон зулм, бедодӣ, дурӯғ, фиребгарӣ, қаллобӣ, адоват, кина, фисқ, фуҷур, беномусӣ, айёшӣ ва забонбозӣ барин унсурҳои ахлоқи накӯҳидаи табақаи болои мардуме, ки андар даврони ваҳшатафзои нависандаи бунёдсӯз мезистанд, инъикос ёфта, одоби ношоистаи соҳибони ҷоҳу сарвати аҳди ӯ маҳкум карда мешавад.

Рисолаи **Даҳ фасл** яке аз шоҳкориҳои Убайд буда, бо тарзи

нигориши аҷоиби худ дар адабиёти форсу тоҷик собиқа надорад. Ба ҳар ҳол аз мавҷудияти чунин асаре то Убайди Зоконӣ хабар надорем. Соли таълифу таснифи он маълум нест. Он чун луғат иншо гардида, ҷанбаи иҷтимоияш хеле пурқувват аст. Худи Убайд ба он Даҳ фасл унвон гузоштааст. Номи дигари асар Рисолаи таърифот мебошад.

Аз унвони рисола чунин бармеояд, ки он аз даҳ фасл таркиб ёфта, нависанда ба бисёр масъалаҳои зиндагии рӯз дахл намуда, як даста истилоҳоти роиҷи аҳли ҳунар, мафҳумҳои маъмулӣ, мусталиҳоти давлатдорию мазҳабӣ, жаргони қиморбозону бангиҳо ва амсоли инҳоро тарзе шарҳу тавзеҳ медиҳад, ки бо роҳи ҳазлу ҳаҷв ва писханду тамасхур аҳволи накбатбори мардум, дарду ранҷи омма, танпарастии сарватмандони ҷоҳил, вазъи гиряовари олимони муфлис ва беқонунию бесариро бо нафрат накӯҳиш менамояд. Дар Даҳ фасл танқиди нависанда хеле нишонрас аст. Убайд истилоҳоту калимаҳоро тавре шарҳ медиҳад, ки ин маънои асл, балки хосиятҳои номатлуби онҳоро баён намуда, мақсадро ошкоро ифода менамояд: "**Ад-дунё** - он чӣ, ки ҳеҷ офарида дар вай наосояд. **Ал-оқил** - он ки ба дунё ва аҳли ӯ напардозад. **Ал-одамӣ** - он кӣ некхоҳи мардум бошад. **Ал-ҷоҳил** - давлатёр. **Ал-олим** - бедавлат. **Ал-хасис** - молдор. **Ал-яъҷуҷу вал-маъҷуҷ** - фавҷи туркон, ки ба вилояте мутаваҷҷеҳ шаванд. **Ат-толон** - санъати эшон. **Аш-шайх** - иблис. **Ас-суфӣ** - муфтхор. **Анқо-ул-мағриб** - адлу инсоф. **Ал-бозорӣ** - он кӣ аз Худо натарсад. **Ал-имом** - намозфурӯш. **Ат-табиб** - ҷаллод".

**Рисолаи дилкушо** калонтарин ва пурмазмунтарин асари мансури Убайди Зоконӣ буда, аз рӯи мӯҳтавиёт Латоиф, яъне латифаҳо низ номида мешавад. Соли таълифаш маълум нест. Он аз ҳикоятҳои ахлоқӣ, латифаю мутойибаҳои шӯхиомез, мазҳакавӣ ва танқидӣ фароҳам омада, маҳсули мушоҳидаю дида ва шунидаҳои чандинсолаи муаллиф буда, зиндагӣ ва маишати тамоми қишру табақаҳои ҷомеаи замони нависандаро инъикос менамояд. Ин нақлу ҳикоятҳо барои тафреҳи хотир, хандидану хандондан ба забонҳои форсӣ ва арабӣ тасниф гардидаанд. Аз ҷумла 93 ҳикояту латифа ба забони арабӣ таҳрир шуда, бахши форсии он дар нусхаҳои гуногун аз ҳам хеле фарқ мекунад.

Қиссаи **Мушу гурба** дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ мавқеи хос дорад. Он асари ҳам аз ҷиҳати шакл, ҳам аз лиҳози мазмун ва ҳам аз ҳайси сабк навоварона аст. То Убайди Зоконӣ касе қиссаро дар қолаби қасида нарехтааст. Фақат ӯ ин қиссаро дар шакли қасида сурудааст. Он ҳамагӣ 94 байт буда, дар қолаби маснавӣ эҷод гардидааст ва вазнаш ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф аст, ки арконаш мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун (v – – – v – – – v – –) мебошад:

> Агар дорӣ ту ақлу донишу ҳуш,
> Биё, бишнав ҳадиси гурбаву муш!

Бихонам аз бароят **достоне**,
Ки дар маънои он ҳайрон бимонӣ!

Бақияи қиссаи "Мушу гурба" аз ҷиҳати қофиябандӣ дар шакли қасида эҷод шудааст. Вале вазни он хафифи мусаддаси махбун (фоилотун мафоилун фаълан, яъне – v – –/v – v –/ – – аз вазнҳои машҳури маснавӣ буда, аз рӯи сабки баён, ки нақл ва таҳкия аст, низ қисса буда, худи муаллиф онро **достон** ва **кисса** меномад. Бар замми мазмун, оҳанги баён ва қофиябандӣ ба асари мазҳакавӣ будани он гувоҳ аст:

Эй хирадманди оқилу доно,
Қиссаи Мушу гурба бархоно.
Қиссаи мушу гурбаи мазлум,
Гӯш кун ҳамчу дурри ғалтоно.

Ғарази Убайди Зоконӣ ин ҷо ҳам панд аст, то ки хонандагони ӯ ба фаҳми он расида, аз он қиссаи мармуз натиҷаҳои ҷиддӣ бигиранд:

Ҷони ман, панд гир аз ин қисса,
Ки шавӣ дар замона шодоно!
Ғараз аз Мушу гурба бархондан,
Муддао фаҳм кун, писарҷоно!

Дар ин қиссаи латиф ва хушмазмун аз риёкории гурбаи Кирмон, худро бо макр зоҳиду намозхон вонамуд кардани ӯ, бо ин дурӯғ эътимоди мушонро ба сӯи худ ҷалб намуда, фурсатро ғанимат ёфта, якбора тӯъмаи худ гардондани панҷ муш, ҷанги мушону гурбаҳо, ғалабаи муваққатии мушон бар сипоҳи гурба, худро ҷаҳонпаҳлавон ангоштани онҳо ва дар охир мағлуб шудани онҳо сухан меравад. Бисёре аз аҳли таҳқиқ ҳадс задаанд, ки мазмуни қиссаи Мушу гурба инъикоси задухӯрдҳои тахту тоҷ хостанҳои Амир Муборизиддин ва Абӯисҳоқ дар солҳои 1353-1357 ва ҳатто низоъҳои фарзандони Амир Муборизиддин Шоҳшуҷоъу Шоҳмаҳмуд байни худ ва бо падар мебошад. Ин гумонҳо аз эҳтимол дур нест. Барои тасдиқи ин фикр такаббуру ғурур ва шаробхорагии мушу гурба, ба масҷид рафтану он ҷо тавба кардан ва тавбашиканини гурба, ба вуқӯъ пайвастани макони воқеаҳо, зикри Кирмон (Аз қазои фалак яке гурба - Буд чун аждаҳо ба Кирмоно), Хуросону Рашту Гелон (Чунки ҷамъоварии лашкар шуд - Аз Хуросону Рашту Гелоно), Исфаҳону Язд (Гурбаҳои бурроқи шершикор - Аз Сифоҳону Язду Кирмоно), Форс (Дар биёбони Форс ҳар ду сипоҳ - Разм доданд чу далероно), иҳоми мубориз, ки онро чун исми кӯтоҳи Муборизиддин пазируфтан мумкин аст (Ногаҳон гурба ҷаст бар мушон - Чун мубориз ба рӯзи майдоно), тарзи лашкар ғун доштани мири мушон (Баъди як ҳафта лашкаре орост - Сесаду сӣ ҳазор мушоно) ва гурбаи обид, ки суханҳои арабӣ низ эрод менамояд (Ризқакум фиссамои ҳаққоно), гувоҳӣ медиҳад. Аммо яқин аст, ки Убайди Зоконӣ умуман ин қиссаро чун рамзи ҷангу ҷидолҳои замони худ эҷод карда, ба ин восита хандаовар, беоқибат, муваққатӣ ва танҳо шӯҳратхоҳона будани

онҳоро нишон дода бошад. Мушу гурба рамзи оштинопазир будани тарафҳои муқобил аст.

**Девони Убайд** аз 1613 байт таркиб ёфта, аз таркиббанду тарҷеъбанд, қасидаҳои мадеҳавӣ, ғазал, рубоӣ, муқаттаъот ва як маснавии хурдакак иборат аст. Убайд дар шеър мартабаи баланд надоштааст.

## Устоди мумтози ҳаҷв

Сарфи назар аз он ки бахши муайяни ҳазлу мутойибаҳои Убайди Зоконӣ мувофиқи завқи пасти аҳли дарбор нигошта шуда, пур аз фаҳши дур аз одоб мебошанд, ин нависандаи мумтоз асрҳо боз дар таърихи адабиёти форсу тоҷик барҳақ чун устоди беҳамтои ҳаҷв шинохта шудааст. Ҳаҷвиёти Убайди Зоконӣ, ки ба арзиши баланди таърихӣ молик аст, вазъи ҷонфарсои замон, падидаҳои номатлуби даврон ва зуҳуроти ахлоқи разилаи аҳли онро аз ҳар рисолаи нигоштаи муншиёни дарбор беҳтар нишон медиҳад. Қатлу ғорат, талаву тороҷ ва ноинсофию беадолатии чингизиён мамлакатро фатарот, мардумро хонавайрон ва ахлоқро фосид гардонда буд. Убайди Зоконӣ ин ҳодисаҳои манфӣ ва ҳақиқати талху ноғуворро ҳадафи тирборони ҳаҷв қарор дода, бо нафрат бар алайҳи ин зулму бедодӣ ва ҳарҷу марҷ хурӯҷ намуда, ба муқобили он эътироз меоварад.

Мавзӯи адлу инсоф аз масоилест, ки Убайди Зоконӣ гаштаву баргашта ба он рӯ оварда, тамоми чигилҳои зиндагиро дар партави он мекушояд. Ба фармудаи ӯ:

Адл кун, з-он ки дар вилояти дил
Дари пайғамбарӣ занад одил.

Сурати қабеҳ ва сирати кареҳи зоҳид, хатиб, имом, сӯфӣ, воиз, қозӣ, муаззин, шайх, муҳтасиб ва дигар арбобони ҳилагари дину шариат ҳама барои Убайди Зоконӣ нописанд буда, нависанда ягон нафаре аз онҳоро чашми дидан надорад. Вай нақл мекунад: “Муаззине бонги намоз мекард ва медавид. Пурсиданд, ки чаро медавӣ? Гуфт: Мегӯянд, ки овози ту аз дур хуштар аст, мехоҳам, ки овози худро аз дур бишнавам”.

Яке аз симоҳои манфуре, ки Убайд бо тамоми ҳастӣ ӯро бад мебинад, қозии ришватхори қаллоб аст. Вай сурати зишт ва сирати қабеҳи шариатпаноҳи порахӯрро ба ҳар роҳ таҷассум карда, дар асарҳои гуногуни худ бо услуб ва воситаҳои мухталиф башараи наҳси қозиро ба маъразн ханда, истеҳзо ва тамасхур гузошта, ӯро шармсор мекунад. Дар боби сеюми Даҳ фасл, ки Дар қозӣ ва мутааллиқони он ном дорад, менависад: “Ал-қозӣ - он кӣ ҳама кас ӯро нафрин кунанд. Ал-мандафа - дастори қозӣ. Ал-аззаба - доми ӯ. Нойиб - ал-қозӣ - он кӣ имон надорад”.

Латифаҳои зиёди Убайд бо қувваи бузурги фошкунандагӣ зиндагии қашшоқона, бенавоӣ ва камбағалии мардумро нишон медиҳанд.

Гуруснагӣ, нодорӣ ва мӯҳтоҷӣ назаррастарин тазоҳуроти ин зиндагии ногувор буд. Убайд бо лабханде ин вазъро ба тасвир мегирад: Дарвеше ба дари хонае расид. Порае нон хост. Духтараке дар хона буд, гуфт: Нест. Гуфт: Қадре сирка? Гуфт: Надорем. Гуфт: Чӯбе ҳезум? Гуфт: Нест. Гуфт: Порае намак? Гуфт: Нест. Гуфт: Кӯзае об? Гуфт: Надорем. Гуфт: Модарат куҷост? Гуфт: Ба таъзияти хешовандон рафтааст. Гуфт: Чунонки ман ҳоли хонаи шумо мебинам, даҳ хешованди дигар мебояд, ки ба таъзияти шумо оянд.

Низоъи доимии подшоҳ ва масхарабоз дар эҷодиёти Убайди Зоконӣ ҷои зиёдро ишғол менамояд. Хусусан, нақлу ривоятҳо оид ба муносибати Султон Маҳмуди Ғазнавӣ ва масхарабози дарбори ӯ Талҳак басе машҳуранд. Дар таҳрири Убайди Зоконӣ ин нақлу ривоятҳо обу ранги тоза касб менамоянд: Султон Маҳмуд рӯзе дар ғазаб буд. Талҳак хост, ки ӯро аз малолат берун орад. Гуфт: Эй султон, номи падарат чӣ буд? Султон биранҷид. Рӯй баргардонид. Талҳак боз баробар рафт ва ҳамчунин савол кард. Султон гуфт: Мардаки қалтабони саг, ту бо он чӣ кор дорӣ? Гуфт: Номи падарат маълум шуд. Номи падари падарат чун буд? Султон бихандид. Ин ҷо Талҳак фақат сухани султонро ба ранги дигар тавҷеҳ медиҳад. Гоҳе бо ҷавоби оддӣ Талҳак Султон Маҳмудро масхара мекунад: Султон Маҳмуд сар ба зонуи Талҳак ниҳода буд. Гуфт: Ту дайюсонро чӣ бошӣ? Гуфт: Болиш.

Баробари накӯҳиши нафси бад ва ҳирсу тамаъ, танқиди фиребу фитна ва адоват, мазаммати бухлу кина ва ғазаб, ҳаҷви гуруснаҷашмиву ноинсофӣ Убайди Зоконӣ зарифаҳое дорад, ки чандон ба ҷанбаи иҷтимоӣ молик нестанд, аммо бебунёд будани баъзе расму ойинҳо ва урфу одатҳои маъмулро ҳадафи ханда қарор медиҳанд, ки барои муосирони хурофотии нависанда қабоҳат шумурда мешуданд: Тарсое мусулмон шуда буд. Гирди шаҳраш мегардониданд. Тарсое дигар бар ӯ расид. Гуфт: Мусулмонон сахт кам буданд, ту низ мусулмон шудӣ?! Ин ҷо бо киноя амали бефоида будани мазҳабгароӣ ҳаҷв карда мешавад. Боз як ҳикоят меорем: Кафши Талҳакро аз масҷидduздида буданд ва ба даҳлези калисо андохта. Талҳак мегуфт: Субҳоналлоҳ, ман худам мусулмонаму кафшам тарсост. Боз ба ин ҳикоят зеҳн монед: Тарсое мусулмон мешуд. Ӯро пеши мӯҳтасиб бурданд, калимаи шаҳодат арз кард. Гуфт: Ту ин замон ҳамчуноне ки он замон, ки аз модар зоидӣ, ҳеҷ гуноҳе надорӣ. Баъд аз шаш моҳ касони мӯҳтасиб ӯро бигирифтанд, ки ту намоз намегузорӣ ва пеши мӯҳтасиб бурданд. Мӯҳтасиб ба ӯ хитоб мекард. Ҷавоб дод, ки он рӯз нагуфтӣ, ки имрӯз аз модар зодаӣ. Гуфт: Бале. Бале. Пас кӯдаки шашмоҳа чӣ донад, ки намоз чӣ бошад? Мантиқи сухан рафтори тарсои мусулмоншударо ҳақ мебарорад.

# Сабки ҳаҷвнигории Убайди Зоконӣ

Сабки ҳаҷвнигории **Убайди Зоконӣ** аз сабки ҳаҷвнависии тамоми аслофи ҳиҷогӯи худ фарқ дорад. Қабл аз ӯ дар назм **Рӯдакӣ**, **Тайёни Марғазӣ**, Мунҷики Тирмизӣ (асри X), Амъақи Бухороӣ, Сӯзании Самарқандӣ (асри XII), Абулмаолӣ Насруллоҳ (асри XII), Саъдии Шерозӣ (асри XIII) ва дигарон дар латифаю тойиба намунаҳои хуби ҳаҷву ҳазл ва танқидро дода буданд. Аммо ҳаҷву ҳазли онҳо аксар ҷанбаи шахсӣ доштанд. Баъзеҳо хубсиёт мегуфтанд. Убайд бошад, пеш аз ҳама амрози ҷамъиятро беибо ва фошофош ба зери тозиёнаи танқид мегирад. Дар осори назму насри ӯ амираку вазирак ва шайхаку табибак барин калимаҳо пайдо шуда, дар матни ҳаҷвӣ сӯфии азрақпӯш, бузургону зиракон, сахтдили сусткӯш, мазҳаби мухтор, мазҳаби мансух, воизи нокас, сӯфии солус ва амсоли инҳо мафҳумҳои тозаи ҳаҷвӣ мегиранд. Фосиқи гӯшанишин низ аз ихтироъҳои Убайди Зоконист:

Бар ҳеҷ касам на меҳр мондаст, на кин,
Якбора бишуста даст аз дунйиву дин.
Дар гӯша нишастаам ба фиқҳе машғул,
Ҳаргиз кӣ шунид фосиқи гӯшанишин?

Убайди Зоконӣ гуфтори ҷиддии худро бо таҷнис (Ту гӯӣ одати **парвона** дорад, Ба ҷони хештан **парво надорад**), тазод (Хиради **пири** туро давлати **барно** ёр аст, Хунук ин **пир**, ки ӯ давлати **барно** дорад), муқобила (Хоҷа он аст, ки ӯ лутфу карам дораду ҷуд, Хоҷа он нест, ки асбу зару коло дорад), муболиға бо ташбеҳ (Он кас ки бар дари ту нагардад калидвор, Дар тахта банд монда бувад чун калиддон), иғроқ (Хурӯшам гӯши гардун хира мекард, Ҳаворо дуди оҳам тира мекард), тавсиф (Сабо ҷаъди бунафша тоб медод, Ки шабнам сабза ханҷар об медод), ташхис (Тамаъ густоҳ шуд, бонге бар ӯ зан, Ҳавасро низ санге бар сабӯ зан), ҳикмат (Ки молу мулки фарзанду зару зӯр, Ҳама ҳастанд бо ту то лаби гӯр), чанд ташбеҳи мусалсал (Дорам буте ба чеҳра чу сад моҳу офтоб, Нозуктар аз гули тару хушбӯтар аз гулоб), зарбулмасал (Дилам зи ҷаъди ту савдоию парешон аст, Бале, ҳамеша парешонӣ оварад савдо), мақол (Макун бо чашми сармастам далерӣ, Ки аз рӯбаҳ, наояд шергирӣ), ибораҳои устувор (Доман аз сӯҳбати мани бечора дармакаш, **Дасти Убайду домани лутфи ту** зинҳор), саволу ҷавоб (Гуфтам: Убайд. Гуфто: Номаш набар, ки бошад, Ринди киморбозе, дузде гурезпое), радифҳои зебо (**Гар он маҳро** назар **будӣ, чӣ будӣ**? **В-**араш бар мо гузар будӣ, чӣ будӣ?) ва оройишҳои дигари суханпардозӣ зеб медиҳад.

Адиби ҳаҷвнигор Убайди Зоконӣ гоҳе бо як калима симои ашхоси номақбулро пурра медиҳад. Дар рисолаи Даҳ фасл, ки сабки хос дорад, як гурӯҳи ин симоҳо чунин тафсир карда шудаанд: **"Ал-мафлук** - фақеҳ. **Ал-мӯҳтасиб** - дӯзахӣ. **Ал-гург** - сипоҳӣ. **Ал-каллоб** - заргар. **Ал-хук** -

раис". На фақат ашхос, балки аъмолу зикри ин навъ мардум низ ҳадафи танқид қарор гирифтаанд: **"Ал-маъдум** - карам. **Анқо -ал-мағруб** - адлу инсоф. **Ал-зебада** - намозе ки дар маҷлис гузоранд. **Ал-банг** - он чӣ сӯфиёнро ба ваҷд орад. **Аш-шахват** - хонабарандози марду зан. **Ар-риш** - дастовези мутафаккирон. **Ал-бакорат** - исме, ки мусаммо надорад". Вожаҳое, ки бо ҳуруфи сиёҳи баланд таъкид шудаанд, дар асл калимаҳое мебошанд, ки дорои мафҳумҳои муайяни иҷтимоӣ ва сиёсӣ буда, падидаҳои оддиро ифода менамоянд. Вале дар зиндагии ҳаррӯзаи даврони шоир ба василаи фасоди ахлоқ маъноҳои манфӣ гирифтаанд. Калб - дар арабӣ саг аст, акбар ба маънои калон. **Калб-ул-акбар** - саги калон гуфтан аст. Аммо Убайди Зоконӣ ба тарзи **"Ал-калб-ул-акбар** - шаҳна" тавзеҳ додааст. Ё ин ки дар арабӣ мақоле ҳаст: "Ал-фараҷу баъда шиддат", яъне роҳат баъди ранҷ аст. Аммо Убайд онро дар "лафзи се талоқ" тафсир мекунад. Ин услуб хоси **Даҳ фасл** нест. Дар **Рисолаи дилкушо** мехонем: "Пире пеши табиб рафт ва гуфт: Се зан дорам ва гурдаву масонаам дард мекунад, чӣ хӯрам, ки беҳ шавам? Табиб гуфт: Лафзи нӯҳ талоқ".

Аммо дар бисёр мавридҳо заковати мардуми оддӣ аз ҷавобҳои лутфангези онҳо ҳувайдо мегардад. Дар латифаҳои мукаррарӣ низ гоҳе ин сабк ба кор меравад: "Бозаргоне зани хушсурат Зӯҳра ном дошт. Азми сафаре кард. Аз баҳри ӯ ҷомае сафед бисохт ва косаи нил ба ходим дода, ки ҳар гоҳ аз ин зан ҳаракате ношоиста дар вуҷуд ояд, як ангушт нил бар ҷомаи ӯ зан, то чун боз оям, агар ту ҳозир набошӣ, маро ҳол маълум шавад. Пас аз муддате хоҷа ба ходим набишт, ки байт:

Чизе накунад Зӯҳра, ки нанге бошад?
Бар ҷомаи ӯ зи нил ранге бошад?

Ходим бознабишт, ки байт:

Гар з-омадани хоҷа диранге бошад,
Чун боз ояд, Зӯҳра паланге бошад".

Сабки латифаҳои халқӣ, ки дар ҷавобҳои бебокона ба пурсишҳои зимомдорони мулк ҷавҳари маъниро ифода менамояд, аз хусусиятҳои назарраси таҳкияҳои Убайди Зоконист, ки бо ҳамин роҳ оштинопазир будани афкору андешаи ин ду гурӯҳи ба ҳам зидро ифода менамояд. Ба ин ду ҳикоят таваҷҷӯҳ фармоед: "Халаф ном ҳокиме дар Хуросон буд. Ӯро гуфтанд, ки фалон кас мутлақ шакли ту дорад. Ӯро ҳозир кард. Аз ӯ пурсид, ки модарат даллагӣ кардӣ ва ба хонаҳои бузургон рафтӣ? Гуфт: Модарам аврате мискин буд, ҳаргиз аз хона берун нарафтӣ, аммо падарам дар боғҳои бузургон кор кардӣ ва обкашӣ доштӣ". Ё: Ҳокими Нишопур Шамсиддин табибро гуфт: Ман ҳазми таом наметавонам кард, тадбир чӣ бошад? Гуфт: Ҳазмшуда бихӯр.

Гуфтори нарм, суханҳои фаҳмо, забони беолоиш, ҷумлаҳои оддӣ, таъбирҳои содда ва мантиқи матин ҳусни навиштаҳои Убайди Зоконӣ аст, ки мӯҷиби шӯҳрати беандозаи онҳост.

# ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ
# (1321-1390)



Шамсиддин соли 1321 дар зодгоҳи Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ дар шаҳри Шероз, ки даҳҳо адибони забардаст аз хоки он хестаанд, ба дунё омада, тамоми умр он ҷо зистааст. Номи шоир Шамсиддин Муҳаммад ва тахаллусаш Ҳофиз аст. Сабаби Ҳофиз тахаллус гирифтани шоир он аст, ки ӯ Қуръонро аз ёд медонист ва ба чаҳордаҳ навъ тиловат мекард.

Падари Ҳофиз, ки Баҳоуддин ном дошт, дар Шероз ба касби тиҷорат машғул буд. Модари ӯ аз аҳли Козурун буд. Зиндагии осоишта дар хонадони Ҳофиз дер напоид. Ҳанӯз дар вақти тифл будани Ҳофиз падари ҷавони ӯ аз олам гузашт. Аз ӯ чанд фарзанди хурдсол ятим монданд. Дар андак вақт мероси гузоштаи падар тамом шуд, бародарон ба ҷустуҷӯи луқмаи ноне ба ҳар тараф рафтанд. Ҳофиз, ки дар байни бародарон аз ҳама хурд буд, бо модараш дар Шероз монд. Модар фарзанди худро аз хӯроку пӯшок таъмин карда натавониста, ӯро ба дари каси сарватманде ба хизмат дод. Ҳофиз чанд сол дар дари он кас хидмат карда, баъд ба нонвое шогирд истод ва касби хамиргариро пешаи худ сохт. Меҳнати Ҳофизи хурдсол басе вазнин ва тоқатфарсо буд. Ӯ аз нимаи шаб то субҳ хамир мекард ва музди ба даст овардаашро ба чаҳор ҳисса тақсим мекард: як ҳиссаи онро ба модараш медод, як ҳиссаро худаш сарф мекард ва як ҳиссаи дигарро ба мактабдор дода, рӯзонаҳо дар мактаби ӯ мехонд. Чоряки боқимондаро ба бечорагон хайр мекард.

Дар мактаб Ҳофиз истеъдоди фавқулоддаи фитрӣ зоҳир намуда, Қуръонро зуд аз ёд кард ва хондану навиштанро низ ба хубӣ омӯхт. Дар маҳалле, ки Ҳофиз мезист, баззозе дӯконе дошт, ки он ҷо аҳли адаб ҷамъ шуда, мушоира ва базми сухан меоростанд. Ҳофиз низ гоҳ-гоҳе аз он маҳфил файз гирифта, ба машқи шеър оғоз кард. Лекин бештари

вакти ӯ ба андӯхтани илм сарф мешуд. Ҳофиз дар баробари мустақилона омӯхтани адабиёти форсӣ, забону адабиёти араб, ҳадису фиқҳ, хандасаву нуҷум, Қуръонро бо ҷидду ҷаҳд фаро гирифта, дар андак замон ҳамчун шахси олим машҳур шуд. Ӯ ҳатто ба китоби машҳури Тафсири кашшоф шарҳ навишт. Беҳуда нест, ки навишта буд:

Илму фазле, ки ба чил сол дилам ҷамъ овард,
Тарсам он наргиси мастона ба яғмо бибарад.

Вай чанде мударрисӣ кард. Ба шогирдон аз тафсир сабақ медод. Вале дере нагузашта онро тарк намуд. Бинобар ин сарбаландона мегӯяд:

На қозиям, на мударрис, на муфтиям, на фақеҳ,
Маро чӣ кор, ки манъи шаробхора кунам.

Ҳофиз дар замоне ҳаёт ба сар мебурд, ки задухӯрдҳои пайдарпайи ҳокимони маҳаллӣ мамлакатро хароб ва мардумро хонавайрон мекарданд. Махсусан, ҷангҳои ҳокими айшпарасту бепарвои Шероз Абӯисҳоқи Инҷу (1341-1353) бо ҳокими Кирмон Амир Муборизиддин, ки соли 1353 Абӯисҳоқи Инҷуро мағлуб карда, дар Шероз салтанати хонадони Оли Музаффар (1314-1393)-ро барқарор намуд, низоъҳои харобиовари Амир Муборизиддин ва фарзандонаш ва умуман кашмакашиҳои авлодони Оли Музаффар ва бар болои ин ҳуҷуми истилогаронаи Темур дар соли 1387 Форсро ба харобазор табдил дод. Махсусан баробари ба тахти салтанат нишастани Муборизиддин Муҳаммад (1353-1356) оромӣ ва осудагии мардум тамоман аз байн меравад. Зеро Муборизиддин шахси мутаассиб ва ҷоҳил буд. Аҳолии Шероз ӯро "подшоҳи мӯҳтасиб" мехонданд. Ҳофиз ин ғазалро, ки шиквахои ҷонкоҳи он замонро ба гӯш мерасонад, гӯё маҳз ба муқобили ӯ навишта будааст:

Агарчи бода фараҳбахшу бод гулбез аст,
Ба бонги чанг махӯр май, ки мӯҳтасиб тез аст.
Сурохиеву ҳарифе гарат ба чанг афтад,
Ба ақл нӯш, ки айём фитнаангез аст.
Дар остини муракқаъ пиёла пинҳон кун,
Ки ҳамчу чашми сурохӣ замона хунрез аст...

Халқ мегӯяд "Чоҳкандаро чоҳ дар пеш". Оқибат худи Муборизиддинро фарзандонаш сарнагун ва кӯр карданд. Ба ҷои ӯ Шоҳ Шуҷоъ (1358-1385) ба тахт нишаст. Шоирон дар ҳаққи ӯ мадҳияҳо гуфтанд. Ҳофиз ҳам дар ин воқеа бетараф намонда аз сарнагун шудани шоҳи ҷоҳил хурсандӣ изҳор кард:

Эй дил, башорате диҳамат, "мӯҳтасиб" намонд,
В-аз май ҷаҳон пур асту бути майгусор ҳам.
Он шуд, ки чашми бад нигарон будӣ аз камин,
Хасм аз миён бирафту сиришк аз канор ҳам.

Аммо ба сари ҳокимият омадани Шоҳ Шуҷоъ аҳволи мамлакат ва

халкро бехтар накард. Вай ҳам тариқи падарро давом дод ва ҳамнишини шайхони мутаассиб гашт. Азбаски Шоҳ Шуҷоъ ҳам шеър менавишт ва ашъори ӯ дар зери партави ашъори Ҳофиз бенуру беравнақ буд, ӯ ба Ҳофиз душмании зиёд меварзид ва аз пайи озори ӯ меғашт. Баъд аз фавти Шоҳ Шуҷоъ дар соли 1385 писари ӯ Зайнулобидин ба тахт менишинад. Лекин салтанати ӯ дер намепояд. Чунки ҳуҷумҳои Темур ба кишварҳои ҳамсоя аҳолии Форсро ҳам ором нагузошт. Ниҳоят, соли 1387 Темур ба Форс лашкар кашида, барои тарсондани мардум дар Сабзавор ва Систон калламанора сохт. Инчунин, Темур Исфаҳонро забт карда, ҳафтоду панҷ ҳазор касро аз дами шамшер гузаронд. Ин дар таърихи лашкаркашии Темур ҳодисаи номатлуби ягона нест.

ҲАЁТИ ШОИР

Нақл мекунанд, ки Темур баробари ба Шероз дохил шудан Ҳофизро ба назди худ чеғ мезанад. Дар байни онҳо сӯҳбат воқеъ мегардад. То қадом дараҷа ба ҳақиқат наздик будани ин ривоят маълум нест. Ба ҳар ҳол агар ин ҳикоятро аз ривоятҳои халқӣ ҳисоб кунем ҳам, барои пурра шудани симои шоир аз рӯи тасаввуроти халқ аҳамияти калон дорад ва халқдӯсту ватанпарвар будани Ҳофизро ифода мекунад. Масалан, Давлатшоҳи Самарқандӣ (асри XV) навиштааст: "Нақл аст, ки ба вақте ки соҳибқирони аъзам Темур Курагон... Форсро мусаххар сохт ва Шоҳ Мансурро ба қатл расонид, Ҳофиз дар ҳаёт буд. Ӯро талаб кард ва чун ҳозир шуд гуфт:

- Ман ба зарби шамшер аксари рубъи маскунро мусаххар сохтам ва ҳазорон ҷой ва вилоят вайрон кардам, ки Самарқанд ва Бухоро, ки ватани ман аст, ободон созам, ту мардак ба як холи ҳинду Самарқанд ва Бухороро мефурӯшӣ, дар ин байт, ки гуфтаӣ:

Агар он турки шерозӣ ба даст орад дили моро,  
Ба холи ҳиндуяш бахшам Самарқанду Бухороро,

Хоҷа Ҳофиз:

- Эй султони олам, аз ин навъ бахшандагист, ки бад ин рӯз афтодаам, - гуфт бо киноя ва ба ҷандаҳои худ ишорат кард".

Аз ин ҷавоби Хоҷа Ҳофиз Темур мот шуд, чунки ӯ аз шоир илтиҷою илтимосҳо мунтазир буд. Ҳофиз ҳашамати ӯро ба эътибор нагирифт.

Ин ҳикоят шояд воқеӣ бошад, чунки ҳангоми бори аввал дар соли 1387 ба Шероз ҳуҷум кардани Темур Хоҷа Ҳофиз зинда буд ва дар Шероз мезист.

Дар баробари нооромии замон, задухӯрдҳои ашрофзодагон, қатлу ғорати бегонагон, аҳволи зиндагии Ҳофиз ҳам, бешубҳа, тоқатфарсо буд. Махсусан, ҳокимону давлатмандони Шероз ба қадри сухани Ҳофиз намерасиданд. Аз ҳамин ҷиҳат шоири бузургвор "раҳ набурдам ба мақсуди худ андар Шероз" - гӯён лаб ба шиква кушода, хитоб мекунад:

Ҷонам фидои хотири соҳибдиле, ки гуфт:
"Шероз ҷои мардуми соҳибкамол нест".

Ва мехоҳад аз он мардумони гавҳаршинос фирор кунад:

Сухандонию хушхонӣ намеварзанд дар Шероз,
Биё, Ҳофиз, ки мо худро ба мулки дигар андозем.

Бо вуҷуди ин қадар парешонӣ Ҳофиз шабу рӯз кор мекард, шеър мегуфт. Ғазалҳои намакини ӯ дар саросари кишварҳое, ки забони тоҷикӣ-форсиро медонистанд, ғулғулаҳо меафгananд ва ба қавли Давлатшоҳи Самарқандӣ дар ҳама ҷо "мақбули дили хавосу машҳури авом" мегардид.

Мураттиби номаълуми девони Ҳофиз низ пас аз андак муддати вафоти ӯ хабар медиҳад, ки шеъри Ҳофиз бо тамоми ҷалол ва шукӯҳ зуд ба ақсои Туркистон, Ҳиндустон, Ироқайн ва Озарбойҷон расида, ғазалҳои шӯрангези ӯ чунон мақбули хосу ом гашта буданд, ки маҷлисе бе нуқли сухани завқомези ӯ равнақ намеёфт. Худи Ҳофиз низ боифтихор мегӯяд:

Зи шеъри Ҳофизи Шероз мехонанду мерақсанд
Сияҳчашмони кашмирию туркони самарқандӣ.

Овозаи Ҳофизро шунида, ҳокимони гуногун аз Ҳиндустону Ироқ мехоҳанд, ки Ҳофиз дар дарбори онҳо хидмат кунад. Ӯро бо ин мақсад даъват мекунанд. Чунончи, дар замони Муборизиддин, ки аҳволи Ҳофиз дар Шероз ниҳоят табоҳ буд, Султон Увайс бинни Шайх Ҳасани Элхонӣ ӯро ба Бағдод даъват намуд. Дере нагузашта бародари ӯ Аҳмад Султон Увайсро кушта дар соли 1382 ба тахт нишаст. Ӯ низ хост, ки Ҳофизро ба дарбори худ ҷалб намояд. Вале Ҳофиз аз Порс ба ҷониби Бағдод рағбат накард ва ба хушкпораи нони ватани худ қаноат намуда, онро аз шаҳди шаҳрҳои ғарибӣ боло гузошт.

Ҳофиз Шерозро басе дӯст медошт ва ба он ифтихор мекард:

Шерозу Оби Рукниву ин боди хушнасим,
Айбаш макун, ки холи рухи ҳафт кишвар аст.

Аз ин рӯ, ба сахтиву зорӣ ҳам бошад, зиндагии Ҳофиз асосан дар Шероз гузаштааст ва дар тамоми умри худ ду бор ба Язду як бор ба Исфаҳону Ҳурмуз ба сафар баромадани ӯро муҳаққиқон тахмин мекунанд.

Вафоти Ҳофиз дар соли 1390 мелодӣ воқеъ гардидааст.

## Мероси адабии Ҳофиз

Аз Ҳофиз девоне боқӣ мондааст. Нусхаҳои мӯътабари он одатан аз 495 ғазал, 43 рубоӣ, 34 қитъа, 3 қасида, 2 маснавии кӯтоҳ, ки яке 29 байт ва дигаре (машҳур ба Соқинома) 59 байт мебошад, гирд оварда шудаанд. Ҳаҷми умумии девони шоир 4650 байтро ташкил мекунад.

Чунонки мебинем, эчодиёти Ҳофиз асосан аз ғазал иборат аст.

Ҳофиз дар таърихи адабиёти форсу точик маҳз чун устоди беҳамтои ғазал мақом дорад ва шинохта шудааст. Асосгузори ғазали точикӣ устод Рӯдакист. Вале чараёни шаклгирии ғазал якчанд аср давом карда, заминаи он агар дар адабиёти точику форс ҳанӯз дар асрҳои X-XI ба вучуд омада бошад ҳам, ғазал ҳамчун жанри адабӣ дар асрҳои XII ва XIII ниҳоят тараққӣ ёфт. Инкишофи тадричии ғазал дар эчодиёти шоирони асрҳои XI-XII давом карда, пурра шакл гирифтани он дар эчодиёти Саъдӣ (1184-1292) ва муосирони ӯ анчом ёфт. Лекин дар тамоми ин давраҳо ғазал як навъ намонд. Масалан, шоирони асрҳои X-XII кам ғазал мегуфтанд. Ғазалҳои онҳо чандон нафис набуд. Дар ғазалҳои Анварӣ, Заҳир ва ғайра хаёлбофӣ ва нуктаофаринӣ кам буд. Шакли зоҳирии ғазал (тарзи қофиябандӣ, асосан 7-12 ва гоҳе то 19 байт будани он, дар мактаъ ҳатман оварда шудани тахаллус) дар асри XII тамоман сурат гирифта, дар мундаричаи он бар зами васфи ишқ, ки мавзӯи асосии ғазал мебошад, оҳангҳои шикоят, танқид, панду ҳикмат баъдтар роҳ ёфт. Саъдӣ ва атрофиёни ӯ ғазалро ба пояи баланди тараққӣ расониданд. Аз ҳамин чиҳат Саъдиро асосгузори ҳақиқии ин жанр ҳисоб мекунанд. Ҳофиз ҳам "устоди ғазал Саъдист" мегӯяд. Саъдӣ дар инкишофи ғазал хидмати босазоеро анчом дода, махсусан дар кор кардани забони ғазал, маҳдуд гардонидани мазмун, латофат ва вазнҳои ғазал саҳми бузург дорад.

Яке аз хусусиятҳои барчастаи ғазал аз ибтидои пайдо шуданаш он аст, ки аксар ҳар байт маънои тому мустақил ва ҳатто мавзӯи дигар дорад. Агар аз ғазал ин ё он байт партофта шавад ва ё пешу пас карда шавад, ба маъно осеби чиддӣ намерасад. Ин хосияти ғазал таърихан хеле пеш шурӯъ шуда, рӯз то рӯз такомул меёфт, маҳз дар эчодиёти Ҳофиз шакли ниҳоӣ мегирад. Байтҳои ғазали Ҳофиз аксаран маънои мустақилро дарбар кардаанд.

Хулоса, ғазал аз навъҳои шеъри точикист, ки бештар мазмуни ошиқона дорад. Дар он бо суханони нарму салис кайфияти ишқу муҳаббат, сифатҳои маъшуқа, хусусан зулфу хол, ҳусну чамоли духтарону дилбарон, хулқу хӯи маҳбуба, андешаю эҳсоси ошиқ, гуфтугӯи ӯ бо маъшуқа ё дӯст, ҳичрону висоли дилдодагон ва амсоли инҳо васф карда мешавад. Ҳангоми тасвири висол ё мачлиси унс ба тавсифи шаробу кабоб, чангу рубоб ва зебоиҳои табиат пардохтани шоир ғазалро фораму гуворо мегардонад. Дар ғазалҳои Ҳофиз рӯҳияи ошӯбгарона аҳамияти ичтимоии онҳоро афзун мегардонад.

Ғазалҳои маъмулӣ аз 7 то 11 байт буда, ғазалҳои 5-6, 12-14 ва ҳатто 15-20 байта низ вомехӯранд. Ҳамаи байтҳои ғазал вазну қофияи ягона доранд: ду мисраи матлаъ ва тамоми мисраъҳои чуфт дар қофия муттаҳид мебошанд. Яъне ғазал аз чиҳати қофия ба қасида монанд аст: аа, ба, ва, га ва ғайра. Ба ғайр аз ин, ғазал метавонад, ки радиф дошта бошад.

Байти аввали шеър, аз ҷумла байти аввали ғазалро матлаъ меноманд. Агар шоир дар ибтидои шеър, хусусан, ғазал матлаъро бо суханҳои нарм, таъбирҳои ба гӯш хушоянда, ки маъниро барҷаста ва марғуб ифода менамоянд, зебо баён кунад, ин тарзи ифодаро ҳусни матлаъ мегӯянд. Баробари ин, дар матлаъ вазни ғазал, қофия ва радифи он муайян мешавад. Ҳамаи ин унсурҳои матлаъ майл ва рағбати хонандаро барои мутолиаи давоми он ҷалб менамоянд. Ғазалҳои Ҳофиз ҳама бо ҳусни матлаъ ороста шудаанд, мисли:

Марҳабо, эй пайки муштоқон, бидеҳ пайғоми дӯст,
То кунам ҷон аз сари рағбат фидои номи дӯст.

Охирин байти ғазал мақтаъ ном дорад. Ҳусни мақтаъ талаб мекунад, ки мазмуни ғазал дар байти охирин бо суханҳои зебо ба тарзи дилрабо ҷамъбаст ва хатм карда шавад. Дар ғазал одатан ҳусни мақтаъ бо ҳусни тахаллус якҷоя ифода мегардад. 455 ғазали Ҳофиз чунин хусусият дорад. Ҳофиз дар ин маврид ҳам доди суханро медиҳад. Ҳусни мақтаъ ва ҳусни тахаллус дар ғазалҳои ӯ ниҳоят барҷаста ҳувайдо мегардад, монанди:

Ҳофизо, ғам махӯр, ки шоҳиди бахт
Оқибат баркашад зи чеҳраниқоб.

Ё:

Ҳофиз, чу оби лутф зи назми ту мечакад,
Ҳосид чи гуна нукта тавонад бар он гирифт?

Ё ин ки:

Субҳдам аз арш меомад хурӯше, ақл гуфт:
Қудсиён гӯӣ, ки шеъри Ҳофиз аз бар мекунанд.

**САРОЯНДАИ ИШҚ.** Нахустин байт ва аввалин ғазали Ҳофиз, ки девонҳои маъмули Ҳофиз бо ин шурӯъ мешаванд, дар ситоиши ишқ, ишқи илоҳист. Албатта, гуфтан душвор аст, ки он ғазал аввалин ғазали гуфтаи Ҳофиз бошад. Вале аз рӯи анъана тамоми нусхаҳои хаттӣ ва девонҳи матбӯъи шоир бо он ғазал ифтитоҳ мегарданд:

Ало, ё айюҳассоқӣ, адир каъсан ва новилҳо,[1]
Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо.

Дарки мушкилоти ишқ мазмуни аксари ғазалҳои Ҳофиз аст. Дар таълимоти аҳли тасаввуф низ ишқ мақоми баланд дорад. Сӯфиён ишқро ягона василаи қаробат бо маъшуқи мутлақ - офаридагор медонанд. Аммо Ҳофиз даъво дорад, ки сӯфиёни замони ӯ аз ин оташ бебаҳра ҳастанд:

Нишони марди худо ошиқист, бо худ дор,
Ки дар машоихи шаҳр ин нишон намебинам.

Ҳофиз ба ҳар ҳол дар ғазалҳои ҷонгудози худ пеш аз ҳама ишқро

---

[1] Арабӣ, тарҷумааш: Ало, эй соқӣ, косаро пур кун аз шароби гуворо.

тараннум карда, ишқро беғозу беанҷом, сиришт ва пайванди ҳастӣ мешуморад. Вай оламро зодаи ишқ, ранги улфат ва тарҳи муҳаббатро қадимӣ ва инсонро таҷаллигоҳи нури ишқ медонад. Ба ақидаи ӯ маҳз ишқ инсонро аз мавҷудоти дигар мустасно ва баландмақом гардондааст:

Дар азал партави ҳуснат зи таҷаллӣ дам зад,
Ишқ пайдо шуду оташ ба ҳама олам зад.

Фаслафаи ишқ хонақоҳу харобот, масҷиду куништ, дайру майкада - ҳама ҷоро ҷилвагоҳи ҳастии мутлақ дониста, тамоми халқҳо ва дину мазҳабҳоро як медонад. Ҳофизи пайрави ин маслак мегӯяд:

Ҳама кас толиби ёранд, чӣ хушёру чӣ маст,
Ҳама ҷо хонаи ишқ аст, чӣ масҷид, чӣ куништ[1].

Ошиқи тасвиркардаи Ҳофиз шахси озодест, ки ҳарими ишқро болотар аз ақл медонад, водаи "ҳусни худодод" аст, пайваста аз ҳусни маъшуқа дар ҳозиру ғоиб завқ мебарад. Вай бо покӣ ва ҷонбозӣ, ки шарти ишқ аст, ба васл расида, аз ин неъмат ба ваҷд меояд. Чунин ошиқ шароби васлро нӯшида, ноз ба фалаку ҳукм бар ситора мекунад. Аммо дар фироқи ҷонона нолаи ҷонгудозе аз сина берун меорад, аз номеҳрубонии ёри бевафо ба табу тоб афтода, гиребон пора намуда, дар роҳи ишқ ҳавасро намепазирад. Маҳбубаи ба қалам додаи шоир бошад, баробари зебо ва хубрӯю ҷаззоб будан ниҳоят бераҳм аст, аз ошиқ мисли бахти он замон фарсаххо мегурезад. Бинобар ҳамин кам муяссар мешавад, ки дасти маъшуқ ба домани ӯ бирасад. Ин номеҳрубонии маъшуқа низ натиҷаи носозгории замон ва дунпарварии он аст.

Ишқи сурудаи Ҳофизро пеш аз ҳама метавон чун ишқи заминӣ, ишқи инсон ба инсон таъбир кард. Ин гавҳари якто ва ганҷи бебаҳо синну солро намедонад, ба ҷавонон далериву зӯр, ба пирон ҷавониву шӯр мебахшад. Васфи ишқ ва лаззатталабӣ дар ашъори Ҳофиз тавъам меояд. Зеро ситоиши ин ду василаи хушнудии инсон дар ашъори Ҳофиз чун воситаи барҷастаи ифодаи эътироз ва ошӯб хизмат мекунад. Махсусан мавзӯи май ва бодагусорӣ бо ишқварзӣ ҳамеша қарин аст. Аз ин рӯ Ҳофиз майро тухми хушдилӣ дониста, хитоб мекунад:

Ба ҳеҷ ваҷҳ набошад фурӯғи маҷлиси унс
Магар ба рӯи нигору шароби ангурӣ.

Чунон ки мебинед, шароби тасвиркардаи Ҳофиз танҳо рамз ё василаи оддии сархушкунанда нест, балки он шароби воқеӣ мебошад, ки чун рамзи ҳаёти моддӣ ба инсон кайфу сурур мебахшад ва ғами ӯро дур мекунад. Дар байти зер матлаб боз ҳам ошкоротар баён шудааст:

Шароби талх мехоҳам, ки мардафган бувад зӯраш,
Ки то як дам биёсоям зи дунёву шару шӯраш.

Аз ашъори ишқии Ҳофиз ҳувайдост, ки ӯ бандаи ишқ аст ва зӯҳду тақворо дар назди ишқ ҳеҷ мешуморад:

[1] **Куништ** - ибодатгоҳи насрониён.

Фидои пираҳани чоки маҳрӯён бод
Ҳазор чомаи тақвою хирқаи парҳез.

Ишқи пазируфтаи шоир ишқи рӯз ба рӯз афзоянда ва илҳомбахш аст:

Ишқат на сарсарист, ки аз сар бадар шавад,
Меҳрат на оразист, ки чои дигар шавад.
Ишқи ту дар вуҷудаму меҳри ту дар дилам,
Бо шир андарун шуду бо чон бадар шавад.

Аммо бо ин кор тамом намешавад, ошиқ пайваста дар роҳи рушди он мекӯшад, чунонки шоир фармудааст:

Даст аз талаб надорам, то коми ман бароят,
Ё тан расад ба чонон ё чон зи тан бароят.

Ишқи сурудаи Ҳофиз ишқи заминӣ буда, шоир зебоӣ ва ҳуснро ҳаммоҳият ва василаи ишқ дониста, бо илми назар аз ҷамоли чонона лаззат мебарад. Аммо дар ин роҳ ҳарис нест, зиёдатталабиро наменисандад ва ба инсони бахтҷӯ хитоб мекунад:

Зиёдатӣ маталаб, кор бар худ осон кун,
Сурохии майи лаълу буте чу моҳат бас.

Дар замоне, ки ҳама ҷоро қатлу ғорат ва зулму ҷавр ҳукмрон буд, инсон хору залил ва гирифтори кулфатҳо буд, одамонро ба ишқу хуррамӣ ва шодмонию сурур даъват намудани Ҳофиз аҳамияти бузурги инсондӯстона дошт.

## Фикрҳои сиёсию иҷтимоӣ дар ғазалҳои Ҳофиз

Инсонпарвари бузург Ҳофизи Шерозӣ бо сурудани ишқ ва васфи майу бодагусорӣ маҳдуд намешавад. Вай дар таърихи адабиёти форсу тоҷик суханварест, ки дар шеъри ишқӣ ба чои шикояту нолидан эътирози иҷтимоӣ ва ошӯбро тарғиб мекунад. Аз ҳамин ҷиҳат, дар ғазалҳои шоир, ки асоси воқеӣ доранд, оҳанги эътироз бар зидди нобаробарии иҷтимоӣ ва ошӯб бар зидди расму ойини ҳукмрон ва тартиботи Муборизиддину Темур дар эчодиёти ӯ қавӣ ҳувайдост. Чунончӣ, ӯ вазъи ногувори мамлакат, зиндагии тоқатфарсои мардум ва азоби рӯҳии худро дар замони ҳукмронии Зайнулобиддин бо сӯзу гудоз, вале дар зери пардаи суханҳои рамзомези рангин ба қалам дода, бар зидди ҷавру зулми замона хурӯч мекунад:

Сина моломоли дард аст, эй дареғо марҳаме,
Дил зи танҳоӣ ба чон омад, худоро, ҳамдаме!
Чашми осоиш кӣ дорад аз сипеҳри тезрав,
Соқиё, чоме ба ман деҳ, то биёсоям даме.
Зиракеро гуфтам: "Ин аҳвол бин", хандиду гуфт:

"Саъб[1] рӯзе, булаҷаб коре, парешон оламе".
Сӯхтам дар чоҳи сабр аз баҳри он шамъи Чигил[2],
Шоҳи туркон фориғ аст аз ҳоли мо, ку Рустаме?..[3]

Ҳақиқатан ҳам дар ғазалҳои Ҳофиз "дар миёни мисраъҳое, ки ба васфи ишқ, шароб, кайф, такомули рӯҳӣ гуфта шуда бошанд, бисёр вақтҳо дар ифодаҳои анъанавии тасаввуфӣ ҳам бошад, ба ногоҳ мисли барқ байтҳои муассире ба назар ҷилва мекунанд, ки воқеияти даҳшатангези бераҳмона, мунофиқӣ ва риёкории рӯҳониён, кундзеҳнӣ ва золимии ҳукуматдоронро фош мекунанд ва ҳам байтҳое вомехӯранд, ки дар онҳо ба тарзи ғайричашмдошт эътиқоди самимӣ ба ояндаи беҳтари пурнур, ба бахту саодат ёфтани одамизод на дар биҳишт, балки дар дунёи мавҷуда ошкор мешавад".

Ғояи зидди ҷанг, муқобили шӯру фитна ва алайҳи зулм дар саросари девони Ҳофиз ҳукмрон аст. Вале ин ғоя дар ғазалҳое, ки бо мисраъҳои "Агарчи бода фараҳбахшу бод гулбез аст", "Дар ин замона рафиқе, ки холӣ аз халал аст", "Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем", "Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?", "Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам" ва амсоли инҳо ниҳоят барҷаста садо медиҳад. Шоир дар ин навъ ғазалҳои худ аз айёми фитнаангези замонаи хунрез, гармии бозори зулм, беравнақии илм, касмахар будани ҳунар, беқадрии сухан, замонаи пур аз фитнаю ошӯб, пурмавҷ будани тӯфони ғам, риёву найранги зоҳидон, бемурувватии даврон ва ғайраҳо ба фиғон меояд. Ин вазъи накбатборро ғазали зерин бо тамоми ваҳшонияташ инъикос менамояд.

Ин чӣ шӯрест, ки дар даври қамар мебинам,
Ҳама офоқ пур аз фитнаю шар мебинам.
Ҳар касе рӯзи беҳӣ металабад аз айём,
Иллат он аст, ки ҳар рӯз батар мебинам.
Аблаҳонро ҳама шарбат зи гулобу қанд аст,
Қути доно ҳама аз хуни ҷигар мебинам.
Аспи тозӣ шуда маҷрӯҳ ба зери полон,
Тавқи заррин ҳама дар гардани хар мебинам.
Духтаронро ҳама ҷанг асту ҷадал бо модар,
Писаронро ҳама бадхоҳи падар мебинам.
Ҳеҷ раҳме на бародар ба бародар дорад,
Ҳеҷ шафқат на падарро ба писар мебинам.
Панди Ҳофиз бишунав, хоҷа, бирав, некӣ кун,
Ки ман ин панд беҳ аз дурру гуҳар мебинам.

Ин нукта низ ҷолиби қайд аст, ки афкори танқидии Ҳофиз аксар ҳадафҳои муайяне дошта, он бар зидди шахсони мушаххас нигаронда

---

[1] **Саъб** - сахт.
[2] **Чигил** - шаҳре дар Туркистон, ки бо занони хушрӯ машҳур буд.
[3] Ишора ба воқеаи аз чоҳ Бежанро озод кардани Рустам.

шудааст. Подшоҳони мутаассибу золим, монанди Амир Муборизиддин, Шоҳ Шучоъ, Темури Ланг, шайхони авомфиреб, мисли Имоди Факеҳ ва сӯфиёни солус аз қабили Шоҳ Неъматуллоҳи Валӣ бо Ҳофиз душманӣ меварзиданд. Танкиди Ҳофиз ҳам, асосан, ба муқобили ҳамин ашхос ва наздикони онҳо равона карда шудааст.

Дар ғазалҳои Ҳофиз байтҳое дучор мешаванд, ки ба муқобили чангу хусумат ва низоъҳои мазҳабие, ки боиси хунрезиҳои зиёд ва вайрониву харобии кишварҳои обод мегарданд, нигаронда шудаанд. Шоири бузург моҳияти ин кашмакашҳоро чунин ба қалам медиҳад:

Ҷанги ҳафтоду ду миллат ҳамаро узр бинеҳ,
Чун надиданд ҳақиқат, раҳи афсона заданд.

Ҳофиз ҳар гоҳ нобаробариҳои замонаро бинад, роҳи халосиро наёфта ба май рӯ меорад. Май дар ашъори ӯ ба ғайр аз он ки маънои сӯфиёнаи рамзӣ дорад, воситаи хушӣ, василаи ғамбарор ва мушкилкушо низ мебошад. Ин ҳол фалсафаи Ҳофизро ба таълимоти Хайём оид ба хуш гузаронидани ҳаёт наздик мекунад. Дар девони Ҳофиз абёте, ки бо оҳанги исёнталабӣ ва рӯҳи шӯришгарона дар танқиди аҳли замон гуфта шудааст, кам нест. Ҳофиз аксар ба дари арбоби бемурувввати даҳр нарафтанро тарғиб карда, дар хусуси дар байни аҳли ҷоҳ нишонае аз мурувват намондан фошофош сухан меронад:

Падид омад русуми бевафоӣ,
Намонд аз кас нишони ошноӣ.

Махсусан сифлапарвар будани чарх, дар гулшани замона бӯи вафо намондан, аз аҳволи бечораву дармондагон бехабар будани саркардагони кишвар ва ба гадоён кам илтифот кардани шоҳон ҷони шоирро дар ташвиш мегузорад. Бинобар ин садои дилхароше аз синаи ӯ берун меояд:

Ҳофиз, абнои[1] замонро ғами мискинон нест,
З-ин миён гар битавон, беҳ ки каноре гиранд.

Шоир зиндагии пурнозу неъмати сарватмандони кундзеҳн ва савлати зӯрмандони нобихрадро дида, аз беқадрии илму дониш дилаш реш мегардад ва ба ситоиши фақру дарвешӣ пардохта, камтарин қадри дарвешонро аз маҳ то ба моҳӣ медонад, ки худи ин як намуди эътирози иҷтимоӣ аст. Ҳофиз ҳатто қаробат бо сарватмандону амалдоронро боиси тирагӣ ва ҷаҳл шумурда, аз онҳо дурӣ ҷустанро ташвиқ менамояд:

Сӯҳбати ҳукком[2] зулмати шаби ялдост[3],
Нур зи хуршед хоҳ, бу[4] ки барояд.

---

[1] **Абно** - фарзандон, писарон.
[2] **Ҳукком** - ҳокимон.
[3] **Шаби ялдо** - дарозтарин ва ториктарин шаби сол.
[4] **Бу** - кӯтоҳшудаи "бувад", шояд.

Бар дари арбоби бемурувввати дунё
Чанд нишинӣ, ки хоча[1] кай ба дар ояд?

Дар асри XIV дар роҳи ошӯб Ҳофиз танҳо набуд. Эҷодиёти Убайди Зоконӣ, Камоли Хуҷандӣ, Носири Бухороӣ, Ибни Ямин ва амсоли инҳо низ то андозае ба ашъори Ҳофиз ҳамоҳанг аст. Лекин гуфтори Ҳофиз байни гуфтори онҳо беҳамтост. Ҳофизи ҷаҳондон ва инсоншинос дуруст дарёфтааст, ки замонаи шум, вайрониҳо ва бесарусомониҳо мардумро низ сахтдил ва ёронро бевафо мегардонад. Вай ин мушкилро ҳал карда наметавонад, дар назди ин бало оҷиз аст. Сарриштаи ин ҳама бадиҳою офатҳоро мехоҳад, ки дарёбад, вале ҳайҳот, ки ба он ноил намешавад ва ба нотавонии худ дар ин роҳ тан медиҳад. Аммо саволҳои ҷавобталаби ӯ касро ба андеша мебаранд:

Ёрӣ андар кас намебинем, ёронро чӣ шуд?
Дӯстӣ кай охир омад, дӯстдоронро чӣ шуд?
Шаҳри ёрон буду хоки меҳрубонон ин диёр,
Меҳрубонӣ кай сар омад, шаҳриёронро чӣ шуд?
Кас намегӯяд, ки ёре дошт ҳаққи дӯстӣ,
Ҳақшиносонро чӣ ҳол афтод, ёронро чӣ шуд?
Лаъле аз кони мурувват барнаомад, солҳост,
Тобиши хуршеду саъйи боду боронро чӣ шуд?

Дар замони Ҳофиз қозию муфтӣ, зоҳиду обид, мударрису воиз, хулоса ҳама чун ғуломони ҳалқабаргӯш бо табақаи ҳоким дастубадаст шуда, хуни халқро мемакиданд. Дар ин роҳ онҳо фиребу макр ва риёву тазвирро аслиҳа карда буданд. Аз мушоҳидаи амали онҳо Ҳофиз ба танг меомад. Вале Ҳофиз бо вуҷуди он ки тамоми умр аз сахтию маҳрумиятҳо, риёву солус ва зӯҳдфурӯшиву авомфиребӣ ба танг меомад, каси ноумед нест. Ӯ навмедиро наменисандид, Ҳофиз бо тамоми қувват тилисми риёкориро шикаста, найрангу шӯъбадабозиҳои аҳли ҷоҳро фош карда, бо киноя ё фошофош пардаро аз рӯи сиёҳкориҳои зоҳидони мардумфиреб ва фақеҳони молимардумхӯр мебардорад:

Айби риндон макун, эй зоҳиди покизасиришт,
Ки гуноҳи дигаре бар ту наҳоҳанд навишт.
Ман агар некаму гар бад, ту бирав худро бош,
Ҳар касе он даравад оқибати кор, ки кишт.

Аз ин рӯ, Ҳофиз тоқи хонақоҳу работро ба ним ҷав намехарад, нағмаи рубобро аз шунидани ваъз, мастиву ниёзро аз рӯзаву намоз ва риндиро аз тақво боло гузошта, барои халосӣ ёфтан аз ғами замона ба шароби арғувонӣ рӯ меоварад:

Ғами замона, ки ҳеҷаш карон намебинам,
Давош ҷуз майи чун арғавон намебинам.

[1] **Хоча** - ҷаноб.

Ӯ ба чуну чароҳои зиёди зиндагӣ ва ҳастӣ ҷавоб наёфта, аз кашф нагардидани асрори ҷаҳон ба танг меояд. Ба он пурсишҳои ӯ на ҳикмат ва на ирфон ҷавоб дода наметавонад. Ин афкори Ҳофиз ӯро ба ақидае мебарад, ки асрори ҷаҳон кашфношуданӣ аст. Ҳамин кашф нашудани асрор шоирро ба тарафи шаккокият мекашад. Вай ҷанги ҳафтоду ду миллатро ҳам натиҷаи кашф нагардидани асрори ҳастӣ медонад. Вале аз ин ҳол ӯ басе афсӯс мехӯрад ва ба муддаъии худ хитоб мекунад:

Зи сирри ғайб кас огоҳ нест, қисса махон,
Кадом маҳрами дил раҳ дар ин ҳарам дорад?

Панди Ҳофиз ҳам аксар дар мавридҳои муайян ва шахсони муайян гуфта шудааст, ки ин арзиши онро басе меафзоёнад. Султон Аҳмад - ҳокими Бағдодро эътиқоди азим дар ҳаққи Ҳофиз буд ва ӯ чандин бор талаб кард, ки Ҳофиз ба дарбори ӯ омада, хизмат кунад. Вале Ҳофиз аз порс ба ҷониби Бағдод рафтанро қабул накард. Азбаски он ҳоким таклифи худро чандин бор такрор кард, Ҳофиз боре ғазале навишта, ба ӯ мефиристонад ва ба воситаи он султон Аҳмадро, ки шахси басе золим будааст, ба адлу додгустарӣ даъват мекунад. Агар ба назар гирем, ки ин байти Ҳофиз дар замоне гуфта шудааст, ки шайхи мутаассиб Имоди Фақеҳ, ки дар дарбори Мубориздиддин нуфузи калон дошт, шоҳонро на ба адлу додгустарӣ, балки ба тақводориву намозхонӣ даъват мекард, аҳамияти байти Ҳофиз даҳчанд меафзояд. Имоди Фақеҳ тарғиб мекард:

Гар зи мани сӯхтадил бишнавӣ,
Дин ба каф орию бад-ин бигравӣ:
Шоҳ, ки саҷҷоданишинӣ кунад,
Рӯзу шабаш бахт қаринӣ кунад.

Ҳофизи бузургвор баръакс вазифаи шоҳро танҳо дар адлу инсоф кардан мебинад ва яксоата адли ӯро аз ҳазорсола зӯҳду тоат боло мегузорад, ки ин ҷасорати бениҳоятро талаб мекард. Ҳофиз изҳори ақида мекунад, ки

Даври фалакӣ яксара бар манҳаҷи адл аст,
Хуш бош, ки золим набарад роҳ ба манзил.

Ҳофиз дар охирҳои умраш шоҳиди харобкориҳои Темур гардида буд. Зеро дар соли 1387 Темур ба сӯи Форс лашкар кашид. Ҳофиз медонист, ки ҳангоми забти Сабзавор ва Систон бо амри Темур калламанораҳо сохта шуданд. Инчунин, Темур Исфаҳонро забт карда, ҳафтоду панҷ ҳазор касро аз дами шамшер гузаронда, шаҳри Хоразмро хароб карда, дар ҷои он ҷав корид. Темур дар олам тухми марг ва ҳарос мекошт. Ҳофиз бадкирдориҳои Темурро шунида, бо киноя ҳам бошад, кирдори Темур ва наздикони ӯро мазаммат мекунад, ки боз як бори дигар ҳаммароми халқи меҳнаткаш будани Ҳофизро мефаҳмонад:

Ба хубон дил мадеҳ, Ҳофиз, бубин он бевафоиҳо,
Ки бо хоразмиён карданд туркони самарқандӣ.

Ҳофиз бо ҳама ранҷу машаққат, нооромии замон, бахти парешону дасти кӯтоҳ ва малул будан аз ғаму ҷаври рӯзгор шахси некбин буда, тан ба қазо намедиҳад. Ӯ нолаву шикоятро камтар меписандад. Баръакс, ӯ боварӣ изҳор мекунад, ки бо вуҷуди он ки лашкари зулм кишварро саросар фаро гирифтааст, золим роҳ ба манзил нахоҳад бурд ва ҳама задухӯрдҳо, бесариҳо, ҷавру зулмҳо рӯзе ба поён мерасанд ва дар охир адл бар зулм ғалаба карда, рӯзи фирӯз фаро мерасад:

Эй дил, сабур бошу маҳӯр ғам, ки оқибат
Ин шом субҳ гардаду ин шаб саҳар шавад.

Умри азизи бебадалро гиромӣ донистан ва ҳамин ҳаётдӯстиву некбинии Ҳофиз ҷиҳати аз ҳама мусбати ҷаҳонбинии ӯро ташкил мекунад. Зеро ҳаётдӯстӣ ва меҳр ба зиндагӣ аз қадимулайём аз ормонҳои наҷиби инсонистанд, ки ҳамеша дар муқобили таассуби мазҳабӣ ва қавмӣ меистанд. Ҳофиз навид медиҳад:

Расид мужда, ки айёми ғам нахоҳад монд,
Чунон намонду чунин низ ҳам нахоҳад монд.

Ҳофиз масъалаи марг ва зиндагиро ҳеҷ гоҳ аз хотир намебарорад. Ӯ ҳар рӯз аз даҳони воизону зоҳидон мешунавад, ки умри инсон дар ин дунё бебақост ва ӯ бояд дар он дунё баъди мурда зинда шудан роҳат бинад, аз ин ҷиҳат бояд зиндагии худро сарфи рӯзи мурдан кунад. Ба андешаи Ҳофиз азбаски оқибат ҷои инсон сарзамини хомӯшон аст, азиз донистани шаби васл ва сӯҳбати дӯстони ҷонӣ, лаззат гирифтан аз неъматҳои моддӣ ва маънавии дунё, ғанимат шумурдани фурсати айш дар умри гузарон шарт ва ҳатмист. Шоир таълим медиҳад, модоме ки "охируламр гили кӯзагарон хоҳӣ шуд", бояд қадри зиндагии ин ҷаҳонро донӣ, аз лаззати он баҳравар шавӣ:

Боғи фирдавс латиф аст, валекин зинҳор,
Ту ғанимат шумар ин сояи беду лаби кишт!

Яке аз образҳои дӯстдоштаи Ҳофиз образи ринд аст, ки пайваста дар ашъори ӯ зикр мешавад. Дар ғазалҳои Ҳофиз ба ғайр аз **ринд ошиқ, соқӣ, муғаннӣ, ёр, дӯст, пири муғон,** худи шоир - **Ҳофиз** образҳои мусбат мебошанд. Онҳо бо рақиб, рӯҳониён, золимон, замонаи шум ва фалаки каҷрафтори дунпарвари ҳунармандкуш мубориза мебаранд. Ринд касест озода, зирак, ҳушёр, бебок, лоубол, густох, шӯх, борикбин, дақиқназар, майхора ва бодапараст. Вале ҳидояти пири харобот ӯро аз ҷаҳл раҳо сохтааст. Тамоми сифатҳои ринд, ки ҷамоли рӯҳонӣ ва камоли ҷисмонии ӯро таҷассум менамоянд, аз тартиботи феодалӣ ва нобаробарии иҷтимоӣ норозӣ будани ӯро намоиш дода, ба он нигаронида шудаанд, ки аз рӯи мантиқ ва далел банди одат ва урфиётро гусаста, хурофот ва мавҳумотро рад кунад, пардаи тақлидро бидарад. Ҳофиз ба воситаи ин образ ва аксар аз забони ӯ фикрҳои озодихоҳонаи худро баён карда, шайхону муршидонро ҷоҳил дурӯя,

риёкор, фосиқ ва бадмазҳаб мешуморад. Шоир худро низ пайрави пири муғон ва ринд мешуморад ва ба ин ифтихор дорад:

Бар сари турбати мо чун гузарӣ, ҳиммат хоҳ,
Ки зиёратгаҳи риндони ҷаҳон хоҳад буд.

**ТАНҚИДИ АҲЛИ РИЁ**

Тасвири зебоиҳои табиат дар ашъори Ҳофиз низ ба ақидаи риндии ӯ вобаста буда, шоир дар ҳусни табиат манбаи ҷовидонии шодмониро мебинад. Вале ӯ ягон шеъре надорад, ки пурра ба табиат бахшида шуда бошад. Табиат дар ашъори Ҳофиз ишқ, хушгузаронии рӯзгор ва покии замири инсонро пурра мекунад. Ин хусусият махсусан дар ғазалҳои "Боди наврӯзӣ", "Ҷамолат офтоби ҳар назар бод", "Сабо ба лутф бигӯ он ғизоли раъноро" ва амсоли инҳо равшантар ба назар мерасад. Дар чунин ғазалҳо фасоҳат ва балоғат ба дараҷаи аъло расида, суханҳои нозук ва вазнҳои дилпазир онҳоро хеле дилрабо мегардонанд:

Зи кӯи ёр меояд насими боди наврӯзӣ,
Аз ин бод ар мадад хоҳӣ, чароғи дил барафрӯзӣ.

**ПАНДИ ШОИР.** Ашъори панду ахлоқии Ҳофиз сифатҳои ҳамида ва хислатҳои неки инсонро ситоиш намуда, бо як талоши хастагинопазире мардумро ба вафо ва ростӣ мехонад ва сифатҳои бади инсониро мазаммату маҳкум мекунад. Аз ин рӯ, девони ӯ, дар баробари арзишҳои дигараш, махзани панду насиҳат низ мебошад. Панди Ҳофиз панди хушк набуда, шоири бузург дурри маъниро бо сӯхони ақл суфтааст. Аз ин рӯ панди вай мисли ҳукми қатъии ҳаёт садо медиҳад:

Эй бехабар, бикӯш, ки соҳибхабар шавӣ,
То раҳрав набошӣ, кай роҳбар шавӣ.

Тарғиби кӯшишу кор, такопӯ дар талаби мақсад, қаноат, матонат ва афъоли дигари писандида аз хусусиятҳои наҷиби афкори таълимии Ҳофиз аст. Вай ҳунар ва илмро меситояд:

Равандагони ҳақиқат ба ним ҷав нахаранд
Қабои атласи он кас, ки аз ҳунар орист.

Дурӣ ҷустан аз ҳамсӯҳбатони ноҷинс айни савоб аст:

Нахуст мавъизаи[1] пири сӯҳбат ин ҳарф аст,
Ки аз мусоҳиби ноҷинс эҳтироз[2] кунед!

Хоксорӣ ва фурӯтанӣ инсонро зеб медиҳад, аммо худбинӣ, худхоҳӣ, ғурур ва кибр боиси хориҳост, инро набояд аз хотир баровард:

Дар маҳфиле, ки хуршед андар шумори зарра-ст,
Худро бузург дидан шарти адаб набошад.

Ҳофиз дар васфи дӯсту рафиқ ва қадри дӯстиву рафоқат суханро дареғ намедорад. Ӯ дӯстро маҳрами роз, мӯниси кунҷи танҳоӣ, кимиёи

---

[1] **Мавъиза** - панд.
[2] **Эҳтироз** - ҳазар.

саодат, бехтарин ёригари зиндагӣ ва дасттир дар рӯзҳои бад ва ночор диниста, хитоб мекунад:

Дарахти дӯстӣ биншон, ки коми дил ба бор орад,
Ниҳоли душманӣ баркан, ки ранҷи бешумор орад.

Ҳофиз дар васфи дӯстӣ на танҳо байтҳои алоҳида, балки ғазалҳои пурра низ гуфтааст, ки намунаи бехтарини онҳо ин ғазал аст:

Донӣ, ки чист давлат, дидори ёр дидан,
Дар кӯи ӯ гадоӣ бар хусравӣ гузидан.
Аз ҷон тамаъ буридан осон бувад, валекин
Аз дӯстони ҷонӣ мушкил бувад буридан.

**РИНДИ ОЛАМСӮЗ**

Ҳофиз анъанаи Саъдӣ, Салмон ва Хоҷуро идома дода, дар ғазал гоҳе масъалаҳои ахлоқиро ҳам бо ибороти фасеҳ ва хаёлоти олӣ гунҷонда, мардумонро ба ҳадди худро шинохтан, некӯкорӣ, сулҳу камозорӣ, ки боиси растагории ҷовидонист, саховат, вазифапарварӣ тарғиб мекунад ва ташвиқ менамояд, ки кас бояд аз ғафлат, коҳилӣ ҷаҳолат ва монанди инҳо барҳазар бошад. Ин пандҳоро мулоҳиза фармоед:

Як ҳарфи сӯфиёна бигӯям, иҷоза ҳаст?
Эй нури дида, сулҳ беҳ аз ҷангу доварӣ.

* * *

На ман зи беамалӣ дар ҷаҳон малуламу бас,
Маломати уламо ҳам зи илми беамал аст.

* * *

Такя бар ҷои бузургон натавон зад ба газоф,
Магар асбоби бузургӣ ҳама омода кунӣ.

**Адлу эҳсон.** Караму саховат ва адлу эҳсонро Ҳофиз танҳо ба мустаҳиқон раво мешуморад. Вай тарафдори он аст, ки аҳли зулм бо зӯрӣ маҳв карда шавад:

Ҷӯйбори мулкро оби равон шамшери туст,
Ту дарахти адл биншон, бехи бадхоҳон бикан!

Афкори панду насиҳати Ҳофиз гоҳе чунон сарбаста баён мегардад, ки фаҳми онҳо бештар ба аҳли фазл муяссар мегардаду бас. Масалан, дар байти зерин Ҳофиз ба мардуми доро дар ҳаққи бечорагон карам ва бахшиш карданро чунин ба қалам медиҳад:

Эй нури чашми ман, сухане ҳаст, гӯш кун,
То соғарат пур аст, бинӯшону нӯш кун.

Дар ин байт "соғари пур" дороӣ ва "нӯшондан" саховат карданро ифода мекунад. Ё ин ки дар байти поён, ки дар накӯҳиши тақлид гуфта шудааст, кирдори касоне мазаммат карда мешавад, ки рафтори касони дигарро ёд мегирам гуфта, аз рафтори худ ҳам маҳрум мемонанд. Аммо

ин матлаб ба воситаи ба чашм шабоҳат доштани наргис, лекин ҳеч гоҳ ба дараҷаи якумӣ расида натавонистани дуввумӣ баён шудааст:

Гашт бемор, ки чун чашми ту гардад наргис,
Шеваи он нашудаш ҳосилу бемор бимонд.

## Бадеиёти ғазалиёти Ҳофиз

Ашъори Ҳофиз асрҳо боз ақлу хиради оламиёнро тасхир карда меояд, садҳо намояндагони бузурги фарҳанги инсонӣ ба қувваи халлоқонаи ӯ аҳсант гуфта, дар назди даҳои ӯ сари таъзим фуруд меоранд. Дар ашъори мӯъҷизаосои Ҳофиз санъатҳои шеърӣ, хусусан ташбеҳ, истиора, таҷнис, тазод, муболиға, киноя, маҷоз, тавсиф, муроати назир ва ғайра зиёд кор фармуда мешаванд. Аз ҳама бештар шеъри Ҳофизро халқ писандидааст. Вай ҳамеша аз маҳбубтарин шоирони халқ буд ва то вақте ки фарзанди инсон вуҷуд дорад, шеъри ӯ дар дили одамон маскан хоҳад гирифт. Оҳанги махсусро дар шеър падид овардан, риоя кардан ба мазмуни нишотафзо ва онро то охир давом дода тавонистан аз хусусиятҳои барҷастаи шеъри Ҳофиз аст. Ин неъматро чашидан танҳо насиби онҳое мегардад, ки шеъри Ҳофизро ба лафзи аслии он мехонанд, мешунаванд ва мефаҳманд.

Забони ашъори Ҳофиз дар ҳақиқат ҳам мӯъҷизаосост. Масалан, шоирон ва мутафаккирони зиёди классики тоҷик орзуе кардаанд, ки гардиши замонаро тағйир дода, ғаму дардро аз ҷаҳон бардоранд. Ҳадафи ҳамаи онҳо гардуни каҷрафтор аст. Масалан, Бобо Тоҳири Урён ва Умари Хайём дар ин роҳ ба муқобили фалак исён мекунанд, рӯйирост ба он ҳуҷум мекунанд. Ҳофиз бошад, ба ин масъала бо чандин роҳ наздик шуда, онро ба тарзҳои гуногун ҳал мекунад. Гоҳе ӯ аввал диққати хонанда ва шунавандаи худро ба фасли баҳор, гул ва боданӯшӣ ҷалб намуда, баъд масъалаи тарҳи нав андохтани фалакро ба миён мегузорад, ки ниҳоят дилангез, шоирона ва баланд аст:

Биё, то гул барафшонему май дар соғар андозем,
Фалакро сақф бишкофему тарҳи нав дарандозем.

Вале дар мавридҳои дигар Ҳофиз тарзи ошӯби худро ба зилзилаафганӣ расонда, барои барҳам задани ҳама гуна ногувориҳою бемурувватиҳо муқобил истодани худро мардона ифода менамояд. Дар чунин ҳолатҳо ӯ пеши назар чун ҷаҳонпаҳлавоне ҷилвагар мешавад, ки суханҳои тӯлониро наменисандад, матлабро кӯтоҳу нишонрас ифода менамояд:

Чарх барҳам занам, ар ғайри муродам гардад,
Ман на онам, ки забунӣ кашам аз чархи фалак!

Масъалаи ягонагии ба ҳам зидҳоро Ҳофиз дар саросари ашъораш дуруст ҳал карда, таълим медиҳад, ки шаб бе рӯз, гармӣ бе хунукӣ, зулмат бе нур, ҳиҷрон бе васл, заҳмат бе роҳат, ҳаёт бе марг вуҷуд дошта наметавонад, чунон ки дар ин байт мефармояд:

Ҳофиз, шикоят аз ғами ҳиҷрон чӣ мекунӣ?
Дар ҳаҷр васл бошаду дар зулмат аст нур.

Ба ақидаи Ҳофиз хубӣ ва зиштии инсонҳо ва ашёҳоро асли гавҳари онҳо муайян мекунад. Аз ин рӯ бо ранҷу машаққат бадро нек кардан аз имкон берун аст:

Гар ҷон бидиҳӣ, санги сияҳ лаъл нагардад,
Бо тинати аслӣ чӣ кунад, бадгуҳар афтод.

Афкори Ҳофиз дар бисёр мавридҳо бо рамзу киноя ва ба тарзи пардапӯш ифода мегардад. Ӯ истифодаи таркибҳои монанди **лаъли равонбахш, навгули хандон, ҷоми ҷаҳонбин, уқоби ҷавр, шӯхи шаҳрошӯб, гулистони хаёл, равоқи забарҷад, гулбонги дилафгорон, тири оҳ, нафаси мурод, ғубори роҳи талаб, санги фитна, хандаи май, водии хомӯшон, гузаргоҳи офият, оби ҷашмаи хуршед** ва монанди инҳоро бисёр дӯст медорад. Дар порчаи поён "зулф" ва "абр" ба ғайр аз маънои аслии худ ба маънои "торикии зулм", "рухи нигор" ва "қамар" ба ғайр аз маънои ҳақиқии худ бо роҳи рамз "инсон" ва "озодӣ"-ро ифода карда, аз "ақраб бадар шудани моҳ" фаро расидани рӯзи некро мефаҳмонад:

Дӣ дар миёни зулф бидидам рухи нигор,
Бар ҳайъате, ки абр муҳити қамар шавад.
Гуфтам, ки ибтидо кунам аз бӯса, гуфт: "Не,
Бигзор то ки моҳ зи ақраб бадар шавад".

Дар порчаи боло суханҳо ниҳоят мутаносиб оварда шудаанд. Дар миёни зулф будани рухи нигор ба моҳе, ки даруни ҳола аст, ташбеҳ дода шуда, моҳ дар ақраб (ақраб-каждум, номи моҳ) будан аз як тараф каҷ будани зулф ва зебо будани рӯи нигорро фаҳмонад, аз тарафи дигар он ба наҳс будани моҳи ақраб ишорат мекунад ва маҷмӯъи ҳамаи ин ташбеҳҳо ба тарзи шоирона муҳити тангу тореро ба пеши назар меоранд, ки дар азобу шиканҷаи доимист ва роҳи халосӣ меҷӯяд.

Ҳофиз саволу ҷавоб, хитоб ва суханбозиро дӯст медорад. Вале он суханбозиҳо шеърро аз салосат дур бурда, маънoро намекоҳонад Баръакс, суханбозиҳои шоир гуфтори ӯро шевотару зеботар гардонда маъниро барҷаста ифода менамояд ва барои дарки матлаб ёрӣ мерасонанд. Ҳофиз на танҳо аз калимасозӣ, калимаҳои ҳамреша, таҷнис ва лутф фаровон истифода мебарад, балки суханҳое меёбад, ки аслан аз як реша набошанд ҳам ба ҷиҳати ҳамоҳангӣ ва зидмаъноӣ ба шеър латофати хос мебахшанд:

Ашки ман ранги шафақ ёфт зи бемеҳрии ёр,
Толеъи бешафақат бин, ки дар ин кор чӣ кард.

Муколамаҳои Ҳофиз хеле дилчасп буда, дар онҳо ҳозирҷавобии бебоконаи риндона мушоҳида мегардад:

Шайхам ба таъна гуфт: Ҳаром аст, май махӯр.
Гуфтам: Магӯ, ки гӯш ба хар хар намекунам.

Ҳофиз суханвари ниҳоят бузург аст. Шеъри ӯро тамоми гурӯҳҳои мардум: ҳам золиму ҳам мазлум, ҳам дорову ҳам нодор, ҳам донову ҳам нодон мехонанду баҳра мегиранд, зеро андешаҳо, орзуҳо, эҳсосу шавқи ӯ ягон фардро бетараф гузошта наметавонад. Иллати ин пеш аз ҳама андешаҳои волои умумиинсонӣ ҳастанд, ки дар либоси зебои халқӣ арзи вуҷуд кардаанд.

Забони ашъори ӯ ниҳоят бовиқору зебо ва матину устувор аст. Суханҳои ӯ мунтахаб, хушсадо ва пурмаъно мебошанд. Ӯ аз хазинаи халқ гавҳарҳои ғалтонро гирифта, зеби сухани худ месозад. Мақолу зарбулмасалҳои халқӣ гуфтори Ҳофизро ниҳоят намакин ва гуворо мегардонад:

Гӯянд санг лаъл шавад дар мақоми сабр,
Оре шавад, валек ба хуни ҷигар шавад.

* * *

Деҳқони солхӯрда чӣ хуш гуфт бо писар,
К-эй нури чашми ман, "ба ҷуз аз кишта надравӣ".

* * *

Дар бисоти нуктадонон худфурӯшӣ шарт нест,
"Ё сухан дониста гӯй, эй марди бихрад, ё хамӯш!"

* * *

Бо харобтнишинон зи каромот малоф,
"Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад".

Дар ашъори Ҳофиз таносуби сухан ниҳоят мустаҳкам аст. Махсусан қисматҳои ташбеҳшаванда ва ташбеҳкунанда дар байни худ таносуби қавӣ доранд. Масалан, дар байти "Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав, Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав" "кишта" мустаор аст ва ба маънои "амал", "кору бор" омадааст, "дарав" бошад натиҷаи "амал" ва "кору бор"-ро мефаҳмонад. Мазрау дос ҳам бо "кишта ва дарав" мутаносиб аст. Дар ғазали поён ҳам калимаҳои "дард"-у "табиб", "дармон", "гул"-у "бод"-у "андалеб", "муҳиб"-у "ҳабиб"-у "рақиб", "мунъим"-у "хони ҷуд"-у "бенасиб", "панд"-у "адаб" хеле мутаносиб буда, матлабро барҷаста ифода мекунад, ки худи ин ҳалқияти бузурги шоирро талаб мекунад:

Чандон, ки гуфтем ғам бо табибон,
Дармон накарданд мискин ғарибон.
Он гул, ки ҳар дам дар дасти бодест,
Гӯ, шарм бодаш аз андалебон.
Ё раб, амон деҳ, то боз бинад,
Чашми муҳиббон, рӯи ҳабибон.
Дурҷи муҳаббат бар мӯҳри худ нест,
Ё раб, мабодо коми рақибон.
Эй мунъим[1], охир бар хони ҷудат
То чанд бошем аз бенасибон.

[1] **Мунъим** - соҳибнеъмат.

Ҳофиз, нагаштӣ шайдои гетӣ,
Гар мешунидӣ панди адибон.

Ғазали боло бар замми самимияту фасоҳат ва фаҳмо будан боз як хусусияти олиро дорост. Он ниҳоят хушоҳанг, хонданибоб, сода ва дилрабост.

Бархе аз ғазалҳои Ҳофиз чун сурату акси ин ё он манзара арзи вуҷуд кардаанд. Ҳофиз чун рассоми моҳир ашёро як-як ном бурда, авсофи онҳоро зикр кардааст. Аз ҷумла, дар ҳашт байти ғазали поён танҳо ашё ва сифати онҳо зикр ёфта, дар байти нӯҳум ҷамъбасти онҳо омадааст. Дар ҳашт байт ягон феъли тасрифӣ вуҷуд надорад, аз нигоҳи дастури забон тамоми ғазал аз як ҷумла иборат буда, ҳашт байт як аъзои ҷидаи ҷумла буда, байти мактаъ аз ҷумлаи хулосавӣ иборат аст:

Ишкбозиву ҷавониву шароби лаълфом,
Маҷлиси унсу ҳарифи ҳамдаму шурби мудом...
Ҳар ки ин сӯҳбат биҷӯяд, хушдилӣ бар вай ҳалол
В-он ки ин маҷлис наҳоҳад, зиндагӣ бар вай ҳаром.

Чунин ғазал на танҳо дар адабиёти форсӣ, балки дар эҷодиёти худи Ҳофиз низ камёб аст, зеро сурудани чунин ғазал (ва умуман чунин шеър) ниҳоят мушкил буда, истеъдоду тавоноии зиёдро талаб мекунад. Намунаи аввалинаш рубоии устод Рӯдакӣ “Рӯят диёри ҳусну лаълат марҷон” аст, вале тарзи ифодаи ҳар ду шоир дигар буда, рубоии устод танҳо аз ташбеҳу ташбеҳшаванда иборат аст. Аммо ғазали Ҳофиз бар тавсифу сифатчинӣ бунёд ёфта, истиораву ташбеҳ дар он саҳм доранд, чун **бодаи гулранги талхи тези хушхори сабук**. Тарсеъ низ бар ҳусни ғазали Ҳофиз ҳусн афзудааст, чун:

Бодае дар луфту покӣ рашки оби зиндагӣ,
Дилбаре дар ҳусну хубӣ ғайрати моҳи тамом.

Ҳофиз ба тағйирнопазир будани қазову қадар боварӣ изҳор карда, аз кӯшиш таваккалро боло мегузорад.

Он чӣ Ҳофизро дар чашми одамони асри ҳозир ва наслҳои минбаъда азиз ва гиромӣ медорад, ҳамоно афкори бунёдгузор ва ғазалҳои пурсӯзу гудози ҷовидонии ӯст.

Ғазалҳои Ҳофиз дар инкишофи ғазалсароии адабиёти форсу тоҷик, адабиётҳои халқҳои ҳамсоя таъсири бузург расонда, ба онҳо ба ғайр аз шоирони Шарқ (Камоли Хуҷандӣ, Ҷомӣ, Навоӣ ва ғайра) суханварони рус А.С. Пушкин, А. Фет, шоири немис И.В. Гёте ва дигарон пайравӣ кардаанд. Тоҷикеро пайдо кардан мумкин нест, ки шеъри Ҳофизро аз ёд намедониста бошад.

# КАМОЛИ ХУҶАНДӢ
# (1318-1401)



Номи ӯ Камолиддин, лақабаш Масъуд ва тахаллуси адабиаш Камол буда, соли 1318 таваллуд шудааст. Зодгохи Камолиддин Масъуд шахри Хучанд аст, ки ҳамеша аз шахрхои ободу дилкушои пурмева, мардумаш некӯихлос ва адабиётпарвари Осиёи Миёна буд. Падари ӯ аз бузургони Хучанд буд. Айёми кӯдакӣ ва замони таҳсили ибтидоии Камол дар зодгоҳаш гузашт. Вай дар мактаб хату савод, ибтидои илмҳои зарурӣ ва Қуръонро аз худ карда, баъд ба мадраса даромад. Сипас ӯ барои такмил додани дониши худ ба шахрҳои дигари Осиёи Миёна - Самарқанд, Тошканд ва Хоразм сафар карда, дар назди устодони номӣ илмҳои маъмули замони худро фаро гирифт.Омӯхтани китобҳои Мифтоҳи Саккокӣ оид ба балоғат, Кашшофи Замахшарӣ доир ба фасоҳат ва амсоли онҳоро Камол худ хабар медиҳад. Ӯ чун марди олиму фозил, махсусан, дар илмҳои арабӣ, калом, мантиқ, ҳикмат, таърих, фиқҳ, зироатпарварӣ, боғдорӣ ва ҳисоб дар шумори устодон шинохта шуда буд.

Баъди хатми таҳсили илм Камоли Хучандӣ вақти худро муддате дар шахрҳои Осиёи Миёна - Самарқанд, Тошканд, Бухоро, Хоразм ва ғайра ба сайру саёҳат гузаронид. Сипас, ӯ дар 40-45 солагӣ ба нияти ҳаҷ ба тарафҳои Арабистон сафар кард. Барои ҳаҷ гузаронидан ба ҷониби Ҳиҷоз сафар намуд. Камол аз ҳаҷ ба ватани худ бо роҳи Табрез баргаштан мехоҳад, вале дар Табрез, ки аз шахрҳои мӯътабари Эронзамин аст, мемонад. Табрез шахре буд ободон, миёни кӯҳхо, бо наҳру ҷӯйҳои зиёд, майдонҳою хиёбонҳои сабзу хуррам, дӯконҳою корвонсаро ва бозорҳои бодабдаба. Дар он дусад ҳазор аҳолӣ зиндагӣ мекард. Тазкиранависон ба он муттафиқанд, ки аз сабаби хубии обу ҳавои Табрез Камол он ҷо рахти иқомат мегузинад. Вале гуфтаи худи

Камол собит менамояд, ки дар Табрез мондани Камол танҳо хубии обу ҳавои ин шаҳр набудааст. Аз як ғазали ӯ ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар Табрез рахти иқомат гузоштани Камол ҳадафи тири ишқ қарор гирифтани ӯст, зеро ӯ мегӯяд

Эй боди баҳор, к-аз ту хушбӯст
Маҷлис ба равоеҳи[1] абирам,
Бигзар ба Хуҷанду гӯ ба ёрон
Аз ман, ки ба ёри Чин асирам.
З-он бурд Камол ҷаври он шӯх,
К-ӯ мӯҳташам[2] асту ман фақирам.

Дар Табрез чанд гоҳ мондани Камол аниқ маълум нест. Ба ҳар ҳол Табрез минбаъд иқоматгоҳи Камол қарор гирифта. Ӯ муддате дар ин шаҳр зиндагонии осоишта мегузаронад. Вай аввал дар маҳаллаи Абдуллоҳи Ҷуббаҷӣ мезист. Баъд дар беруни шаҳр, дар мавзеъе, ки Валиёнкӯҳ ном дошт, зиндагӣ ба сар бурд. Соли 1385 подшоҳи дашти Қипчоқ Тӯхтамишхон аз Дарбанд ба Табрез ҳуҷум оварда, Табрезро талаву тороҷ кард. Тӯхтамиш дар қатори ғаниматҳои худ бо хоҳиши завҷааш Камолро низ ба пойтахти давлати Олтин-Урда шаҳри Сарой бурд. Сарой дар канори поёноби Волга (дар наздикиҳои Астрахани ҳозира) воқеъ гардида буд. Тӯхтамиш Камолро аз муқаррабони худ гардонд. Ӯ шоирро ҳамроҳи худ ба юришҳояш низ мебурдааст, ки ба ин ишорати зерини шоир гувоҳӣ медиҳад:

Камол, имсол ҷанде шуд ғазал бар асп гуфт аксар,
Ғазалҳои сариаспӣ набошад ғолибан беҳ з-ин.

Зоҳиран дар Сарой зиндагонии Камол осуда ва бо фароғат мегузаштааст, зеро ӯ дар тавсифи Сарой, дилбарони мӯҳтальати он ва осоиштагии худ байтҳои зиёде дорад, мисли:

Бӯстонест Сарой аз гули он рӯй, Камол
Ба Сарой омадӣ, эй булбули хушгӯ, бисарой.

Вале Камол дар Сарой, бо вуҷуди фароғат, аз ҳиҷрон ва дурии ёру диёр танҳоӣ мекашад. Ӯ бештар Табрез ва Сурхобу Чарандобу Гаҷил барин маҳалҳои онро ёд мекунад, ғазалҳои худро ба Табрез мефиристад, зеро аҳли хонаводаи шоир он ҷо монда буданд:

Табрез маро ба ҷои ҷон хоҳад буд,
Пайваста маро вирди забон хоҳад буд.
То дар накашам оби Чарандобу Гаҷил,
Сурхоб зи чашми ман равон хоҳад буд.

Соли 1395 Темур Саройро истилою ғорат намуд. Камол ба Табрез баргашт.

---

[1] **Равоеҳ** - хушбӯиҳо.
[2] **Мӯҳташам** - боҳашамат, бузург.

Ғазали зеринро Камол баъди аз Сарой ба Табрез гашта омаданаш суруда, дар он кайфияти висоли баъд аз фироқи чонгудозро ба хубӣ ифода мекунад:

Биҳамдиллаҳ, ки дигарбора рӯи дӯстон дидам,
Чу булбул мекунам мастӣ, ки боғу бӯстон дидам.
Ман он мурғи хушилҳонам, ки берун аз қафас худро
Ба иқболи баҳор эмин зи ташвиши хазон дидам.

Камол умри дароз дидааст. Вале ин умри азизи тӯлонии ӯ аксар дар мулкҳои ғарибӣ, дур аз ёру диёр, дар зери азоби бекасӣ ва маҳрумӣ гузаштааст. Ғазали ғарибии ӯро ба ёд оред. Вай гоҳе аз он бекасӣ, ғарибӣ ва оворагардиҳои худ чунон ба танг меояд, ки садои нолаҳои дилхароши ӯ то имрӯз ҳам ба гӯш мерасад:

Дилам ба зулфи ту чун аст, аз ин ғариб мапурс,
Ки шом чун гузарад бар ғариб ман донам.

Камол, ки шоири ватандӯст буд, ҳеҷ гоҳ зодгоҳи азизи худ Хучандро аз ёд набароварда, ҳамеша аз он меваҳои шакаринаш, кӯҳи рӯ ба рӯи он - Меваґул (кӯҳи Муғули имрӯза, ки аслан аз ду калимаи сирф тоҷикӣ мева-ғул ном гирифтааст ва Камол онро маҳз бо ин ном ёд мекунад), дарёи канори он ва Мовароуннаҳру Самарқанд ёд карда, тамоми умр аз хучандӣ будани худ фахр мекард ва худро низ ифтихори Хучанд мешумурд:

Бо лутфи табъ мардуми Шероз аз Камол
Бовар намекунанд, ки гӯям: хучандиям.

Дар қасидаи ягонааш, ки се матлаъ дорад, мегӯяд:

Чун кӯҳи Хучанд омад ин шеър,
Боббу баландному маҳкам.

Камол шахси покдоман, назарбаланд, вактхуш, хушсӯҳбат, давраоро, вораста ва бетамаъе буд. Аз ин рӯ ӯ аладдавом ба риёзат машғул гардида, ба дари ягон давлатманд нарафта, ба истиснои хидматҳои маҷбурии ӯ дар рикоби Тӯхтамишхон, мадеҳагӯи касе нашуд. Ин маъниро дар ашъори ӯ гаштаву баргашта мушоҳида кардан мумкин аст:

Камол аз подшаҳ дорад фароғат,
Ба вақти хеш ӯ ҳам подшоҳ аст.

Камол соли 1401 вафот кард. Ӯро дар ҳамон боғи пурдарахти худаш, ки Биҳишт номаш карда буд, ба хок супурданд.

Камоли Хучандӣ аз худ девоне боқӣ гузоштааст, ки ҳаҷми онро Абдуллоҳи Кобулӣ (асри XVI) 14000 байт мегӯяд. Вале Тақии Кошӣ (асри XVI) менависад: "Девони шеъри вай, он чӣ ба назари ин муаллиф расид, қариб ба даҳ ҳазор байт буд, муштамил бар ғазал ва муқаттаот ва рубоӣ ва гӯё Шайхро ба ғайр аз ин девони ғазал шеъри дигар нест

ва ба мадҳу мулук ва касоид ва маснавиёт илтифот нашуда". Зоҳиран, аз худи ҳамин девони номбурдаи Кошӣ ҳам баъзе ашъори Камол аз байн рафтаанд. Девони Камол, ки соли 1975 бо кӯшиши К.А. Шедфар дар Москва ба табъ расидааст, 4 касида, 977 ғазал, 101 қитъа, 1 мустазод, 37 рубоӣ, 1 маснавии кӯтоҳ, 11 муаммо ва 7 байти мутафаррикаро фаро мегирад, ки аз 7335 байт иборат аст.

## Мавзӯъ ва хусусияти ғазалҳои Камол

Камоли Хуҷандӣ асосан шоири ғазалсарост. Вай дар ин намуди шеър аз забардасттарин устодон ба шумор меравад. Вай шоири латиф, суханпардози аҷиб ва адиби ниҳоят бориксанҷ аст. Ҳар як байти ӯ як мазмуни баланд, хаёлоти нозук ва маонии бикре дорад. Абдураҳмони Ҷомӣ дар Бахористон ин матлабро дақиқона қайд карда, ғазалҳои Камолро саҳли мумтанеъ номида, навиштааст: "Вай дар латофати сухан ва диққати маонӣ ба мартабаест, ки беш аз он мутасаввир нест". Худи Камол ҳам ба ин ишорат мекунад:

Чу девони Камол афтад ба дастат,
Навис аз шеъри ӯ чандон ки хоҳӣ.
Хаёлоти ғарибу лутфу ҳарфаш
Агар хоҳӣ, ки дарёбӣ камоҳӣ[1].
Зи ҳар лафзаш равон магзар чу хома[2],
Ба ҳар ҳарфе фурӯ рав чун сиёҳӣ.

Камол дар мактаби бузурги адабии шоирони форсу тоҷик - Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Носири Хусрав, Умари Хайём, Низомӣ, Аттор, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ ва дигарон тарбия ёфта, бо эҷодиёти худ манфиати камбағалону косибон ва деҳқононро ҳимоят карда, дар ғазал бештар ба Аттор, Саъдӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ ва Ҳасани Деҳлавӣ пайравӣ мекардааст, ки ин матлабро худи ӯ борҳо ёдоварӣ мекунад.

Ҳунари шоирии ӯ низ дар ғазалсароист ва ӯ мисли Ҳофиз устоди ғазал аст. Осори Камолро ҳам мисли осори Ҳофиз асосан ғазал ташкил мекунад.

Аз ин гузашта, Ҳофиз бо Камол дӯстӣ ва рафоқати хос доштааст ва дар байни онҳо ҳамеша робитаи мактубӣ идома доштааст. Бисёр вақт онҳо ғазалҳои худро ба ҳамдигар мефиристодаанд. Боре Камол ба Ҳофиз ин ғазалро мефиристад:

Ёр гуфт: "Аз ғайри мо пӯшон назар". Гуфтам: "Ба чашм".
"В-он гаҳе дуздида дар мо менигар". Гуфтам: "Ба чашм".
Гуфт: "Агар ёбӣ нишони пои мо бар хоки роҳ,
Барфишон он ҷо ба доманҳо гуҳар". Гуфтам: "Ба чашм".

---

[1] **Камоҳӣ** - тамоман.
[2] **Хома** - қалам.

Гуфт: "Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод,
Ташнагонро муждае аз мо бибар". Гуфтам: "Ба чашм".
Гуфт: "Агар гардад лабат хушк аз дами сӯзони мо,
Боз месозаш чу шамъ аз дида тар". Гуфтам: "Ба чашм".
Гуфт: "Агар бар остонам об хоҳӣ зад зи ашк,
Ҳам ба мижгонат бирӯб он хоки дар". Гуфтам: "Ба чашм".
Гуфт: "Агар гардӣ шабе аз рӯи чун моҳам чудо,
То саҳаргоҳон ситора мешумар". Гуфтам: "Ба чашм".
Гуфт: "Агар дорӣ хаёли дурри васли мо, Камол,
Қаъри ин дарё бипаймо сарбасар". Гуфтам: "Ба чашм".

Нақл мекунанд: Вақте ки Ҳофиз ба байти сеюм (Гуфт: "Агар сар дар биёбони ғамам хоҳӣ ниҳод, Ташнагонро муждае аз мо бибар". Гуфтам: "Ба чашм") мерасад, ӯро ҳолати аҷиб фаро мегирад ва мегӯяд: "Воқеан, пояи ин мард бисёр баланд аст".

Ғазалҳои Камол аксаран аз 7 байт иборат аст (Ҳафт байт омад ғазалҳои Камол... Маро ҳаст аксар ғазал ҳафт байт...) ва худи шоир низ ба ин гаштаву баргашта ишорат менамояд:

Гуфтаҳои ту, ки бо он задаӣ сикка, Камол,
Ҳафт-ҳафт аст, вале чун зари холис даҳ-даҳ.

Зари даҳ-даҳӣ тангаи пурраи зари холис аст ва он чун рамзи пуррагӣ ва баландарзишӣ дар урфият маълум аст. Сабаби пуррагӣ ва томияти ғазалҳои Камол он аст, ки шоир бо вуҷуди маҳорати фавқулоддаи худ, дар болои ҳар кадоме рӯзону шабони зиёд меҳнат ба харҷ медодааст. Худи шоир гувоҳӣ медиҳад:

Гӯяд Камол филфавр сад шеъри тар ба як шаб,
Лекин ба васфи рӯят ҳар як ғазал ба моҳе.

Ҳамин меҳнати шабонарӯзӣ ва истеъдоди фитрӣ боиси он шудааст, ки ғазалҳои Камол хаёлот ва маъниҳои хосро дар бар карда, қабули ом гардиданд, зеро

Сухан ҳаргиз тару рангин нагардад
Ба заркорию ҷадвалҳои рангин.

Танҳо маъниҳои бикр, хаёлоти рангин ва шеърияти баланд боиси он мешавад, ки он дар кошонаи дили мардум ҷой гирад. Шеъри Камол аз ин қабил аст. Шоир ифтихор дорад:

Нақши Чин гарчи дилкаш аст, Камол,
Нақши килки ту пурхаёлтар аст.

Ба ақидаи Камол қимати ҳақиқии шеърро на ин ки миқдори байтҳо, балки мазмуни баланди он муайян мекунад. Аз ин ҷиҳат ҳақ ба ҷониби ӯст, ки байти бикри шоирона ва устодонаро аз сад ғазали пасту муқаллидона боло мешуморад:

Камол, онҳо, ки фикри бикр донанд,
Фузун аз сад ғазал хонанд фарде.

Баробари лутфи сухан ва умқи маънӣ хушоҳангӣ ва мусиқавият аз ҷиҳатҳои хоси ғазалиёти Камол аст. Аз ин ҷиҳат аксари ғазалҳои ӯ ба оҳангҳои Шашмаком даромада, ба оҳангҳои халқӣ низ суруда мешаванд. Аз афти кор ҳанӯз дар замони зиндагии шоир ашъори ӯро бо мусиқӣ мехондаанд, ки ба ин ӯ чандин бор ишора мекунад:

Гар равад мутриб ба базме, хонад абёти Камол,
Ҳар киро ҷонест, гӯяд: мутрибо, хуш меравӣ.

Дар лирикаи ишқии Камол асосан се қаҳрамон амал мекунад: **ошиқ, ёр ва рақиб**. Ошиқ, ки бештар дар симои образи лирикӣ (худи шоир) зоҳир мегардад, шахсест ниҳоят муассир, ҷонсупор, вафодор, ҳаётдӯст, лаззатписанд, кӯшо, барои ӯ ҷуз ёр ҳеҷ чизи дигар вуҷуд надорад, ӯ пайваста шефта ва мафтуни ёр аст, барои ба васли дилдор расидан бо тақдир даст ба гиребон мешавад, фасли баҳор, нолаи обшор, саҳни чаман, ҳусни гул, хониши булбул, накҳати насим, шамими раёҳин танҳо дар он сурат ба ӯ ҳаловат мебахшад, ки аз висоли маҳбуба комрон гардад. Ҳусни табиатро ҳам ҷамоли ёр оро медиҳад ва табиат бо тамоми зебоиҳояш танҳо чун розгоҳи ошиқу маъшуқ, паногоҳ аз ҷавру зулми замона, макони айш аҳамият дорад. Барои ошиқи тасвиркардаи Камол ҷаннату ҳур, ғилмон ва фариштаву парӣ қатъан арзише надоранд, ёр барои ӯ таҷассуми ҳастӣ, муҳаббат, ҳаёт, зебоӣ ва ҷовидонист. Бевафоӣ ва зулми ҷонона, ки аксар ба подшоҳи золими бераҳм ва муқтадир ташбеҳ мешавад, вуҷуди ошиқро ба ларза меорад, аз ҳеҷ монеа ва садди роҳ намеандешад ва аз ҳайбати рақиб намеҳаросад. Ошиқ ҳамеша бо шавқи висол ва орзуи лутфу иноятӣ ёр умр мебинад, дар балову ранҷ сабр мекунад ва ба ёри худ хитоб менамояд:

Гар теғ кашад душману гар таъна занад дӯст,
Қатъ аз тую савдои ту қатъан натавон кард.

Ёр дар тасвири Камол, пеш аз ҳама, маҳбуба ва маъшуқаи зебомазҳари ҳаёт, ҷононаи дилрабои кони малоҳату латофат аст, ки бо ҷозиба, қувваи илҳомбахш ва ҳусни табиии дар худ ошиқро тобеъ мегардонад. Камол маҳви ҷамоли ёри гандумгун аст, ки худи ҳамин образ ҳам лирикаи ӯро бо лирикаи халқӣ ва идеали ӯро бо идеали аҳли меҳнат наздик мекунад. Вале Камол ҳамин образро ҳам бо суханбозии шоирона ба қалам медиҳад:

Ёри гандумгуни ман, гӯ, рӯи хирмансӯз пӯш,
Варна хоҳад сӯхт хирман, ҳар киро ақл асту ҳуш.
Рӯи гандумгун намуду ҷони мо як ҷав фурӯхт,
Аз чӣ шуд ёр инчунин гандумнамои ҷавфурӯш.

Набояд фаромӯш кард, ки дар ғазали Камол баробари ишқи заминӣ аз ишқи рӯҳонӣ, ишқи ирфонӣ низ сухан меравад. Танҳо ҳангоми ба назар гирифтани ин ҳол маънии сухани шоирро дарк кардан мумкин аст.

Рақиб дар ғазалҳои Камол тимсоли зиштӣ, мунофиқӣ, фитнагарӣ,

ҳилагарӣ буда, аз саг ҳам ракик ва бадтар аст. Камол ҳар қадар маъшуқаро ситояд, ҳамон қадар аз дасти рақиб афғон мекунад ва ӯро накӯҳиш менамояд.

Рақиб гуфт: Ту донӣ, Камол қимати ман?
Бигуфтам: Эй дили сахтат ба ғусса арзонӣ.

Дар шеърҳои Камол дарвешу подшоҳ ҳамеша зид гузошта мешавад. Вале таваҷҷӯҳи ӯ ба тарафи дарвеш буда, вай дарвеширо, ки дар он зулм нест, аз подшоҳӣ волотар медонад:

Хоҷа, чаро нишастӣ? Хез, ки рафт корвон,
Бор бибанду шав ту ҳам дар пайи корвон равон.
Қасри амал чӣ мекунӣ, равзани дилкушо бубин,
Кулбаи фақр хуштар аз шоҳнишини хусравон.

Бар замми ин дар ашъори Камол подшоҳ ҳамеша чун муҷассамаи зулм, бераҳмӣ, бедодгарӣ ва аз ҳоли бечораву бенавоён бехабар тасвир меёбад, ки ин ҳақиқати зиндагии замони ӯро ифода намуда, баёни ин маънӣ аз шоир ҷасорати беҳамторо дархост мекард. Камол мегӯяд:

Чӣ суд аз нолаву зорӣ бар ин дар додхоҳонро,
Ки султон ҳоли мискинони бозорӣ намепурсад.

На танҳо подшоҳ, балки ҳамаи онҳое, ки ғанӣ, соҳибмансаб ва ҳукмронанд, мегӯяд Камол, танпарвар, ғафлатзада ва аз халқ дуранд. Камол ҷамъбаст мекунад:

Он кӣ машғули неъмату ноз аст,
Ҳеҷаш андӯҳи бенавоён нест.

Ба муқобили зулму ҷавр эътироз кардани Камол аз воситаҳои бадеии ашъори ӯ ҳам ҳувайдост. Байти зерин ҳар қадар "ошиқона" бошад ҳам, ҳолати табиии шахси мазлумро равшан пеши назар меорад:

Магар зулфат парешон аст аз зулм,
Ки дорад аз надомат сар ба зону?

Дар баробари ин, Камол душмани ашаддии аҳли риёву солус, зоҳидони пуч, фақеҳони ҳаромхӯр, мӯҳтасибони рӯсиёҳ, обидони ҳилагар ва амсоли ин фирқаи нобакор буда, онҳоро афсурда, бехабару бебасар, дарахти хушк, авомфиреб номида, ба муқобили ҷаҳолатписандӣ, зӯҳдфурӯшӣ, ғафлатзадагӣ ва танпарварии ин фирқа мебарояд:

Шароби лаъл менӯшам ман аз ҷоми зумуррадгун,
Ки зоҳид афъии вақт аст, месозам бад-ин кӯраш.

Шикоят аз ғарибӣ, аламу ҷудоӣ аз ватан, дурӣ аз диёр ва иштиёқи ёрони қадимӣ аз мавзӯъҳои ҳамешагии ғазалиёти Камоли Хуҷандист. Ин чун алами иҷтимоӣ аҳамият касб намуда, ба дарду ҳасрат дар солҳои охири зиндагии Камол нотавонӣ ва аҷзи пирӣ илова гардида, ин оҳанги ғамангез дар ашъори солҳои охири умри ӯ торафт зиёд мешуд.

# Шеваи нигориши Камол

Сабку услуби Камол ниҳоят чолиби таваҷҷӯҳ буда, ӯро чун устоди бемонанди шеъри тоҷикӣ намудор мекунад. Камол ҳамчун давомдиҳандаи сабки сахли мумтанеъ суханҳои ширин, иборатҳои зебо, калимаҳои мутаносиб, ташбеҳ, истиораҳои нодир, таҷнису муболиғаҳои дилфиреб, зарбулмасалу мақол ва таъбирҳои ширадори халқиро чунон моҳирона кор мефармояд ки шеъри ӯро ниҳоят намакин ва хушоҳанг мегардонад. Барои намуна ин ду байтро мулоҳиза фармоед:

Дар бешаи дунё, ки чарогоҳи дили мост,
Рӯзе ду чаридему чамидему гузаштем.

Дар ҳақиқат бисёр ғазалҳои Камол чун мушоҳидаҳои шахсӣ гуфтугӯ ва муколамаҳои лирикӣ, сӯҳбат ва монологи драмавӣ, репликаҳои тез, аксар ишқи фоҷиавӣ ва яктарафаро баён менамоянд иншо гардида, чунон мафтункунандаанд, ки бо назокат, тобнокӣ, образнокӣ ва тасвири рӯҳӣ ҳамвазн ва ҳамоҳанги дурдонаҳои назми халқӣ буда, бо самимият ва бетакаллуфии худ хонандаро дар ҳайрат мегузоранд. Ба ин байтҳо диққат намоед, чи қадар содаю самимӣ буда, таронаҳои шӯхи халқиро ба хотир меоранд. Вазни ёздаххиҷоии баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф, ки рукнҳояш ба мафоийлун мафоийлун фаӯлун баробар аст, қаробати онро бо шеърҳои ҳалқӣ афзунтар гардондааст:

Ба ёрони кухан ёрӣ накардӣ,
Ҷафо кардӣ, вафодорӣ накардӣ.

Дар ғазали поён вазн бори латофат ва назокати суханро радифи "нагӯем, чӣ гӯем?" мебардорад. Ба воситаи ин радиф, ки аввал дар шакли инкор ва баъд ба тарзи савол таъкидан таъкид карда мешавад, ҳусни маҳбуба хеле барҷаста ҷилвагар мешавад:

Рӯят гули сероб нагӯем, чӣ гӯем?
Он лаб шакари ноб нагӯем, чӣ гӯем?
Он зулфи камандафгану рухсору чабинро
Дузду шаби маҳтоб нагӯем, чӣ гӯем?

**ҚАҲРАМОНҲОИ ҒАЗАЛИЁТИ КАМОЛ**

Ҳамин радиф аст, ки ташбеҳу истиораҳои анъанавии гули сероб (рӯй), шакари ноб (лаб) ва ғайра малоҳати нав гирифта, шеърро дилчасп, маънихоро барҷаста ифода кардааст. Ташбеҳҳои анъанавиро ба тарзи нав кор фармудан аз хусусияти барҷастаи сабки шоирии Камоли Хуҷандист. Моҳро чун ташбеҳкунандаи рӯи маҳбуба истифода бурдан ва абрӯи маъшуқаро ба моҳи нав ташбеҳ намудан дар адабиёти асрҳои XII-XIII маълум буд. Аммо ин ташбеҳҳоро вобаста ба дӯст дар шакли шарҳу тафсир ва хилоф овардани Камол ба онҳо тароватн такрорнашаванда додааст:

Ид шуд, хоҳем дидан моҳ, яъне рӯи дӯст,
Рӯзадорон моҳи нав бинанду мо абрӯи дӯст.

Камол аз ташбеҳу истиора, муболиға, тазоду таҷнис ва дигар воситаҳои тасвири бадеӣ нодиркорона истифода карда, дар айни ҳол ба таносуби сухан низ ниҳоят диққат мегуморад. Вале баъзе ташбеҳҳои корфармудаи ӯ дар назари аввал дурушт ва ноҷо менамоянд, мисли он ки чашмро ба обид, гӯши рӯзадор ва мардуми бисёрхоб (Бинем чашми масти ту бемору саргарон. Ин аст шева мардуми бисёрхобро) ташбеҳ медиҳад. Вале шоир дар ин берабтӣ хусусияте ё сифатеро дарёб мекунад, ки он дуруштӣ ва ноҷо будани аввал ба назар вонамударо аз байн мебарад. Дар байти зерин маҳбуба ҳам ба шаҳ ва ҳам ба шаҳи шатранҷ ташбеҳ дода шудааст:

Ба чӣ мансуба надонам, ки бaремат ба висоқ,
Ту шаҳастиву тавон бурд ба бозӣ шаҳро.

Камол ба воситаи муболиға, иғрок ва ғулув воқеаву ҳодисаҳоро барҷастатар тасвир менамояд. Барои намуна ин байтро мулоҳиза фармоед:

Бодбезан чу касе бар мани бемор занад,
Аз заифӣ чу магас бод барад пайкари ман.

Дар ғазалиёти Камол аксар санъатҳои гуногуни лафзию маънавӣ, радиф ва забон дар якҷоягӣ ҳусни олии ғазалро ба вуҷуд оварда, ҷиҳатҳои эмотсионалии гуфтаҳои шоирро барҷастатар ифода менамояд. Баъзан радифҳои дилнишину ҳадафҳои шоир ба либоси анъанавии суханаш рангу ҷилои тоза бахшида, онро ба назарҳо наву обнарасида нишон медиҳанд. Масалан, дар ғазали зер радифи "Гуфт, ки ҳарду" ташбеҳоти дақиқ, тазоду муқобила ва муболиғаҳои рӯзро, ки дар назари аввал аз ҳамдигар аз замин то ба осмон фарқ доранд, байтҳоро муттаҳид намуда, ба ғазал оҳангу тароватӣ махсусе мебахшад, ки дар натиҷа анъанавӣ будани ташбеҳу истиораҳоро пайхас карда наметавонад:

Гуфтам: Малакӣ ё башарӣ? Гуфт, ки ҳарду.
Кони намакӣ ё шакарӣ? Гуфт, ки ҳарду.

Чунин ғазалҳо лавҳаҳои хурди драматикӣ-лирикиеро ба хотир меоранд, ки бо муколамаву монолог лаҳзаи гувороеро таҷассум менамоянд.

"Камол устоди бузурги забон аст, ӯ дар аксар байтҳои худ як ё ду сухани думаънидор, ё ки чандмаънидорро чунон устодона кор мефармояд, ки бо гирифтани ҳар кадоми он маъниҳо мазмуни он байт пурра мебарояд" (С. Айнӣ). Вале "бо вуҷуди фикр ва баланд будани мазмун хеле сода, равон ва ҳамафаҳм будани забони шеърҳояш натиҷаи ҳамин маҳорат аст. Дар аксарияти байтҳои вай санъати лутф, яъне, бамавқеъ ва устодона ба кор бурдани суханҳо ду ё чанд маънидор мешаванд" (А. Деҳотӣ). Аксари онҳое, ки ин хусусияти назми Камолро гӯшзад кардаанд, ғазали радифаш "Гуфтам: ба чашм" ва ин байтро мисол меоранд:

Гуфтам: Давои дарди диламро хате навис,
Гуфто: Давот чун бинависам? Давот нест.

Дар ин байт калимаи "давот"-и аввал ба маънои "давои ту" омада бо "давот" (сиёҳидон) таҷнис карда шудааст, вале дар мавриди дуюм калимаи мазкур якбора ҳар ду маъноро низ ифода мекунад.

Дар байти зерин калимаи "ҷигар" дар мисраи дуюм ду маъно - маънои аслӣ ва "нотарсӣ"-ро ифода карда, ба василаи маънои дуюм ба калимаи "чигар"-и мисраъи якум таҷнисро ташкил кардааст:

Гуфтӣ: Бизанам бар ҷигарат тири ҷафое,
Аз тир натарсам, ки маро ҳам ҷигаре ҳаст.

Дар байти поён бошад, "вафот" дар ҳар ду мисраъ ҳам ба ду маъно "вафоят" ва "марг" истифода шуда, бо маъниҳои дуҳӯра дар ҳар ду мисраъ санъати лутфро ташкил мекунад:

Камол ҷон ба лаб овард бар умеди вафот,
Дилаш биҷӯй, ки вақти вафот наздик аст.

Камол на танҳо санъати саҷъ ва лутфро зиёд ба кор мебарад, балки санъати иҳом низ аз санъатҳои дӯстдоштаи ӯст. Бисёр байтҳои ӯ дар баробари маънои наздик маънои дур ҳам доранд, ки барои ин танҳо овардани байти зайл кофист:

То ғам нахӯрду дард, наяфзуд қадри мард,
То лаъл хун накард ҷигар, қимате наёфт.

Ба хуни ҷигар лаъл гардидани санг маънои дар натиҷаи заҳмати зиёд ба мақсад расиданро дорад, вале аз тарафи дигар ин ибора маънои илмии истеҳсолӣ дорад, ки кам одамон, онро медонанд. Гап дар сари он меравад, ки лаълро, ки аз маъдан истихроҷ мекунанд, он қадар тобнок нест, бинобар ин онро дар миёни ҷигари гарми нав аз синаи мол берун кашидашуда ҷой мекунанд, аз хуни он ҷигар лаъл ранги кирмизиро касб мекунад ва муҷалло мегардад, ки байти боло ҳар дуи ин маъниро ифода мекунад. Ҷои дигар Камол мегӯяд:

Душвор кашад нақши ду абрӯн ту наққош,
Осон натавонанд кашидан ду камонро.

Феъли "кашидан" дар мисраи якум феъли ёрирасон буда бо калимаи "нақш" вобаста аст, вале дар мисраи дуюм шоир онро чун феъли мустақил ба назар дошта, маънои дуюми он таранг кашиданро таъкид менамояд ва ба воситаи абрӯвони маҳбубаро ба камон ташбеҳ додан (ду абрӯ-ду камон) суханбозии аҷибе мекунад: яъне чунин ки ду камонро як кас зеҳ карда наметавонад, наққош ҳам акси туро кашида наметавонад, чунки ту аз ҳад зебой. Шоир ба воситаи санъати ҳусни таълил (асоснок кардан) маънии байтро хеле амиқ ва мантиқи шеърро шоирона мегардонад.

Истифодаи калимаҳои тазод, ки санъати тазодро ба вуҷуд меорад, аз воситаҳои дӯстдоштаи маъниофаринии Камоли Хуҷандӣ мебошад.

Дар байти зерин калимаҳои "по" ва "сар" тазоди асосӣ буда, ба ҳам муқобил гузошта шудани "хоки по"-и маҳбуба бо "тоҷи кай", ки таркиби дуюми талмеҳ низ мебошад, маъниро барҷаста гӯшзад намуда, саволи таъкидии мираи дуюм бо ҳамроҳии таҷнис - омонимҳои "кай" ва "Кай" ва нимтаҷниси "мӯҳтоҷ" ва "тоҷ" байтро хеле образнок ҷилва медиҳанд:

Хоки поят бар сарам тоҷи Кай аст,
Инчунин сар кай бувад мӯҳтоҷи тоҷ?

Дар байти поён тазоди "қатра" ва "дарё" (баҳр) барои ифодаи танҳоӣ ва иттиҳод истифода шуда, шоир муттаҳидиро тарғиб менамояд:

Қатраӣ, қатра зи дарё чу ба соҳилҳоӣ,
Чун ба дарё бирасӣ, қатра наӣ, дарёӣ.

Дар кор фармудани ибораҳои рехта ва истеъмоли мақолу зарбулмасалҳо Камол назир надорад. Қариб дар тамоми ғазалҳои ӯ як-ду ва ҳатто се-чаҳор мақолу зарбулмасал истифода шудаанд, ки дар осори ягон адиб ин миқдор таъбирҳои халқӣ, ибораҳои рехта, мақолу зарбулмасал истеъмол нашудааст. Ифодаҳои **чашмони чор, пой дар гил будан, доғ бар ҷон ниҳодан, чашм паридан** ва амсоли инҳо дар шеъри Камол зиёд ба кор рафтааст. Ба воситаи истифодаи мақолу зарбулмасалҳо Камол афкори пешқадами инсондӯстона ва ватандӯстонаи худро тарғиб карда, баъзан барои аёнияти воқеа ва барҷаста ифода шудани фикр аз мақолу зарбулмасалҳо истифода мебарад. "Ба пояи бузургӣ нарасанд худписандон", "То хӯшаҳо ба даст орӣ, донае бикор", "Мастӣ сифати мардуми озода набошад", "Некӯӣ куну афган дар об", "Ҷоми нозук ёфт" ва амсоли ин дар ашъори Камол моҳирона истифода шуда, байтҳои поён ҳам маҳорати Камолро дар кор фармудани мақолу зарбулмасалҳо нишон медиҳад:

Дил зи зулфу холи хӯбон тираву ошуфта аст,
**Хонаро чун ду-ст бону, лоҷарам, норӯфта аст.**

* * *

Ақл гуфто: Ба рӯи ӯ чунӣ?
Гуфтамаш: Рӯй бину ҳол пурс!

Дар охир ба тариқи ҷамъбаст метавон хулоса кард, ки ғазалҳои Камол аз ҷиҳати маъно содаву оммафаҳм ва рангоранг, аз ҷиҳати сувари хаёл ниҳоят барҷаста, бетакаллуф, басе бо ҷӯшу хурӯш ва драматикӣ буда, эҳсосоти мухталифи қалби шоирро ифода карда, ҳар байти он аксаран мустақилмаъност, суханҳои ғариб низ дар он бисёр буда, ин ғазалҳо аз ҷиҳати сухан ва балоғати лафзӣ беназиранд. Аз ин рӯ дар давоми асрҳо Ҷомӣ, Лутфӣ, Фузулӣ, Ҳилолӣ, Сайидо, Бедил, Шоҳин, Айнӣ дар мисоли ғазали Камол қувва озмудаанд.

# МУНДАРИҶА


МУҚАДДИМА . . . . . . 3

АДАБИЁТИ ҚАДИМ . . . . . . 9

Асотир . . . . . . 11

Авесто . . . . . . 14

Ёдгориҳои хаттии давраи сосониён . . . . . . 17

АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ IX ВА X . . . . . . 20

ЗАБОНИ ФОРСИИ ДАРӢ - ЗАБОНИ АДАБӢ ВА ДАВЛАТӢ . . 23

ОҒОЗИ АДАБИЁТИ НАВИНИ ТОҶИКӢ . . . . . . 25

АСРИ ДУРАХШИ АДАБИЁТИ ФОРСӢ . . . . . . 28

Навъҳои адабӣ ва хусусиятҳои онҳо . . . . . . 35

Маълумоти мухтасар дар бораи вазни арӯз . . . . . . 37

РӮДАКӢ (858-941) . . . . . . 42

Эҷодиёти Рӯдакӣ . . . . . . 47

Қасидаҳои Рӯдакӣ . . . . . . 52

Пандҳои Рӯдакӣ . . . . . . 57

Маҳорати шоирии Рӯдакӣ . . . . . . 61

Рӯдакӣ - асосгузори адабиёти тоҷику форс . . . . . . 65

Назарияи адабиёт . . . . . . 67

АБУЛҚОСИМИ ФИРДАВСӢ (932-1020) . . . . . . 68

Мундариҷаи Шоҳнома . . . . . . 75

Достони Рустаму Сӯҳроб . . . . . . 77

Образҳои достон . . . . . . 79

Достони Сиёвуш . . . . . . 83

Мундариҷаи ғоявии Шоҳнома . . . . . . 90

Санъатҳои бадеӣ дар Шоҳнома . . . . . . 94

Образҳои барҷаста ва ҷовидонаи адабиёти ҷаҳон . . . . . . 98

АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XI-XII . . . . . . 100

Наср дар асрҳои XI-XII . . . . . . 115

Мазмуни ғоявии адабиёти асрҳои XI-XII . . . . . . 117

АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО (980-1037) . . . . . . 122

Тарҷумаи ҳол . . . . . . 122

Мероси илмӣ ва адабии Абӯалӣ Ибни Сино . . . . . . 124

НОСИРИ ХУСРАВИ ҚУБОДИЁНӢ (1004-1088) . . . . . . 133

Мероси адабии Носири Хусрав . . . . . . 135

Мундариҷаи ғоявии ашъори Носири Хусрав . . . . . . 138

Назарияи адабиёт . . . . . . 147

УМАРИ ХАЙЁМ (1048-1131) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 148
Мундаричаи ғоявии рубоиёти Умари Хайём . . . . . . . . . . . . . . 152
Назарияи адабиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 156
АСАДИИ ТӮСӢ (1005-1073) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 158
Назарияи адабиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 164
НИЗОМИИ ГАНҶАВӢ (1141-1209) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 166
Эҷодиёти шоир . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 169
Хусусиятҳои бадеии достони Хусрав ва Ширин . . . . . . . . . . . . 188
Назарияи адабиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 191
АДАБИЁТИ ТОҶИК ДАР АСРИ XIII . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 193
Пурзӯр шудани қувваҳои зидди зулм . . . . . . . . . . . . . . . . . . 196
МУҲАММАД АВФӢ (1172-1242) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 200
АНВАРӢ (1100-1186) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 202
САЪДИИ ШЕРОЗӢ (1184-1292) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 217
Мероси адабӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 220
Девонҳои Саъдӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 222
Бӯстон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 223
Гулистон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 227
Ақидаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии Саъдӣ дар Гулистон . . . . . . . . . . 228
Саъдӣ - гуманист . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 231
Андешаҳои панду ахлоқӣ дар Гулистон . . . . . . . . . . . . . . . . . 234
Тарғиби илму ҳунар дар Гулистон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 237
Сабки Гулистон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 239
Шӯҳрат ва мақоми Саъдӣ дар адабиёти ҷаҳон . . . . . . . . . . . . . 242
Назарияи адабиёт . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 243
АМИР ХУСРАВИ ДЕҲЛАВӢ (1253-1325) . . . . . . . . . . . . . . . . . 244
Дувалронӣ ва Хизрхон . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 250
АДАБИЁТИ АСРИ XIV . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 258
УБАЙДИ ЗОКОНӢ (1270-1370) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 262
Мероси адабӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 265
Устоди мумтози ҳаҷв . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 268
Сабки ҳаҷвнигории Убайди Зоконӣ . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 270
ҲОФИЗИ ШЕРОЗӢ (1321-1390) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 272
Мероси адабии Ҳофиз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 275
Фикрҳои сиёсию иҷтимоӣ дар ғазалҳои Ҳофиз . . . . . . . . . . . . . 279
Бадеиёти ғазалиёти Ҳофиз . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 287
КАМОЛИ ХУҶАНДӢ (1318-1401) . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 291
Мавзӯъ ва хусусияти ғазалҳои Камол . . . . . . . . . . . . . . . . . . 294
Шеваи нигориши Камол . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . 298

## ТАСҲЕҲ

| САҲИФА | САТР | ЧОП ШУДААСТ | ХОНДА ШАВАД |
|---|---|---|---|
| 2 | 8 аз поён | нишонии | нишонии |
| 8 | 10 аз боло | мафҳилҳо | маҳфилҳо |
| 15 | 11 аз поён | ситош | ситоиш |
| 19 | 11 аз поён | анчабиён | аҷнабиён |
| 21 | 21 аз поён | мадарсаи | мадрасаи |
| 24 | 9 аз поён | истидофа | истифода |
| 26 | 17 аз поён | ҳавҷ | ҳаҷв |
| 35 | 20 аз поён | Орифнома | Офариннома |
| 39 | 14 аз боло | наомадни | наомадани |
| 39 | 2 аз поён | оҳ | шоҳ |
| 40 | 12 аз поён | шаш | ҳашт |
| 40 | 3 аз поён | VV - - | VV - - - |
| 49 | 10 аз боло | хираманд | хирадманд |
| 49 | 15 аз боло | -v--/-v--/-v--/-v- | -v--/-v--/-v- |
| 52 | поварақ | довар | дарав |
| 54 | 5 аз боло | Боз ояд | Боз чу ояд |
| 73 | 13 аз боло | бахшидани | бахшидан |
| 76 | 3 аз поён | Сосониёро | Сосониёнро |
| 113 | 8 аз поён | Порсоро | Порсиро |
| 113 | 14 аз поён | бикӯфт | бисуфт |
| 115 | 6 аз боло | за | зи |
| 133 | 15 аз поён | Ғазанвӣ | Ғазнавӣ |
| 148 | 12 аз боло | лақаи | лақаби |
| 156 | 2 аз поён | (v---/v---/v---) | (v--/v--/v--) |
| 158 | 18 аз поён | точкӣ-форсист | тоҷикӣ-форсист |
| 167 | Поварақ | ҷамъ ҳур | ҷамъи ҳур |
| 173 | 8 аз боло | ғазар | ғазал |
| 182 | 7 аз боло | адолтахоҳии | адолатхоҳии |
| 185 | 20 аз боло | инжинери | инженери |
| 191 | 12 аз боло | Турсузодаю | Турсунзодаю |
| 192 | 11 аз поён | мавқеим | мавқеи |
| 192 | 3 аз поён | гирекушоии | гиреҳкушоии |
| 194 | 17 аз боло | Хурсон | Хуросон |
| 202 | 5 аз боло | Имомоии | Имомии |
| 204 | 22 аз боло | шеънависӣ | шеърнависӣ |
| 205 | 22 аз боло | донишш | донишу |
| 209 | 16 аз поён | нисбат хуронсониёни | нисбат ба хуросониёни |
| 292 | 4 аз боло | қаорр | қарор |

# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Шеъри Гулназар Келдӣ***

*Оҳанги Сулаймон Юдаков*

*Диёри арҷманди мо,*
*Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,*
*Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.*
*Зи дурии замонаҳо расидаем,*
*Ба зери парчами ту саф кашидаем,*
*кашидаем,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Барои нангу номи мо*
*Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,*
*Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,*
*Хазон намерасад ба навбаҳори ту,*
*Ки мазраи вафо бувад канори ту,*
*канори ту,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*

*Ту модарӣ, ягонаӣ,*
*Бақои ту бувад бақои хонадони мо,*
*Зи ту саодати абад насиби мост,*
*Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,*
*ҳабиби мост,*

*Зинда бош, эй Ватан,*
*Тоҷикистони озоди ман!*